Фароғат Азизӣ

Асосҳои мусиқии классикии тоҷик

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ Т. САТТОРОВ

ФАРОҒАТ АЗИЗӢ

АСОСҲОИ МУСИҚИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ

Қисми I. Таърих.

Душанбе
«ЭР-граф»
2021

ББК 85.31Я73 + 85.313(2Тоҷик) +74.266.7
А–37

Бо Қарори Шӯрои илмӣ-методии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ба чоп тавсия шудааст.

Муҳаррир
Амиршоҳӣ Н.Қ., номзади илмҳои таърих

Азизӣ Ф.А. Асосҳои мусиқии классикии тоҷик. Китоби дарсӣ иборат аз ду қисм. – **Қисми 1. Таърих**. – Душанбе: «ЭР-граф». – 2021. – 400 с.

Китоби дарсӣ дар асоси таҷрибаи омӯзгории муаллиф дар мактаби олии мусиқӣ таҳия гардидааст. Мазмуну муҳтавои он маводи дастраси сарчашмаҳои қурунивустоӣ ва тадқиқу таҳлилоти имрӯза, мутааллиқ ба асрҳои VI – аввали XXI-ро дар бар мегирад. Саъйю кӯшиши муаллиф ба инъикос намудани роҳи рушди *илми мақом*, таърихи пайдоиши системаҳои мусиқӣ-назарии он дар мусиқии тоҷик равона карда шудааст. Барои донишҷӯёни консерватория ва алоқамандону мутахассисони соҳа пешниҳод мегардад.

ISBN 978-99985-1-200-9

© Азизӣ Ф.А., 2021

МУҚАДДИМА

1.

Илме, ки мусиқии суннатии профессионалии тоҷикро дар баробари шохаҳои мусиқии суннатии классикии Шарқ меомӯзад, «*шарқшиносии мусиқӣ*» номида мешавад. Он яке аз шохаҳои ҷавонтарини илми мусиқишиносӣ буда, хусусиятҳои соҳаи мусиқишиносӣ ва фанни шарқшиносиро дар бар мегирад. Зери «шарқшиносии мусиқӣ» илме ҷо гирифт, ки дар маркази он омӯзиши *мақомоти Шарқ*[1] меистад. Ин падида дар фарҳанги мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, ба ҳайси «мусиқии классикӣ» пазируфта шудааст. Ин мусиқӣ дар системаи *мақом* асос меёбад, аз ин лиҳоз соҳаи илме, ки мусиқии суннатии профессионалии Шарқро меомӯзад, инчунин «мақомшиносӣ» ном бурда мешавад. Ва ин унвон саҳеҳтар аст.

Мақомшиносӣ рукни соҳаи илми шарқшиносии мусиқӣ ва илми мусиқишиносист. Аз он ҷо, ки мусиқии суннатии профессионалии тоҷик дар системаи мақом асос ёфтааст, омӯзиш ва пажӯҳиши он низ ба мақомшиносӣ мансуб аст.

Вале дар илми мусиқишиносии солҳои охир тамоюле зоҳир мегардад, ки омӯзиши мусиқии суннатии профессионалии Шарқро ба фанне зери унвони «этномусиқишиносӣ» тааллуқ медонад. Ба ақидаи мо истифодаи ин истилоҳ носаҳеҳ аст. Он моҳияти омӯзиши мақомоти Шарқро инъикос намекунад: он танҳо ба Шарқ мансуб нест (1); профессионалӣ будани мусиқиро нишон намедиҳад (2); носаҳеҳ аст, ки он мусиқии профессионалиро меомӯзад ё танҳо фолклориро (3); дар он «олудагие» бо мафҳуми «аврупосентристӣ» мушоҳида мешавад (4).

Бо далелҳои фавқуззикр чунин манзур бармеояд, ки омӯзиши мақомотро наметавон ба фанни этномусиқишиносӣ мансуб донист, зеро ки мақомот мусиқии классикист. Дар китоби ҳозир мақомшиносӣ ҳамчун як рукни соҳаи *шарқшиносии мусиқӣ*, на этномусиқишиносӣ, пешниҳод мегардад.

2.

Шарқшиносӣ дар аввали асри XIX зимни фанҳои филология ва таърих пурра ташаккул ёфт, ҳарчанд ки пайдошавии он аз давраи *Замони нав* (охири асри XVII – XVIII) оғоз гардида буд [97, с.9]. Маълум аст, ки фанни шарқшиносии филологӣ зодаи халқҳои Ғарб аст. Он дар ибтидои қарни XIX комилан ташаккул ёфт ва рушди минбаъдаи он дар ду равия –

---

[1] Зери мафҳуми «Шарқ» дар ин китоб Шарқи Наздик ва Миёна, кишварҳое, ки дорои шаклҳои гуногуни санъати мақомот ҳастанд, дар назар дошта мешавад.

шарқшиносии амалӣ (воқеан кишваршиносӣ) ва шарқшиносии илмӣ ба амал омад [97, с.7-32, 89-118, 240-281, 446-465, 466-512]. Шарқшиносӣ дар ибтидо ҳамчун фанни амалӣ пайдо шуд. Зери мафҳуми «шарқшиносии амалӣ» омӯзиши забон, ҷуғрофия ва диг. фаҳмида мешавад, ки он ба мафҳуми «кишваршиносӣ» наздик аст. Аммо замона дигар шуда, ҳақ будани академик И.Ю.Крачковскийро тасдиқ кард, ки гуфта буд: «Арабшиноси насли муосир аз қадами нахустини худ бояд қонунияти тақсимшавии илмро ба эътибор бигирад. Акнун, мисли пештара, мутахассиси се равия (забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва муаррих) будан имконнопазир аст. Ҳар яки он чунон васеъ шудааст, чунон рушд ёфтааст, чунон маводи зиёдеро дар бар мегирад, ки ҳаёти инсон барои фаро гирифтани ҳамаи он ҳатто дар як тахассус камӣ мекунад...» [97, с.517]. Ба ақидаи академик Н.И.Конрад «Фаъолшавии талошҳои ҷустуҷӯие, ки ба ҷамъбаст ва таҳлили ҷараёни таърихӣ-адабии ҷаҳонӣ равона шуда истодааст, аз рушди худи илм аст» [97, с.446]. Айнан ҳамин қонуният дар илми мусиқишиносӣ низ зоҳир гардид.

Фаъолияти мусиқишиносону композиторони русро дар аввали асри ХХ дар ҷумҳуриҳои Шарқи Советӣ низ бо шарқшиносии амалӣ иртибот додан равост, зеро он бо ҷамъоварии намунаҳои мусиқии суннатии тоҷик, аз ҷумла мақомот, дар шаҳру ноҳияҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна, ба пайдоиши шарқшиносии мусиқӣ саҳмгузорӣ кард. Натиҷаи кори онҳо ба пайдо шудани нахустин сабти нотавии Шашмақом [205], як қатор маҷмуаҳои нотавӣ, мақолаҳову асарҳои нави гуногунжанр ва тадриҷан, аз ҷумла, ба фаҳмиши дурусти мусиқии тоҷик дар илми мусиқии ҷаҳонӣ мусоидат намуд. Ва гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои 70-80-уми асри ХХ шарқшиносии мусиқӣ ба василаи мубодилаи афкори пайваста, дар қатори кишварҳои хориҷ, дар мусиқишиносии тоҷик низ комилан ташаккул ёфт.

Дар фанни мусиқишиносии аврупоӣ (ки ҳамагӣ як садсола қабл дар он «назария»-и аврупосентристӣ[2] ҳукмрон буд) зуҳуроти мусиқии Шарқро дар даврҳои гуногун аввал бо «ориентализм»[3], гоҳе бо «фарҳангҳои

---

[2] Шарҳи муфассали ин мафҳум дар боби аввали китоб оварда мешавад.

[3] Ориентализм (аз лот. orientalis – «шарқӣ») – самтест дар рушди фарҳанги аврупоӣ дар давраи Замони нав, ки ба инъикоси образи шартии Шарқ равона шуда, мазмунан бо Шарқ вобаста аст. Дар аксарияти манбаҳо ҳудуди замонавии ҳаракати ориенталистиро ба асрҳои XVIII – ибтидои ХХ мансуб медонанд. Танқиди илмии ориентализм аз он баромад, ки он «Шарқро дар тасаввурот», «ба таври экзотикӣ» инъикос менамояд. Ва ин таҷассум «нусхабардории хусусиятҳои зоҳирист, на беш» ва ба ақидаи мунаққидон умумияте бо фаҳмиши аслияти фарҳанги Шарқ надорад [229; 230]. Ин равияи мусиқишиносӣ унвони худро на танҳо аз объекти тадқиқ мегирад. Роҳи мусиқишиносии Ғарб (ки муддате бар асоси фаҳмиши ноқиси аврупосентристӣ танҳо мусиқии мамолики Аврупоро дар бар мегирифт) ба шарқшиносӣ тавассути ориентализм баргузор гардид. Аввалан дар эҷодиёти композиторони аврупоӣ ва рус асарҳои зиёде пайдо шуданд, ки ба ин равия мансубанд.

ғайриаврупоӣ»[4] ва имрӯз бо «этномусиқишиносӣ» ифода мекунанд. Мафҳумҳои «ориентализм» ва «фарҳангҳои ғайриаврупоӣ» дидҳои берун аз Шарқ ҳастанд, ҳарчанд аз якдигар фарқ мекунанд. Дар мафҳуми «этномусиқишиносӣ», тавре қайд шуд, низ «диди аврупоӣ» мушоҳида мешавад.

Танҳо дар охири асри XIX – миёнаи XX дар Аврупо олимон-шарқшиносон, мусиқишиносоне пайдо шуданд, ки бо роҳи тайкардаи мусиқии Шарқ, хусусан мақомот, мустақим шинос шуда, онро аз сарчашмаҳои хаттии шарқӣ ва ё аз рӯи мусиқии Шарқ тадқиқ карданд (Р. Д'Эрланже (1872 – 1932), А. Христенсен (1875 – 1945), Ҳ. Фармер (1882 – 1965), А. Даниелу (1907 – 1994) ва диг.). Хосса он аст, ки дар тадқиқоти онҳо истилоҳи «этно-» на ҷо дораду на дар назар дошта мешавад.

Дар нимаи аввали асри XX дар пешрафти илми шарқшиносии мусиқӣ дар кишварҳои Шарқ низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Соли 1932 дар Қоҳира Конгресси нахустини мусиқии Араб хеле муҳташам баргузор гардид. Дар он дар баробари олимони машҳури Шарқ, шахсиятҳои маъруфи мусиқии аврупоӣ, композитор ва фолклоршиноси маҷорӣ Б.Барток (1881–1945), мусиқишинос ва фолклоршиноси бритониёӣ Ҳ.Фармер ва мусиқишиноси фаронсавӣ Р.Д 'Эрланже низ хеле фаъолона иштирок карданд [240]. Дар ин конгресс масъалаи назарияи мусиқӣ, хусусан масъалаи дараҷот ва лаҳн, зери муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифт. Дар натиҷа темпeратсияи чаҳорякпардаӣ расман қабул гардид. Мақомҳои арабиро зимни принсипи асосии *асл-фаръ* тадқиқу таҳлил карда, дар мусиқии Араб минбаъд чаҳор мақом – Рост, Баёт, Сегоҳ ва Сабо *аслӣ*, мақомҳои дигар – *фаръӣ* муайян гардиданд. Дар ин конгресс бори нахуст дар асри XX хусусиятҳои асосии мақомот расман ба ҳайси мусиқии классикии Шарқ пазируфта шудааст. Ва он диде, ки ба туфайли ин форуми мусиқишиносӣ ба амал омад, аз диди ориенталистӣ фарқ мекард.

3.

Маълум аст, ки имрӯз мақомот дар як қатор мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна маъмул аст. Аксари ин мамлакатҳо кишварҳои мусулмонианд. Сабаби ин вазъ он нест, ки падидаи мақом намунаест аз мусиқии расму оини исломӣ. Ва аз он низ нест, ки мақом зодаи давраи фарҳанги исломӣ аст. Системаи мақом зери унвони *парда* дар давраи пешазисломӣ дар фарҳанги мусиқии форс-тоҷик аллакай вуҷуд дошт.

Сонияи, онҳоро мусиқишиносони ҳамон кишварҳо таҳлил карданду ба илми мусиқӣ даров振рданд. Лекин дар ибтидо онҳо дарк намекарданд, ки ориентализм самтест аз диди аврупоӣ ва ё рус.

[4] Чунин истилоҳ дар асри XX ба маънои ҳамаи фарҳангҳои дигар, ки берун аз Аврупо ҳастанд, истифода бурда мешуд. Имрӯз ин истилоҳ аз истифода берун (анахронизм) аст.

Таърихан шаклҳои нахустини падидаи мақом *рага* ва *парда* мебошанд. Дар давраи фарҳанги исломӣ доираи ин падида аз фарҳанги ҳинду эронӣ берун баромад ва халқҳои арабу турк низ онро қабул карданд. Масъалаи дигар ин аст, ки азбаски аксарияти рисолаҳои илмӣ (ҳамчун ҳамаи гуна-ҳои тадқиқоти илмӣ дар давраи фарҳанги исломӣ[5]) ба забони арабӣ таълиф шудаанд, олимони аврупоӣ онро зери унвони «мусиқии арабӣ» ва мансуб ба илми Араб пазируфта буданд. Бо мурури замони на он қадар тулонӣ ин ақида хато баҳогузорӣ карда шуд ва дар ин бора таҳлилҳои сершумори ҳам мусиқишиносони аврупоиву собиқ шуравӣ ва ҳам тоҷик ҷо доранд. Мақом ҳамеша дар маркази мусиқии профессионалии дунявии мардуми Шарқи Наздик ва Миёна қарор дорад (1). Ва падидаи *парда* дар мусиқии форс-тоҷик ва *рага* дар мусиқии ҳиндӣ зодаи давраи тоисломианд (2).

Зимни санъати мусиқии суннатии мамлакатҳои Шарқ шарҳ додани мақомоти тоҷик иқдоми мантиқист, зеро ки он дар заминаи системаи мақомоти Шарқ роҳи таърихии якчанд садсолаҳоро тай намудааст. Агар системаи нахустини парда зери нуфузи рагаи ҳиндӣ дар мусиқии мардуми эронии форс-тоҷик пайдо шуда бошад (ин ақидаи мост), роҳи ташаккул ва рушди минбаъдаи он ба таври васеъ, зимни фарҳанги Шарқи мусулмон дар доираи фаҳмишиву эстетикӣ-фалсафии ҳамҷоя бо он, бештар ба забони арабиву форсӣ-тоҷикӣ густариш ёфтааст. Дар давраи фарҳанги исломӣ доираи падидаи мақом хеле фарох гардид, он рушди тадриҷӣ (эволютсия)-и бузургро аз сар гузаронд, шаклҳои навро пайдо кард, фаҳмишу талқини он дигар шуд ва ҳоказо. Ва ниҳоят, маҳз дар фарҳанги исломӣ зимни ҷараёни рушди ин падида «парда» ба «мақом» табдил ёфт. Ва ин таҳаввул на танҳо истилоҳӣ, балки аз густаришу ривоҷу равнақ ёфтани илми мақомот буд.

4.

Минтақаи ободтарини Осиёи Марказиро «Хуросон» («Сарзамини офтобхез») меномиданд. Бо назардошти нақши таърихии ақлонӣ-зеҳнии ин минтақа, онро мебояд қайд кард, ки чунин номгузорӣ на танҳо аз лиҳози ҷуғрофист, балки аз саҳми фарҳангист. Хуросон дар таърихи Осиёи Марказӣ сарзамине буд, ки аз он ободиву файз, ақлу хирад, зеҳнияти асил бармеомад [161; 184.I; 198; 199; 215]. Дар чунин сарзамин мусиқӣ ва илми он хеле барвақт рушд кард.

Ба ҳайси сарчашмаҳои фаннии мусиқии классикии тоҷик, хусусан дар масъалаҳои таърихии мақомот, жанри рисолаи мусиқӣ сарчашмаи

[5] Зери мафҳуми «фарҳанги исломӣ» ин ҷо фарҳанги давраи баъди асри VII, баъди пойдор шудани дини ислом дар назар дошта мешавад.

мустақим маҳсуб меёбад (1). Дар баробари ин, сабабҳои объективии тавъам рушд ёфтани назми классикии форс-тоҷик ва мусиқии классикӣ (суннатии профессионалӣ) хушбахтона чунин ҳолатро ба вуҷуд овардааст, ки қариб ҳар як шоиру нависандаи адабиёти классикии форс-тоҷик дар бораи мусиқӣ ва ҳаёти мусиқии давру замонаш маълумоти зиёдеро тавассути асарҳои бадеии худ расонидааст (2). Ва бештари шоирону муаррихон ба мусиқӣ сару кор доштаанд, дар шуғли сарояндагӣ ва ё навозандагӣ хеле фаъол будаанд (3). Аз ин рӯ, аксарияти онҳо ҳамчун ромишгару сарояндаи касбӣ шинохта шуда, муаллифони рисолаҳои илми мусиқӣ низ буданд ва дар асарҳои бадеии худ ба мусиқӣ назари ҷиддиро иброз намудаанд. Мутаассифона, ба давраи мо на ҳамаи дастхатҳои рисола ва дигар асарҳои илмиву бадеӣ расидаанд.

Дар илми мусиқишиносии нимаи аввали асри XX доир ба касбӣ будани мусиқии мақомоти Шарқ баҳсҳои тулонӣ мерафт[6]. Бояд қайд кард, ки то ҳол, солҳои 20-уми асри XXI, ин масъала таҳлилу тадқиқи саҳеҳи худро наёфтааст. Зеро ки коркарди комили фаннии ин мусиқӣ дар илм ва таълимоти профессионалии мусиқавии имрӯза ҳоло ҳам пурра ҷо надорад. Барои таҳияи чунин китобҳои дарсӣ қабл аз ҳама ташаккули диди илмӣ, ки аз дохили анъанаҳои падидаи мақом сар мезанад, муҳим аст. Дар фарҳангу илми мусиқии тоҷик, умуман Шарқ, мусиқии мақом ҳамчун *мусиқии классикӣ* пазируфта шудааст. Он фарогири илм, мактаб, системаи мусиқавӣ, дастгоҳи илмӣ-истилоҳотӣ, сози бунёдӣ-системавӣ ва ниҳоят рушди тадриҷӣ (эволютсия)-и беш аз ҳазорсоларо дорад, ки аз асрҳои пешин дар жанри китобӣ-илмии рисола давра ба давра муфассал инъикос гардидааст.

Шояд ягона ҳолате, ки дар ин вазъи норасоии илмиву таълимӣ хурсандиовар буда метавонад, он аст, ки ин мусиқии классикӣ на танҳо ба ҳайси «мерос», балки ҳамчун як гунаи асосии мусиқӣ дар замони муосир мақому мазмуни заминавии худро нигоҳ дошта тавонистааст.

Китоби ҳозир китоби таърихи мусиқии суннатии тоҷик ё назарияи мусиқии суннатии тоҷик нест. Мазмунан он бо таърихи назария (илм)-и мусиқии мақомоти тоҷик ё таърихи мусиқишиносии тоҷик ва агар боз ҳам саҳеҳтар бигӯем, ба таърихи мақомшиносӣ алоқамандӣ дорад. Падидаи «мақом» ва илми он таърихи қадим дорад. Ва китоби ҳозир танҳо талоши «таърихи мухтасар»-и онро ба уҳда мегирад. Бинобар ин дар рафти китоб диққат бештар ба дастовардҳои таърихӣ ва таҷрибаи беҳтарин (на пурра!)-и илмии тоҷикон дар соҳаи мусиқӣ равона карда мешавад. Фаҳмиши

[6] Андешаҳои худро оид ба ин масъала чанд сол қабл дар китоби «Мақом ва Фалак ҳамчун падидаҳои эҷодиёти мусиқии суннатии профессионалии тоҷик» гуфта гузашта будем [16, с.16-50].

назарияи мусиқӣ, аз ҷумла мақом, дар давраҳои гуногуни таърих мутафовит буд.

Мавзуи китоби ҳозир асоси илми мақомоти тоҷик бошад ҳам, сухан дар бораи таҳаввули он системаҳои мусиқӣ-назарие меравад, ки ба ташаккули Шашмақом овარданд. Ҳарчанд ки заминаи илмии мақомоти Шарқ хеле васеъ аст (1) ва мақомоти тоҷик бо шаклҳои дигар – *мақомҳои маҳаллӣ* ва *Фалак* низ зуҳур намудааст (2). Ва ниҳоят онро бояд зикр намуд, ки китоб ҳадафи таҳлили фаъолияти эҷодии шахсиятҳои муътабар – мақомхонони бузурги гузаштаро низ надорад (3).

Мақомот асоси системаҳои лаҳнии мусиқии классикии Шарқ мебошад. Дар мусиқии имрӯзаи тоҷик системаҳои лаҳнии *шашмақом* (дар Шашмақом ва мақомҳои маҳаллӣ) ва *чормуқом* (дар Фалак) аз зуҳуроти ин системаҳои лаҳнианд. Ин системаҳоеанд, ки дар тули роҳи рушди таърихии беш аз ҳазорсола дар мусиқии суннатии тоҷикон ташаккул ёфтаанд. Ҳамин фаҳмишро дар назар дошта, унвони ин фанро метавон «Асосҳои мақомҳои тоҷик» ё «Асосҳои мақом» гузошт.

Бояд ба эътибор гирифт, ки мусиқии Шарқ аз мусиқии Ғарб бо заминаи фаҳмишӣ-системавии худ фарқ мекунад. Дар мусиқишиносии аврупоиасос ин гуна фанро «Системаҳои мусиқӣ-назарӣ» меноманд. Яке аз нахустин коркарди ин фан ба профессори Консерваторияи давлатии Москва мусиқишинос Ю. Холопов тааллуқ дорад [113]. Айнан дар ҳамин сол (1972) бо кӯшишҳои профессори Консерваторияи давлатии Тошканд ба номи М. Ашрафӣ, мусиқишинос Ф.М. Кароматов ба барномаи таълимии кафедраи мусиқии Шарқ фанни «Асосҳои мақом» ворид гардид. Ин ҳар ду фан моҳиятан якканд. Фарқи онҳо дар гуногунии заминавӣ дида мешавад – яке дар мусиқии Ғарб, дигаре дар мусиқии Шарқ асос ёфтааст.

Фанни мо дар заминаи мусиқии классикии Шарқ сохта шуда бошад ҳам, китоби ҳозир танҳо доираи мақомоти тоҷикро фаро мегирад. Мавзуи ин китоб ба равияи фанниву илмии мақомшиносӣ (ё васеътар, шарқшиносии мусиқӣ) тааллуқ дорад.

Хулоса, бо чунин мураккабиёти вазъи фаннӣ китоби дарсие пешниҳод мегардад, ки баъди ба даст овардани таҷрибаи омӯзгории беш аз чилсолаи муаллиф таҳия гардидааст. Бо вуҷуди ин, муаллиф аз касоне, ки эроду маслиҳатҳои муфидонаи худро иброз медоранд, миннатдор мешавад.

ФАСЛИ ЯКУМ
МУСИҚИИ СУННАТИИ ТОҶИК: ПАДИДА ВА МОҲИЯТ

I.1. Замина ва сохтори мусиқии суннатии тоҷик дар замони муосир

Мусиқии суннатии тоҷик чист? Мавқеи он дар фарҳанги мусиқии тоҷик чӣ гуна аст? – инҳоанд саволҳои аввалини фанни «Асосҳои мусиқии классикии тоҷик».

Барои саҳеҳият қабл аз ҳама заминаи фарҳанги мусиқии мардуми тоҷикро дар замони имрӯза дида мебароем. Ба тарзи мухтасар гуфта метавонем, ки имрӯз дар фарҳанги мусиқии тоҷик чаҳор гунаи мусиқӣ бо унвонҳои зерин ҷо дорад:

- ❖ мусиқии фолклорӣ
- ❖ мусиқии суннатии профессионалӣ
- ❖ мусиқии композиторӣ (академӣ)
- ❖ мусиқии эстрадӣ

Мусиқии фолклорӣ маҳсули эҷодиёти мусиқавии мардум аст. Он ифодагари бевоситаи эҳсосоти самимӣ, орзуву армон, ғаму андӯҳ, шодиву хурсандии инсон буда, дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа маъмул аст. Одатан фолклори мусиқиро ба ду навъ ҷудо мекунанд (Ф.М. Кароматов): а) вобаста ба расму оин; б) берун аз маросиму оин. Дар расму оин ва маросимҳо мусиқӣ дар шакли суруду наво вазифаи ёридиҳанда (тобеъ)-и корбариро иҷро карда, рафти маросимро инъикос менамояд. Дар мавриди берун аз расму оин он бевосита бо эҳсосоти сароянда ё навозанда вобаста аст. Ба жанрҳои мусиқии фолклорӣ жанрҳои одии рубоиву дубайтӣ, бадеҳаву қисса, сурудҳои туйёнаву гиряҳои мотамӣ, суруду навоҳои маросимиву меҳнатӣ барин намунаҳои эҷодиёти мардумӣ мансубанд. Хусусияти муҳимми мусиқии фолклорӣ он аст, ки ҳамеша дар лаҳҷаи мусиқии маҳалли муайян иҷро мешавад. Он намоишгари шеваи маҳаллии худ мебошад. Барои иҷрои мусиқии фолклорӣ доштани маълумоти махсуси мусиқӣ зарур нест. Ин навъи мусиқӣ дорои мактабе ҳам нест. Он бевосита ҳолат, табъ, ҳаяҷон, хушнудӣ, ғамгинии кас ва ё рафти ягон ойини оилавӣ, маросимӣ, меҳнатиро ифода мекунад. Мусиқии фолклорӣ ҳамеша табъу завқи мардум, тарзи зиндагии мардумро таҷассум менамояд. Он аз дохили урфу одат, фаҳмишу рафтори ҳар як минтақа бармеояд, на аз берун. Аз ин ҷиҳат, дар ҳар як ҷомеа мусиқии фолклорӣ мавқеи заминавиро ишғол мекунад.

Мусиқии суннатии профессионалӣ низ мавқеи заминавӣ дорад, чунки он таърихан қадим буда (1), бо сабки касбии хеш анъанаҳои мусиқавии тоҷиконро аз ибтидо то имрӯз ҳифз менамояд (2), моҳиятан забони мусиқии сирф тоҷикиро муаррифӣ мекунад (3), таҷассумгари тафаккури мусиқавии мардуми тоҷик маҳсуб меёбад (4). Дар мусиқии тоҷик имрӯз ба ин навъи мусиқӣ қабл аз ҳама Шашмақом, Фалак ва мақомҳои маҳаллии водии тоҷик (номгузории онҳо бино бар зуҳурот пайдо кардани онҳо аз мактабҳои маҳаллии мақом пайдо шудааст) тааллуқ доранд. Албатта, маълум аст, ки мусиқии суннатии профессионалии тоҷик бо ин се маҳдуд нест. Ин ҷо овардани маҳз ин навъҳои жанрӣ бо мақсади таъкид кардани асоси мақомии онҳост.

Мусиқии суннатии профессионалӣ аз ибтидо то ҳол дорои мактаби хоссаи худ аст, ки он мактаби устод-шогирд мебошад. Иҷрои ин навъи мусиқӣ танҳо ба уҳдаи мутахассиси дорои маълумоти махсуси мусиқӣ аст. Он навъи мусиқии профессионалиест, ки хусусияти мусиқии сирф суннатии тоҷикиро дорад. Ва ҷиҳати забони мусиқӣ ба мусиқии фолклорӣ хеле қарин аст.

Ин ҷо бояд як нуктаи дигарро қайд кард: ду гунаи аввалии радабандии боло – мусиқии фолклорӣ ва мусиқии суннатии профессионалӣ – ба мусиқии суннатии тоҷик дохил мешаванд. Ин ҳар ду аз қадимулайём (албатта, пасупеш) байни мардуми тоҷик, аз тарзи зиндагӣ ва зеҳнияту тафаккури мусиқавии он ба вуҷуд омадаанд. Дар тули асрҳо якҷо рушд ёфта, аз якдигар «об хӯрда», то ба имрӯз расидаанд. Хусусияти мусиқии суннатии тоҷик дар он аст, ки ҳар дуи онро дар бар мегирад. На ҳар як халқ бо чунин дороӣ ифтихор карда метавонад, зеро ки суннати мусиқавии аксарияти халқҳои ҷаҳон танҳо бо як шоха – мусиқии фолклорӣ зоҳир гардидааст. Душохагии мусиқии суннатии тоҷик аз он аст, ки тоҷикон бо неруву тавоноии зеҳнияти худ дар мусиқӣ қуллаҳои баланди касбиятро дар давраҳои қадим фатҳ намудаанд. Тафаккури мусиқии тоҷикон ба сатҳи касбият (профессионализм)-и воло дар асарҳои VI – аввали VII расидааст. Тақсимшавии дугунагии мусиқии суннатӣ дар шароити маъмулияти шифоҳӣ ба вуҷуд омадааст. Шохаи аввали мусиқии суннатӣ, мусиқии фолклорӣ – маҳсули эҷодиёти мусиқии мардумӣ аст[7]. Шохаи дуюми мусиқии суннатӣ низ дар анъанаи шифоҳӣ асос ёфта, навъи мусиқии монодӣ, яъне якхати(на явовозагӣ!)-ро муаррифӣ намуда, моҳияти профессионалӣ дорад:

Омӯзиши мусиқии суннатии профессионалӣ ҳамеша дар мактаби суннатӣ бо системаи тадрисии устод-шогирд қарор ёфта, илми он дар рисолаҳои мусиқӣ бо таҳлилу талқини доимӣ то ба имрӯз расидааст.

[7] Дар барномаи таълимӣ онро дар фанни «Эҷодиёти мусиқии халқи тоҷик» меомӯзанд.

Ҷадвали 1. Сохтори мусиқии суннатии тоҷик

Гунаи сеюми радабандии боло *мусиқии композиторӣ* (академӣ) аст. Он дар асоси меъёрҳои мусиқии профессионалии аврупоиасос аз тарафи муаллифон – композиторони тоҷик офарида шудааст. Омили чунин номгирӣ дар он аст, ки ин навъи мусиқиро дар тамоми ҷаҳон бо унвони *мусиқии композиторӣ* ном мегиранд. Зимни он тахассуси «композитор» ба маънои нави он (бо хусусияти анъанаи мусиқии аврупоӣ) дар фарҳанги тоҷикон пайдо шуд. Мусиқии композитории тоҷик дар муддати хеле кӯтоҳ (аз солҳои 20 – 30-юми асри XX ин ҷониб) қомат рост карда, ҳамаи жанрҳои мусиқии анъанаи аврупоиро, аз қабили опера, симфония, балет, оратория, кантата, оперетта, жанрҳои гуногуни мусиқии камеравии созӣ ва мусиқии камеравии овозӣ, синамомусиқӣ, мусиқӣ барои спектакл, мусиқии бачагона ва дигарро зимни зарбу оҳангҳои тоҷикӣ фаро гирифт. Иҷрои мусиқии композиторӣ маълумоти махсуси мусиқиро металабад.

Навъи *мусиқии эстрадӣ* (гунаи чаҳорум дар радабандии чаҳоргонаи боло) мусиқии профессионалӣ-оммавӣ маҳсуб меёбад. Ин навъи мусиқии мансуб ба мусиқии электронӣ, зодаи асри XX аст. Ва ҳарчанд он навъи мусиқии оммафаҳм ҳисобида шавад ҳам, навъи профессионалии мусиқӣ аст. Аз ин ҷост, ки иҷрои он маълумоти махсуси мусиқиро металабад. Дар Тоҷикистон мусиқии эстрадӣ дар оҳангу зарбҳои мусиқии фолклории тоҷик ташаккул ёфтааст. Вале шаклу жанри ин асарҳо, бофти мусиқавӣ ва асоси тембрии он, албатта, бо садои асбобҳои электронӣ ва тамоюлҳои мусиқии эстрадии ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад. Ин мусиқиро ба навъи «жанри сабук» нисбат медиҳанд.

Дар фарҳанги мусиқии муосири тоҷик ҳар чаҳор навъи мусиқӣ ба ҳамдигар пайваста, дар омезиш қарор меёбанд. Масалан, зарбу оҳангҳои мусиқии фолклорӣ ва мусиқии суннатии профессионалӣ дар мусиқии композиторӣ ва мусиқии эстрадӣ хеле фаровон истифода мешаванд. Ва ё мусиқии фолклорӣ бо асбобҳои электронии эстрадӣ ва ё симфонӣ иҷро карда шуда, ҷилои нав пайдо мекунад. Ҳарчанд ҳар сеи ин навъҳо (2, 3, 4)

профессионалианд, навъҳои гуногуни онанд: яке (2) профессионалии суннатӣ, дигарӣ (3) – профессионалии аврупоиасос ва сеюмӣ (4) – профессионалӣ-оммавӣ. Ҳар яки он бо мактаби худ, бо эстетикаи муошират бо шунаванда аз якдигар фарқ мекунад.

Барои фаҳмидани ин фарқият кофӣ аст боре худро шунавандаи ҳар яки он тасаввур бикунем ва иҷроишу қабули онро ба хотир биоварем. Дар шунидани се навъи мусиқии профессионалӣ се гунаи қабули мусиқиро мушоҳида мекунем. Дар мусиқии суннатии профессионалӣ шунаванда бо мутриб (сарояндаву навозанда) ҳамдам шуда, ҳар як мисраи шеъриро бо таваҷҷуҳи хосса дарк намуда, маҳорати навохту сароиши тобишҳои оҳангиро шунида, авҷи асарро интизор мешавад. «Баҳогузорӣ»-и шунаванда баъди авҷи асар бо овози баланд бо нидоҳо аз қабили «офарин!», «зеҳ!», «зеҳо зеҳ!», «ҷон!» ва диг. қарор мегирад. Баъди анҷоми асар низ чапакзаниҳо бо ин нидоҳо сурат мегиранд.

Ҳангоми шунидани мусиқии композиторӣ толори шунаванда бояд орому беҳаракат қарор гирад. Агар асари силсилавӣ садо диҳад, байни қисмҳо чапак задан мумкин нест, чапакзанӣ ва нидоҳои «Офарин!» (ва ё «Браво!») баъди анҷоми асар иҷозат аст.

Мусиқии эстрадӣ одоби тамоман дигари шуниданро дорад: худи сароянда ба толори шунавандагон ишора мекунад, ки дар рафти сурудан ва ё навохтан ба ӯ ҳамроҳӣ кунанд. Шунавандаи консерти эстрадӣ метавонад дар ҳаракат бошад, бо нидоҳои офаринӣ ҳамроҳӣ бикунад, рақсад ва ҳоказо. Ба иҷрокунанда ин хуш меояд.

Мусиқии суннатии профессионалӣ ва мусиқии композиторӣ дар услубҳои классикаи Шарқ ва Ғарб асос ёфтаанд. Ҳар дуи он ба мусиқии ирфонӣ иртибот дорад. Ин навъҳои мусиқӣ ҳаргиз оммавӣ нестанд. Онҳо на танҳо иҷрокунанда, балки шунавандаи худро талабгоранд. Шунавандаи онҳо мунтахаб аст, на оммавӣ. Иқтидори ин навъҳои мусиқӣ хеле бузург аст. Онҳо ба рушди зеҳниву ақлонӣ аз як тараф ва ба эҳсосоту нозукбинӣ, одобу тарбия аз тарафи дигар хеле таъсирбахшанд. Шунавандаи худро аз ҷомеаи муосир ба худ интихоб мекунанд. Ва ин шунаванда одатан воқиф аз қоидаҳои асосии онҳост. Аз ин ҷост, ки онҳо, агар дар мактабҳои худ мутахассиси худро тарбия намоянд, дар ҷомеа мустақим барои ташаккули шунавандагони худ ҳамеша талош мекунанд. Мутахассиси соҳаи мусиқии касбӣ шахси нозукбину бомаҳорат буда, одатан бо одобу доноии худ фарқ мекунад. Айни муддаост, хотиррасон бикунем, ки мусиқишиноси машҳури шуравӣ А.Н.Сохор мавқеи мутахассиси мусиқиро дар ҷомеа муҳим шуморида, сифату дороии мутахассиси профессионалиро аз диди сотсиологӣ (иҷтимоӣ) чунин муайян намудааст:

- ❖ атрофиён ӯро ба ҳайси мутахассисе қабул мекунанд, ки барояш фаъолияти эҷод ва иҷрои мусиқӣ шуғли асосии ҳаёт аст;
- ❖ ин фаъолият ба ӯ имконияти пеш бурдани зиндагиро медиҳад;
- ❖ фаъолияти мусиқавии ӯ барои ҷомеа арзишманд баҳогузорӣ мешавад.
- ❖ ӯро атрофиён бо ин касб мепазиранд [160, с.10-136].

Бе душворие дарк карда метавонем, ки чунин хусусиятҳоро кас танҳо бо доштани мактаби махсуси мусиқӣ соҳиб мешавад (1) ва дар ин ҷараён мусиқӣ касби мустақил маҳсуб меёбад (2).

Пайдоиши се навъи мусиқии профессионалӣ дар фарҳанги тоҷикон бо давраҳои гуногун марбут мебошад. Агар мусиқии суннатӣ аз қадимулайём бо рушди тафаккури мусиқии тоҷик ҳамқадам бошад, замони пайдоиши мусиқии композитории тоҷик, тавре дар боло зикр гардид, аз солҳои 20-уму 30-юми қарни XX аст. Муаллифи мусиқии анъанаи академӣ композитор ва мусиқии профессионалии суннатӣ – бастакор маҳсуб меёбад. Вале дар фарқият бо Ғарб суннатҳои фарҳангӣ ва одобу маънавиёти тоҷикон (ба мисли мардуми дигари Шарқ) чунин қарор ёфта буд, ки бо вуҷуди офаридани асари мусиқӣ бастакор мекӯшид номаълум (аноним) бимонад. Ҳарчанд ки номҳои муаллифони асарҳои алоҳида ва ё баъзе қисмҳои таркибии Шашмақому Фалак ва мақомҳои маҳаллӣ тавассути устодони ибтидои асри XX маълум гардида бошанд ҳам, зикр накардани номи ҳатто ҳамин муаллифон аз одоби ин мусиқӣ берун нест. Ин аз диди этикаву эстетикаи мусиқии суннатии тоҷик (умуман Шарқ) беэҳтиромӣ маҳсуб намеёбад. Шашмақом, мақомҳои маҳаллӣ ва Фалак дурдонаҳои лаёқату зеҳнияти мардуми тоҷиканд ва аз тафаккури волои мусиқӣ шаҳодат медиҳанд. Дар тули асрҳо барои устоди мақом муҳим буд, ки бо эҷодиёти худ ба ин падидаҳои мусиқии тоҷик саҳмгузор бошад на беш. Ӯ мекӯшид, ки асараш табъу зеҳни наслҳои нав ба нави мардуми тоҷикро сайқал диҳад. Устод вазифаи пуршарафи худро дар таблиғу ташвиқи ин падидаҳои воло, дар рушду суфташавии тафаккури мусиқии тоҷикон медид. Дар замони муосир муносибат ба ин анъана гуногун аст.

Фарқи гунаҳои мусиқӣ дар доираи жанрии онҳо низ ҷо дорад. Мусиқии композитории тоҷик имрӯз бо операву симфония, балету оратория, мусиқии камеравии созиву овозӣ ва дигар роҳи рушди хеле дурахшони худро тай мекунад. Мусиқии эстрадӣ бо суруду навоҳои лирикиву шаҳрвандӣ, мюзикл ва дигар намунаҳои намоишии мусиқӣ маълум гардидааст. Мусиқии суннатии тоҷик дар баробари гуногунрангии шеваҳои мусиқӣ, ки хусусан дар лаҳну зарб ва тобишҳои оҳангӣ зоҳир мегардад, доираи жанрии хеле васеъро бо жанрҳои савту амал, сарахбору

талқин, насру уфар, таснифу гардун... ва дар Фалак – равонаву ғарибӣ, шикаставу рафт, бепарвофалаку мадҳия, рапову муноҷот, роғиву дарӣ... ғановату беназирии мусиқии суннатии профессионалии тоҷиконро муаррифӣ менамояд. Доираи васеи жанрии мусиқии суннатии тоҷик, ҳарчанде дар қисмҳои таркибии силсилаасарҳои созиву овозии Шашмақом, мақомҳои маҳаллӣ ва Фалак хеле равшан дида шавад ҳам, жанрҳои берун аз ин силсилаҳоро низ дар бар мегирад.

Инак, аз чаҳор гунаи радабандии боло фанни «Асосҳои мусиқии классикии тоҷик» танҳо яктои он – мусиқии суннатии профессионалиро меомӯзад. Аз гуфтаҳои қаблӣ бармеояд, ки он ҳам суннатӣ асту ҳам профессионалӣ. Жанрҳое, ки ба мусиқии суннатии профессионалии тоҷик мансубанд, дар принсипи мақом асос меёбанд: Шашмақом – шоҳасари мусиқии тоҷик, мақомҳои кӯҳистони тоҷик – Фалак ва мақомҳои маҳаллӣ.

Ҳарчанд ки ба мусиқии суннатии профессионалии тоҷик жанрҳои дигар ҳам тааллуқ доранд, фанни мо танҳо илми мақомоти тоҷикро дар бар мегирад.

I.2. Маҳкуми назарияи аврупосентристӣ дар илми мусиқӣ. Ду навъи профессионализм дар мусиқӣ

Нававариҳои фарҳанги мусиқии асри XX ба пешрафти сохтории идоравӣ-таълимии мусиқӣ мусоидат намуда, тафаккури нави мусиқиро дар ҷомеаи Тоҷикистон ба вуҷуд овард. Аз тарафи дигар, вазъи пешомада ба тақдири Шашмақом ва Фалак барин дурдонаҳои классикаи мусиқии суннатии тоҷик таъсири манфӣ расонд. То солҳои 60-70-уми асри XX дар Тоҷикистон барои таълим дар мактабҳои мусиқӣ ва омӯзишгоҳҳои мусиқӣ танҳо барномаҳои бо такя бар анъанаи мусиқии аврупоӣ истифода мешуданд. Ба суди ин системаи нав шакке нест, зеро ки ин услуби таълим Тоҷикистонро ба системаи таълимии мусиқии профессионалии ҷаҳонӣ ҳамроҳ карда, фарҳанги тоҷиконро ғанӣ гардонид, ки аз он саҳифаи наву дурнамое сар зад. Вале он солҳо даҳшат дар он буд, ки ба ин ҷараёни рушди пурҷӯшу хурӯши касбият мусиқии суннатии тоҷик бо дороии мактабу таърихи 1400-сола роҳ дода нашуд. Омӯзиши Шашмақом ва Фалак берун аз системаи таълимоти расмӣ монд. Системаи таълимоти мусиқии советӣ дар ибтидо Шашмақом ва Фалакро ҳамчун соҳибмактаб ва профессионалӣ қабул накард. Меъёрҳои мусиқии анъанаи аврупоиро ягона меъёрҳои мусиқии профессионалӣ мешумориду халос ва танҳо ин навъи мусиқиро ба мусиқии профессионалӣ мансуб медонист. Оқибати ин нофаҳмиҳо ба қатъи фаъолияти мактаби суннатии устод-шогирд меовард. Масъалае ба миён омад, ки ҳалли худро металабид: Шашмақому Фалак

минбаъд чӣ гуна мебоист рушд ёбанд? Вазъият бо он мураккабтар мегардид, ки байни намояндагони насли якуми композиторони тоҷик низ тарафдорони ҳамин ақидаи номатлуб пайдо шуд. Намунаи мушаххаси он як мақолаи композитори маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ аст, ки соли 1958 моҳи апрел-май дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ва «Коммунист Таджикистана» чоп гардид. Ҷавоби сазоворе ба ин мақолаи даҳшатовар аз тарафи як гурӯҳи зиёиёни тоҷик, хусусан композиторону олимон Ф.Шаҳобов, Ш.Соҳибов, М. Раҳимӣ, М. Шукуров ва дигарон дода шуд [90; 195]. Чунин вазъ на танҳо мутахассисонро, балки тамоми халқи тоҷикро ба ташвиш овард. Сабаби ин вазъ дар чӣ буд?

Дар воқеъ, ин дид на танҳо дар Тоҷикистон ҷо дошт ва на танҳо бо соҳаи мусиқӣ маҳдуд мегашт, он як қатор фанҳои гуманитарии дигарро низ фаро гирифта, хеле устувор қариб то миёнаи асри XX дар илму таълим арзи вуҷуд мекард. Он ақида «назари аврупосентристӣ» ном гирифт. Тибқи он гӯё, мардумони Аврупо ва танҳо онҳо, тамаддунсоз ва пешқадамтарин мардуми башариятанд. Ин «назар» танҳо Аврупоро маркази илму маърифат ҳисобида, ба он тамоми дастовардҳои маънавиро мансуб медонист. Дар солҳои 50-уми асри XX олимони фанҳои таърих ва адабиёт бар зидди ин ақида баромаданд. Яке аз чунин олимон академик Н.И. Конрад мебошад, ки дар чандин мақолаҳои пурмуҳтавои худ тайи беш аз ду даҳсола масъалаи маҳкуми ақидаи аврупосентристиро бардошта, саҳифаҳои таърихии Ғарб ва Шарқ, равияҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-зеҳнии онҳоро зери таҳлили илмӣ-муқоисавӣ меоварад [97, с.89-118; 466-512].

Дар мусиқӣ тибқи ин «назар» мусиқии касбӣ – зодаи тамаддуни Аврупо буда, нуқтаи баландтарини тафаккури мусиқӣ ва фарҳанги мусиқии ҷаҳонӣ буд. Аз ин рӯ, ин «назар» ба ҳайси меъёри мусиқии профессионалӣ танҳо хусусиятҳои мусиқии профессионалии аврупоиро мақбул медонисту бас.

Маълум аст, ки мусиқии профессионалии анъанаи аврупоӣ чунин хусусиятҳоро дорост:

- бисёровоза;
- муаллифи мушаххас;
- маъмули амалии асари мусиқӣ дар нусхаи хаттӣ;
- омӯзиш бо василаи хаттӣ (нотавӣ);
- мактаби мусиқӣ дар се сатҳ: мактаби ибтидоӣ (мактаби бачагонаи мусиқӣ), омӯзишгоҳ (миёна) ва консерватория (мактаби олии мусиқӣ).

Ин хусусиятҳои мусиқии анъанаи аврупоӣ ҳамчун меъёрҳои универсалӣ дар он солҳо хеле устувор буданд.

Маҳомоти тоҷик (мусиқии мақомоти Шарқ) чунин хусусиятҳоро надорад. Он дорои сифатҳои дигар аст:

- якхатӣ (монодӣ);
- муаллифи номаълуми асар (аноним);
- маъмули шифоҳии асари мусиқӣ;
- омӯзиш бо услуби «аз даҳон ба даҳон» (шифоҳӣ);
- мактаби устод-шогирд (бо се зинаи таълим).

Ҳатто аз муқоисаи нахустини ин ду айён мегардад, ки хусусиятҳо на ин ки ҳамранг нестанд, балки бар хилофи якдигаранд. Бинобар ин, саволе баромад: дар мавриде, ки ин навъҳои мусиқӣ гуногунанд, чаро онҳо мартабаи якхеларо бояд дошта бошанд? Чаро ҳардуи онҳоро зимни фарҳангҳои худ «классикӣ» муайян кардаанд? Мутаассифона, дар чунин хулосабарорӣ гуногунии заминаи эстетикӣ, илмӣ, этикӣ, иҷтимоии пайдоши мусиқии касбии Шарқ он солҳо ба эътибор гирифта нашуд. Баҳсу мунозира доир ба ин масъала якчанд форумҳои байналмилалиро фаро гирифт. Дар илми мусиқишиносӣ тарафдорони ду ақида талош мекарданд, то ки масъалаи асосӣ – профессионалӣ будани мусиқии Шарқро муайян созанд. Вале аксарият тарафдори он буд, ки бино бар он, ки меъёрҳои мусиқии шарқӣ ба меъёрҳои мусиқии профессионалии ғарбӣ рост намеояд, мусиқии мақомоти Шарқ ба мусиқии профессионалӣ мансуб буда наметавонад. Бар зидди ин ақида дар қатори олимони шарқӣ олимони аврупоӣ ҳам мебаромаданд ва ғайриилмӣ будани ин дидро таъкид мекарданд. Тавре ки дар сарсухани китоб қайд шуд, дар форуми мусиқишиносии соли 1932 (Қоҳира) Б. Барток, Г. Фармер, Р. Д'Эрланже барин мусиқишиносону композиторони маъруфи аврупоӣ баҳри касбӣ будани ин мусиқӣ талош карда, зарурати қабули хоссаии онро ба миён гузошта буданд. Авҷи чунин баҳсу мунозираҳо аз солҳои 70-уми асри XX хеле шадид ва пайваста қарор гирифт. Ба масъалаи мазкур форумҳои сершумор, аз ҷумла, «Фарҳанги мусиқии халқҳо: анъанаҳо ва замони муосир» (Москва, 1971) [112], «Мақомҳо, муғамҳо ва эҷодиёти композитории муосир» (Тошканд, 1975) [103], «Мусиқии профессионалии анъанаҳои даҳонии халқҳои Шарқи Наздик ва замони муосир» (Самарқанд, 1978) [136], «Анъанаҳои фарҳанги мусиқии халқҳои Шарқи Наздик, Миёна ва замони муосир» (Самарқанд, 1983) [167], «Мусиқии профессионалии суннатии Шарқ дар замони муосир» (Самарқанд, 1987), «Борбад ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Ховари Миёна : таърих ва замони муосир» (Душанбе, 1990) [50; 51; 52] ва дигар гузаронида шуд.

Дарку фаҳмиши дуруст ва ҳалли масъала ба зудӣ ва осонӣ ба даст наомад. Муштарак бо баргузории форумҳо муҳаққиқон Ф.Шаҳобов, Ф.Кароматов, Ю.Элснер, И.Раҷабов, Т.Вызго, Н.Шоҳназарова, И.Эолян, Н.Тагмизян, Ҳ.Тума ва диг. дар мақолаву китобҳояшон ибрози ақида менамуданд. Ҳамаи ин гуфтаҳову ақидаҳои таҳлилӣ ҷараёни мазкурро метезонид.

Дар нимаи дуюм, хусусан чоряки охирини қарни XX, дар Тоҷикистон ҳам мавзуи мусиқии касбии Шарқ, хусусан мақомот, мавзуи асосии пажӯҳишӣ интихоб гардид. Мақомот дар онҳо зимни давраҳои таърихӣ, асосҳои назарӣ ва идеалҳои эстетикиву этикӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт[8].

Мавқеи илми шарқшиносии мусиқӣ дар солҳои 1980-ум – 1990 хеле устувор шуд. Дар мусиқишиносии солҳои аввали 1980 монографияи махсуси Н.Г. Шоҳназарова бо унвони «Мусиқии Шарқ ва мусиқии Ғарб. Хелҳои профессионализми мусиқӣ» [200] доир ба ин мавзуъ таълиф гардид. Нақши ин тадқиқоти хурд, вале хеле мушаххас, дар ҳалли масъалаи мазкур нақши ҷамъбастиро пайдо кард. Зеро ки муаллифи китоб хулосаву гуфтаҳои олимон-мусиқишиносонро оид ба сифатҳои хоссаи мусиқии профессионалии шарқӣ ва мусиқии профессионалии ғарбӣ бо фактҳои таърихӣ асоснок намуд.

Дар рафти ин музокираҳо омили асосӣ он умумияте буд, ки олимон ҳам дар мусиқии аврупоӣ ва ҳам дар мусиқии шарқӣ ёфта, ба чунин хулоса омаданд:

1) ҳар ду дорои мактабанд:

а) мактаби мусиқии профессионалии Ғарб – мактаби ибтидоии бачагона (ибтидоӣ), омӯзишгоҳи мусиқӣ (миёна), консерватория (олӣ);

б) мактаби мусиқии суннатии касбии Шарқ – устод-шогирд, ки ҳар се зинаи таҳсилотро фаро мегирад.

2) барои эҷоду иҷрои ин ду навъи мусиқӣ маълумоти махсуси мусиқавӣ ҳатмӣ аст.

---

[8] Дар солҳои 80 – аввали 90-уми асри гузашта танҳо дар Тоҷикистон якбора якчанд диссертатсия дар доираи ин мавзуъ пайиҳам дифоъ гардид: «Аз таърихи рушди фарҳанги мусиқии тоҷик (a.V–XII)» Аскаралӣ Раҷабов (1982), «Фарҳанги мусиқии созии мардуми эронӣ (қадим ва ибтидои қурунивусто)» Наим Ҳакимов (1986), «Оид ба низоми фазоии мусиқии якхати (моноди)-и тоҷик ва узбак аз диди якҷошавии бетағйирӣ ва тағйирпазирӣ» Фирӯз Улмасов (1987), «Равобити таърихии анъанаҳои мусиқии ҳинду тоҷик» Фароғат Азизова (1989), «Шашмақом ва анъанаҳои назми классикии тоҷику форс» Аслиддин Низомов (1990), «Танбӯр ва функсияи он дар омӯзиши системаи лаҳнии Шашмақом» Абдувалӣ Абдурашидов (1991), «Хусусиятҳои функсионалии дутори суннатӣ дар системаи мусиқии тоҷикон ва ӯзбакон» Султоналӣ Худойбердиев (1994).

Бо такя ба ин хулосаҳо, дар баробари мусиқии авропоиасос, профессионализми мусиқии суннатии Шарқ пазируфта шуд. Ва «назари аврупосентристӣ» диди ғайриилмӣ муайян гардид. Минбаъд ба ҳайси мусиқии профессионалӣ мусиқиеро, ки мазмуни дорои идеяҳои бузурги фалсафӣ (1), санъати иҷрокунандагӣ (2), мактаб (3) дошта, барои иҷрои худ маълумоти махсуси мусиқавиро металабад (4), тааллуқ дониста шуд.

Хулосаи муҳаққиқон ин буд, ки дар фарҳанги мусиқии халқҳои гуногун профессионализми мусиқӣ ба тавру роҳҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Ва Аврупо макони ягонаи тамаддуни башарият нест. Барои расидани Аврупо ба ин сатҳи рушд, тамаддунҳои қадими мардумони дигар, хусусан Шарқ мусоидат кардааст. Дар таърихи тоҷикон аввалан, тамаддуни Эрони қадим, тамаддуни қадимтарини Ориёиён [34], сониян, дастовардҳои бузурги фаҳмиши мусиқии профессионалии дунявӣ дар давраҳои Сосониён ва Сомониёни бузург, рушди тафаккури илмӣ-мусиқӣ дар асрҳои миёна ва диг. худ ҷавобест ба ин «назар»-и номатлуб. Бо ҳамин хулоса дар миқёси ҷаҳонӣ ду навъи мусиқии профессионалӣ пазируфта шуд: мусиқии профессионалии ғарбӣ-аврупоӣ ва мусиқии суннатии профессионалии Шарқ[9].

Баъди дар мусиқишиносӣ, дар сатҳи байналмиллалӣ эътироф гардидани мақомот ҳамчун яке аз навъи мусиқии профессионалӣ, дар Тоҷикистони муносибат ба Шашмақом расман дигар шуд[10]. Устодони бузурги Шашмақом Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов, ки асосгузории Мактаби шашмақомхонии Душанберо иҷро намуда, ба фаҳмиши нави Шашмақом поягузорӣ карданд, аллакай аз олам гузашта буданд. Устодони бузург ҳатто дар аввали солҳои 60-ум хусусияти дугунагии санъати мусиқии тоҷикро муқобили якдигар намегузоштанд. Баръакс, онро ба эътибор гирифта, бо маълумоти хоссаи худ (ҳам таҳсил дар мактаби суннатии устод-шогирд ва ҳам таҳсил дар Консерваторияи давлатии Москва) дар ду хели мусиқии касбии тоҷикон дар асри XX тавонистанд ҳиссагузорӣ намоянд. Ин аст, ки Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов (як ҷо бо устод Бобоқул Файзуллоев)

[9] Барои ифодаи мусиқии суннатии профессионалии Шарқ инчунин мафҳумҳои дигарро низ дар мусиқишиносии советӣ ва хориҷи асри XX истифода мебурданд, мисли «мусиқии профессионалии шифоҳӣ», «мусиқии профессионалии анъанаи шифоҳӣ», «мусиқии ғайриаврупоӣ», «мусиқии суннатии профессионалӣ» ва ҳоказо.

[10] Ҷараёни пазируфтани муғамҳо дар Озарбойҷон барвақттар ба амал омад: соли 1957 дар консерватория кафедраи мусиқии халқӣ кушода шуд, ки он таҳсили мусиқишиносону иҷрокунандагони равияи мусиқии суннатиро фаро гирифт. Дертар, соли 1980, он ба кафедраҳои «Таърих ва назарияи мусиқии халқии озарбойҷонӣ» ва «Созҳои халқӣ» тақсим гардид. Ниҳоят, соли 2000 мактаби олии мустақил – Консерваторияи миллӣ таъсис ёфт.

ҳаммуаллифони сабти нотавии Шашмақом ҳастанду ва ҳам (бо композитор Ю. Тер-Осипов) муаллифони достони симфонии «Сегоҳ» – нахустин асар дар *симфонизми мақом*-и тоҷикон.

Соли 1972 бо амалҳои профессор Ф.М. Кароматов, мушаххасан бо таъсиси кафедраи мусиқии Шарқ дар Консерваторияи давлатии Тошканд ба номи М. Ашрафӣ, зуҳуроти мақомшиносӣ дурахшид. Дар Душанбе таъсиси кафедраи мусиқии Шарқ (1979) аз ибтидо асосан дар доираи омӯзиши Шашмақом қарор гирифт[11]. Ва тадриҷан, аз солҳои 90-ум, бо фаъолияти омӯзгории устод Одина Ҳошим (1937 – 1993) омӯзиши фалаки кулобӣ низ роҳи худро ёфт[12].

I.3. Мақомоти тоҷик зимни мусиқии Шарқ

Шарқшиносии мусиқӣ ҳамчун шохаи илми мусиқишиносӣ тавонист дар илми мусиқии ҷаҳонӣ масъалаи аҳаммияти таърихии фарҳанги мусиқии халқҳои Шарқро дар тамаддуни ҷаҳонӣ бардорад. Тамаддунҳои қадими Шарқ дар миқёси ҷаҳонӣ мавқеи асоспоягузории фанҳои гуногунро доранд ва фанни мусиқӣ дар он истисно нест.

Таърихан падидаи мақом аз ҳама қадимтарин зуҳуроти хешро дар рагаи ҳиндӣ ба амал овардааст. Нахустин бор дар бораи системаи муайяни мусиқӣ – *ҷатӣ* дар «Нат’я-шастра» – рисола оид ба санъати рақс, мусиқии овозӣ ва созӣ («сангит»), ки ба Бҳарата (асри I то милод – I милодӣ) тааллуқ дорад, гуфта шудааст. Системаи ҷатӣ, ки дертар унвони *рага*-ро ба худ гирифт, зуҳуроти нахустини системаи мақомот мебошад. Эҳтимол системаи Ҳафтпардаро Борбад зери нуфузи он тартиб додааст, зеро ки дар дарбори Хусрави Парвиз ҳунармандони ҳиндӣ низ фаъолият мекарданд [22; 28; 42]. Эҳтимолияти нуфузи рага ба пайдошавии системаи Борбад аз он аст, ки тибқи сарчашмаҳои хаттӣ рагаи ҳиндӣ қаблан, дар асри V, ҳамчун системаи мусиқӣ муаррифӣ гардида буд [111]. Вале дар қиёс ба он, Ҳафтпардаи мардуми форс-тоҷик аз ибтидо ба рақс пайвастагие надошт ва он дар асоси мусиқии таҳҷоии форс-тоҷик ва одобу зебоифаҳмии ин мардум сохта шуда буд.

---

[11] Ҳарчанд ки дар баробари он омӯзиши мусиқии Бадахшон низ оғоз гардид, вале он бо тадриси сетор, ки Муҳаммадато Таваллоев (1934-2013) мебурд, маҳдуд буд.

[12] Бояд қайд кард, ки композитор Абдуфаттоҳ Одинаев (1938 – 2010) дар ҷаласаҳои Шурои Олимон ИДСТ ба номи М.Турсунзода ҳамеша масъалаи зарурати омӯзиши Фалакро мебардошт. Муаллифи ин сатрҳо, ки солҳои 1981 то 1997 (бо каме таваққуфҳои мобайнӣ) вазифаи мудирии ин кафедраро ба уҳда дошт, шоҳиди талошҳои пайопайи ин донандаи Фалак ва композитори маъруф буд. Сониян, бо таъсиси консерватория (2003) соли 2014 (дар давраи ректории Ф.А. Азизӣ) кафедра ба факултети мусиқии суннатӣ табдил дода шуд. Асоси барномаи таълимии ин факултет Шашмақом, мақомҳои маҳаллӣ ва Фалак мебошад. Ва Фалак бо ду шохаи аслии худ – фалаки кулобӣ ва фалаки помирӣ омӯхта мешавад.

Дар давраи фарҳанги исломӣ мамолики Шарқи мусулмонӣ, яъне як қатор кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ҳамчун минтақаи дорои системаи ягонаи фалсафӣ-эстетикӣ муддати якчанд аср вуҷуд доштанд. Ва маҳз дар ҳамин давра халқҳои турку араб илму ҳунари мақомро аз худ намуданд. Дар асрҳои минбаъда падидаи мақом дар заминаи мусиқии маҳалҳои алоҳида рушд ёфт ва шаклҳои миллии худро ба вуҷуд овард. Аз ибтидои фарҳанги исломӣ падидаи мақом яке аз мафҳуми марказии илми мусиқӣ дар тамоми қаламрави *Дорул-ислом*[13] мақбул гардид.

Аз асрҳои XVI – XVII, бо сабабҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ин халқҳо аз якдигар ҷудо, бидуни робитаи зич зиндагӣ намуданд ва ҳар як шакли мақом зимни мусиқии таҳҷоии худ рушду ривоҷ ёфт. Ин аст сабаби он, ки имрӯз мақомоти Шарқ дар ҳар як мамлакат фарқкунанда аст.

Ҳарчанд ки қадамҳои нахустин дар «кушоиши Шарқ» барои Аврупо дар асри XIX зоҳир гардид ва мусиқии суннатии профессионаливу халқии Шарқро барои композиторони Ғарб яке аз василаҳои нави оҳангӣ, зарбӣ, шаклсозӣ, мафҳумӣ табдил дода, ориентализми мусиқиро ба вуҷуд овард, ин фаҳмиш то ивазшавии равияҳои методологӣ нарасид. Танҳо омӯзиши бевоситаи амалияи мусиқӣ ва хусусан, шиносоӣ ва пажӯҳиши рисолаҳои мусиқии қурунивустоӣ имконият дод, ки фаҳмиши ҷаҳониён доир ба мусиқии Шарқ каме дигар шавад. Вале ин ҳам ҷараёни якранг набуд. Дар он мушкилӣ паси мушкилӣ меомад ва гиреҳе пайи гиреҳи дигаре кушода мешуд.

Дар мусиқии мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна имрӯз зери ин мафҳум падидаи хеле мушаххасу серпаҳлу фаҳмида мешавад. Калимаи арабиасли «мақом» дар ҳамаи забонҳое, ки ба системаи ягонаи мусиқии Шарқ дохиланд, мафҳуми мусиқии бисёрасраи суннатӣ-профессионалии ин мардумро ифода мекунад. Падидаи мақом новобаста ба серрангии худ дар ҳама ҷо бо ҳамин як калима ифода меёбад. Он танҳо аз рӯи талаффузи худ дигар аст: «мақом» ва «муқом» (дар Тоҷикистон – яке дар Шашмақому мақомҳои маҳаллӣ, дигаре – дар Фалак), «мақом» (Ӯзбакистон), «мақам» (мамлакатҳои Араб), «нуъба» / «навба» (мамлакатҳои Араби Мағриб: Алҷазоир, Тунис. Марокаш), «дастгоҳ» (Эрон), «муғам» (Озарбойҷон), «муқам» (Уйғури Чин), «рага» (Ҳиндустон ва Афғонистон). Вале новобаста ба гуногунии халқҳо падидаи мақом дар фарҳанги онҳо мавқеи якхела дорад, он мусиқии классикӣ маҳсуб меёбад.

Ба гунаҳои миллии мақомот дороии сози бунёдӣ-системавии худ аз ҳисоби асбобҳои халқи маҳаллӣ хос аст, чунончи, танбӯр – барои

[13] «*Дорул-ислом*» (арабӣ دارالإسلام) – «сарзамини ислом», «кишвари исломӣ», «маскани ислом») – номи мусулмонии ҷойгоҳу маконҳое (кишварҳое, сарзамине), ки мусулмонон зиндагӣ мекунанд. Нахустин бор аз тарафи асосгузори мазҳаби ҳанафия Имом Абуҳанифа (Имоми Аъзам) истифода бурда шудааст.

Шашмақом, думбра – барои фалаки кулобӣ, рубоби помирӣ – барои фалаки помирӣ (дар Тоҷикистон), танбӯр барои Шашмақом (Ӯзбакистон), сетор – барои рагаи ҳиндустанӣ (Ҳиндустони шимолӣ) ва вина – барои рагаи ҳиндии карнатак (Ҳиндустони ҷанубӣ), уд – барои мақам (мамолики Араб) ва нуъба (Араби Мағриб), тор – барои дастгоҳ (Эрон) ва муғам (Озарбойҷон), рубаб – барои муқами уйғурӣ (Син Сзяни Чин). Зери ибораистилоҳи *сози бунёдӣ-системавӣ* он дар назар аст, ки дар дастаи ҳамин соз системаи мақомоти мардуми номбурда ташаккул ёфтааст ва ин даста майдони садоии ин ё он гунаи мақомотро комил дар бар мегирад.

Дар асри XX, баъди пазируфтани ду шакли касбияти мусиқӣ, мақомотро дар арсаи байналмилалӣ мусиқии классикии Шарқ ном мегиранд. Аз ҷиҳати моҳият дар фарҳангу таърихи миллати хеш ва бо баъзе хусусиятҳо гунаҳои мақомоти Шарқ ба якдигар хеле қаринанд. Умумияте, ки аз ибтидо то имрӯз байни шаклҳои гуногуни мақомот ҷой дорад, дар доронии *заминаи назарӣ* (1), *сози бунёдӣ-системавӣ* (2) ва *системаи мусиқавӣ-лаҳнӣ* (3) зоҳир гардидааст.

Соҳибони мусиқии мақомот давраҳои умумиро дар тараққиёти худ паси сар кардаанд. Имрӯз рисолати мусиқии асримиёнаиро наметавон танҳо ба як мардум мансуб донист. Зеро ки овардаҳои рисолаҳои қурунивустоӣ барои як қатор халқҳо (на як халқ!) мавқеи заминавиро пайдо кардаанд, тақсимоти ҷуғрофии имрӯз танҳо дар асри XX пайдо шудааст. Инро набояд фаромӯш кард.

I.4. Зуҳуроти мақомоти тоҷик: гунаҳо ва даврабандӣ

Мусиқии суннатии профессионалии тоҷик бо падидаи «мақом» зоҳир гардидааст. Мақом – системаест, ки истифодаи қолабоҳангу қолабзарбҳоро зери низоми муайян дар ҷараёни шаклсозии асарҳои мусиқӣ (ҳам яққисма ва ҳам силсилавӣ) бо принсипи асл-фаръ ба кор мебарад. Тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад, «.. рушди мақам бо ду василаи заминавӣ зуҳур мегардад: фазо (василаи лаҳнӣ) ва вақт (замон). Сохтори мақам аз он вобастагӣ дорад, ки ин ҳар ду васила дар кадом дараҷаи таносубияти озод ва ё сабтшуда ҳастанд» [168].

Дар Тоҷикистон, ки мардумаш фарҳанги қадими мусиқиро дорад, мақом бо хеле серрангии худ зоҳир гардидааст. Зуҳуроти мақомоти тоҷик имрӯз дар се навъи макрожанр мушоҳида мешавад:

- Шашмақом
- Фалак
- мақомҳои маҳаллӣ

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон минтақаҳои пайдоиши ин гунаҳои онро шартан чунин нишон дод:

Расми 2. Харитаи пайдоиши мақомҳо дар Тоҷикистон

Ғановати мақомоти тоҷик на танҳо бо зарб, лаҳн, асоси оҳангӣ-интонатсионӣ, балки бо доираи жанрӣ, созҳои мусиқӣ ва мактаби иҷрокунандагӣ равшан зоҳир гардидааст.

Мусиқии суннатии тоҷик дар умум ду гуна аст – *мусиқии тоҷикони кӯҳистонӣ* ва *мусиқии тоҷикони водинишин*[14]. Аз ин рӯ, мақомоти тоҷик (мусиқии суннатии профессионалӣ) ҳам дар ин ду равия – дар фарҳанги мардуми водинишин бо жанри Шашмақом ва мақомҳои маҳалии тоҷик ва байни мардуми кӯҳистон – бо Фалак дар ду анъанаи он – фалаки кулобӣ (минтақаи Кулоб), фалаки помирӣ (имрӯз – вилояти автономии Бадахшони Кӯҳӣ) зуҳурот пайдо намудааст.

Шашмақом – мусиқии классикии тоҷик, дар байни тоҷикони шаҳрнишин дар охири асрҳои миёна, тахминан охири асри XVIII [140], пас аз рушди ҳафтсадсолаи системаи Дувоздаҳпарда /Дувоздаҳмақом, ҳамчун шакли мукаммалгаштаи ин система, ҷойнишини он гардидааст. Аз таърихи худ ба ҳар як тоҷик маълум аст, ки марказҳои давлатӣ ва фарҳангии миллатамон ҳамеша шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд буданд. Ва мантиқан дуруст аст, ки нахустзуҳуроти Шашмақом дар ин шаҳрҳо ба амал омадааст. Вале бо сабабҳои маълуми сиёсӣ-иҷтимоии солҳои 20-уми асри XX марказҳои фарҳангии тоҷикон, шаҳрҳое, ки Шашмақом зодаи тафаккури

[14] Дар илми мусиқишиносӣ чунин радабандӣ бори нахуст аз тарафи муаллифи ин сатрҳо пешниҳод шудааст [16, с.35, 296].

мусиқавии мардуми онҳост, Бухорову Самарқанди азиз (инчунин шаҳру деҳаҳои зиёди дигари тоҷикнишин) бо сиёсати «табартақсимӣ»-и советӣ на ба Тоҷикистон, балки ба кишвари навтаъсиси Ӯзбакистон тааллуқ дониста шуданд. Тоҷикистони шуравӣ асосан бо маҳалҳои кӯҳистонии тоҷикон маҳдуд карда шуд. Ин маънои онро дошт, ки фарҳанги шаҳрии тоҷиконро ба Ӯзбакистон доданд. Гурӯҳи зиёди зиёиёни асили тоҷик ба пойтахти нави Тоҷикистон кӯч баста бошанд ҳам, вале аҳолии ҳамаи мавзеъҳои тоҷикнишин феълан наметавонист ҷои зисти худро иваз кунад. Ӯзбакистони шуравӣ дар асоси фарҳанги шаҳрии тоҷикон фарҳанги худро сохт ва муваффақ ҳам шуд. Ин аст, ки имрӯз фарҳанги мусиқавии тоҷику ӯзбак хеле қарин аст.

Мақомдонони маъруфи тоҷик Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов ва Бобоқул Файзуллоев дар қатори зиёиёни зиёди дигар ба пойтахти нави тоҷикон – шаҳри Душанбе кӯч бастанд. Ҳар сеи онҳо намояндагони Мактаби классикии Шашмақом, аввал дар Бухорову Самарқанд мактаби устод-шогирдро хатм карда, аз устодони бузург мақомхониро омӯхта, сипас, дар Душанбе фаъолияти пурҷӯшу хурӯши худро оғоз намуданд[15].

Албатта, Шашмақомро дар Тоҷикистони онвақта мехонданду дӯст медоштанд. Ва он дар байни тоҷикони водинишини шаҳрнишин, хусусан водии Ҳисор, водии Вахш, водии Зарафшон, водии Фарғона маъмул буд. Вале омадани устодони асили Шашмақом ба шаҳри Душанбе баҳри фаъолияти мақсадноки рушди мақомхонии услуби Мактаби классикии Шашмақом буд. Бинобар ин фаъолият кардани онҳо дар пойтахти нави тоҷикон мавқеи ин шоҳасарро мушаххастару устувортар гардонид. Онҳо сарбаландона Шашмақоми классикиро аз пойтахти таърихӣ-фарҳангии қаблии тоҷикон ба пойтахти расмии нави Тоҷикистон оварданд.

Шохаи дигари мақомоти тоҷик – Фалак зодаи кӯҳистони тоҷик аст. Анъанаҳои асили он дар минтақаҳои Кулоб ва Бадахшон дар давраҳои қадимулайём ташаккул ёфта, то ба имрӯз расидаанд. Фалаки имрӯза роҳи таърихии беш аз ҳазорсоларо тай карда, сайқал ёфта, шаклҳои нав ба нави худро пешниҳод намудааст. Системаи лаҳнии худро Фалак аз даврai қадим то имрӯз нигоҳ доштааст. Албатта, Фалак ба замонҳову фаҳмишҳои гуногун мутобиқ гардида, имрӯз шакли мукаммалгардидаи худро ба мо маълум гардонида аст. Ҳоло Фалак дар ду анъанаи асили худ доираи васеъи жанриро фаро гирифтааст [16; 174].

Мақомҳои маҳаллии тоҷик таърихан дар амалияи мусиқии водиҳои тоҷикнишини Зарафшон ва Фарғона маъмуланд [212, с.161-167]. Имрӯз

---

[15] Дар бораи фаъолияти ин устодони асили Шашмақом, мардони ватанпарвар ва фидоӣ дар бобҳои марбути ҳамин китоб муфассал сухан хоҳад рафт.

дар ин водиҳо (аслан вилояти Суғд) мақомҳои маҳаллӣ хеле васеъ густариш ёфтаанд. Пайдоиш ва рушди ин мақомҳо бештар бо фаъолияти мактабҳои ҳунарии маҳаллӣ – мактабҳои мақомхонии Исфара, Хуҷанд, Истравшан, Панҷакент ва диг. вобаста буда, имрӯз низ дар амалияи мусиқии ин шаҳру ноҳияҳо хеле устуворанд. Мутаассифона, дар мусиқишиносии тоҷик коркарди илмии он то ҳол пурра ҷо надорад[16].

Мақомоти тоҷик дорои мактаби устод-шогирд ва илми худ аст. Ин мактабҳо бо гунаҳои минтақавӣ, маҳаллӣ, шахсӣ, авлодӣ, хонаводагӣ дар амалияи имрӯза низ устуворона фаъолият мебаранд [187].

Системаи мақомот дар таърихи тоҷикон роҳи рушди дарозро тай кардааст. Пайдоиши он ба давраҳои қадим тааллуқ дорад. Он аз ибтидо мазмуну моҳияту муҳтавои мусиқии суннатии профессионалии дунявиро дар бар гирифтааст. Пайдоиши нахустсистемаи мақомот Ҳафтпарда дар фарҳанги мусиқии форсу тоҷик дар асрҳои VI – аввали VII маънои пайдоиши мусиқии суннатии *профессионалии* тоҷикро дошт. Аз ин рӯ, имрӯз мураттиби ин система Борбадро асосгузори мусиқии суннатии профессионалии тоҷик ва Шарқ меноманд.

Зимни роҳи рушди таърихии мусиқии суннатии профессионали тоҷик муайян шудааст, ки мақом ҳамеша:

- падидаи мусиқии профессионалӣ аст;
- намунаи олии мусиқии дунявӣ мебошад;
- падидаи марказии мусиқии тоҷик ҳисобида мешавад.

Дар таърихи худ он замонҳои аз ҷиҳати сиёсиву иҷтимоӣ хеле мураккабро гузашта, мавқеи марказии худро нигоҳ дошта тавонистааст.

Мақомоти тоҷик се давраро аз сар гузаронидааст. Дар баробари зуҳуроти системаи нав, талқини нави мусиқӣ, ташаккули сози бунёдӣ-системавӣ, дигаршавии вазъи мактаби мақом (устод-шогирд) ва услуби тадрисии он нақши калон пайдо кардаанд. Бинобар ин, даврабандии мақомотро аз рӯи ин меъёрҳо ба амал овардан равост. Мушаххасан меъёрҳои даврабандӣ чунинанд:

- ташаккули системаи нави мусиқӣ;
- зуҳуроти сози бунёдӣ-системавӣ;
- фаҳмишу талқини нави мусиқӣ.
- мактаби устод-шогирд ва дастури таълимии он.

[16] Дар илми мусиқишиносии имрӯза, инчунин эҳтимолияти ҷо доштани анъанаҳои хоссаи мақомхонӣ дар минтақаи Дарвозу Рашт (Қаротегин) ҳаст. Ин мактаб бо услуби хоссаи сарояндагиву навозандагӣ хеле писандидааст. Вале касе то ҳол дар бораи ин падида таҳқиқи арзандаеро иҷро накардааст. Бинобар ин, бо таассуф бояд қайд намуд, ки ин гуфтаҳо дар илм то имрӯз ҳамчун фарзия боқӣ мемонад.

Мақомоти тоҷик дар таърихи худ бо се унвон маълум гардидааст: Ҳафтпарда, Дувоздаҳпарда/Дувоздаҳмақом ва Шашмақом Ҳар се системаҳои мақомҳои тоҷикони водинишин мебошанд. Шароити фарҳанги шаҳрӣ мусиқиро бо роҳи рушди хосса, мувофиқи дигаргуниҳои сиёсӣ-иҷтимоии шаҳр ва албатта, рушди илму ҳунар дар ҳаёти шаҳрӣ пурсуръаттар мегардонид. Вазъи кӯҳистон дигар аст. Устодони мусиқии кӯҳистони тоҷик аз давраҳои қадим аз пайи ҳифзи суннату дарёфтҳои ҷодошта саъй мекарданд. Аксарияти одоти кӯҳистониён бо табиат мустақим муносибат дошт. Ба маънои муайян ва мавориди мушаххас мусиқии кӯҳистонӣ гуфтугӯ бо табиат аст. Шакли дигари он, ки дар ҳуҷрабазм мегузашт, бештар дар шакли суҳбату талқин сурат мегирифт. Ҳар ду ифодагари тафаккури кӯҳистонӣ, на худнамоишдиҳӣ, на тамоюл ба пуршукӯҳӣ, балки ба самимият ва василаи сайқали дарку фаҳмиш, ифодагари саъйю кӯшиши фаҳмидани асли матлаб, фалсафаи зиндагӣ, вуҷудият равона мешавад. Чунин тамоюли эстетикӣ ба фаҳмидану дарки бештари табиат (дар ин ҷо ба маънои макрокосм) ва инсон (микрокосм) равона шудааст[17]. Мусиқии кӯҳистониён ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ алоқамандии бевосита надорад. Бинобар ин, дар умум он на ба ивазшавӣ, балки ба ҳифзу нигаҳдории он чизе, ки дар даст дорад, равона мешавад. Ин аст мантиқи он, ки дар мақомҳои кӯҳистони тоҷик нахустин системаи қадими он – чорпарда/чормуқом/чормодарон, ки дар давраҳои қадим падидаи Фалакро асосгузорӣ мекард, то имрӯз, новобаста ба рушди тадриҷи (эволютсия)-и бисёрасраи паси сар кардаи он, бо гунаҳои қадимии худ ва шаклҳои дар сатҳи ин рушд пайдошуда, устувор боқӣ мондааст.

I.5. Падида ва истилоҳи «мақом» дар мусиқии тоҷик

Мақомоти тоҷик дар роҳи рушди худ бо ду истилоҳи унвонӣ зоҳир гардидааст: «парда» ва «мақом». Падидаи мақом дар мусиқии тоҷик дар давраи қадим пайдо шудааст. Дар асри VI Борбад – навозанда, сароянда ва оҳангсози дарбори Хусрав Парвизи II мусиқии мардуми форс-тоҷикро пажӯҳиш карда, ба хулосае омад, ки он зери низоми ҳафт дараҷоти лаҳнӣ қарор дорад. Системаи офаридаи худро Борбад бо унвони *Ҳафтпарда* муаррифӣ кардааст. Чаро «парда»? Ба ақидаи мо аз он аст, ки падидаи «парда», бо вуҷуди он ки ифодакунандаи унсури асосии мусиқӣ аст, ҳамеша зери оҳанг аст, ҳамеша он «пӯшида» аст. Аз он ҷо, ки унсури

[17] Маълум аст, ки маънои «макрокосм» («коинот», «вуҷудият») ва «микрокосм» (аз юн. – «тартиби хурд», «коиноти хурд», «ҷаҳони хурд») – фаҳмиши фалсафиест, ки тибқи он инсон шакли хурди коиноту вуҷудият аст ва ҳар ду ба як қонун – қонунҳои табиат итоат мекунанд. Дар мавриди китоби ҳозир ин истилоҳҳо ҳамин маъноро доранд.

асосии мусиқӣ «пардапӯш», вале ба таври системавӣ фаъол аст, мафҳуми системаи Ҳафтпарда пайдо шудааст.

Зарурати иваз кардани калимаи форсӣ-тоҷикии «парда» ба калимаи арабӣ аз давраҳои аввали фарҳанги исломӣ ба миён омад. Аз таърихи фарҳанги тоҷикон маълум аст, ки дини ислом аз қадами аввал барои илмикунонии забони арабӣ дар кишварҳои имрӯзаи мусулмонӣ талошҳои зиёде кардааст [82]. Дар ин ҷараён арабикунонии забони илмии фанҳои гуногун ба амал омад ва илми мусиқӣ дар ин миён истисно набуд. Дар мақомот муаллифи асри XII Муҳаммад Нишопурӣ дар «Рисолаи мусиқӣ» системаи мусиқии замони худро бо унвони пешина дар низоми парда, ҳамчун Дувоздаҳпарда овардааст [77; 149, с.76-78]. Ва ниҳоят дар асри XIII – аввали XIV Маҳмуд Қутбиддини Шерозӣ мафҳумҳои «парда» ва «мақом»-ро ҳаммаъно (ба маънои *лаҳн*[18]) истифода бурдааст [141, с.122]. Баъзан ба ҷои онҳо истилоҳи «давр»-ро низ истифода мебарад. Ин мафҳумро чунин талқин медиҳад, ки «агар маҷмуи пайиҳамии савтҳо як октаваро пур кунад, онро *давр* меноманд» [141, с.94]. Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти Шерозӣ калимаи «мақом» бо калимаҳои «парда» ва «давр» ҳаммаъно омадаанд.

Калимаи «мақом» аз забони арабист ва дар мусиқӣ истилоҳи фаннӣ ҳисобида мешавад. Дар мақомоти тоҷик калимаи «мақом» вобаста ба лаҳҷа дар ду шакл ҷо дорад: «мақом» ва «муқом». Ин калимаи арабӣ дар давраи фарҳанги исломӣ дар ҷараёни арабикунонии забони илм калимаи сирф тоҷикии «парда»-ро дар мусиқӣ иваз кард. Ҳамчун истилоҳи мусиқӣ нахустмаънои ин калима ҷойи ангуштгузорӣ дар дастаи асбоби мусиқӣ,[19] (ки аввал парда меномиданд) мебошад [140, с.35]. Дар таълими услуби шифоҳии устод-шогирд яке аз иқдомҳои аввал ин аст, ки ба шогирд ҷойгиршавии ангуштонро дар дастаи асбоби мусиқӣ нишон медиҳанд. Дар ин маврид баъзан он маънои «пардабанд»-ро дар дастаи сози мусиқӣ ба худ мегирад. Дар таълими услуби шифоҳӣ хати нотавӣ ҷо надорад ва чунин услуби тадрис ва муайян намудани ин амал бо истилоҳи махсус хеле муҳим аст. Ин мафҳуми марказии таълим маҳсуб меёбад. Дар атрофи он мафҳумҳову фаҳмишҳои дигар оварда мешаванд. Хулоса, нахустмаънои дар назари аввал хеле содаи «мақом» на танҳо амали техникӣ-амалии иҷроиширо маънидод мекард. Дар рафти асари мусиқӣ ҷойгиршавии пардаҳо барои фаҳмиши *пардаи аслӣ* ва *пардаи фаръӣ* хеле муҳим аст. Пардаҳое, ки дар дастаи сози мусиқӣ собит ҷойгиранд, аҳаммияти

---

[18] Калимаи «алҳон» (инчунин дар шакли «лаҳн») дар рисолаҳои мусиқӣ ба ду маъно омадааст: «оҳанг» ва «ҷамъ» (дараҷоти лаҳнӣ) [141, с. 127].

[19] Ин маънои калима берун аз мусиқӣ низ ҷо дошт ва баъди дар мусиқӣ мавқеи марказии истилоҳро гирифтан низ он дар луғотҳо бо чунин маъно боқӣ мемонад. Масалан, дар луғоти асри XVII омадааст: «мақом – истодан ва ҷойи истодан, ҷойи иқомат» [165, с.513].

системавӣ доранд. Дар мавриди собит будан, онҳо иқтидор доранд ҳатто дар дастаи асбоби мусиқӣ системаро намудор кунанд. Дар ҳамин ҷараён «мақом» рафта-рафта ифодагари системаи асосии мусиқии суннатии форс-тоҷик (умуман Шарқ) гардид.

Падидаи мақом аз истилоҳи «мақом» дар фарҳанги тоҷик хеле қадимтар аст. Тавре ки қайд шуд, ин падида дар асрҳои VI – VII зери истилоҳи «парда» бо коркарди Борбад ба мусиқӣ ворид гардид. Дар рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ Борбадро «соҳиби илми парда» меноманд. Ин *илми пӯшидае* маҳсуб меёфт ва кас онро танҳо бо роҳи хосса, дар ҷараёни тадрисии мактаби устод-шогирд метавонист аз устод омӯзад. Зери истилоҳи «парда» нахуст на танҳо ҷои ангуштгузорӣ дар дастаи сози мусиқӣ (1), балки лаҳни мусиқии дараҷаи аввал, ҳамчун ҳафт пардаи аслӣ (дар системаи Ҳафтпарда) (2), жанри мусиқии силсилавӣ – хусравониёт (3), системаи мусиқӣ – Ҳафтпарда (4) фаҳмида шуд. Яъне унвони «парда» ҳам маънои «парда» ва ҳам маънои «система»-ро аз ибтидо пайдо карда буд.

Системаи Ҳафтпарда дар тули якчанд аср мукаммал гардид. Истифодаи калимаи мураккаби «Дувоздаҳпарда» дар «Рисолаи мусиқӣ»-и Муҳаммад Нишопурӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мусиқии асри XII ҳам калимаи «парда» ба маънои системаи мусиқӣ хеле устувор будааст. Ҳарчанд калимаи «мақом» аллакай аз асри IX (Форобӣ) ба мусиқӣ ворид гардида бошад ҳам, ҳатто дар асри XII ин калима маънои системаи мусиқиро нагирифта буд. Сафиуддин Урмавӣ (а.XIII) зери системаи мусиқии замони худ низоми адворро муайян карда, онро (дар тадқиқоти «Китобу-л-адвор») *системаи адвор* ном мегирад. Истилоҳи «мақом»-ро зери унвони Дувоздаҳмақом ҳамчун инъикоскунандаи системаи мусиқӣ нахустин бор Қутбиддини Шерозӣ дар асари энсиклопедии форсизабони «Дуррату-т-тоҷ...» истифода мебарад [141].

Бо ҳамин унвони системаи Дувоздаҳпарда дар асри XIII ба Дувоздаҳмақом табдил ёфт. Ин система то охири асри XVIII ташаккул ёфта, ба пайдоиши Шашмақом овард, ки то имрӯз он яке аз зуҳуроти олитарини тафаккури мусиқии тоҷик маҳсуб меёбад. Дар мусиқии суннатии кӯҳистони тоҷик истилоҳи «мақом» дар шакли «муқом» системаи мусиқии фалак – «чормуқом»-ро ташкил кардааст. Вале дар мусиқии кӯҳистони тоҷик ҳам системаи асосӣ бо ду унвони дигар – «чорпарда» ва «чормодарон» низ кор бурда мешавад. Аз ин бармеояд, ки истилоҳҳои «парда» ва «мақом» унвонҳои умумии системаҳои лаҳнии мақомоти тоҷик мебошанд (1), мақомоти тоҷик ҳамеша дар ягонагӣ ҳам дар мусиқии мардуми водинишин ва ҳам байни мардуми кӯҳистон якранг рушд меёфт (2).

Истилоҳи қадими «парда» имрӯз ҳам дар мақомоти тоҷик аз истифода берун нест. Баръакс, он хеле фаъол аст ва бо нигаҳдошти

нахустмаъноли худ – ҷои ангуштгузорӣ дар дастаи сози мусиқӣ (1), инчунин маънои дараҷаи лаҳниро (2) дар Шашмақом ва Фалак дорад.

Дар ин маврид сухан на дар бораи ҷараёни одии арабикунонии истилоҳоти илмӣ меравад. Он ҷараёни воқеии ташаккули заминаи наве, ки тафаккури илми пардаро ба сатҳи дигар баровард, ифода мекунад. Омили чунин ивазшавӣ он низ буд, ки «илми пӯшида»-и парда, дар рушди тадриҷи (эволютсия)-и худ паҳлуҳои дигари худро айён намуда, ба фаҳмиши замони нави асрҳои XIII – XIV мутобиқ мегардид. Илми пардаи тоисломӣ ба ҳамаи фаҳмишу ҷаҳонбинии давраи асримиёнаии исломӣ ҷавобгӯ буда наметавонист. Зеро ки асоси эстетикӣ-идеологии фарҳанги исломӣ аз давраи тоисломии он хеле дигар шуда буд. Дигаргунӣ дар мусиқӣ хеле равшан зоҳир гардид. Дар натиҷа илми пардаи тоисломӣ, ки «илми пӯшида» буд, дар рушди тадриҷии хеш ба «илми ҳолати муайян» (дар мусиқишиносии муосир истилоҳи Н.Г.Шахназарова) [200], *илми мақом* табдил ёфт.

Бо мурури замон, бархусус зимни Шашмақом, маънои истилоҳи «мақом» хеле васеъ гардида, калимаи «мақом» дар амалия ва илми мусиқӣ рафта-рафта маънoҳои дигарро низ пайдо мекунад. Имрӯз ин калима ба истилоҳи устувору маркази мусиқии суннатии тоҷик табдил ёфта, маъноҳои зеринро дар бар гирифтааст:

- системаи мусиқӣ (шашмақом, чормуқом)
- системаи лаҳнӣ (мақоми Бузург, мақоми Рост ва ҳоказо; муқоми якум, муқоми дуюм ва ҳ.)
- жанри мусиқии профессионалӣ (мақом, фалак)
- мусиқии классикӣ (Шашмақом, Фалак)
- услуби сароядагӣ ва навозандагӣ (мақомхонӣ, фалакхонӣ)
- асари силсилавӣ (Сарахбори Наво бо таронаҳо; Насри Уззол бо таронаҳо; Фалаки Қаландарӣ дар панҷ қисм ва ҳ.).

Хулоса, дар мусиқии тоҷик падидаи «мақом» нисбат ба истилоҳи «мақом» қадимтар аст: падидаи «мақом» аз асрҳои VI – VII ва истилоҳи «мақом» дар асри XIII пайдо шудааст.

Навъҳои мақомоти тоҷик Шашмақом ва Фалак лаҳну оҳангҳо, зарбу усул, доираи жанрӣ, мактаби иҷрокунандагии аз якдигар фарқкунандаро доранд. Анъанаҳои Фалак – мақомҳои кӯҳистони тоҷик, мустақиланд. Фалак системаи ибтидоии худ чорпарда/чормодарон/чормуқом-ро садсолаҳои зиёд нигаҳ доштааст.

Вале мақомҳои маҳаллии тоҷик бо забони мусиқӣ, услуби иҷрокунандагӣ, асоси лаҳнӣ-оҳангиву зарбӣ ва дигар ба Шашмақом хеле

ҳам қаринанд. Жанрҳои зиёди онҳо зери нуфузи Шашмақом пайдо шудаанд. Агар мақомҳои маҳаллии тоҷикро тибқи густариши водиҳои Зарафшон ва Фарғона қайд бикунем, онҳо мақомҳоеро монанданд, ки баъди таъсиси РСС Ӯзбакистон ва дар солҳои 30-юми асри ХХ кӯчонидани пойтахти он ба шаҳри Тошканд, тадриҷан дар кишвари ҳамсоя ба онҳо номи «мақомҳои фарғона-тошкандӣ» гузошта шуд. Дар ин бора мусиқишинос Оқилхон Иброҳимов қайд мекунад: «... Дар даҳсолаҳои охир онҳоро бо унвони «мақомҳои фарғона-тошкандӣ» (аниқтараш «роҳи мақомҳои фарғона-тошкандӣ») муайян мекунанд ... » [86, с.8][20].

Манзур чунин аст, ки ин унвон на он қадар хоси фарҳангӣ, балки олудагии сиёсӣ-фарҳангиро дорад.

Феълан ин мақомҳои водии Фарғона мебошанд, ки бо тақсими ин водӣ дар асри ХХ ба ду ҷумҳурии шуравӣ – Ӯзбакистон ва Тоҷикистон, маъмулии мақомҳо ҳам дар ҳар ду ҷумҳурӣ фаъол боқӣ мондааст. Албатта, падидаи мусиқиро наметавон мисли падидаи сиёсӣ ба ду тақсим кард ва ё маъмулии онро қатъ намуд. Бинобар ин мардуми водии Фарғона дар ҳар ду ҷумҳурӣ онҳоро ба таври худ ривоҷу равнақ дода, то ба имрӯз расонидааст. Воқеан мақомҳои маҳаллии тоҷик аз мақомҳои фарғона-тошкандӣ бо забони шеърии худ фарқ мекунанд, на он қадар бо унсурҳои сирф мусиқавӣ. Дар илми мақомшиносии муосир ин навъи мақомҳо ҳанӯз пурра омухта нашудааст[21].

Дар Тоҷикистони имрӯза ин мақомҳоро «мақомҳои маҳаллӣ» меномем, зеро ки имрӯз онҳо тавассути мактабҳои маҳаллии мақомхонӣ, аз ҷумла «Мактаби мақомхонии Исфара», «Мактаби мақомхонии Хуҷанд», «Мактаби мақомхонии Истравшан», «Мактаби мақомхонии Конибодом» ва дигарон. Ва ҳарчанд ки Панҷакент дар водии Зарафшон ҷой мегирад, «Мактаби мақомхонии Панҷакент» низ аз навъи ҳамин мактаби маҳаллии мақомхонист. Ин мактабҳои маҳаллӣ дар дохили худ мактабҳои авлодӣ, мактабҳои хонаводагӣ ва мактабҳои маҳалҳои хурдтарро дар бар мегиранд. Хусусияти ин мактабҳо он аст, ки ҳар яки он байни дигарон фарққунанда аст, намояндагони пурифтихори худро низ дорад. Мушоҳида мешавад, ки чунин мактабҳо дар таърих тамоюли сохтани «Мактаби минтақавии Фарғона»-ро надоштанд. Баръакс ҳар як намоянда хоси мактаби худро ҳифз мекард. Барои ба даст овардани хулосаҳои саҳеҳи илмӣ мебояд эҷодиёти намояндагони маъруфи онҳо, аз зумраи классикон Умар Ҳофиз,

---

[20] Яке аз унвонҳои қаблии ин мақомҳо (бо назардошти дороии силсилаҳои созӣ-овозии Баёт, Дугоҳ Ҳусайнӣ, Чоргоҳ ва Гулёр-Шаҳноз) «Чормақом» ҳам буд. Вале мақомшиноси маъруф И.Раҷабов беасосии ин ақидаро исбот намуда, онро аз илм берун кард [86, с.7-8].

[21] Шояд ягона таҳқиқоти нисбатан муфассал дар бораи мақомҳои водии Фарғона китоби мусиқишиноси узбак доктори илмҳои санъатшиносӣ Оқилхон Иброҳимов бошад [86].

Зебопарӣ, Содирхон Ҳофизи бузург ва дигаронро комилан таҳқиқ кард. Китоби ҳозир чунин ҳадафро надорад. Ҳофизону навозандагони асри ХХ-и ин водӣ ба монанди Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Боймуҳаммад Ниёзов, Мирзоқурбон Солиев, Искандар Бобоев, Ҷӯрабек Набиев, Темур Ҷалолов, Сироҷ Сафаров, Баёнқул Облоқулов, Умриҷон Баҳриев, Абдураҳим Шерматов, Исмонҷон Юсупов, Ҳабиб Почокалонов ва дигарон ба мазмуну моҳияти ин мактабҳо дурахши худро гузоштаанд. Бинобар ин мавзуи «Мавқеи фаъолияти мактабҳои маҳаллии мақомхонии тоҷик» амалҳои мукаммали таҳқиқиро металабад. Мутаассифона, дар мусиқишиносии тоҷик ҷойи ин амалҳо то ҳол пурра нест. Ҳарчанд ки муҳаққиқону мусиқишиносон Н.Ҳакимов, С. Худойбердиев, Ф.Рофиева, Б. Саидкаримов ва дигарон ба баъзе паҳлуҳои он китобҳо навиштаанд. Муҳаққиқ-дуторнавоз С. Худойбердиев бо ҷалби насли наврас фаъолияти ин мактабҳоро роҳандозӣ намудааст [188].

Муҳим он аст, ки мақомҳои маҳаллии тоҷик имрӯз дар роҳи анъанаҳои зиндаи амалкунанда қарор доранд: онҳоро менавозанду месароянд, аз насл ба насл меомӯзонанд. Албатта, дар ин ҷараён талқиноти нав пайдо мешавад. Ҳамаи ин ҷараён дар услуби хоссаи суннатӣ – услуби шифоҳӣ ривоҷу равнақ ёфта истодааст. Ин аз далелҳоест, ки унсурҳои суннатӣ роҳи худро дар замони муосир меёбанд.

Хусусияти дигари системаи мусиқӣ-лаҳнӣ дар мақомот тавассути асбоби мусиқии бунёдӣ-системавӣ зоҳир мегардад[22]. Вобаста ба теъдоди дараҷаҳо, фосилаи байнидараҷавии онҳо навъи дараҷоти лаҳнии ин ё он навъи мақомот муайян мешавад. Дар шароити шифоҳӣ мақомоти Шарқ шаклҳои гуногуни дараҷотро соҳиб гаштааст. Тибқи гунаҳои маъмулии дараҷот дар мақомоти тоҷик се гунаи сози бунёдӣ-системавӣ ҷо дорад. Дар Шашмақом танбӯр дорои дастаи дарози пардадор буда, дараҷоти авҷҳои баланди мақомҳоро таҷассум менамояд. Гумон аст, ки авҷҳои баланди лаҳнӣ зарурати ивази сози бунёдӣ-системавиро дар Шашмақом ба вуҷуд оварданд. Ва дар натиҷа танбӯр бар ивази уд омад.

Сози бунёдӣ-системавии фалаки кулобӣ – думбра – дорои дастаи кӯтоҳи бепарда мебошад. Мантиқи чунин шакл дар он аст, ки дараҷоти асарҳои Фалак ҳаҷман кӯтоҳтаранд, ва фосилаи байнидараҷавии дараҷот дар Фалак асосан нимпарда (ва хурдтар аз он) аст. Дар фалаки помирӣ вазифаи сози бунёдӣ-системавиро рубоби помирӣ мебозад. Ин соз хусусияти сози такнавозиро дорад, на оҳангиро. Вале ин такнавозии асоспоявӣ (фундаменталӣ) аст, на ёрирасон. Бинобар ин бидуни рубоби помирӣ иҷро кардани фалаки помирӣ имконнопазир мегардад.

[22] Саҳеҳтар, умуман дар мусиқии профессионалӣ аст. Масалан, барои системаи мажорӣ-минории мусиқии профессионалии аврупоиасос сози фортепиано чунин нақшро бозидааст.

Вобаста бо истилоҳоти мақомоти тоҷик баҷо аст, агар дар бораи баъзе фарқияти дигар низ ин ҷо хотиррасон кунем. Ин нозукиҳои мафҳумиеанд, ки аз асри XX ин ҷониб дар мусиқии тоҷик қабул шудаанд.

Зимни мусиқии аврупоиасос оҳангсозро «композитор» номида, зери он нафареро мешинохтанд, ки он дар жанрҳои аврупоиасос мусиқӣ эҷод менамояд ва асари худро ба таври хаттӣ – сабти нотавӣ пешниҳод менамояд. Дар фарҳанги суннатии тоҷик офаранда ё эҷодкори мусиқиро «бастакор» (ё «оҳангсоз») меномиданд, лекин таърихан ин касби мустақил набуд. Онро ҳамеша дар мафҳуми «мақомхон», «фалакхон», «сароянда», «навозанда» дар назар доштанд. Агар ба маънои ҳар дуи ин калимаҳо – «композитор» ва «бастакор» – назар афканем, онҳо якканд. Калимаи «композитор» аз лотинӣ *compositor*, аз феъли *componere* – «эҷод кардан», «мураттаб гардондан» пайдо шудааст. Дар он *ponere* – маънои «сохтан», «тасвир кардан»-ро дорад[23]. Калимаи «бастакор» аз забони тоҷикӣ, иборат аз «баста» ва «кор» ба маънои «корбаст намудан» истифода карда мешавад. Вале набояд фаромӯш кард, ки истилоҳи «кор» дар рисолаҳои мусиқии қурунивустоӣ ба ҳайси унвони жанрии асари мусиқӣ ва васеътар, ба маънои «асари мусиқӣ», «композитсияи мусиқӣ» вомехӯрад. Аз ин рӯ, калимаи «бастакор» маънои «офаридани асари мусиқӣ»-ро дорад. Дар баробари ин, дар мақомот калимаҳои мураккаби «мақомбандӣ», «муқомбандӣ», «банду басти оҳанг» (яъне «оҳангсозӣ») низ маълуманд, ки аз решаҳои «банд», «баст» мебошанд. Ва зимни ин ибораҳо хусусияти асосии офарандаи мусиқӣ зимни мақомот намудор мегардад. Дар анъанаҳои мақомот маҳорати офарандаи асари мақомиро аз ҳунару малакаи «бастани» зарбу аслу фаръи мақомҳо дар асар («кор»)-и мусиқӣ баҳогузорӣ менамуданд[24].

Хулоса, ин ду истилоҳи фавқуззикр – «композитор» ва «бастакор» – ба заминаи мусиқавӣ ба як маънои «эҷодкори асари мусиқӣ» ворид гардиданд[25]. Аз асри XX сар карда, дар фарҳанги мусиқии тоҷик

---

[23] Ин истилоҳ дар сеяки аввали асри XVIII дар Европа (Итолиё) ҳамчун истилоҳи мусиқӣ қабул шудааст [226; 227].

[24] Унвони жанрии «кор» зимни Дувоздаҳмақом ва давраи аввали Шашмақом ҳам дар баёзҳо вомехӯрад. Вале дар Шашмақоми солҳои 20-уми асри XX ин истилоҳ аллакай аз байн рафт. Шояд аз он, ки унвонҳои жанрии «кор» ва «амал» ҳаммаъноанд. Аз ин рӯ, яке бимонду дигар бирафт. Фарзияи дуюм онро мешуморем, ки сабабҳои сиёсии онвақта талаб мекард ба шоҳасар Шашмақоми тоҷикӣ унвонҳои хоссае бахри васфи сарварони манғит ворид шавад. Аз ин ҷост, ки маҳз дар замони сарварии манғитиён унвонҳои «кор»-у «амал» ҳамчун унвонҳои жанрӣ ба унвонҳои номатлуби «муғулча»-ву «қошғарча» иваз карда шуданд, ки феълан маънои «муғулӣ» ва «қошғарӣ»-ро доранд. Дар ин ҷараёни мураккаб истилоҳи жанрии «кор» дар калимаи мураккаби «бастакор» боқӣ монду ҳамчун унвони жанрӣ аз байн бирафт. Соли 2015 истилоҳи «амал» дар Тоҷикистон барқарор гардид.

[25] Тааҷҷубовар аст, ки новобаста ба заминаи гуногуни ҷуғрофиву мусиқавӣ (яке дар Аврупо, дигарӣ дар шаҳрҳои маркази тоҷикон – Бухорову Самарқанд) давраи воридшавии ин

офарандаи навъи мусиқии аврупоиасосро – «композитор» ва офарандаи асарҳо дар анаъанаҳои мусиқии суннатии тоҷикро – «бастакор» (ё «оҳангсоз») ном мегиранд.

Дар асри XX композиторони тоҷик мекӯшиданд дар жанрҳои ғарбӣ-аврупоии мусиқии классикӣ зарбу оҳангҳои мусиқии суннатии худро истифода баранд. Ин василаи мантиқие буд, ки бо он композиторони тоҷик ба жанрҳои аврупоӣ талқиноти худро медоданд. Иқдоми сонии ин ҷараён якҷокунии жанрӣ буд. Ниҳоят, композиторон тафаккури мусиқии ғарбӣ ва шарқиро дар як асар нишон доданро амалӣ карданд. Падидаи марказии мусиқии суннатии профессионалӣ – мақомро зимни жанрҳои аврупоиасос ва ҷараёни композитсионӣ-драматургии ҳар ду талқин намуданд. Ин кӯшишҳо ба ташаккули жанри нави мусиқӣ бо номи «симфонизми мақом» овард. Падидаи симфонизми мақом дар эҷодиёти композитории ҷумҳуриҳои Шарқи Советӣ (Осиёи Миёна ва Қавқоз) зери унвонҳои жанрии «мақоми симфонӣ» (Тоҷикистон, Ӯзбакистон), «симфония-мақом» (Тоҷикистон, Ӯзбакистон), «муғами симфонӣ» (Озарбойҷон), «муғам-опера» (Озарбойҷон), «мақом-симфония» (Тоҷикистон, Ӯзбакистон), «фалаки симфонӣ» (Тоҷикистон) ва дигар зоҳир гардид.

Композиторони тоҷик, новобаста ба заминаи таълимии академии хеш, аз забони модарии мусиқии худ даст накашида, дар муддати кӯтоҳ дар эҷодиёти худ роҳеро аз «иқтибос» то якҷошавии тафаккури мусиқии суннатӣ ва академӣ пуршарафона тай намуданд. Хусусияти ин падида якҷо намудани дарёфтҳои баландтарини тафаккури мусиқии суннатии профессионалии Шарқ (мақомот) ва мусиқии профессионалии Ғарб (симфонизм) мебошад. Аз охири асри XX илми мусиқӣ ба фаҳмиши баробарарзишии мақомоти Шарқ ва симфонизми аврупоӣ расида, ин ҳар дуро ҳамчун зуҳуроти баландтарини неруи мусиқавии башарият дар ду навъи профессионализми мусиқӣ меҳисобад [200; 221].

истилоҳҳо ба мусиқӣ як замон аст – асри XVIII. Ва дар ҳар ду маврид – композитор ва бастакор – офарандаи асари мусиқист.

ФАСЛИ ДУЮМ
ДАВРАИ АВВАЛИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ ДАР МУСИҚИИ ТОҶИК (асрҳои VI – аввали VIII)

II.1. Фаъолияти Борбад

Ба гуфтаи мусиқишинос В. Виноградов: «Номи Борбад (Фахлабад) дар Шарқ, хусусан дар ватани ӯ – Осиёи Миёна хеле машҳур аст. Шаҳри ӯ Марв аз қадим бо суннатҳои ғании мусиқӣ фарққунанда буд» [55; 120]. Борбади Марвазӣ[26] (585/88 – 628/638) мутриби бомаҳорат, аз шаҳри тоҷикнишини Марв [120] ба маркази фарҳангии онвақтаи мардуми форс-тоҷик шаҳри Тайсафун (ар. – Мадоин), ба дарбори Сосониён, бо умеди хидмат дар дарбор ва ҳамкориҳо бо сарояндагону навозандагони машҳури замон сафар кард. Зодаи шаҳраки Наса (шимоли Хуросон), Борбад аз оилаи зиёӣ баромадааст. Вале бо сабаби номусоидии иқлими Наса, падару модари Борбад дар овони наврасии ӯ ба шаҳри ободи Марв кӯчидаанд. Падари Борбад ба сарояндагӣ ва шоирӣ майл дошта, писарашро аз хурдӣ бо гуногунрангии мусиқии суннатии мардуми тоҷик шинос мекунад [52, с.49]. Маълумоти мусиқии ибтидоиву миёнаро Борбад дар шаҳри Марв аз падар ва устодони ин макон мегирад. Ӯ аз хурдӣ бо қобилияти мусиқавии худ байни ҳамсолонаш фарқ мекард. Бо ҳавасу орзуҳои ҷавонӣ баҳри омӯзишу эҷоди мусиқӣ Борбад ба пойтахти давлати Сосониён – шаҳри Тайсафун меояд. Борбад ният дошт, ки дар дарбори шоҳи сосонӣ дар ҳамкорӣ бо навозандагону сарояндагони халқҳои дигар, барои боз ҳам суфта гардидани маҳорату рушд ёфтани лаёқати ӯ заминаи хеле мусоиде муҳайё мегардад. Дар замони шоҳигарии Хусрав Парвизи II (590 – 628) мусиқипазироии ин шоҳи сосонӣ дар Суғду Бохтар низ шуҳрат пайдо карда буд [120]. Борбад аз ин дарбор муносибати арзанда ва парастиши ҳунари худро интизор буд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Сарчашмаҳои хаттӣ (таърихномаҳо, асарҳои бадеӣ, рисолаҳои мусиқӣ) дар бораи Борбад маълумотҳову ривоятҳои зиёдеро овардаанд. Масалан, Дар «Ғиёсу-л-луғот» омадааст: «Борбад дар фанни мусиқӣ маҳорати азим дошт...» [67.I, с.109]. Вале дар рӯзгори худ мисли инсони одӣ муаммоҳои печидаву рашки эҷодиву фоҷиаҳоро аз сар гузаронидааст. Борбад то ба хизмати дарбор

[26] Фарзия ҳаст, ки «Борбад» лақаби ӯст, ки дар дарбор ба ӯ гузоштаанд. Дар «Ғиёсу-л-луғот» омадааст: «.. «бор» ба маънии «дахл», «рухсат» аст ва «бад» ба маънои «Худованд», «доранда» ... Чун Парвиз ӯро ҳукми духули маҷлис .. .. дода буд, лиҳозо ба ин лақаб мулаққаб гардид..» [67.I, с.109]. Дар сарчашмаҳои хаттии асримиёнаӣ ӯро инчунин «Баҳлабад», «Баҳрабад», «Фахарбаз», «Фаҳлабад», «Паҳлапат», «Фахлабаз», «Фалаханд», «Фалахбад», «Балахбад», «Фахлиз», «Фахриз», «Фахрабад», «Фахрабанд», «Балахбаз», «Фахлбаз», «Бахлабанд» ва ғайра меноманд [70, с. 153; 83, с. 389; 217, с.79].

омадан аллакай шуҳратманд шуда буд. Ва омадани ӯ алангаи рашки баъзе аз ҳаммаслакони ӯро фузунтар гардонид. Дар ин қатор сарчашмаҳои хаттӣ Саркашро[27] ном мегиранд. Дар бораи Саркаш ва Борбад мегӯянд, ки ҳар ду ромишгароне буданд, ки ба маҳорати беҳамтои онҳо каси сеюмине баробар шуда наметавонист. Вале ин вазъ омили душвориҳое гардид.

Пайдоиши худро дар дарбор Борбад тавассути асари «*Сабз андар сабз*» ба амал овардааст. Ривояти онро чунин овардаанд: «.....Чун шоҳ зери дарахти сарв ба бодагусорӣ пардохт, Паҳлабад дасте ҷомаи дебои сабз ба тан кард ва бар дарахти болои базми Парвиз даромад ва дар миёни шохаҳои сарв ҷо гирифт, чунонки бо ҷомаҳо ва сози сабза аз баргҳои дарахт ҷудо набуд. Шоҳ бо ҳамдамони хеш даромаду нишаст ва дигарон ҳар як дар ҷои худ дар пешгоҳ нишастанд. Чун Парвиз ҷом баргирифт, то бинӯшад, Паҳлабад удро ба овоз даровард ва овои хушу шодибахш сар дод, ки касе чунон овозе нашунида буд. Ин ҳамон пардае аст, ки ба «Яздонофарид» номбардор аст. Парвиз аз шодӣ такон хӯрд ва пурсид, ки навозанда кист? Ҳар чи ҷустанд, ӯро наёфтанд. Парвиз ҷоми дуввумро баргирифт. Паҳлабад дубора созро ба наво даровард ва овое чун «Тавонгарӣ пас аз дарвешӣ» бинавохт. Ин парда ҳамон аст, ки ба «Партави Фархор» номбардор аст. Дил аз дасти Парвиз бишуд ва гуфт: Ваҳ, чӣ овое! Ҳама андомҳо орзу доранд, ки эй кош гӯш буданд. Дубора фармуд, ки навозандаро биҷӯянд. Боз ҳам ҷустанд ва ӯро наёфтанд. Ҷоми савумро баргирифт, бад-он умед, ки овози гӯшнавозро боз шунавад. Паҳлабад боз соз баргирифт ва овое сар дод, ки ба нолаи навои соз ҳамаро афсун кард. Ва пардаи номвар ба «Сабз андар сабз»-ро навохт. Парвиз дигар хештандорӣ натавонист кард ва худ аз ҷо бархосту гуфт: ин навозанда ҷуз фариштае нест, ки Худованд ӯро барои шодӣ ва баҳрамандии ман фиристодааст. Он гоҳ овоз баровард, ки эй некӯкори бузургвор! Ту ки гӯши маро бо овозат баҳраманд кардӣ, чашмро низ ба дидорат бинавоз, то ки шодии маро бе камукост гардонӣ. Паҳлабад аз дарахт фурӯ омад ва ӯро намоз бурд. Парвиз ба ӯ хушомад гуфт ва ӯро ба худ наздик кард ва аз саргузашташ пурсид. ..... Пас ӯро ... ...сарвари навозишгарони пешгоҳ кард... » [12, с.340–341].

Шоҳ Хусрави Парвиз Борбадро беҳтарин навозанда пазируфта, роҳбари мутрибони дарбораш таъйин намуд. Хусрави Парвиз суннати пазироии ҳунарро, ки ба дарбори Сосониён хос буд, хеле устуворона риоя мекард. Маълум аст, ки подшоҳони сосонӣ ҳама ба мусиқӣ шавқ доштанд. Сосониён мусиқиро ҳамчун шуғли ашрофӣ баҳо медоданд. Мавқеи

[27] Дар сарчашмаҳои таърихӣ номи ин хунёгар ба шаклҳои зерин вомехӯрад: Саркас, Саргиш, Саргаш, Саркаш. Баъзе муҳаққиқон ӯро ромишгари юнониасл медонанд, ки номи аслиаш Сирҷинюс мебошад [83, с.391].

сарояндаву навозанда умуман дар Шарқи қадим хеле баланд буд «...воқеан дар сохтори қиршии ҷомеаи қадим мавқеи онҳо болотар аз вазифадорони ҳукуматӣ, ҳатто баъзан баъди подшоҳон ҷойгир мешуданд..» [61, с.37]. Мусиқӣ яке аз чаҳор шуғле буд, ки ҳар як ашроф бояд аз худ мекард. Дарбори Хусрави Парвиз ҳунармандони зиёд дошт. Сарчашмаҳои хаттӣ номҳои сарояндагону навозандагон (хунёгарон)-и дарбориро меоваранд, аз ҷумла, якҷо бо Борбад дар ин дарбор Саркаш (568 – 625), Накисои Чангӣ (549 – 623), Озодвари Чангӣ (592 – 650), Бомшод (с.т. – с.ф. номаълум), чангнавоз Ромтин (557 – 620), Саркуб (с.т. – с.ф. номаълум), Робуст (с.т. – с.ф. номаълум), Фитна (с.т. – с.ф. номаълум), Гесуи Навогар (587-640) ва дигарон фаъолият мекарданд [120, с.11].

Таърихномаҳову асарҳои бадеӣ ин номҳоро бо шарҳи фаъолият ва мероси мусиқӣ меоваранд. Масалан, асарҳои мусиқии «Ҷомадарон», «Наврӯз», «Пардаи Рост», «Роҳи Ушшоқ», «Пардаи Ёқут»-ро ба Накисои Чангӣ мансуб медонанд. Дар ин бора Низомии Ганҷавӣ дар достони «Хусрав ва Ширин» чунин овардааст:

Накисо бар тариқе к-он санам хост,
Фурӯ хонд ин ғазал дар пардаи Рост.

Шукуфта чун гули Наврӯзу наврaнг,
Ба Наврӯз ин ғазал дарсохт бо чанг. [138, с.47]

Ва ё дар ҳамон ҷо дар бораи Накисо Низомии бузург меоварад:

Накисо номи марде буд чангӣ,
Надими хоси Хусрав пири чангӣ[28]*,*

К-аз ӯ хушгӯтаре дар лаҳни овоз.
Надид ин чангпушти арғунун соз. [138, с.46]

Ба Ромтин асарҳои «Ромиши ҷон», «Ромтин», «Ромишхон», «Созгорӣ»[29]-ро мансуб медонанд [138, с.44–45]. Дар бораи маҳорати ӯ Низомии бузург чунин гуфтааст:

Ба дастон дӯстонро киса пардоз,
Ба захма захми дилҳоро шифо соз. [138, с.45].

Навозандагон Саркӯб ва Саркаш (Саркис)-ро Фаррухии Систонӣ ёдовар мешавад:

---

[28] Дар сарчашмаҳои форсӣ «Надиме хос амире, сахтсанге» омадааст.

[29] Ин истилоҳ дар асри XIII дар рисолаи «Дар иншиоби усул ва фурӯъи мусиқӣ» дар асари энсиклопедии «Эҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ вомехӯрад [30].

Доим аз мутрибони хеш ба базм,
Ғазали шоирони хеш талаб.

Мутрибонат чу Саркӯбу Саркаш,
Шоиронат чу Рӯдакиву Шаҳид [138, с.68].

Саркашро муаллифи асарҳои мусиқии «Варшон», «Сесам», «Саркаш», «Кисрӣ», «Сарандоз», «Шодвард». Ҳамаи унвонҳои асарҳои ин ромишгарони маъруф дар достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои Низомӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон саршор оварда шудаанд.

Дар давраи Хусрав Парвиз байни мутрибони дарборӣ мутрибаҳо низ фаъолият мекарданд. Эҷодиёти онҳо аз мардон фарқ намекард. Аз ҳамзамонони Борбад сарчашмаҳои хаттӣ ду нафар – Озодвари Чангӣ ва Гесуи Навогарро ном мегиранд. Фирдавсии бузург ин ҳар дуро чунин васф намудааст:

Яке мушкинозу яке мушкинак,
Яке ноздонак, дигар савсанак.

Ҳаме чомаи гуфтанд Баҳромад,
Шоҳаншоҳӣ бо дониш комро [138, с.48]

Озодвари Чангӣ ансамбли духтарони чангнавозро дар дарбор таъсис медиҳад, худ мусиқӣ эҷод мекунад. Байҳақӣ мегӯяд: «Зани хуросонӣ дар сурудан ва чангнавозӣ беҳамто буд. Ӯ офарандаи асарҳои мусиқист..» [138, с.48]. Байни асарҳои ӯ «Озодвар» ва «Полизбон» дар амалияи мусиқӣ хеле машҳур буданд ва онҳоро шоир Манучеҳрӣ чунин васф кардааст:

Ин зинда бар чангҳои суғдиён «Озодвар»
В-он зинда бар нойҳои суғдиён «Полизбон» [138].

Фаъолияти Борбад ҳамчун сароянда, навозанда, оҳангсози дарборӣ хеле пуравҷ оғоз гардида, сермаҳсул сурат гирифт. Дар дарбори Хусрав Парвиз институти фарҳангӣ-иҷтимоии *базми дарборӣ* ба дараҷаи олӣ ба роҳ монда шуда буд. Он характери озмуниро дошт. Онро ифтихормандона бо унвони «*базми хуррамбошӣ*» («*базми хваррамбашӣ*») ҳам ном мегирифтанд. Дар базми хуррамбошӣ ҳар як мутриби дарборӣ мунтазам маҳсули эҷоди худро пешниҳод менамуд ва онро муаррифӣ карда, фаҳмонда, мароми мақсади худро аз эҷоди он гуфта медод.

Дар баробари ин Борбад дар дарбор маҳфилҳои мусиқӣ мегузаронд. Дар онҳо дар қатори мардон занҳо низ иштирок мекарданд. Ва яке аз ин занҳо Ширин (ҳамсари шоҳ Хусрави Парвиз) буд.

Борбад нахустин шахсе буд, ки қонунҳои мусиқии мардуми эрониро аз амалияи мусиқӣ натиҷагирӣ намуд. Онро ба низоми махсуси системаи

мусиқӣ даровард. Ӯ нахустин бор дар асоси оҳангҳои таҳҷой тавонист низоми илмии он – заминаи садоии онро муайян бикунад ва онро дар шакли ҳафт парда (гамма)-и аслӣ ба низоми муайян дароварда, пешниҳод намояд. Ин коркарди Борбад ҳамчун назарияи амалӣ арзёбӣ гардидааст. Аз рӯи он асарҳо меофариданд, бо услуби он ҳунари мутрибӣ рушд меёфт ва он қавоиди риояи вақти иҷро, мувофиқат ба табъи шунаванда (тибқи синну сол, ҷинс ва ҳ.), мутобиқат ба унсурҳои гуногуни микрокосм ва макрокосмро металабид.

Дар таърихи илми мусиқии форс-тоҷик он дастоварди Борбад нахустин системаи назарии мақомот маҳсуб меёбад. Мураттаб гардидани ин система ҳам ба илм, ҳам ба навозандагиву сарояндагӣ ва ҳам ба ҳунари эҷоди мусиқӣ аҳаммияти мустақим дошт. Минбаъд мутрибону бастакорон мусиқиро огаҳона дар доираи системаи муайян эҷод мекарданд. Низом (система)-и ихтироъкардаашро ӯ Ҳафтпарда номид, чунки асоси онро ҳафт парда ташкил мекард.

Тибқи одоби замон Борбад ихтирооти худро ба шоҳ пешниҳод кард. Системаи мусиқиро шоҳ Хусрав Парвиз пазируфта, дар дарбори худ пойдор кард. Базмҳои дарборӣ минбаъд мутлақо бо риояи Ҳафтпарда мегузаштанд. Ҳамаи навъи ҳунари мусиқӣ – навозандагӣ, сарояндагӣ, эҷоди мусиқӣ ва ҳатто созтарошӣ ба ин низом дароварда шуд. Базмҳои дарборӣ характери озмунӣ пайдо карда, минбаъд талаботи мушаххасро тақозо мекарданд. Дертар таърихшиносон онро охирин ва яке аз дурахшонтарин услуби навозандагии давраи шоҳигарии Сосониён арзёбӣ карданд. Онро метавон ҷамъбасти мусиқипардозии ин сулолаи шоҳони бузург ҳисобид. Ҳафтпардаи Борбад барои мутрибони дарборӣ низоми раҳнамунӣ дар рушди мусиқӣ интихоб гардид. Маҳорати навозандагӣ дар асоси системаи Ҳафтпардаи Борбад ба услуби нави навозандагӣ асос гузошт. Ин услуби навозандагӣ байни мардум зуд машҳур гардид, зери чунин ҷараён услуби хоссаи зебое тавлид ёфт, ки мардум онро бо эҳтиром бо номи шоҳ Хусрав Парвизи II *хусравонӣ* номид. Ҳамин тавр, ҳунари навозандагии хусравонӣ аз риояи системаи Ҳафтпарда сар зад ва дар зуҳуроти он институти базми дарборӣ нақши бузургро бозид.

Дар эҷоди мусиқӣ бастакорон дар асоси Ҳафтпарда асарҳо офариданд ва ин жанри нав *хусравониёт* ном гирифт. Ин ҷараён дигаргуниҳои бузургро ба мусиқифаҳмӣ даровард. Минбаъд мусиқӣ иқтидори ғанӣ гардонидани маънавиёти инсон, зебофаҳмии ӯро пайдо кард. Унсурҳои мусиқии профессионалӣ аз қабл дар сарчашмаҳои таърихӣ-фарҳангӣ, хусусан «Авасто» дучор мешаванд [185]. Вале он намунаи мусиқие буд, ки дар робита ба расму ойинҳои динии зардуштӣ иҷро мешуд. Ибтидои пайдоиши мусиқии дунявии тоҷикон бо номи Борбад ва саҳми ӯ алоқаманд

аст. Борбад тавонист мусиқиро ҳамчун касби мустақили мардум муаррифӣ намояд. Борбад ва ҳаммаслаконаш бо тавоноии малакаву маҳорати навозандагиву сарояндагӣ, навовариҳои мусиқӣ-назарӣ, фаҳмиши нави мусиқиро ба вуҷуд оварданд. Он ба василае табдил ёфт, ки зеҳнияту қобилияти инсонро рушд медиҳад, мавқеи ӯро дар ҷомеа ҳамчун муаррифгари одобу суннати асил устувор мегардонад. Ва ин *мусиқии профессионалии дунявӣ* буд. Бо ин талошҳо Борбад тавонист дар таърихи мусиқии тоҷик хишти аввалинро бар оғози мусиқии профессионалии дунявӣ дар асоси *илми парда* гузорад.

Системаи Ҳафтпарда ба пешрафти илми мусиқӣ мусоидат мекард. Маҳз зимни он мусиқӣ аз шуғл ба касб, ба ҳунари мустақил табдил меёфт. Дар ҷомеаи онвақта нахустин бор дар баробари касбҳои рассому наққош, касби мусиқачӣ (зери унвонҳои «ромишгар», «хунёгар») – навозанда ва сароянда пайдо шуд. Аз замони Борбад сар карда мусиқӣ яке аз ҳунарҳои бадеии мустақили мардуми форс-тоҷик шуморида мешавад. Дар давраи Сосониён (тавре ки қаблан дар Бохтару Суғди қадим пайдо шуда буд) мафҳуми «навозандаи дарборӣ» ва «сарояндаи дарборӣ» бо вазифаи мушаххаси иштирок дар базму ойинҳои дарборӣ аз нав қувват гирифт [61, с.37].

Дар бораи фавти Борбад низ ривоятҳои гуногун ҷо дорад. Дар заҳр хӯрондани Борбад ду нафарро дар ҳикояҳои гуногун ном мегиранд – Саркаш ва Робустро [120, с.16]. Вале дар ҳар ду маврид нақл мазмунан ҳамон аст. Яке аз онҳо : «.. чун рашки Саркас бар Борбад бо фузуни пойгоҳи ӯ боло гирифт, касро дар ниҳон водошт, то вайро заҳр хӯронд ва кушт. Шоҳ аз марги Борбад сахт андӯҳгин гардид ва ангезаро пурсид. Гуфтанд: «Саркас ӯро заҳр хӯрондааст». Фармон дод, то Саркасро бикушанд. Ба ӯ гуфт: «Ман гоҳе аз ту ба ӯ мепардохтам ва оромиш меёфтам ва замоне аз ӯ ба ту рӯй меовардам. Ту бо куштани ӯ яке аз ду бахши шодии маро нобуд кардӣ ва сазовори марг ҳастӣ». Саркас гуфт: «Шоҳо, чун яке аз ду бахши шодият аз миён рафтааст, агар бахши дигарро нобуд кунӣ, худ ҳама баҳраи зиндагиятро аз миён бардоштаӣ..». Парвиз гуфт: «ба Худо савганд, ин сухани касе аст, ки замони маргаш нарасидааст». Ӯро бахшид...» [12, с.344].

Борбад мероси ғании мусиқиро аз худ боқӣ мондааст. Он дар асоси беҳтарин дастовардҳои назария ва амалияи мусиқии мардуми форсзабон ташаккул ёфтааст. Борбад ба мусиқӣ назари навро ворид кард. Онро аз ойинҳои динӣ ва ёрирасонӣ берун овард. Доираи мазмуни мусиқиро васеъ кард: «.. суруд ба дарбор омад. Он суруде буд, ки хусусиятҳои жанри аср-ҳои минбаъдаи суруд-ғазалро пешгӯӣ мекард... онҳоро Борбад эҷод мекард.. .. ва ин сурудҳо ҳатто дар асрҳои X-XI суруда мешуданд... » [120,

с.17]. Ин меросе буд, ки барои фарҳанги мусиқии форсу тоҷик асосгузорӣ намудааст. Муҳаққиқ-эроншиноси маъруф А.Н. Болдирев дар ин бобат гуфтааст, ки Борбад оҳангсози сурудҳои лирикӣ ва мадҳиявист [89, с.253], ки якчанд аср баъд ба яке аз маҳбубтарин жанри васфу сарояндагии мардуми форсу тоҷик табдил мегардад. Мусиқишиноси англис Ҳ.Фармер ва мусиқишиноси советӣ В.Виноградов новобаста ба якдигар ба як хулосае омадаанд, ки «.. дарёфтҳои Борбад аз он далолат медиҳанд, ки мақомоти Шарқ дар давраҳои қадим ташаккули худро оғоз намудааст...». Дар амалияи мусиқии асрҳои VII – X нобоваста ба дигаргунии идеологии бузург, мусиқиву коркардҳои Борбад байни мардум ҳифз гардидаанд. Аз ашъори Рӯдакиву «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маълум аст, ки дар замони онҳо Борбад бо асарҳояш дар амалияи мусиқӣ хеле устувор буд. Амир Хусрави Деҳлавӣ дар рисолаи мусиқии «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ» маҳорату лаёқат ва саҳми Борбадро дар саросари асар васф кардааст. Яке аз инҳо чунин аст:

Ба нӯги захма марворид месуфт,
Ки «Шодурвони марворид» мегуфт.

Наво чун гуфта шуд нав-нав,
Зи роҳи хусравонӣ ишқи Хусрав. [138, с.52]

Инъикоси маълумот дар бораи Борбад дар тули давраи қурунивустоӣ аз мадди назари қариб ягон сарчашмаи хаттии таърихӣ-фарҳангӣ, адабиёти бадеӣ, луғавӣ дар канор набуд[30]. Рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ Борбадро «соҳиби илми парда», «ихтироъкори илми парда» ном мебаранд. Сарчашмаҳои хаттии қурунивустоӣ аз маълумот дар бораи Борбади Марвазӣ саршоранд. Вале ягон китобе ё осори дигаре аз худи Борбад боқӣ намондааст. Маълумоти адабиёти бадеӣ ба таърифу тавсифи Борбад, сеҳри маҳорати ӯ бахшида шудааст. Ва ин вазъ ба пайдо шудани ақидае оварда буд, ки тибқи он Борбадро ба мисли Орфеи аврупоӣ (Кришнаи мусиқии Ҳинд, Ку Баи мусиқии Чин) персонажи афсонавӣ мешумориданд. Ин ҷараён баҳси шахси таърихӣ ё афсонавӣ будани Борбадро пуравҷ мегардонд. Бо ин сабабҳо таваҷҷуҳи хосса ба саҳми Борбад бо ҷилои нав дар асри XX бори дигар афзуд. Аз олимони муосири аврупоӣ Артур Христенсен, шарқшиноси чех Ян Рипка, олими немис Х. Этте, муҳаққиқи англис Э.Браун, мусиқишиноси маъруфи англис Ҳ.Фармер, аз олимони Эрон Маҳдӣ Баркашлӣ, муҳаққиқон Муртазо Равандӣ, А.Шаъбонӣ, Р.Холиқӣ, Д.Сафват, Ф.Ҷунайдӣ, олимони

[30] Ин ҷо аз овардани рӯихат ва номҳои шоирони дӯстдоштаи мардуми тоҷик худдорӣ карда, хонандаро ба маҷмуаҳои хоссаи бахшида ба 1400-солагии Борбад равона месозем. Дар онҳо маҳбубияти муҳаққиқон хеле самимӣ ифода ёфтааст [50; 51; 52].

давраи советӣ В.Виноградов, И.Брагинский, Н.Неъматов, Ю.Малтсев ва имрӯз А.Раҷабов, Адаш Истад, Н.Ҳакимов, А.Юлдошев ва дигарон дар асарҳои илмии худ оид ба саҳми Борбад далелҳои муҳимми илмӣ-таърихӣ овардаанд [50; 51; 52; 143; 184; 217; 218].

Бо пешниҳоди таърихшиносон, мусиқишиносони тоҷик таҷлил кардани форуми байналмилалӣ пешниҳод гардид. Дар ин миён талошҳои таърихшиносон академик Н.Неъматов, Ю.Малтсев, Н.Ҳакимов ва хусусан А.Раҷабов аҳли илмро ба ҳайрат оварда буд[31]. Онҳо дар бораи Борбад ва замони ӯ асарҳои арзишманди илмӣ таълиф намуда, маълумоти таърихиеро доир ба паҳлуҳои муҳимми фаъолияти Борбад ва ҳаммаслакони ӯ дар даст доштанд [120; 137; 138; 139; 184].

Форуми байналмилалӣ бахшида ба 1400-солагии Борбад (Душанбе, 1990) ин проблемаро аз байн бардошт. Борбад асосгузори мусиқии касбии мардуми форс-тоҷик эътироф карда шуд. Дар симпозиуми мазкур олимон, муаррихону мусиқишиносон бо далелҳои дақиқ аз ҳаёт ва эҷодиёти Борбад маълумот оварданд [50; 51; 52]. Шакке дар шахсияти таърихӣ будани ӯ байни олимон намонд. Ӯро тартибдиҳандаи системаи нахустини мақомот – Ҳафтпарда расман пазируфтанд. Бо ин таърихи 1400-сола доштани мусиқии касбии форсу тоҷик низ расман муайян карда шуд.

Муаллифони мақолаи «Борбад – асосгузори фарҳанги мусиқии классикии тоҷику форс» академик Н.Неъматов ва Ю.Малтсев бо ифтихормандии бузург гулчини гуфтаҳои олимони хориҷу ватаниро дар бораи саҳми Борбади бузург ба мусиқӣ овардаанд. Мо низ, ба онҳо пайравӣ карда, овардани ин суханҳоро дар китоби дарсии ворисони асри XXI-и Борбад зарур мешуморем, аз ҷумла: «Ягон ходими санъат аз худ чунин мероси ғаниеро нагузоштааст.. ..Номҳои асарҳои ӯ, ки дар сарчашмаҳои зиёд оварда шудаанд, ки беш аз 150 ҳастанд.. ҳол он ки дар ҳаёташ ӯ на кам аз 400 асар эҷод намудааст...» (А. Христенсен); «Чӣ системаи лаҳнии ӯ ва чӣ оҳангу сурудҳои эҷодшудаи ӯ нақши асосгузориро доштанду сатҳи баланди профессионалиро» (Э. Браун), «Борбад асарҳои сершумори мусиқиро эҷод кард, амалияи мусиқии замонашро илман натиҷагирӣ намуд» (Ҳ.Этте), «Эҳтимоли зиёд аст, ки Борбад мусиқии ҳиндиро медонист ва аз таҷрибаи он истифода бурд» ва «Санъати иҷрокунандагии Борбад дар асрҳои VI–VII ва асрҳои минбаъда равияи нави бузурге, услуби нави иҷрокунандагиро тавлид кард..» (Ҳ.Фармер), «Дар осори Борбад тамоюли банизомдарорӣ (систематизатсия)-и мавод, бақонундарорӣ (канонизатсия)-и қавоиди аввалини мусиқӣ барои мо хеле диққатҷалбкунанда аст..» (В.Виноградов), «Эҳтимол он «оҳангибора»-ҳое,

[31] Дар омодагии бевоситаи симпозиуми байналмилалӣ онҳо хеле фаъол буданд. Дар ин ҷараён дар доираи аҳли илму хунар онҳоро бо унвони «борбадшиносон» ном мегирифтанд.

ки Борбад сохт, ҳамон асосоҳангҳоеанд, ки якчанд аср баъдтар ба мо ҳамчун категорияи асосии лаҳнӣ-дарачотии мусиқии классикии Шарқ маълум гардидаанд» (В.Виноградов), «Таачубовар он аст, ки ҳатто муаллифони арабе, ки баъди сад, дусад ва сесад сол умр ба сар бурдаанд, дар бораи маҳорати беҳамтои ӯ сухан мегӯянду ӯро таблиғгари мусиқии Шарқ медонанд» (мусиқишиноси араб М.Х Алавердӣ) ва амсоли инҳо.

Тавре академик Н.Неъматов қайд мекунад: «Баъди чордаҳ аср дар сарзамини худи ӯ мардуми тоҷик 1400-солагии мутрибу оҳангози бузурги Шарқро баргузор кард. Ворисон, ҳамаи он касоне, ки ба онҳо маҳсули зеҳнӣ ва эҷодии башарият азиз аст, Борбадро бо эҳтиром ба хотир меоварад, зеро ки мусиқии ӯ абадӣ зинда аст» [120]. Дар ҳақиқат Симпозиуми байналмиллалӣ ба муносибати 1400-солагии Борбад зери унвони «Борбад ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Наздик: таърих ва замони муосир» [50; 51], ки баҳори соли 1990 дар Душанбе баргузор гардид, нақши таърихиро дар таърихи мусиқии форсу тоҷик, дар таърихи мақомоти тоҷик бозидааст. Зеро ки системаи Ҳафтпардаи Борбад ба пайдошавии системаҳои дигари мақом асос гузошт. Он аввалин системаи мақомот дар таърихи мусиқии мардуми форсу тоҷик ҳисобида мешавад. Аксарияти муҳаққиқону олимон-мусиқишиносон ба хулосаи дигар ҳам омаданд, аз ҷумла, мусиқишиноси датӣ А. Христенсен, ки солҳои тулонӣ фарҳанги давраи Сосониёнро омӯхтааст, мегӯяд: «.. нуфузи лаёқати беҳамто ва эҷодиёти серпаҳлуи Борбад (навозанда, сароянда, оҳангсоз...) ба мусиқии сосонӣ хеле муассир аст. Ва ин мусиқӣ *манбаи асосии мусиқии давраи исломӣ* (таъкиди мо – Ф.А.) гардидааст...» [61, с.68]. Ин ақидаро на танҳо як муҳаққиқ иброз намудааст. Олимон-мусиқишиносони дигар ҳам, аз ҷумла, Ҳ.Фармер, В.Виноградов, олимони Эрон ва Тоҷикистон ин ақидаро бо далелҳои илмӣ асоснок карданд. Дар ҳақиқат системаи амалӣ-назарии Борбад густариши васеи худро дар давраҳои барои миллати форсу тоҷик хеле мудҳиши аввали исломӣ низ қатъ накард. Мусиқии ин мардум дар асоси он рушд ёфта, то асрҳои XII –XIII ҳатто бо истифодаи истилоҳоти тоисломӣ ном гирифта мешуд. Аз ин аст, ки системаи нави мусиқии Шарқ, ки бидуни шак(к) шакли мукаммалгардидаи системаи Борбад аст, нахуст «Дувоздаҳпарда» ном гирифта буд. Лекин чун Ҳафтпарда ва Дувоздаҳпарда ҳам он ҳеҷ вақт бо дини ислом рабте надошт: дар ягон маросими динӣ суруда намешуд (1) ва мазмунан ҳам ба он алоқамандие надошт (2). Он ҳамеша мусиқии дунявиро муаррифӣ кардааст.

Системаи Ҳафтпардаи Борбад дар ҳақиқат дар таърихи мусиқӣ ҳамчун нахустсистемаи мақомоти имрӯзаи Шарқи мусулмон маҳсуб меёбад. Бо назардошти он ки мақомот меҳвари мусиқии суннатии

профессионалӣ, мусиқии классикии онҳост, Борбадро асосгузори мусиқии профессионалии Шарқ пазируфтанд.

Аз нуктаҳои боло ба хулосаи боз ҳам мушаххасе меоем, ки пайдоиши системаи Борбад ба асосгузории устувори мусиқии профессионалӣ мусоидат кард (1). Қоидаҳои системавии Ҳафтпарда ҳамчун қоидаҳои асосии назарияи амалия дар навозандагиву сарояндагиву эҷоди мусиқӣ заминаи асосиро ташаккул доданд (2). Мусиқӣ бо дастовардҳои худ мактаб ва илмро пайдо намуд (3). Худи система бо таркиботи сеқабатаи хеш назарияи мусиқии замонро намудор кард (4). Инак, дар фаъолияти Борбад нуктаҳои асосиро мухтасар қайд карда, бевосита ба таҳлили алоҳидаи ҳар яки он мегузарем. Ба андешаи мо, аз ҷумла, таҳлили ҳушмандонаи дигаргуниҳои ҷиддӣ вобаста ба пайдоиши падидаҳои зерин зарур аст:

- системаи Ҳафтпарда
- хусравонӣ (услуби навозандагӣ)
- табдили мусиқӣ аз шуғл ба касби мустақил
- талқиноти мусиқӣ ҳамчун ҳунари бадеӣ
- пайдоиши мусиқии профессионалии дунявӣ
- рушди авҷии мусиқии созӣ
- пайдоиши сози мусиқии бунёдӣ-системавӣ
- жанрҳои мусиқӣ

II.2. Системаи Ҳафтпарда. Услуби хусравонӣ

Нахустин системаи мусиқие, ки дар таърихи мусиқии тоҷик системаи мақомро зоҳир намудааст, системаи Ҳафтпарда маҳсуб меёбад[32]. Сарчашмаҳои таърихӣ дар мансубияти ихтирои ин система ба Борбад маълумоти якхеларо меоваранд. Пайдоиши Ҳафтпардаи Борбад ба фаҳмиши нави мусиқӣ ибтидо гузошт. Шумораи ҳафт барои он замон шумораи муқаддасе буд ва теъдоди унсури асосии ин системаро дар бар гирифт. Масалан, маълум аст, ки имрӯз ҳам дар системаи универсалии мусиқии ҷаҳонӣ ҳафт нота ҷой дорад. Вале ҳафт нотаи мусиқии академии ҷаҳонӣ хеле дертар, баъди якчанд аср дар мусиқии аврупоӣ-ғарбӣ пайдо шуд [17, с.10]. Борбад системаи худро аз амалияи мусиқии замону мардуми форс-тоҷик мураттаб гардонд ва исбот намуд, ки зерасоси онро ҳафт парда (гамма) ташкил медиҳад. Сохтори ин система мураккаб буд ва дар умум чунин унсурҳоро дар бар мегирифт:

[32] Оид ба замони пайдоиши системаи мусиқии чормуқом, ки зери Фалак ҷо дорад, маълумоти дақиқе дар даст надорем. Хусусиятҳои ин система имкон медиҳанд, ки онро ба давраҳои қадиме мансуб донем, ки фаҳмиши космологӣ бартарӣ дошт. Эҳтимол чорпарда ҳатто то пайдошавии Ҳафтпарда вуҷуд дошт. Ба ин мусиқии ойинҳои зардуштӣ, ки дороии мусиқии касбиро дорад [178; 184; 185], низ асос шуда метавонад.

- 7 парда – аслӣ
- 30 лаҳн – фаръии аввал
- 365 суруд – фаръии сонӣ

Дар ин система бо калимаҳои «парда», «лаҳн» ва «суруд» воҳидҳои асосии дараҷотӣ (гаммавӣ) ифода гардидаанд. Калимаи «парда» аз забони форсӣ-тоҷикӣ аст ва берун аз мусиқӣ низ истифода бурда мешавад. Омили номидани воҳиди сохтории дараҷотӣ (гаммавӣ) бо унвони «парда», тавре ки дар боло қайд карда шуд, ба манзури мо аз он аст, ки воқеан падидаи гаммавӣ ҳамеша зери оҳанг рӯпӯш аст. Вақте ки асари мусиқӣ шунида мешавад, мо оҳангро мешунавему аз рӯи он мусиқиро қабул мекунем. Борбад дар мураттаб гардондани системаи Ҳафтпарда диққатро ба унсури зериоҳангии мусиқӣ равона месозад. Ӯ ихтироъ менамояд, ки он унсур дар мусиқӣ нақши заминавиро мебозад. Ва онро «парда» меномад. Зери ин истилоҳ унсуреро, ки дар мусиқӣ ҳамеша «рӯпӯш», «пардапӯш» аст, дар назар дорад. Борбад бо ин унсур низоми мусиқиро пайваста, онро ба ҳайси *система* пешниҳод менамояд. Ӯ мешуморад, ки низомдиҳандаи мусиқӣ ҳамин унсур аст. Ва бидуни омӯзиши хоссаи он фаҳмиши мусиқиро наметавон пайдо кард. Борбад «илми парда»-ро дар мусиқӣ «илми пӯшида» талқин дода, омӯзиши махсуси онро барои ин фан зарур мешуморад.

Зимни системаи Ҳафтпарда калимаҳои «лаҳн» ва «суруд» маънои ҳозираи худро пайдо накарда буданд. Онҳо нисбат ба *парда* воҳидҳои дараҷотии дараҷаҳои дуюм ва сеюманд. Ин ҷо калимаи «суруд» на маънои имрӯзаи жанри овозиро, балки маънои воҳиди лаҳниро дорад. Бояд қайд кард, ки дар ин система ҳам «парда», ҳам «лаҳн» ва ҳам «суруд» дар баробари воҳиди лаҳнӣ (дараҷотӣ, гаммавӣ) будан, ҳар кадом маънои воҳидҳои оҳангӣ ҳам буд, аз ҷумла, «суруд» – ибораоҳанг, «лаҳн» – ҷумлаи оҳангӣ ва «парда» – оҳанги мухтасару мустақил. Чунин талқин аз он ҷо равост, ки «суруд» ва «лаҳн» ҷиҳати лаҳнӣ-дараҷотӣ ҳам таркиботи пардаанд. Ин хусусияти мафҳумҳои лаҳнии Ҳафтпарда имрӯз ҳам ба воҳидҳои лаҳнии системаи мақомот хос аст. Дар шароити маъмулияти шифоҳии мусиқӣ чунин доройӣ имконият медод, ки хусусияти инфиродии воҳидҳои лаҳнӣ мазмунан намудор гарданд. Дар амалияи мусиқӣ ҳар як гурӯҳи лаҳнӣ-дараҷотӣ мушаххас як-як ном гирифта мешуд. Ин хусусият дар асарҳои асрҳои баъдӣ, муаллифони асримиёнаӣ мушоҳида карда мешавад. Масалан, Низомии Ганҷавӣ дар сӣ байти достони «Хусрав ва Ширин» номҳои сӣ лаҳни Ҳафтпардаро овардааст [114, с.89] ва ҳ.

Дар тартиби сохтори системавии Ҳафтпарда зарур аст, ки принсипи шаклсозии асл-фаръро ба эътибор бигирем. Дар ин система

он принсипи асосист. Ин маънои онро дорад, ки воҳидҳои «лаҳн» ва «суруд» аз «парда» бармеоянд ва таркиботи ҳар яки онҳо аз майдони садоии парда берун нест. Онҳо аз дохили воҳиди аслӣ бармеоянд. Сохтори системаи Ҳафтпарда мантиқи хеле равшанро доро аст. Таърихи таҳаввули мақомот нишон медиҳад, ки ин мантиқ ба табиати системаи мақомоти Шарқ ҳамеша хос будааст ва онро нахустин бор Борбад падид овардааст.

Дар омӯзиш ва тадқиқи системаи Ҳафтпарда ба миқдори воҳидҳои асосӣ таваҷҷуҳ надода намешавад – он ба ҳафт рӯзи як ҳафта, сӣ рӯзи як моҳ ва сесаду шасту панҷ рӯзи як сол баробар аст. Дар ин мутобиқат хусусияти идеологӣ-фаҳмишии замони Борбад, ки пантеистӣ-космологӣ буд, инъикос гардидааст. Тибқи он дид, мусиқӣ унсури табиат ва коинот (макрокосм) маҳсуб меёфт ва инсон (микрокосм) мебояд ҳамеша дар созиш бо коинот ва табиат бошад. Дар замони Борбад назарияи машҳури *ҳамсадоии сайёраҳо*-и юнониқадимӣ устувор буд ва фаҳмиши эрониён низ ба он такя мекард.

То пайдоиши системаи Ҳафтпарда мусиқӣ ба таври стихиявӣ вуҷуд дошт. Системаи Ҳафтпарда қоидаҳои мушаххаси иҷрокунандагии мусиқиро ба миён овард. Дар ин система бори нахуст мафҳумҳои *лаҳн* (ба маънои гамма), *дараҷаи лаҳнӣ, системаи лаҳнӣ* зимни мусиқии форсу тоҷик ташаккул ёфтанд.

Ташаккули тадриҷии услуби нави иҷроиши мусиқӣ ба устувор гардидани риояи қавоиди мушаххаси системавӣ дар амалияи мусиқӣ меоварад. Яке аз хусусияти услуби *хусравонӣ* дар он аст, ки ин амал (риояи қавоиди системавӣ) огаҳона қарор мегирад, на стихиявӣ. Оҳиста-оҳиста мафҳуми Ҳафтпарда ҳамчун системаи лаҳнӣ ва мафҳуми хусравонӣ – ҳамчун услуби иҷрокунандагӣ устувор мегарданд. Хусусияти услуби хусравонӣ чунон қарор гирифта буд, ки мусиқӣ бештар тамоюли конкретии мазмуниро пайдо кард. Ва зимни он ҳам иҷрокунанда ва ҳам шунаванда воқиф аз ин мушахассот буданд. Ҳикояи машҳур дар бораи фавти аспи шоҳ Хусрави Парвизи II ва халос кардани Борбад аспбонро далолати он аст, ки ин дороии маъноии воҳидҳои лаҳнӣ дар амалияи мусиқӣ хеле густариш ёфта, на танҳо ба навозандагон, балки ба шунавандагон низ маълум буд. Метавон он вазъро бо замони муосир қиёс кард ва дарёфт, ки шунавандаи воқиф имрӯз ҳам оҳангу намудҳои медонистагии худро дар ҷараёни сароиш ва навозиши мақомҳо зуд мешиносад. Аз чунин шиносоӣ кайфияти эстетикии шунаванда якчанд маротиб меафзояд. Ин хусусияти дигари мақомот аст, ки онро Борбад дар давраи ибтидои қурунивустоӣ ба мо айён кардааст.

II.3. Ташаккули мусиқии профессионалии дунявии тоҷикон

Ба дарбори шоҳони сосонӣ (226 – 651) парастиши мусиқӣ ҳамеша хос буд. Барои онҳо базмҳои дарборӣ шуғли дӯстдоштае маҳсуб меёфт. Ба ин базмҳо беҳтаринҳо даъват мешуданд. Аҳли ҳунаррро хеле баланд қадрдонӣ мекарданд. Барои ҳар як ҳунарманд шароити муносиб муҳайё мегардониданд. Барои пойдор намудани шуғли мусиқӣ ҳатто аз беруни кишвар овардани навозандагону сароянлагон ба ҳукми анъана дароварда шуда буд. Яке аз шоҳоне, ки мусиқиро дар байни мардум ва шодиву хурсандии он пайваста ворид мекард, шоҳи сосонӣ Баҳроми V – Баҳроми Гӯр (430 – 438) мебошад. Таърихшиноси охири асри XI – аввали асри XII Саолибӣ қайд мекунад, ки бо хоҳиши Баҳроми Гӯр « ... аз Ҳинд чаҳор ҳазор ромишгарро барои хидмат ба Эрон фиристоданд. Баҳром ононро дар ҳамаи кишвар пароканд ва ба мардум фармон дод, ки эшонро ба кор гиранд ва аз овозашон баҳра баранд ва музди онон бигзоранд...» [12, с.286]. Дарбори сосонӣ дар давраи шоҳигарии Хусрави Парвиз низ аз ҳисоби ромишгарони дохилӣ ва хориҷӣ мукаммал ёфт. Дар дарбор ромишгарони гуногунмиллат ба якдигар ҳамкорӣ мекарданд ва ин имконият медод, ки онҳо бо суннатҳои мусиқии якдигар шиносоӣ пайдо намоянд. Маъхазҳои хаттӣ дар бораи дар дарбори Сосониён ҷамъ омадани хунёгарони ҳиндӣ, чинӣ, арманӣ, яҳудӣ, юнонӣ ва дигарон маълумот медиҳанд [28]. Фаҳмост, ки ин навъи ҳамкорӣ барои хунёгарони таҳҷоӣ хеле судманд буд.

Системаи Ҳафтпардаи Борбад дар ташаккул додани фаҳмиши нави мусиқӣ дар ҷомеа, аз ибтидо услуби нави моҳиятан характери дунявиро ҷорӣ мекард. Ва дар ин ҷараён зери сарпарастии худи шоҳ Хусрав Парвиз базми дарборӣ риояи ин низоми мусиқиро бар дӯш гирифта буд. Бо рушди мусиқӣ дарбори шоҳони сосонӣ ҳамчун маркази фарҳангии замон шуҳратманд мегардид. Ин мусиқӣ аз мусиқии асрҳои аввали ҳукмронии сулолаи Сосониён (а. III – аввали асри VII) куллан фарқ мекард. Мусиқишинос Н.Ҳакимов қайд мекунад, ки аз асрҳои аввали мелодӣ «.. пайдоиши мусиқии касбӣ бо баландшавии сатҳи ҳаёти шаҳрӣ вобаста буд.. ..дороии ҳунар ва дониш аз Худованд ҳисобида мешуд... ...ҳар як ҳунармандро эҳтиром мекарданд... ..навозанда дар хидмати расмӣ қарор меёфт... ва ӯ вазифаи мушаххасро дар ҳаёти шаҳрӣ бар ухда дошт...» [184.I, с.168-169; 185] ва дар идома илова мекунад: «.. калимаи «ҳунар» маънои «ҷаҳонсозӣ»-ро пайдо кард.. ». Дар базмҳои дарборӣ мусиқии навъи дигар маъмул гардид.

Муҳаққиқони аврупоӣ Артур Христенсен ва Ҳенри Фармер қайд кардаанд, ки маҳз бо эҷодиёти Борбад мусиқии таҳҷоӣ мақоми навро доро мегардад.

Ин давраи ташаккули мусиқии профессионалии дунявӣ буд. Базми дарборӣ бо ҷалби мусиқачиёни кишварҳои гуногун пайваста корбарӣ мешуд. Мусиқии онвақтаи баъзе кишварҳои Шарқ, хусусан Ҳинд, хеле тараққӣ ёфта буд. Дар мусиқии Ҳинд аллакай системаи устуворе бо номи «рага» вуҷуд дошт. Дар илми мусиқишиносии муосир рагаи ҳиндиро ба системаи мақомоти Шарқ мансуб медонанд[33]. Бино бар ин эҳтимолият ба миён меояд, ки ҳунармандони маҳаллӣ дар баробари омӯхтани мусиқии худ, аз мусиқии мамолики хориҷ воқиф гардида, маҳорати худро тавассути он низ сайқал медоданд. Аз ин рӯ, ақида дар бораи он ки Борбад дар мураттаб сохтани системаи Ҳафтпарда аз системаи рагаи ҳиндӣ истифода кардааст, аз ҳақиқат орӣ нест [19; 22]. Муҳаққиқони аврупоӣ, форс-тоҷик на як бору ду бор инро дар умум қайд кардаанд, ки «..миллати Эрон то ин ҳангом, яъне давраи сосонӣ, аз тараққиёте дар улум бархурдор шуда буд ва дар мусиқӣ ва тиббу риёзиёт бар осори иртибот, ки аз Машриқу Мағриб бо милали бузурге монанди ҳиндувону бобулиён ва милали Осиёи Сағир ёфта ва иттилооте, ки худ аз қадимулайём гирд оварда буданд, пешрафтҳое доштанд» [28, с.14].

Ҳарчанд ки унсурҳои алоҳидаи мусиқии профессионалӣ дар фарҳанги тоҷикон дар асрҳои III – IV қайд шудаанд [185], пайдоиши системаи аввалини мақомот Ҳафтпарда ба асрҳои VI – VII мансуб аст. Бо мураттаб гардидани системаи Ҳафтпарда дар мусиқии дунявии форс-тоҷик системаи хоссаи лаҳнӣ-дараҷотӣ ва лаҳнӣ-оҳангӣ падид гардид.

Метавон гуфт, ки дар ибтидои ҳукмронии Сосониён мусиқӣ барои шоҳони сосонӣ танҳо шуғле маҳсуб меёфт. Пайдоиши низоми муайян (Ҳафтпарда) муносибату дидро нисбат ба мусиқӣ комилан дигар кард. Хусусан базмҳои дарборӣ рақобати эҷодии мусиқачиёнро хеле равшан нишон медод [137; 138; 139; 184.I]. Шуҳратмандии чунин базмҳо то Суғду Бохтар расида буд. Бо вуҷуди ин дар давраи Сосониён мусиқӣ барои омма манъ буд. Дар чунин вазъ базм, тавре ки қайд шуд, моҳиятан нақши институти бонуфузи иҷтимоӣ-фарҳангии замонро бозид. Мусиқии базм дорои хусусиятҳои зерин гардид:

- ин мусиқӣ бо ягон расму ойин алоқамандӣ надошт;
- робитае бо дини зардуштӣ дар он набуд;
- мазмуни он бештар ба неруи табиати кишвар, корнамоиҳои қаҳрамонони Эрони қадим ва тавоноиву васфи сарвати шоҳон бахшида мешуд;
- базм ҳам ҳунари навозандагӣ ва ҳам сарояндагиро мепазируфт;
- дар он ҳам мард ва ҳам зан иштирок мекард;

[33] Истилоҳи умумии «рага-мақам» (И.Р.Эолян) ҳаммаъноли «системаи мақомоти Шарқ» мебошад.

- ❖ аҳаммияти махсус ба маҳорат ва касбият дода мешуд;
- ❖ мусиқӣ нахустин бор на барои корбарии амалӣ, балки барои рушди инсон ва зебофаҳмии он равона карда шуд;
- ❖ дар натиҷа зери таъсири он илми мусиқӣ ташаккул ёфт;
- ❖ ин ҷараён ба пайдоиши профессионализм дар мусиқӣ овард;
- ❖ мактаби устод-шогирд ҳамчун мактаби ҳунари мусиқӣ тавлиду тасдиқ шуд ва ин ҳунари мусиқии профессионалӣ буд;
- ❖ мактаби устод-шогирд нахустин дастури таълимӣ – ҷадвали раҳнамуниро истифода бурд;
- ❖ мусиқии базми дарборӣ нахустзаминаи хуби мусиқии профессионалии дунявии мардуми форс-тоҷикро ба вуҷуд овард.

Дар натиҷа ин дигаргуниҳову навовариҳо ба ташаккули мусиқии дунявии профессионалии мардуми форсу тоҷик овард. Борбад аз ибтидои коркарди системаи Ҳафтпардаи худ зарурати омӯзонидани илми пардаро аз тарафи устод таъкид карда буд. Маълум аст, ки мусиқие, ки зарурати таълимоти махсуси мусиқиро металабад, навъи мусиқии касбӣ (профессионалӣ) аст. Ин иқдом дар замони Борбад ба пайдоиши касби нав – касби мусиқӣ мусоидат намуд.

II.4. Пайдоиши жанрҳои аввалини мусиқии профессионалии дунявӣ: хусравониёт ва равошин

Дар асоси Ҳафтпарда асарҳо эҷод мекарданд ва ин жанри нави мусиқӣ – *хусравониёт* ном гирифт. Он жанри силсилавӣ буд ва ҷиҳати рушди мусиқӣ якчанд пардаро дар бар мегирифт. Силсилаасарҳои мазкури ҳафтқисмаву ҳаштқисма жанрҳои таркибии овозӣ ва созиро дар бар мегирифтанд. Ҳар як қисми таркибии хусравониёт асари мустақил ҳисобида мешуд. Қисмҳои силсилаасар аз рӯи мутобиқати худ ба системаи лаҳнии Ҳафтпарда (бо истифода аз таркиботи комили он – парда, лаҳн ва суруд) ва риояи қавоиди ягонаи он силсилабандӣ мегардиданд. Унвони қисмҳои таркибии хусравониёт одатан аз мавзуи онҳо бармеомад. Дар хусравониёт анъанаи номгузории қисмҳои таркибӣ аз рӯи унсури зарбӣ ва ё лаҳнӣ (ки имрӯз дар Шашмақом ва Фалак дар истифода аст) ҷо надошт.

Дар ибтидо пешниҳоди силсилаҳои мусиқӣ бештар характери жанри достонро дошт. Муҳаққиқони асримиёнаӣ қайд мекунанд, ки зери ҳар як асари хусравониёт ривояте ҷо дошт. Доираи мазмунии хусравониёт бештар ба васфи зебоӣ ва неруи табиат (1), васфи сарватмандиву тавоноии подшоҳон (2), корнамоиҳои паҳлавонони Эрони қадим (3), таърихи кишвар (4)-ро фаро мегирифт, ҳарчанд ки бо ин мавзуҳо маҳдуд набуд. Доираи мазмунии хусравониёт тасодуфан пайдо нашудааст. Ин интихоб хеле

огаҳона қарор ёфт ва эҷоди асар дар жанри хусравониёт ҳамчун анъана пазируфта шуд. Хусравониёт ба жанри заминавии замон табдил ёфт.

Аз таҳлилоти мусиқишинос Н.Ҳакимов хусусиятҳои зерини мусиқии дарбории ин давра бармеояд: коркарди қавоиду талаботи хеле мушаххас ва риояи ҳатмии он дар амалияи мусиқӣ (1); иштироки фаъоли мутрибону мутрибаҳо дар ҳаёти мусиқии дарбор (2); касбият (на ҷинсу на дин! – Ф.А.) чун меъёри асосии интихоб (3); таҷлили базмҳои дарборӣ бо баҳсҳои доманадори мусиқӣ-назарӣ, пешниҳодҳои диди нав, шиносоӣ бо услуби мактабҳои мусиқӣ (4) [184.I].

Азбаски хусравониёт жанри силсилавӣ буд, он аз ибтидо дар доираи худ ба пайдошавии жанрҳои гуногуни шохавӣ мусоидат намуд. Асарҳои жанри хусравониёт дар сарчашмаҳои хаттӣ хеле мушаххас ном гирифта мешаванд, аз ҷумла, «Тахти Тақриз», «Тахти Ҷамшед», «Ганҷи гов», «Ганҷи арӯс», «Ганҷи бодовард», «Кини Сиёвуш», «Кини Эраҷ», «Яздонофарид», «Марвот», «Сабз андар сабз» (асари Борбад, дар бораи омадани ӯ ба дарбори шоҳ Хусрави Парвиз), «Партави Фархор»[34], «Тавонгарӣ пас аз дарвешӣ», «Шодурвони марворид», «Мушкдона», «Пайкари гурд» (ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гуфта шудааст), «Боғи Шаҳриёр», «Аврангӣ», «Ҳафт ганҷ», «Наврӯзи бузург», «Сарвистон» [137; 138; 139]. Аз унвонҳои онҳо гуногунрангии жанрии асарҳо ба чашм мерасад. Ва Ҳафтпарда заминаи мусиқавии ҳамаи ин жанрҳо буд.

Мавзуи васфи хуршед, жанри *суруди хуршедӣ,* одатан бо унвони ягонаи «Ороиши хуршед» муайян мешуд. Табиат ва Наврӯз бо жанрҳои «Наврӯзи Хоро», «Меҳргони бузург», «Соли Наврӯз», «Нози Наврӯз», «Боғи Ширин», «Боғи Шаҳриёр», «Аврангӣ», «Мушинлабон», «Дилангез», «Чаковак», «Гулзор» ва ҳ. хеле хосса васф мегардиданд. Ҳамаи онҳо ба жанри *суруди наврӯзӣ* тааллуқ доранд.

Хусравониёт мазмунан бо урфу одати дарборӣ ва хусусан, бо ҳаёту одобу рафтору кирдори шоҳон ба дараҷае зич алоқамандӣ дошт, ки ин жанр анъанаи шоҳномахониро дар мусиқӣ зоҳир кардааст гӯем, хато намекунем. Бо ин мазмун жанри *суруди шоҳона* пайдо шуд. Феълан ин сурудҳо ба шоҳ Хусрави Парвиз бахшида мешуданд, бинобар ин онро хусравониёт низ меномиданд. Аз ин бармеояд, ки зимни «хусравониёт» аз аввал ду маъно истифода бурда мешудааст: яке ба маънои васеъ – жанри силсилавӣ дар асоси Ҳафтпарда ва дуюмӣ – жанри силсилаи мушаххас дар васфи шоҳ

[34] «Партави Фархор» суруди Борбад аст. Дар фарҳангҳо ду маънои калимаи «Фархор»-ро меоваранд: 1. маъбад, буткада; 2. номи шаҳре воқеъ дар Мовароуннаҳр, ки занони ин шаҳр ба зебоӣ шуҳрат доштанд [83, с.389]. Борбад дар нахуствохӯрӣ бо Хусрави Парвиз суруди «Партави Фархор»-ро иҷро кард. Ва муҳаққиқон Н.Н.Неъматов ва Ю.С.Малтсев ақидаи дигарро доир ба ин иброз намуданд: «.. эҳтимолият ба миён меояд, ки шояд Борбад аз ин шаҳри қадими тоҷикон – шаҳри Фархор аст, зеро ки байни аҳли илму ҳунар суннати дар назди шоҳ васф кардани зебоии ватани худ хеле устувор буд» [120, с.24].

Хусрави Парвиз. Ромишгарон мекӯшиданд ба ин жанр ҳар рӯз рӯ оваранд. Ҳунармандон сюжетҳоро аз ҳаёти рӯзмарраи шоҳ гирифта, ба он оҳанг баста, асарҳо пешниҳод мекарданд. Ба андешаи мо, эҷоди асарҳои сершумори хусравониёт дар васфи шоҳ Хусрав Парвиз зери худ омилҳои асосии зеринро дошт: Борбад ва ҳаммаслакони ӯ кору рӯзгори шоҳро пайваста дар мусиқӣ барои он инъикос менамуданд, ки онҳо хунёгарони дарбории шоҳ Хусрави Парвиз буданд (1); дуюмӣ он буд, ки жанри хусравониёт зодаи базми дарбории ҳамин шоҳ буд (2). Ва ниҳоят нуктаи сеюм он аст, ки идеологияи космологии мусиқии давраи аввали қурунивустоӣ дар ҳолати созиш ва ҳамоҳангӣ нигоҳ доштани табиату коинотро аз табъи шоҳ медид (3). Шоҳро доди Худованд мешумориданд. Мутрибони дарборӣ вазифадор буданд, ки табъи шоҳро доимо хуш нигоҳ доранд, онҳо ҳифзкунандаи табъи хуши подшоҳ буданд. Дар ҷараёни пешниҳоди асари мусиқӣ ҳар як ҳаракат ва гуфтаи шоҳ маънои мушаххас дошт. Масалан, дар рафти шунидани мусиқӣ шоҳ бо нидоҳо аз қабили «зеҳ!», «хушо!», «офарин!» пазируфтани ҳунари мутрибро ифода мекард. Агар шоҳ як бор «зеҳ!» гӯяд, хазинадор ба мутриб ҳазор динор ва агар «зеҳо зеҳ!» – ду ҳазор динор медод [129, с.124; 184, I, с.284-285].

Мавзуҳои жанрҳои таркибии хусравониёт на танҳо ба рафтор, тавоноӣ, хирадмандии подшоҳ, балки ба тамоми унсуре, ки шоҳро иҳота мекард, бахшида мешуданд. Мисол, асари «Шодурвони марворидӣ»[35] дар васфи чодари зебои пур аз дурру марворид ва рамзи шери подшоҳӣ, ки бо он Хусрави Парвиз хайма зада буд, гуфта шудааст. Асари дигаре бо номи «Шодурвони марворид» дорои мазмуни дигар аст: баъди пешниҳоди навбатии асари нави Борбад бо фармони шоҳ аз сари Борбад як лаълӣ марворид мерезанд. Ҳар дуи ин асарҳои силсилавиро Борбад дар жанрҳои таркибии хусравониёт эҷод кардааст. Ин жанр шакли созии худро низ доштааст.

Агар дар асарҳо бар васфи подшоҳону паҳлавонони бузурги эронӣ ифтихормандӣ зоҳир гардад, дар сурудҳои бахшида ба Хусрав Парвиз пур аз самимияту муҳаббат ба ин шоҳ мушоҳида мешавад. Асари созӣ-овозии «Паҳлавонӣ мӯя» дар жанри суруд-нола дар бораи рафтори Борбад баъди шунидани ҳабси Хусрави Парвиз аст[36]. Тибқи ривоят Борбад баъди нолаи пуралам, баъди афсӯсҳои зиёде, ки писар (Шерӯя) ба қадри падари бузургаш (Хусрави Парвиз) нарасидаасту беадолатиро нисбат ба падари худ раво дидааст, аз тақдири шоҳи тавонгар, ки дӯсташ медошт, ба ӯ сидқан хизмат мекард, менолад ва бо Худованд, бо Наврӯзу Меҳргон қасам мехӯрад, ки дигар барои ҳеҷ касе наменавозаду намесарояд, ангуштони худро бурида,

---

[35] Дар ин ҷо калимаи «шодурвон» маънои «чодар», «хайма»-ро дорад.

[36] Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ онро зери унвони «Шевани Борбад бар Хусрав» («Нолаи Борбад бар Хусрав») овардааст.

дар дасташ сахт зер карда, баромада меравад. Ба хона омада ҳамаи асбобҳои мусиқиашро месӯзонад. Баъди он Борбад ҳеҷ гоҳ на сароидаасту на навохтааст [181,.X, с.291-294].

Дар доираи хусравониёт шохаи жанрии *шеъри ҷангӣ* низ ташаккул ёфт. Он ду гурӯҳро дар бар мегирифт: 1) онҳое, ки бевосита дар рафти корҳои ҷангӣ суруда мешуданд; 2) берун аз ҷараёни ҷанг. «Паҳлавонӣ суруд», «Ҳафт хон» (ба муносибати ҳафт корнамоии Рустам ва Исфандиёр), «Дувоздаҳ рух», «Пайкори гурд», «Афсари сағзӣ», «Салмак», «Вижагон», «Хурӯши чаков», «Чаковак», «Қуфли Румӣ», «Қайсарон», «Зери кайсарон», «Сипоҳон», «Размн Турон», «Нокӯсӣ» [181; 189]. Ин асарҳои силсилавӣ дар такнавозии ансамбли созӣ суруда мешуданд. Дар амалияи мусиқӣ онҳо на танҳо пурра, балки қисм-қисм низ маъмул гардиданд. Аз ҷумла, дар «Шоҳнома» омадааст, ки Баҳроми Гӯр дар базме хоҳиш кард, ки «аз «Ҳафт хон» лахте (порчае – Ф.А.) барои ӯ сароянд».

Жанри мусиқии занона низ зимни хусравониёт рушду ривоҷ ёфта, шаклҳои гуногунро пайдо карда буд. Ин жанр бештар характери лирикӣ дошта, аксаран асоси оҳангӣ-интонатсионии таҳҷоиро доро буд, ба монанди асарҳои «Исфаҳонӣ», «Нишопурӣ» ва «Ниҳовандӣ» [138, с.48].

Ҳар як таркиботи хусравониёт бо жанрҳои созиву овозӣ-созӣ сурат мегирифт. Сози мусиқӣ дар он ҳам якканавозӣ мекарду ҳам такнавозӣ. Матни шеърии хусравониёт ба маънои имрӯзаи шеър набуд. Сабаби он то он вақт ташаккул наёфтани шеъри мавзун аст. Дар хусравониёт насри мусаҷҷаъ истифода бурда мешуд. Муҳаққиқони қурунивустой Қайсӣ Розӣ, Авфӣ, Саолибӣ қайд кардаанд, ки «ҳарчанд ки матн дар сурудани Борбад насрӣ буд, вале дар якҷоягӣ бо оҳангҳои ӯ ин матн ба шеъри мавзун табдил меёфт» [184.I, с.326]. Ин аз дараҷаи баланди маҳорати оҳангсозии Борбад дарак медиҳад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки хусравониёт ба жанри мукаммалтарин ва маъмултарини мусиқии асрҳои VI – VII табдил ёфт. Он ҳамчун жанри мусиқӣ дар давраи аввали пайдоиш бо жанрҳои шохавӣ ва таркибии худ зуҳурот пайдо намуд. Аз ибтидо иҷроиши ҳар як жанри таркибии хуравониёт мушаххас ба замону шунаванда мутобиқ мегардид, ба беҳтару серрангтар гардонидани ҳаёти мусиқӣ равона мешуд. Ин низом аз дарбор сар мезад ва ин вазифаро сарояндагону навозандагони дарборӣ ба уҳда доштанд. Ҳамаи коркардҳои ин мутрибони касбӣ дар Ҳафтпарда асос меёфт. Онҳо мекӯшиданд ба ин васила байни мардум муносибати навро ба мусиқӣ тарбия кунанд ва мардумро бо низоми нави он шинос гардонанд. Жанри хусравониёт тамоми амалияи мусиқиро фаро гирифт ва хеле сершоха гардид. Маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ доир ба овардани жанрҳои шохавии хусравониёт гуногунранганд, зеро ки унвонҳои жанрӣ якхела нестанд. Дар ин асос мусиқишинос Н.Ҳакимов дувоздаҳтои онро овардааст [184.I, с.278-

312]. Дар поён бо иловаи маълумотҳои феҳристҳои қурунивустоӣ ва мушоҳидаҳои шахсии худ онҳоро пурратар меоварем:

1) *аврангӣ* – зери унвонҳои «Аврангӣ», «Тахти Тоқдис», «Тахти Ҷамшед», «Тахти Ардашер» ва аз қабили инҳо. Онҳо бо ҳаёти шоҳони эронӣ алоқаманд буда, тавоноии онҳоро васф менамуданд. Тахти Тоқдис ба Хусрав Парвиз тааллуқ доштааст ва дар таърих бо бузургӣ ва ороиши зебои худ машҳур гардидааст [42; 184. I, с.278].

2) жанри силсилавии созӣ-овозии *офарин*, функсияи ҳамранги жанри имрӯзаи «ситоиш»-ро иҷро мекард [184.I, с.280]. Имрӯз дар яке аз анъанаҳои мақомҳои кӯҳистонии тоҷик – фалаки помирӣ зери унвони «ситоиш» дар жанри силсилавии Фалак-Мадҳия қисме маъмул аст.

3) *ганҷина* жанрест дар мазмуни боигариву дорандагии подшоҳон, аз қабили «Ганҷи бодовард», «Ганҷи гов», «Ганҷи сӯхта», «Ганҷи арӯс», «Ганҷи Афросиёб», «Ганҷи сохта», «Ганҷи шодоварди бузург», «Ганҷи Фаридун», «Ганҷи бор», «Ганҷи Комрон», «Ганҷи Ҳазро» ва диг. Ҳар яки онҳо воқеиятеро зери худ асос интихоб кардаанд.

Масалан, хусравониёти «Ганҷи бодовард» баъди аз Рум бо ғалаба баргаштани Шаҳрбароз эҷод шуда буд, ки нақли он чунин аст: «.... чун Парвиз шунид, ки румиён бар Мавриқ – подшоҳашон, ки падарзани ӯ буд, шӯрида ва ӯро куштаанд ва каси дигарро ба шоҳӣ бардоштаанд, ин кор бар ӯ гарон омад. Барошуфт ва марзбони номвар ба Шаҳрбарозро бо сипоҳе барои хунхоҳӣ аз Мавриқ ва куштани шоҳи тоза ба Рум фиристод. Чун Шаҳрбароз ба Рум даромад, гирдогирди Искандарияро гирифт ва сипоҳи дигареро барои дар миён гирифтани Кунстантиния, ки нофи кишвар ва пойтахти он буд, равона кард. Шоҳи Рум аз тарси ин ки Кунстантиния кушода шавад, омодаи гурез шуд ва ганҷинаҳову андӯхтаҳо ва низ чӯбе, ки тарсоён гумон доранд Исоро бар он ба дор овехтаанд, дар киштие ниҳод ва ба дарё афканд. Бод бар онҳо вазид ва онҳоро ба Искандария бурд ва Шаҳрбароз бар онҳо даст ёфт ва аз дарё гирифт ва ҳамаро назди Парвиз фиристод. Парвиз аз дидани онҳо дар шигифт афтод ва шодмон шуд ва гуфт: Худоро сипос, ки бо фариштагон моро ёрӣ кард ва бодро дар баробарӣ бо душманон ба ёрии мо фиристод ва надӯхтаҳо ва беҳтарин ганҷинаҳои шоҳони Румро аз ҷое, ки гумон намерафт, ба сӯи мо равон кард. Он гоҳ фармон дод, ки ганҷхонае ҷудогона барои он бисозанд, ки ба форсӣ онро «Ганҷи бодовард» мехонданд» [12, с. 342-343].

Сарчашмаҳои хаттӣ ин ривоятҳоро такрор ба такрор меоваранд. Масалан, дар «Ғиёсу-л-луғот» дар бораи «Ганҷи бодовард» чунин овардааст: «номи ганҷи дувум аз ҳашт ганҷи Хусрави Парвиз.. ... қайсари Рум аз хавфи Парвиз чанд киштӣ аз молу зар пур карда ба ҷазира мефиристад. Боди мухолиф он киштиҳоро ба сӯи мулки Парвиз оварда, лиҳозо он молро «ганҷи бодовард» ном карданд; .. ва номи навоест аз мусиқӣ... » [67.I, с.109].

Асари силсилавии дигаре дар жанри хусравониёт бо номи «Ганҷи гов» машҳур гардидааст. Нақли он чунин аст: «.... яке аз кишоварзон заминеро бо ду гови худ шухм мезад [шудгор мекард – Н.З.]. Говоҳан, ки порсиён ба он «ғубоз» [ҷувоз – Н.З.] гӯянд, ба кӯзаи мисине моломол аз зар бархӯрд. Кишоварз онро баргирифт ва ба даргоҳи шоҳ овард. Чун гузориши он ба шоҳ расид, фармон дод, ки заминро бикованд ва ганҷҳоро берун биёваранд. Заминро ковиданд ва ба сад кӯзаи пур аз симу зар ва гавҳар аз ганҷҳои Искандар, ки муҳри ӯ бар онҳо буд, даст ёфтанд. Онҳоро ба пешгоҳи шоҳ оварданд. Парвиз Худоро сипос гуфт ва яке аз кӯзаҳоро ба марди кишоварз бахшид ва фармон дод, ки ганҷхонае вежаи он сохтанд, ки «Ганҷи гов» номида шуд» [12, с.343].

Чунин суннат низ ҷо дошт, ки баъзан якчандтои онҳоро пайиҳам иҷро мекарданд ва асари бузургсилсилавие дар жанри *ганҷина* ба вуҷуд меомад. Дар ин маврид ҳам қавоиди Ҳафтпарда пурра риоя мешуд. Чунин жанри силсилавиро «Ҳафтганҷ» меномиданд.

4) *наврӯзӣ* жанри овозӣ-созӣ бахшида ба Наврӯз аст, аз зумраи онҳо «Нози Наврӯз», «Наврӯзи Бузург», «Фаррух рӯз», «Наврӯз», «Гулҷамъ», «Гулбаҳорӣ», «Навбаҳорӣ», «Гулзор», «Сабзаи баҳор», «Сабзбаҳор», «Наврӯзи Хоро», «Наврӯзи Кайқубод», «Шаби фаррух», «Оини Ҷамшед». «Меҳргони бузург», «Соли Наврӯз». Жанри наврӯзӣ имрӯз ҳам дар Шашмақом бо унвонҳои шуъбаҳои «Наврӯзи Аҷам» ва «Наврӯзи Хоро» (Сегоҳ) зоҳир гардидааст. Вале феълан ба Наврӯз жанрҳои таркибии зиёди Шашмақом алоқаманданд.

5) жанри *боғӣ* бо меҳру муҳаббат ба тавоноии табиат, олами наботот ва ҳайвонот вобаста аст. Дар ин жанр асарҳои «Боғи Шаҳриёр», «Боғи Сиёвуш», «Боғи Ширин», «Боғи нахчирон», «Шабдиз», «Нахчиргоҳ» ва дигарҳо эҷод шудаанд. Шарҳи ҳар яки ин асарҳо дар сарчашмаҳои хаттӣ оварда шудааст. Яке аз машҳуртарини он ба аспи дӯстдоштаи Хусрави Парвиз бахшида шудааст. Масалан чунин омадааст, ки «Шабдиз .... аспе ягона дар зебоӣ ва арҷмандӣ буда ва вежагии обу оташро якҷо дошт. Чун чашмзахм ба ӯ расид ва фармони осмонӣ дар ӯ коргар афтод, мурд ва кас заҳра надошт, ки гузориши онро ба шоҳ бирасонад. Мирохур ба Борбад моле дод, то ба нармзабонӣ шоҳро аз марги Шабдиз огоҳ кунад. Ҳангоме ки Борбад мехонду менавохт, дар миёни суруд гуфт: Шабдиз на пӯя мекунад, на ба чаро меравад ва на мехобад. Шоҳ гуфт: «Дар ин сурат ӯ мурдааст». Борбад гуфт: «Ман инро аз шоҳ шунидам». Парвиз беором ва парешон гардид ва дар миёни дувоздаҳ ҳазор аспе, ки дар сутурхона дошт, аспе наёфт, ки ҷои Шабдизро бигирад. Пас аз он гарчи бо чаҳор асп, ки бо он монандӣ доштанд, худро саргарм мекард, вале ҳеҷ кадом ба гарди вай нарасиданд ва ҷойгузини Шабдиз нашуданд» [12, с. 343-344].

Дар Шашмақому Фалак – навъҳои мақомоти тоҷик имрӯз аз чунин асарҳо «Наврӯзи Сабо», «Фалаки Роғӣ», «Фалаки Дарӣ» ва дигарро ном гирифтан мумкин аст, ки муҳаббат ба табиатро васф мекунанд.

6) жанри *нӯшинбода* яке аз жанрҳоест, ки имрӯз дар Шашмақоми тоҷик зери унвони *соқинома*, *уфар*, *фурӯғ* ҷо дорад. Ин жанр характери рақсӣ дошт. Анъанаҳои жанри мазкур бо номи соқинома ҳам дар адабиёт ва ҳам дар мусиқӣ дар тули садсолаҳои фарҳанги исломӣ низ хеле устувор буда, асосан дар ҳаёти дарборӣ рушд ёфтаанд.

7) жанри мусиқии бо унвони *кин* («кина») силсилавии овозӣ-созист. Он як қатор асарҳоро аз қабили «Кини Эраҷ», «Кини Сиёвуш» дар бар мегирад. Хусусияти ин жанри таркибии хусравониёт дар бисёрвариантии он буд. Ҳар сарояндаву навозанда онро метавонист аз рӯи диди худ бо мазмуни фарққунанда иҷро кунад. Зимни хусравониёт (бо истифодаи системаи Ҳафтпарда) он талқини нави худро пайдо кард. Муаллифи маъхази асри X «Таърихи Бухоро» Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ пайдоиши хусравониёти «Кини Сиёвуш»-ро бо яке аз деҳаҳои атрофи Бухоро, ки Ромитан ном дорад, мепайвандад: «...Ва Афросиёб бино кардааст ин деҳаро. ..Ва вай домоди худро бикушт, ки Сиёвуш ном дошт. ... Ва Сиёвушро писаре буд, Кайхусрав ном. Вай ба талаби хуни падар бад-ин вилоят омад бо лашкари азим...Ва дар деҳаи Ромиш [Ромитан] оташхонае ниҳод.... имрӯз он аз қадимтаринҳост дар Бухоро.. Баъди ду сол Кайхусрав Афросиёбро бикушт...». Дар ҳамин ҷо муаллиф қайд кардааст, ки «..аз ин таърих се ҳазор сол гузашт...». Дар замони муаллиф, яъне асри X, дар Бухоро хусравониёти зиёде маъмул будааст ба ин мавзуъ: «..ва аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуши бегуноҳ сурудҳои аҷиб аст. Ва мутрибон он сурудҳоро «Кини Сиёвуш» гӯянд...» [118, с.44-45].

8) *хусравонӣ* композитсияҳои силсилавии созӣ дар асоси ҳафт парда. Дар сарчашмаҳои хаттӣ (эронӣ, чинӣ, арабӣ) бо унвонҳои гуногун (ки бештар аз талаффуз бармеояд) омадаанд. Дар онҳо ҳар як парда бо системаи комили худ пешниҳод мегардид, аз ин рӯ, дар асоси ҳар кадоми он асари силсилавии ҳафтқисма ва ё ҳаштқисма сохта мешуд. Жанри хусравонӣ ҳадафи нишон додани неруи лаҳниро дошт. Дар қиёс бо жанрҳои дигари хусравониёт, жанри хусравонӣ бештар виртуозӣ буд ва характери талқини лаҳнӣ-интонатсионии оҳангро дар бар мегирифт. Жанрҳои *мозандаронӣ* (9), *меҳргонӣ* (10) ва *нимрӯзӣ* (11) намунаҳои жанрианд, ки дар асоси оҳангҳои фолклорӣ (мозандаронӣ), сурудҳои мавсимӣ (меҳргонӣ) ва қоидаи мутобиқи замонӣ сохта шудаанд. Зеро ки моҳияти системаи Ҳафтпарда ин паҳлуро низ дар бар мегирифт. Хусусияти номбурда дар унвонҳои ҷуғрофӣ, мавсимӣ ва табиат зуҳурот пайдо кардааст. Дар мақомҳои имрӯзаи тоҷик ин хусусиятҳо дар унвонҳои қисмҳои таркибии «Ирок», «Ироқи Бухоро», «Наврӯзи Сабо», «Наврӯзи Хоро», «Наврӯзи Аҷам» мушоҳида мешаванд.

12) жанри *фаҳлабад* жанри рӯнамоии ҳунар, услуб ва ё мактаби ҳар як мутриб аст. Ӯ услуби худро ифода мекунад. Ба андешаи мо ин номи умумии жанр аст ва чунин қарор гирифтани жанри мусиқӣ фаҳмост. Борбад ва ҳаммаслаконаш зимни як қавоид (1), талаботи идеологӣ (2) ва услуби ягонаи иҷрокунандагии *хусравонӣ* (3) фаъолият мекарданд. Он гуногунрангие, ки ҳар ҳунарманд аз худ медаровард, дар доираи талаботи умумии ягона қарор мегирифт. Аз ин рӯ, зуҳуроти умумии жанрӣ табиист. Лекин ҳар навозанда онро бо номи худ эҷод мекард. Борбад чунин асарҳояшро дар жанри *фаҳлабад* (на Борбад!) офаридааст. Аз ин аст, ки ин жанр дар сарчашмаҳои хаттии форсизабон бо номи умумии «*фаҳлабад*» ва арабизабон – зери унвони «*фаҳлизийана*», «*фаҳлизийят*», «*фаҳлизийа*» вомехӯрад. Омили пайдоиши чунин жанр дар он аст, ки ҳунарманде, ки ба дараҷаи баландтарини маҳорати мусиқӣ расидааст, устоди кулли мусиқӣ аст, жанри худро меофарад. Дар замони Борбад чунин анъана устувор буд ва Борбад (Фаҳлабад) силсилаасарҳои «Фаҳлабад», Ромтин асарҳои «Ромтин», Саркаш силсилаи «Саркаш», мутриба Озодвари Чангӣ силсилаҳои «Озодвар»-ро меофаридаанд. Муаллифи асри XI овардааст:

Яке най бар сари «Кисрӣ», дуюм най бар сари «Шишам».
Се дигар пардаи «Саркаш», чаҳорум пардаи «Лайлӣ» [138, с.48].

Аз ин байт маълум мешавад, ки ба ин асарҳо пардаҳои гуногун хос будааст. Дар амалияи мусиқӣ пардаҳоро бо номи мутриб мепайвастаанд. Эҳтимол «пардаи худ»-и ҳар як мутриб (сароянда ва ҳатто навозанда) мутобиқи диди ӯ ва диапазони овозии ӯ интихоб мегардид. Ва он пардаи аслии ӯ буд. Ӯ дар асоси он на яктову дуто асари серрангу силсилавӣ меофарид.

Дар амалияи мусиқии имрӯз ҳам мушкил аст ҳунармандеро ёфт, ки дар эҷоди асар барои сарояндаи мушаххас пардаи ӯро ба назар нагирад. Табиист, ки зимни Шашмақом ва Фалак имрӯз ҳам ҳар як сароянда аслпардаи худро дорад. Вале анъанаи номгузории асарҳо ба номи сароянда аз байн рафтааст. Дар заминаи Шашмақом ин амал ба таври дигар ҷо дорад. Асарҳои таркибии Шашмақом, ки дорои номҳои хосанд, аз қабили «Насруллоҳӣ», «Мухаммаси Мирзоҳаким», «Сақили Бастанигор», «Сақили Ашкулло», «Мухаммаси Ҳоҷихӯҷа», силсилаи «Оромиҷон», «Сақили Ислимхон», «Сақили Султон», силсилаи «Савти Сарвиноз» воқеан ба офарандаи ин асарҳо тааллуқ дорад. Дар таърихи Шашмақом маълум аст, ки авҷҳои номдори он низ муаллифони мушаххасро доранд. Ва омили пайдоиши ду авҷи машҳури Шашмақом – Авҷи Зебопарӣ [191] ва Авҷи Само (онро инчунин Авҷи Турк мегӯянд, ки аслан Авҷи Наврӯзалӣ аст) [170, с.41] хусусияти услуб ва овози мақомхонони машҳури замон мебошад.

Дар охири асри VI – аввали асри VII хусравониёт ба жанри нишондиҳандаи хусусиятҳои мусиқии профессионалии дунявӣ табдил гардид. Доираи васеи мазмунӣ, асоси системавии Ҳафтпарда, зерҳикоя бар ҳар як асари мусиқӣ, матни насри мусаҷҷаъ, услуби нави хусравонӣ дар навозандагӣ (қисмҳои таркибии созӣ), жанрҳои умумӣ ва шохавӣ – ҳама аз ҳунари мусиқии профессионалӣ гувоҳӣ медиҳад. Беш аз ин аксарияти ин хусусиятҳо имрӯз ба мақомот хосанд. Бо риояи талаботи нави қавоиди амалӣ, назарияи системавии мусиқӣ ташаккул ёфт, ки нишондоди рушди тафаккури мусиқии мардуми форсу тоҷик буд.

Дар замоне, ки ин жанр пайдо шуд, байни мардуми эронинажод достонсарой рушд ёфта буд. Дар қиёс бо достон хусравониёт жанри сирф мусиқавӣ аст. Ҳарчанд ки ба мисли достон сохтори силсилавӣ ва мазмуни мушаххасро дорост, байни ин ду жанр фарқияти ҷиддие ҷо дорад. Достони онвақтаро наметавон жанри сирф мусиқӣ муайян кард. Достон жанри омехта (синкретӣ) аст. Он бештар ба нақл наздик буда, мусиқии он чанде фаъол набуд. Дар он хусусиятҳои нақли бадеӣ, унсурҳои театрӣ баробарпаҳлуи мусиқӣ буданд. Нақши мусиқӣ дар достонсарой заиф буд. Вале хусравониёт бо пайдоиши худ саҳифаи наверо дар таърихи мусиқии форсу тоҷик кушод, ки ин саҳифаи тавлиди жанри мусиқии профессионалии дунявӣ аст.

Жанри дигари ин замон *равошин* ба ҳисоб меравад [16; 22; 70; 148; 184.I]. Ба ин жанри созӣ характери импровизатсионӣ-виртуозӣ хос буд. Олими мусиқӣ Ибни Зайла (а. XI) қайд кардааст, ки равошин қисми таркибии асарҳои бузургҳаҷми силсилавист [22; 148; 184.I, с.322]. Саолибӣ низ равошинро жанри созӣ ва қисми таркибии хусравониёт номидааст. Ба гуфтаи Форобӣ равиши оҳангӣ дар равошин пур аз ороишоти мураккаб (пассажҳои болоравандаву поинраванда – Ф.А.) буда, барои иҷрои овозӣ мушкил будааст [70, с.159]. Дар баробари ин ҳам Саолибӣ ва ҳам Ибни Зайла як хусусияти дигари равошинро меоваранд: «*дар баробари навохтани равошин онро метавон бе матн сароид..*» [16; 22; 148]. Чунин зуҳуроти услуби сароядагӣ дар рагаи ҳиндӣ дида мешавад [16; 22]. Эҳтимол матни пуророишоту импровизатсионии равошин ба хусусиятҳои рагаи ҳиндӣ хеле монанд буд. Ва ин истифодаи сухани дорои маънои мушаххасро мушкил мегардонд. Ин аст, ки дар равошин овози инсон ба ҳайси олоти мусиқӣ истифода бурда мешуд. Дар ин маврид бештар ба техникаи виртуозии овоз, зебоии садоӣ аҳаммият дода, ба ҷои калима ё сухани маънодор бештар ҳиҷоҳо дар истифода буданд. Бо назардошти чунин хусусияти ин жанр метавон гуфт, ки равошин яке аз нахустшаклҳои вокализи имрӯза аст. Жанри равошин дар давраи фарҳанги исломӣ низ дар амалияи мусиқӣ ҷой доштааст. Абунасри Форобӣ дар «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир» дар бораи ин жанр маълумот

меоварад: «.. айён шуд, ки дар қиёс бо овози инсон асбобҳои мусиқӣ садоҳои дигаре мебароранд. Аз миёни жанрҳои мусиқии созӣ аз мусиқии қадим *равошинҳои хуросонӣ* ва *равошинҳои форсӣ*-ро ном гирифтан лозим аст» [70, с.159].

Аз қайдҳои боло бармеояд, ки равошин дар амалияи мусиқӣ ҳам чун қисми таркибии хусравониёт ва ҳам мустақил маъмул буд. Дар ҳар ду маврид он зимни системаи Ҳафтпарда қарор меёфт. Ҳадафи жанрии равошин ба нишон додани неруи лаҳнӣ-оҳангии парда (ё лаҳн, ё суруд) равона шуда буд.

Хулоса, Ҳафтпарда ба пайдоиши жанрҳои сирф мусиқӣ мусоидат намуд. Хусравониёт – жанри сирф мусиқӣ, бисёр хусусиятҳои мусиқии тоҷикро дар бар гирифтааст, ки дар замонҳои дигар низ аз онҳо истифода бурдаанд: силсиласозӣ, асоси лаҳнӣ-оҳангӣ, гуногунрангии ороишотӣ... Ин хусусиятҳо ҳамчун унсурҳои хоссаи мусиқии суннатии тоҷик боқӣ мондаанд. Асарҳои жанри хусравониёт ҳаҷман хеле бузург бошанд ҳам, аз даҳон ба даҳон аз худ карда мешуданд. Ба ин пешниҳод ва қабули системавии он мусоидат мекард. Тадриҷан мусиқии асарҳои жанри хусравониёт мураккаб мегардиданд, матни шеърии он иваз шуд. Дар ҳунари навозандагиву сароянд агӣ услуби сирф мусиқӣ-профессионалӣ-дунявӣ – хусравонӣ ташаккул ёфт. Ин услуби хосса то асрҳои XII – XIII рушд ёфта, талаботи нави замони навро «ҷабида мегирифт». Хусравониёт аз як тараф зуҳуроти жанри силсилавии профессионалӣ аст, аз тарафи дигар нахустинъикоси мақомот. Дар он унсурҳои асосии тафаккури мақом зоҳир гардидаанд:

- силсилабандӣ дар асоси системаи лаҳнӣ бо тамоюли рӯнамои ҳар як парда дар ҷараёни қисми алоҳида;
- пайвастагии мушаххаси мусиқӣ бо системаи лаҳнӣ, риояи ҳатмии он;
- зуҳуроти ҳар як лаҳн тавассути оҳангибора ва рушди он;
- иҷрои функсияи пешбурди тафаккур дар илми мусиқӣ;
- иҷрои функсияи иҷтимоӣ дар фарҳанги замон.

Дар жанрҳои имрӯзаи мусиқии суннатии тоҷик танҳо як хусусияти жанри равошин – баёни озоди он, дар фалаки даштӣ (анъанаи фалаки кулобӣ), фалак (анъанаи фалаки помирӣ), *ашулаи калон*, ки бештар бо унвони тоҷикӣ-узбакии *катта ашула* густариш ёфтааст, мушоҳида карда мешавад. Лекин дар қиёс бо равошин ин жанрҳои овозианд (1), матни шеърӣ доранд (2), бидуни такнавозии созӣ мебошанд (3). Он асоси ороишие, ки ба равошин хос буд, дар мусиқии суннатии созӣ ва овозӣ хеле васеъ густариш ёфтааст.

II.5. Мактаби устод-шогирд дар давраи Борбад

То давраи Борбад системаи таълим дар байни мардуми форс-тоҷик хеле рушд ёфта буд. Яке бо равияи динӣ ва дигаре дар донишгоҳҳо. Таъсиси донишгоҳ дар Гунди Шопур дар асри VI (замони Хусрав Парвиз I) худ аз он далолат медиҳад[37]. Барномаи таълимии ин донишгоҳи машҳур новобаста аз характери тиббӣ доштани он, ҳафт фанни асосиро дар бар мегирифт: грамматика, риторика, фалсафа, арифметика, геометрия, астрономия ва мусиқӣ. Дар баробари таълимоти академӣ, дар ҳаёти эрониён омӯхтани ҳунар зарур буд. Кайковус қайд мекунад, ки «аҳли ашроф омӯхтани ҳунарро барои фарзандаш ҳатмӣ меҳисобид» [92, с.61-62].

Фазои маънавии замон чунин қарор гирифта буд, ки ягон касе берун аз омӯзиши ҳунари бадеӣ буда наметавонист. Муҳаққиқи машҳур В.В. Бартолд ба ин аҳаммияти хосса дода, қайд мекунад, ки бо калимаи форсии «устод» инчунин ҳунаромӯзро низ ном мегирифтанд [46]. Дар омӯзиши мусиқӣ институти таълимии устод-шогирд асосӣ буд. Он ҳамаи ҳунарҳоро фаро мегирифт. Бо сабаби он, ки мусиқӣ низ яке аз ҳунарҳо мақбул гардид, таълими он бар ин услуби таълимӣ асос ёфт.

Бо пазируфтани Хусрав Парвиз системаи Борбадро низоми мусиқии Ҳафтпарда на танҳо дар дарбор риоя гардид, балки барои фаҳмиши нави мусиқӣ низ мусоидат намуд. Он услуби нави иҷроиши мусиқӣ, асоси илмӣ-амалӣ, қавоиди мушаххасро пешниҳод кард ва аз ҳама муҳим, зарурати омӯзишу таълими махсуси мусиқиро ба миён овард. Барои аҳли ҷомеа азхудкунии системаи нав, қонунҳои иҷрокунандагӣ ҳатмӣ ҳисобида шуда, омӯзиши онҳо дар мактаби суннатии устод-шогирд роҳандозӣ карда шуд. Ба эътибор гирифтани ҳам шиносоиву азхудкунии аҳли дарбор ва ҳам тарзи услуб ба роҳандозии системавии таълими он ба офаридаҳои Борбад имконият дод, ки тайи садсолаҳо дар байни мардум густариш ёфта, дар амалияи мусиқӣ ва барномаи таълимии устод-шогирд устувор боқӣ монад, тавре ки аз он маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд.

Мусиқишиноси тоҷик Наим Ҳакимов ҷадвали зеринро овардааст, ки бо фарогирии се манбаи асримиёнагӣ сохта шудааст [184.I, с.276]. Бо истифода аз ин ҷадвал ва бо илова кардани як сутуни охирин ба он, умумияти маълумоти овардаи сарчашмаҳои хаттиро қиёс менамоем. Ҷо доштани ин маълумот худ аз устувории омӯзиши системаи Борбад далолат мекунад ва барои дарки аҳаммияти ин система дар асрҳои аввали қурунивустоӣ равшанӣ меандозад. Ин маълумот чунин аст:

---

[37] Фарҳангистони Гунди Шопур (فرهنگستان گندی شاپور имрӯз : Донишгоҳи Гунди Шопур (شاپور دانشگاه گندی) дар аҳди Хусрави I таъсис ёфта, яке аз се маркази таълимии Сосониён аст.

№	Ҳафт кулзум	Бурҳони қотеъ	Хусрав ва Ширин	ҷамъ
1	Ороиши хуршед	Ороиши хуршед	Ороиши хуршед	3
2	Оини Ҷамшед	Оини Ҷамшед	Машкуя	2+1
3	Аврангӣ	Аврангӣ	Аврангӣ	3
4	Боғи Ширин	Боғи Ширин	Боғи Ширин	3
5	Тахти Токдис	Тахти Токдис	Тахти Токдис	3
6	Ҳуққаи Ковус	Ҳуққаи Ковус	Ҳуққаи Ковус	3
7	Руҳи рух	Руҳи рух	Моҳ бар кухон	2+1
8	Ромиши ҷон	Ромиши ҷон	Ромиши ҷон	3
9	Сабз дар сабз	Сабз дар сабз	Сабз дар сабз	3
10	Сарвистон	Сарвистон	Сарвистон	3
11	Сарви саҳӣ	Сарви саҳӣ	Сарви саҳӣ	3
12	Шодурвони марворид	Шодурвони марворид	Шодурвони марворид	3
13	Шаби фаррух	Шаби фаррух	Шаби фаррух	3
14	Шабдиз	Шабдиз	Шабдиз	3
15	Қуфли Румӣ	Қуфли Румӣ	Қуфли Румӣ	3
16	Ганҷи бодовард	Ганҷи бодовард	Ганҷи бодовард	3
17	Ганҷи Гов	Ганҷи Гов	Ганҷи Гов	3
18	Ганҷи сӯхта	Ганҷи сӯхта	Ганҷи сӯхта	3
19	Кини Эраҷ	Кини Эраҷ	Кини Эраҷ	3
20	Кини Сиёвуш	Кини Сиёвуш	Кини Сиёвуш	3
21	Шаб бар кӯҳон	Шаб бар кӯҳон	Нози Наврӯз	2+1
22	Мушкдона	Мушкдона	Мушкдона	3
23	Мушкмолӣ	Мушкмолӣ	Фаррух руз	2+1
24	Марвои нек	Марвои нек	Марвои нек	3
25	Меҳргонӣ	Меҳргонӣ	Меҳргонӣ	3
26	Нокусӣ	Нокусӣ	Нокусӣ	3
27	Навбаҳорӣ	Навбаҳорӣ	Ғунчаи кабки дарӣ	2+1
28	Нушинбода	Нушинбода	Нушинбода	3
29	Нимрӯз	Нимрӯз	Нимрӯз	3
30	Нахчиргоҳ	Нахчиргоҳ	Нахчиргоҳ	3

Ҷадвали 3. Овардаҳои се манбаи қурунивустоӣ оид ба 30 лаҳн

Тавре ки айён мешавад, манбаъҳо маълумоти якхеларо бо фарқияти хеле кам нишон медиҳанд. Ҳар як унвони ин ҷадвал зери худ дараҷот ва оҳангеро дошт, ки онро шогирдон ба таври шифоҳӣ ва инфиродӣ дар мактаби устод-шогирд аз худ мекарданд. Ин далели он аст, ки системаи Ҳафтпарда заминаи хуби илмӣ-амалии худро дар ҷараёни таълими мактаби суннатии устод-шогирд ба даст овард ва хеле устувор нигаҳ дошта тавонист. Бо низоми Ҳафтпарда унсурҳои умумие пайдо шуданд, ки риояи онҳо ҳам барои иҷро ва ҳам шунавоию фаҳмиши мусиқӣ ҳатмӣ гардид. Аз риояи онҳо на танҳо толибилмон, балки шунавандагони мусиқӣ низ баҳра бурда, фаҳмиши мусиқавиашонро хуб мегардонданд. Донистани мазмуну қоидаҳо барои дуруст фаҳмидани мусиқӣ мусоидат менамуд. Чунин вазъ аз он буд, ки соҳибҳунарони фанни мусиқӣ дар назди ҷомеа вазифадор буданд бо ин васила солимии ҷомеаро ҳифз намоянд. Ифодаи ин ё он мазмун ё образ тавассути унсурҳои мушаххас ба амал оварда мешуд. Бори дигар ба хотир меоварем, ки Борбад бо мусиқӣ ба шоҳ Хусрави Парвиз хабари марги аспи дӯстдоштаи ӯ Шабдизро бирасонд ва аспбон Мирохӯрро аз ҷазо халос бикард [12; 143].

Дар амалияи мусиқӣ, дар мактаби устод-шогирд қоидаҳои асосии эҷод ва иҷрои мусиқӣ коркард шуда буд. Ҳар як устод барномаи худро танҳо барои шогирди худ месохт. Вале талаботи умумие вуҷуд дошт, ки тибқи онҳо барномаи мусиқӣ дар асоси системаи Ҳафтпарда таҳия мегардид. Назарияи амалии мусиқӣ пурра дар асоси фаҳмиши космологӣ қарор ёфта буд. Барои омӯзонидани қоидаҳои асосии Ҳафтпарда *ҷадвали раҳнамуние* ҳамчун василаи таълимӣ коркард шуда буд, ки донистани он барои истифодаи аҳли мусиқӣ ҳатмӣ маҳсуб меёфт. Тибқи ин ҷадвали раҳнамунӣ ҳар як унсури мусиқӣ бо соатҳои як шабонарӯз, фаслҳои сол, намояндаи олами наботот ва ҳайвонот, узвҳои бадани инсон (микрокосм), ранг, суръат ва ҳоказо мутобиқ буда, бо коиноту табиат (макрокосм) ҳамнафас ба шумор мерафт. Ин ақида то ҷое буд, ки ҳар касе, ки мусиқиро дар вақти дигар навозад, ҷазо дода мешуд. Чунин шуморида мешуд, ки шунидани мусиқӣ дар вақти номутобиқ табиатро хароб ва касро бемор мекунад. Иҷрои нишондодҳои ҷадвали раҳнамунӣ дар амалияи мусиқӣ ҳатмӣ буд, бинобар ин он дар маркази ҷараёни омӯзиши касбии мусиқӣ қарор мегирифт. Чунин ҷадвали раҳнамунӣ он гоҳ дар мусиқии Ҳинд хеле устувор буд. Яке аз муҳаққиқони системаҳои аломатӣ (семиотика) О.Ф. Волкова дар асоси рисолаҳои ҳиндӣ «Бриҳаддеши» Матанга (а.VIII) ва «Сангитамакаранда» Нарада (а.VIII) ҷадвалеро сохтааст, ки дар амалияи мусиқӣ ҷо дошт [56]. Анъанаи мутобиққунии садоҳои мусиқӣ дар Ҳиндустони қадим хеле пештар ҷо дошт. Чунин маълумотро дар яке аз рисолаи қадимтарини ҳиндӣ – Бҳарата «Гиталанкара» (а. I то милод) дида метавонем. Тибқи он ба

мусиқии онвақта яксаду ҳаштоду панҷ унсур маълум будааст [111, с. 91]. Оид ба савти мусиқӣ гуфта мешавад, ки ҳафт савти асосии мусиқӣ ҳам садоҳои нутқи одӣ, ҳам сароиш, ё дигар садоҳое, ки мешунавем, ҳамаро фаро гирифтааст [111, с. 91]. Вале ҳар яки он ранги худро дорад: «.. шадҷа – ранги баргчаҳои нилуфар; ришабҳа – ранги сабзи зардча ба мисли тутӣ; гандҳара – тилоранг; мадҳъяма – ранги ёсуман; панчама – сиёҳ; дҳайвата – зарди серранг; нишада – ҳамаи рангҳоро дар бар мегирад. Ҳамаи свараҳо рангҳои худро доранд» [56; 111, с. 91-92][38]. Порчаеро (зеро ки он ба таври уфуқӣ бемаҳдуд аст) аз ин ҷадвали раҳнамунии мактаби устод-шогирд (бо тарҷумаи мо – Ф.А.) ин ҷо меоварем. Дар он ҳар як савти мусиқӣ бо унсурҳои макрокосм ва микрокосм мутобиқ гардонида шудааст:

парда	**манша**	**ранг**	**қитъа**	**қирш**	**аломати зодгоҳӣ**	**сайёра**	**қисми бадан**	**ҳайвон**	**эҳсосот**
Шадҷа	худо	сабз	Ҷамбу	браҳман	Далв	Зуҳал	руҳ	товус	қаҳрамонӣ
Ришабҳа	ришӣ	норанҷӣ	Атра	кшатрий	Мизон	Зӯҳра	сар	чатака	ғазаб
Гандҳара	худо	тиллоӣ	Куша	вайшйя	Ҳут	Моҳ	даст	буз	оромӣ
Мадҳйяма	худо	ёсуманӣ	Краунча	браҳман	Асад	Хуршед	сина	кроншнеп	хушнудӣ
Панчама	аҷдод	сафед	Шалмали	шудра	Вирҷ	Аторуд	гардан	кокила	шаҳвонӣ
Дҳайвата	ришӣ	зард	Швета	кшатрий	Қавс	Муштарӣ	пой	қурбоққа	нафратангез
Найшада	асура	рангоранг	Пушкара	вайшйя	Акраб	Миррих	Ангушт	фил	ҳаяҷоновар

Ҷадвали 4. Мутобиқоти свара ба унсурҳои макрокосм ва микрокосм

Бидуни шак, ба Борбад ин назарияи мусиқии Ҳинд маълум буд, зеро ки хунёгарони Ҳинд дар дарбори Сосониён дар тули ҳамаи давраи ҳукмронии онҳо фаъолият мекарданд.

Вазифаи асосии ҷадвали раҳнамунӣ дар амалияи мусиқӣ ба тартиб даровардани истифода (иҷроиш ва шунавоиш)-и мусиқӣ буд. Қоидаи ҷадвали раҳнамунӣ ба шогирд имкон медод, ки ба синну соли шунаванда, ба вақти шабонарӯз нигоҳ карда, асари мусиқиро барои иҷроиш интихоб намояд ва мусиқиро ҳамеша бо табиат дар созиш нигоҳ дорад.

Ҷо доштани ҷадвали раҳнамунӣ яке аз зуҳуроти ташаккули *назарияи амалӣ* дар мусиқии профессионалии тоҷику форс-тоҷик ба шумор меравад.

[38] Дар ин ҷо *шадҷа, ришабҳа, гандҳара, мадҳъяма, панчама, дҳайвата, нишада* дар амалияи мусиқии ҳиндӣ бо ҳиҷоҳои аввал, яъне ба таври *са, ри, га, ма, па, дҳа, ни* маъмуланд. Ба гуфтаи А.Даниелу онҳо тахминан ҳаммаъноии *до, ре, ми, фа, сол, ля, си* – унвонҳои дараҷоти гаммаи мусиқии академии ҷаҳонӣ мебошанд. Калимаи *свара* истилоҳи умумии савти мусиқавист. Вале он на як садоро, балки дар дохили худ рангҳои гуногуни ин садоро дар бар гирифта метавонад.

Дар мактаби суннатии устод-шогирд ин ҷадвал вазифаи *дастури таълими*ро иҷро мекард. Ин яке аз нахустин василае буд, ки бо он илми мусиқӣ аз як насл ба насли дигар омӯзонда мешуд. Ба андешаи мо, ҷадвали раҳнамуниро бо ин функсия метавон нахустин намунаи рисолаи мусиқии *шарти мутрибӣ* шуморид.

II.6. Пайдоиши мафҳуми сози бунёдӣ-системавӣ

Бо мустақилият пайдо кардани касби мусиқӣ мукаммалгардии асбобҳои мусиқӣ низ фаъол гардид. Арзишмандии ҳунари навозандагӣ дар ҷомеаи асрҳои тоисломии форсу тоҷик хеле равшан дар ривояту масалҳои хосса низ зоҳир гардидааст[39]. Аз он бармеояд, ки навозандагиву сарояндагӣ касбҳои мустақили ҷомеа маҳсуб меёфтанд ва соҳиби ин ҳунар метавонист бо маблағи бадастовардааш зиндагии худро пеш барад. Яке аз сарчашмаҳои арзишманде оид ба нақши мусиқӣ дар фаҳмиши ҷомеаи аввали асрҳои миёна «Драхти ассурик» маҳсуб меёбад. Дар он образи буз ҳамчун ифодагар ва ҳифзкунандаи мусиқӣ омадааст. Ва ӯро мардум эҳтиром мекунад. Ин ақида байни мардуми форсу тоҷик аз аввали асрҳои қурунивустоӣ хеле устувор ҷо дошт[40]. Дар ҳаёти мусиқии шаҳрӣ фаъолияти ҳунармандон хеле шаффоф ва ба тартиби муайян сурат мегирифт. Яке аз чунин гурӯҳҳоро мусиқачиён ташкил мекарданд. Ба ухдаи онҳо аз ҷиҳати мусиқӣ таъмин намудани расму ойинҳо дар шаҳр вогузошта шуда буд. Ин гурӯҳро *меҳтар* роҳбарӣ мекард ва аз ин рӯ аҳли онро меҳтариён мегуфтанд [184.II, с.41]. Бино бар гуфтаҳои боло, дар амалияи мусиқии шаҳрҳои замони Сосониён аллакай ҳамаи оилаҳои созҳо вуҷуд доштанд: гурӯҳи торӣ (торӣ-мизробӣ, торӣ-камонӣ, торӣ-зарбӣ), нафасӣ (нафасӣ-мисӣ, нафасӣ-чӯбӣ), зарбӣ.

Сози мусиқӣ дар давраи Сосониён бо ду функсия маъмул буд:

1) ҳамчун сози такнавозӣ (ба сарояндагӣ ва дар ансамбли созӣ – ба сози дигар);

---

[39] Масали «Бозаргон ва пармачии марворид» («Калила ва Димна») яке аз онҳост: «Бозаргоне марвориди зиёде дошт. Ӯ пармачиро аз бозор киро кард, то ҳамаи он марворидро бо арзиши сад динор сӯрох карда диҳад. Бо ин маслиҳат онҳо ба хонаи бозаргон расиданд. Омадан замон тоҷир аз пармачӣ пурсид, ки кадом асбоби мусиқиро навохта метавонад. Ӯ гуфт чангро. Хоҳиш кард бинавозад. Пармачӣ чангнавози моҳир буд. Ӯ то бегоҳ чангнавозӣ кард. Ва ҳунари ӯ ба бозаргон хеле писанд омад. Бегоҳӣ аз бозаргон пармачии чангнавоз ҳаққи худро талабид. Вале тоҷир ҳайрон монду гуфт, ки ягон марворидро сӯрох накардӣ, чаро ҳақ мепурсӣ? Баҳси онҳоро ҳакам чунин талқин дод: бозаргон пармачиро кор фармуд. Ӯ чанг навохт. Пас бояд ҳаққи корашро диҳад. Агар хоҳад, ки пармачӣ марворидҳоро сӯрох бикунад, бигзор сад динори дигар барои он кор бидиҳад» [93].

[40] Ин анъана имрӯз дар минтақаи Кулоб хеле маъмул аст. Тасодуфӣ нест, ки усто-созтарошон дар баробари асбобҳои дигар бузаки раққосро низ тарошида, дар туйю тамошоҳои мардумӣ онро ба рақс медароранд.

2) ҳамчун созӣ якка.

Бо ихтироъи системаи Ҳафтпарда доираи вазифавии сози мусиқӣ васеътар ва муҳимтар гардид. Маълум аст, ки ягон системаи мусиқавӣ бидуни сози мусиқӣ ба вуҷуд наомадааст, ҳарчанд ки «овози инсон – сози мукаммалтарин» (Форобӣ) аст. Дар мусиқӣ ҳар як системаи лаҳнӣ бо ягон сози мусиқӣ дар мутаносибии системавист. Дар мақомот ин падида ҳам навъҳои таърихӣ ва ҳам муосирро дорад [61; 62; 2; 239]. Ин созро тибқи функсияи он *сози бунёдӣ-системавӣ* меномем. Он дар Дувоздаҳмақом – уд, Шашмақом – танбӯр, Фалак – думбра ва рубоби помирӣ, дастгоҳи эронӣ – тор, муғами озарбойҷонӣ – тор, мақами арабӣ – уд, муқами уйғурӣ – рубаб, рагаи ҳиндустанӣ – ситар, рагаи карнатак – вина, нуъбаи арабӣ – уд ва ҳоказо мебошад. Чунин вобастагии сози бунёдӣ-системавӣ на танҳо хоси мусиқии классикии Шарқ аст. Дар мусиқии классикии ҷаҳонӣ барои системаи мажору минор чунин вазифаро фортепиано иҷро мекунад[41].

Барои системаи мусиқии Ҳафтпарда мавқеи сози бунёдӣ-системавиро сози мусиқии барбат пайдо кард. Дастаи сози торӣ-мизробии барбат фарогири майдони садоии ҳафт пардаи аслӣ ва лаҳнҳову сурудҳои фаръӣ гардид. Ва нишон медод, ки дар системаи Ҳафтпарда ягон парда (дараҷоти лаҳнӣ, гамма) тобеи дигаре набуда, ҳамаи ҳафт парда баробарҳуқуқанд.

Бузургии ихтирооти Борбад дар он буд, ки ӯ бо мушоҳидаҳои худ мавқеи ин созро дар тафаккури мардуми форс-тоҷик ва амалияи мусиқии он замон муайян кардааст. Борбад неруи садоии мусиқии замонро дар дастаи ин сози мусиқӣ гунҷонида тавониста, ба ин хулоса омадааст. Хизмати Борбад дар кашф кардани мавқеи ин сози мусиқӣ дар низоми мусиқии замонаш буд. Дар ҷустуҷӯҳои Борбад санҷишҳои амалӣ-муқоисавии асосҳои мусиқии таҳҷоӣ бо неруи садоии ин соз пайиҳам қарор гирифтанд. Ва Борбад ба хулосае омад, ки дар системаи Ҳафтпарда ягон унсури садоие нест, ки дар дастаи барбат хеле равшан садо надиҳад. Ва системаи Ҳафтпардаро Борбад дар дастаи ҳамин соз коркард намуд. Ҳафтпардаро ҳамчун системаи лаҳнӣ тавассути барбат муаррифӣ кард.

---

[41] Бамаврид аст, ин ҷо бори дигар ба ёд биоварем, ки сози фортепиано дар тасдиқи системаи мажорӣ-минорӣ нақши бузургеро бозидааст. Композитори маъруф Иоҳанн Себастиан Бах (1675 – 1750) силсилаи бузурге офарид иборат аз 48 силсила (прелюдия ва фуга). Бартарии асосии ин бузургасар нишон додани баробарҳуқуқии садоии 24 тоналности мажорӣ ва минорӣ аст. Он фазои садоии системаи мажору минорро тасдиқ кард. Унвони асар ҳам нишондоди он аст, ки ин сози шастидор иқтидор дорад дар ҳамаи тоналностҳои системаи мажору минор хуб садо диҳад. Ва ин ҷӯрест, ки дар он як октава ба 12 нимпардаи баробар тақсим карда шудааст. Низоми мутаносубии савтҳои мусиқӣ аз рӯи баландӣ дар он хеле мушаххасанд. Он аз асри XVIII дар мусиқии композитории ҷаҳонӣ ҳукмфармост. Маҳз ҳамин нуктаро оид ба мутаносубии сози мусиқӣ ва системаи садоӣ ромишгари форс-тоҷик Борбад бо системаи мурраттабкардаи худ дар асри VI – VII пешниҳод карда буд.

Рабти сози барбат бо Ҳафтпарда дар пайвастагии фазои садоии мусиқӣ бо сохтори таркибӣ (конструктивӣ) ва технологии иҷроиши ин сози мусиқӣ айён мешавад. Натиҷаҳои эҷодӣ-амалии Борбад далели онанд, ки созтарошони замон пайваста бо мусиқии амалӣ дар робитаи зич кору фаъолият мекарданд ва садобарории созро аз садоҳои мусиқии таҳҷоӣ мебароварданд. Онҳо мекӯшиданд ҳар як унсури садоии амалиро дар сози тарошидаашон таҷассум намоянд. Танҳо ҳамин меъёр имкон медод, ки сози мусиқӣ сози ин мардум шуморида шавад. Ҳунари созтарошии замони Борбад сатҳи хеле баландро доро гардид. Бо мурури замон равшан айён шуд, ки мақомоти тоҷик ҳунари созтароширо низ хеле равнақ дода, онро ҳеҷ гоҳ аз мадди назари худ дур накардааст. Минбаъд ин ҳунар ҳамеша ҳамқадами ҳунари сарояндагиву навозандагии мақомоти замони муайян қарор дошт.

Таърихи мусиқӣ нишон медиҳад, ки дар замонҳои минбаъда ҳамаҳои ситемаҳои мусиқӣ, ки бо ивазшавии дараҷоти лаҳнӣ вобастаанд, ҳамеша дорои сози бунёдӣ-системавии худ гардидаанд. Дар мусиқии форс-тоҷик ин маъноро нахустин бор сози барбат зимни системаи Ҳафтпарда дар охири асри VI – аввали асри VII сазовор гардидааст. Ва чунин зуҳурот дар фаъолияти Борбад ба амал омадааст.

II.7. Хулосаи фасл.
Хусусиятҳои давраи аввали мақомот

Дастоварди муҳимми замон дар он буд, ки маҳз пайдошавии системаи Ҳафтпардаи Борбад омили пайдошавии *мусиқии профессионалӣ* (1) гардид. Дар натиҷаи он дар фарҳанги мардуми форс-тоҷик мусиқӣ аз *шуғл* ба *касб* табдил ёфта (2), роҳи мустақили худро оғоз намуд. Ин мусиқии профессионалӣ мактаби худро доро буд, ки он мактаби суннатии устод-шогирд аст. Илми мусиқии профессионалӣ *назарияи амалӣ* (3) буд. Он қоидаҳои иҷрои мусиқиро дар бар мегирифт. Этика ва эстетикаи мусиқӣ пурра дар фаҳмиши космологии мусиқӣ қарор мегирифт. Новобаста ба ин, бисёр унсурҳои фаҳмиши мусиқии қадим дар давраҳои сонии илми мусиқии асримиёнаӣ арзи вуҷуд доштанд. Масалан, риояи вақти иҷрои мусиқӣ ва ба назар гирифтани синну соли шунаванда аз ҳамон давра то асрҳои XVI – XVII дар қисмҳои таркибии рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ мавқеи устуворро аз даст надод [91; 145; 146; 158], ҳарчанд ки асоси илмии мақомот дар асрҳои миёна фанҳои риёзӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, одоб, зебоишиносӣ ва доираи хеле васеъро фаро мегирифт. Ниҳоят онро бояд бигуфт, ки Борбад бо фаъолияти таблиғотии хеш тавонист мусиқиро аз пайвастагии доимӣ ба расму ойинӣ ва динӣ раҳоӣ диҳад. Борбад аз ин ду реша мусиқиро канда, ба роҳи профессионалии дунявӣ равон намуд (4). Ин

навъи мусиқие буд, ки мустақим ба рушди зеҳнияту эҷодкории инсон, ғанӣ гардонидани маънавиёти ҷомеа равона шуда буд.

Давраи аввали пайдоиш ва тараққиёти мусиқии профессионалӣ дорои системаи нахустини мақомот гардид. Дар баробари гуфтаҳои фавқуззикр яке аз дастовардҳои Борбаду ҳаммаслакони ӯ вобаста ба талқини нави мусиқӣ аст. Дар давраи Борбад мусиқӣ нахустин бор дар шакли ҳунари бадеии мустақил зоҳир мегардад. Маҳз дар ҳамин давра мусиқӣ аз шуғл ба касби мустақил табдил ёфт. Минбаъд мусиқиро ҳамеша ҳамчун касбу ҳунар мепазиранд. Аз ин бармеояд, ки нахустин талқини мусиқӣ дар таърихи мусиқии профессионалии дунявии тоҷик ҳунари бадеӣ мебошад. Ва ин талқин ба давраи аввали рушди мақомоти форс-тоҷик тааллуқ дорад.

Бо гуфтаҳои боло зуҳуроти давраи аввали мақомотро чунин натиҷагирӣ карда метавонем:

❖ пайдоши системаи мусиқии Ҳафтпарда, ки нахустсистемаи мақомоти форсу тоҷик ба шумор меравад;

❖ фаҳмиши нави сози мусиқӣ – сози бунёдӣ-системавӣ, ки барои системаи Ҳафтпарда барбат маҳсуб меёбад;

❖ аз шуғл ба касб табдил ёфтани мусиқӣ;

❖ талқини мусиқӣ ҳамчун ҳунари бадеӣ;

❖ пайдоиши мусиқии профессионалии дунявӣ;

❖ ташаккули жанрҳои нахустини мусиқии дунявии профессионалӣ;

❖ дар мактаби устод-шогирд мураттаб гардидани дастури таълимии ҷадвали раҳнамунӣ, ки феълан қоидаҳои иҷрокунандагиро дар бар гирифта, шартҳои мутрибиро дар замони худ пешниҳод менамуд.

Қаблан қайд шуда буд (ҳамин китоб, параграфи 1.4), ки дар даврабандии мо давраи нави тараққиёти мусиқӣ гуфта, он давраро мегӯем, ки дар он системаи нави мусиқӣ (1), талқиноту мавқеи нави мусиқӣ (2), тасдиқи сози бунёдӣ-системавӣ (3) ва навгониҳо дар системаи таълимот, дар мактаби суннатии устод-шогирд (4) ба амал омадаанд. Ин меъёрҳоро бар асос гирифта, қайд кардан мумкин аст, ки дигаргуниҳои ҷиддие, ки дар мавқеъ, талқинот, системаи мусиқӣ дар давраи Борбад ба амал омаданд, имкон медиҳанд, ин давраро ҳамчун *давраи аввали тараққиёти мақомот* муайян бикунем.

ФАСЛИ СЕЮМ
ДАВРАИ ДУЮМИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ
(асрҳои VIII – XV)

Асрҳои VIII–XV давраи хеле мураккаби таърихи тоҷикон маҳсуб меёбад. Дар ин муддат мардуми тоҷик давраи хеле пурталотуми идеологиро аз сар гузаронд.

Тавре ки қайд шуд, мусиқии давраи тоисломии тоҷикон ба фаҳмиши космологӣ-пантеистӣ асос меёфт. Пайдоиш ва густариши дини исломӣ ин фаҳмишҳоро куллан иваз кард. Дар ин мураккабиҳо халқи тоҷик бо талоши наҷоти маънавиёти баланду арзишманди худ тавонист мусиқии худро низ аз даст надода, зимни шароитҳои дигар онро рушд диҳад. Дар умум он якчанд давраро аз сар гузаронд:

1. асрҳои VIII – то охири асри X – ташаккули заминаи илмии мусиқӣ;
2. асрҳои IX – X давраи Сомониёни бузург (819 – 999) – эҳёи анъанаҳои асили халқи тоҷик ва ташаккули мусиқии дунявии тоҷик дар фарҳанги исломӣ;
3. асрҳои XI – нимаи аввали асри XV – пайдоиш ва рушди тадриҷии системаи нави Дувоздаҳпарда /Дувоздаҳмақом.

III.1. Ташаккули заминаи илмии мусиқӣ

Ин ҷараён дар се марҳила ба амал омад: бархӯрди нахустини мақомоти тоҷик: шариат ва мусиқӣ (1); саҳми олим-энсиклопедист дар ёфтани роҳи рушди мусиқӣ (2); мақбули фаҳмиши нав оид ба барбат – уд ҳамчун сози асосӣ (3).

1.

Дар асрҳои VII – VIII сарзамини тоҷиконро ҷангҳои пайопайи марбут ба паҳншавии дини ислом фаро гирифт. Бо дини нав муносибат ба мусиқӣ иваз шуд. Тибқи шариат мусиқӣ дар ду маворид иҷозат дода мешуд [192]:

- ❖ хондани азон
- ❖ тиловати Қуръон

Бо вуҷуди ин ин мусиқиро навъи мусиқии исломӣ муайян кардан имконнопазир аст. Сабаб дар он аст, ки мавқеи мусиқӣ ҳам дар хондани азон ва ҳам дар тиловати Қуръон ба сухани бадеӣ тобеъ гардонида шуда, фаъол нест. Ва вазифаи амалӣ-корбариро иҷро мекунад. Ин «мусиқӣ»-и сухани боло аст, на мусиқиест ба маънои мустақил.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки дини ислом мусиқиро манъ кардааст. Вале дар асл он мусиқиро ба амалҳои ҳатмии мусулмонӣ, амалҳои муқаддаси ин дин раво дидааст. Парадокси таърихӣ дар он аст, ки,

ҳарчанд дар ибтидои фарҳанги исломӣ шуғли мусиқӣ аз тарафи шариат манъ карда шуда бошад ҳам, ҳамин қонуни шариат бори дигар дар таърихи башарият аз он далолат медиҳад, ки ҳар як дин дар ибтидо ҳамеша мусиқиро танҳо бар хизмати худ мегузорад.

Инак, дар асрҳои аввали исломӣ мусиқӣ ҳамчун оҳанги хондани азону тиловати Қуръон раво буд. Ҳарчанд ки дар ҳар ду маврид забони арабӣ истифода мешуд, тиловати Қуръонро мардум бо лаҳҷаи мусиқии хеш ба амал меовард (ин ногузир аст!) ва ин ҳам ба қадри ҳол як василае буд, ки оҳангҳои таҳҷоӣ дар байни мардум боқӣ мемонданду ҳифз мегардиданд[42].

2.

Густариши дини ислом дар байни мардум бо густариши забони арабӣ сурат мегирифт. Мақсади асосии Хилофати Араб он буд, ки забоне, ки бо он Қуръон гуфта шудааст, дар қаламрави Дорул-ислом забони давлатӣ, гуфтугӯӣ ва забони илм гардад. Ҷараёни арабикунонии илму фарҳанг хеле фаъол мегузашт. Дар шаҳрҳои бузург аз тарафи ҳокимони равшанфикр ташкилотҳои махсус таъсис дода шуданд, ки вазифаи ба забони арабӣ тарҷума кардани тамоми дастовардҳои маънавии башариятро ба уҳда доштанд. Ин имкон дод, ки забони арабӣ дар муддати кӯтоҳ ба забони илм табдил ёбад. Ба илм таваҷҷуҳ бениҳоят афзуд. Ба забони арабӣ тарҷума кардани китобҳои фаннии риёзӣ, фалсафӣ, забону адабиёт, дидактикӣ, бадеӣ ва дигар хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Арабҳо барои омӯзиши илму фарҳанги мардуми форсу тоҷик талоши зиёд карданд. Зимни ин олимону мусиқидонон роҳҳои ҳифз намудани санъати мусиқии дунявиро меҷустанд. Дар ҳамин вазъ талқин кардани мусиқӣ ҳамчун илм яке аз василаҳое буд, ки рушди мусиқиро ҳифз карда метавонист. Мусиқӣ фанни риёзӣ маҳсуб меёфт[43] ва ҳамчун яке аз фанҳои чоргонаи риёзӣ рушд додани мусиқӣ бидуни монеагие метавонист амалӣ гардад. Аз ин рӯ, аз ибтидои давраи фарҳанги исломӣ рушд додани илми мусиқӣ шояд амали ҳамоҳанги ин сиёсат менамуд.

Ҳамзамон сатҳи баланди рушди ҳунари мусиқӣ, ки ба давраи тоисломии мардуми тоҷик хос буд, дар байни мардум ҳоло ҳам вуҷуд дошт. Олимону ҳунармандони бохиради форсу тоҷик бо ҳокимони араб забон ёфта, суруду оҳангҳои мардуми таҳҷоиро оҳиста-оҳиста ҷамъ оварда, китобҳо чоп мекарданд. Асари «Китобу-л-оғонӣ»-и Абуфараҷи Исфаҳонӣ[44] намунаи ҳамин раволи эҷодиёт аст. Тадриҷан фарҳанги исломӣ ташаккул меёфт. Арабҳо аз мусиқии то он вақт рушдёфтаи мардумони эронӣ

---

[42] Ҳозир ҳам аз тарзи тиловати Қуръон маҳаллу лаҳҷаи қироаткунандаро метавон муайян кард.

[43] Дар баробари арифметика, геометрия ва астрономия ин фан чоргона (квадривиум)-и риёзиро ташкил медод.

[44] Абулфараҷи Исфаҳонӣ (соли фавт 967) худ аз мардуми эронӣ буд.

аксарияти мафҳумҳо ва падидаҳои мусиқиро қабул карданд. Ҷараёни бузурги илмие, ки дар ибтидо дар Дорул-ислом ба вуҷуд омад, пурра ба асосҳои мусиқии мардуми форс-тоҷик такя кард. Инкори он имконнопазир аст. Дар мусиқӣ ҳам тадриҷан арабикунонии истилоҳоти мусиқӣ ба амал омад ва новобаста аз он, ки худи падида аз фарҳанги мусиқии форсу тоҷик аст, дар шакли тарҷумашудаи арабӣ қабул мешуд. Дар асрҳои IX–XI талқиноти мусиқӣ аз ҷомаи мифологӣ ва космологӣ-пантеистӣ пурра даст кашид. Дар ин муддат мусиқӣ тадриҷан дар заминаи илмӣ – аввал фанҳои дақиқ ва баъд дар доираи фаннии васеътар таҳқиқ ва рушд мегардад. Ва то нимаи аввали асри XI заминае ташаккул мeёбад, ки ҳама рӯйдодҳои минбаъдаи асрҳои миёна аз он бармеоянд. Тарҷумаҳои арабии асарҳои юнониқадимӣ ба арабӣ хеле судманд буд, зеро ки олимон на танҳо диди худро нисбат ба назарияҳои мусиқии олимони Юнони қадим ва тамаддунҳои дигар иброз намуданд, балки мусиқии кишварҳои худро илман таҳқиқ карда, ба илм ворид мекарданд. Дар ин муҳит фаъолияти пурсамари олим-энсиклопедист (ба маънои он, ки дар ҳамаи илмҳои замон – дақиқ, фалсафа, адабиётшиносӣ... китоб менавишт) ба сафи аввал баромад. Чунин олимро ба тоҷикӣ «ҳаким» мегуфтанд. Он олимеро, ки бештар тарҷумон ва донандаи асарҳои олимони юнониқадимӣ буд, бо унвони «файласуф» ном мегирифтанд [47, с. 111]. Дар ин ҷараён таълимоти зиёде нисбат ба назария, иҷроишу шунавоиши мусиқӣ пайдо шуд. Ва мусиқии таҳҷоӣ аз доираи ҳунари амалии тоисломӣ тадриҷан ба доираи назарияи илмӣ мегузашт.

3.

Дар Дорул-ислом асбобҳои мусиқӣ низ бо унвонҳои арабӣ номгузорӣ шуданд. Масалан, сози бунёдӣ-системавии Ҳафтпарда барбат (бо як қатор асбобҳои мусиқии дигар) ба арабҳо ҳатто дар давраи тоисломӣ, дар асрҳои VI–VII (замони Борбад – Ф.А.) маълум гардида буд[45]. Вале дар фарҳанги исломӣ унвони онро ба «ал-уд» табдил доданд[46]. Уд ба мусиқии арабӣ аз ибтидо чун мукаммалтарин сози мусиқӣ ворид гардид [177; 178].

Нахустин дигаргуние, ки ба уд дароварда шуд, аз тарафи Залзал (соли фавт 842) ба амал омад. Ӯ терсияи «хунсо»-ро (баробари 355 сент) ба дастаи уд даровард, ки он дар таърихи мусиқӣ бо номи «терсияи Залзал» маълум гардид. Фарқияти уди Залзал дар унсури сохтории он низ дида мешавад, косахонаи он бо чӯб (на бо пӯст ба мисли барбат) рӯпӯш мешуд. Дар давраи

[45] Сароядаи машҳур Ибни Сурайҷ соли 684, дар давраи Умавиён (661 – 750) барбат менавохт.

[46] Омили чунин номгузориро бо фарзияе мепайванданд, ки ин асбобро аз чӯби дарахти ҳамном месозанд. Дар аввали асри VIII дар Испанияи исломӣ (Андалусия, 709 – 1031) «ал-уд»-и арабӣ ба «лоуд» (исп. – «laud») табдил ёфт. Ба ин шакл [«lute» (англ.), «luth» (франс.), «liuto» (ит.), «Laute» (нем.)] он дар Аврупои қурунивустоӣ хеле машҳур гардид.

тоисломӣ барбат дар амалияи мусиқӣ ду гуна истифода бурда мешуд: якканавозӣ ва такнавозӣ. Маҳз ҳамин функсияҳоро уди нав (бо терсияи Залзал) иҷро карда, сифати такнавозиро (якҷоя бо сароянда) ҷиҳати зарбаи қавӣ ва таъкиди интонатсияи лаҳнӣ-оҳангӣ мушаххастар гардонида буд [130; 239]. Ин таъкид хеле муҳим буда, бо мавқеи нав пайдо кардани мафҳуми зарбӣ дар такя ба шеъри мавзун алоқаманд аст[47]. Дар муддати кӯтоҳ уд ба асбоби мусиқии дӯстдошта табдил ёфт, зеро ки он бо тарзи захмазанӣ ва садобарории худ ба такнавозии шеъри мавзун хеле хуб мутобиқат мекард. Дар асоси ду навъи сарояндагии тоисломии эрониён (хусравониёт ва равошин) арабҳо низ ду навъи сарояндагии худро (бо шеъри мавзун ва *муртаҷилан* –бидуни зарб) ташаккул доданд. Ҳар ду дар асоси оҳангсозии мақом-лаҳнҳои тоисломии эрониён қарор мегирифт [178].

Сохтани композитсияҳои мусиқиро ҳатто бидуни зарби мавзун дар асоси мақом-лаҳнҳо бо иштироки уд амалӣ кардан айни муддао буд. Зеро ки бо хусусияти конструктивиаш уд иқтидор дошт ҳар як пардаи мақом-лаҳни мушаххасро дар дастаи худ гунҷонад ва дар ҷараёни иҷрои мусиқӣ асоспояҳои лаҳниро таъкид кунад. Аз ин ҷост, ки дар ҳамаи рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ талқиноти мақом-лаҳнҳо дар дастаи уд қарор мегирад. Дар илми мусиқии Дорул-ислом Ал-Киндӣ аввалин шуда дар рисолаи «Оид ба таҷрибаи оҳангсозӣ» барои талқини асосҳои назарӣ табулатураи уд (дастаи уд)-ро ҷалб кардааст [130; 239].

Ҳамин тавр, дар давраи тоисломии қадим радабандии парда-лаҳнҳоро тавассути системаи Ҳафтпарда ва сози бунёдӣ-системавии барбат зоҳир кардани мардуми форсу тоҷик дар саросари Дорул-ислом бо ин фарқият густариш ёфт, ки унвони барбатро ба уд иваз карданд. Ба гуфтаи Ҳенри Фармер, ҳарчанд ки дар ташаккули фарҳанги нави арабҳо нуфузи серманбаӣ (анъанаҳои қадими форс-тоҷик, юнонӣ, суриёӣ ва румӣ) дида мешавад, лекин анъанаҳои мусиқии форсӣ-тоҷикӣ хусусан муассиранд[48]. Ва далели равшани онро дар мусиқии асри IX Бағдод мушоҳида мекунем [177; 239].

Барои мутрибони профессионалӣ симои Борбад дар фарҳанги исломӣ ҳамеша барҷастатарин боқӣ бимонд. Навозандаи машҳури араб Исҳоқ ал-

---

[47] Дар рисолаҳои мусиқӣ истилоҳи «зарб» дар баробари истилоҳи «иқоъ» хеле фаровон истифода бурда мешавад. Шояд ҳамрешагии калимаҳои «зарб» ва «зарба» дар забони форсӣ-тоҷикӣ тасодуфӣ набошад. Дар мусиқӣ ҳар ду воҳидҳои замонианд [180.I, с.439].

[48] Сарояндаи маъруфи давраи Умавиён Ибни Сурайҷ бо силсилаи «Ҳафт суруд» машҳур гардид. Ин силсила зери унвони «сурайҷӣ» (боз ҳам дар пайравии анъанаҳои фарҳангии тоисломии форс-тоҷик. Ба хотир меоварем жанрҳои *хусравонӣ*, *фаҳлабад* ва дигарро, ки номгузории онҳо аз номи шахс аст. – Ф.А.) маълум гардидааст. Асари «Ҳафт суруд»-и Ибни Сурайҷ дар раволи сурудҳои Борбади машҳур дар анъанаи хусравониёти ӯ сохта шуда буд. Услуби хусравониро арабҳо «ат-туруқ ал-мулукийа» («услуби шоҳона», яъне *хусравонӣ* – Ф.А.) меномиданд [178, с.1093]. Ва ниҳоят, Ибни Сурайҷ худ иқрор мешавад, ки услуби хафифи форсӣ, услуби хусравониро пайгирӣ кардааст [177; 72].

Мавсулӣ бо ҷӯрҳои гуногун навохтани удро дар муддати тамрини беш аз даҳсола ба даст оварда тавонист. Ӯ ин корро ба мақсади омӯхтани услуби Фахлид (Борбад) иҷро карда буд [130, с.34]. Мутрибони араб услуби лаҳну оҳангсозии Борбадро бо такя ба самти оҳангӣ, таносубияти пардаи асосӣ (асл) бо пардаҳои дигар (фаръ) истифода бурда, онро ба арабӣ «тариқа» (ба форсӣ-тоҷикӣ – «роҳ») меномиданд[49].

Арабҳо барбатро бо сохтори зоҳирии пешина – косахонаи гирди калон, дастаи кӯтоҳ, торқапи калон, ҷӯр ва истифодаи захма (мизроб) ва хусусан захмазанӣ, ки ба таъкид кардани зарбаи қавӣ хеле муносиб буд, ҳифз карданд. Ба мисли барбат, уд ҷӯри хеле дақиқи чаҳор (ва баъдтар панҷ) тори худро бо ёрии гӯшакҳои калон муҳайё мекард. Гӯшакҳои он дар қуттии каме ақибрафта ҷой мегирифт, ки он ҷӯрро муддати дарозтар дуруст нигоҳ дошта метавонист. Маҳз барои муддати дароз нигоҳ доштани ҷӯри торҳо, ки дар амалияи мусиқӣ ҳамеша ягона – квартоӣ боқӣ мемонд, уд аз дигар асбобҳои мусиқӣ фарқ мекард. Ҷӯри квартоӣ дар асбоби кӯтоҳдаста (инчунин кӯтоҳтор) имкон медод, ки садобарории пардаҳоро новобаста аз ҷойгиршавӣ дар майдони садоӣ (ки дар уд бо сабаби оҳангӣ будани ҳар чаҳор тори уд дуоктаваӣ аст) дар пастубаландии хеле дақиқ нигаҳ дорад. Ин арзишмандии удро зиёд мекард. Дар фарҳанги арабҳо уд мавқеи марказиро баъди лира ба даст овард. Уд ба асбоби асосии арабҳо пазируфта шуда, давраи нави асримиёнаиро дар таърихи мусиқӣ ба вуҷуд овард. Дар мусиқии мардуми тоҷик он ҳамчун асбоби дӯстдошта то асрҳои XVI-XVII боқӣ монда буд[50]. Дар назарияи мусиқии асримиёнаӣ уд аз ибтидо он асбобе буд, ки система-ҳои савтӣ ва лаҳниро инъикос мекард. Уд мавқеи марказии худро дар илми мусиқии тоҷик то асри XVII нигоҳ доштааст.

III.1.1. Ал-Киндӣ

Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Саббоҳ ал-Киндӣ (тахминан 801, Басра, Ироқ – 873, Бағдод, Ироқ) аз худ 250 рисолаҳои риёзиву тиббиву метеорологӣ, фалсафӣ, одобу мантиқ боқӣ мондааст ва дар байни онҳо оид ба мусиқӣ низ гуфтаҳои бисёр дорад. Қисми зиёди фаъолияти илмии ал-Киндӣ бо яке аз ташкилотҳои расмии он замон академияи илмии «Байту-л-ҳикма» вобаста аст. Муддате дар давраҳои халифаҳо ал-Маъмун (813 – 833) ва ал-Муътасим (833 – 842) ӯ аъзои ин ташкилот буд.

Вазифаи асосии ӯ дар ин ташкилот бо тарҷумаи рисолаҳои мусиқии антиқӣ вобаста буд. Тарҷума ва омӯзиши асарҳои олимони антиқа оид ба мусиқӣ ба Ал-Киндӣ имконият медиҳад, ки назарияи мусиқии худро

[49] Ба ақидаи мусиқишинос Т.Ҷонизода дар лаҳнсозии Сафиуддин Урмавӣ он ба истилоҳи форсӣ-тоҷикии «овоз» иваз мешавад [239]. Муаллифи китоби ҳозир ба ин ақида ҳамфикр нест.
[50] Дар мусиқии Аврупо низ авҷи ҳунари уднавозӣ ба асрҳои XVI–XVII рост меояд.

пайдо кунад. Китобҳое, ки ӯ дар фанни мусиқӣ навишт, ба илми муосир зери унвонҳои «Дар бораи оҳанг ва савт», «Оид ба таҷрибаи оҳангсозӣ», «Дар бораи назарияи мусиқӣ», «Дар бораи зарби мусиқӣ», «Дар бораи фаслҳои муҳимми мусиқӣ», «Рисолаи мусиқӣ» маълуманд.

Ақидаҳои мусиқӣ-илмии ал-Киндӣ бо назарияи космологии Пифагор (Фисоғурс) – пифагореизм зич алоқаманд аст. Ӯ ҳамаи унсурҳои мусиқиро ба элементҳои макрокосм ва микрокосм мутобиқ мегардонад. Аз ин рӯ, ал-Киндӣ чунин ақида дошт, ки

- ❖ чаҳор тори уд ба чаҳор нахустунсур (об, ҳаво, замин ва оташ), чаҳор тарафи олам, чаҳор фасли сол ва чаҳор навъи моеъи бадани одам (балғам, хун, сафрои сиёҳ ва сафрои зард)
- ❖ ҳафт пардаи мусиқӣ ба ҳафт сайёра
- ❖ дувоздаҳ унсури сохтории уд (чаҳор тор, чаҳор гӯшак ва чаҳор парда) ба дувоздаҳ нишонаҳои зодгоҳӣ (аломатҳои Зодиак) мутобиқанд.

Вале новобаста ба он, ки назарияи мусиқии ал-Киндӣ ба заминаи идеологии космологӣ такя кардааст, дар мавридҳои дигар саҳми ин олим дар мусиқӣ хеле мушаххас аст.

Ал-Киндӣ нахустин мусиқишиносест, ки нотанависии ҳуруфиро истифода бурдааст. Ӯ ин навъи нотанависиро бо системаи *абҷад*[51] ба амал овард. Калимаи «абҷад» барои ифодаи системае, ки унвонаш аз чаҳор ҳарфи аввали алифбои арабӣ («алиф», «бе», «ҷим», «дол») ба вуҷуд омадааст, ягон чизи дигарро ифода намекунад. Ин система на танҳо дар мусиқӣ, балки васеътар, дар фанҳои дигар низ суди амалӣ пайдо кардааст. Ал-Киндӣ абҷадро барои ифода ва талқини унсурҳои мусиқавӣ пешниҳод намуд. Ва ин услуб дар илми минбаъдаи асримиёнаӣ барои ифодаи ҷойгиршавии савтҳо дар дастаи сози мусиқӣ, талқини фосилаҳо, ҷинсҳову ҷамъҳо хеле устувор гардид.

Нوоварии дигаре, ки ал-Киндӣ ба мусиқӣ ворид сохт, истифодаи *табулатура*[52] дар дастаи асбоби мусиқии уд мебошад. Ҳар дуи ин навоварӣ ба назарияи амалия тааллуқ доранд.

---

[51] Абҷад – услубест, ки тибқи он ҳар як ҳарфи алифбои арабӣ бо рақаме ифода мегардад. Абҷад – аслан маҷмуи пайиҳамиест иборат аз ҳашт калимаи сунъӣ: абҷад, ҳавваз, ҳуттӣ, каламан, саъфас, карашат, саҳаз, зазағ. Дар мусиқӣ – услуби ҷойгиршавии ҳарфҳо, ки тибқи он ҳарфҳои арабӣ маънои рақамро низ пайдо мекунанд: ҳарфи якум алиф – 1, бе – 2, ҷим – 3, дол – 4, ҳе (ҳеи ҳаваз) – 5, вов – 6, за – 7, ҳе (ҳеи ҳуттӣ) – 8, то – 9. Ҳарфи Й маънои 10-ро дорад. Бинобар ин адаҳои 11 то 19 ба ҳарфҳои пешина (то 9) бо иловаи ҳарфҳои «Й» (10) ифода меёбанд. Ва дигар – «К» (20), «Л» (30), «М» (40), «Н» (50), «С» (60), «Айн» (70), «Ф» (80), «Сад» (90), «Қоф» (100), «Райш» (200), «Шин» (300), «То» (400), «Со» (500), «Ҳа» (600), «Зол» (700), «Дад» (800), «За» (900), «Ғайн» (1000). Дар системаи абҷад аз ду гунаи ҳарфи «Ҳ», «ҳеи ҳуттӣ» (8) бо хатча дар поён («Ҳ») истифода мешавад.

[52] Табулатура – яке аз шакли навишти мусиқӣ бо истифода аз хусусиятҳои конструктивии сози мусиқист. Дар рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ ба ҳайси аломатҳои хоссаи сабт ҳарфҳо

Бояд гуфт, ки ал-Киндӣ ба фаҳмиши нави мусиқӣ, ки дар мусиқии эрониёни қадим дар навовариҳои Борбад ба амал омад, тез ворид мешавад. Уде, ки ал-Киндӣ дар бораи он хеле муфассал мегӯяд, ҳамон удест, ки дар замони Борбад онро барбат мегуфтанд. Мавқеи барбат дар мусиқии Ҳафтпарда мавқеи бунёдӣ-системавӣ буд. Маҳз ҳамин мавқеъро ал-Киндӣ хеле дуруст дарк кардааст. Ҳарчанд ал-Киндӣ ягон рисолаи хоссае ба уд набахшида бошад ҳам, дар рисолаҳое, ки ба сохтани оҳанг, эҷоди асари мусиқӣ, савт, вазн ва дигар бахшида шудаанд, ба уд зиёд таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, ӯ зарур шуморидааст, ки хусусиятҳои сохтории удро хеле муфассал биоварад. Ал-Киндӣ нахустшарҳи удро аз давраи асримиёнаӣ ба мо дастрас менамояд. Онро дар «Рисола дар бораи оҳанг ва савт» ҷо карда, мушахассиёти бениҳоят судмандро дар он чунин овардааст: «...дарозии уд сиву шаш ангушти буғумӣ, бари он – понздаҳ ангушт, қаъри он – ҳафту ним ангушт аст. Дарозии зери торҳо – сӣ ангушт. Дар рӯи торҳо тақсимоти онҳо ба вуҷуд меояд, зеро ки ин навъи «дарозии садоӣ» аст. Сабаби понздаҳ ангушт будани бар дар он аст, ки он бояд ба нисфи дарозии зери торҳо ва сабаби ҳафту ним будани умқи асбоб – нисфи бар ва чаҳоряки дарозӣ аст. Ва гарданаки асбоб бояд ба сеяки дарозии тор – даҳ ангушт баробар бошад. Ҷисми лаппишкунанда – бист ангушт. Пушти косахона (қуттии садоӣ) доирашакл буда, ба тарафи боло (гарданак) бориктар мешавад.. » [239]. Аз ин шарҳи хеле дақиқ фаҳмида мешавад, ки уди замони ал-Киндӣ чӣ гуна буд. Зарурати овардани чунин маълумоти муфассалро Ал-Киндӣ аз эҳтиёҷоти илми мусиқӣ мебинад. Зеро ки садобарорӣ ва тарзи навохтани асбоб бо ченакҳои сохторӣ (конструктивӣ) хеле зич алоқаманданд. Донистани ченакҳои дақиқ барои ба даст овардани маҳорати навозандагӣ хеле муҳим аст. Ҷо додани ченакҳои сохтории уд дар рисолаи илмӣ ҳамин маъноро дорад. Ҳунари созтарошӣ бар ба бари илму ҳунари навозандагӣ ҳамеша қарор меёфт. Баъзе навозандагон худ созтарошӣ ҳам мекарданд. Дигар ин, ки удро ҳамчун сози асосӣ қабул кардан дар мусиқии замон саҳеҳиятро металабид. Ал-Киндӣ мутобиқати қисмҳои сохтории удро ба таври арифметикиву геометрӣ пешниҳод карда, мантиқи сохтории удро таъкид кардааст. Ин навъи талқин то имрӯз дар илми мусиқӣ аз муҳимтаринҳост. Ин ҷо инчунин хотиррасон кардан бамаврид аст, ки ченкунии асбоби мусиқӣ яке аз василаи аввалинест дар шинохт ва дарки табиати асбоби мусиқӣ. Ва ин услуб дар илми созшиносӣ (органология)-и муосир хеле фаровон истифода бурда мешавад.

ва истилоҳоти арабӣ корбарӣ мешуданд. Асосан онҳо аз тартиби ҳарфҳо дар алифбои арабӣ ва қисмҳои таркибии дастаи сози мусиқӣ бармеомаданд. Дар талқиноти унсурҳои мусиқӣ амалҳои риёзӣ, арифметикӣ (ҳисоб) ва геометрӣ (ҳандаса) низ истифода бурда мешуд.

Бо иқдоми ал-Киндӣ ин ду восила – абҷад ва табулатура – дар давраҳои минбаъдаи қурунивустоӣ ба ҳайси услуби заминавии талқини унсурҳои мусиқӣ мақоми универсалиро пайдо карданд. Рисолаҳои мусиқии қурунивустоӣ ҳамаи унсурҳои илми мусиқиро, инчунин системаи Дувоздаҳмақомро, ҳамеша тавассути абҷад ва табулатура талқин медиҳанд. Ин ду навоварӣ, ки Ал-Киндӣ ба илми мусиқӣ даровард, дар илми мусиқии минбаъда ду вазифаи асосиро дар амалияи мусиқӣ иҷро карданд:

❖ табулатура ба ҳайси асос (нақшаи дастаи асбоби мусиқӣ) ва абҷад ба ҳайси ҳуруфи мусиқӣ дар рисолаҳо вазифаи хатти мусиқиро иҷро намудаанд;

❖ табулатура имконияти фаҳмонидани ҳар як системаи мусиқиро дар дастаи сози мусиқӣ медиҳад; абҷад низ ҷиҳати ҷойгиршавии фосилаҳову дараҷот дар дастаи сози мусиқӣ (табулатура) мушаххасот медарорад;

Дар ин маврид ҳар ду восила ба фаҳмиши мафҳуми сози бунёдӣ системавӣ мусоидат менамоянд.

III.1.2. Байту-л-ҳикма

Маркази «Байту-л-ҳикма» (форсӣ-тоҷикӣ: «Хонаи хирад») – академияи илмиро соли 815 халифа ал-Маъмун[53] дар шаҳри Бағдод таъсис дод [164, с.128]. Маълум аст, ки арабҳо аз ибтидои Хилофати Араб ба илму фарҳанги мардуми эронӣ такя намуданд ва баҳри омӯзиш ва тарҷумаи дастовардҳои башарият ба забони арабӣ хеле саъйю кӯшиш карданд, то ки минбаъд илм ва ҳамаи восилаҳои ҳаёти зеҳниро ба забони арабӣ кор баранд ва рушд диҳанд. Маркази илмии «Байту-л-ҳикма» низ аз қабили ин иқдомҳо буда, дар пайравии академияи қадими эрониён Гунди Шопур (а.VI)[54] бо ташаббус ва иштироки олимони форс-тоҷик ва дастгирии бевоситаи халифаи аббосӣ Ибни Маъмун таъсис гардид[55]. Вазифаи асосии

[53] Маъмун Абулаббос Абдуллоҳ (786 – 833) – ҳокими Хуросон (809 – 813), халифаи араб (Бағдод, 813 – 833) аз сулолаи Аббосиён. Писари Хорун ар-Рашид (763 – 809). Модари ал-Маъмун тоҷик буд.

[54] Фарҳангистони Гунди Шопур (فرهنگستان گندی شاپور) имрӯз Донишгоҳи Гунди Шопур (دانشگاه شاپور گندی) муддати асрҳои VI – VII ҳамчун маркази рушди зеҳнӣ, хосса дар соҳаи тиб ва фанҳои дақиқ нақши дурахшон гузоштааст. Масалан, ба онҳо қомуси сиҷилдаи тиб тааллуқ дорад.

[55] Муҳаббати самимӣ нисбат ба мардуми форс-тоҷик дар қалби ал-Маъмун на танҳо аз модар, балки аз шиносоии наздик бо сулолаҳои форсии Тоҳириён ва баъдтар сулолаи Сомониёни бузург ба вуҷуд омадааст Абусаъид Гардезӣ дар китоби худ «Китоби Зайну-л-ахбор» дар бораи асосгузори сулолаи Сомониён – Сомонхудот (бо насабнома /шаҷараи ӯ, ки тавассути Баҳроми Чӯбина то ба Каюмарс мерасад, овардааст), гуфтааст, ки ӯ дар шаҳри Марв аз ал-Маъмун (вақте ки ӯ волии Хуросон буд) исломро қабул кардааст. Ал-Маъмун писари ӯ – Асад ва чаҳор писари Асад – Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёсро хеле дӯст медошт ва ҳатто баъди тарки Марв аз Бағдод низ онҳоро парасторӣ менамуд. Ин буд, ки волии

ин марказ омӯзиш ва тарҷумаву талқини дастовардҳои тамаддуни қадими Эрон, Юнон, Ҳинд ва Чин ба забони арабӣ муайян шуд[56]. Аз ин бармеояд, ки «Маҳз анъанаҳои дерини фарҳангии қавмҳои эронӣ буданд, ки дар аҳди ислом ба инкишофи минбаъдаи илму фан дар хилофати араб замина шудаанд» [28, с.15].

Сафи «Байту-л-ҳикма» аз олимони ғайримусулмон, гуногунзабон ва гуногунмиллат зуд пур гардид, зеро ки дар интихоби аъзо дину мазҳаб ягон заррае нақш намебозид[57]. Лекин шумораи зиёд ва асосии аъзоёни «Байту-л-ҳикма» аз Осиёи Миёна ва Эрон, аз мардуми форс-тоҷик буданд. Меъёри асосӣ ба аъзоии академия донистани забонҳову самимияту салоҳият ба илмомӯзӣ буд. Тадриҷан дар назди он китобхонаи бузурге ташаккул ёфт бо номи «Хазинату-л-ҳикма». Муддате ба он олими намоёни тоҷик Муҳаммад ал-Хоразмӣ[58] роҳбарӣ мекард. Дар он беш аз 100 000 дастхатҳои нодир ба забонҳои гуногун ҷамъ оварда шуданд. Дар назди «Байту-л-ҳикма» расадхона (обсерватория) таъсис дода шуд, ки натиҷаҳои илмии он то ҳол мубрам мемонанд [164, с.128]. Олимони бузурги форс-тоҷик Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Ал-Фарғонӣ, Ал-Ҷавҳарӣ, ан-Насронӣ, Абул Вафо, Ал-Кӯҳӣ ва диг. дар замонҳои гуногун аъзои «Байту-л-ҳикма» буданд.

Ҳадафҳои гуногуни «Байту-л-ҳикма» бо ду самт иҷро гардидаанд:

- омӯзиш ва тарҷумаи асарҳои илмиву адабии тамаддунҳои қадим ва замон ки ба пешравии илму фан мусоидат намуданд;
- бевосита ба амал овардани коркардҳои илмӣ дар фанҳои гуногуни замони худ.

Саҳми «Байту-л-ҳикма» дар ба роҳ мондани илми дунявӣ хеле босазо аст. Дар қатори фанҳои дигар илми мусиқӣ (зимни чоргонаи риёзӣ) низ мавқеи муайяни худро пайдо кард. Академияи «Байту-л-ҳикма» тарҷумаи рисолаҳои мусиқии олимони қадимро ба роҳ монда буд. Олимон ал-Хоразмӣ, ал-Киндӣ ва дигар аъзои «Байту-л-ҳикма» дар илми мусиқӣ саҳми бузургро

Самарқанд ба Нӯҳ, Фарғона ба Аҳмад, Чочу Осрушан ба Яҳё ва Ҳирот ба Илёс насиб гардид [66, с.19-20; 44, с.39].

[56] Ин тарзи корбарӣ низ аз таҷрибаи Гунди Шопур аст. Маҳз он ба ҳамкории фарҳангҳои гуногун ибтидо гузошт. Мутафаккирони юнонӣ, суриёӣ, масеҳӣ, ҳиндӣ, бобулӣ ва эронӣ якҷо дар он фаъолият мекарданд.

[57] Масалан, Яқуб ал-Киндӣ аз яҳудиён буд.

[58] Абуабдулло Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (тахминан 783-тахминан 850) – тоҷик, риёзидон, астроном ва ҷуғрофидони бузурги мусулмонӣ, асосгузори алгебра. Маълумот дар бораи ҳаёти ӯ то ба имрӯз хеле кам дастрас шудааст. Қисми зиёди ҳаёти худро дар Бағдод гузаронидааст. Дар давраи халиф Ал-Маъмун роҳбарии китобхонаи «Байту-л-ҳикма»-ро дошт. Дар чен кардани дарозии меридиани замин дар Синҷар (827) иштирок кардааст. Маълумоти охирине, ки манбаъҳои хаттӣ дар бораи ӯ овардаанд, ба соли 847 тааллуқ дорад.

гузоштаанд. Ал-Хоразмӣ дар асари энсиклопедии худ «Мафотеҳу-л-улум» («Калидҳои илм») дар қатори фанҳои риёзӣ мусиқиро низ дида баромадааст. Ба он боби ҳафтуми ин асари энсиклопедӣ бахшида шудааст.

Дар умум фаъолияти ин академия барои рушди минбаъдаи фанни мусиқӣ ҳам ҷиҳати ташаккули истилоҳоти мусиқӣ (1) ва ҳам фаҳмишу талқини мусиқӣ (2) аз диди олимони гуногуни бурунмарзӣ заминаи мусоиде фароҳам оварда, рисоланависиро дар илми мусиқӣ устувор гардонид. Дар ин қатор инчунин, коркардҳои Ал-Киндиро оид ба абҷад ва табулатура (дар ин бора гуфта гузаштем) ба эътибор гирифтан бамаврид аст[59].

Дар қатори шуъбаҳои гуногуни корбарӣ аз қабили тарҷума (1), табъу нашр (2), харитаҳои ҷуғрофӣ ва астрономӣ (3), толори хониш (4), қабули манбаҳои хаттӣ ва нигаҳдории онҳо ва диг. (5), дар «Байту-л-ҳикма» инчунин шуъбаи таълим фаъолият мекард. Олимон дар он аз фанҳои ҷуғрофия, исломшиносӣ, таърих, табиатшиносӣ, фалсафа, астрономия, тиб ва мусиқӣ дарс медоданд [192; 232; 236]. Фанни мусиқӣ бо дарсҳои назарӣ маҳдуд буд.

Академияи илмии «Байту-л-ҳикма» то нимаи дуюми асри XIII вуҷуд дошт. Баъди ҳуҷуми хони муғул Ҳулогу ба Бағдод 12 феврали соли 1258 «Байту-л-ҳикма» ваҳшиёна нест карда шуд. Дастнависҳои гаронарзиши «Хазинату-л-ҳикма» ба дарёи Даҷла партофта шуданд ва ин нодироти башарият бебозгашт нобуд гардид.

III.1.3. Ихвону-с-сафо

Ташкилоти дигаре, ки бо мақсади илмомӯзӣ таъсис дода шуда буд, «Ихвону-с-сафо» («Бародарони пок») ном дошт. Ин ташкилоти сиёсӣ-динӣ ва илмӣ-фалсафии махфие буд, ки дар шаҳри Басра таъсис шуда, инчунин дар Бағдод, Нишопур ва Самарқанд фаъолият мебурд. Рушди пуравҷи фаъолияти он ба миёнаи асри X рост меояд.

Тибқи ақидаи «Ихвону-с-сафо» дониш иқтидор дорад ҷомеаро дигар кунад ва ба ҳаракат дарорад. Аъзои ин анҷуман мекӯшиданд номҳояшонро маълум накунанд ва ҳамаи асарҳои онҳо ҳамеша аз номи ташкилот мерафт. Мутаассифона, номҳои олимон-аъзои «Ихвону-с-сафо» дар таърих пурра маълум нестанд. Худи олимон рисолаҳои худро муштарак, вале беном менавиштанд. Вале аниқ аст, ки «..аксарияти муаллифони «Расоил» аз миллати форсу тоҷик буданд. ... . Пайрави кадом фирқаи динӣ ва ё фалсафӣ будани намояндагони Ихвону-с-сафо то имрӯз мавриди хилоф аст» [171, с.157]. Аз онҳо 52 рисолаи илмӣ дар фанҳои гуногун зери унвони «Ар-Расоил ал-ихвону-с-сафо..» боқӣ мондааст [36]. Мазмунан он ба тавсия-

[59] Дар бораи саҳми Ал-Киндӣ дар параграфи қаблӣ муфассал гуфта шуд.

номае оид ба истифодаи илмҳо дар паҳлуҳои гуногуни фаъолияти инсон хеле наздик аст. Китоби охирини онҳо (ҷилди 53-ум) зери унвони «Ар-Расоил ал-ҷами'а ал-ихвон ус-сафо...» мазмунан баёни мухтасари рисолаҳои қаблӣ мебошад. Ҷилди аввали «Расоил..» ба рақамҳо (ададҳо) бахшида шудааст. «Ихвону-с-сафо» риёзиётро ҳамчун назарияи рақамӣ талқин дода, дар қатори фанҳои арифметика (ал-арисматика), геометрия (ал-ҷумитрийа), астрономия (ал-аструнумийа), ба он мусиқи (ал-мусиқа)-ро тааллуқ медонад. Чунин ақида хоси он замон буд. «Ихвону-с-сафо» ба мусиқӣ аҳаммияти хосса дода аст. Дар «Расоил» якчанд боб ба он бахшида шудааст: дар бораи асоси зарбии оҳанг; такмили нутқ; оид ба оҳангҳои сипеҳр; дар бораи таассуроти оҳангҳо ва диг. Дар «Расоил» якчанд гунаи садо муайян шудааст: зинда (инчунин, ҳайвонийа), ғайр-ул-ҳайвонийа, табиийа ва олийа [садои олот (созҳо)-и мусиқӣ]. Садоҳои зиндаро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: мантиқӣ – садои инсон ва ғайримантиқӣ – ҳайвонийа. Дар навбати худ садои мантиқӣ низ ду хел мешавад: ихтиёрӣ (нутқ, ибораву ҷумлаҳо ва ҳ.) ва ғайриихтиёрӣ (гиря, ханда, фиғон..) [238, с.139]. Онҳо барои китобнависии хеш аз сарчашмаҳои зерин истифода мебурданд:

- китобҳои хирадмандон
- китобҳои муқаддаси динӣ
- «китоби табиат»

Тибқи гуфтаҳои онҳо «..ҳакимоне, ки бо илми мусиқӣ машғуланд, муайян карданд, ки торҳои уд на беш ва на кам аз чаҳор бошад. Онҳо ба дороии Худованд – табиат тақлид мекарданд. ... . ». Тори баландтарини уд (зир)-ро ба оташ, тори поёнтар аз он (масна)-ро ба боду ҳаво, тори сеюм (маслас)-ро ба об ва тори поёнтарин (бам)-ро ба замин мансуб медонистанд [111, с.272-273]. Назари онҳо ба мусиқӣ мусбӣ буд.

Манъи мусиқиро аз тарафи шариат дастгирӣ карда, онро чунин мефаҳмонданд, ки шариат зидди истифодаи мусиқӣ барои дилхушии зиёдативу саргармӣ аст, на дигар. Ақидаи «Ихвону-с-сафо» ба мусиқӣ чунин буд, ки мусиқӣ бояд ба инсон дар ҷомеа хизмат бикунад. Ин ақидаҳои «Ихвону-с-сафо» хеле ҷолибанд ва имрӯз ҳам мубрам боқӣ мемонанд. Масалан, «Ихвону-с-сафо» гуногунӣ ва хоссагии мусиқии ҳар як халқро тарафдорӣ менамуд. Ба ақидаи он ҳатто ҳайвоноти хонагӣ ҳам танҳо мусиқии мардуми таҳҷоии худро мепазирад (ин нукта дар илми муосир низ тарафдорӣ карда мешавад). Мусиқиро илми судманде барои ҳаёти инсон шуморида, бо хоҳишу талаботи инсон мутобиқ мекард. Ва истифодаи мусиқиро дар чунин ҳолатҳои мушаххаси ҳаёти иҷтимоӣ тавсия медиҳад [111, с. 272-273; 234]:

❖ барои дар қалби ҳарбиён ба вуҷуд овардани далерӣ ва шуҷоатмандӣ;

❖ барои нигоҳубин ва табобати беморон;

❖ дар корҳои тулонӣ (хиштрезӣ, сохтмон дар умум, бофандагӣ ва ғ.);

❖ оштӣ додани тарафайни ба якдигар зид;

❖ дар ҳолатҳои ғамгинии бузург ва баръакс, хушҳолии самимӣ;

❖ дар вақти об додан ё ҷӯшидани гову мол;

❖ дар вақти шикор.

Бо ин тавсияҳо олимони «Ихвону-с-сафо» паҳлуҳои судмандии истифодаи мусиқиро дар амалия, дар ҷомеа тавсия медиҳанд. Ин дид ба мақсади асосӣ ва диди заминавии «Ихвону-с-сафо» ҳамоҳанг аст. Ин гуфтаҳои олимони «Ихвону-с-сафо» хеле воқеианд. Онҳо тасдиқи худро дар ҳама давру замон ёфтаанд, аз ҷумла, суруду навоҳои жанри ҳарбӣ аз қадимулайём вуҷуд дошт (1); мусиқии орому дилнавозро барои беморон, хобонидани кӯдак, беморони калонсол имрӯз ҳам истифода мебаранд (2); иҷрои ҳамаи навъи кори тулонӣ бо мусиқӣ фараҳбахштару хуштар аст (3); барои фуровардани қаҳру алам мусиқӣ василаи хуб аст (4); ҳар кас дар ғамгинӣ зери мусиқӣ мегиряду дар хурсандӣ бо мусиқӣ мерақсад (5); дар фаъолияти фермаҳои чорвопарварии давраи шуравӣ ҳамеша мусиқиро истифода мебурданд ва онро далолат аз он мешумориданд, ки ҳайвоноти хонагӣ мусиқиро хуб қабул мекунанд (6); жанри суруду навоҳои шикорӣ дар ҳама давру замон вуҷуд дорад (7).

Тибқи диди «Ихвону-с-сафо» ҳар як гунаи илм бояд барои беҳтар намудани ҳаёти иҷтимоӣ ба инсон хизмат бикунад. «Ихвону-с-сафо» муътакид буд, ки илмро на шахси танҳо, балки гурӯҳи олимон метавонад пеш барад ва барои инсон судманд гардонад. Инчунин боварӣ бар он дошт, ки ба воситаи босаводиву донишомӯзӣ ҷомеаро метавон солим гардонид, фаҳмишу кирдори ҳар як аъзои онро дигар кард. Солимии ҷомеаро ба солимии ҳар як шахс мепайваст. Таваҷҷуҳи хоссаро ба самараи мусиқӣ ва ҳунарҳои дигари бадеӣ равона мекард. Ин аст, ки пешниҳоди радабандии «Ихвону-с-сафо» зимни ҳунарҳои бадеӣ характери самараӣ-истеҳсолӣ дорад. Ин радабандии нахустинест зимни ҳунарҳои бадеӣ, ки ба мо аз сарчашмаҳои хаттӣ дастрас шудааст [33, с.92-94]. Тибқи он мусиқӣ ба гунаи панҷум – «ҳунарҳое, ки маҳорати устодонаро талаб мекунанд ва бидуни судмандии бевоситаи амалӣ маъмуланд», тааллуқ дошт.

Ин ақидаҳои «Ихвону-с-сафо»-ро бештар ҳамчун ақидаҳои маърифатӣ-иҷтимоӣ муайян кардан мумкин аст. Хулосаҳои «Ихвону-с-сафо» дар мусиқӣ бештар ба масъалаҳои сотсиологияи мусиқӣ дахл

доранд. Зеро ки масъалаҳои мусиқӣ-назариро гуфта гузашта, «Ихвону-с-сафо» бештар функсияҳои психологӣ-иҷтимоии мусиқиро таъкид мекунад. Масъалаҳои илми назарӣ ва ё ҷараёни амалияи мусиқӣ аз доираи диди «Ихвону-с-сафо» каме дуртар аст. Дар талқиноти онҳо мусиқӣ ҳамеша функсияи амалӣ-корбариро иҷро мекунад. Зеро ки олимон-аъзоёни «Ихвону-с-сафо» мусиқиро ҳамеша дар вобастагӣ ба кору амали инсон талқин медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки дар таърихи мусиқии тоҷик баъди ақидаҳои хоссаи Ибни Синои бузург, андешаҳои «Ихвону-с-сафо» ҳам дар поягузории фанни сотсиологияи мусиқӣ арзишманд ҳисобида шуда, аҳаммияти хеле бузургро пайдо карданд.

Фаъолияти «Ихвону-с-сафо» дар охири асри XVI қатъ гардид.

III.2. Сомониён ва эҳёи мусиқии дунявии тоҷикон

III.2.1. Асосгузории Сомониён бар мусиқии нави дунявии тоҷик

1.

Дар асри IX дар Осиёи Миёна ва Хуросон сулолаҳое ҳукмронӣ карданд, ки дар сиёсати онҳо тамоюл ба истиқлолият ва анъанаҳои тоисломии тоҷикон зоҳир мегардад. Дар ин қатор дар баробари Сомониёни бузург, Тоҳириён (821 – 873) ва Саффориён (873 – 903)-ро ном гирифтан лозим аст. Бо давраи Тоҳириён оғози эҳёи фарҳанги тоҷиконро мепайванданду Саффориёнро нахустин сулолае мешуморанд, ки дар дарбори худ аз забони арабӣ даст кашиданд [47, с.110]. Маърифатгароии Тоҳириён авлодӣ буд. Онҳо қишри босаводтарини ҷомеа буданд ва баҳри саводнокии аҳолии диёр хеле саъй намуданд.

Мақсади ҳар се сулолаи давлатдорони тоҷиктаборро Сомониён (819 – 999) амалӣ карданд. Сомониён, асосгузорони давлати нахустини тоҷикон, устувории давлати худро бо эҳёи анъанаҳои фарҳанги қадими мардуми тоҷик пайвастанд [47, с.110]. Дар муддати ҳукмронии худ Сомониён тавонистанд давлати пешқадамтарини он замонро барпо кунанд. Давлате, ки тоҷикони сомонӣ таъсис доданд, ҷиҳати илму фарҳанг, пешравии фаҳмиш асоспояеро гузошта тавонист, ки то имрӯз на танҳо ифтихори миллати тоҷик боқӣ мемонад, балки башарият аз он баҳра мебараду ифтихормандӣ менамояд. Олимон ин давраро давраи Эҳё ва Маърифат, асри X-ро дар таърихи фарҳанги тоҷик «*асри тилоӣ*» меноманд [43; 44; 45; 46; 48; 157; 159]. Сомониёни бузург «*инқилоби ақлҳо*» [97, с.455]-ро ба вуҷуд оварданд. Ва он дар давраи фарҳанги исломӣ бо дурахши зеҳнияту заковати тоҷикон ҷило дод. Сомониён зотан ашрофзодагони зиёӣ буданд.

Дар даргоҳи онҳо базмҳо монанди маҳфилҳои илмӣ-адабӣ мегузашт. Дар Бухоро китобхонаи машҳури замон «*Савону-л-ҳикмат*» («Махзани хирад») хазинаи бузургтарину ғановатмандтарини китобҳои дастнависро дар он замон ташкил медод. Ҳатто ба гуфтаи чунин олими бузург ба монанди Ибни Сино «... бузургӣ ва доираи васеи китобҳои он касро ба ҳайрат мегузошт.. ..дар он китобҳое ҷо доштанд, ки то ҳол ба мо маълум набуданд...».

Асрҳои IX – X – давраи шаҳрсозӣ ва фарҳанги шаҳрӣ аст: «..дар асри X шаҳрҳои осиёимиёнаӣ дар соҳаи як қатор илмҳо ба сатҳи баланди рушди илм расида, ба марказҳои бузурги илмӣ табдил меёбанд» [47, с.111].

Муаллифони асримиёнаӣ, хосса ҳамзамонон (асрҳои IX – X), қайд мекарданд, ки аҳолии Хуросон ва Мовароуннаҳр бо маърифатнокиву зеҳнияту лаёқату қобилияти худ фарққунанда аст [233, с.174]. Аҳолии асосии давлати Сомониён тоҷикон буданд, ки заминдориву ҳунармандӣ низ хосашон буд. Ал-Ҷаҳиз (775 – 869) дар асари «Китоби арабҳо ва форсҳо» овардааст: «... дар рӯи замин фарҳангу илми машҳуре аз қабили адабиёт, фалсафа, арифметика, геометрия, мусиқӣ, ҳунар, ҳуқуқ, донишҳои суннатӣ нест, ки дар он донандагон ва олимони хуросонӣ (аз дигарон) нерумандтару қавитар набошанд» [177].

Донишомӯзӣ ва босаводӣ он ормонҳое буданд, ки сокинони шаҳрӣ ба он мекӯшиданд. Мутобиқи гуфтаҳои муаллифи «Таърихи Бухоро» нахустин муассисаи таълимӣ – *мадраса* дар Бухоро пайдо шудааст [118, с.44-45.]. Олими маъруф В.В. Бартолд низ ба ин ақида аст [43]. Ба гуфтаи Наршахӣ марказҳои илмиву таълимӣ дар давраи Сомониён дар маҳаллаҳои Ҷӯйи Мӯлиён ҷойгир шуда буданд. Он ҷо амир Исмоил барои истифодаи толибилмон боғу қасрҳои хосса сохт. Дар давраи Сомониён дар Самарқанд 17 мадраса вуҷуд дошт. Ба гуфтаи Байҳақӣ дар Хутталон зиёда аз 20 мадраса фаъолият мекард [39, с.290]. Дар мадрасаҳои онвақта дар баробари фанҳои марбут ба дин, ба илм низ машғул буданду фанҳои дунявиро низ меомӯхтанд [31, с.92–94]. Ва ин дар тақсимоти фаннӣ низ мушоҳида мешавад: онҳо ду гуна буданд – *илмҳои мазҳабӣ* ва *илмҳои мадраса*.

Дар замони Сомониёни бузург забони форсӣ-тоҷикии дарӣ забони давлатӣ эълон шуд. Истифодаи забони форсӣ-тоҷикии дарӣ ҳамчун забони расмӣ, корбарии давлатӣ, адабиёти бадеӣ ва тадқиқотҳои илмӣ, ниҳоят ташаккули назми нави форсӣ-тоҷикӣ – ҳамаи унсурҳои навоварии асосии замони Сомониён асоспояи илмиву фарҳангии замонҳои баъдӣ мақбул гардиданд. Аз ҷумла, «рушди пуравҷи адабиёт ба забони дарӣ дар тули асрҳо ин мақомро нигоҳ дошта, ниҳоят дар Осиёи Миёна ба забони

тоҷикии адабӣ ва дар Эрон – забони форсӣ овард» [47, с.110][60]. Забони адабии тоҷикӣ алифбои арабиро қабул кард: « ...ҳарчанд он (алифбои арабӣ – Ф.А.) на ҳамаи садоҳои забонҳои маҳаллиро дар бар мегирифт, алифбоҳои маҳаллии эрониёнро аз байн бурд» [47, с.109].

Дар ин замон шеъри мавзун ташаккул ёфт ва назм пурра ба форсӣ-тоҷикӣ рушд мегардид: «Дар антологияи куҳантарини назм, ки чоряки аввали асри XIII Муҳаммад Ауфӣ тартиб додааст, тақрибан сӣ номи шоири дарбори Сомониён оварда шудааст. Нисбаҳои онҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи онҳо аз Осиёи Миёна ва Хуросон буданд» [47, с.125]. Барои дарки дурусти офаридаҳои Сомониёни бузург мебояд ба услуби тарбияи он замон таваҷҷуҳ кард. Ин услуб кулли тахассусу ҳунарро фаро мегирифт. Ва он аз якчанд давраи дохилӣ ва талаботи хеле саҳеҳ иборат буд. Масалан, «...барои тарбияи шоир дар замони Сомониён забони арабӣ, вазн, қофия, ороиши шеърӣ, шеъри куҳна ва шеъри нав ва, аз ҳама муҳим, рушди ҳофиза. Низомии Арӯзӣ оид ба ин қайд кардааст, ки қабл аз сар кардани шеърнависӣ, шогирд мебояд бист ҳазор байт аз шеъри куҳна ва даҳ ҳазор байт аз шеъри нав аз ёд мекард. ... ... Эҳтимолан тарбияи шоир ба ҳамон услуб буд, ки дар ҳунарҳои бадеӣ шогирдро устод (дар мактаби устод-шогирд – Ф.А.) тарбия мекард» [47, с. 126].

2.

Тавре ки қайд карда шуд, дар шароити фарҳанги исломӣ роҳе, ки метавонист ба устуворгардонии анъанаҳои мусиқӣ мусоидат намояд, илми мусиқӣ буд. Дар самти илми мусиқӣ саҳми олим-энциклопедист беназир аст. Олим-энсиклопедист худ зодаи ҷараёни хеле пурҷӯшу хурӯши рушди илмҳо ва бедории ақлҳост. Ӯ мусиқиро ба ҳайси яке аз фанҳои чоргонаи риёзӣ тадқиқ мекард. Дар асрҳои IX – XI, давраи Сомониёни бузург, фаъолияти олимон-энсиклопедистон дар самти илми мусиқӣ аз ду манбаъ манша мегирифт:

- натиҷагирӣ аз тарҷумаи дастовардҳои тамаддунҳои қадим;
- амалияи мусиқии таҳҷоӣ.

Асрҳои нахустини тамаддуни исломӣ аз пешрафтатарин будани санъати мусиқии тоисломии мардуми форсу тоҷик ва устувор боқӣ мондани анъанаҳои он дар амалияи мусиқӣ дарак медиҳад. Дар Дорул-ислом нахустин муҳаққиқи илми мусиқӣ олим-энсиклопедист буд. Барои ӯ

[60] Ҳазор сол пас муҳаққиқони асили муосир бино бар дар аввали асри XX иваз шудани алифбои арабӣ ба кириллӣ (тавассути лотинӣ) ва ин забонро форсӣ-тоҷикӣ номидан, гаштаву баргашта таъкид мекунанд: «..ба мероси бузурги адабии форсизабон (классикии дарӣ) ду халқ ҳуқуқ дорад – тоҷикон ва форсон ва онро танҳо ба яке аз онҳо лоиқ донистан беадолатист»[47, с.110; 156; 157; 220].

дастовардҳои тоисломии мардуми форсу тоҷик ҳамчун манбаи бузурги маънавӣ ба ҳисоб мерафт ва олимон ба ин комёбиҳо дар ҳар илму фан такя мекарданд. Сомониёни бузург ин анъанаҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ менамуданд. Бо истифода аз амалияи мусиқии замони Сомониён имкон пайдо шуд, ки олимон-энсиклопедистон назарияҳои мусиқии худро дар заминаи мусиқии таҳҷоӣ пешниҳод намоянд. Аз ин рӯ, дар баробари шиносоиву омӯзиши таҳлилии асарҳои олимони юнониқадимӣ, аз ҷумла, дидҳои мусиқӣ-эстетикӣ, мусиқӣ-этикии Арасту (с.384-322 т.м.), «Унсурҳои ритмика» ва «Унсурҳои гармоника»-и Аристоксен (с.370/360 т.м.), «Гармоника»-и Птоломей (с.100-170) ва диг., олимон-энсиклопедистон диди мустақилонаи худро бо такя ҳам ба мероси илмӣ-мусиқавии юнониқадимӣ ва ҳам ба мусиқии амалии мардуми худ дар нахустин рисолаҳои мусиқӣ пешниҳод намуданд. Онҳо асосҳои мусиқии таҳҷоиро зери таҳлили назарӣ қарор дода, қонунияти мусиқии таҳҷоиро ба илм ворид мекарданд. Ба туфайли рисолаҳои илмии онҳо илми мусиқӣ бо маълумоту талқиноти дақиқи амалияи мусиқии тоҷикони асрҳои IX–X ба мо дастрас шуд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «.. маҳз дар ҳамин давра илми осиёимарказӣ на танҳо дар сатҳи Хилофат, балки дар миқёси ҷаҳонӣ ба сатҳи аввал мебарояд» [47; 159; 161]. Новобаста ба он, ки рисолаҳои мусиқӣ ба забони арабӣ навишта мешуданд, нахустин хулосаҳои илмӣ дар онҳо дар асоси амалияи мусиқии мардуми форсу тоҷик пайдо шудаанд. Аз ин ҷост, ки мутафаккирони бузург Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Синоро илми муосир ҳамчун асосгузорони илми мусиқӣ мешуморад. Маҳз онҳо тавонистанд мусиқии таҳҷоиро дар сатҳи илми ҷаҳонӣ тадқиқ карда, моҳият ва хусусиятҳои онро ба пояи илм гузоранду рушди минбаъдаи илми мусиқиро таъмин намоянд. Дере нагузашта анъанаи рисоланависӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ пайдо шуда, дар тули асрҳои миёна хеле устувор гардид. Нахустин рисолаи илми мусиқӣ ба забони тоҷикӣ ба Абуалӣ ибни Синои бузург тааллуқ дорад. Он ба асари энсиклопедии ӯ «Донишнома» ворид гардидааст. Бо ин иқдоми худ Ибни Сино ба анъанаи рисоланависӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ибтидо гузошт (1), дастгоҳи истилоҳотии мусиқии тоҷикро ба илм ворид кард (2); моҳияту хусусиятҳои мусиқии мардуми эрониро (баъди Абунасри Форобӣ) ба илм ворид намуд (3). Имрӯз фаҳмиши назарӣ ва шохаҳои мусиқии асрҳои IX–X ба туфайли иқдоми Абунаср Форобӣ, Ибни Сино ва олимони дигари замон ба мо маълуманд ва гуфтаҳои онҳо дар замони муосир ҳам мубрам боқӣ мемонанд.

3.

Новобаста ба таваҷҷуҳи зиёд ба илми мусиқӣ, аз ибтидои ҳукмронӣ, Сомониён ба хубӣ дарк мекарданд, ки он ҷои холии ҳунарҳои мусиқӣ – сарояндагиву навозандагиро пур намекунад. Ва барои рушди минбаъдаи

мусиқии асили тоҷик дар паҳлуи илми мусиқӣ, ҳунари мусиқии мардуми тоҷикро низ бибояд расман эҳё кард. Бинобар ин Сомониён аз аввал дар сиёсати фарҳангии худ ҳам рушди илми мусиқӣ ва ҳам эҳёи суннатҳои сарояндагиву навозандагиро гаштаву баргашта устуворона пайгирӣ менамуданд.

Ба ҳайси забони расмӣ, забони давлатӣ қабул гардидани забони форсӣ-тоҷикии дарӣ дар замони Сомониён рушди тавъами мусиқӣ ва назмро пойдор ва устувор гардонид. Бинобар он ки тибқи сиёсати исломӣ бевосита рӯ овардан ба ҳунари мусиқӣ имконнопазир гардида буд, онҳо мусиқиро дар ибтидо барои иҷрои вазифаи корбарии амалӣ, хусусан дар рафти шеърхонӣ, истифода бурданд. Ибораи «илми мусиқӣ» аслан маънои «илм»-ро дошт, на ҳунарро. Аз ин рӯ, Сомониёни бузургу оқил ҳамин ду роҳро – рушди илми мусиқӣ (1) ва истифодаи мусиқиро дар қироати шеър ва тадриҷан фаъол кардани нақши мусиқиро дар санъати шеърхонӣ (2) барои эҳё кардани *ҳунари мусиқӣ* интихоб карданд. Бино бар чунин корбарӣ мебояд, ки дар тарбияи шоир нақши мусиқӣ хеле пурзӯр мешуд. Аз ин рӯ, «он замонҳо шеър суруда мешуд ба монанди романс ё речитатив бо такнавозии асбоби мусиқӣ. Масалан, маълум аст, ки Рӯдакӣ ва Фаррухӣ на танҳо шоир, балки навозандагони моҳир буданд. Инчунин бояд зикр намуд, ки мафҳумҳои «сароидан» ва «хондан» дар забони дарӣ ба як феъл гуфта мешуд» [47, с.126]. Аз ин ҷост, ки имрӯз дар баробари калимаҳои «китобхон», «шеърхон», калимаҳои «мақомхон» ва «фалакхон» дар забони тоҷикӣ маъмул ва хеле устуворанд. Ва мафҳумҳои «рубоихонӣ» ва «ғазалхонӣ» ҳам «хондан»-и рубоиву ғазал ва ҳам «сурудан»-и онҳоро дар назар дорад. Суннати гуногунранги шеърхонӣ дар ибтидои он замон истифодаи оҳангҳои ғайрифаъолро пешбинӣ мекард. Маълум аст, ки шеъри имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ хусусиятҳои асосии худро дар давраи Сомониён пайдо кардааст. Эҳёи расмии ҳунари мусиқӣ дар замони Сомониён низ аз базмҳои дарборӣ сар зад. Ба гуфтаи Саолибӣ (961–1038) дар ин ҷо 25 шоири хориҷӣ ва 200 шоири тоҷик фаъолият мекард. Дар таърих, агар асри IX давраи эҳёи фарҳанги таҳҷоӣ бошад, асри X – давраи шукуфоии пуравҷи фарҳанг, адабиёт ва илми тоҷик маҳсуб меёбад. Шоирони дарбори Сомониён ҳама сарояндагӣ низ мекарданд.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар давраи тоисломӣ дар байни мардуми форс-тоҷик 23 шакли қироати шеър ва вазнҳои гуногун вуҷуд дошт [47, с.107]. Инчунин гуфта мешавад, ки «... рубоӣ дар назми қадим шакли манзум (хониш) набуда, шакли мусиқавиро доро буд. Тасодуфӣ нест, ки олимони куҳан онро «тарона» – суруд меноманд... рубоӣ – шаклест, ки халқҳои эронӣ бидуни нуфузи беруна онро офаридаанд...» [47, с.107]. Дар замони Сомониён шеъри мавзун зимни забони форсӣ-

тоҷикии дарӣ ташаккул меёфт. Дар давраи Тоҳириён мардум бо забони шевои форсӣ-тоҷикӣ ба шеър гуфтан мекӯшид. Ҳарчанд ки забони дарбори Тоҳириён забони арабӣ буд, дар байни халқ гуфтаҳои ҷолибе бо услуби тоисломӣ хеле машҳур боқӣ мемонданд. Шоир ва сароянди машҳури ин замон Абуҳафси Суғдӣ байти машҳури зебоеро гуфтааст, ки он баъди ҳазору чорсад сол ҳам балоғату таровати худро гум накардааст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давидо.
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?

Шарқшиноси маъруфи шуравӣ оид ба ин байт таъкид кардааст: «аз содагӣ ва самимияти ин шеъри дар вазни ҳиҷоӣ намудор мешавад, ки он матни суруде буда, бидуни мусиқӣ маъмул ҳам набудааст» [47, с.110]. Дар ибтидо, дар ҳақиқат, ҳарчанд шеъри мавзун ба маънии имрӯз ташаккул наёфта буд, он гуфтаҳоеро, ки шеър мешинохтанд, танҳо бо мусиқӣ мавзунтару хушояндтар мегардиданд.

Назми арабии он замон дар арӯз асос ёфт. Онро Халил ибни Аҳмад (718 – 791) дар асри ҳаштуми мелодӣ пешниҳод карда буд. Ин шахси хеле болаёқат имрӯз ҳамчун офаридгори ин илм пазируфта шудааст[61]. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои хаттии асримиёнаӣ Халил ибни Аҳмад дар илми мусиқӣ низ рисола навиштааст, ки бо номи «Китобу-н-нағам» ва «Китобу-л-иқоъ» маълуманд. Маҳз ҳамин ҷустуҷӯҳо дар равияи *пайвастагии шеъру мусиқӣ* (таъкиди мо – Ф.А.) ӯро ба кашфи илми арӯз овардааст [117, с.109]. Арӯз «.... дар шонздаҳ[62] баҳри аслии вазни квантитативӣ замина пайдо кард. Ин шонздаҳ бо воситаи дарозкуниву кӯтоҳкуниҳо.. шумораи хеле зиёди баҳрҳоро ба вуҷуд меовард.. ... хусусияти назми арабӣ ҳамеша яккофияӣ (монорифмӣ) буд, ба монанди аа, ба, ва, га, да.... Ҳамаи навъҳои дигар дертар ва аз берун (ба арӯзи арабӣ – Ф.А.) ворид шуда, хеле кам дар истифода буданд» [47, с.94]. Шеъри ҳиҷоии давраи тоисломии тоҷикон акнун ба забони форсӣ-тоҷикии дарӣ (иборат аз ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳ) хеле осон ба арӯз мутобиқ мегардид. Ба ин забон назм зуд хеле пуравҷ рушд ёфт. Инро дар эҷодиёти асосгузори назми классикии форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шоири бузурги он давра Абулқосими Фирдавсӣ ва дигарон мебинем. Аз ин аст, ки муҳаққиқон гаштаву баргашта қайд мекунанд: «... забони адабиеро, ки дар асрҳои баъдӣ дар Эрон истифода мешавад, дар ибтидо дар Осиёи Миёна тоҷикон ба рушди баланд ноил гардонданд ва шоири

[61] Ба гуфтаи Луғатномаи Деххудо («Луғатнома») ва Ёқути Ҳамавӣ («Муъҷаму-л-удабо») ӯ аз насли форс-тоҷик буд [117, с.109].
[62] Шумораи баҳрҳои аслии арӯз дар сарчашмаҳои асримиёнаиву тадқиқоти муосир аз чордаҳ то шонздаҳ намудор мешавад.

тоҷик Рӯдакии бузург ин забонро ба дараҷаи мукаммал расонид» [47, с.23]. Дар ин ҷараён ба забони форсӣ-тоҷикӣ *арӯзи аҷамӣ* ташаккул меёбад. Он аз арӯзи арабӣ бо он фарқ мекард, ки бештар ба баҳрҳои дорои ҳиҷоҳояшон доимӣ асос мегирифт. Баҳрҳои дӯстдоштаи тоҷикон *мутақориб* ва *ҳазаҷ* аст, ки ҳамеша аз ёздаҳ ҳиҷо иборатанд. Дар арӯзи аҷамӣ он баҳрҳое дар истифода буданд, ки дар арӯзи арабӣ ба таври аслии худ во намехӯранд.

Дар амалияи мусиқии замони Сомониён жанрҳо ва лаҳн-пардаҳои мусиқии тоисломӣ хеле фаровон истифода бурда мешуданд. Шоирони дарбории Сомониён аз ибтидо дар санъати шеърхонӣ ба лаҳн-пардаҳои писандидатарини мардуми тоҷик такя карданд. Сонияи, истифодаи ин лаҳн-пардаҳо дар услуби нави рубоихонӣ (таронахонӣ) хеле фаъол гардид. Ба ин васила ба Сомониён дар давраи фарҳанги исломӣ эҳё кардани мусиқии дунёвӣ пурра муяссар гардид. Мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ба рубоихонӣ (таронахонӣ) дар лаҳнҳои таҳҷоӣ хеле шавқманд буд. Ин суннатро аҳли адаби даргоҳи Сомониён тадриҷан ба дараҷаи дарборӣ (давлатӣ) расонид, ки он ба наздикшавии шеъру мусиқӣ воқеан мусоидат намуд. Оҳиста-оҳиста истифодаи заифонаи ибораҳои оҳангӣ-интонатсионӣ дар шеърхонӣ ба дараҷае қавӣ гардонида шуд, ки ин ҳунар ба сарояндагӣ табдил ёфт. Ва он сарояндагие буд, ки зимни лаҳнҳои тоисломӣ асос меёфт. Ин аст, ки ҳатто дар сарчашмаи насиҳатномавии асри XI омадааст: «.. *аввал дастони хусравонӣ зананд...*» ва пардаҳои Рост, Бода, Ироқ, Ушшоқ, Зерафканд, Бусалик, Сипоҳон, Наво, Баста, Ҳусайнӣ, Бохарз ҳамчун пардаҳои хеле устувору маъмули амалияи мусиқӣ пайиҳам ном гирифта шудаанд [92, с.137-138]. Чунин нуктаҳо далели он мебошанд, ки дар асри XI лаҳнҳои системавии Борбад дар амалияи мусиқӣ пурраву расман пазируфта шуда (воқеан онҳо аз амалия мусиқӣ берун нашуда буданд), зимни назми нави форсӣ-тоҷикии дарӣ роҳи устувори худро дар мусиқии тоҷик идома доданд.

Ҳамин тавр, дар соҳаи мусиқӣ Сомониён ба ду манбаъ такя карданд: якум – дастовардҳои мусиқии давраи тоисломӣ (системаи мусиқии Ҳафт-парда, жанрҳои мусиқии хусравониёт, равошин, тарона, лаҳн-пардаҳо ва ҳ.); дуюм – амалияи мусиқии замони худ. Дар бораи устувории онҳо ҳатто Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома»-и безаволаш гуфтааст, ки жанри сурудии «хусравонӣ дуруд»-ро дар замони ӯ (асрҳои IX–X) «додофарид» ном мегирифтанд [178; 184.I.]. Аз ин бармеояд, ки бо эҳё гардидани унсурҳои мусиқии тоисломӣ дар давраи фарҳанги Сомониён баъзеи онҳо унвонҳои дигарро гирифтанд. Ва аз ин гуфтаи шоири бузург муҳаққиқи имрӯза хулосае мебарорад оид ба расидани ин мусиқӣ то ба давраи мо: «.. анъанаҳои мусиқии тоисломӣ хеле неруманд буданд; эҳтимол аз онҳо

ягон унсурҳое то ҳол дар мусиқии Осиёи Миёна ва ё Қафқоз боқӣ монда бошад..» [47, с.221].

Сомониён ба ҳайси василаи асосии эҳё кардани мусиқии дунявӣ санъати қироати шеърро интихоб карда, тадриҷан вазифаи мусиқиро дар он фаъол гардонда, оҳиста-оҳиста ба он такнавозии созиро ҳамроҳ намуданд. Ба ҳамин тариқ дар баробари сарояндагӣ, дар базмҳои дарбории Сомониён суннати дигари мусиқавӣ – ҳунари навозандагӣ низ эҳё гардид. Ин ҳунари мусиқавӣ ба ду тарз пойдор шуд: *якканавозӣ* ва *такнавозӣ*. Аввалӣ тавассути сози мусиқӣ навохтани оҳангеро дар назар дорад ва дуюмӣ – ба сарояндагӣ ҳамроҳӣ кардан бо сози мусиқиро:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, ки ӯ суруд андохт.

Саҳнаи офаридани қасидаи машҳур – «Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме..»-и Рӯдакии бузургро шоир ва адабиётшиноси маъруф Низомии Арӯзии Самарқандӣ чунин тасвир кардааст: «.. Пас сарони лашкару меҳтарони мулк ба наздики устод Абуабдуллоҳ ар-Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои (ҳамсуҳбатони) подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтару мақбулулқавлтар аз ӯ набуд. Гуфтанд: «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок (шаҳри Ҳирот, Бодғис ва дигар – Ф.А.) ҳаракат кунад, ки дилҳои мо орзуи фарзанд ҳамебараду ҷони мо иштиёқи Бухоро ҳамебарояд». Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амир бигрифта буду мизоҷи ӯ бишнохта. Донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад, рӯй ба назм овард ва қасидае бигуфту ба вақте, ки амир сабӯҳ карда буд (шароби пагоҳӣ нӯшида буд), даромаду ба ҷои хеш бинишаст ва чун мутрибон фурӯ доштанд, ӯ чанг баргирифту дар пардаи Ушшоқ ин қасида оғоз кард» [123, с.58-59]. Рӯдакӣ яке аз он шоирони дарбори Сомониён буд, ки ҳамеша гуфтаҳояшро дар лаҳн-пардаҳо мехонд. Ӯ асоси мақомот – пардаро дар овони ҷавонӣ аз устодаш Абулаббоси Бахтиёр (Самарқандӣ) хеле хуб омӯхта буд. Қасидаҳои худро ҳамеша бо такнавозӣ мегуфт ва бо ин анъанаи яккахониро устувор мегардонд. Подшоҳон чунин гунаи мусиқиро хеле хуб мепазируфтанд. Ҳунари дигари Рӯдакӣ бадеҳагӯӣ буд: «..бибояд донист, ки бадеҳа гуфтан рукни аълоест дар шоирӣ. Ва бар шоир фариза (шарт) аст, ки табъи хешро ба риёзат бад-он дараҷа расонад, ки дар бадеҳа маонӣ ангезад...» [123, с.62]. Ин ҳунарро Рӯдакӣ ба сатҳи баландтарин расонида буд.

Саҳнаҳои ҳаёти мусиқии он давра тавассути минётураҳову деворнигораҳо абадӣ гардонида шудаанд. Яке аз чунин деворнигораеро дар қалъаи шоҳони кулобӣ, дар Қалъаи Ҳулбук мебинем. Дар он духтарон-навозандагон бо чангу камонча нақш гардидаанд:

Расми 5. «Духтарони ромишгар»[63].
Деворнигорае аз қалъаи шоҳони Хутталон. Ҳулбук (а. IX – X).

Пас, дар он замон ин олоти мусиқиро духтарон хеле хуб менавохтанд ва ба сурудани худ такнавозӣ мекарданд.

Дар шароити суннатҳои шифоҳии мусиқӣ олоти мусиқӣ вазифаи хеле пурмасъулро бар уҳда дорад: дастаи сози мусиқӣ (ё шакли пардабандӣ дар он) ҳамеша дар маркази дастгоҳи шунавоӣ ва зеҳнии навозанда меистад, чунки ӯ ҷойгиршавии пардаҳоро пеши назар гирифта, онро ба василаи сомеаи худ ба кор мебарад. Ҳарчанд корбарӣ аз рӯи пардаву пардабандӣ зимни системаи Ҳафтпардаи тоисломӣ ба роҳ монда шуда буд, дар давраи Сомониён ин амали эҷодӣ-зеҳнӣ ба шакли нав эҳё гардид. Ин шакли мукаммалгардидаи он буд. Суннатҳои мусиқии тоисломӣ зимни рушди пуравҷи илми мусиқӣ дар давраи Сомониён иқтидор пайдо карданд, ки заминаи амалияи мусиқии замонро муайян бикунанд, ба шароити нави пешомада мутобиқ бишаванд. Ҳатто муносибати манфии шариат ба густариши ин суннатҳои профессионалӣ монеа шуда наметавонист.

Таронахонӣ ба тавъамшавии шеъри нав (манзум ва бо забони форсӣ-тоҷикии дарӣ) бо пардабандии давраи тоисломӣ қарор гирифт. Ин суннатро мардуми эронӣ, билхусус тоҷикон, ҳамчун меҳвари асили мусиқии суннатии худ минбаъд дар доираи мақомҳои тоҷикӣ ҳамеша нигоҳ доштанд. Ва тафаккури мусиқии худро дар ҳамин замина қарор доданд.

---

[63] Расми ин ду духтарони навозандаро бостоншинос Э. Ғуломова соли 1984 дар толори V ҳокимони Хатлон пайдо карда буд [68, с.195].

Ҳамин тариқ, дар шароити фарҳанги давраи исломӣ, бо назардошти ҳукми шариат нисбат ба мусиқӣ, Сомониён тавонистанд хеле оқилона санъати шеърхониро баҳри рушди мусиқӣ истифода баранд. Сомониён мавқеи забони форсӣ-тоҷикии дариро ба мартабаи олӣ расониданд. Фасоҳату балоғати забони форсӣ-тоҷикӣ дар назму мусиқии тоҷик зоҳир гардид ва дар ҷомеаи асримиёнаӣ волотарин намунаи маънавӣ маҳсуб ёфт ва имрӯз ҳам мавқеи худро нигоҳ медорад.

Таърих исбот кард, ки роҳи рушди минбаъдаи мусиқии суннатии тоҷик дуруст интихоб гардида буд. Мусиқӣ минбаъд ҳамеша дар пайвастагӣ бо шеър ва жанрҳои шеърӣ қарор меёфт.

4.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи хирадмандӣ ва муросокории Сомониён бо шариат ва хилофат, серталошии олимону ҳунармандони замон, ривоҷу равнақ ёфтани санъати шеърхонӣ, ниҳоят имкони эҳё гардонидани ҳунари мусиқӣ ба амал омад. Ва Сомониён бо саъйю кӯшиши пайваста суннатҳои мусиқии дунявии профессионалии гузаштагонро (дар ибтидо дар базмҳои дарборӣ, сониян, ба таври расмӣ дар амалияи мусиқӣ) ҳифз карданд.

Эҳёи ҳунари мусиқӣ дар фарҳанги исломӣ ғалабаи бузурги маънавӣ маҳсуб меёбад. Муҳиммии ин дастоварди таърихӣ хусусан дар он низ аст, ки дар таърихи мардуми эронӣ бори дуюм (баъди Сосониён) мусиқӣ ҳамчун ҳунари дунявӣ ва профессионалӣ сар мезанад ва аз урфу одатҳои динӣ (аввал аз урфу русуми дини зардуштӣ ва дуюмӣ – исломӣ) ҷудо шуда, ҳамчун фарҳанги зеҳнии миллат роҳи мустақили худро меёбад. Бо вуҷуди он, ки ин дафъа ҳам мардуми тоҷик рушди мусиқиро дар заминаи суннатҳои тоисломии худ идома дод, фарқият дар он буд, ки дар ҷараёни давраи Сомониён мусиқии профессионалии дунявӣ дар заминаи сирф илмӣ қарор гирифт. Мусиқӣ маҳз дар замони Сомониён зимни фаҳмиши нави илмӣ хеле босуръат ривоҷу равнақ ёфта, тафаккури илмӣ-мусиқиро бо илмӣ-амалӣ якҷо менамояд. Нуфузи рушди илм ва огаҳона наздик кардани онро ба амалияи мусиқӣ давраи Сомониёнро дар таърихи мусиқии тоҷик ба муассиртарин саҳифае табдил медиҳад. Тадриҷан дар фарҳанги мусиқии Сомониён системаи мусиқии тоисломии Ҳафтпарда мукаммал гардида, бо зуҳуроти навбатии худ амалияи мусиқии замони Сомониёнро рангинтар гардонид ва маҳз ҳамин вазъ дертар, дар асри XII, ба ташаккули системаи нави мусиқии Дувоздаҳпарда овард.

Ин аст, ки ин ду давраи таърихӣ барои мусиқии тоҷик давраҳои тақдирсоз шуданд: агар дар аҳди Сосонӣ нахустсистемаи мақомоти тоҷик пайдо шуд, Сомониён мусиқии профессионалии дунявии тоҷиконро аз сари нав эҳё карда, бар заминаи илмӣ асосгузорӣ карданд. Ва ин дороии

заминаи илмӣ барои рушди устувори минбаъдаи мусиқии касбии дунявӣ хеле ҳам шароити босазоеро муҳайё намуд. Бояд гуфт, ки дар давраи аввал нақши Борбад ва дар давраи дуюм нақши Рӯдакӣ хеле бузург аст :

Аз он чандон наими ин ҷаҳонӣ,
Ки монд аз оли Сосон в-оли Сомон.

Санои Рӯдакӣ мондасту мидҳат,
Навои Борбад мондасту дастон.

(Шариф Муҷалладдии Гургонӣ, а.XI)
[123, с.52]

Дар натиҷаи саъйю кӯшиши хирадмандона Сомониён мероси маънавии тоҷиконро ҳифз намуданд. Тасодуфӣ нест, ки давраи Сомониёнро дар илм «давраи классикӣ» меноманд. Эҷодиёти Дақиқӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва дигаронро дар асосгузории назми классикии форс-тоҷик имрӯз ҷаҳониён пазируфтаанд. Ҳунари мусиқӣ қабл аз ҳама ба фаъолияти Абулаббоси Бахтиёр (872 – 920, Самарқанд, Бухоро) пайваста мешавад. Ин сароянда ва навозандаи моҳир ва хеле серпаҳлу мусиқишинос ҳам буд. Бо ҳунари беҳамто, фаҳмиши нозукбинонаи илмӣ, дар давраи дар ҳаёт будан байни мардум шуҳратёр гардид. Ба Абулаббоси Бахтиёр мартабаи таъсисгар ва сарвари Мактаби мусиқии классикии Сомониёнро мансуб медонанд. Ӯ бо саҳми илмии худ хиштҳои аввал, вале хеле устуворро дар коркарди илмии мусиқии тоҷик бо фарогирии дидҳои мусиқӣ-назарии олимони тамаддунҳои қадим гузоштааст. Дар баробари ин, бевосита Мактаби ҳунари мусиқиро дар давраи Сомониён таъсис дода, шогирдони зиёдро дар роҳи мусиқии асили тоҷикӣ, мусиқии профессионалии дунявии тоҷик тарбия намудааст. Байни шогирдони ӯ Исои Барбатӣ, Лукарии Чангӣ, Хобони Нойӣ, Мундарники Нойӣ ва дигаронро ном мегиранд. Абулаббоси Бахтиёр устоди Рӯдакӣ низ пазируфта шудааст. Қайд карда мешавад, ки Рӯдакӣ барбатнавозӣ, чангнавозӣ ва таронахониро аз ӯ омӯхтааст. Саҳми Абулаббоси Бахтиёрро ҳамчун саҳми бузург дар эҳёи ҳам ҳунари мусиқии профессионалии дунявии тоҷик ва ҳам коркарди илмии мусиқии тоҷики асрҳои Сомониён хеле сазовор арзёбӣ мекунанд [216.I, с.27-28; 79, с.19].

Илму ҳунари мусиқӣ дар давраи Сомониён хеле равшан дурахшид, бо ҳунару фарҳанги тоисломии мардуми форс-тоҷик алоқамандии зич пайдо кард ва аз он сар зад. Дар амалияи мусиқӣ суннатҳои тоисломӣ бо ғайрату талошҳои мардум ва Мактаби ҳунарии Сомониён ҳифз карда шуд. Тавоноии зеҳнии мардуми эронии Осиёи Марказӣ чунон бузург гардида буд, ки ҳатто дар бозору кӯчаҳои шаҳр маълумоту фаҳмиши нав ҷорӣ

мегардид. Беҳуда муҳаққиқони бузурги илми таърихи фарҳанг А.Ю.Якубовский, А.А.Семёнов, Е.Э.Бертелс, А.Христенсен, А.Метс, В.В.Бартолд, Б.Ғафуров, С.Айнӣ ва муҳаққиқони сершумори гузаштаву имрӯза замони Сомониёнро «давраи тилоӣ» меноманд. Меъёри асосии ин «ҷилои тилоӣ» тавоноии зеҳнияту доноии тоҷикон аст, на дигар.

Дар умум ва хеле мухтасар мушаххасоти саҳми Сомониёнро ба мусиқӣ чунин натиҷагирӣ карда метавонем:

- ба мусиқии профессионалии тоҷик ҳам ҷиҳати асоси илмӣ ва ҳам ҳунарӣ поягузорӣ карда шуд. Ҳамаи дастовардҳои минбаъдаи мусиқии дунявии профессионалии тоҷик дар заминаву самти ҳамин Мактаби ҳунарии Сомониён имконпазир гардид;
- маҳз бо саъйю кӯшиши Сомониён мусиқии дунявии профессионалии тоисломии мардуми эронӣ дар асрҳои баъдӣ ба заминаи мусиқии Шарқ табдил ёфт;
- мусиқии мардуми таҳҷоӣ аз рӯи қавоиди илми мусиқии он замон тадқиқ карда шуд ва ин василаи ба илми мусиқӣ ворид гардидан ва ба назарияи мусиқии тоҷик асос гузоштани он гардид;
- системаи Ҳафтпарда дар амалияи мусиқии асрҳои IX ва X ҳифз карда шуд ва такомули он имкон дод, ки мусиқӣ минбаъд дар системаи парда/мақом рушд биёбад;
- мусиқии дунявии профессионалӣ ба назми классикии форсӣ-тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтори композитсионӣ-драматургӣ, системаи зарбӣ, асоси оҳангӣ-интонатсионии нутқи равони забони форсӣ-тоҷикӣ ва мазмуни воло тавъам гардида, минбаъд асрҳои аср рушд ёфт.

Заминагузории Сомониён ба мусиқии профессионалӣ-дунявии тоҷик дар ҳамаи паҳлуҳои мақомоти тоҷик имрӯз ҳам устувор аст. Таҳлили ин нуктаро дар фаслҳои баъдии китоби ҳозир муфассал гуфта мегузарем. Ин ҷо танҳо бо қайди яке аз он иктифо мекунем: то имрӯз ҳам дар Шашмақом, Фалак ва ҳам дар мақомҳои маҳаллии тоҷик рубоихонӣ ва ғазалхонӣ бар асоси зарбҳои мавзуну равон сохта шудаанд. Чунин мавзунӣ на танҳо дар мусиқии овозӣ, балки дар мусиқии созӣ низ хеле устувор ба назар мерасад. Ин аз он далолат медиҳад, ки аз давраи Сомониёни бузург тоҷикон тафаккури ягонаи назмӣ-мусиқавиро пайдо карданд ва дар ягон мушкилоту мураккабиёти таърихӣ аз он даст накашиданд. Шашмақом, ки зодаи мусиқӣ ва назми классикии тоҷик аст, дар таркиби худ ягон қисме бидуни зарби мавзунро надорад. Ин далели хеле равшан аст оид ба он ки ҳунармандону устодони мусиқии тоҷик аз замони Сомониёни бузург, аз заминаи Мактаби ҳунари мусиқии Сомониён сар карда, рушди минбаъдаи мусиқиро низ бо ҳамон услуб корбарӣ намуданд. Дар кӯҳистони тоҷик ҳам

Фалак (дар баробари нигаҳдошти шакли тоисломии худ – Фалаки Даштӣ бо дороии хусусиятҳои иҷрои озоди вазн) кулли жанрҳои худро дар тавъамии мусиқиву назм қарор додааст.

III.2.2. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва мусиқии суннатии тоҷик

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар эҷодиёти худ рубоии халқиро бо лаҳн-пардаҳои Борбад пайваст. Рӯдакӣ рубоии халқиро дар ашъори худ ба мартабаи классикӣ бардошт. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ ва шоирони давраи Сомониён баланд гардидани мавқеи эҷодиёти халқ, рӯ овардан ба жанрҳои писандидаи халқро олимон-муҳаққиқон С.Айнӣ, Е.Бертелс, И.Брагинский, Р.Амонов, А.Афзаҳзод ва дигарон таъкид кардаанд. Академик Раҷаб Амонов маҳорати сухангӯии Рӯдакиро дар тавоноӣ ва ҳунармандона баён намудани маънои чуқурро бо лафзи одӣ қайд мекунад [32]. Садриддин Айнӣ лафзи Рӯдакӣ ва шоирони сомониро ба *саҳли мумтанеъ* тааллуқ медонад. Ин ибора маънои маҳорати бо лафзи одӣ ифода намудани маънои дақиқро дорад[64]. Дар яке аз сарчашмаҳои машҳури ба ин давра наздик омадааст, ки «.. агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун, то суханат саҳли мумтанеъ бошад ва бипарҳез аз сухани ғомиз» [92, с.134]. Ба чунин баён жанри рубоӣ, зодаи назми тоҷику форс хеле муфид аст. Гуфтани рубоӣ ба забони арабӣ имконнопазир буд. Бисту чаҳор гунаи вазни рубоии эрониёнро зӯракӣ ба гунаҳои баҳри ҳазаҷ даровардаанд. Мисраи рубоӣ (7+4) дар талқиноти худ метавонад ба даҳ, дувоздаҳ, сездаҳ низ шавад. Аз ин муҳаққиқон (К.Г.Залеман, Е.Э.Бертелс ва диг.) хулоса бароварданд, ки «.. рубоӣ дар назми қадим низ жанри шеърӣ (декламатсионӣ) набуда, жанри мусиқавӣ буд» [47, с.107]. Тасодуфӣ нест, ки онро дар қадим «тарона» меномиданд. Талаботи асосӣ ба оҳанги рубоӣ (жанри мусиқӣ – Ф.А.) он аст, ки он набояд аз даҳ зарбаи мусиқӣ камтар бошад. Дар ин маврид муҳим нест, ки онҳо чӣ гуна пайиҳамӣ доранд, дарозу кӯтоҳ ё дигар. Ҳатмӣ он аст, ки ҳар мизони мусиқӣ аз зарбаи дароз (зарбаи қавӣ бо ҳиҷои дароз – Ф.А.) сар шуда ва пайиҳамии ҳиҷоҳои кӯтоҳ на беш аз ду бошад. Дар натиҷа дар дохили мизон танҳо ду намуди пайиҳамӣ ба вуҷуд меояд: – – v v ва ё – v – v [47, с.108]. Ҳамин анъанаи таронахонии тоисломӣ дар амалияи мусиқии замони Сомониён зинда буд. Рӯдакӣ ва шоирони ҳамзамони ӯ дар базмҳои дарбории Сомониён услуби хоссаи мусиқиро дар пайвастагӣ бо шеър ташаккул дода тавонистанд. Онҳо шеъри мавзуни навро бар хизмати мусиқии тоисломӣ гузоштанд. Ва дар натиҷа падидаи нави эҷодӣ-зеҳниро ба даст оварданд. Саҳми Рӯдакӣ ба мусиқии

[64] Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст: «.. саҳли мумтанеъ сухани мансур ва манзуми осонфаҳми баландмазмун, ки дар зоҳир гуфтани амсоли он осон намояд ҳам, вале хеле мушкил аст» [180.II, с.226].

профессионалии дунявӣ хеле мушаххас аст: *аввал* ин, ки ӯ зимни шеъри нав рубоиро ба жанри мусиқӣ табдил дод, *дуюм*, ба эҳёи жанри мусиқии тарона дар марҳилаи нав – давраи фарҳанги исломӣ мусоидат намуд. Агар таронаи тоисломӣ («тронак») бештар характери импровизатсионӣ дошт, Рӯдакӣ онро бар шеъри нави форсӣ-тоҷикии дарӣ гузошт ва равониву мавзунии зарбии он ба таври дигар ҷило дод; *сеюм* – эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пуле шуд дар ҳаёти пешин ва баъдии жанри тарона; *чаҳорум* – Рӯдакиро метавон нахустин касе шуморид, ки лаҳнҳои машҳури тоисломии форсӣ-тоҷикиро дар жанри мусиқии замони фарҳанги исломӣ на танҳо истифода бурдааст, балки ба ҳукми анъана даровардааст [14]. Бо саъйю кӯшиши Рӯдакӣ ва шоирон-ҳамасронаш таронахонӣ минбаъд дар лаҳнҳои суннатӣ (тоисломӣ) густариш ёфт. Муҳаққиқи Ҳинд Воҷид Алӣ Хон (а.XIX) қайд кардааст: «Тарона жанри суруди тезсуръатест, ки Рӯдакӣ (а. IX) офаридааст. Ӯ дар жанри тарона ҳамаи рубоиҳои худро месароид» [60][65]. Имрӯз таронахонӣ зери унвони «рубоихонӣ» (дар баробари ғазалхонӣ) яке аз ду услуби асосии сарояндагии суннатии тоҷикон аст. Ва ҳар ду (рубоихонӣ ва ғазалхонӣ) дар лаҳнҳои мақомҳои тоҷикӣ – ҳам дар Шашмақому ҳам дар Фалак суруда мешаванду дар доираи услубҳои сарояндагии суннатии тоҷикон боқӣ мемонанд. Решаи ин суннатҳои сарояндагӣ аз давраи Сомониён манша мегирад.

Таърихшиноси асримиёнаӣ Саолибӣ қайд намудааст, ки Рӯдакӣ ба фармони Наср ибни Аҳмад (906–943) «Калила ва Димна»-ро «ба *сурудаи порсӣ* (таъкиди мо – Ф.А.) даровард». Ба гуфтаи адабиётшиноси муосир Н.Зоҳидов: «Саолибӣ нахустин адиби арабизабон ва «Ғурур ус-сияр» («Шоҳнома»-и Саолибӣ»)-и ӯ аввалин сарчашмаи арабӣ аст, ки дар он номи Рӯдакӣ ва ба риштаи назм кашида шудани «Калила ва Димна» аз ҷониби ин шоири бузургвор ба қайд омадааст» [83, с.388]. Ин паҳлуи дигари эҷодиёти Рӯдакиро нишон медиҳад. Эҳтироми самимии Рӯдакӣ ба маънавиёт, хусусан ба маънавиёти мардуми тоҷик, меҳвари фаъолияту эҷодиёти ин шоири бузурги халқи тоҷик аст.

Сиёсати фарҳангии Сомониён имкон дод, ки фарҳанги тоҷикон дар Дорулислом бо ранги заррин ҷило диҳад. Ҳар як иқдоми хирадмандонаи Сомониён дар симои намояндагони ин замон дар адабиёт, илм, мусиқӣ ва дигар паҳлуҳои эҷодиёт хеле равшан медурахшад. Кофӣ аст амалҳои танҳо се сутуни маънавиёти ин замонро мухтасар қайд бикунем:

1. Рӯдакӣ бо эҷодиёти худ дар мусиқӣ тавонист:

❖ жанри таронаи тоисломиро зери унвони рубоӣ ба асоси нав – шеъри манзуми классикӣ бардорад;

---

[65] Таваҷҷуҳи муҳаққиқи Ҳинд тасодуфӣ нест. Дар асри XIII Амир Хусрави Деҳлавӣ таронахониро ба мақомҳои ҳиндустонӣ – рагаҳо даровард.

❖ жанри мусиқии рубоиро ба вуҷуд оварад;

❖ санъати қироати шеърро ба сурудхонӣ табдил диҳад;

❖ такнавозии сози мусиқиро дар сарояндагии худ истифода барад ва ба ин гунаи сарояндагӣ асос гузорад;

❖ ба қолабгирии мусиқии созӣ бо ду навъи истифода (якканавозӣ, такнавозӣ) мусоидат намояд;

❖ бо эҷодиёти худ ба он мусоидат намояд, ки мусиқӣ заминаи худро дар зерасоси илмӣ, тафаккури мусиқавӣ-назмӣ, амалияи мусиқии сирф тоҷикӣ пайдо кунад.

2. Ибни Синои бузург дар робита бо забони модарии худ дар мусиқӣ :

❖ нахустин рисолаи мусиқиро ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишт;

❖ истилоҳоти тоҷикии амалияи замонаш ва тоисломии мардуми форс-тоҷикро ба илм ворид кард;

❖ асосгузории Борбадро дар мусиқии профессионалии форс-тоҷик пазируфта, ин пазиришро ба илми мусиқӣ ворид кард (идома дар параграфи III.2.4.).

3. Абулқосим Фирдавсӣ бо навиштани «Шоҳнома»-и безаволи худ:

❖ тавоноии баҳри хоссаи форсӣ-тоҷикии мутақорибро нишон дод;

❖ суннати достонхонии форсӣ-тоҷикиро ҷовидон гардонд;

❖ маълумотро оид ба жанрҳову созҳои мусиқӣ ҷамъ овард;

❖ расму ойинҳои мусиқавии мардуми қадими тоҷикро ҷамъ овард.

Ин танҳо нуктаҳои мухтасарест оид ба навовариҳои Сомониёни бузург. Акнун ба шарҳи муфассали он мегузарем.

III.2.3. Абунасри Форобӣ. Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир

Абунасри Форобӣ бо Абуалӣ ибни Сино асосгузорони илми мусиқии Шарқ ба ҳисоб мераванд.

Ба файласуф Форобӣ (870 – 950) унвони «*муаллими сонӣ*»-ро (баъди Арасту) ҳамзамононаш сазовор донистаанд. Дар соҳаи мусиқӣ ӯ китобҳои зиёде навиштааст. Дар феҳристҳо, одатан, якчанд китоби ӯ оид ба мусиқӣ номбар карда мешавад: «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир», «Китоби зарбҳо», «Китоби радабандии зарбҳо» ва бобҳои марбут ба мусиқӣ дар асарҳои «Оид ба радабандии илмҳо» ва «Оид ба пайдоиши илмҳо» [177, с.27-29; 211]. Вале ба давраи мо танҳо ду китоби мусиқии Абунасри Форобӣ расидааст: «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир» ва боби мусиқӣ дар асари «Дар бораи радабандии илмҳо» [108, с.8]. Ҳарчанд ки падари Форобӣ форс-тоҷик аст[66] ва ӯ дар Хуросон таваллуд шудааст, ба мисли бисёри тоҷикон ба

[66] Ба гуфтаи муаллифи «Уюн ал-анбоъ фӣ табақат ал-атиббоъ» («Манбаҳои маълумотӣ дар бораи табақаҳои духтурони Суриё») Ибни Абӣ Усайбийя (а.XIII). Икт.:[70, с.136].

шаҳрҳои бузурги Араб рафта, он чоро макон интихоб кардааст. Форобӣ низ солҳои зиёди ҳаёти худро дар Димишқ (Сурия) гузаронид. Ӯ тибқи анъанаи замон ҳамаи асарҳои илмии худро ба забони арабӣ менависад.

Китоби асосӣ ва фундаменталии Форобӣ дар мусиқӣ «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир» аст. Унвони китоб ҳақиқатан моҳияти онро инъикос менамояд. Мусиқиро Форобӣ ба санъат мансуб медонад. Яъне он илм, малакаву маҳорати эҷодӣ, фаҳмиши олии мазмун ва шаклро дар бар мегирад. Хулосаҳои илмии Форобӣ дар ин китоб ҳам аз омӯзиши китобҳои қадими мусиқӣ ва ҳам аз амалияи мусиқии мардуми Шарқи Наздик ва Миёна бароварда шудаанд. Форобӣ мусиқиро чунин илме мешиносад, ки дар роҳи таърихии муайян пайдо шудааст. Ӯ ақидаи ал-Киндӣ ва «Ихвону-с-сафо»-ро дар бораи аз тарафи «донишмандон» сохтани мусиқиро сахт танқид мекунад [70, с.262] [67] .

Дар муқаддимаи он Форобӣ хеле равшан гуфтааст, ки инъикоси мероси олимони қадим дар илми мусиқӣ ӯро қаноатманд карда наметавонад. Ин вазъи норасоӣ ӯро водор месозад, ки китобе дар илми мусиқӣ нависад ва ӯ кӯшидааст дар он диду фаҳмишу талқиноти шахсии худро оварад [70, с.32]. Форобӣ мусиқиро дар қатори илмҳои дигари асримиёнаӣ меомӯзад ва услуби тадқиқи илми мусиқӣ зимни ҳамон услуби илмии ягонаи Абунасри Форобӣ қарор мегирад. Форобӣ аз заминаи космологии талқиноти мусиқӣ комилан даст мекашад ва мусиқиро зимни илмҳои дақиқ талқин медиҳад. Ӯ мусиқиро тибқи анъанаи антиқа ба фанҳои риёзӣ мансуб медиҳад, вале доираи чоргонаи риёзии антиқаро [арифметика (ҳисоб), геометрия (ҳандаса), астрономия (нуҷум), мусиқӣ] васеъ карда, онро миқдоран ба ҳафт (бо иловаи қисмҳои физика – оптика, статика, механика) меоварад. Форобӣ мегӯяд, ки «.. мусиқӣ бино бар он ба фанҳои риёзӣ тааллуқ дода мешавад, ки мақсади асосии он (фанни мусиқӣ) омӯзиши садоҳо ва ҳарчи марбут ба андоза ва миқдори онҳо мебошад» [70, с.37].

Асари «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»-и Форобӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҷиҳати мазмун таҳқиқоти беназирест дар илми мусиқии ҷаҳонӣ. Баъди якуним ҳазор соли таълиф, ин асар муҳаққиқони муосирро ба ҳайрат мегузорад: «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир» – шаклан ва мазмунан тадқиқоти асилест бо мукаммалоти дохилӣ, пайиҳамии мантиқии қисмҳои таркибӣ ва равияи энсиклопедӣ» [108, с.18]. Ин китобро Форобӣ ба амири Сомонӣ Мансур Ибн Нӯҳ (943 – 954) бахшидааст [108, с.9]. Мазмунан ин китоб ба услуби омӯзиши илми мусиқӣ (муқаддима), назарияи ибтидоии мусиқӣ (бахши аввал), асбобҳои мусиқӣ (бахши дуюм), асоси лаҳнӣ ва зарбии мусиқӣ (боби I бахши сеюм), қавоиди равобити назму мусиқӣ ва таълифи

[67] Ин ҷо ва дар идомаи баёни мавзуъ маълумот аз китобҳои мусиқишиносон О. Матёқубов [108], С.Даукеева [70] истифода бурда мешавад. Ҳар ду дар асоси як манбаъ кор бурдаанд.

асари мусиқӣ (боби II бахши сеюм) бахшида шудааст. Мусиқишинос Саида Даукеева ҷадвали мазмунии «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»-ро дар чунин шакл овардааст:

<table>
<tr><th colspan="5">Китоби бузурги мусиқӣ</th></tr>
<tr><th>Муқаддима ба санъати мусиқӣ</th><th colspan="4">Санъати мусиқӣ</th></tr>
<tr><th rowspan="2"></th><th rowspan="2">Дар бораи унсурҳои санъати мусиқӣ</th><th rowspan="2">Дар бораи олоти сунъӣ</th><th colspan="2">Дар бораи композитсияи воҳидҳои оҳангӣ</th></tr>
<tr><th>боби 1</th><th>боби 2</th></tr>
<tr><td>услубҳои омӯзишии илми мусиқӣ</td><td>назарияи ибтидоии мусиқӣ (лаҳн, зарб)</td><td>асбобҳои мусиқӣ</td><td>шаклсозии лаҳнӣ ва зарбӣ дар асари мусиқӣ</td><td>қавоиди мутобиқ намудани мусиқӣ бо шеър, ташаккули сохтори асари мусиқӣ</td></tr>
</table>

Ҷадвали 6. Сохтори асари ал-Форобӣ «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»

Муқаддимаи китоб ба услуби омӯзишӣ (маърифат) ва асос (мабда)-и мусиқӣ бахшида шудааст. Қисми марказии китоб дар навбати худ аз се бахш иборат аст: «Оид ба унсурҳои санъати мусиқӣ», «Дар бораи асбобҳои мусиқии машҳур ва тарзи садобарории онҳо» ва «Дар бораи таълифи мусиқӣ».

Дар баёни фанни мусиқӣ истилоҳоти Форобӣ диққати касро бо дороии мантиқии худ ҷалб менамояд. Мусиқиро ҳамчун яке аз илмҳои дақиқ шуморида, дар таҳлилу талқини мусиқӣ Форобӣ мафҳуму истилоҳоти фанҳои дигарро истифода мебарад. Ӯ мусиқиро аз ҷиҳати фалсафӣ (1) ва аз диди риёзӣ (2) таҳлил кардааст.

Истилоҳи «*саноеи мусиқӣ*» («санъати мусиқӣ»)-ро ҳамчун «санъати сохтани асари мусиқӣ» («таълифи алҳон») талқин медиҳад [70, с.67]. Дар ин маврид он маънои «илми сохтани оҳанг»-ро пайдо мекунад. Тааҷҷубовар нест, ки чунин талқин бо диди олимони юнониқадимӣ як аст. Дар ҳар ду маврид он зимни мусиқии монодӣ истифода бурда шудааст. Калимаи «алҳон»-ро Форобӣ ба якчанд маъно истифода мебарад: «оҳанг», «асари мусиқӣ», «мусиқӣ». Дар бораи оҳанг сухан гуфта, Форобӣ навъҳои зерини мусиқиро муайян мекунад: «мулазза» (навъи мусиқие, ки вазифаи рафти ҷараёни маросиму ойинро иҷро мекунад), мусиқии «инфиъол», ки ба инсон таъсир карда, ӯро ба амале равона месозад ва «муҳаййала», «мусиқии тараб», ки касро ба ҳолати муайяни эстетикӣ меоварад [108, с.26-27].

Маънои асосии калимаи «лаҳн» ба гуфтаи Форобӣ «маҷмуи савтҳои гуногун, ки ба низоми муайян оварда шудаанд»-ро дорад, ки он мафҳуми асосиву хоссаи мусиқист [70, с.68].

Назарияи лаҳнии Форобӣ истилоҳҳои савт/нағма, буъд, ҷинс, ҷамъ, табақа, тамдид, тамзиҷ ва интиқолро дар бар мегирад. Он аз истилоҳоти гармоникаи антиқӣ фарқе надорад. Маҷмуи ин мафҳумҳо ба сохтани лаҳн (аз савт то дараҷот), яъне асоси пастубаландии оҳангро ва василаҳои гуногунрангии оҳанг ба монанди интиқол, тамзиҷ ва ғайраро дар бар мегирад. Ин маҷмуъ на танҳо фаҳмиши назариро пайдо мекунад, балки барои раҳнамунии амалӣ низ пешниҳод мешавад.

Садои мусиқиро Форобӣ бо ду истилоҳ – «савт» ва «нағма» ифода мекунад. Калимаи «савт» ба маънои умумии садо меояд, ба монанди садои рубоб, садои ғиҷак, овози инсон. Савт (бештар дар шакли тасвит) маънои интонатсияро дорад. Масалан, «интонатсияи инсон», ки мо онро «овози инсон» мегӯем, ба гуфтаи Форобӣ «тасвити инсонӣ» аст [70, с.69]. Яъне «савт» ҳамчун садо барандаи мазмуни мушаххас аст. Калимаи «нағма» маънои «садои мусиқавӣ»-ро дорад, ки воҳиди хурдтарини мусиқист. Вобаста ба ҳолати мазмунӣ он имрӯз ба маънои «парда», «дараҷаи гамма» ва ё «дараҷаи лаҳнӣ» истифода бурда мешавад.

Форобӣ ба фосилаҳои хушсадотарин октава, квинта ва квартаро мансуб медонад. Воҳиди асосии лаҳнӣ-дараҷотиро Форобӣ «ҷинс» меномад. Ин воҳид навъҳои мулоим – «*аҷноси лаййина*» ва дурушт – «*аҷноси қавӣ*» дорад. Ҷинс ҳамеша асоси дараҷот мебошад. Он мустақил ва ё қисми таркибии *ҷамъ* – дараҷоти васеътар, буда метавонад. Якҷошавии ҷинсҳоро дар диапазони ду октава «*ҷамъ ут-тамм*» (яъне «дараҷоти комили пурра») меномад [108, с.48]. Квартаро ба маънои воҳиди дараҷотӣ (ҷинс) мукаммалтарин мешуморад, зеро ки он ба ҳамаи фосилаҳои мураккаб дохил аст ва аз тарафи дигар, он ҳамчун ҷинс ҳамаи фосилаҳову дараҷоти хурдро дар бар мегирад. Дар тадқиқоти бузурги Форобӣ параграфҳои алоҳида, ба монанди «Тақсими кварта ба фосилаҳои хурд» (Қисми дуюм. Боби 1.IX.), «Фосилаҳои аз кварта хурд» (Қисми дуюм. Боби 2.I.), «Тақсими кварта ба ду фосилаи хушсадо» (Қисми дуюм. Бахши 2. Боби XXXII.1.) [108, с.12,14,16] ҷо доранд. Яъне фосилаи кварта барои ӯ марказӣ аст. Он меҳварест барои муайян кардани фосилаву дараҷот. Нақши марказии кварта аз мадди назари ӯ ҳеҷ гоҳ дур нест, он дар пайдо кардани фосилаҳо ба таври амалӣ низ муҳим боқӣ мемонад ва параграфи «Муайян кардани фосила аз тақсими тор: 1) октава; 2) квинтдетсима; 3) кварта; 4) кам кардани кварта аз октава; 5) ҷамъи квинта ба октава; 6) ҷамъи ду квинта; 7) кам кардани кварта аз квинта; 8) кам кардани квинта аз октава; 9) ҷамъи кварта ва октава; 10)

танини; 11) кам кардани танини аз кварта; 12) ҷамъи ду кварта; 13) ҷамъи ду кварта ва октава» [108, с.11] далелест аз ин. Ин овардаи Форобӣ дар умум хоси назарияи мусиқавии асримиёнаӣ аст. Форобӣ бо чунин таъкидҳо мавқеи марказии категорияи ҷинсро дар тафаккури мусиқии Шарқ нишон додааст. Аз гуфтаҳои Форобӣ хулосае мебарояд, ки «ҷинс – категорияи муҳим ва хоссаи мусиқӣ, унсури марказии сохтори композитсионӣ мебошад» [108, с.81].

Ҷамъ аз пайвасти ду ё се ҷинс ба вуҷуд меояд, вале тарзҳои пайваст гуногун мешаванд. Дар маркази сохтории ҷамъ новобаста ба ҳаҷми он ва теъдоди дараҷаҳои он ҳамеша фосилаи кварта меистад. Кварта ба маънои фосила ва ҷинс (тетрахорд) меъёри асосии сохтории ҷамъ маҳсуб меёбад. Дар ҷамъ Форобӣ диққати махсусро ба ҷойгиршавии поёнӣ, мобайнӣ ва болоии ҷинсҳо медиҳад. Унвонҳои онҳо низ аз дуруштӣ ва ё мулоимии садоии онҳо бармеоянд. Ҷойгиршавии пардаҳо дар ҷинсҳо низ бо чунин тарз номида мешаванд. Дар фарқият бо олимони юнониқадимӣ ба ҳайси меъёри асосӣ Форобӣ меъёри шунавоиро ба кор мебарад, на ҷойгиршавии пардаҳоро дар дастаи асбоби мусиқӣ.
Истилоҳи «табақа» ба маънои «регистр» (С.Даукеева) ва «тоналност» (О.Матёқубов), истилоҳи «тамдид» ба маънои «транспозитсия» истифода бурда мешаванд.

Назарияи лаҳнии Форобӣ низ амалҳои «интиқол» («модулятсия» – О.Матяқубов), «тамзиҷ» (омехташавии савтҳо, фосилаҳо, қолабоҳангҳо дар композитсияи мусиқӣ баҳри зебоии оҳангу композитсияи мусиқӣ)-ро дар бар мегирад. Дар мусиқии асримиёнаии Шарқ ҳам ба монанди талқини юнониқадимӣ, зери «интиқол» («модулятсия») амали «гузариш»-ро мефаҳмиданд. Ин гузариш метавонист «аз як парда ба пардаи дигар, аз як тоналност ба тоналности дигар, аз як гуна ба гунаи дигар (ба монанди аз диатоника ба хроматика, аз диатоникаи дурушт ба диатоника мулоим ва ҳ.), аз як гунаи дараҷот (ҷамъ) ба дараҷоти дигар ба амал ояд. Вале гузариши як парда ба пардаи дигар дар оҳанг бартарӣ дошт. Дар ҳолати гузариши як қатор пардаҳо ба пардаҳои дигар онро бо шакли ҷамъи истилоҳ – «интиқолот» меномиданд» [108, с.61].

Форобӣ гунаҳои зиёди тобиши оҳангиро ном мегирад: такрор, амвоҷ, пайиҳамӣ, рости пайиҳамӣ (дараҷа ба дараҷаӣ), рост бо ҷаҳишҳои пайиҳамӣ. Ҳамаи навъҳои ҳаракати оҳангиро ӯ дар бисту шаш қолаб дар ҷадвали алоҳида овардааст ва ин ҷадвал аз рӯи принсипи аз сода ба мураккаб қарор дорад [108, с. 61].

Дар бораи микрохроматикаи лаҳнӣ ақида чунин аст, ки он баъзан ороишӣ асту дар баъзе ҳолатҳо лаҳнӣ. Ва қабул кардани он ҳамчун унсури ороишӣ ва ё лаҳнӣ ба иҷрокунанда (дар ин маврид, инчунин, офаранда)

вобаста аст. Дар муайян кардан ва интихоби навъи унсур Форобӣ сомеаро меъёри асосӣ мешуморад. Чунин талқинот дар асрҳои баъдӣ низ зоҳир гардидааст. Масалан, ҳаким, шоир ва мусиқишиноси маъруф Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи тахминӣ будани мавқеи микрохроматика дар дараҷоти ҳафтдаҳдараҷаӣ гуфтааст «..бинои кор (асари мусиқӣ – Ф.А.) дар ин тақсим бар тавассуъ ва тақриб аст, на бар таҳқиқ.. <….. …..>..бо он ки умда дар таҳқиқи махориҷи ҳафтдаҳгона завқи марзоти ин фан аст» [196, с.221–222; 71, с.22].

Назарияи зарб («иқоъ») ба гуфтаи Форобӣ чунин унсурҳои мафҳумиро дар бар мегирад:

- вазн (ҳамчун адад ва мутаносубии зарбаҳо дар давра);
- қолабзарб (бо гунаҳои суст, тунд);
- суръат (дар дохили қолабзарб);
- василаҳои ивазкунии сохторӣ ва агогии асоси зарбии мусиқӣ.

Дар умум моҳияти назарияи зарбӣ, тибқи Форобӣ, ба маҷмуи қоидаҳои истифодаи иқоъ дар ҷараёни шаклсозии асари мусиқӣ равона карда шудааст [70, с.93].

Дар бораи шаклсозии жанрҳои овозӣ Форобӣ як хусусияти асосии онро қайд намудааст: «... жанри шеърӣ шаклсозии жанри мусиқиро муайян мекунад..» [70, с.103, 105]. Дар ҷараёни шаклсозӣ мафҳумҳои «авоил» («аввал»), «авосит» («мобайн», «миёна») ва «авохир» ё «ниҳоят» («охир»)-ро маънидод мекунад [70, с.105].

Сароиши бесуханро «тараннум» меномад [70, с.105].

Дар «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир» Форобӣ мақсад намегузорад, ки сохтори композитсионии мушаххасро таҳлил намояд ва ё нишон диҳад. Ӯ баҳри мантиқи композитсия талош мекунад. Шарҳи шаклсозӣ дар тадқиқоти ӯ чунон муфассал аст, ки пеши назар ва сомеа мусиқии давраи ӯ гӯё садо медиҳад. Форобӣ таъкид мекунад, ки «... анъанае, ки ҳамеша дар ҳолати навоварӣ ва рушд «тибқи асилии худ» қарор мегирад, кафолати зинда нигаҳ доштани фарҳанги мусиқӣ маҳсуб меёбад» [70, с.107]. Саҳми худро ба илми мусиқӣ дар идома додани илми қадим, талқин ва фаҳмондани ақидаҳои онҳо дар замони худ мешуморад [70, с.111]. Мусиқиро ифодагари фаҳмиши мардуми ҳар як замон мешуморад. Ин ақидаҳои ӯ хеле пешрафтаанд.

Форобӣ мусиқиро ҳамчун василаи таъсирбахше дар тарбияи руҳи инсон мешуморад. Истифодаи онро дар тарбияи одобу рафтор судманд меҳисобад. Форобӣ чунин мешуморад, ки унсурҳои оҳангиву зарбӣ, интонатсиониву лаҳнӣ хусусан дар якҷошавии композитсионӣ ба инсон таъсирбахшанд. Ин диди ӯ дар рисолаҳои баъдӣ зимни мақомоти Шарқ мавқеи хоссаро пайдо кард.

Аз асари ӯ маълум аст, ки Форобӣ ҳам назария ва ҳам амалияи мусиқиро хеле хуб медонист. Ба ду қисм – назария (1) ва амалия (2) тақсим кардани мусиқиро зарур мешуморад, зеро ки ҳар як хусусияти худро дорад. Вале дар мавҷудияти мусиқӣ пайвастагии онҳоро ва дар якҷоягӣ пурра гардондани мусиқиро мепазирад. Дар давраи Форобӣ ҳам илм (назария)-у ва ҳам амалияи мусиқиро бо як мафҳуми «санъат» ном мегирифтанд. Аз ин рӯ, Форобӣ истилоҳоти «санъати мусиқии амалӣ» ва «санъати мусиқии назарӣ»-ро истифода мебарад, ки имрӯз мо онҳоро «амалияи мусиқӣ» ва «назарияи мусиқӣ» меномем[68]. Форобӣ зери «назарияи мусиқӣ» – «илми унсурҳо ва композитсияи асари мусиқӣ» ва зери «амалияи мусиқӣ» – «оҳангсозӣ» ва «иҷроиш»-и онро дар назар дошта, дар мусиқӣ се тахассусро ҷудо мекунад:

- ❖ иҷрокунандаи мусиқӣ (сароянда ва навозанда);
- ❖ офарандаи мусиқӣ (композитор);
- ❖ муҳаққиқ ва мунаққиди мусиқӣ (мусиқишинос).

Иҷрокунандагӣ ва композиториро ба амалияи мусиқӣ ва мусиқишиносиро ба илми мусиқӣ мансуб медонад. Форобӣ якҷо кардани ду навъи фаъолият (амалӣ ва назарӣ)-ро дар як шахсият тавсия намедиҳад. Ба ин хулоса омадани ин олими бузург шояд аз он аст, ки фаъолияти амалӣ дар мусиқӣ тафаккури бадеиро ва фаъолияти назарӣ – тафаккури таҳлили(аналитикӣ)-ро ташаккул медиҳад. Бо осори илмии худ Абунасри Форобӣ ба илми мусиқишиносӣ асос гузоштааст. Аз ин рӯ, имрӯз ӯро яке аз асосгузорони илми мусиқӣ мепазиранд.

Форобӣ ду гунаи мусиқиро ном мегирад: мусиқии созӣ ва мусиқии овозӣ. Мусиқии созиро сунъӣ мешуморад, чунки он тавассути олоте ба вуҷуд меояд, ки аз тарафи инсон сохта шудааст. Мусиқии овозиро табиӣ меномад: «.. аз овози инсон мукаммалтарин чизе нест, чунки он қисм ва хусусиятҳои зиёдтарини садоҳо (фусул ул-асвот)-ро дар бар мегирад. Асбобҳои мусиқӣ дар назди он костаанд...» [70, с.160]. Овози инсонро асбоби мукаммалтарини мусиқӣ мешуморад, зеро ки тавассути он метавон хусусиятҳои ғанию рангини мусиқиро ифода кард [70, с.70; 108, с.38].

Мақсади хотимавии назарияи омӯзишии ал-Форобӣ сохтани асари мусиқавӣ, эҷоди он аст. Ва ин ҷараёни амалӣ аст. Асоси асари мусиқавиро Форобӣ дар сегонаи «оҳанг – вазн – қавл (шеър, нутқ)» мебинад. Воҳиди хурдтарини ин сегонаро чунин муайян мекунад: «нағма (савт) – нақра (зарба) – ҳарф (воҳиди шеър, воҳиди нутқ)». Дар пайвастагии нутқу оҳанг ду гунаро ном мегирад: тараннум (вокализ) ва сурудхонӣ. Дар якум бе сухани мазмуни мушаххас оҳанг *тараннум* карда мешавад, дар мавриди

---

[68] Бори дигар хотиррасон мекунем, ки зери мафҳуми «санъат» («саноеъ») Форобӣ амал ва ё қоидаҳои «сохтани композитсияи мусиқӣ»-ро мефаҳмад.

дуюм – оҳанг бо шеър суруда мешавад. Дар зарби мусиқӣ ва шеър ду навъҳоро ном гирифтааст: дар мусиқӣ – усул (қолабзарб) ва муншоъот (фаръӣ – Ф.А.), дар шеър – вазн (асосӣ) ва зиҳофот (фаръӣ – Ф.А.).

Форобӣ умуман ҳашт давраи зарбиро ном мегирад: ҳазаҷ, хафиф ал-ҳазаҷ, рамал, хафиф ал-рамал, сақил ас-сонӣ, хафифу сақил ас-сонӣ, сақил ал-аввал, хафифу сақил ал-аввал. Зарбҳоро Форобӣ ба ду гуна тақсим мекунад: аслӣ ва фаръӣ. Бо чунин мафҳум Форобӣ ҷо доштани принсипи асл-фаръро дар асоси зарбии мусиқии суннатии профессионалӣ дар амалияи мусиқии замонаш тасдиқ кардааст. Дар боби зарбҳо Форобӣ якчанд бор қайд мекунад, ки «унвону давраҳои зарбиро аз маҳорати ҳунармандон, аз амалияи мусиқӣ гирифтааст» [117]. Ҷолиб аст, ки олими бузург ҳар як овардаи худро бо амалияи мусиқии замонаш мепайвандад.

Дар композитсияи мусиқӣ таркиботи фасл ва ҷузъро қайд кардааст. Боби алоҳидаро ба унсурҳои ороишии савт бахшидааст. Дар иҷроиши мусиқии монодии Шарқ, аз ҷумла, мусиқии тоҷик, нақши ороишот хеле мушаххас нишон дода мешуд ва омӯзиши ҳар як навъи ороиш амалан ба роҳ монда шуда буд. Эҷоди асари мусиқӣ аз рӯи мизони муқарраршуда ба роҳ монда шуда, маҳорати оҳангсоз/ навозанда/ сароянда малакаи ба якдигар мувофиқ кардани ҳамаи унсурҳои оҳангиву зарбиву композитсионии мусиқиро металабид.

Форобӣ ба созҳои мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик ва Миёна боби алоҳидаи китобро бахшидааст. Дар бораи уд (барбат), шаҳруд, танбӯр, рубоб, чанг, қонун (зери унвони як навъи чанг), най, сурнай ва диг. маълумоти муфассал оварда, ҳар яки онро шарҳ додааст. Созҳои ториро аз рӯи услуби садобарориашон ба ду гурӯҳ тақсим кардааст: 1) созҳое, ки садобарориашон аз тақсимоти тор ба вуҷуд меояд; 2) созҳое, ки ҳар як тораш як садоро мебарорад.

Олим-мусиқишиноси бузург Абунасри Форобӣ ба илми созшиносӣ (органология) низ поягузорӣ кардааст. Созҳои мусиқии замонашро ба гурӯҳҳо радабандӣ карда, дар он гурӯҳҳои тории мизробӣ, тории камонӣ, нафасӣ ва зарбиро ҷудо намудааст. Ин радабандӣ аз радабандии имрӯза фарқ намекунад. Асбоби мукаммалтарини мусиқӣ будани овози инсонро гаштаву баргашта таъкид мекунад, зеро ки «он иқтидор дорад ҳамаи нозукиҳои савти мусиқиро ифода намояд» [70, с.160]. Ҳарчанд ки Форобӣ ҳамаи талқиноти унсурҳои таркибии мусиқиро тибқи анъанаи онвақта дар дастаи уд меоварад, ӯ ду гунаи танбӯрро ном гирифтааст: *танбӯри бағдодӣ* ва *танбӯри хуросонӣ*. Ҳар ду танбӯр дутораанд, вале шумораи пардаҳои онҳо гуногун. Танбӯри хуросонӣ дорои пардаҳои ҳаракаткунандаи зиёде низ будааст. Форобӣ якчанд навъи ҷӯри танбӯри хуросониро овардааст, ба монанди «ҷӯри ҳамгун (унисон)», «ҷӯри бухороӣ (як парда+фосилаи

бақия)», «ҷӯри секунда», «ҷӯри машҳур», «ҷӯри муқаррарӣ», «ҷӯри квинта», «ҷӯри кварта («ҷӯри удӣ») [70, с.254]. Дараҷоти дастаи танбӯри хуросонӣ бистучордараҷаӣ буд ва бо истифодаи ҷӯрҳои гуногун он ба сивудудараҷаӣ мерасид [61, с.79]. Имконияти навохтани танбӯри хуросонӣ хеле васеъ буда, репертуари он асарҳои сершумореро дар бар мегирифт. Муқоисаи маълумоти Форобӣ дар бораи танбӯри хуросонӣ бо сохту хусусияти танбӯри имрӯзаи Шашмақоми тоҷик нишон медиҳад, ки онҳо хеле наздиканд. Аз ин бармеояд, ки танбӯри Шашмақом беш аз ҳазор сол пеш дар мусиқии мардуми Хуросону Мовароуннаҳр мавқеи бузургро ишғол мекард. Ва он намунае, ки Форобӣ овардааст, ҳамон танбӯрест, ки имрӯз сози заминавии Шашмақом маҳсуб меёбад.

Дар ин асар Абунасри Форобӣ таҳлили пурраву серпаҳлуи мусиқиро дар асоси мусиқии таҳҷоии Осиёи Миёна, Шарқи Наздик ва Миёна ба амал овардааст. Ин арзишмандии китобро чандин бор меафзояд. Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои мусиқии мардуми таҳҷоӣ фарқияти бузургеро байни маълумоти Форобӣ ва олимони юнониқадимӣ ба вуҷуд меоварад. Масалан, дар навъҳои ҷинсҳову ҷамъҳо, номгузории торҳои уд, номгузории дараҷаҳои ҷинсу ҷамъ Форобӣ дар ин амалҳои номбурда ҳамчун меъёри асосӣ ҷойгиршавии садоро тибқи шунавоиш ба миён гузоштааст, на аз ҷойгиршавӣ дар асбоби мусиқӣ ба мисли юнониёни қадим. Миқдори умумии нағма ҳам ба гуфтаи Форобӣ ва ҳам олимони юнониқадимӣ понздаҳ аст. Вале миқдори дараҷаҳои лаҳнӣ – ҳафт. Дар бораи мусиқии Араб дар асрҳои VIII–IX гуфта, дар қатори саромадони санъати волои мусиқии профессионалӣ номи Борбадро (дар шакли арабии Фаҳлиз) овардааст [70, с.261]. Яъне манбаи мусиқии Арабро аз мусиқии тоисломии форс-тоҷик мешуморад.

Дар умум ақидаҳои мусиқӣ-назарии Абунасри Форобӣ ба се манбаъ такя мекунанд [108, с.81]: анъанаҳои ғановатманди амалияи мусиқии замон; ақидаҳои мусиқавии қадими мардуми худ, хусусан форс-тоҷик; мероси илмии олимони юнониқадимӣ.

Абунасри Форобӣ ба омӯзиши комили мусиқӣ саҳмгузорӣ намудааст. Ӯ яке аз аввалин олимест, ки асоси илмии фанни мусиқии таҳҷоиро ташаккул дода, унсурҳои асосии ин мусиқиро аз диди илмҳои дақиқ таҳлилу талқин кардааст.

III.2.4. Абуалӣ ибни Сино ва ақидаҳои ӯ дар мусиқӣ

Диду ақидаҳои олим-энсиклопедисти бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино (980 – 1037) дар замони Сомониён ташаккул ёфтаанд. Дар давраи ҷавонии худ ӯ қабл аз ҳама бо натиҷаҳои хуби табобати аҳолӣ, аз ҷумла,

подшоҳон, байни мардуми тоҷик хеле машҳуру маҳбуб гардидааст. Ҳамзамононаш ӯро олими беҳтарини замон шуморида, бо эҳтироми бузург *Шайхурраис* номиданд. Ӯ ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб дар давраи дар ҳаёт будан шуҳратёр гардида буд[69]. Олимон ба ақидаи онанд, ки дар ҳаёти худ Ибни Сино 450 асари илмӣ офаридааст. Аммо то ба замони мо 240 асари ин олими бузург расидааст, ки ин хазинаи бузург аст[70].

Ин шахсияти бузург бо лаёқату зеҳнияти нодири худ дар тамоми фанҳои замонаш асарҳое навишт, ки ҳар яки он навоварие буд дар он фан. Мулоҳизаҳову хулосаҳои илмии Ибни Сино шуҷоатмандона ва ҷасурона буданд. Донишманд баъди таназзули давлати Сомониён ба амри тақдир тез-тез ҷои зисти худро иваз мекард. Вале новобаста ба ин, дар шаҳрҳое, ки ӯ мезист, аз кишварҳои дурдаст, аз ҷумла Аврупо, тавассути роҳҳои душвори хушкиву обӣ мусофирон ба наздаш барои илмомӯзӣ меомаданд. Дар асри XII, як аср баъди вафоташ, асарҳои ӯ ба забони лотинӣ тарҷума шуданд ва то асри XIX, тайи ҳафт аср, дар донишгоҳҳои пешқадамтарини ҷаҳон тибро танҳо аз рӯи китоби беназири ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» меомӯхтанд. Асари бузурги ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» дуюмин (баъди «Инҷил») китобе буд, ки дар таърихи китобчопкунии ҷаҳонӣ (дар Аврупо) соли 1493 рӯи чопро дид. Ба бузургии он (дар панҷ ҷилд!) нигоҳ накарда, аврупоиён маҳз чопи ҳамин асарро барои беҳбудии мардумашон манфиатдор шумориданд.

Абуалӣ ибни Сино яке аз асосгузорони илми мусиқии Шарқ мебошад. Ӯ ба мусиқӣ навовариҳои зиёде дароварда, таҳқурсии илмии онро хеле васеъву устувор гардонидааст. Дар бораи саҳми Абуалӣ ибни Сино дар илми мусиқӣ садҳо саҳифа навишта шудааст, вале гуфта наметавонем, ки имрӯз ин осори илмӣ дар мусиқишиносӣ пурра омӯхта ва таҳқиқ карда шудааст. Аз фанни мусиқӣ аз ӯ якчанд рисолаи мусиқӣ ба мо расидааст, ки онҳо дар асарҳои энсиклопедии ӯ «Китобу-ш-шифо», «Китобу-н-наҷот» ва «Донишнома» ҷойгиранд. Тибқи анъанаҳои онвақта, ҳарчанд ки ин рисолаҳоро ба асарҳои энсиклопедӣ дохил мекарданд, ҳар яки он тадқиқоти мустақилест дар фанни мусиқӣ. Ӯ мусиқиро ҳамчун «илме, ки садоро, пайвастагии садоҳо ва таносубияти онҳоро бо мақсади сохтани композитсияҳои гуногун меомӯзад», муайян мекунад. Мусиқиро ба қисмҳои таркибии «таълиф (композитсия)» ва «иқоъ» тақсим карда, назарияи мусиқии худро бо диди сирф илмӣ талқин медиҳад. Ва мақсади асосии аҳли мусиқиро дар пешниҳоди оҳанг (асари мусиқӣ)-и мукаммали зебо мебинад.

---

[69] Номи «Авиценна» аз номи Ибни Сино ба церв таваллуд...

[70] Байни онҳо, аз ҷумла, асарҳои энсиклопедии «Китоб ун-инсоф» ва «Китоб ал-ишорат»-ро низ ном мегиранд. Порчаҳое, ки аз онҳо ба давраи мо расидаанд, аз моҳияти бениҳоят баландмазмуну ба маънавиёти аҳли ҷаҳон судманди асарҳо далолат медиҳанд.

Замоне, ки ӯ зиндагӣ мекард, аксарияти рисолаҳо ривоятҳои мифологиву космологиро дар бар гирифта, бо он пайдоиши мусиқиро мепайвастанд. Вале дар рисолаҳои Ибни Сино аз онҳо ишорае нест. Назарияи мусиқии Ибни Сино дар заминаи системаи фаннии замонаш (1), донишу малакаи хуби илмӣ ва амалии мусиқӣ (2) ва фаъолияти энсиклопедии ӯ (3) ташаккул ёфтааст.

Ибни Сино нахустин шуда, рисолаи худро ба забони модарии худ, ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудааст. Ин рисола дар асари энсиклопедии «Донишнома», ки пурра ба форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст, ҷойгир аст. Аҳаммияти бузурги ин иқдоми ӯро муҳаққиқони барҷаста чунин қайд мекунанд: «Ибни Сино китобҳояшро ба арабӣ менавишт. Лекин ӯ зарурати ба забони худ баргаштанро ба хубӣ дарк мекард. Бинобар ин «Донишнома»-и худро («Донишномаи Алоӣ») ба забони модарии худ таълиф намуд. Ин иқдоми ӯ барои омӯзиши забони форсӣ-тоҷикӣ аҳаммияти хеле бузург дорад, зеро ки он нахустин кӯшишест дар амали сохтани истилоҳоти илмӣ ба забони модарӣ» [47, с.118].

Ибни Сино ҳар як илмро бар хизмати инсон мегузорад. Ӯ дараҷаи хушсадоии фосилаҳо ва оҳангҳоро бештар аз қабули инсон баҳо медиҳад. Масалан, дар баробари қайд намудани хусусиятҳои физикавӣ-эстетикии савти мусиқӣ таъкид мекунад, ки «... савти мусиқӣ он аст, ки ... ... ва ба гӯши инсон хуш аст.. ». Ибни Сино нутқро ба мусиқӣ тааллуқ медиҳад, зеро ки «ҳар ду асоси интонатсионӣ» доранд. Асари «Маҳариғ ал-ҳуруф» рисолаест оид ба фонемаҳои нутқ ва мусиқӣ. Воҳиди садоии нутқро Ибни Сино «ҳарф» номида, онро як навъи савти мусиқӣ мешуморад [37, с.204]. Омилҳои пайдоиши савти мусиқиро на танҳо дар зарба, балки инчунин ба пайдо шудани мавҷҳои садоӣ, ки аз мавоҷи ҳаво (тамаввуҷ ал-ҳаво) бармеояд ва ба узви шунавоӣ (ас-самаҳ) мерасад, мепайвандад. Ибни Сино шарҳи миқдорӣ ва сифатии савтро додааст. Ӯ ба регистри савт аҳаммияти бузург дода, регистрҳои болоӣ (ҳадда) ва поёнӣ (таъҷил)-ро ном гирифта, сабабҳои фарқияти онҳоро гуфтааст [37, с.203]. Қолабзарбҳои мусиқиро бо баҳрҳои шеърӣ муқоиса мекунад. Хулоса, аз фонема сар карда, то ҷумлаҳои мусиқӣ бо воҳидҳои монанди нутқи одӣ қиёс мекунад. Манбаи санъати мусиқӣ, санъати суханварӣ ва санъати шеърро як мешуморад. Ва ин манбаъ нутқи инсон аст. Чунин ақидаҳои Ибни Сино бо табадуллоти Сомониён, ки тавассути шеърхонӣ тавонистанд санъати сарояндагӣ ва соният, санъати навозандагӣ, мусиқии дунявиро эҳё бикунанд, ҳамоҳанганд.

Ибни Сино доираи заминавии илмии мусиқиро якчанд маротиб зиёд кард. Ӯ мусиқиро на танҳо аз нуқтаи назари илмҳои дақиқ, балки инчунин фалсафа, сотсиология, этика (одоб), эстетика (зебоишиносӣ), забоншиносӣ, арӯз, равоншиносӣ ва физиология низ шарҳ медиҳад [63]. Мусиқиро

баробари илмҳои дигар дар системаи ягонаи илмҳои замон таҳқиқ мекунад. Ҳар як нуктаи овардаашро чунон дақиқона мефаҳмонад, ки аз навозандаи хуб будани ӯ шакке намемонад. Дар истифодаи мусиқӣ дар тиб қадамҳои устувор монда, дар омехтагии фанҳои мусиқӣ ва тиб равияи нави фаннӣ – терапияи мусиқиро ба вуҷуд меоварад. Ибни Сино ҳамчун табиби асил наметавонист ин паҳлуи мусиқиро ба эътибор нагирад. Дар бораи судмандии мусиқӣ ба саломатии инсон, нигаҳбонӣ ва табобати бемор ҳам дар асарҳои мусиқӣ ва ҳам дар асарҳои бузурги тиббӣ, билхусус «Қонун», бениҳоят зиёд мулоҳизаронӣ кардааст. Масалан, яке аз маслиҳатҳои муфиди ӯ чунин аст, ки «.. баҳри тарбияи сиришти қавии тифл зарур аст, ҳангоми хобондан ӯро оҳиставу мунтазам ҷунбонем ва алла гӯем. Ин ду васила тифлро ба машқи ҷисмонӣ ва мусиқавӣ пешакӣ тайёр мекунанд. Якумӣ ҷисмро ва дуюмӣ руҳро устувор мегардонад» [10; 63].

Ҳадафи асосӣ ва мақсади ниҳоии мусиқиро Ибни Сино дар тарбияи инсон ва ғанӣ гардонидани маънавиёти ӯ мебинад. Оҳангсозро ба эҷоди оҳанг (асар)-и мусиқӣ даъват мекунад ва ҷараёни эҷоди композитсияи мусиқиро дар паёпайии амалҳо хеле дақиқу муфассал меоварад, то ки гуфтаҳояш судманд бошанд. Олим дар мусиқӣ зарбу вазн ва оҳангро муассиртарин мешуморад.

Ибни Сино доронии маънавӣ ва ахлоқиро ҳамчун унсури модарзодӣ инкор карда, зарурати тарбияи маънавиро таъкид мекард. Чунин нуқтаи назар дар радабандии асримиёнаии фанни одоб (этика) мушоҳида мешавад, ки он се илмро дар бар мегирифт: «якум – илми роҳбарӣ кардани халқ, зеро ки дар ҷомеа бояд тартибе бошад; дуюм – илми роҳбарӣ кардани хонавода; сеюм – илми роҳбарӣ кардани худ, яъне инсон бояд чӣ гуна бошад, муносибат ба худ ва ба дигарон» [10, с.139-140]. Гуфтору рафтори одам, муомилаи ӯ бо дигаронро бояд аз хурдсолӣ тарбия кард. Ба гуфтаи Ибни Сино дар ин ҷараёни тарбия нақши мусиқӣ хеле бузург аст, зеро ки тавассути мусиқӣ руҳияи кас рушд меёбад. Гуфтугӯ, суҳбати одам бо дигарон руҳи касро тоза, ғамро сабук карда, илҳом мебахшад. Мусиқӣ низ чунин иқтидор дорад. Маҳз ҳаминро Ибни Сино дар ҳамаи рисолаҳои худ таъкид мекунад: «... баҳри ҳамоҳангиву мутаносибии инсон ва нигаҳдории саломатӣ сароядагӣ ва ё навохтани мусиқӣ машқи беҳтарин аст» [10].

Ибни Сино дар илму амалияи мусиқӣ таблиғгар маҳсуб меёбад. Дар илму амалияи мусиқӣ ӯ ҳар чизеро, ки гуфтааст, бо навоварӣ вобаста аст. Зарурати ворид кардани фосилаи терсияи холисро Ибни Сино аз мусиқии амалии мардуми худ ба миён меоварад. Гумон аст, ки ин гунаи терсияро ӯ дар садобарории танбӯри хуросонӣ низ мушоҳида кардааст. Ва ҳоло муҳаққиқони муосир (аз ҷумла, Ҳ.Фармер, Т.Вызго) қайд мекунанд, ки дар он ки густариши «танбӯри хуросонӣ» дар Аврупо ба пазируфтани терсия

ҳамчун хушсадо мусоидат намудааст, имрӯз шакке нест [63, с.198]. Дар навбати худ, маълум аст, ки танбӯри хуросонӣ зери таъсири хусусиятҳои мусиқии тоҷикони он замон сохтори дастаи худро пайдо кард. Ибни Сино гунаи нави терсияро ба назарияи мусиқӣ дароварда, назарияи мусиқии замонашро мукаммал гардонида, ба мусиқии амалӣ зичтар кард. Ин иқдоме буд баҳри пазируфтани терсия ҳамчун хушсадо. Моҳиятан, ин иқдоме буд ба сӯи назари нави мусиқӣ. Маҳз «терсияи холис»-и Ибни Сино омили пайдоиши низоми нави сохти мусиқӣ гардид. Дар садсолаҳои дигар ин терсия ба василае табдил ёфт, ки низоми нави сохти мусиқии аврупоиро (ки дар терсия асос меёбад) бунёд намуд. Бо сомеаи мусиқавӣ ва донишу зеҳнияти беназир ӯ тавонист ба ояндаи мусиқии бисёровозаи Ғарб ва пайдоиш ва рушди тафаккури гармонии он низ таҳкурсии устуворро бигзорад. Ин аст, ки имрӯз аз дастовардҳои илмии ин олими бузург ҳам дар мусиқии Шарқ ва ҳам дар мусиқии Ғарб истифода мебаранд.

Дигаре аз гуфтаҳои Ибни Сино оид ба «якҷошавӣ»-и садоҳои мусиқӣ аст. Ӯ чунин ҳолатро дар охир, хусусан фароварди асари мусиқӣ таъкид мекунад. Дар мусиқии суннатии тоҷик ва суннатҳои навозандагии тоҷикон анҷом додани асари мусиқӣ бо октава, ё кварта, ё квинта имрӯз ҳам хеле хос аст. Гап дар бораи зуҳуроти унсури мусиқии бисёровоза (мушаххас дар гуфтаи ӯ – дуовоза) меравад. Таъкиди Ибни Сино аз он аст, ки олими бузург бо дараҷаи фаҳмиши дақиқи худ дар амалияи мусиқии замонаш унсурҳои аввалини бисёровозаро мушоҳида намудааст. Ва ин хусусияти рушди минбаъдаи мусиқиро ҳанӯз шаш-ҳафт аср қабл аз пайдо шудани нахустин шаклҳои бисёровоза дар Аврупо пешбинӣ кардааст. Мусиқишиноси маъруфи англис Ҳ. Фармер инро «нуктаи олие» мешуморад, ки ба пайдоиши системаи гармонӣ такон додааст [177, с.66]. Мусиқишиноси барҷаста Т.С. Вызго нисбат ба ин гуфтаи Ибни Сино чунин иброз намудааст: «.. афзалиятро ба ҳаракати уфуқии мусиқӣ («пайиҳамоии савтҳои мусиқӣ») дода, дар баробари он Ибни Сино ба дарки ҳаракати амудии мусиқӣ (садодиҳии ҳамҷоя, ки «нақши якторо иҷро мекунад») низ омадааст. Ин нукта далели мақбули бадеияти фосилаи гармонӣ аст.. ...дар ин (гуфта) сухан дар бораи як навъи дуовоза меравад» [63, с.194]. Ӯ хулоса мебарорад, ки «.. ҳамин тавр, вақте ки илми мусиқӣ дар Шарқ хушсадоии терсияро дар асрҳои X-XI пазируфта буд, Аврупо ба ин фаҳмиш танҳо дар асри XVI расид» [63, с.195]. Воқеият ин аст, ки «дар ҳақиқат ба хушсадо (консонанс) тааллуқ донистани терсия ба рушди тафаккури гармонӣ мусоидат намуд. Бе он дастовардҳои бузурги мусиқии классикии аврупоӣ дар асрҳои XVIII-XIX имконнопазир мегардиданд» [63, с.195].

Ибни Сино хелҳои оҳангҳо – «болораванда», «поинраванда», «даврашакл бо бозгашт», «мавоҷ», «бо нақшу нигор»-ро таҳлил карда, дар

он истифодаи ҷаҳишҳои пайиҳамиро намепазирад ва чунин мешуморад, ки онҳо оҳангро хароб мекунанд. Дар фанни мусиқӣ имрӯз ин ақида ҳам риояи қатъиро металабад. Арзишмандии гуфтаҳои Ибни Сино то он дараҷаест, ки китобҳои дарсӣ ва таҳқиқоти илмии муосир ягон нуктаи наверо бар гуфтаҳои боло изофа намекунанд, ҳарчанд аз давраи ӯ беш аз ҳазор сол гузаштааст.

Ибни Сино, олими давраи Сомониён, аз он ҷараёни бузурги эҳёи илму фарҳанги форсу тоҷик берун набуд. Ӯ ба ин ҷараён бо илҳоми бузург назар афканда, дар фазои он ба воя расиду ба он ҳамроҳ шуд. Ӯ дар шеърнависӣ ҳам ба жанре рӯ овардааст, ки ба давраи тоисломии тоҷик хос буд. Маълум аст, ки рубоиёти асрҳои IX–X дар такя ба ҳамон фаҳлавиёти тоисломии эрониён пайдо шудааст [47]. Ва Ибни Сино низ ба жанри рубоӣ рӯ овардааст. Бо замони модарии худ шеър гуфта, табиати фалсафии худро дар шеъри классикии тоҷик зоҳир намудааст. Бо ин иқдом ӯ яке аз нахустинҳо буд, ки мазмунан рубоиро дигар кард. Агар онро ба назар бигирем, ки рубоӣ ин ҳамон тарона аст, ки дар фарҳанги исломӣ ба ҳайси нахустин жанри мусиқӣ бар мақомҳои тоҷик суруда шудааст, моҳияти иқдоми Ибни Синоро дурусттар дарк мекунем. Ин роҳе буд ба сӯи эҳёи маънавиёти дунявӣ ҳам дар назм ва ҳам дар мусиқӣ.

Ба забони модарии худ асарҳои илмӣ навиштани Ибни Сино дар замони ӯ иқдоми беназир маҳсуб меёфт, зеро ки дар қаламрави Хилофати Араб забони арабӣ забони давлатдорӣ ва илм қабул шуда буд. Ибни Сино исбот намуд, ки забони тоҷикӣ забони илм аст. Бо забони форсӣ-тоҷикӣ навиштани рисола дар мусиқӣ низ аҳаммияти илмӣ дорад, ки инро хусусан дар нуктаҳои зерин дида метавонем:

1. истифодаи истилоҳоти мусиқии тоҷик. Он истилоҳоте, ки дар байни мардуми Хуросону Мовароуннаҳр аз давраҳои пеш боқӣ монда буд. Бо ин амал Сино ба ташаккули истилоҳоти мусиқӣ ба забони тоҷикӣ дар давраи фарҳанги исломӣ поягузорӣ намуд;

2. жанрҳои мусиқии мардуми форсу тоҷик, ки аз давраҳои қадим рушд ёфта, то ба замони ӯ расидаанд, ба монанди *хусравониёт*, *форсиёт*, *равошин*... Номҳои чунин жанрҳоро ӯ на танҳо дар асарҳои ба забони тоҷикӣ, балки дар ҳамаи рисолаҳояш фаровон истифода мебарад;

3. дар шарҳи созҳои мусиқӣ низ ӯ бештар ба созҳои мардуми форсу тоҷик такя мекунад ва онҳоро бо унвонҳои тоҷикие ном мегирад, ки дар амалияи мусиқии замонаш фаровон истифода мешуданд ва далеле аз мусиқии баландсатҳи давраи тоисломӣ маҳсуб меёбанд;

4. иқдоми Ибни Сино ба анъанаи рисоланависӣ ба забони тоҷикӣ дар асрҳои миёна поягузорӣ намуд.

Дар рисолаҳои мусиқии Ибни Сино маълумоти муфассал оид ба асбобҳои мусиқӣ оварда шудааст. Олимон ба он ақидаанд, ки Ибни Сино дар баробари Абунаср Форобӣ ба фанни созшиносӣ асос гузоштааст. Олоти мусиқиро ӯ ба торӣ, нафасӣ ва зарбӣ тақсим кардааст. Дар амалияи мусиқии замони Ибни Сино созҳои торие (уд, танбӯр) ҷо доштанд, ки бо зер кардани ҳар ҷои дастаи онҳо савтҳои гуногун мебарояд. Созҳои тории навъи дигаре (гунаҳои чанг, ба арфа ва лирамонанд) буданд, ки аз ҳар як тори он танҳо як савт ҳосил мешуд. Созҳои нафасии найи тулӣ, сурнай ва «арғунунро, ки дар Юнон маъмул аст», номбар кардааст. Ва якчанд зарбиро. Ҳарчанд ки «Китоб уш-шифо» ва «Китоб ун-наҷот» ба забони арабӣ навишта шуда бошанд ҳам, Ибни Сино бисёр истилоҳоти форсизабони амалияи мусиқии замонашро ба кор мебарад. Масалан, ба ҷои номи арабишудаи «уд» ӯ ҳамеша унвони тоисломии «барбат»-ро нисбат ба ин соз меоварад. Саъйю кӯшиши истифодаи номҳову суннатҳои фарҳанги тоисломӣ ба мардуми асрҳои IX –XI хос аст [97, с.208-242].

Дар муқаддимаи рисолаи мусиқии асари энсиклопедии «Донишнома» Ибни Сино зикр менамояд, ки онро бо хоҳиши амири Исфаҳон Ало уд-Давла навиштааст[71]. Ба гуфтаи Ҷузҷонӣ[72] баъди мутолиаи асарҳои мушаххаси олимони юнониқадимӣ – Эвклид, Птоломей ва Никомах, олими бузург Ибни Сино ба онҳо даровардани иловаҳову ислоҳоти худро бениҳоят зарур шуморид [8, с.6]. Мақсади Ибни Сино он буд, ки дар асоси фанҳои ҳафтгонаи антиқа – квадривиум ва тривиум[73] хеле мухтасар ва дақиқ ҳам иловаҳо ва ҳам дар баъзе маврид ҷавобҳои худро ба ҳамзамони худ Абурайҳони Берунӣ иброз намояд [8, с.8].

Қисми мусиқии «Донишнома» рисолаест иборат аз нуҳ боб [8][74].

---

[71] Унвони дигари китоб – «Китоби Ала» («Китаб ал-Алоӣ») аз ҳамин ҷост. Ин ҳамон амирест, ки дар дарбори ӯ Абуалӣ ибни Сино аз соли 1023 то вафоташ умр ба сар бурдааст.

[72] Абуубайд Абдулвоҳид ибн Муҳаммад Ҷузҷонӣ – шогирд ва ҳамкори наздиктарини Ибни Сино, ки тайи 25 соли ахири умри Ибни Сино ӯро ҳамроҳӣ кардааст. Ҷузҷонӣ тарҷумаи ҳоли Ибни Синоро ҳам аз гуфтаи устодаш навиштааст [5].

[73] Маълум аст, ки «ҳафт санъати озод» [*artes liberales*] асоси маълумоти миёна ва олиро дар асрҳои миёна ташкил медод. Ба он ду гурӯҳи фанҳо дохил буданд: *квадривиум* (аз лот. – «чорраҳа»): геометрия, астрономия, арифметика ва мусиқӣ – асоси барномаи таълимии мактаби олӣ ва *тривиум* (аз лот. – «сераҳа»): грамматика, диалектика (санъати баҳс) ва риторика (санъати суханварӣ) – фанҳои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна ба шумор мерафтанд. Ҳамин низом дар Шарқи асримиёнаӣ низ ҷо дошт. Таърихи *квадривиум* ҳамчун маҷмуи фанҳои назарӣ ва амалӣ аз антиқа, аз пифагорийҳо ибтидо мегирад. Тибқи ин дид геометрия ва арифметика фанҳои қаринанд аз он лиҳоз, ки ададро меомӯзанд; астрономия ва мусиқӣ – ҳамчун илми сайёраҳо (бо назардошти назарияи Пифагор дар бораи «ҳамсадоии сайёраҳо») наздиканд [8, с.5-6].

[74] Дар он қисми «Мусиқӣ» дар саҳ. 125-141 ва тавзеҳоти он дар саҳ.170-178 ҷойгиранд. Таҳлили минбаъдаи мо ба ҳамин нашр асос меёбад [9].

Боби аввал ба нағма бахшида шудааст. Ибни Сино илми мусиқӣ – *синоъа ал-мусиқа*-ро аз ду қисм иборат медонад: илми таълиф ва илми иқоъ. Мақсади ҳар дуро – эҷоди оҳанг муайян кардааст. Ба гуфтаи Ибни Сино «илми мусиқӣ – илми назариест, ки иттифоқӣ ва таълифи савтҳоро зимни зарбҳои гуногун, гузариши як савт ба савти дигар, ки барои пайдо шудани оҳанг зарур аст, меомӯзад». Дар ифодаи садои мусиқӣ ӯ истилоҳ-ҳои «нағма» ва «савт»-ро истифода бурдааст. Таърифи онҳо як аст: «нағма ё савт, ки илми мусиқӣ онро меомӯзад, дорои баландиву пастӣ дар замони муайян мебошад». Фосиларо бо истилоҳи «буъд» ном гирифта, онро чун «масофаи байни ду нағмаи ҷиҳати пастубаландӣ гуногун» муайян кардааст. Фосилаҳоро ба ду навъ – муттафиқ (консонансӣ) ва мутанофир (диссонансӣ) ҷудо карда, онҳоро чунин шарҳ додааст: «фосилаи мутанофир он аст, ки ба кас ҳеҷ ҳаловате намебахшад, ва ҳатто шунидани он гарон аст» ва «фосилаи муттафиқ ба кас ҳаловатбахш аст». Яъне навъ-ҳои фосиларо аз қабули инсон шарҳ додааст.

Пастубаландии нағма доимо дар нисбати якдигар муайян карда мешавад. Фосила низ аз нағмаҳои нисбат ба якдигар ё гуногун ва ё якхела ба вуҷуд меояд. Пастубаландии нағма дар созҳои торӣ аз дарозӣ, борикӣ ва дараҷаи кашиши тор, дар созҳои нафасӣ – аз васеъии сӯрохӣ, масофаи ин сӯрохӣ аз ҷои пуфкунӣ, дар созҳои зарбӣ – аз тунукии пӯст ва дараҷаи кашиши пӯст вобастагӣ дорад.

Дар *боби дуюм* дар бораи мутаносубии гуногуни нағмаҳо аз ҷиҳати шиддат (билқувва) ва пастубаландӣ муфассал шарҳ дода шудааст.

Омили иттифоқии фосилаҳоро (*боби сеюм*) Ибни Сино дар якҷошавии обертонҳо мебинад. Фосилаи октаваро иттифоқтарин мешуморад. Ҳамагӣ панҷ сабаби пайдоиши иттифоқро Ибни Сино қайд кардааст: таносубияти дукаратаи нағмаҳо (октава ва квинтдетсима)[75], якто зиёд (квинта, кварта), якчандто зиёд, дукаратаи якто зиёд (дуодетсима, ундетсима) ва таносубияти дукаратаи якчандто зиёд. Дар ин талқинот Ибни Сино бо назари риёзӣ раҳнамоӣ кардааст. Ва ба ин гуфтаҳои ӯ бештар характери назариявӣ хос аст.

Боби чаҳорум дар бораи категорияи *ҷинс* (тетрахорд) аст. Оҳанги васеътарине, ки эҷод мешавад, дар ҳудуди квинтдетсима ҷойгир шуда метавонад. Вале оҳангҳои васеъро гулӯи инсон наметавонад иҷро бикунад. Бинобар ин, ҳудуди оптималии оҳанг бояд дар ҳудуди кварта бошад. Ва ин квартаро мебояд бо се фосилаи таркибии хурд пур кард. Қонун чунин аст, ки ҳудуди квартоӣ ивазнашаванда аст. Яъне дар натиҷа ҳамеша тетрахорд ба вуҷуд меояд. Бинобар онро *ҷинси зул-арбаа* меноманд. Агар як танини (секундаи калон)-ро ба он илова бикунем, он ба *ҷинси зул-хамс* табдил меёбад.

[75] Дар ин ҷо ва минбаъд дар қавсайн тавзеҳи мо – Ф.А.

Се гунаи ҷинсҳоро тартиб додан мумкин аст. Ҳар ҷинсе, ки нисбаи ҳар як фосилаи таркибии он аз ҳосили ҷамъи ду фосилаи он зиёд нест, ҷинси диатоникӣ (*ал-ҷинс ал-муқаввӣ*, яъне «ҷинси қавӣ») номида мешавад. Агар нисбаи як фосилаи он аз ҳосили ҷамъи ду фосилаи дигари он зиёдтар бошаду аз ҳосили ҷамъи дукаратаи ду фосила камтар, ин гуна ҷинси хроматикӣ (*ал-ҷинс мулавван*, яъне «ҷинси орододашуда») номида мешавад. Агар нисбаи як фосила аз ҳосили ҷамъи ду фосилаи таркибии дигари он зиёд бошад ва аз ҳосили ҷамъи дукаратаи онҳо кам набошад, онро ҷинси энгармонӣ (*ал-ҷинс ар-раҳв*, яъне «ҷинси заиф») меноманд.

Боби панҷум дар бораи *ҷамъ* аст. Ибни Сино ба мафҳуми «ҷамъ» таърифи хеле ҷолиб додааст: «Ҷамъ аз фосилаҳое иборат аст, ки сохтани оҳангро бо нағмаҳои он маҳдуд менамоянд». Ҷамъ ду навъ мешавад: *мукаммал* ва *номукаммал.* Якум он аст, ки нағмаҳои он дар ҳудуди квиндетсима ҷойгиранд ва он аз чаҳордаҳ фосила иборат аст. Дуюм – дар ҳудуди дуодетсима, ундетсима ва дигар то аз квинта хурдтар. Пайвастагии ҷинсҳо дар ҷамъҳо низ ду гуна мешавад.

Аз *боби шашум* сухан дар бораи *иқоъ* – зарб меравад. Гузариши як нақра ба нақраи дигар тавассути замон (вақт)-и мобайнии он ба вуҷуд меояд. Бузургии ин замони мобайнии нақраҳо суръати оҳангро муайян мекунад. Агар имконияти дар байни ду нақра ғунҷонидани нақраи дигар нест шавад, он босуръаттарин оҳанг мебошад. Ҳамин тавр, Ибни Сино гунаҳои қолабзарбҳоро, ба монанди хафиф, сақил ал-хафиф, хафиф ас-сақил, сақил ва ҳазаҷ шарҳ додааст. Аломати «сукут»-ро Ибни Сино муайян кардааст. Дар идомаи ин боб сухан дар бораи гунаҳои вазнҳо – дузарбаӣ, сезарбаӣ, чаҳорзарбаӣ ва панҷзарбаӣ ва аз онҳо тартиб додани давраҳои зарбӣ меравад. Дар сохтани давраҳои зарбӣ Ибни Сино аз «фаъала» истифода мебарад. Хулоса, дар илми иқоъ Ибни Сино зарба, замон, мизон ва зарбро мушаххас шарҳ додааст ва дар бораи нақши ҳар яки он муфассал сухан гуфтааст. Дар назарияи иқоъии Ибни Сино нақши зарб дар шаклсозии асари мусиқӣ қайд карда мешавад: ибораазарбҳову қолабзарбҳо, тавассути пайиҳам якҷошавии давраҳои зарбӣ ба ташаккули композитсияи мустақил мерасонад. Имрӯз ҳам чунин шаклбандии композитсионӣ ба Шашмақому Фалак хеле хос аст.

Боби ҳафтум ба ҳаракатҳои оҳангӣ бахшида шудааст. Дар ин ҷо низ Ибни Сино моҳияти оҳангро хеле ҷолиб қайд кардааст: «Вуҷудияти оҳанг аз баракати ҳаракат аст». Ду навъи ҳаракати оҳангро қайд намудааст: *равона* ва *ҷаҳишӣ*. Инчунин Ибни Сино дар бораи ҳаракати одӣ (*басита*), ки ба як сӯ равон аст ва ҳаракати омехта (*мураккаба*), ки аввал ба як сӯ ва сонӣ бозгашт ба ибтидо. Инчунин қайд кардааст, ки ҷаҳишҳо, маъмулан, тавассути фосилаҳои иттифоқ (консонанс), вале оҳанг бо иштироки ҳамаи

нағмаҳо сохта мешавад. Нақши зарб низ дар оҳангсозӣ муҳим аст, зеро ки як оҳанг метавонад дар зарбҳои гуногун биояд.

Дар *боби ҳаштум* сухан дар бораи созҳои мусиқӣ меравад. Созҳои мусиқиро ҷиҳати гуногунии садобарорӣ тақсим мекунад. Аз ин ҷиҳат созҳои чанг, барбат, танбӯр, шоҳруд ва найро таҳлил кардааст. Барбатро сози машҳуртарин мешуморад. Торҳои он асосан чаҳортоанд (бам ё бас, маслас ё сетор, масна ё дутор ва зир), вале ҳар як чаҳори он якчандтоӣ аст. Миқдоран зиёд кардани торҳо бо мақсади қавитар гардонидани садои соз аст. Дар идома Ибни Сино хеле дақиқ тарзи мизроб (ҷӯр)-и сози барбатро овардааст. Аз он маълум аст, ки худ барбатнавози моҳир будааст. Инчунин пардаҳои барбат, ки ҳамагӣ ҳафто буданд, шарҳ дода шудаанд.

Дар *боби нуҳум* сухан дар бораи ороиши оҳанг меравад. Оро додани оҳанг низ бар уҳдаи оҳангсоз аст. Ороишот ҳам оҳангӣ асту ҳам зарбӣ. Ба ороишоти оҳангӣ трел («таръид», ки аз калимаи «раъда», яъне «ларзидан» пайдо шудааст), омехташавии нағмаҳо («тамзиҷ», ки аз «мазҷ», яъне «омезиш» манша гирифтааст), глиссандо («тавсил» аз феъли «васала», яъне «пайваст кардан» ва «лағжидан»[76]), замшавӣ («таркиб» аз феъли «ракаба», яъне «тартиб додан»), ивазкунӣ («ибдал» аз феъли «иваз кардан») ва дутақсимшавӣ («ташқиқ» аз «шаққа», яъне «шикастан»)-ро ном гирифтааст. Аз ороишоти зарбӣ низ қариб даҳторо оварда, ҳар якро муфассал шарҳ медиҳад, таҳлил мекунад.

Бо ибрози шукри Худованд ва шукри ақлу зеҳният рисоларо анҷом додааст.

Рисолаи мусиқӣ дар асари энсиклопедии «Китобу-ш-шифо» аз муқаддима ва шаш мақола иборат аст. Дар навбати худ ҳар як мақола ба бобҳо тақсим мешавад [122]. Дар *муқаддима* Абуалӣ ибни Сино ноқис будани назарияи космологии мусиқӣ (назарияи Пифагор оид ба мусиқӣ – Ф.А.) ва дар таҳлили мусиқӣ бар асоси илмҳои дақиқ такя кардани худро иброз менамояд. Дар *мақолаи якум* оид ба пайдоиши табиии садо (ҳамчун унсури маҳфузкунанда ва огоҳкунанда байни олами ҳайвонот) ва садои мусиқӣ, яъне савт/нағма (унсури информатсионӣ байни одамон, ки аз зарурати кушодани рози дил пайдо шудааст) фаҳмонда, сониян, ба баёни хусусиятҳои садои мусиқӣ – савт/нағма мегузарад [122, с.184].

Натиҷаи таҳлили Абуалӣ ибни Сино оид ба мусиқӣ ва савт/нағма чунин аст:

- ❖ мусиқӣ ва нутқи инсон ҳамрешаанд;
- ❖ ҳарду дорои хусусиятҳои якхелаанд (пастубаландӣ, деранд, шиддат, ранг);
- ❖ пайдоиши мусиқӣ аз нутқи инсон сар мезанад.

---

[76] Glissando (ит.) – «лағжидан» аст.

Мақолаи дуюм ба услубҳои равобити фосилаҳо бахшида шудааст. Дар *мақолаи сеюм,* ки дар бораи ҷинс (тетрахорд) ва нақши он, диққати хонандаро ба шаклҳои нави ҷинсҳо аз амалияи мусиқии замони худ равона мекунад.

Мақолаи чаҳорум – ба гунаҳои оҳанг бахшида мешавад, ки онҳо поёнраванда, болораванда, мавҷзананда, рушди даврашакл, рушди ороишдиҳанда ва дигаранд. Ӯ мазмуни ҳар якро маънидод кардааст. Масалан, «ҳаракати тулонии болоравандаи савтҳо эҳсоси барангехтани ғазабро ва баръакс, ҳаракати поёнравандаи давомдор – эҳсоси таҳаммулпазириву созишгариро таҷассум менамояд» [122, с.186].

Мақолаи панҷум – дар бораи назарияи иқоъ аст. Олими бузург асоси зарбии мусиқиро дар пайвастагии он бо асоси зарбии назм мебинад. Ҳамрешагии ин ҳардуро ӯ дар мисоли ашъори форсӣ-тоҷикӣ таҳлил менамояд ва муассирии равобити шеъру мусиқиро бо зебоии мунназамии баён мепайвандад [122, с.187]. Дар робита бо зарбҳо Ибни Сино дар бораи гунаҳои зарбҳои муназзам ва номунназам, услуби ба вуҷуд омадани онҳоро батафсил фаҳмонда, баҳрҳову давраҳои зарбии зудсуръат («хафиф») ва сустсуръат («сақил»)-ро таҳлил намуда, манбаи гуногунрангии зарби мусиқиро аз нутқи инсон мешуморад.

Мақолаи шашум маълумотро дар бораи созҳои мусиқӣ дар бар мегирад. Ибни Сино ба сохт, тарзи садобарорӣ, ранги савти созҳои мусиқӣ аҳаммияти бузург додааст. Ӯ ранги савтро ба услуби садобарорӣ вобаста мекунад. Ибни Сино радабандии созҳои мусиқӣ, фарқияти онҳо аз якдигар, шарҳи созҳои торӣ-мизробии пардадор, созҳои торӣ-мизробии бepарда, тории камонӣ, нафасӣ ва зарбиро меоварад. Дар маркази диққати ӯ сози барбат меистад. Ӯ ин созро маъмултарин сози замонаш мешуморад. Бинобар ин, тарзи навохт, хусусияти сохт ва садобарории онро махсус таҳлил мекунад. Аз таҳлили ӯ ба хулоса омадан душвор нест, ки дар амалияи мусиқии замони ӯ созҳои мусиқӣ бештар бо номҳои форсӣ-тоҷикӣ маъмул буданд. Ин номгузорӣ дар лаҳнҳо низ мушоҳида мешавад [122, с.189].

Ибни Сино бо тамоми мушаххасот ба мусиқӣ талқини энсиклопедии муфассале додааст, ки онро метавонад ҳам табибу ҳам риёзидону ҳам шоиру ва ҳам мусиқачӣ на танҳо ба шакли назарӣ дарк намояд, балки амалан татбиқ кунад. Ва ин хоси баёни ӯст.

Омӯзиши осори Ибни Сино ба хулосаҳои мушаххас меоварад ва мусиқишиносон навоварии олими бузургро чунин хулосабарорӣ кардаанд :

1. Ибни Сино ба илми мусиқии Шарқ асосгузорӣ намудааст. Аксарияти нуктаҳое, ки ӯ шарҳ медиҳад, ба ҳамзамонони ӯ маълум набуданд. Ибни Сино мусиқиро тавассути услубҳои сотсиологӣ, психологӣ,

этикӣ, назмшиносӣ ва физиологӣ талқин додааст [63; 87]. Дар талқиноти ӯ серпаҳлуии зеҳнияту дониши мукаммали энсиклопедии ӯ равшан айён мешавад. Ӯ ба мусиқӣ ҳамчун яке аз илмҳои баробарҳуқуқи замонаш назар карда, мушаххасоти мусиқиро аз нуқтаи назари ҳар як фанни номбурда хеле муфассал шарҳ додааст. Дар гуфтаҳои ӯ дар бораи мусиқӣ лаёқати бузург ва донишу фаҳмиши дақиқи ӯ ҳамчун табиб, риёзидон, файласуф, шоир, мусиқишинос ва навозандаи моҳир бараъло дида мешаванд.

2. Ӯ мусиқиро дар баробари тиб мегузорад. Олими бузург чунин мешуморад, ки мусиқӣ низ барои инсон зарур аст, ба мисли тиб. Яъне илму маърифат на танҳо бадан, балки руҳу зеҳни инсонро низ тозаву солим нигоҳ дошта метавонанд. Ибни Сино қайд мекунад, ки тиб баданро муолиҷа мекунад ва мусиқӣ руҳро. Чунин мешуморад, ки дар гаҳворабандӣ зимни зарби муназзам ҷунбондан ва суруди алларо гуфтан – нахустусули тарбияи тифли навзод аст аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ-мусиқавӣ. Ва чунин оғоз дуруст аст.

3. Пайдоиши мусиқиро аз нутқи инсон медонад. Тобиши зарбӣ-оҳангии хурдтарини мусиқиро ба тобишҳои нутқи инсон монанд мекунад. Ва асоснок мекунад, ки кадом тобишҳое, ки дар нутқи инсон вомехӯрад, метавонад асоси оҳанг дар мусиқӣ бошад. Дар ҳарду маврид тобиши якхела дорои мазмуни якхела аст. Дар ифодаи мазмуни муайян, ҳам дар нутқ ва ҳам дар мусиқӣ, нақши замон/деранди он хеле муҳим аст. Дар ин таҳлили худ Ибни Сино аз рӯи табиати фонетикии ҳам нутқ ва ҳам мусиқӣ диди худро иброз намудааст. Дар умум маншаъ гирифтани интонатсияи мусиқиро аз интонатсияи нутқи инсон илман асоснок карда, аз ҳамаи ривоятҳои мифологиву пифагорӣ, ки дар замони ӯ дар масъалаи пайдоиши мусиқӣ маъмул буданд, даст мекашад. Маълум аст, ки пайвастагии нутқи инсон ва интонатсияи мусиқӣ имрӯз ҳам масъалаи мубрами мусиқишиносӣ боқӣ мемонад. Зеро ки, новобаста ба он, ки Ибни Синои бузург дар давраҳои мудҳиши қурунивустоӣ хеле устуворона маншаи ягонаи нутқи гуфтугӯӣ ва нутқи мусиқиро муайян карда, ба *назарияи интонатсияи нутқӣ* дар ҳамон давра асос гузоштааст, дар қарни XX ҳам мусиқишиносони барҷастаи муосир, ба монанди академик Б.В.Асафйев, профессорон Б.А.Ярустовский ва Е.А. Ручйевская паҳлуҳои гуногуни онро гаштаву баргашта таъкид менамоянд.

4. Нахустин шуда, Ибни Сино фосилаи терсияро ҳамчун хушсадо (консонанс) мақбул донист. Барои ин ӯ аз терсияи пифагорӣ даст кашида, шакли терсияи хешро (аз амалияи мусиқии тоҷик) пешниҳод намудааст, ки дар таърихи илми мусиқӣ ҳамчун «терсияи холис»[77] маълум гардидааст.

[77] Ба илми мусиқӣ маълум аст, ки дар низоми пифагорӣ терсияи калон (64:81) тоза садо намедод. Аз ин рӯ онро ба фосилаҳои диссонансӣ тааллуқ медонистанд. Терсияи холиси

Маҳз ҳамин терсия ба фаҳмиши терсия-квинтоии гамма дар мусиқӣ мусоидат намуд. Маълум аст, ки пазируфтани терсия ба ҳайси хушсадо (консонанс) хиште буд, ки дар он минбаъд мусиқии касбии аврупоӣ ва сонияи мусиқии профессионалии композитории ҷаҳонӣ асос ёфт. Тавре ки дар ин бора мусиқишиноси англис Ҳ.Фармер қайд кардааст, ин саҳифаи беназире буд дар таърихи мусиқӣ, ки ба офаридани системаи ҳармонӣ таконе дод [177, с.66]. Саҳеҳтар гӯем, он ба пайдошавии фаҳмиши нав – *тафаккури ҳармонӣ* мусоидат намуд.

Ҳамин тавр, дар таърихи мусиқӣ Осиёи Марказӣ терсияро аз асрҳои X–XI хушсадо шуморид, вале Аврупо танҳо дар давраи Эҳёи худ, асрҳои XV – ибтидои XVII, ба ин ақида расид. Ҳол он ки бидуни пазируфтани хушсадоии терсия дастовардҳои ҳармонии аврупоии асрҳои XVIII–XIX имконнопазир мегардиданд[78].

5. Ҳарчанд ки аз замони Ибни Сино то имрӯз мусиқии суннатии тоҷик, умуман Шарқ, монодӣ боқӣ мемонад, мушоҳидаи ӯ дар бораи ғанӣ гардонидани оҳанг тавассути якҷо навохтани ҳар ду нағмаи фосилаҳои кварта ва квинта дар хотимаи асарҳои мусиқӣ дар созҳои торӣ, таъкиди таърихиест оид ба ду навъи фосила. Ин нахустин талқине буд, ки дар бораи ду навъи фосила мегуфт (1) ва нахустин талқине буд, ки дар бораи функсияҳои бадеии тарзи навохти фосила – пайиҳам омадани нағмаҳои он ва ё якҷо садо додани ҳар ду нағмаи он – таъкид кардааст (2). Ин таъкиди Ибни Сино нахустин мушоҳидаест дар бораи неруи бисёровоза (3). Дар илми мусиқии имрӯза ин ду навъи фосиларо, ки Ибни Сино қайд кардааст, *фосилаи мелодӣ* ва *фосилаи ҳармонӣ* меноманд.

6. Ибни Сино ба мавқеи замон дар мусиқӣ аҳаммияти хосса додааст. То замони Ибни Сино олимон бештар паҳлуи пастубаландии садоҳои мусиқиро қайд мекарданд. Ибни Сино яке аз аввалинҳо буд, ки дар баробари пастубаландии садои мусиқӣ, хусусияти замонӣ – гуногунрангии дерандии онҳоро муфассал таҳлил намуда, онро яке аз хусусиятҳои асосии мусиқӣ баҳогузорӣ намуд. Дар Аврупо ҳам қайд кардани замони мусиқӣ («мензура») дар қарни XII зери нуфузи коркардҳои илми иқоъи Шарқ пайдо шудааст. Зеро ки ба ин масъала дар илми мусиқии Шарқ дар баробари Абуалӣ Ибни Сино, ба дараҷае Ал-Киндӣ ва

Ибни Сино имкон дод, ки низоми мусиқӣ дорои ҳам квинтаи холис ва ҳам терсияи холис (4:5) гардад. Аз ин рӯ, ин низомро дар мусиқӣ низоми квинтоӣ-терсиоӣ меномиданд. Низоми холиси Ибни Сино дар ташаккули низоми якзайли (температуратсиявӣ)-и мусиқӣ нақши асосиро бозидааст. Танҳо дар асри XVIII низоми холис ба низоми якзайлӣ иваз карда шуд. Ҳарчанд ки ин низом ҳамаи нозукиҳои низоми холисро инъикос карда наметавонад, вале он имрӯз асоси системаи мажорӣ-минорӣ шуда, мақоми универсалӣ пайдо кардааст.

[78] Маълумоте, ки нахустпазироии хушсадоии терсияро ба мусиқидони итолиёии асри XVI Ҷорҷ Сарлино мансуб медонад, хатост. Ин иштибоҳи бузург аз он аст, ки аксарияти мусиқишиносони русу аврупоӣ бо тадқиқотҳои доир ба мусиқии Ибни Сино шинос нестанд.

Ал-Форобӣ низ таваҷҷуҳ кардаанд. Илми иқоъ аз аввали асрҳои фарҳанги исломӣ сар карда, ҳамчун қисми дуюми рисолаҳои мусиқӣ хеле устувор аст. Ибни Сино илми иқоъро ҳамчун асоси сохтории композитсионӣ қайд кардааст.

Ибни Сино набзи инсонро бо мизону зарби мусиқӣ қиёс мекунад ва табиати онҳоро як мешуморад. Ҳар ду аз он маншаъ мегиранд, ки замони байни нақраҳо чӣ гуна аст. Аз он ки ин нақраҳо дар гурӯҳҳои якхела – зарбибораҳову доираҳои зарбӣ зуҳур мегарданд ё на, ӯ қайд мекунад, ки ҳам ба мусиқӣ ва ҳам ба набзи инсон мутаносубӣ хос аст. Ҳар яки он дорои низоми хосса аст.

7. Ибни Сино баъди Форобӣ ба илми созшиносии мусиқӣ низ рӯ овардааст. Дар қиёс бо Форобӣ Сино на танҳо тавсифи асбобҳоро меовараду онҳоро радабандӣ менамояд, балки тарзи садобарорӣ ва вобастагии ҳар созро аз мутаносубии арифметикиву геометрӣ муҳим мешуморад. Ибни Сино дар ин масъала бештар ба созҳои мусиқии мардуми тоҷик рӯ овардааст. Масалан, барбатро сози асосии мусиқӣ ном бурда, ҳамаи хусусиятҳои онро муфассал овардааст. Дар баробари шарҳи технологии сози мусиқӣ, шарҳи эргономии он, ӯ вазифаи ин созро дар ҷомеа ва истифодаи онро дар ҳолатҳои муайян гуфта гузаштааст. Ҳамаи ин мушаххасот далели дониши воқеии ӯ аз амалияи мусиқӣ ва санъати навозандагист. Ибни Сино бо ин иқдоми худ дар баробари Форобӣ ба илми созшиносии мусиқии тоҷик ва Шарқ бунёдгузор аст.

8. Дар осори мусиқӣ-назариявии Ибни Сино ба масъалаҳои мусиқӣ-эстетикиву мусиқӣ-психологӣ низ аҳаммияти махсус дода шудааст. Ӯ мусиқиро ҳамчун василаи муфиде барои бартараф кардани камбудиҳои руҳи инсон, тарбия ва муоличаи ӯ меҳисобад. Таъсири мустақими мусиқиро ба инсон дар гуфтаҳои «оҳанги болораванда дар қалби инсон хашму ғазаб, ҳаяҷону ташаннуҷро ва оҳанги поинраванда, баръакс, мулоимиву ботамкиниро ва оҳанги доимо поинраванда ва байн-байн ба сӯи боло тобишдошта – хирадро дар қалби инсон бедор мекунад» мушаххас дида метавонем. Ибни Сино вобастагии ҳолати инсонро бо мусиқие, ки ӯ гӯш мекунад, муайян мекунад. Ӯ нахустин бор аҳаммияти бузурги маънавӣ доштани мусиқиро ба инсон қайд кардааст. Саҳифаҳои асари беназири ӯ «Ал-Қонун фи-т-тиб» саршор аз нуктаҳо дар бораи аҳаммияти мусиқӣ ба саломатии инсонанд.

9. Олими бузург мусиқиро манбаи маънавӣ ва одоб ҳам мешуморад. Ӯ бовар дошт, ки мусиқӣ дорои неруи бузурги ахлоқиву тарбия буда, аз ин лиҳоз ҳам барои инсон судманд аст. Диди Ибни Сино ба мусиқӣ ҳамчун манбаи этикӣ-эстетикӣ имрӯз ба мадди аввал баромадааст. Зеро мубрамии онро дар ҳар қадам мушоҳида карда метавонем.

10. Ҳамаи он фанҳое, ки Абуалӣ Ибни Синои бузург ҳамчун заминаи илмӣ барои мусиқӣ талқин карда буд, дар замони муосири мо ба фанҳои алоҳида табдил ёфтаанд: эстетикаи мусиқӣ, этикаи мусиқӣ, психологияи мусиқӣ, сотсиологияи мусиқӣ, антропологияи мусиқӣ, терапияи мусиқӣ, фалсафаи мусиқӣ, органология ва ҳ. Худи ӯ фанни нави терапияи мусиқиро ба вуҷуд овард, ки дар замонҳои минбаъда то имрӯз он густариши амалии хеле васеъро пайдо кардааст.

11. Пайдоиши илми пардаро бо Борбад мепайвандад. Маҳорати беҳамтои ӯро мепазирад ва зарурати рушд додани ин санъати волои навозандагиву сароянадагиро дар фарҳанги исломӣ қайд мекунад.

12. Ибни Сино мусиқиро манбаи асили маънавӣ дониста, талқиноти мусиқиро на танҳо ҳамчун илм, балки ҳамчун ҳунари бадеии дунявӣ талқин медиҳад.

Он диду таҳлилоте, ки Ибни Сино ба илми мусиқӣ даровард, дар заминаи мусиқии замони ӯ мавқеи эҳёӣ дошт. Он мусиқие буд, ки онро халқи тоҷик – ҳам ашроф ва ҳам мардуми одӣ, парасторӣ менамуд, аз маънавиёти тоисломии худ ифтихормандӣ карда, ҳаматарафа нигаҳ медошт. Шиносоӣ ва доштани чунин донишу фаҳмиш дар панҷ-шаш асри аввали фарҳанги исломӣ, хусусан аз давраи Сомониён сар карда, якчанд асри пасин баъди замони Ибни Сино, нишондиҳандаи савод ва фазл пазируфта мешуд [215]. Аз овардаҳову таҳлилии ҳамзамонон, олимони асрҳои минбаъда хеле равшан бармеояд, то чӣ андоза нуфузи диди Ибни Сино ҳам дар замони ҳаёташ ва ҳам баъди он бузург буд. Ӯ ба мусиқӣ заминаи нави илмии устуворро гузошт, ки аз он то имрӯз олимону мусиқишиносон баҳра мебаранд. Ин аст асосгузории ӯ дар мусиқӣ.

III.2.5. Ибн Зайла

Яке аз шогирдон Ибни Сино мусиқишинос Ибни Зайла (990 – 1048) аст: «Абумансур Ҳусейн ибни Тоҳир ибни Зайла аз шогирдони қарини Шайрурраис аст, таснифоташ дар риёзию мусиқӣ, ... мавриди назари уламою удабои замон буда, дар идроки мусиқӣ варо зеҳну салиқаи хуш буда ва рисолате таълиф карда. Рисолааш Шайхро писанд омада ва аҳли ин саноеъро басе маъқулу мақбул буда, он чи гуфта тоза ва писандида» қайд кардааст олими асри XIII Абуфазли Байҳақӣ [162, с.38; 148, с.14]. Мусиқишиноси маъруфи британиёӣ Ҳ.Фармер махсус қайд кардааст, ки ӯ шогирди Ибни Сино буд ва аз назарияи мусиқии Шайхурраис зиёд баҳра бурдааст [177, с.38]. Мусиқишиноси фаронсавӣ Р. Д`Эрланже низ дар асари барҷастаи худ «Мусиқии Араб» саҳми Ибни Зайларо ба рушди мусиқӣ қайд кардааст ва дар бораи ӯ маълумот овардааст.

Назарияи мусиқии Ибни Зайла дар асари «Китоб ул-кофӣ ал-мусиқӣ» баён гардидааст[79]. Сохти асар анъанавӣ буда, се қисми он гуфтаҳои муаллифро оид ба нағма, зарб (иқоъ) ва алҳон (композитсия) дар бар гирифтаанд. Дар ин асар завқи баланди Ибн Зайла ба масъалаҳои мусиқӣ-назариявӣ хеле мушаххас дида мешавад. Пайравии ӯ ба Ибни Сино дар доираи назари объективӣ аст. Хусусан аз он ҷиҳат, ки дастовардҳои тоисломии мардуми эрониро хеле ҷиддӣ баҳогузорӣ менамояд ва мушаххас дар бораи жанрҳои мусиқиву созҳову сатҳи рушди илму ҳунари мусиқӣ далелҳо меоварад. Овардаҳои ӯ хеле мушаххасанд ва аз дониши мукаммали муаллиф далолат медиҳанд.

Жанрҳои мусиқии давраи тоисломии мардуми форс-тоҷикро ба ду жанр ном гирифтааст: *равошин* ва *достон*. Дар ин бора чунин таърифро меоварад: «Оҳангест (жанрест – Ф.А.), ки ба «равошин» маъруф аст. Онро метавон ба овоз (ком) ва соз ба кор бурд, бе он ки таронаи сухандоре барои он сохта бошанд. .. сухани он тарона баробари оҳанги он баҳр-баҳр карда бошанд... » [148, с.15]. Ибни Зайла номҳои мушаххаси равошинро овардааст: «Азгуна», «Юрманак», «Роҳкомкор», «Варшон», «Маҷлисафрӯз».

Достон «оҳангест, ки баробари он таронаҳо сохтанд. Он таронаро баробари такяҳои оҳанг пайиҳам мехонанд ва қисмҳои жанрии он чунинанд: «Хуросонӣ», «Исфаҳонӣ», «Хусравонӣ», «Бухороӣ» ... Қисме аз онҳоро бо ҳалқ (овоз) наметавон иҷро кард, ба монанди *«равошинҳои хуросонӣ»* [148, с.16].

Ҳунари сарояндагӣ ва навозандагиро ҳунари арзишманди воло муайян кардааст: «Пиндор, завқи сурудан ва навохтан, яъне нафосатбахшии мусиқиро ба муштоқон расонидан, на ба ҳама аҳли ин саноеъ муяссар шавад, сомеъро ба шуру ҳаяҷон овардан ин худ ҳунар аст, ки ин на ба ҳама дастрас бошад..» [148, с.16].

Ибни Зайла ба устодаш пайравӣ карда, дониши мусиқӣ-назариявии пайдокардаашро барои омӯзиши амалияи мусиқии замон ва мардуми худ равона кардааст. Ба ақидаи Ибни Зайла: «Аҳли мусиқӣ бояд дар ҳар ду поя *назария* ва *амалия* (таъкиди мо – Ф.А.) салиқаи кофӣ ҳосил намояд, он гоҳ пиндор, ки завқе аз ҳунараш бардорӣ» [148, с.16].

Ақидаҳои Ибн Зайла инъикосгари вазъи ҳаёти мусиқии замонаш мебошанд. Маҳз дар асрҳои X – XI дар натиҷаи саъйю кӯшиши Сомониён осори тоисломии мардуми эронӣ, аз ҷумла мусиқӣ, аз рӯпӯшӣ баромад, зинда шуд ва дар амалияи мусиқӣ хеле васеъ густариш ёфт. Ва заминаи нави илмӣ, ки асосгузорони илми мусиқӣ ташаккул доданд, рушди

[79] Дастхати асар: Ибни Зайла Абумансур Ҳусейн. Китоб ул-кофӣ ал-мусиқӣ. Музеи Британия., № 2361. Асар соли 1964 бо ташаббуси муҳаққиқи араб Закариёи Юсуф дар Қоҳира аз чоп баромадааст.

пайвастаи онро муҳайё гардонд. Дар мусиқӣ системаи Ҳафтпарда мукаммал гардид ва тамоми навовариҳои забони нави форсӣ-тоҷикии дариро ҷабида ба худ гирифт. Ҳамаи ин навовариҳо ба асоси лаҳнӣ-интонатсионии мусиқӣ таъсири мустақим расонданд. Ҷараёни ивазшавии системаи Ҳафтпарда дар ин асрҳо оғоз гардид.

III. 3. Системаи Дувоздаҳмақом

III.3.1. Муҳаммади Нишопурӣ. Рисолаи мусиқӣ

Дар асрҳои IX–XI системаи Ҳафтпардаи тоисломӣ зимни хулосаҳои нави илми мусиқӣ дар ҷустуҷӯи талқиноти нави худ қарор меёфт. Ин талаботи замон буд. Ба ҳайси унсури марказии мусиқӣ дар амалияи мусиқии он давра истилоҳи «парда» устувор буд. Ба он ҷараёни рушди мусиқӣ, ки аслан дар заминаи дастовардҳои тоисломии мардуми форс-тоҷик ба вуҷуд меомад, навовариҳои сершохаи замон такони муассир медоданд. Ба ҷуз заминаи нави илмӣ дар амал равияҳои мусиқие буданд, ки аз забонҳои мухталифи замон, аз қабили суғдӣ ва дигар бармеомаданду аз маконҳои таҳҷоӣ. Вале дар умум хусусияти ин давра он буд, ки саъйи мардум ба забони модарии худ, ки Сомониён онро ба ҳайси забони давлатӣ мақбул карданд, беш гардид. Дар мусиқӣ низ ин ҷараён хеле фаъол буд. Бинобар ин аз оғози давраи Эҳёи илму фарҳанги тоҷик (а.IX-XI), ки бо давраи Сомониён алоқаманд буд, ҳамагӣ муддати кӯтоҳи таърихӣ кифоя шуд, ки системаи нави мусиқӣ ташаккул ёбад. Ва ин системаи Дувоздаҳпарда мебошад.

Ба илми мусиқӣ дар бораи системаи Дувоздаҳпарда маълумоти нахустин аз асари Муҳаммади Нишопурӣ «Рисолаи мусиқӣ» (а.XII) ворид гардидааст [77; 149, с.76-78[80]]. Ин асар ба забони тоҷикӣ навишта шуда, муаллифи он яке аз устодони мактаби музофотии устод-шогирд мебошад.

Ин рисола аз муқаддима ва панҷ боб иборат аст. Дар *муқаддимаи* кӯтоҳи он ному насаб ва унвонҳои муаллифи рисола ҳамчун навозандаи моҳир, аз қабили «аҷиб уз-замон», «устоди Хуросон» оварда шудаанд. Муаллиф рисолаи худро ҳамчун баёни хеле кӯтоҳ – «мухтасар» муайян менамояд, барои муҳофиз ва идомадиҳандаи ин санъат таълиф намудани рисолаи худро таъкид менамояд. Дар ин ҷо ӯ ибораи хеле хоссаеро овардааст – *арвоҳи устодони мазӣ* («арвоҳи устодони гузашта»), ки он марбут ба одоби иттиҳодиявии хунёгарони асримиёнагист. Эҳтимолан ин ишора аз он аст, ки муаллиф ба чунин иттиҳодия мансуб аст. Муқаддима бо илтиҷои файзу баракат аз Аллоҳ анҷом меёбад.

[80] Ин ду мақола аз якдигар фарқ мекунанд, яке (А.Раҷабов) матни онро меоварад [149, с.76-78], дигарӣ (А.Ҷумъаев) мақолаи таҳлилӣ [77] аст. Дар ин параграф хулосаҳо бо такя ба иқтибосҳову шарҳҳо аз ҳамин мақолаҳоанд.

Боби аввал аз дигар бобҳо кӯчактар аст. Он аз тавсифи илми мусиқӣ – «илми шариф» – ҷумлаи фалсафӣ-этикӣ (одобӣ) оғоз мегардад. Сониян, номҳои дувоздаҳ парда оварда шудаанд: Рост, Мухолиф/ Мухолифи Рост, Ироқ, Мухолифак, Ҳусайнӣ, Раҳовӣ, Исфаҳон, Модда, Бусалик, Наво, Ниҳованд, Ушшоқ. Муҳаммади Нишопурӣ Дувоздаҳпардаро асоси илми мусиқӣ гуфтааст.

Боби дуюм ба шаш шуъба бахшида шудааст: Зеркаш, Баста, Уззол, Нигор, Ҳиҷоз, Исфаҳон. Дар он дар бораи ба вуҷуд омадани ҳар як шуъба аз ду парда, ҷойгиршавии онҳо дар дастаи сози мусиқӣ (садобарории ҳар дупардаӣ аз панҷ ҷой), талқиноти гуногуни унвонҳои шуъбаҳо зикр гардидааст. Дар ин боб таърихи мухтасари пайдошавӣ ва рушди системаи парда – аз ҳафт пардаи Борбад то шакли замони муаллиф оварда шуда, муаллиф устодон-саҳмгузорони ин ҷараёнро ном гирифтааст, аз ҷумла, устод Шамсиддин Муҳаммад Яҳё ва *камол уз-замон* Ҳасани Нойӣ. Дар ҳошия Борбадро ном гирифта, ба ин васила Ҳафтпарда тадриҷан ба Дувоздаҳпарда расиданро қайд кардааст. Бо назардошти он, ки маълумот доир ба рушди пайвастаи парда ва гузариши он аз як система (Ҳафтпарда) ба системаи дигар (Дувоздаҳпарда) хеле камшумор аст, маълумоти мазкур арзишмандии рисолаи Муҳаммад Нишопуриро меафзояд[81].

Боби сеюм дар бораи ҳаждаҳ бонг, таркибот ва мутаносибии байниҳамдигарии унсурҳои дохилии системаи парда мебошад.

Боби чаҳорум ба «меъёри замонӣ» бахшида шудааст: вақти иҷроиши ҳар як парда дар вақти мушаххаси шабонарӯз муайян гардидааст. Марбут ба ин, дар ин ҷо «далел»-и сифатҳои баъзе пардаҳо (Ироқ, Рост, Наво, Ниҳованд ва диг.) ва хусусиятҳои муассирии онҳо ба шунаванда оварда мешаванд.

Боби панҷум мазмунан идомаи боби чаҳорум аст. Он мутобиқи мутаносубии пардаҳоро ба сифатҳои дигари шунаванда, ба монанди ранги пӯст, рӯй, мӯй, чашм, синну сол ва ҳоказо дар бар мегирад. Ба навозанда /сароянда тавсия дода мешавад, ки ҳангоми интихоб ва иҷрои мусиқӣ ба чунин равобити пардаву сифатҳои шунаванда эътибор диҳад. Барои кӯдакону наврасон зарби хафиф тавсия дода шудааст.

Ҳамин тариқ, рисолаи Муҳаммади Нишопурӣ дар умум ба як мавзуъ, мавзуи Дувоздаҳпарда – таркибот, тавсияҳои вақтӣ ва шароити иҷрои он бахшида шудааст. Рисола характери истифодаи амалии Дувоздаҳпардаро дар бар гирифтааст. Ва маълум аст, ки муаллиф ба чунин хулоса дар натиҷаи таҷрибаи шахсии худ омадааст.

[81] Масалан, оид ба табдил ёфтани Дувоздаҳмақом ба Шашмақом чунин маълумоти мустақим то ҳол ҷо надорад ва сарчашмае дар ин бора то замони мо дастрас нашудааст.

Номи Муҳаммади Нишопурӣ ҳамчун муаллифи рисолаи мусиқӣ дар ҳеҷ ҷо хотиррасон нашудааст. Дар муқаддимаи рисола ӯ худро «устод» меномад. Он замон ба унвони «устод» ва ба унвонҳои фахрии «устоди аҷаб уз-замон», «устоди комил», «устоди Хуросон» расман сазовор дониста мешуданд. Барои гирифтани он бояд таҷрибаи бузурги устодиро дар мактаби устод-шогирд медоштӣ. Ва ба ин унвон ҳамзамонон шахсеро лоиқ медонистанд, ки таҷриба ва маҳорати сатҳи олиро доро бошад.

Муаллифи асри XII, Муҳаммади Нишопурӣ, дар рисолаи худ муносибати хоссаи худро ба Борбад нишон медиҳад. Дар асрҳои XI–XIII мероси мусиқӣ ва суннати иҷрокунандагии ин хунёгари машҳури давраи тоисломӣ барои амалия ва илми мусиқӣ ҳоло ҳам моҳияти воқеӣ дошт ва маълумот дар бораи Борбад ба ривоятҳои афсонавӣ табдил наёфта буд. Борбад ҳамчун ҳунарманде, ки дар худ ду ҷанбаи эҷодӣ – ҳам иҷрокунандагиву ҳам мусаннифиро дар бар мегирифт, аз тарафи Форобӣ ва Ибни Сино дар қатори ҳунармандони дигар хотиррасон шудааст. Маълум аст, ки «симои эҷодӣ»-и ӯ бо васфи бузург дар адабиёти бадеии форсизабон (хусусан Фирдавсӣ, Низомӣ ва диг.) оварда шуда буд. Муносибати Муҳаммади Нишопурӣ ба Борбад воқеист. Ӯ Борбадро офарандаи Ҳафтпарда шинохта, иқдоми ӯро ибтидои «таърихи парда» мешуморад. Нишопурӣ таъкид мекунад, ки Борбад ихтироъкори сози мусиқии *руди ҷама* мебошад. Ба ақидаи мо ин таъкиди хосса низ тасодуфӣ нест. Зеро ки маҳз Борбад моҳияти сози бунёдӣ-системавиро дар илми мусиқии мардуми эронӣ бо барбат даровардааст. Чунин функсияро барбат нисбат ба системаи Ҳафтпарда (ва дар асрҳои пасин зери унвони «уд» ба системаи Дувоздаҳмақом) иҷро кардааст. Аз матни рисола бармеояд, ки Борбад «ибтидокори илми амалии парда дар *суннати хуросонист*». Ба андешаи мо таъкиди « ... дар суннати хуросонист» низ тасодуфӣ нест. Зеро ки то асри XII системаи пардаро аз ин суннат аллакай арабҳову дигарон низ омӯхта буданд ва эҳтимол дар ин ҷараён суннатҳои дигар ҳам пайдо шуданд.

Истилоҳоти мусиқии ӯ низ фарққунанда аст. Дар рисолааш Нишопурӣ мегӯяд: «чунин мегӯяд мураттиби ин китоб – устод аҷаб уз-замон, устоди Хуросон Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Муҳаммади Нишопурӣ: «.. бо он чизе, ки ман шунидам ва ҳифз доштам дар бораи илми мусиқӣ ва фаҳмидам аз рӯи асарҳое (тасниф), ки ба ман Худованд бо меҳнати ҳалоли худам ато намуд, бо роҳбарии пурбаракоти донандагон, ман илова намудам якчанд чизи дигаре ва аз онҳо мухтасар баён кардам... ». Аз ин матн маълум мегардад, ки сарчашмаҳои маълумоти ӯ гуфтаҳои даҳониaнд, ки аз устоди худ, донандаи системаи парда шунидааст. Илми ӯ назарияи амалӣ аст ва макони ин омӯзиш мактаби устод-шогирд аст.

Нишопурӣ устод ва ҳунарманд буд, на олим. Ӯ тамоми сирру асрори илми пардаро амалан медонист. Ӯ ба гуфтаҳову маълумоти шифоҳӣ такя мекард: «Ҳама гӯянд, ки ....», «Чунин шунидам ва ёд гирифтам.... ». Ҳар чизе дар амалия ҷо дошт, дар рисола оварда шудааст: «Баъзеҳо гӯянд, ки пардаи Исфаҳон аз Чоргоҳи Ироқ ва дигароне гӯянд, ки он аз Мухолифак ба вуҷуд омада....». Барои Нишопурӣ ибораи «илми мусиқӣ» муродифи «илми амалӣ», ҳаммаънои дониши амалист: «..дар чоштгоҳ пардаи Ироқро мегиранд ва онро «Маҷлисафрӯз» меноманд ва дар илми мусиқӣ хуштар аз Ироқ пардае нест, ва дар шабонарӯзӣ беҳтар аз чоштгоҳ вақте нест....» ва ё «.. дар вақти намози шом пардаи Наворо мегиранд, чунки кӯтоҳтар аз ин парда дар илми мусиқӣ нест ва дар шабонарӯзӣ вақти кӯтоҳтаре нест аз намози шом .. ».

Фаҳмиши илми мусиқӣ аз тарафи Нишопурӣ ба фаҳмиши Кайковус (муаллифи «Қобуснома») наздик аст: мусиқӣ – шуғли амалиест дар вобастагӣ бо илм: «..ҳамаи чизи воқеӣ се намуданд: ё илм, ки пайвастагӣ дорад бо ягон шуғл, ё шуғл, ки ба илме тааллуқ дорад, ё шуғле, ки ақлро бедор мекунад. Илмҳое, ки бо шуғл пайвастагӣ доранд: тиб, астрология (нуҷум), риёзиёт, геология, назмшиносӣ ва аз зумраи онон; шуғлҳое, ки бо илм вобастагӣ доранд: мусиқӣ, табобати аспҳо, сохтмон ва ҳоказо; ҳар кадоме тартиберо дорост ва агар онро надонӣ, ҳарчанде ту усто будӣ дар он, асирафтодаи он мешавӣ».

Нишопурӣ бо суннатҳои тоисломӣ хеле хуб шинос буд. Рисолаи ӯ нишондоди нигаҳдории анъанаҳои тоисломӣ дар давраи исломист. Беҳтарини аҳли ҷомеа муштоқи анъанаҳои тоисломии мардуми эронӣ буданд. Низомии бузург беҳуда нагуфтааст:

То кай аз ин роҳи нави рӯзгор
Пардаи он роҳи қадимӣ биёр!

Муҳаммади Нишопурӣ бо рисолаи худ шакли нави рисоланависиро зоҳир кардааст. Ва ин рисолаи «илми амалӣ» мебошад. Дар он аз назарияи мусиқӣ, таҳлили унсурии фаннӣ-мусиқавии асримиёнаӣ заррае нест. Ӯ рисолаи худро барои шогирдони худ, мактаби худ навиштааст. Ва зери навиштаҳояш системаи нави мусиқиро (Дувоздаҳпарда) бо таркибот овардааст – 12 парда, 6 шуъба ва 18 бонг. Рисолаи мусиқии Муҳаммад Нишопурӣ зодаи амалияи мусиқии асри XII аст. Он устувории «фаҳмиши пардавӣ»-ро дар амалияи мусиқии он замон равшан ифода мекунад. Ва ин аз суннатҳои асили мардуми эронист. Дигаргунии зоҳирие, ки дар системаи нав таҷассум ёфтааст, теъдоди парда ва таркиботи он аст. Ба ақидаи мо, он аз пешравии бузурги илми мусиқист. Ва дар бобҳои ояндаи китоб аз он сухан хоҳад рафт.

III.3.2. Сафиуддини Урмавӣ. «Китоб ул-адвор»

Давраи ҳаёт ва фаъолияти Сафиуддин Абдулмуъмин Урмавӣ (1217–1294) ба мудҳиштарин давраи таърихи тоҷикон рост меояд, он давраи ҳамлаи муғул буд. Дар Бағдод, шаҳре, ки на дар мадди аввал зери торумори муғулҳо афтида буд, ӯ давраи тифлии худро бехабар аз ин ҷараён гузаронд. Ва бо мурури замон дар хушнависӣ, таърихнависӣ, риёзӣ, мусиқӣ, навозандагӣ (барбат) маҳорат пайдо намуд [155, с.25].

Мусиқишинос Сафиуддини Урмавӣ тадриҷан «...ҷараёни таърихии мусиқии эрониёнро дар марҳилаи нави рушд» [150 с.52] дақиқона омӯхта, бо шиносоӣ аз саҳми Муҳаммади Нишопурӣ барин устодони Дувоздаҳпарда маводи амалияи мусиқии замонашро аз диди назариявӣ ба низом даровард: системаи адвор (1), гаммаи ҳафтдаҳдараҷаӣ (2) аз ихтирооти ин олими бузурганд.

Ӯ тавонист маводи амалияи мусиқии замонашро ба низоми мукаммал даровард, мактаберо пойдор намояд, ки минбаъд он такягоҳи ҳамаи коркардҳои назариявии мусиқӣ дар Шарқ гардад.

Мусиқишинос-шарқшиноси бритониёӣ Ҳ.Фармер Сафиуддини Урмавиро «бақувваттарин олим дар назарияи мусиқӣ баъд аз замони Ибни Сино ва Ибни Зайла» («the most important writer on the theory of music since time of Ibn Sina and Ibn Zayla») [177, с.48] баҳогузорӣ кардааст. Ва ӯро «сардафтари мактаби танзимгарон» («the pioneer of the Systematist School») дар назарияи мусиқии Шарқ номидааст [177, с.48].

Дар асрҳои XIX–XX бо ҷунбишҳои аввалини илми шарқшиносии мусиқӣ дар Аврупо шиносоӣ бо ҷадвали низомӣ ва гаммаи ҳафтдаҳдараҷаии Сафиуддин олимони аврупоиро ба ваҷд овард. Онҳо арзишмандии саҳми Сафиуддинро ба назарияи мусиқӣ дар сатҳи тафаккури мусиқии ҷаҳонӣ баҳогузорӣ кардаанд: олим-мусиқишиноси маъруфи аврупоӣ Кизеветтер Р.Г. (1773-1850) ӯро «*Сарлинои Шарқ*» («the Zarlino of the Orient») [177, с.48], композитор ва мусиқишиноси англис Пэрри К.Х. (1848-1918) ҷадвали низомии (the Systematist scale) Сафиуддинро «мукаммалтарин дар таърихи назарияи мусиқӣ» («the most perfect ever devised») [177, с.48], олими барҷастаи назарияи мусиқӣ дар Аврупо Риман В.Г. (1849-1919) – «аз ҷадвали мо дида, дар он (ҷадвали Сафиуддин – Ф.А.) хушсадоҳои тозатар ҳосил мешаванд» («it gives consonances purèr than our scale can afford us») [177, с.48] ва ҳатто олим-савтшинос Ҳелмҳолтс Г.Л.(1821-1894) назарияи Сафиуддинро «беҳтарин назарияе, ки дар рушди (таърихии) мусиқӣ офарида шудааст» («the theory of Şafi al-Din was noteworthy in the history of the development of music») [177, с.48].

Сафиуддини Урмавӣ дар мусиқӣ бо тадқиқотҳои худ «Китоб ул-адвор» («Китоби даврҳо»,1256) ва «Китоб уш-шарафия фи ан нисаб ат-та’лифия» («Китоби шарафия доир ба мутобиқот дар таълиф», 1267) маъруф гардид.

Дар назарияи мусиқии худ Сафиуддини Урмавӣ мафҳуми нави «давра»-ро пешниҳод мекунад. Ин фаҳмиш дар асри XIII, яъне замони таълифи ин рисола, барои мусиқӣ нав буд. Онро Сафиуддини Урмавӣ барои ифодаи унсури асосии мусиқӣ истифода бурда, исбот намуд, ки мусиқии замонаш дар низоми даврай қарор меёбад. Сафиуддини Урмавӣ коркарди худ – танзими давраиро дар рисолаҳои худ асоснок кардааст. Коркарди системавии давра илми мусиқиро якбора якчанд қадам пеш бурд. Бузургии ин навгонӣ ва аҳаммияти он дар таърихи илми мусиқӣ дар овардаҳои рисолаҳои баъдин хеле равшан дида мешавад[82]. Маҳз назарияи мусиқии Сафиуддини Урмавӣ дар рушди минбаъдаи илми мусиқӣ нақши заминавиро бозид.

Сафиуддини Урмавӣ гаммаи ҳафтдаҳдараҷаиро дар дастаи уд ихтироъ кардааст:



Мисоли 6. Гаммаи Сафиуддини Урмавӣ

Ин гаммаро Сафиуддин ба ҳайси коркарди дараҷоти «тозатарин»-и садоҳои мусиқавӣ дар ҳудуди як октава пешниҳод намуд. Ӯ садоҳои таркиби як октаваро ба ҳафтдаҳ қисми баробар тақсим кард. Ин дараҷот дар регистри болотар ба садои ибтидоии худ мерасад ва давраро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки чунин коркард ба фаҳмиши октаваии дараҷот мусоидат намуд, ҳарчанд ки воҳиди асосии дараҷоти Сафиуддин ҷинс боқӣ мемонд.

Назарияи Сафиуддини Урмавӣ – илми давра ва гаммаи ӯ ба пешрафти тафаккури лаҳнии Шарқ такони бузургеро ба амал овард. Тафаккури лаҳнии Сафиуддин ҳамон тафаккури тетрахордӣ буд. Ва дарёфти гунаҳои зиёди тетрахорд ба фаҳмиши нави гуногунрангӣ ва сершумории дараҷоти сатҳи болотар – ҷамъ меовард. Дар натиҷа низоме, ки Сафиуддин Абдулмуъмин пешниҳод намуд, ба василаи пайдо кардани ҷамъҳои хеле зиёду рангоранг имкон медод. Дар навбати худ ғанигардонии унсури ҷамъ омили суфташавии системаи мақом гардид.

---

[82] Истилоҳи «давра»-и Сафиуддини Урмавиро ҳаммаъноии калимаи «гамма»-и назарияи мусиқии аврупоиасос пазируфтан мумкин аст. Бояд зикр кард, ки мафҳуми аврупоии «гамма» (юн.) низ маънои «давра»-ро дорад.

Муаллифони рисолаҳои мусиқии асримиёнаӣ ин таҳаввули дараҷотиро қабул карда, Сафиуддини Урмавиро эҳтиромона «*соҳиби адвор*» меноманд. Баъди Сафиуддини Урмавӣ ҳамаи олимон дар рисолаҳои худ мавзуи давраро мавзуи марказӣ интихоб карданд. Ин маънои онро дошт, ки назарияи давраии Сафиуддини Урмавӣ дар асрҳои миёна мақоми универсалиро дар мусиқии Шарқи мусулмонӣ пайдо кардааст. Минбаъд дар илми мусиқӣ на танҳо дар бораи савт, моҳият ва истифодаи пардаҳо ва буъдҳо (фосилаҳо), ҷинсу ҷамъ ва диг., балки ҳатман дар бораи танзими ягонаи мусиқӣ, талқини системавии мусиқӣ зери унвони «*дувоздаҳгонаи машҳура*» сухан мерафт. Тадриҷан калимаҳои «давр» ва «шудуд», ки Сафиуддини Урмавӣ истифода намудааст, дар ҳамон аср бо калимаи «мақом» иваз шуд. Бинобар ин чунин ҳисобида мешавад, ки дар баробари Муҳаммад Нишопурӣ, Сафиуддини Урмавӣ нахустин олимест, ки дар бораи системаи нави мақом маълумот овардааст. Вале Сафиуддини Урмавӣ хусусиятҳои даврӣ («12 давраи машҳура») ва гаммаи ҳафтдаҳдараҷаии мақомоти замонашро муайян намудааст. Аммо бо кашф кардани табиати давраии асоси мақомот теъдоди онро дигар накардааст. Ва таркиботи онро 12 шудуд, 6 овоз ва 18 бонг овардааст. Танзимгарии Сафиуддини Урмавӣ нахустин иқдомест оид ба ин система. Бинобар ин ӯро дар мусиқишиносии муосир асосгузори «мактаби танзимгарон» (истилоҳи Ҳ.Фармер) меноманд. Муаллифони рисолаҳои мусиқӣ низ танзимгарии Сафиуддин Урмавиро пазируфтанд, ҳамеша мулоҳизарониро дар назарияи худ аз он оғоз мекарданд ва онро асос шумориданд.

Дар баробари гаммаи ҳафтдаҳдараҷаӣ (1) ва танзими системаи Дувоздаҳадвор (2), ба дастовардҳои Сафиуддин Урмавӣ услуби сабти нотавиро ба таври табулатурӣ (3) низ мансуб медонанд. Сабти ӯро мусиқишинос-шарқшиноси фаронсавӣ Д'Эрланже ба сабти нотавӣ баргардонд. Сонияи, мақомшиноси маъруф Исҳоқ Раҷабов сабти асари овозии ӯро хонд ва ба хулоса омад, ки «... ҷадвали пешниҳодшудаи Сафиуддин Урмавӣ саъйи олимон-мусиқишиносонро дар пешрафти сабти мусиқӣ хеле мукаммал гардонид. Ӯ кӯшидааст унсурҳои навро сабт намояд...» [141, с.92].

Пешниҳоди сеюми ӯ мақоми универсалиро пайдо накард ва ҳамчун намунаи саъйю кӯшиши олим-мусиқишинос дар коркарди сабти мусиқӣ боқӣ монд, ҳарчанд ки сабти нотавии Сафиуддини Урмавӣ аз кӯшишҳои Форобӣ мукаммалтар буд. Сабаб дар мураккабии услуби пешниҳодшуда аст.

Бо вуҷуди ин, сабаби асосии дар амал истифода наёфтани хатти мусиқӣ дар минтақаи мақомоти Шарқ он аст, ки табиати мақом ҳеҷ гоҳ ба сабти хаттӣ эҳтиёҷ надошт.

III.3.3. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Рисолаи «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ»

Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253 – 1325) – шоири форсизабони Ҳинд дар мусиқӣ низ ҳунарманд ва олими сатҳи олӣ ба шумор меравад. Дар мусиқии Ҳинд ӯро офарандаи анъанаи нави мусиқӣ – «ҳиндустонӣ» мешуморанд.

Саҳифаҳои девонҳои ӯ, «Хамса», дигар достонҳои алоҳида саршор аз маълумоти мусиқии замон, мусиқичиёну мусиқидонони машҳур, асбобҳои мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ, хусусиятҳои анъанаҳои мусиқӣ, сароядагону навозандагони моҳир мебошанд. Нақши хоссаро дар ин қатор рисолаи мусиқии Амир Хусрав «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ» ишғол мекунад. Он ҳамчун рисолаи дуюм (рисолаи сония) ба асари энсиклопедии ӯ «Эъҷози Хусравӣ» [30] ворид гардидааст.

Аз гуфтаи худи шоир дар сарсухани девони сеюм «Ғуррат ул-камол» маълум мешавад, ки ӯ ҳам дар мусиқӣ ва ҳам дар назм «комил» аст:

Посухаш додам, ки ман баҳри ду маънӣ комилам,
Ҳардуро санҷида бар вазне, ки он дар х(в)ар бувад.
Назмро кардам се дафтар ба таҳрир омадӣ,
Илми мусиқӣ се дафтар буда, ар бовар бувад[83] [40, с.94]

Мутафаккир ва ходими намоёни давлати Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Неҳру қайд кардааст, ки «Амир Хусрав дар Ҳиндустон бо сурудҳои худ, ки ба забони одии гуфтугӯӣ навишта шудаанд, машҳур аст. Ин сурудҳоро то кунун месароянд. Ва ман мисоли дигареро намедонам, ки сурудҳои 600 сол пеш навишташуда чунин маҳбубияту шуҳрати худро дар байни халқ то замони мо маҳфуз дошта бошад…. ...онҳо то ҳол бе ягон тағйироте иҷро мешаванд....» [121, с.652].

Амир Хусрави Деҳлавӣ мактаб – гҳарана[84]-и худро таъсис дод. Услуби асосии он дар асоси омезиши рага бо мақоми форсӣ-тоҷикӣ ташаккул додани рагаҳои нав аст. Ин рагаҳо то имрӯз асоси анъанаи ҳиндустонӣ мебошанд. Амир Хусрави Деҳлавӣ таронаро ҳам чун яке аз жанрҳои хоссаи форсӣ-тоҷикӣ ба рагаи ҳиндӣ ворид кард. Ворид намудани тарона барои ӯ василае буд барои якдигарфаҳмӣ, барои наздикшавии мардуми форс-тоҷику ҳинд. Зимни рагаи ҳиндӣ тарона хусусиятҳои худро гум накарда, дар баробари ин, хусусияти рагахониро низ дар бар гирифт. Таронаи ҳиндӣ ҳамеша бо шеъри форсӣ-тоҷикӣ суруда мешавад.

[83] Мусиқишиноси маъруфи асри XVII Дарвешалии Чангӣ дар рисолаи мусиқии худ низ ин шеърро овардааст.

[84] Гҳарана – мактаби суннатии авлодӣ (калимаи «гҳар» аз ҳиндӣ – «хона»)-и системаи гуру-шишйя (устод-шогирд), ки Амир Хусрав дар асри XIII таъсис додааст, зери унвони *гҳаранаи Деҳлӣ* то имрӯз фаъолият мекунад.

Мусиқишинос, мутриб ва устоди мусиқӣ дар ҳамаи паҳлуҳои эҷодиёти худ саъй намудааст, ки ду асосро – яке ҳиндиву дигаре – форсӣ-тоҷикиро ба ҳам пайвандад. Имрӯз он анъанаҳои Амир Хусрав дар Ҳиндустон зиндаанд, онҳо идома меёбанд. Сарояндаи маъруфи мусиқии классикии Ҳинд (анъанаи ҳиндустонӣ) Устод Амир Хон (1912 – 1974) ҳамеша рагаро бо тарона месароид[85]:



Мисоли 7. Устод Амир Хон. Таронаи «Гули навбаҳоре» бо сарагама (Порча аз силсилаи рага)

Аз ин мисол маълум мешавад, ки чаҳор мисраоҳанги тарона (дар мисол бо рақам ишора шудаанд) дар шакли *aaba*, яъне сохти рубоиро нигоҳ доштааст. Банди дигари ин тарона унсури рагаи ҳиндӣ – «сарагама»[86] аст.

Дар нимаи дуюми асри XIX, ин сохту хусусияти рагаи ҳиндустонӣ дар мусиқии Афғонистон низ пазируфта шуда, зимни он мафҳуми нави *рагаи афғонӣ* пайдо шуд. Дар мисоле аз сароиши сарояндаи маъруфи рагаи афғонӣ Устод Сароҳанг[87] сохтори композитсионӣ хеле равшан намудор аст: аввал *алапа* қисми озоди рага меояд[88]. Сониян, қисми тарона дар вазни шашзарбаӣ омада, ба сарагама (дар ин сабт танҳо аввали он нишон дода шудааст) мегузарад:

---

[85] Сабти нотавии муаллифи ин сатрҳо (с.1988). Чопи қаблии онро ниг.: [22, с.64-65].

[86] *Сарагама* – услуби сарояндагӣ-виртуозӣ дар рагаи ҳиндӣ, ки ба ҷои калимаҳои дорои маънои мушаххас (матни шеърӣ), унвонҳои нотаҳои мусиқӣ, ки ба забони ҳиндӣ *са, ри, га, ма, па, дҳа, ни* мебошад, истифода бурда мешавад. Дар ин маврид пастубаландии нотаҳо риоя карда намешавад. Номҳои нотаҳо ба ҷои матни шеърӣ истифода бурда мешаванд.

[87] Сабти нотавии муаллиф. Нахустчопи онро ниг.: [22, с.65-67].

[88] Алапа монанди шаҳд дар фалаки тоҷикӣ аст. Ва он низ ҳамеша дар аввали асари мусиқӣ омада, айнан ҳамон функсияи композитсиониро иҷро мекунад.



Мисоли 8. Порчаи рагаи афғонӣ
аз сабти аудиоии Устод Сароҳанг.

Сарчашмаҳои адабиву илмӣ хеле равшан дар бораи саҳми Амир Хусрав ба рагаи ҳиндӣ гуфтаанд. Муҳаққиқ Шиблии Нуъмонӣ рагаҳои офаридаи Амир Хусравро як-як номбар мекунад: Созгорӣ, Фарғона, Сарпарда, ... [210, с.45]. Дар достони «Қирон ус-саъдайн» ӯ худ амалҳои якҷокунии рага ва мақомро бевосита тасдиқ кардааст:

Замзама, Созгорӣ ва Ироқ
Карда бо Гулбонг Ироқ иттифоқ [210, с.3].

Аз фаҳмишу дониши мусиқии Амир Хусрав рисолаи мусиқии ӯ низ далолат медиҳад. Муаллиф онро хоксорона «ҳарфе дар мусиқӣ» на «рисолаи мусиқӣ» муайян кардааст. Барои асрҳои XIII – XIV ин рисолаи

анъанавӣ нест. Ба он сохтор, услуби баён ва сифатҳои нави дигар хосанд. Баёни рисолаи Амир Хусрав ҳам назму ҳам наср аст.

Рисола дар самти амалӣ таҳия гардидааст. Дар ин бора муаллиф мухтасар, вале саҳеҳ дар аввал ва охири рисолааш гуфтааст: «Ҳаст ин ҳама ҳарф нисбати мусиқӣ» ва дар охири рисола: «Дар ҳаққи ҳар кӣ аҳли тараб буд .. дар ҳаққи ҳар кӣ ангуштро кор фармояд… ин шарти мутрибист…»[89].

Доираи масъалаҳое, ки дар рисола омадаанд, хеле васеъ аст: асоси лаҳнии мусиқии форсӣ-тоҷикиву ҳиндӣ, услубҳои лаҳнсозӣ, воҳидҳои лаҳнӣ, якҷояшавии унсурҳои зарбиву лаҳнӣ, меъёрҳои касбият дар мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ, устодони комили мусиқӣ, дониши ҳатмии мусиқӣ дар рага-мақом, қавоиди эҷодиёт дар системаи рага-мақом ва ҳоказо. Дар талқиноти сирф фаннии мусиқавӣ Амир Хусрав аз услубҳои рақамӣ ва ҷадвалҳои геометрӣ истифода набурдааст. Ӯ тавассути баёни насрӣ мазмуну мароми мавзуъро фаҳмонда, бо байт хулосабарорӣ мекунад. Масалан, ҷараёни лаҳнсозӣ чунин шарҳ ёфтааст: «шуъбаҳои ба ҳам дарёфтаро … … якеро аз яке беосеб ҷудо карда ва ғунчавор боз ба ҳам пайваста…». Дар ин ҷо «шуъба» мафҳуми лаҳнӣ аст ва дар лаҳнсозиву мақомбандӣ яке аз воҳидҳои асосӣ маҳсуб меёбад, «онҳоро дарёфта», «аз якдигар беосеб ҷудо карда», «боз ба ҳам пайваста» – амалҳои ҷараёни лаҳнсозианд. Қавоиди иҷро («шарти мутрибӣ»), ки дар амалияи мусиқии замони мусиқидон васеъ густариш ёфта буд, дар баёни Амир Хусрав хеле мухтасар ва саҳеҳанд: «… усул чаро мунҳасир бар чор аст ва парда – ба дувоздаҳ, абрешим – бар шаш ва боқӣ фуруъест….» ё ин ки «… усули сақилро чӣ мизон санҷанд, ки хафиф шавад. Ва хафифро ба кадом вазн сангин кунанд, ки сақил гардад ва Мухолифро бар чӣ тариқ навозанд, ки Рост ояд….». Амир Хусрав системаи Дувоздаҳмақомро бо унвони ибтидоии форсӣ-тоҷикии Дувоздаҳпарда ном мегирад. Онро бо таркиботи бисту чаҳор *шуъба* ва шаш *абрешим* (дар рисолаҳои дигар – «овоз») овардааст. Ба воситаи принсипи асл-фаръ гардишҳои зарбӣ ва лаҳниро ба амал меоварад: «…Бусалик ва Наво, ки мушобеҳ ба якдигаранд, пардаи ҳар ду аз чӣ ваҷҳ барбояд гирифт, ки якеро аз дигар битавон шинохт. Ва Раҳовӣ ва Ҳусайнӣ, ки ҳамсояанд, миёни ишон чӣ пайдо кард, ки аз якдигар ҷудо шаванд ва Ниҳовандро, ки бештар оҳанги Ушшоқ бад-ӯст, дил чӣ гуна барорад, ки дар ҷон фуруд ояд ...» ва диг.

Ба мутриби замон Амир Хусрав дониши мукаммали қавоиди мусиқавӣ ва истифодаи гуногунрангии онро дар амал зарур мешуморад. Худи Амир Хусрав навозандаи моҳир буд. Ӯ инро дар рисола низ тасдиқ мекунад:

---

[89] Ин ҷо ва минбаъд, ҳама иқтибосҳо дар баргардони мо аз: Амир Хусрав. Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ. Рисолаи сонийа. //Амир Хусрав. Эъҷози Хусравӣ. Чопи сангин – Лакҳнав (Ҳиндустон), 1876. – С.275-291 [30].

Мо тавонем, ки аз абрешими борик чу мӯй,
Зили ду пардаи бегона ба ҳам бардӯзем.

ё:

Чанге, ки нахуст гандуму ҷав гирад,
Аз безиши мо дақиқаи нав гирад.

ё дар ҷои дигар:

Дар пардаи рози мо ҳар, ки қадаре донад,
Шояд агар ӯ бо мо дар парда сухан ронад.

Дар истилоҳот Амир Хусрав аз калимаҳои арабӣ пурра даст мекашад: масалан, ба ҷои калимаҳои «шад» («шудуд»), «давр» («адвор»), калимаи «парда»-ро, ба ҷои калимаи «шуъба» – «абрешим»-ро ва барои ифодаи оҳанги хоссаи мақом – «бонг»-ро овардааст.

Дар мадди аввал судмандии якҷошавии рагаҳои ҳиндӣ ва мақомҳои мовароуннаҳрӣ («мақомҳои хуросонӣ»)-ро гузошта, бештар дар борaи навозандагону сарояндагон, қавоиди мусиқии Мовароуннаҳр ва Хуросон сухан мегӯяд.

Дар истилоҳоти мусиқии ӯ тамоюл ба нозукбинӣ ва нафисӣ мушоҳида карда мешавад. Масалан, калимаи форсӣ-тоҷикии «абрешим» ҳам ба маънои категорияи мусиқӣ (1) ва ҳам ба маънои тори асбоби мусиқӣ (2) фаҳмида мешавад (новобаста аз он, ки ба маънои дуюм калимаи форсӣ-тоҷикии «тор» низ истифода шудааст).

Сатҳи касбият дар мусиқӣ ҳамеша дар мадди назар нигоҳ дода шудааст: « ..дақоиқи ин илми борик... чунон вазъ шуд, ки аз вараќи сафеди рубоб ва ҷадвали руд абрешим нонавишта битавон хонд…». Аз ин гуфта он бармеояд, ки навозандаи касбӣ дар рӯи дастаи бепардаи рубоб ва руд ҷойгиршавии пардаҳоро бо ҳамаи унсурҳои лаҳнсозиро ба амал оварда тавонад. Ин таъкиди Амир Хусрав фаҳмиши нақши асбоби мусиқиро дар навозандагии профессионалии услуби шифоҳӣ равшан айён месозад. Ба маҳорату малакаи навозанда ӯ доштани ҳунари волоро зарур мешуморад: «…рудзанони мустаъид боло ва фурудро бо он ҳама таснифот ҷойгаҳе ба як бонг ба ҷойгаҳе чун суруди печон зеру забар кунанд….».

Новобаста ба характери амалии рисола он ба жанри дастури таълимӣ табдил наёфтааст, чунки Амир Хусрав навозандагиро васф мекунад. Аз ин рӯ, услуби рисола бештар қасидавиву мадҳиявист. Амир Хусрав навозандаро ба «инсони комил» монанд мекунад. Ба ӯ мартабаи «камолот ул-замон» ва «аъҷубат уд-давр»-ро нисбат дода, маҳорату малакаи ӯро чунин васф мекунад:

Агар з-ӯ бишнавад нолидани зор
Кунад нола бар овози садо кӯҳ.

Ё дар ҷои дигар:

Бингар, ки фусунгари комил чӣ медиҳад,
Ки он чӯб ҳамчу одамиён мекунад сухан.

Ҳунари волоро васф намуда, асли системаи мусиқии замонашро талқин медиҳад: «Заҳрои осмон бар чандин камолест аз се парда нагузашта ва ин Заҳрои замин дувоздаҳ пардаро парниёнвор .. ..ин Заҳро инҷост бистучаҳор бор аз ҳар ангуште сад ҳунар намуд ...».

Фаҳмиши илмии замонро (на космологиро) тарафдорӣ менамояд: «....дар доноии ин илм аз арсаи сипеҳр васеътар аст аз он ҷиҳат, ки он ҷо нуҳ парда аст ва ин ҷо дувоздаҳ ...».

Амир Хусрав мутрибони замонашро низ чунин арзёбӣ мекунад: «камолот уз-замон Амир Шодӣ, Амир Чангӣ, Амир Барбатӣ, Амир Нойӣ, Амир Дафӣ, Хоҷа Латифи Қаввол ..дар ин илм ихтироот намуда..». Намунаи олии маҳорати мутрибиро Амир Хусрав дар Борбад ва ҳаммаслакони ӯ мебинад. Дар бораи Борбад ва Накисо суханҳои воло мегӯяд, онҳоро васф мекунад ва ба мутрибони замони худ муроҷиат мекунад, ки «…гарданро чанбар созанд, то мустаҳаққи навохти хусравонӣ гарданд…..». Бидуни шак ин ҷо нуфузи дурахши Эҳёи фарҳанг ва санъати мардуми форс-тоҷик ҷой дорад. Рушди беҳамтои адабиёт ва санъати тоҷикон ба туфайли Сомониён дурахши худро асрҳои аср нигоҳ доштааст, билхусус дар Ҳиндустон, ки он ҷо фарҳанги форс-тоҷик хеле бонуфуз гардид. Ба гуфтаи муҳаққиқ Муҳаммадвафо Бақоев саҳми бузурги Амир Хусрав дар пойдор намудани қариб ҳамаи жанрҳои адабии тоҷику форс дар заминаи адабиёти ҳинд беназир аст. Муҳаққиқ эҷодиёти шоири забардастро ба пуле монанд мекунад, ки анъанаҳои адабии Хуросону Мовароуннаҳр бо Ҳинд пайваст намудааст [40, с.70]. Ба ин илова мекунем, ки Амир Хусрави бузург на танҳо дар адабиёт, балки дар мусиқӣ ҳам «форсизабон» буд. Ӯ мекӯшид, ки ин фарҳангҳои аз тамаддунҳои қадим баромадаро ба ҳам наздик кунад. Худи Амир Хусрав рага ва мақомҳои гуногунро ба ҳам мепайваст ва дар асоси омезиши онҳо рагаҳои навро ба вуҷуд меовард. Масалан, дар асоси рагаи Билавал ва мақоми Рост мақоми нави Сарпардаро ба вуҷуд овардааст. Дар асоси мақоми Созгорӣ ва рагаи ҳиндии Марва, ӯ шакли мукаммалгардидаи мақоми нави Созгориро ташаккул додааст. Мақоми Созгорӣ то имрӯз танҳо аз рисолаҳои мусиқии Муҳаммади Нишопурӣ (асри XII) ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ба мо маълум аст[90]. Ҳамин омезиш-

[90] Мавлоно Кавкабӣ дар шакли «Созгор» онро ба ҳайси унвони яке аз мураккабот овардааст.

ҳо омили он гардиданд, ки дар рисолаҳои ҳинду аҷамии асрҳои миёна ҳам мақомҳои форсӣ-тоҷикӣ (аз Дувоздаҳмақом) ва ҳам рагаҳои ҳиндӣ таҳлил мешуданд. Ин тамоюл дар давраи Бобуриён (а.XVI – миёнаи асри XVIII) ба ташаккули «анъанаи рисоланависии ҳиндӣ-аҷамӣ» (истилоҳи Ф.А. Азизова, с.1987) меоварад [22].

Баҳри якдигарфаҳмии ҳинду форс-тоҷик Амир Хусрав созҳои мусиқиро ба навозандагии рага ворид месозад:

Чу ҳинду навозад аҷабруди хеш,
Бихандад аҷабруд бар дасти ӯ.

Ва:

«Ҳиндустониёни кунгуразан чӣ маълум кунанд, ки ҳамон аҷабруд бар суруди эшон дандон сафед мекунад».

Аз жанрҳои овозӣ Амир Хусрав ба қавволӣ аҳаммияти бузург додааст. Ба гуфтаи муҳаққиқи покистонӣ Мушфақ Салим Мирзо, қавволӣ дар равияҳои сӯфиёнаи Чиштия ва Қодирия густариш ёфта буд ва самоъи онҳо дар шакли қавволӣ мегузашт [115]. Эҳтимол Амир Хусрав, ки пайрави Чиштия буд, қавволи моҳир буд ва бо эҷодиёти худ дар рушди он саҳми арзанда гузошт.

Рисолаи мусиқии Амир Хусрави Деҳлавӣ «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ» дар унвони худ принсипи асосии мусиқӣ – асл-фаръ-ро дар бар гирифтааст. Ин рисола

❖ яке аз нахустин рисолаҳоест, ки дар он мусиқӣ ва назми классикии форс-тоҷик ду паҳлуи як падида арзёбӣ гардидаанд. Ӯ фанни мусиқиро аз риёзиёт дур карда, ба адабиёт, хусусан шеър наздик талқин медиҳад. Аз ин маълум мегардад, ки ӯ саҳму саъйю кӯшиши Сомониёни бузургро дар Эҳё ва поягузории фаҳмиши дунявии мусиқӣ хуб дарк карда, талқиноти онҳоро тарафдорӣ мекунад.

❖ характери амалӣ дорад, ба шарти мутрибии замон бахшида шудааст.

❖ ҳам мазмунан, ҳам шаклан наздикшавии мусиқӣ ва назмро инъикос мекунад.

❖ аз аввалин намунаи рисолаест, ки ягонагии системаи рага-мақоми ҳинду форс-тоҷикро таҷассум намудааст.

❖ унсурҳои тасаввуфӣ (дар истилоҳоти наздик ба «инсони комил», саҳмгузорӣ ба жанри қавволӣ)-ро доро аст.

❖ хусусиятҳои асосии ҷараёни рушди мусиқии созии замонашро хеле равшан баён кардааст. Муҳаққиқи маъруфи Эрон Маҳдӣ Баркашлӣ (а. XX) гуфтааст, ки «дар омӯзиши мусиқии Шарқ баъзе мусиқишиносон ба рисолаҳои мусиқӣ муроҷиат мекунанд, иддаи дигари онҳо – ба созҳои

мусиқӣ ва ин идда дар ин замина хеле муваффақ гаштааст» [42, с.10]. Рисолаи Амир Хусрав аз давраҳои дури асримиёнаӣ ба мо равандҳои амалии мусиқии созиро мерасонад, ки имрӯз онҳо ҳам мубрам ҳастанду ва ҳам дар истифодаи васеъ қарор доранд.

❖ ягона рисолаи мусиқии асримиёнаиест, ки моҳияти консептуалии мусиқии мақомот – принсипи асл-фаръро ба сарлавҳаи худ баровардааст.

Амир Хусрав рисолаи худро бо ин принсип ном гузоштааст, вале амали онро дар ҷараёни ҳар як унсур нadодааст. Шояд ин маънои онро дорад, ки дар замони ӯ принсипи асл-фаръ ҳамчун асоси мақомбандӣ хеле устувор буд ва муаллиф овардани шарҳи онро дар алоҳидагӣ зарур нашуморидааст.

III.3.4. Қутбиддини Шерозӣ.
Рисолаи мусиқӣ аз «Дуррату-т-тоҷ ли-ғуррати-д-Диббоҷ»

Маҳмуд бин Масъуд Қутбиддин Алломаи Шерозӣ (1236 – 1311) – яке аз намояндагони маъруфи илми асрҳои миёна аст. Ӯ дар Шероз таваллуд шуда, маълумоти ибтидоиро аз падар-табиб ва амакаш гирифта, сонӣ шогирди олими бузурги асри XIII Насриддини Тусӣ (с.ф. 1276) мешавад. Муддате ба Рум ва Суриё сафар карда, ба Табрез бармегардад ва ба омӯзиши китобҳои нуҷум, фалсафа, риёзӣ, мусиқӣ ва дигар машғул мешавад. Ӯ худ тарҷума мекард ва тавзеҳот менавишт. Қутбиддини Шерозӣ марди фозили замонаш буд. Қисми зиёди ҳаёти худро бо амри тақдир дар хизмати ҳокимони муғулии Эрон гузарондааст. Ва бо супориши яке аз онҳо (Диббоҷ) асари энсиклопедии «Дуррату-т-тоҷ»-ро навиштааст. Дар фанни мусиқӣ ӯро ҳамчун муаллифи рисолаи мусиқӣ дар асари энсиклопедии «Дуррату-т-тоҷ» мешиносанд. Ин асар ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шуда, қариб ҳамаи илмҳои ҳамон замонро дар бар мегирад.

Рисолаи мусиқӣ – «Дар илми мусиқӣ» дар фасли фанҳои риёзӣ ҷойгир аст[91].

Сохтори рисола чунин аст: муқаддима, мақолоти якум (аз 10 қисм), мақолоти дуюм (аз 10 қисм), мақолоти сеюм (аз 10 қисм), мақолоти чаҳорум (аз 4 қисм) ва хулоса (аз 11 суҳбат), мақолоти панҷум (аз 7 қисм) ва хотима.

Баҳси *«санъати иҷрои мусиқӣ»*-ро Қутбиддин Шерозӣ бо такя ба ақидаҳои олимони гузашта дар муқаддима оғоз мекунад.

---

[91] Нусхаи беҳтарини онро мусиқишинос Исҳоқ Раҷабов ба русӣ тарҷума карда, бо рисолаи доктории худ (1970) ба илм ворид кард [140]. Мутаассифона, дастнависи тарҷума то ҳол рӯйи чопро надидааст. Нусхаи дастнавис (соли 1309, иборат аз 31 варақ, 168а-198б), № 816 дар Хазинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи санъатшиносӣ (ш. Тошканд) маҳфуз аст. Дар ин китоб ҳамаи иқтибосҳо аз овардаҳои проф. И. Раҷабов [141] бо тарҷумаву тавзеҳоти мо меоянд .

Дар *муқаддима* Шерозӣ ду истилоҳро таҳлил кардааст: «савт» ва «нағма»-ро. Ду намуди савт – *«мулоим» ва «мунофир»*-ро ном гирифтааст. Инсон дорои қувваи сомеа аст. Ба қувваи сомеа ду гуна хос аст: қобилияти фарқ кардани садои маҳин ва садои дурушт ҳамчун садои ҷудогона (1); қобилияти шунидани садоҳои якҷо (2). Қобилияти фарқ кардани садоҳоро Шерозӣ *қуввати мумайиза* меномад ва онро ба инсон ва ҷонвар нисбат медиҳад. Вале таъкид мекунад, ки барои ҳайвонот савт василаи муошират (огоҳӣ аз хатар, пурсидани ёрӣ ва ҳ.) аст. Инсон зарурати ифода кардани фикру андеша, хушнудиву ғамгинии худро низ ҳис кард ва савтҳои мусиқиро ихтироъ кард. Савтҳо дар пайиҳамӣ ва якҷо ба инсон илҳом мебахшанд ва руҳашро қавӣ мегардонанд. Ин аст иқтидори мусиқӣ. Агар маҷмуи савтҳо номукаммал бошад, баръакс, инсонро озор медиҳад.

Бо истилоҳи «нағма» воҳиди лаҳниро ифода мекунад, ки барандаи мазмуни этикӣ аст. Ба воситаи он оҳанг меофаранд ва ин оҳанг қудрат дорад эҳсосоти гуногуни инсонро ифода намояд.

Ҳамин тавр, Қутбиддини Шерозӣ «савт»-ро ҳамчун садои мусиқавӣ ва «нағма»-ро чун дараҷаи лаҳнӣ талқин додааст.

Дар *қисмҳои аввал ва дуюми боби якум* Шерозӣ гуфтаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Сафиуддин Урмавиро муқоиса карда, шаш эроди Сафиуддин Урмавиро нисбат ба гуфтаҳои Форобӣ оварда, «савт»-ро чунин таъриф кардааст: «савт падидаест, ки онро мешунавем.. ...ҳамчун унсури мусиқавӣ он дорои пастубаландӣ ва замон аст. Савти мусиқавӣ танҳо дар мавриди лаппиш ба вуҷуд меояд».

Қисми сеюм дар бораи *нағма* аст. Муаллиф гуфтаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Сафиуддин Урмавиро қиёс карда, муносибати худро иброз менамояд. Баъди ин Шерозӣ тарафдор будани ду нуктаро аз таърифҳои фавқуззикр қайд кардааст: «нағма – ҳамеша натиҷаи лаппиш аст (дар ҳоле, ки савти ғайримусиқавӣ не); ва дуюм он ки савт ба гӯши инсон форам аст (ҳарчанд ки одамон салиқаи гуногун доранд)».

Қисми чаҳорум ба сабабҳои пайдоиши савтҳои пасту баланд бахшида шудааст. Шерозӣ баъзе гуфтаҳои Форобиро зери танқид гузошта, омилҳои пастубаландии савтҳоро чунин мешуморад: «омилҳои савтҳои болоӣ: 1) кӯтоҳии тор; 2) борикии тор; 3) дараҷаи сахт кашидани тор. Ва омилҳои савтҳои поёнӣ, баръакс: 1) дарозии тор; 2) ғафсии тор; 3) суст кашидани тор».

Дар *қисми панҷум* аввал ҳалқи инсонро сози мукаммалтарини мусиқӣ тасдиқ намуда, омилҳои физикии пайдоиши савтро дар асбобҳои торӣ ва нафасӣ муфассал мефаҳмонад.

Қисми шашум оид ба унсурҳои нағма дар рабт бо ҳарфҳо ва таъсири онҳо ба эҳсосоти инсон аст.

Дар *қисми ҳафтум* дар бораи калимаи «лаҳн» – маъно, сифат ва гунаҳои истифодаи он сухан меравад. Калимаи «лаҳн»-ро муродифи калимаи юнонии «мусиқӣ» дониста, ду маънои онро мегӯяд:

1. ибораи (пайиҳамии) савтҳои мусиқӣ дар ҳудуди замон (ритм)-и муайян;
2. ибораи (пайиҳамии) савтҳои мусиқӣ дар ҳудуди замон (ритм)-и муайян, ки бо шеъри пурмаънову воло сароида мешавад.

Қироати Қуръон ё тиловати хутба низ ба маънои дуюм як навъи лаҳн маҳсуб меёбад.

Шерозӣ лаҳнҳоро бо калимаи «нағамот» низ ном мегирад ва онро ҳамчун «оҳанг» маънидод мекунад.

Дар *қисми ҳаштум* гуфтааст, ки мусиқӣ иборат аз се қисм аст:

1. иҷрои мусиқӣ – сарояндагӣ ва навозандагӣ;
2. эҷоди мусиқӣ
3. назарияи мусиқӣ

Дутои аввалро ба амалияи мусиқӣ ва сеюмро ба илми мусиқӣ тааллуқ медонад (аз афкори Форобист – Ф.А.). Ӯ таъкид мекунад, ки сомеаи кас бояд барои дарки мусиқӣ омода бошад, қабули мусиқӣ ба шунавандаи воқиф аз сифатҳои зарбиву интонатсионии мусиқӣ бештар ҳаловат мебахшад.

Қисми нуҳум дар бораи фанни назарияи мусиқӣ аст, ки асосаш лаҳн аст ва унсурҳои дигари он нағамот ва дараҷот – ҷинс ва ҷамъ мебошанд.

Доираи фаннии мусиқиро фанҳои арифметика, геометрия ва табиатшиносӣ мешуморад (*қисми даҳум*). Шерозӣ қайд мекунад, ки он чи ки дар боби якуми рисола дида баромада шуд, бо фанни физика алоқаманд буд, дар гуфтаҳои бобҳои минбаъда мусиқӣ бештар аз ҷиҳати риёзӣ дида мешавад.

Дар даҳ қисми *боби дуюм*, дар бораи мутаносубии рақамии савтҳо, аз ҷумла, мисл = 1:1; зеъф = 2:1; амсол = 3:1; аъзоф = 4:1 ва таркиботи ҳар яки ин таносубҳо (*қисми якум*); вобастагии нисбати нағмаҳо аз дарозии тор, пайдошавии фосила иборат аз ду савти мусиқӣ (*қисми дуюм*); фосилаҳои консонансӣ ва диссонансӣ (*қисми сеюм*); бартарии фосилаҳои таносубии арифметикӣ аз таносубии геометрӣ; бартарии фосилаҳои иттифоқ барои сохтани оҳанг (*қисми чаҳорум*); таърифи буъд, ҷамъ ва лаҳн: буъд аз ду, ҷамъ – аз зиёда аз ду савт ташаккул меёбанд; лаҳн – ибораи савтии мавзун аст; дар қиёс бо ҷамъ лаҳн сифатҳои хоссаро дорост. Афкори Форобиро оид ба ҷамъ дар охир ҷамъбаст кардааст: «Маҷмуи савтҳое, ки дар таркибаш беш аз як ҷинс дорад» (*қисми панҷум*).

Қисми шашум дар бораи навъҳои фосилаҳост: *аъзам* (бузург), *авсат* (миёна) ва *сағир* (хурд). Шерозӣ мегӯяд, ки ҳарчанде ҳалқи инсон

мукаммалтарин сози мусиқӣ бошад ҳам (Форобӣ), дар чен кардани фосилаҳо он ва созҳои нафасӣ ба кор намераванд. Дар ҳалли ин масъала асбобҳои торӣ муфиданд, ки барои айён дидану чен кардани савту фосилаҳо имконият медиҳанд. Дар рисолаи худ Шерозӣ мутаносубии фосилаҳоро дар нақшаи тори сози уд овардааст. Ҷойгиршавии нағмаҳоро дар дастаи уд бо ҳарфҳо (абҷад) ишора кардааст.

Дар *қисми ҳафтум* Шерозӣ дар бораи дараҷаи хушоянд (консонанс) ва нохушоянд (диссонанс)-и фосилаҳо изҳори ақида менамояд. Аз он бармеояд, ки ба фосилаҳои консонанс октава, квинтдетсима, кварта, квинта, ундетсима, дуодетсима; фосилаҳои хурд (секундаҳои бузург ва хурд, нимпардаи хурд) тааллуқ доранд. Фосилаҳои аз инҳо калонтар ё хурдтар ба диссонанс дохиланд. Дар назарияи мусиқии асримиёнаии Шарқ фосилаҳои диссонанс унвонҳои алоҳида надоштанд. Онҳоро муаллифони рисолаҳо бо рақамишора ном мегиранд. Фосилаҳоро ду навъ мешуморанд: *иттифоқи аввал* ва *иттифоқи сонӣ*.

Қисми ҳаштум оид ба исмҳои абъод аст. Сухан дар бораи мутаносубӣ дар *абъоди аъзам* (имрӯза – таркибӣ), *авсат* (миёна) ва *сағир* (хурд) меравад:

азъоф (изофа) = (мутаносубии чаҳортоӣ) = *зил-кулл миаттайн* = квиндетсима[92].

зеъф ва нисфи зеъф ($2^{2}/_{3}$ = 8 : 3) = (мутаносубии сетоӣ) = *зил-кулл вал-хамс* = дуодетсима[93].

зеъф ва сулси зеъф = *зил-кулл вал-арбаа* = ундетсима[94].

зеъф = (2:1)= *зил-кулл* = октава

зеъф ва нисф ($1^{1}/_{2}$) = *зул-хамс* = квинта

мисл ва сулс ($1^{1}/_{3}$) = *зул-арбаа* = кварта

мисл ва сумн ($1^{1}/_{8}$) = *танини* = секундаи бузург ё мадда («дукарата»).

мисл ва саласа ($1^{13}/_{200}$) = *мисл ва ҷузви мин саласа арбаъийн* ($1^{1}/_{43}$) = *фазала* ва ё *бақия* (нимпардаи хурд).

Қисми нуҳум гурӯҳҳои фосилаҳо (абъод)-ро меоварад:

а) фосилаҳои бузург – *аъзам*:

- *зил-кулл миаттайн* (квинтдетсима)
- *зил-кулл вал-хамс* (дуодетсима)
- *зил-кулл вал-арбаа* (ундетсима)
- *зил кулл* (октава)

---

[92] Квинтдетсима (лот. quinta-decima – понздаҳум) – фосилаи таркибии мусиқӣ иборат аз 15 дараҷа, яъне дар ҳаҷми ду октава (1); дараҷаи понздаҳуми дараҷоти диатоникӣ (2).

[93] Дуодетсима (лот. duodecima – дувоздаҳум) – фосилаи таркибиест аз ҷамъи октава ва квинта ба вуҷуд омада (1); дараҷаи дувоздаҳуми дараҷоти диатоникӣ (2).

[94] Ундетсима (лот. undecima – ёздаҳум) – фосилаи таркибӣ, ки аз ҷамъи октава ва кварта ба вуҷуд меояд (1); дараҷаи ёздаҳуми дараҷоти диатоникӣ (2).

б) миёна – *авсат*:

- ❖ *зул-хамс* = квинта
- ❖ *зул арбаа* = кварта

в) хурд – *сағир*. Ин гурӯҳро инчунин абъоди лаҳнийа (яъне фосилаҳои оҳангӣ) меноманд. Онҳо се навъ мешаванд:

- ❖ *кабири лаҳнийа*, яъне бузурги оҳангӣ. Ин навъ тавассути коста кардани дараҷаҳои кварта ба вуҷуд меояд ва фосилаҳои квартаи костаанд.
- ❖ *авсати лаҳнийа* – навъи фосилаҳои секундаи бузурганд.
- ❖ *сағири лаҳнийа* – се навъи секундаи хурдро дар бар мегирад.

Қисми даҳум дар бораи савтҳоест, ки аз тори кушода (мутлақ) ва қисми поёнии он ба вуҷуд меоянд. Ин савтҳо аз савтҳои дигар фарқ мекунанд.

Боби сеюм низ аз даҳ қисм иборат аст:

қисми якум – баҳсест оид ба он ки чӣ тавр фосилаҳо дар натиҷаи ҷамъу кам кардан пайдо мешаванд;

қисми дуюм – тақсимоти фосилаҳо ва истифодаи онҳо;

қисми сеюм – тақсими кварта ба фосилаҳои лаҳнӣ (оҳангӣ);

Қисми чаҳоруми боби сеюм дар бораи тақсими кварта ва унвонҳои навъи он. Квартаро ба се ва ё баъзан ба чаҳор тақсим мекунанд.

Дараҷоти квартаи тақсимшуда ҷинс номида мешавад. Онҳо гуногунанд. Кварта ҳеҷ гоҳ ба қисмҳои якхела тақсим намешавад, зеро ки дар ин маврид зебо намебарояд. Фосилаи аввал аз секундаи бузург калонтар, дуюм – баробари он ва сеюм аз он хурдтар мешавад.

қисми панҷум – дар бораи тақсими кварта ба се қисм. Ин қисмҳо нобаробаранд ва дар асоси онҳо метавон ҷинсҳои сершумор ба вуҷуд овард;

қисми шашум – тақсими кварта ба чаҳор қисм;

қисми ҳафтум – оид ба дараҷаи хушояндии ҷинсҳо;

қисми ҳаштум – оид ба ҷинсҳои маъмулӣ ва гумшуда (берун аз амалияи мусиқӣ);

қисми нуҳум – дар бораи тақсими квинта ба 81 гуна тавассути ҷамъи як секундаи бузург (дар ибтидо, мобайн ва охир) ба кварта;

қисми даҳум – масъалаҳои дигаре марбут ба сохтори ҷинс.

Баъзе муҳаққиқон мешуморанд, ки «ҷинс – қисми ҷамъ, маҷмуи пайиҳамии се фосилаест дар диапазони кварта». Ба гуфтаи Шерозӣ ин таърифи комили ҷинс буда наметавонад, зеро ки ҷинсҳои мустақил (ки қисми ҷамъ нестанд) ба чунин таъриф мансуб намешаванд.

Муҳаққиқони иддаи дигар мегӯянд, ки «ҷинс – маҷмуи пайиҳамии пардаҳоест дар диапазони абъоди авсат (кварта ва квинта)». Ба ақидаи Шерозӣ ин ҳам номукаммал аст, чунки ҷинсҳои аз диапазони кварта хурд ба он дохил шуда наметавонанд.

Хулосаи Шерозӣ он аст, ки «ба ҷинс он маҷмуи пайиҳамии савтҳо дохиланд, ки дар диапазони абъоди авсат (кварта, квинта) ва ё диапазони хурдтар аз онҳо ҷой мегиранд».

Ҷинсҳои маъмулӣ ду намуд мешаванд:1. *лаййин*; 2. *қавӣ*.

Дар навбати худ *ҷинсҳои лаййин* се гуна мешаванд – расмӣ, қавнӣ, низомӣ (расим, қавнӣ, нозим).

Гунаи якум *расим* («кашидашуда», «тасвиршуда»). Он дукарата (азъаф) аст, чунки дар таркибаш ду фосилаи якхела аст. Садои ҳар ду хеле зебост, мисли тасвир.

Гунаи дуюм *қавнӣ* («дунявӣ») ном дорад. Он аз якум дида маҳинтар ва ба гӯш форамтар аст.

Гунаи сеюми ҷинсҳо *нозим* («батартиб»).

Ҳар кадоми ин се боз дугунаианд, ки ба шаш гурӯҳ тааллуқ доранд. Дар натиҷа теъдоди умумии гунаҳои *ҷинсҳои лаййин* ба 36 мерасад.

Ҷинсҳои қавӣ 4 хеланд:

- *ғайримуттасил* («васлнашаванда»)
- *зуттазъиф* («иловашуда», «дукарата»)
- *муттасил* («пайвастшаванда»)
- *мунфасил* («ҷудошуда»)

Ҳамагӣ дар амалияи мусиқӣ 81 ҷинси қавӣ дар истифода аст.

Боби чаҳорум аз чаҳор қисм ва хотима иборат аст.

Он ба сохтани табақот, ҷинсҳо дар диапазони фосилаҳои аъзам, мутаносубӣ ва теъдоди чунин фосилаҳо бахшида шудааст.

Қисми якум оид ба сохтани кварта бо иловаи секундаи бузург дар ҳудуди октава ва дуоктаваӣ (квинтдетсима) мебошад. Шерозӣ чунин таърифи ҷамъро овардааст: «ҷамъ – маҷмуи пайиҳамии пардаҳост дар диапазони фосилаи аъзам (аз октава то квиндетсима – Ф.А.). Онҳо дар натиҷаи тақсимшавии абъоди аъзам ба вуҷуд меоянд».

Байни онҳо аз ҳама шарифтарин фосила октава аст, ки аз ду кварта ва як секундаи бузург иборат аст. Ҳар як тетрахорди таркибии он ҷинс номида мешавад. Инак, «аз пайвастшавии ду ҷинс бо як фосилаи секундаи бузург дар ҳудуди октава дараҷоте пайдо мешавад, ки давр ном дорад».

Тетрахорди якум *табақаи аввал* ва тетрахорди дуюм – *табақаи сонийа* ном мегиранд. Секундаи бузург зимни ин дараҷот унвони фосила (ба маънои «ҷудокунанда», «мобайнӣ»)-ро ба худ мегирад. Ҳамин тавр, дар ҳудуди октава ду ҷинс (тетрахорд) бо фосилаи мобайнии секундаи бузург – *танинӣ* ҷо мегирад. Аз ин се (ду тетрахорд ва як секундаи бузург) вобаста ба ҷойгиршавии фосила (ба маънои «ҷудокунанда», «мобайнӣ») – дар ибтидо, мобайн ва ё охир, се хели дараҷот ба вуҷуд меояд.

Фосилаи миаттайн (квинтдетсима) низ бо ҳамин принсип сохта мешавад: тетрахорди поёнии октаваи дуюм – *табақоти салиса* (табақоти сеюм), тетрахорди болоии октаваи дуюм – *табақоти робиан*. Пайвастшавии табақоти таркибии миаттайн имконияти пайдошавии нуҳ гунаи ҷамъро медиҳад.

Дар *қисми дуюм* дар бораи миқдори дараҷаҳои ҷамъ ва унвонҳои онҳо сухан меравад.

Ҳар як ҷамъ аз ду октава иборат мешавад, дар он ҳар як октава – аз ду ҷинс. Шерозӣ таъкид кардааст, ки теъдоди дараҷаҳои ин ҷинсҳо дар ҳар маврид гуногун буда метавонад. Дар мавриди истифодаи мустақили ҷинсҳо теъдоди дараҷаҳои онҳо зиёдтар аст, аз мавриде, ки ҷинс ба ҳайси воҳиди дохилии ҷамъ истифода шавад. Дар ҳолати пайвастшавии ҷинсҳо ба ҷамъ баъзе дараҷаҳо умумӣ мешаванд. Дар натиҷа ҷамъҳои ҳафт то понздаҳдараҷаӣ ба вуҷуд меоянд.

Унвонҳои дараҷаҳо:

I – *сақилот-ал-мафрузат* («асосиҳои поёнӣ»), фарзан – тоника;

II – *сақилот-ар-рабисат* («поёниҳои ангуштгирифта») – «рабисати поёнӣ»;

Ҳамин тавр номи дараҷаҳои дигар ҳам оварда шудааст:

III – *васитот-ар-рабисат* – «рабисати миёнӣ»;

IV – *ҳаддат-ар-рабисат* – «рабисати болоӣ»;

V – *сақилот-ул-авсат* – «авсати поёнӣ»;

VI – *воситат-ул-авсат* – «авсати миёнӣ»;

VII – *ҳаддат-ул-авсат* – «авсати болоӣ»;

VIII – *ал-вусто* – «миёнӣ».

Ба гуфтаи Шерозӣ дар октаваи поёнӣ ин унвонҳо дар ягон ҳол тағйир намеёбанд.

1. Дар октаваи болоӣ, агар фосила (ба маънои «ҷудокунанда», «мобайнӣ») дар поёни ҷамъ ояд, он гоҳ дараҷаҳо чунин номҳоро мегиранд :

IX – *фосилаи вусто* – «фосилаи миёнӣ» (яъне аз миёнӣ як секундаи бузург = фосила ҷойгир аст).

X – *сақилот ал-мунфосилот* – «ҷудокунандаи поёнӣ»;

XI – *васитот ул-мунфосилот* – «ҷудокунандаи миёнӣ»;

XII – *ҳаддатот ал-мунфосилот* – «ҷудокунандаи болоӣ»;

XIII – *сақилот ал-ҳаддот* – «поёни болотарин»;

XIV – *вақитот ал-ҳаддот* – «миёнии болотарин»;

XV – *ҳаддот ал-ҳаддот* – «болоии болотарин».

2. Агар фосила дар октаваи болоии ҷамъ ҷой гирад, дараҷаҳои IX, X ва XI ҳамон унвонҳоро бо иловаи калимаи муттасилот («тағйирнаёбанда» ё «пайвастшуда») мегиранд: *сақилот ал-муттасилот, ваcитот ал-*

муттасилот ва *ҳаддот ал-муттасилот*; дараҷаҳои XII, XII ва XIV – *сақилот ул-ҳаддот, василот ул-ҳаддот, ҳаддот ал-ҳаддот*; дараҷаи XV – *фосилат ул-ҳаддот* (ба маънои фосилаи қисми болотарин).

3. Агар фосила дар мобайни октаваи болоӣ ҷо гирад, дар ин ҳолат номи дараҷаҳои IX, X ва XI – ҳамон тавр (*сақилот ал-муттасилот, воситот ал-муттасилот* ва *ҳаддот ал-муттасилот*) боқӣ мемонад, дараҷаи XII – *фосилот ал-муттасилот* ва дараҷаҳои XIII, XIV, XV дар якҷояшавӣ бо калимаи «*ҳаддот*» ном мегиранд.

Баъзе муҳаққиқони пешин ҷамъи аз октаваи поёнӣ бо иловаи тетрахорди сеюм пайвастшуда ва диапазони савтҳои канории он баробари ундетсима (8:3) бударо *ҷамъи комил* ном гирифтаанд. Олимони минбаъда ба онҳо норозигӣ баён карда, *ҷамъи комил* гуфта, ҷамъи баробари квинтдетсима – зулл-кулл-мираттайн (4:1)-ро мегӯянд, зеро ки он ҳамаи унсурҳои таркибии дараҷотро бо хусусиятҳои беҳтарин дар бар гирифтааст.

Қисми сеюм дар бораи гурӯҳҳои гуногуни ҷамъҳост, *қисми чаҳорум* оид ба баҳрҳо ва навъҳои ҷамъҳост. Ба гуфтаи Шерозӣ ҳар як ҷамъ аз якчанд табақот ё ҷинс иборат аст, ки онҳоро *баҳр* меноманд. Як ҷамъ метавонад баҳрҳои гуногунро дар бар гирад. Шерозӣ ҷадвали баҳрҳои таркибии дорои диапазони квинтдетсимаро овардааст. Дар ҳашт дараҷаи октава панҷ баҳри квартоӣ (яъне навъи тетрахордӣ) ва аз як ҷамъи квиндетсима – нуҳ навъҳои якоктаваӣ пайдо мешавад.

Хотимаи боби чаҳорум ба сози мусиқии уд ва тарзи сохтани ҷинсҳо дар торҳои он бахшида шудааст. Хотима аз 11 суҳбат иборат аст.

Дар *суҳбати аввал* оид ба асбобҳои мусиқӣ ва афзалияти уд сухан меравад. Шерозӣ хотиррасон мекунад, ки ба ақидаи Форобӣ сози мукаммалтарин ҳалқи инсон аст, баъд – най ва сониян – танбӯр, ки он замонҳо номи дигари камонча (имрӯз – сато)-ро низ дошт.

Созҳои ториро Шерозӣ ба ду гурӯҳ тақсим мекунад:

1. ҳамонҳое, ки савтҳои дорои пастубаландии гуногун танҳо дар торҳои кушоди онҳо иҷро карда мешавад, ба монанди чанг, қонун, нузха, навҳӣ ва ҳ.

2. созҳое, ки савтҳои дорои пастубаландии гуногунро метавон дар як тори он навохт, масалан, уд ва дигар.

Дар гурӯҳи дуюми созҳои мусиқӣ услуби баровардани садо осонтар аст.

Удро мукаммалтарин сози мусиқӣ мешуморад. Афзалияти уд дар он аст, ки ҷӯри он квартоӣ аст. Ҳамаи панҷ ҷуфти тори уд ба кварта ҷӯр мешаванд. Номҳои торҳо чунинанд: бам («бас»), маслас («сегона»), масна («дугуна»), зер («болоӣ») ва ҳадд («болотарин»).

Суҳбати дуюм дар бораи ҷойгиршавии дастон аст. «Дастон» гуфта пардабандҳоеро меномиданд дар дастаи сози мусиқӣ. Онҳо ҷойи савтбарорӣ маҳсуб меёбад. Шерозӣ қайд кардааст, ки тарзи тақсимоти тор ва ҷойгиршавии дастон дар гуфтаҳои Форобӣ ва Сафиуддин Урмавӣ гуногунанд. Тақсимоти Форобӣ мураккабтар аст ва дастон дар он дар масофаи хурдтар ҷо гирифтаанд.

Суҳбати сеюм оид ба пардаҳои канорӣи фосилаҳо дар дастонҳои уд.

Ҷӯри муқаррарии уд квартоӣ аст. Муаллиф мисолҳои зиёдеро барои талқини мавзуъ меоварад. Сози уд диапазони беш аз ду октаваиро дорост. Ҳар як октаваи он 17 дараҷаро дар бар мегирад.

Суҳбати чаҳорум ба тарзи садобарории ҷинсҳо дар дастаи уд бахшида шудааст. Дар амалияи мусиқӣ фосилаҳои оҳангӣ (аз кварта хурдтар) се навъ мешаванд:

- ❖ фосилаҳои оҳангии бузург (*аъзам*) – бо ду пардабанди мобайнӣ – бо номи *танинӣ* (Т) баробари секундаи бузург;
- ❖ фосилаҳои оҳангии миёна (*авсат*) – бо як пардабанди мобайнӣ – бо номи *муҷаннаб* (Ҷ) баробари секундаи хурд;
- ❖ фосилаҳои оҳангии хурд (*сағир*) – бе пардабанди мобайнӣ, *бақия* (Б) баробари секундаи хурд.

Ҷинс – маҷмуи пайиҳамии се фосилаи оҳангӣ дар ҳудуди кварта мебошад. Чунин таъриф ба ҷинсҳои таркибии ҷамъ дахл дорад. Сохтани чунин ҷинс танҳо аз фосилаҳои гуногун имконпазир аст. Зеро ки, агар ҷинс аз фосилаҳои якхела сохта шавад, масалан, аз фосилаи бақия (Б) квартаро пур кунем, он иборат аз 7-8 дараҷа мешавад. Ҷинсҳои ҳафт-ҳаштдараҷаӣ, яъне ҷинси беш аз се фосиладор ҷинси таркибии ҷамъ шуда наметавонад. Чунин ҷинсҳо ба таври мустақил маъмул мешаванд.

Шерозӣ барои сохтани ҷинсҳо навъи *ҷинси лаййинро* истифода мебарад. Ӯ ду тарзи онро меоварад. Дар *тарзи аввали* сохтани ҷинс ду фосилаи Т бо як бақия (дар ҳолати болораванда) пайваст мешаванд ва ин гурӯҳи ҷинсҳоро *зул-маддатайн* меноманд :

Т+Т+Б = 204+204+90

Б+Т+Т = 90+204+204

Т+Б+Т = 204+90+204

Дар *тарзи дуюм* – ду Ҷ бо Т (дар ҳолати болораванда) ва ин гурӯҳи ҷинсҳо *муттасили авсат* («миёнаи пайвастшуда») ном дорад :

Т+Ҷ+ Ҷ = 204+180+114

Ҷ+ Ҷ+Т = 180+114+204

Ҷ+Т+ Ҷ = 180+204+114

Ҳар дуи ин гурӯҳи ҷинсҳо ба навъи ғайри муфрад дохил мешаванд ва дар алоҳидагӣ (ба таври мустақил) маъмул нестанд.

Шерозӣ ба ҳайси *аҷноси муфрад* («ҷинсҳои алоҳида»), ки ба ҷамъ дохил нестанд ва мустақил маъмуланд, инҳоро овардааст:

муфради аввал : Ҷ+Ҷ+Ҷ+Б = 180+114+114+90

муфради сонӣ : Ҷ+Ҷ+Ҷ = 180+180+114

Инчунин ҷинсҳоеро меоварад, ки ба ҳайси ҷамъ низ нақш мебозанд:

ҷинси муфради асғар : Ҷ+Ҷ+Б+Т+Ҷ = 180+114+90+204+114

ҷинси асғар : Ҷ+Ҷ+Б = 180+114+90

ҷинси муфради аъзам : Ҷ+Т+Ҷ+Ҷ+Б = 180+204+180+114+180

ҷинси муфради асват : Ҷ+Б+Т+Ҷ +Ҷ =180+90+204+114+180

Суҳбати панҷум ба гунаҳои ҷамъ ва тарзи навохти онҳо дар уд бахшида шудааст.

Ҷамъ пардаҳои буъдҳои аъзам ва авсатро дар бар мегирад. Агар маҷмуи пайиҳамии ҷамъ аз як октава хурд бошад, онро *ҷамъи ноқис* меноманд, дар диапазони октава – *давр*, дар диапазони ундетсима – *ҷамъи комил*. Дараҷоти ҳудуди майдони садоии квинтдетсима низ ҷамъ аст, вале он танҳо дар мусиқии созӣ ба кор бурда мешавад.

Маълум аст, ки октава метавонад аз пайвастшавии ду кварта (холис) ва як секундаи бузург ба вуҷуд ояд. Барои сохтани давр ду ҷинсро (новобаста аз сохтори дарунии онҳо) пайваст карда, ба онҳо як секундаи бузургро (дар аввал, мобайн ва ё дар охир) ҳамроҳ кардан кифоя аст. Айнан ҳамин тавр аз пайвастшавии ду ҷинси гуногун дар ҳудуди кварта ва квинта (тетрахорд ва пентахорд – Ф.А.) новобаста аз пасупешоии онҳо давр ташаккул меёбад.

Инак, Шерозӣ, ду тарзи ба вуҷуд овардани даврро қайд кардааст:

- тетрахорд+тетрахорд+секундаи бузург;
- тетрахорд+пентахорд.

Дар идомаи ин таҳлилҳо Шерозӣ шакли ҳамаи ҷамъҳои дар амалияи мусиқии замонаш маъмулро дар нақшаи муфассал овардааст.

Суҳбати шашум дар бораи сохтани навъи давраҳо тибқи пардабандии уд, ки дар октаваи поёнӣ номи табақотро доранд.

Сафиуддини Урмавӣ мегӯяд, ки дар уд ҳамагӣ 17 парда аст. Ҳар як даврaро метавон аз ҳар як парда сохт. Шерозӣ чунин мешуморад, ки ҳар як парда функсияи тоникаро иҷро карда наметавонад.

Шерозӣ, ҳарчанд ки таърифи падидаи «мақом»-ро наовардааст, вале нахустин муаллиф аст, ки истилоҳи «мақом»-ро ба маънои имрӯза истифода бурдааст. Масалан, ӯ мегӯяд: «... дар мақомҳои Ушшоқ ва Бусалик умумият ҷо дорад. Аввали табақоти якуми мақоми Ушшоқ ва охири табақоти мақоми Бусалик як аст. Лекин ба гӯш ин умумият гуногун мерасад..». Аз ин маълум мешавад, ки мафҳуми «мақом» ба ӯ нав набуд ва дар амалияи мусиқии замонаш хеле фаровон истифода мешуд.

Суҳбати ҳафтум дар бораи гунаҳои сохтани ҷамъҳо дар мавриди ҷӯри ғайрикварта дар уд. Дар ин маврид сохтани ҷамъҳо аз ҷӯри соз вобастагӣ дорад. Шерозӣ ду тарзи ҷӯрро дар ин маврид қайд кардааст:

- бо мутаносубии якхелаи ҳамаи торҳо;
- бо мутаносубии гуногуни торҳо.

Тибқи ин ду гунаи ҷӯр Шерозӣ ҷадвали сохтани ҷамъҳоро аз ҳафтдаҳ парда дар табақоти Ушшоқ ва табақоти Бусалик овардааст.

Дар *суҳбати ҳаштум* мафҳумҳои *парда, овоз, таркиб* ва *шуъба* таъриф ва талқини худро меёбанд.

Парда – системаи савтҳост, ки бо тартиби муайян ба низом дароварда шудааст ва бо диапазони фосилаи октава маҳдуд аст. Дар ин талқинот *парда* муродифи *ҷамъ* маҳсуб меёбад. Шерозӣ мегӯяд, ки Сафиуддини Урмавӣ пардаҳои зеринро номбар кардааст: Ушшоқ, Наво, Салмак, Рост, Наврӯз, Ироқ, Исфаҳон, Бузург, Зерафканд, Раҳовӣ.

Овоз дорои диапазони аз октава (парда) хурдтар аст. Баъзе ҷамъҳо, масалан, Гардонийя, Наврӯз, Муҳайяр ва Исфаҳон овозанд (на парда).

Таркиб аз қисмҳои гуногуни *парда*, *овоз* ва *шуъба* ташкил меёбад.

Шуъбаҳо инҳоанд: Дугоҳ, Сегоҳ, Чоргоҳ, Панҷгоҳ, Рӯйи Ироқ, Мубарқаъ, Моя, Ҳисор. Моҳияти шуъба бо он муайян мешавад, ки то кадом дараҷа дар он нуфузи ин ё он парда (ба маънои лаҳн) аст. Он метавонад қисми поёнӣ ё болоии парда-лаҳн маҳсуб ёфта, дар таркиби он бошад. Мавқеи шуъба дар парда-лаҳн хеле устувор ва мушаххас аст.

Навозандагони замони Шерозӣ якчанд пардаҳои мушаххасро ба ҳайси тоника истифода мебурданд. Шерозӣ дараҷоти ин ё он парда-лаҳн, овоз ва шуъбаро мушаххас намеоварад. Ӯ фақат қайд мекунад, ки «агар дараҷотро аз пардаи муайяне оғоз кунанд, аз номи он номи дараҷот ба вуҷуд меояд».

Суҳбати нуҳум дар боби он аст, ки баъзан дараҷоти парда бо дараҷоти пардаи дигар монанд мешавад, қисмҳои поёнӣ ва ё болоии онҳо якхелаанд. Шерозӣ истилоҳоти «парда» ва «мақом»-ро ба як маъно (лаҳн, тоналност) истифода мебарад. Ин аз он далолат медиҳад, ки дар амалияи мусиқии давраи ӯ ивазшавии истилоҳи «парда» ба «мақом» аллакай оғоз гардида буд. Ба гуфтаи Шерозӣ дар мусиқии замони ӯ мақом, шуъба ва таркиб мафҳумҳои асосӣ ба шумор мераванд. Вале нисбати миқдор ва хусусиятҳои шуъбаву овоз ақидаҳо гуногунанд. Шерозӣ аз овардани онҳо даст мекашад.

Суҳбати даҳум ба таъсири эмотсионалии пардаҳо бахшида шудааст. Ба ақидаи Шерозӣ ҳар як парда ба эҳсосоти инсон бо иқтидори гуногун таъсирбахш аст. Аз ҷумла, Ушшоқ, Бусалик, Наво – ҷасурӣ; Рост, Ироқ, Наврӯз, Исфаҳон – худ маҳин ҳастанд ва таассуроти хуб мерасонанд; Бузург, Раҳовӣ, Зерафканд, Зангӯла, Ҳусайнӣ – ғамгиниро ба вуҷуд

меоваранд. Ин таассуроти пардаҳо дар вақти интихоби шеърҳо ба эътибор гирифта мешаванд.

Суҳбати ёздаҳум дар бораи навъи ҳаракат (интиқол)-и пардаҳо дар оҳанг аст. Онҳо якчандтоанд:

- *ҳабит* – поёнраванда
- *саъид* – болораванда
- *муҳтамил* («тахминан») – ҳаракати оҳангие, ки аз мобайн оғоз мегардад, болораванда ва ё поёнраванда мешавад;
- *мустақим* («ҳаракати рост») – ҳолатест, ки ҳаракати поёнраванда (*интиқоли ҳабит*) ва болораванда (*интиқоли саъид*)-и оҳанг пайиҳам ба амал омада, ба пардаи аввал бармегардад.
- *интиқоли роҷеъ* («бозгашт») – ҳаракати бозгашт ба сӯи сарпарда (тоника), яккаратаи он – «*роҷеъи фард*», якчанд маротибаи он – «*мутаватир*» («такроршаванда»). Агар фуромад ба сарпарда бошад – *лаҳиқ* ва агар ба пардаҳои ҳамсоя – *маҳалл.*
- *интиқоли муттасил* («пайдарпай») – ҳаракатест, ки дар он пардаи аввал (сарпарда) ҳар дафъа баъди дараҷаҳои болораванда омадааст.
- *интиқоли тафир* («ҷаҳишӣ»)

Дар ин ҷо хотиррасон мекунад, ки ба гуфтаи Форобӣ дар сохтани оҳанг савтҳои канории лаҳн «мабади алҳон» такягоҳанд, савтҳои мобайнӣ – ёрирасон.

Ҳаракати оҳанг метавонад *мустақим* ва *ғайримустақим* бошад. Ва дуюм навъҳои гуногун дорад:

- *мунъатиф* («гардишӣ»)
- *мустадир* («ҳалқашакл»)
- *мутаъарриҷ* («шикаста»)

Боби панҷум – дар бораи зарб (иқоъ), давраҳои зарбӣ (адвор) ва ҳолати сохтани оҳанг аст. Аз ҳафт қисм ва хотима иборат аст.

Дар *қисми якум* Шерозӣ таърифи иқоъро меоварад, ки пешиниён гуфтаанд:

Форобӣ: «иқоъ – ҷойгиршавии савтҳо дар замони муайянро мегӯянд, ки деранд ва таносубият дар он бо ҳамон замон маҳдуданд».

Сафиуддини Урмавӣ: «иқоъ – маҷмуи нақраҳост, ки замони мобайни онҳо миқдоран маҳдуд аст. Нақраҳо дар ин қолабҳо ба таври даври иқоъӣ ҷойгир шудаанд ва муназзамии нақраҳоро дар даври иқоъӣ гӯши инсон эҳсос мекунад».

Шерозӣ ба гуфтаи Сафиуддин эрод мегирад. Ба ақидаи ӯ дар он фарқияти мафҳумҳои «давр» ва «иқоъ» носаҳеҳанд.

Қисми дуюм – оид ба деранди мобайни нақраҳо дар иқоъ ва гунаҳои он. Дар ҷараёни оҳанг, он гоҳ, ки як нағма ба нағмаи дигар мегузарад, вақте

мегузарад. Лаҳзаи оғоз то анҷоми садодиҳии нағма накра номида мешавад. Онҳо дорои деранданд. Байни нақраҳо вақти муайяне ҷо дорад. Он кӯтоҳ мешавад ё дароз. Воҳиди муқаррарии муддати вақти байни нақраҳо «А» (ا *алиф*), аз он дарозтар – «Б» (ب *бе*), аз он ҳам дарозтар – «Ҷ» (ج *ҷим*) ва чаҳор маротиб дарозтар – «Д» (د *дол*) ва панҷ маротиба дарозтар – «Ҳ» (ه *ҳейи ҳавваз*).

Ба гуфтаи Форобӣ замони байни нақраҳо набояд аз «Ҳ» зиёд бошад, чунки дар ин маврид он сабаби вайрон шудани оҳанг мегардад. Ва агар ин замон зудтар аз «А» бошад, он *тавъид* («шартӣ») ва ё *тазъиф* («коста») номида мешавад. Ҳамин тавр, воҳиди асосии замонии байни ду накра «А» мебошад. Дар ин маврид байни он ду нақра гузоштани ягон чизи сеюм имконнопазир аст. Байни «Б» метавон як нақраро гузошт, байни «Ҷ» – ду нақра ва байни «Д» – се нақра ва байни «Ҳ» – чаҳор нақраро. Деранди «А» барои ҷараёни оҳанг хуб аст, деранди «Ҳ» хеле кам вомехӯрад. Дерандҳои дигар («Б», «Ҷ» ва «Д») дар амалияи эҷоди оҳанг фаровон ҷо доранд.

Дар *қисми сеюм* дар бораи гунаҳои иқоъ сухан меравад. Дар ин масъала ду назар аст ва яке ба Форобӣ, дигаре ба ҳамзамонони Шерозӣ тааллуқ дорад.

Форобӣ: «дерандҳои байни нақраҳо ба якдигар баробар мешаванд ва ё баробар намешаванд». Дар ҳолати баробар будан, онро *ҳазаҷ* меноманд: деранди байни ду нақра «А» бошад – *хосийат ал-ҳазаҷ* ва *сареъ ул-ҳазаҷ* («ҳазаҷи ҳаракаткунанда»); дар мавриди «Б» – *хафиф ал-ҳазаҷ* («ҳазаҷи сабук»); «Ҷ» – *хафиф ас-сақил ал-ҳазаҷ* («ҳазаҷи сабуку вазнин»); «Д» – *сақил ал-ҳазаҷ* («ҳазаҷи вазнин»). Сонӣ, Шерозӣ бо мисолҳо гуфтаҳои Форобӣ ва эродҳои Сафиуддин Урмавиро бар он меоварад.

Ҳамзамонони Шерозӣ гурӯҳҳои иқоъӣ (*азминаи иқоъӣ*) ва *доираҳои иқоъӣ* сохтаанд, ки дар якҷоягӣ системаи адворро тартиб медиҳанд. Дар он ҳар як *даври иқоъӣ* гаштаву баргашта такрор шудан мегирад. Байни оҳанг ва адвор алоқамандии зич ба вуҷуд меояд. Вақти байни ду доираи иқоъиро *фосилаи доира* меноманд. Ба ҳамин равол Шерозӣ нозукиҳои системаи зарбии замонашро хеле муфассал овардааст. Сониян, адвори зарбии замонро меоварад ва ҳар як давраи зарбиро бо таркиботи он нишон медиҳад:

1. *сақили аввал* – иборат аз шонздаҳ нақра, аз нақраҳои *ҳазаҷ*, ки панҷ рукнро ташкил медиҳад: ду ватади пайваста (*ватади маҷмуъ*), як фосилаи хурд (*фосилаи сугро*), як сабаби сабук (*сабаби хафиф*), як фосилаи хурд (*фосилаи сугро*). Ба ҳамин сурат баҳри шеърии зерин ташаккул мeёбад:

мафоъилун – фаъилун – муфтаъилун
v – v – / v v – / – v v –
танан-танан/ тананан / тан-тананан

2. *сақили сонӣ* – иборат аз ҳашт нақра: ду ватади пайваста (*ватади маҷмуъ*) ва як сабаби сабук (*сабаби хафиф*):

ма фоъ и ла тун
v – v – –
та - нан-та-нан-тан

3. *хафифи сақил* – аз чаҳор нақра дар як фосилаи хурд (*фосилаи суғро*) ташкил мешавад:

фа ъи лун
v v –
та – на-нан

4. *рамал* – иборат аз дувоздаҳ нақра бо як дар миён омадани ду сабаби сабук (*сабаби хафиф*) ва ду фосилаи хурд (*фосилаи суғро*):

муф та ъи лун – муф таъ и лун
– v v – / – v v –
тан – та-на-нан / тан – та-на-нан

5. *хафифи рамал* – иборат аз шаш нақра, ба нисфи рамал баробар аст:

муф та ъи лун
– v v –
тан – та – на-нан

6. *ҳазаҷ* – иборат аз се нақра дар шакли *ватади маҷмӯъ*.

7. *сақили рамал* – аз бисту чор нақра иборат аст: чаҳор фосилаи хурд (*фосилаи суғро*) ва чаҳор сабаби сабук (*сабаби хафиф*) :

фа ъи ло тун – фа ъи ло тун – фа ъи ло тун – фа ъи ло тун
v v – – / v v – – / v v – – / v v – –
та-на-нан-тан / та - нанантан / та на нан тан / та на нан тан

8. *хафифи рамал* – иборат аз даҳ нақра: сабаби сабук (*сабаби хафиф*) ва *ватади маҷмуъ*-и дукарата:

фаъ и лун – фаъ и лун
– v – / – v –
тан-та-нан / тан-та-нан

9. *фохтӣ* (*фохта*) – даври иқоъӣ иборат аз бист нақра: ду сабаби сабук (*сабаби хафиф*) ва ду фосилаи хурд (*фосилаи суғро*):

муф та ъи лун – фа ъи лун муф та ъи лун – фа ъи лун
– v v – / v v – / – v v – / v v –
тан - та-на-нан / та -на-нан / тан-та-на-нан / та на нан

10. *фахтаи зоид* («фахтаи афзуда») – иборат аз 28 нақра: ду сабаби сабук (*сабаби хафиф*), се фосилаи хурд (*фосилаи суғро*) :

муф та ъи лун – фа ъи лун – фа ъи лун
– v v – / v v – / v v –
тан-та - на-нан / та-на-нан / та-на -нан

Дар он намунаи зерин ду бор такрор мешавад.

Ҳамаи даврҳои иқоъие, ки Шерозӣ овардааст, ба гуфтаи ӯ тибқи гуфтаҳои Сафиуддини Урмавӣ аст. Ва дар замони Шерозӣ даврҳои дигари иқоъӣ низ дар амалияи мусиқӣ маъмул буданд:

1) *хафиф* – иборат аз шонздаҳ нақра: ду сабаби сабук (*сабаби хафиф*) ва як фосилаи хурд (*фосилаи суғро*), ки ду бор меоянд.

2) мухаммас – ба нисфи даври иқоии хафиф баробар аст.

3*) зарби Рост* / *зарби асл* – иборат аз дувоздаҳ нақра: чаҳор сабаби сабук (*сабаби хафиф*) ва як фосилаи хурд (*фосилаи суғро*).

4) *зеъф* – иборат аз дувоздаҳ нақра: шаш сабаби сабук (*сабаби хафиф*).

Дар идома Шерозӣ даврҳои зиёди иқоъиро бо нақшаҳо (ҷадвалҳо) овардааст. Ва байни онҳо даврҳое ҳастанд, ки дар боло оварда нашуда буданд.

Қисми чаҳоруми боби панҷум ба ҷойгиршавии «ҳаракат» ва «сукун»--ҳои даврҳои иқоъӣ бахшида шудааст. Истифода ва мутобиқ кардани онҳоро бо оҳанг зарур мешуморад.

Дар *қисми панҷум* сухан дар бораи қоидаҳои умумии эҷод ва иҷрои оҳанг меравад.

Қисми шашум оид ба муайян кардани ҷойи ҳар як пардае, ки иҷро мешавад. Ақидае, ки диққати моро ҷалб кард, он аст: «Муайян кардани тоника (сарпарда) аз тарафи навозанда тахминӣ аст». Дар ин ҷо ӯ аз табиати модалии асоси лаҳнии мақомот бори дигар хабар медиҳад. Дар идома Шерозӣ хеле муфассал ҷойгиршавии ҷамъҳоро дар дастаи уд дар ҷадвалҳо овардааст.

Қисми ҳафтум машқҳоро барои уднавозӣ дар бар мегирад. Ин машқ-ҳо ба шогирди навомӯхт равон карда шудаанд. Онҳо аз тарзи нишастан ва қапидани уд (эргономика) то машқҳои аввалин ва зарбҳои осонро дар бар мегиранд.

Дар *хотима* дар бораи тарзи ҷойгиршавии нағмаҳо дар алҳон гуфта мешавад. Шерозӣ дар аввал аз гуфтаҳои Сафиуддини Урмавӣ мисолеро дар ҷадвалҳояш меоварад. Сипас, дар бораи якҷояшавии оҳанг ва зарб, функсияи рукнҳову даврҳои иқоъӣ дар шаклсозӣ гуфтааст.

Хулоса, рисолаи мусиқии Қутбиддини Шерозӣ ба асрҳое мансуб аст, ки системаи нави мақомоти тоҷик такмил гардида буд. Ин замоне буд, ки онро бо унвонҳои гуногун – «парда», «давр», «мақом» ном мегирифтанд. Шерозӣ аз нахустинҳое буд, ки истилоҳи «мақом»-ро ба маънои имрӯза истифода мебарад. Таҳлили муфассали унсурҳои лаҳнӣ-оҳангӣ ва зарбие, ки Шерозӣ дар рисолааш меоварад, имкон медиҳад амалияи мусиқии замонашро хеле равшан бубинем. Ба ин амалияи ҷараёни пурҷӯшу хурӯш

хос буд. Ҳарчанд ки Шерозӣ рисолаи мусиқиашро дар қолаби энсиклопедӣ ҷо дода бошад ҳам, аз шарҳу маълумоти оварда маълум мешавад, ки ӯ устоди бузурги мусиқӣ буда, ба таълими мусиқӣ муносибати мустақим дошт. Дар баробари қоидаҳои асосии мусиқӣ, Шерозӣ маълумоти раҳнамуниро барои навозандаи уд медиҳад ва ин ҷараёни омӯзишро қадам ба қадам нишон дода, ҳатто боби махсусро барои сайқал додани навозандагӣ дар уд бо машқҳо меоварад. Ӯ назария ва амалияи мусиқиро ба тарзи аъло медонад. Матни рисола ҳамеша муқоисаи афкори Форобӣ, Ибни Сино ва Сафиуддин Абдулмуъминро бо вазъи воқеии амалияи мусиқии замони худ дар бар мегирад. Оид ба ҳар нуктае, ки меоварад, хулосаи шахсии худро мегӯяд. Рисолаи мусиқии ӯ ҷараёни таълимро дар мактаби устод-шогирдии онвақта равшану айён намудааст. Хусусияти дигари рисолаи мусиқии ӯ дар он аст, ки шарҳи унсурҳои мусиқӣ, ки ӯ овардааст, маълум мекунанд, ки фаҳмиши нави мақомот ба ин замон хос аст. Муқоисаҳои сершумори ақидаҳои Форобӣ ва Сафиуддини Урмавӣ ва ҳамзамононаш низ тасодуфӣ нестанд. Ҳарчанд ки эродҳои худро ӯ хеле хоксорона ба ҳамзамононаш мансуб медонад, маълум аст, ки ин хулосаҳо аз диди ӯст ва аз таҷрибаи навозандагиву омӯзгории шахсии худаш баромадааст. Масалан, Шерозӣ қайд мекунад, ки ҳамзамонони ӯ заминаи иқоъӣ иборат аз даврҳои зарбиро сохтанд. Ва бо сабаби такрори иборазарбҳо онҳоро даврҳои зарбӣ (адвор) номиданд. Ба андешаи мо ин ибтидои ташаккули ҳамон воҳидест, ки имрӯз дар Шашмақом зери унвони «усул», дар Фалак бо номи «зарб» ва моҳиятан «қолабзарб» маълум аст. Маҳз онҳо дар тули асари мусиқӣ такрор ба такрор омада, набзи зарбии мусиқиро ташкил медиҳанд. Дар гуфтаи «деранди пардаҳо дар оҳанг бо деранди ин даврҳои зарбӣ муайян мешавад. Бинобар ин байни даврҳои иқоъӣ ва оҳанг робитаи зич ҷой дорад» функсияи шаклсозии унсури зарбӣ, ки оҳангро қисм-қисм карда, дар сатҳҳои гуногуни композитсияи мусиқӣ – аз ибора то худи асар вазифаи шаклсозиро адо мекунад, дида мешавад.

Шерозӣ ҳамеша дар маркази диққати худ сози удро гузошта, дигар унсурҳои лаҳнӣ-овозиро дар дастаи он мефаҳмонад. Масалан, «лаҳн (оҳанг) пардаҳои пайвастаест, ки низоми муайянро дорад ва дар дастон (пардабандҳо)-и уд ҷойгир мешавад. Вақте ки пардаҳои оҳанг (лаҳн) дар дастони уд ҷой мегиранд, онҳо давраи лаҳниро ба вуҷуд меоваранд». Ин аз методикаи мактаби суннатии устод-шогирд аст ва ҳамзамон аз рафти рушди фаҳмиши мусиқӣ-назариявии замони ӯ шаҳодат медиҳад, ки яке аз бузургтарин намояндаи он замони пуравҷи рушду равнақи илму амалияи мусиқӣ худи Қутбиддини Шерозӣ мебошад.

III.3.5. Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ. Рисолаи «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ»

Зайнулобуддин ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ (Ҳирот, тахминан 1436 – 1502), мусиқидони форс-тоҷик дар хонаводаи мударриси мадрасаи «Ихлосия» таваллуд шудааст. Аз хурдӣ ӯ улуми табиӣ ва инсониро аз падараш меомӯзад. Устодони илму ҳунари мусиқии ӯ аз Ҳироту Самарқанд Амир Муртоз, Ҳоҷа Юсуфи Бурҳон, Устод Шодӣ буданд. Аз суҳбату дониши Мавлоно Ҷомӣ, Мир Навоӣ, Ҳоҷа Абдуллоҳи Марворид дар фанҳои арӯз, мусиқӣ, риёзиёт баҳра бурда, донишашро мукаммал гардонидааст [79, с.72].

Дар қиёс бо асрҳои VIII – XI дар анъанаҳои рисоланависии асрҳои XII – XV услуби рисолаи амалӣ бештар зоҳир мегардад. Рисолаи мусиқии муаллифи асри XV[95] Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ» низ ба ин анъанаи рисоланависӣ тааллуқ дорад. Эҳтимол муаллиф Ҳусайнӣ ҳам олим-мусиқишинос ва ҳам навозанда, устоди мактаби устод-шогирд аст. Дар мазмуни рисолааш дониши назариявӣ ва амалии ӯ хеле равшан дида мешавад.

Ин рисола дар асри XV бо забони тоҷикӣ навишта шудааст[96]. Он аз муқаддима ва 22 боб иборат аст.

Муқаддима бо ду услуб навишта шудааст – наср ва назм.

Муаллиф рисолаи худро аз он сар мекунад, ки беҳтарин оҳанге, ки суруда мешавад, ҳамду санои Худованд аст. Ҳусайнӣ мусиқиро «шуъбае ... аз риёзӣ» пазируфта, рисолаашро мансуб медонад ба илм ва амалияи мусиқӣ. Аз нуҳ байти оварда маълум мешавад, ки ӯ ин рисолаашро бо хоҳиши дӯстон, аз ҷумла, Алишер Навоӣ, навиштааст.

Боби аввал. Дар таъриф ва хусусиятҳои нағма, буъд, ҷамъ, лаҳн ва мусиқӣ.

Дар таърифи *нағма* (парда) хусусиятҳои беист замоне дар як пастубаландӣ садо додани онро таъкид кардааст: «оне, ки муддате бе иваз кардани пастубаландӣ садо медиҳад».

Таърифи *буъд* (фосила) чунин аст: «ду нағмаеро гӯянд, ки мухталиф бошанд дар пастубаландӣ».

Ва дар идома: «чун нағмаҳои мухталиф аз ду зиёд шавад, онро ҷамъ (дараҷот) гӯянд».

---

[95] Ба гуфтаи шарқшиноси маъруф А.А.Семёнов, ки рисоларо ба русӣ тарҷума кардааст, дастнависи он ба охири асри XV – аввали асри XVI тааллуқ дошта, «ҳамзамони муаллиф аст» [81].

[96] Матни баргардон ба тоҷикӣ бо хати кириллӣ [194] дар ин китоб корбарӣ нашудааст. Таҳлили ин рисола пурра аз рӯи тарҷумаи русии А.А.Семёнов, ки дар нашри мазкур ҷо дорад, ба амал оварда шуд [81]. Судмандии ин иқдомро дар амали ба тоҷикӣ пешкаш кардани тарҷумаи ин олими маъруф меҳисобем. Тарҷума ва тавзеҳот ба мо тааллуқ доранд.

Ва дар охир омадааст: «*лаҳн* (оҳанг) ҷамъест, ки мулоим ва хушоянд бошад». Лаҳн қарин ба шеърест, ки аз он лаззат баранд.

Ва *мусиқӣ* лафзи юнонӣ буда, маънои оҳанг (алҳон)-ро дорад.

Боби дуюм. Доир ба сабабҳои баландӣ ва пастии овоз.

Баъди овардани истилоҳоти форсӣ-тоҷикии «зер» («садои баланд», «овози болоӣ», масалан, сопрано) ва «бам» («садои паст», «овози поёнӣ», масалан, бас) ва арабӣ – «ҳадд» («овози болоӣ»)-у «сақил» («овози поёнӣ») ва «аҳадд» («болотар», «баландтар»)-у «асқал» («пасттар», «поинтар»), Ҳусайнӣ сабабҳои пайдо шудани ин навъҳои садоро дар созҳои торӣ-мизробӣ ва нафасӣ (най) мефаҳмонад.

Агар торе сахт кашида шуда бошад, садои он баланд (боло) аст, хусусан агар он тор кӯтоҳ бошад. Ва агар тор суст кашида шуда бошад, садои он паст (поён) аст. Пастубаландии савт аз ғафсиву борикии тор ҳам вобастагӣ дорад. Дар мавриди якум савт поёнтар аз мавриди дуюм (ки болотар аст) садо медиҳад.

Сабаби паст (поён)-ии садо дар сози нафасӣ, масалан най, чаҳор аст: садои кушода (1), сӯрохии зернакарда (2), дурии даҳон аз сӯрохӣ (3), аз суст дамидани бод (4).

Ва таъкид мекунад, ки худ ба худ ягон садо пасту баланд нест, танҳо нисбат ба якдигар паст будан ва ё баланд будани он муайян мешавад.

Боби сеюм. Дар баёни буъдҳо ва нисбати онҳо.

Бо сабаби он, ки муаллиф таърифи чӣ будани фосила (буъд)-ро дар боби аввал оварда буд, ин ҷо ба таърифи хелҳои буъд мегузарад. Аз ин рӯ, фосилае, ки ба кас хуш меояд (консонанс)-ро чунин шарҳ додааст: «буъди мулоим мувофиқи табъҳои салим бошад, яъне аз шунидани он лаззат ёбанд...». Ва фосилае, ки ба одам хуш намеояд (диссонанс) низ вуҷуд дорад. Ба ҳамин зайл Ҳусайнӣ дар талқини фосилаҳои консонансӣ ва диссонансӣ қабули табъи инсонро меъёри асосӣ мешуморад. Сониян, ҳамин шарҳи хешро муаллиф ба таври амалӣ – дар дастаи сози мусиқӣ нишон медиҳад. Талқиноти ӯ дар асоси қатори обертонӣ ба амал меояд.

Фосилаҳои нимпардаӣ (ду навъ дорад: нимпардаи пифагорӣ ва дигар) ва якпардаӣ (танини)-ро фосилаҳои хурд (*абъоди суғро*) ва ё фосилаҳои сегона (*салсаи лаҳнийа*)-и оҳангӣ мешуморад, чунки аз онҳо оҳанг месозанд.

Фосилаи зул-арбаа хушсадотар (консонанстар) аст аз танини, чунки ду нағмаи танини якҷо хушсадо нест, ҳол он ки ду нағмаи кварта дар якҷоӣ ҳам хушсадост.

Фосилаи квинта (*зул-хамс*) аз кварта хушсадотар аст. Садодиҳии якҷоии ду нағмаи квинта низ хушсадо аст.

Фосилаи октаваро *зил-кулл* меноманд, ки маънояш «бархӯрдори ҳамаи дараҷаҳо»-ст. Дар назар дошта мешавад, ки ҳамаи дараҷаҳоеро, ки

«мақом»-ро ташкил медиҳанд, он дар бар мегирад. Октава хушсадоии комил аст. Дар оҳанг як савти он ҷои дигарашро гирифта метавонад. Фосилаҳои кварта, квинта ва октаваро фосилаҳои миёна (*абъоди авсат*) меноманд.

Фосилаи ундетсима (*зил-кулл вал-арбаа*) ва фосилаи дуодетсима (*зил-кулл вал-хамс*) ҳам дар пайиҳамӣ ва ҳам дар якҷоӣ хушсадоанд. Квинтдетсима (*зул-мираттайн*) ба мисли октава (*зил-кулл*) аст. Ин фосила низ дар пайиҳамӣ ва ҳам дар якҷоӣ хушсадо аст. Ва фосилаҳои ундетсима, дуодетсима ва квинтдетсимаро фосилаҳои бузург (*абъоди кубро*) меноманд.

Дар идомаи ин боб сухан дар бораи гуногунии қабули фосилаҳо аз тарафи инсон ва сабаби чунин гуногунӣ меравад. Муаллиф аз диди арифметикӣ ҳар як фосиларо маънидод карда, қабули хушсадоӣ ва мутанофирии онҳоро тавассути нисбати ададии фосилаҳо талқин медиҳад.

Боби чаҳорум. Дар баёни иштибоҳи абъод ба якдигар.

Ин боб ба акси фосилаҳо бахшида шудааст. Ин амалро муаллиф дар мисоли ҷойгиршавии нағмаҳои дастаи уд мефаҳмонад. Ба ҳайси мисол фосилаҳои гуногун: суғро, миёна ва кубро дида мешаванд.

Боби панҷум. Дар баёни изофати абъод ба якдигар ва фасли абъод аз якдигар.

Талқиноти Ҳусайнӣ бар он аст, ки нағмаи болоии як фосила метавонад ҳамзамон нағмаи поёнии фосилаи дигар шавад ва баръакс. Дар ин амал фосилаи нахуст *изофа* ва фосилаи дигар *мазоф* («васлшуда») номида мешавад. Ин истилоҳоти арабӣ аст, ки ба мусиқӣ ворид гардидааст.

Инчунин метавон фосилаи яклухтро ба ду тақсим кард. Ва аз як фосилаи калонтар метавон фосилаеро кам кард. Дар натиҷа фосилаи хурди дигар боқӣ мемонад.

Боби шашум. Дар баёни тафовут миёни миқдори абъод.

Он ба талқини хусусияти дигари фосилаҳо бахшида шудааст. Ҳар як фосила бо теъдоди нағмаҳои худ аз якдигар фарқ мекунад. Дар мисоли фосилаи квинта ва аз он кам кардани кварта ва дар ҳосил боқӣ мондани секунда ва дар мисоли октава ва аз он кам кардани кварта ва дар ҳосил боқӣ мондани квинта ва баръакс, ҷамъ кардани квартаву квинта ҳосил шудани октаваро дар дастаи уд нишон медиҳад. Хулоса ин аст, ки фосила на танҳо теъдоди дараҷаҳост, балки инчунин теъдоди нағмаҳост. Яъне, фосилаҳо аз якдигар ҳаҷман (дараҷа) ва сифатан (нағма, тон) фарқ мекунанд.

Боби ҳафтум. Дар қисмати дастонҳо

Ҳусайнӣ аввал таърифи дастонро медиҳад: «дастон нишонаҳоеро гӯянд бар дастаи сози мусиқӣ, ки бар он тор бандад, пайдо кунанд, то бад-он бидонанд, ки ҳар нағма аз кадом ҷузъе ва аҷзои автор берун ояд ва он

ҷузъро маркази он нағма гӯянд ва махраҷи он низ гӯянд». Маълум аст, ки имрӯз мо ба ҷои калимаи «дастон» истилоҳи «парда» ва ё «пардабанд»-ро истифода мебарем ва вазифаи он мушаххас намудани ҷои ангуштгузорӣ барои пайдо кардани нағмаи муайян аст. Ба гуфтаи Ҳусайнӣ маҷмуи нағамот ҳафтдаҳ аст. Ва сониян, ӯ ба фаҳмондани тарзи пайдо кардани онҳо дар дастаи сози мусиқӣ, яъне ба талқиноти амалӣ мегузарад. Ҳусайнӣ ду тарзи пардабандии дастаи сози мусиқиро хеле муфассал мефаҳмонад. Ӯ иқрор мешавад, ки ҳар ду услуби пардабандии овардааш коркарди худаш аст. Вобаста ба ин қайд мекунад, ки ӯ тарзи осони тақсимкунии нағмаҳоро дар дастаи сози мусиқӣ нишон медиҳад. Ҳарчанд ки натиҷаи ӯ низ ба нишондиҳандаи «соҳиби «Адвор» зид нест, вале «..дар амал аз он осонтар аст». Ва бинобар ин, ӯ услубҳои худро дар амалия ба кор мебарад ва онро ба шогирдонаш меомӯзонад.

Боби ҳаштум. Дар баёни абъоде, ки аз тақсими мазкур (пардабандии боби ҳафтум – Ф.А.) ҳосил мешавад.

Ин боб пурра ба талқиноти фосилаҳо, ки тибқи ду услуби пардабандии худи Ҳусайнӣ имконпазир мегардад, бахшида шудааст[97]. Дар ин мушахассот Ҳусайнӣ бартарии пешниҳод (ду услуби пардабандӣ)-и худро исбот мекунад.

Боби нуҳум. Дар баёни сабабҳои танофур.

Зарурати фаҳмидани сабабҳои ба вуҷуд омадани танофур (диссонанс) барои он ба миён меояд, ки аз онҳо худдорӣ кунем. Ҳусайнӣ се сабаби ба вуҷуд омадани танофурро амалан мефаҳмонад. Ӯ хотиррасон мекунад, ки «соҳиби «Адвор» чаҳорум сабаби танофурро низ овардааст. Дар охири боб муаллиф аз китобҳои «Шарафия» ва «Дуррат-ут-тоҷ» ҷиҳати сабаби чаҳоруми танофур хотиррасон мешавад.

Боби даҳум. Дар таълифи мулоим.

Дар ин боб Ҳусайнӣ таркиботи дохилии кварта (зул-арбаа) ва квинта (зул-хамс)-ро шарҳ дода, онҳоро ҳамчун тетрахорд ва пентахорд муаррифӣ мекунад. Чунин таҳлилро барои фаҳмондани мулоимии онҳо зарур мешуморад. Аз ин ҷиҳат ӯ дар бораи тақсимоти фосилаи кварта ба ҳафт қисм ва фосилаи квинта ба сездаҳ мегӯяд. Аз ин бармеояд, ки сохтори тетрахорд ҳафт гуна ва сохтори таркибии пентахорд сездаҳ гуна мешавад. Тетрахордро *табақаи аввал* меномад ва ҳамаи гунаи тетрахордро асл (усул) мешуморад ва *ҷинс* мегӯяд. Ва пентахордҳоро ба *табақаи сонӣ* дохил менамояд.

Боби ёздаҳум. Дар баёни давоир.

Ҳусайнӣ давра (доира) гуфта онро мегӯяд, ки он дар мавриди пайвастшавии ҳар як навъи тетрахорд (аз ҳафт гунаи он) бо ҳар як навъи

[97] Ба ин ҷо истилоҳи «пардабандӣ»-ро мо ворид кардем – Ф.А.

пентахорд (аз сездаҳ гунаи он) дараҷоти баробар бар октаваро ташкил бидиҳад. Дар мусиқӣ ҳамагӣ наваду як давра (доира) вуҷуд дорад, ки ҳосили зарби гунаҳои тетрахорд ба гунаҳои пентахорд (7x13) мебошад. Вале бо сабаби он, ки аз пайвастшавии навъи сездаҳуми пентахорд доираҳои нав ба вуҷуд намеоянд, дар амал ҳамагӣ 84 доира истифода мешавад.

Дар ҳар давра якчанд нағма ҳаст ва якчанд нисбати хуши ин нағмаҳо ба якдигар. Ин мутаносубӣ се навъ мешавад:

зеъф («дукарата») – мутаносибии ду нағмаи канории октава (1),

мислу нисф (1½) – мутаносибии ду нағмаи канории зул-хамс (2)

мислу сулс ($1^1/_3$) – мутаносибии ду нағмаи канории зул-арбаа (3).

Гунаҳои адвор се аст:

мулоим, хафӣ ат-танофур ва *зоҳир ат-танофур*.

«Соҳиби «Адвор» гуфтааст, ки *мулоим* он аст, ки адади мутаносибии байнинағамотии он баробари микдори нағамоти он доира бошад;

хафӣ ат-танофур он аст, ки адади мутаносибии байнинағамотии он аз панҷ зиёд нест;

зоҳир ат-танофур он бошад, ки адади мутаносибии байнинағамотии он беҳаракат аст.

Боби дувоздаҳум. Дар баёни давоири Дувоздаҳгонаи машҳура, ки онро мақомот хонанд, ва баёни нисбати онҳо.

Ҳусайнӣ унвонҳои таркиботи Дувоздаҳмақомро чунин овардааст: Ушшоқ, Наво, Абусалик, Рост, Ҳусайнӣ, Ҳиҷоз, Раҳовӣ, Зангула, Ироқ, Исфаҳон, Зерафканд, Бузург. Ва ҳар якро шарҳи муфассал додааст, ки бо нишондодҳои Сафиуддин Абдулмуъмин яканд.

Боби сездаҳум. Дар баёни баҳрҳо.

Ба гуфтаи Ҳусайнӣ буҳур иборат аст аз ҳафт тетрахорд – *ҳафтгонаи буъди зул-арбаа* (на пентахордҳо), ки онҳоро *усул* ва ё *аҷнос* мегӯянд. Ҳар як давра (доира) якчанд буҳурро дар бар мегирад. Масалан, Ушшоқ панҷ тетрахордро. Вале бо сабаби он ки буҳури чаҳорум бо якум ва буҳури панҷум бо дуюм яканд, намегӯем, ки Ушшоқ иборат аст аз панҷ баҳр аст. Аз ҷиҳати назариявӣ буҳур бояд аз ҳафтдаҳто нағма иборат бошад. Вале агар шарти асосии он (нағмаи ибтидоӣ бо нағмаи охирини он як хел бошад)-ро риоя бикунем, он ба ҳафтдаҳ нағма баробар намешавад.

Боби чаҳордаҳум. Дар баёни табақоти адвор.

Ибтидои ҷамъи адвор низ аз нуқтаи муайян аст ва он нуқтаро табақот меноманд. (Ин мафҳум наздик аст ба он чизе, ки имрӯз тоналност мегӯем – Ф.А.). Микдори табақоти адвор ҳафтдаҳ аст. Вале амалан на ҳама вақт

сохтани ҳафтдаҳ табақот имконпазир аст. Масалан, Ушшоқ иборат аз ёздаҳ табақот аст, чунки аз ҳар як нағма сар кардани ин давра имконнопазир аст. Амалан на аз ҳамаи табақот хушсадоӣ бармеояд: «Хатои «соҳиби «Адвор» ва Абдулқодир дар он буд, ки онҳо аз ҳар як нағма (табақот) давра сохтанд».

Боби понздаҳум. Дар баёни иштироки нағмаҳои адвор.

Баъзе давраҳо таркиботи якхеларо доранд ва аз якдигар танҳо бо ибтидои худ фарқ мекунанд. Давраи мусиқӣ он аст, ки аз нағмае сар шавад ва то ба ҳамон нағма бирасад. Дигар навъи давраҳо таркиботи гуногун доранд.

Ба навъи якум Ушшоқ, Наво ва Абусалик[98] тааллуқ доранд. Нағмаҳои онҳо якхелаанд. Вале аввали Наво нағмаи дуюми Ушшоқ асту нағмаи ҳафтуми он – аввали Ушшоқ. Агар аз нағмаи сеюми Ушшоқ сар карда, то охир ба он нағма боз бирасем, парда (мақом)-и Абусаликро пайдо мекунем[99]. Ҳамин тавр, нағмаи аввалини Абусалик нағмаи сеюми Ушшоқ мешаваду нағмаи якуми Ушшоқ нағмаи шашуми Абусалик. Хулоса, Ушшоқ, Наво ва Абусалик як давраро ташкил медиҳанд. Инчунин, Рост ва Ҳусайнӣ ҳам як давраи умумиро ташкил кардаанд. Ва Бузург ва Зерафканд ҳам нағмаҳои якхела доранд ва як давраро ташаккул медиҳанд. Вале Раҳовӣ ва Зангӯла танҳо шаш нағмаи якхела доранд. Ва ғайра.

Боби шонздаҳум. Дар баёни дутор.

Маълум аст, ки тибқи анъанаҳои рисоланависии асримиёнаӣ тамоми унсурҳои мусиқавӣ дар дастаи уд нишон дода мешуд. Боби бахшида ба дутор хоси ин рисола аст. Ба гуфтаи Ҳусайнӣ хусусияти дутор дар он аст, ки торҳои он дар мутаносибии $1^1/_3$ қарор дорад. Ҳар як тори дуторро ба ёздаҳ қисм (бо принсипи боби ҳафтуми ҳамин рисола) тақсим мекунанд. Ин фарқи дутор аз созҳои дигар аст. Дуюм хусусияти дутор дар он аст, ки пардабастҳои он ҳамагӣ даҳ аст, дар чое, ки дар созҳои дигари мусиқӣ он ба ҳафтдаҳ баробар аст.

Ба андешаи мо ба даровардани боби махсус оид ба дутор аз тарафи ин олим омилҳои мушаххас мусоидат кардаанд: якум ин, ки шояд дастаи дутор дар замони ӯ пардабандӣ карда шудааст; дуюм – он дарозтар гардидааст. Ва дарозшавии дастаи дутор бахри мутобиқгардонии ин сози мусиқӣ ба системаи нави мақомот – Дувоздаҳмақом аст.

Боби ҳафтдаҳум. Дар баёни уд ва соз (чӯр – Ф.А.) кардани он ва истихрочи адвор аз он.

Уд аввал чаҳор тор дошт ва баъдтар тори панчум изофат шуд. Бо тартиби аз поин ба боло (дар ҳолати уд дар дасти навозандаи нишаста) торҳои уд чунин ном доранд: тори изофашудаи поёниро, ки садояш бориктарин аст, бо унвони арабӣ «ҳадд», аз он болотарро бо калимаи

[98] Ҳусайнӣ истилоҳи Бусаликро дар шакли дурусти Абусалик истифода бурдааст.
[99] Ҳусайнӣ истилоҳи «парда»-ро ба маънои «мақом» истифода мебарад.

форсӣ-тоҷикии «зер» (тори бориктарини уд, садояш баланд аст), тори миёнаро «масна» (аз арабӣ «дутоӣ»), тори чаҳорумро «маслас» (аз арабӣ «сетоӣ») ва тори охиринро «бам» (дар асбоби уд садои ин тор поинтарин аст, ин тори басӣ аст).

Дастаи уд ҳамагӣ ҳафт пардабаст («дастон») дорад. Бо ин пардабандҳо ҳар як тори уд ба ҳашт қисм тақсим шудааст. Номҳои ин ҳашт пардаҳо чунинанд: «зоид», «муҷаннаб» («миёна»), «саббаба» («ангушти ишорат»), «вустои қадим», «вустои Залзал», «бинсир» («ангушти ҳалқа»), «хинсир» («ангушти хурд»). Тори мутлақ ҳаштум аст. Уд асбоби комилтарин аст.

Дар тариқи ҷамъҳову адвор Ҳусайнӣ соҳиби «Шарафия»-ро пайравӣ кардааст ва онро дар ҷадвал нишон додааст.

Боби ҳаждаҳум. Дар баёни овозҳо ва истихроҷи онҳо аз уд. Ҳусайнӣ қайд кардааст, ки ҷамъҳое ҳастанд, ки онҳоро овоз мегӯянд. Дар мусиқӣ ҳамагӣ шаш овоз ҳаст: Шаҳноз (шаш нағмаро дар бар мегирад), Наврӯз (иборат аз ҳафт нағма буда, унвони дигараш Наврӯзи Асли Кабир ё Наврӯзи Асл аст), Салмак (ҳафт нағма), Гардония (нуҳ нағма), Гавашт (нуҳ нағма), Моя (панҷ нағма). Вале теъдоди нағмаҳоро олимон гуногун овардаанд.

Дар баробари овардани овозҳо, Ҳусайнӣ таҳлилҳои муқоисавии хешро бо олимони дигар ва амалияи мусиқӣ овардааст.

Боби нуздаҳум. Дар баёни шуъбаҳо.

Ба гуфтаи Ҳусайнӣ ба аҳли мусиқӣ бисту чаҳор шуъба маълум аст. Шуъба гуфта баъзе ҷамъҳоро гуфтаанд, ки дар байни онҳо «буъди танини» (дихорд – Ф.А.) низ ҳаст. Шуъбаҳо бо чунин унвонҳо дар амалияи мусиқӣ («аҳли амал») густариш ёфтаанд: Дугоҳ (ду нағма), Сегоҳ (се нағма), Чоргоҳ (чаҳор нағма), Панҷгоҳ (панҷ нағма), Аширон (даҳ нағма), Наврӯзи Араб (шаш нағма), Моҳур (ҳашт нағма), Наврӯзи Хоро (шаш нағма), Наврӯзи Баётӣ (панҷ нағма), Ҳисор (ҳашт нағма), Нуҳуфт (ҳашт нағма), Уззол (панҷ нағма), Авҷ (ҳашт нағма), Найрез (панҷ нағма), Мубарқаъ (ду нағма), Рақб (се нағма), Сабо (панҷ нағма), Ҳумоюн (ҳафт нағма), Зобулӣ (се нағма), Исфаҳонак/Рӯи Ироқ (панҷ нағма), Бастанигор (чаҳор нағма), Ниҳованд (ҳашт нағма), Ҳузӣ (шаш нағма) ва Муҳайяр (ҳашт нағма). Ҳусайнӣ қайд кардааст, ки дар замони ӯ ин бисту чаҳор шуъба дар амалияи мусиқӣ маъмуланд.

Байни аҳли амал ба гуфтаи Ҳусайнӣ гунаҳои дигари баъзе аз шуъбаҳо маъмуланд: Чоргоҳи зул-арбаа, Панҷгоҳи асл ва Панҷгоҳи зоид.

Дар рисолаҳо миқдори нағмаҳои шуъбаҳо гуногун меоянд.

Боби бистум. Дар баёни усули адвор.

Ҳусайнӣ ҷадвали «соҳиби «Адвор»-ро оид ба даврҳо овардааст, ки ба он Ушшоқ, Наво, Абусалик, Рост, Наврӯз, Ироқ, Исфаҳон, Бузург, Зерафканд ва Раҳовӣ дохиланд.

Нағмаҳои асосии Исфаҳонро навъи ҷинси миёна (*васат*), нағмаҳои асосии Бузургро навъи ҷинси бузург (*кабир*) ва нағмаҳои асосии Зерафкандро навъи ҷинси хурд (*асғар*) меномад.

Боби бисту якум. Дар баёни истиҳоби ғайримаъҳуд.

Ҷӯр (соз)-и муқаррарии уд чунон аст, ки ҳар як тори дигар бо тори асосӣ дар нисбати зул-арбаа бошад (боби ҳафдаҳум). Ҷӯре, ки нисбати торҳои уд ба якдигар ба кварта баробар нест, *истиҳоби ғайримаъҳуд* номида мешавад. Ва агар нисбати торҳо як хел бошад, онро *истиҳоби мунтазам* ва агар гуногун – *ғайримунтазам* меноманд. Дар идома Ҳусайнӣ тарзи сохтани даврҳоро зимни *истиҳоби ғайримаъҳуд, истиҳоби мунтазам* ва *истиҳоби ғайримунтазам* муфассал меоварад.

Боби бисту дуюм. Дар баёни адвори иқоъ.

Даврахои зарбӣ дар мусиқӣ чунон сохта шудаанд, ки бо шунидани онҳо кас ҳаловат мебарад. Онҳо мавзунанд. Вале на ҳамаи нақарот дар ҳудуди давраи иқоӣ мебошанд. Ҳусайнӣ таърифи нақраро бори дигар ин ҷо овардааст. Дар ин ҷо Ҳусайнӣ шарҳи Абдулқодир ва Форобиро дар бораи нақра меоварад. Сониян, ибораларбҳоеро, ки таркиботи даврахои иқоъи (зарбӣ)-анд, шарҳ додааст: *сабаби сақил* (иборазарбе, ки дар он ҳар ду ҳарф муҳарриканд, ба монанди *тана*), *сабаби хафиф* (иборазарбе, ки дар он ҳарфи аввал муҳаррик ва ҳарфи дуюм сокин аст, ба монанди *тан*), *ватади маҷмуъ* (иборазарбе, ки дар он ду ҳарфи аввал муҳаррик ва ҳарфи сеюм сокин аст, ба монанди *танан*), *ватади мафруқ* (иборазарбе, ки дар он ҳарфи аввал ва охир муҳаррик ва ҳарфи мобайнӣ сокин аст, ба монанди *танта*), *фосилаи суғро* (иборазарбе, ки дар он се ҳарфи аввал муҳаррик ва ҳарфи чаҳорум сокин аст, ба монанди *тананан*), *фосилаи кубро* (иборазарбе, ки дар он чаҳор ҳарфи аввал муҳаррик ва ҳарфи панҷум сокин аст, ба монанди *танатанан*).

Дар идома даврахои зарбии замонашро бо нишондоди иборазарбҳои таркибӣ овардааст. Дар ҷараёни таҳлил даврахои зарбии замони худро бо гуфтаҳои Қутбиддини Шерозӣ ва Абунасри Форобӣ қиёс мекунад. Ҳусайнӣ мавзуъро хеле муфассал бо мисолҳои амалияи мусиқии замони худ оварда, қайд кардааст, ки мехоҳад ҳарчӣ осонфаҳм моҳияти даврахои иқоъиро ба хонанда пешниҳод намояд.

Ба андешаи мо, бо гуфтаҳои худ Ҳусайнӣ маълум мегардонад, ки системаи парда ё адвор (мақом) падидаи шахшудаи сирф назариявӣ набудааст. Ном мондани рисолаи мусиқӣ ҳамчун «қонун» низ тасодуфӣ нест. Системаи мақом (парда, адвор) зери худ илму қавонини назариявие дорад, ки дар амалияи мусиқӣ риояи онҳо ҳатмист. Вале ҳар як устод дорои мактаби мутрибӣ (иҷрокунандагӣ)-и худ аст ва метавонад (ва бояд) ин шартҳои асосиро бо малакаву ҳунари худ мукаммал гардонад. Ва

ҳамин маҳорату малака ва услубро ба шогирдонаш омӯзонад. Худи системаи мақом барои парвози эҷод мусоидат менамояд. Табиати мақом дар ҳамин аст. Ва Ҳусайнӣ инро дар рисолааш хеле муфассал фаҳмондааст. Муаллифи рисолаи «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ» фарқияти назария ва амалияи мусиқиро дар талқини мақом хеле равшан нишон дода, ҳамзамон таҷрибаи ғании омӯзгории худро исбот кардааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки ин қонунҳоро на танҳо бояд бидонӣ, балки аз онҳо истифода бурда, ғанӣ гардонӣ. Ҳамчун устоди мусиқӣ Ҳусайнӣ дар ҷустуҷӯи пешниҳоди мукаммалтару суфташуда саъй мекунад. Ва мақсади навиштани рисола низ он аст, ки услубе, ки ӯ пешниҳод кардааст, варианти осонфаҳм аст барои шогирдон. Дар ҷараёни рисола он низ мушоҳида мешавад, ки услубе, ки ӯ коркард намудааст ва дар мактаби худ амалӣ гардонидааст, дар замони ӯ, дар давраи ҳаёти ӯ аллакай пазируфта шуда буд. Аз ин рӯ, ин рисола манбаи хеле дақиқ аст оид ба фаҳмиши системаи мақом дар асрҳои XIV–XV.

III.3.6. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Рисолаи мусиқӣ

Қабл аз он, ки дар бораи фаъолияти мусиқишиносии шахсияти бузурги илму фарҳанги тоҷик Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414 – 1492) сухан гӯем, дар бораи як паҳлуи муҳимми фаъолияти ӯ, ки дар замони мо хеле мубрам аст, гуфта мегузарем. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Аълохон Афзаҳзод таъкид кардааст, ки новобаста ба фаъолияти серҷанбаи хеш Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ шахсе буд, ки дар тули ҳаёту фаъолияти хеш ҳамеша ба системаи таълим таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекард [35, с.67]. Оид ба вазъи таълимот муҳаққиқони замон, ҳарчанд ки зиёд шудани шумораи мадрасаҳо ва қатори хонандагони онҳоро қайд кунанд ҳам, дар баробари ин маҳдуд будани таълимотро низ зикр менамоянд. Барномаи таълимии мадрасаҳо асосан бо илмҳои шариат ва забони арабӣ маҳдуд буд. Аммо илмҳои фалсафӣ, ҳикмат, мантиқ, ... илмҳои дақиқ, тиб, мусиқӣ бошад танҳо «ба тарзи хусусӣ ва ихтиёрӣ дар мадрасаҳои алоҳида ё аз рӯи анъанаи устоду шогирдӣ омӯхта мешуд ва дар ин соҳаҳои дониш асарҳо низ эҷод мешуданд» [35, с.67]. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аз усули таълими ҳамзамононаш на танҳо дар давраи донишҷӯӣ, балки то охири умраш қаноатманд нагардида буд. Дар ин ҷараён тарбияи мутахассисон дар мусиқӣ ҳам истисно набуд. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба мусиқӣ нигоҳи ҷиддӣ дошт ва онро як василаи бузурги қавӣ гардонидан ва илҳом бахшидани руҳу одобу зеҳнияти кас мешуморид. Бинобар ин, ӯ худ бевосита ба тарбияи шоирону нависандагон, хаттотону рассомон ва сарояндагону навозандагони ҷавон машғул мешавад.

Ин рисоларо Мавлоно Ҷомӣ бо хоҳиши шогирдашон Алишер Навоӣ баъди солҳои 1475 таълиф кардаанд [35, с.112–113; 84]. Дар ин бора тасдиқи Навоӣ дар «Хамса»-и ӯ чунин омадааст, ки бино бар он, ки аз рисолаҳои мусиқии Мир Муртоз, Хоҷа Шаҳобиддини Абдуллоҳи Марворид ва Мавлоно Биноӣ «баҳра бурдани каси навёдгир душвор буд», ӯ аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ хоҳиш кардааст, ки рисолае дар мусиқӣ нависанд ва аз он ҷо, ки Мавлоно Ҷомӣ ба ӯ (Навоӣ) илтифот доштанд, рисолаи мусиқиро навиштанд, ки «дар ин фан аз он манфиатноктар ва муфидтар рисолае нест» [35, с.221]. Ин рисола на танҳо аз дониши дақиқи ӯ дар илми мусиқӣ шаҳодат медиҳад, балки инчунин ба фаъолияти омӯзгории ӯ боз як иқдом меафзояд. Мусиқӣ аз диди Мавлоно Ҷомӣ шуғлест, ки дар тарбия ва рушди зеҳнии инсон нақши калон мебозад. Пайдоиши мусиқӣ аз зарурати худи инсон аст. Ва нутқи инсон ва мусиқӣ ҳамрешаанд (Хотиррасон менамоем, ки Ибни Сино дар ин бора гуфта буд). Мусиқӣ ба инсон таъсири бузург мерасонад. Омили он аз ҳамоҳангии мусиқӣ бо асоси гуфтугӯӣ ва равониву зарофати савту оҳанг, мувофиқати зарбу оҳанг аст. Ҳарчи мусиқӣ дорои мутобиқати ин унсурҳо бошад, таъсири он ба инсон бузургтар аст ва инсон метавонад аз он ҳаловати воқеии эстетикӣ барад. Дар мусиқишиносии давраи шуравӣ рисолаи мусиқии Ҷомӣ яке аз нахустин манбаҳое буд, ки таҳқиқ шуд[100]. Ин рисола зоҳиран сохтори муқаррарии рисоланависии асримиёнаиро риоя менамояд: қисми аввал – *илми таълиф* (фаслҳои II–XVIII) ва қисми сонӣ – *илми иқоъ* (фаслҳои XIX–XXII). Рисола бисту се фасл, муқаддима ва хотимаро дар бар гирифта, се фасли аввал вазифаи муқаддима ва фасли бисту сеюм вазифаи хотимаи рисоларо иҷро кардаанд.

Муаллиф баъди қисми муқаддимавии ҳамду санои Худованд ва тасдиқи тааллуқ доштани худ ба аҳли тасаввуф – «.. дуруд ба пешраве, ки нақшбандони лавҳи қавл ва амалро... ... вазоифи аҳвол ва аъмоли ӯст...», муқаддимаро бо ин нақл оғоз мекунад, ки дар овони ҷавонӣ ба мусиқиомӯзӣ ҳам дар навозандагӣ ва ҳам эҷоди мусиқӣ сар карда буд ва ҳам дар илми таълифу иқоъи мусиқӣ таҷриба дошт «..ташҳизи хотирро ба таллуми илми мусиқӣ оҳанг карда будам ва қавоиди амалии онро ба чанг

[100] Онро ба забони русӣ академик А.Н Болдирев тарҷума намуд ва мусиқишинос профессор В.М. Беляев тавзеҳот навишт. Ин амалҳо соли 1960 бо иловаи факсимили дастхати рисола аз чоп баромад [71]. Сониян, дар нашри осори ҳаштҷилдаи Абдурраҳмони Ҷомӣ Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон ин рисоларо дар ҷилди ҳаштуми он ҷойгир кард. Ин ҷо он бо таҳияи номзади илмҳои филологӣ, устоди кафедраи мусиқии Шарқи Институти санъати Тоҷикистон Абубакр Зуҳуриддинов чоп шуд [196]. Дертар ба ин мавзӯъ А. Низомов [125, с.23–76], барвақттар А.Ҷумъаев [76] рӯ оварданд. Дар солҳои 60-70-ум мақомшиноси маъруф, профессор Исҳоқ Раҷабов ин рисоларо муфассал тадқиқ кард, вале он танҳо дар соли 2021 ба чоп омода гардид ва то ҳол аз чоп набаромадааст [141, с.212–232].

оварда, гоҳ дар қавонини таълифи он лабе мекушодам ва гоҳ дар мавозини иқоъии он дасте мезадам..» [196][101].

Дар муқаддимаи рисола Мавлоно Ҷомӣ ду шакли баёнро истифода бурдааст – ҳам насру ҳам назм. Се байти оварда дар услуби мувофиқати назму мусиқӣ аст.

Дар *фасли дуюм* муаллиф дар бораи пайдоиши мусиқӣ на бо ривоят-ҳои мифологӣ ва на сирф талқиноти илмҳои дақиқ, балки зери нуқтаи назари қабули мусиқӣ аз тарафи инсон ва вазифаи он барои инсон гуфтааст. Мавлоно Ҷомӣ хеле мухтасар ва хеле саҳеҳ мефаҳмонад, ки чи тавр садои одӣ дар рабт бо қабулу истифодаи он бо мусиқӣ, ба маншаи эстетикӣ барои инсон ва ҷомеа табдил меёбад. Ва чӣ тавр инсон онро ба «*таълифи муттафиқи мавзун*» расонида, аз он истифода мебарад. Дар анҷоми фасл оид ба судмандии мусиқӣ дар ҷомеа ва тарбияи инсон бо як ҷумла ба хулосаи саҳеҳ омадааст: «беҳтарин васила гардад дар таҳсил.. ва ин низ мӯҷиби лаззати дигар гардад». Ӯ таъкид мекунад, ки «мусиқӣ воситаест, ки ба ҳолатҳои руҳии инсон таъсир намуда, барои такомули фикрӣ ва маънавии ӯ мадад мерасонад» [35, с.211]. Аз ин рӯ, талқини Ҷомӣ шарҳи иҷтимоӣ-этикӣ-эстетикии мусиқист. Чунин шарҳро Мавлоно дар матни рисола, ба таври диахронӣ, дар ҷараёни пайдоиш, рушду вуҷудият ва то ба илму санъати нафис расидани мусиқӣ нишон медиҳад.

Фасли сеюм мусиқиро ба таври истилоҳи илмиву фаннӣ оварда, хусусиятҳои онро номбар мекунад. Ин калимаи юнонӣ, ки «мусиқӣ»-ст, дорои хусусиятҳои мулоимиву номулоимӣ (мутанофирӣ) ва азминаи мусиқиро[102] ном гирифтааст.

Фасли мазкур бо муайян кардани мусиқӣ ба ду қисми илмӣ – илми таълиф (илми композитсия) ва илми иқоъ (илми зарбу вазни мусиқӣ) ва тақсим шудани фаслҳои ҳамин рисола ба ин ду анҷом меёбад.

Ҳамин тавр, се фасли аввали рисола муқаддимаи онро ташкил кардаанд.

Аз фасли чаҳорум қисми аввали рисола – «Дар илми таълиф» оғоз мегардад.

Фасли чаҳорум шарҳи истилоҳоти мусиқии «нағма»-ро медиҳад ва хусусиятҳои зерини онро номбар мекунад: деранд (замон, вақт), «ҳадду сақл» (пастубаландии садои мусиқӣ). Муаллиф ҳам истилоҳоти арабӣ («ҳадду сақл») ва ҳам тоҷикии онро («зеру бам»), ки дар илми мусиқии асримиёнаӣ истифода мебурданд, овардааст. Дар ҳамин ҷо Мавлоно Ҷомӣ

[101] Дар ин китоб ҳамаи иқтибосҳои матни рисола аз таҳияи адабиётшинос Абубакр Зуҳуриддинов [196] корбарӣ шудаанд. Тавзеҳот ба мо тааллуқ доранд.

[102] Ин ҷо калимаи *мулоим* – хушоянд (консонанс), *мутанофир* – нохушоянд (диссонанс); *азмина* – деранди мусиқӣ (воҳиди зарбӣ).

фарқияти садои мусиқиро аз садои ғулғулавӣ (ғайримусиқӣ) бо сабаби дороии хусусиятҳои боло шарҳ додааст. Саҳеҳияти истилоҳоти Мавлоно Ҷомӣ хеле дақиқ фаҳмидани унсурҳои мусиқиро нишон медиҳад. Масалан, барои ифодаи унсури «садои ғайримусиқавӣ» ӯ истилоҳи «нақароти ғайрилаҳния»-ро истифода бурдааст. Дар ҳақиқат садои ғайримусиқӣ аз «лаҳн» хеле дур аст ва бо он олоишие дошта наметавонад. Ин нуктаро танҳо дар рисолаи ӯ вомехӯрем.

Дар ин фасл муаллиф истилоҳоти «абъод», «аҷнос» ва «ҷамуъ»-ро низ (бидуни шарҳ) меоварад.

Дар *фасли панҷуми* рисола таърифи мафҳумҳои «буъд» (фосила), «ҷинс» (тетрахорд, пентахорд), «ҷамъ» (дараҷот), «лаҳн» оварда шудааст. Агар шарҳи сетои аввал бо таърифҳои қаблии асримиёнаӣ як бошад, дар таърифи «лаҳн» муаллифи ин рисола хусусиятҳои асосии онро якумин бор қайд мекунад: «чун ҷамъ дар зимни нағамоти муттафиқа маҳдудатулазминаи мавзунатуладвор вуҷуд гирад, онро лаҳн ном ниҳанд». Дар ин шарҳ хусусияти «ба низоми муайяни замон ва давр», яъне дар мизони муайян ва дар даври муайян омадани садоҳо лаҳнро ба вуҷуд меоварад гуфтани Ҷомӣ аз як тараф фарқи ҷамъ (дараҷот)-ро аз лаҳн нишон медиҳад ва аз тарафи дигар ба лаҳну мизону андозаи мушаххас доро будани ҳар як композитсияи мусиқиро мефаҳмонад.

Дар идомаи фасли панҷум Мавлоно Ҷомӣ дар бораи ду тарзи пайдоиши нағма (садои мусиқӣ) гуфтааст, ки онҳо табиӣ (аз овози инсон) ва сунъӣ (аз олоти мусиқӣ), ки он, дар навбати худ низ ду навъ аст: аз олоти *завотулнафҳ* (созҳои нафасӣ) ва аз олоти *завотулавтор* (созҳои торӣ). Инчунин қайд кардааст, ки агар дар гулӯи инсон ва созҳои нафасӣ ҷойҳои баровардани садо номаҳдуд ва зоҳиран номуайян бошад, дар созҳои торӣ он ба дараҷаи муайян маҳдуд ва мушаххас аст.

Фасли шашум ба тарзи баровардани ҳафтдаҳ нағма аз тори сози мусиқист. Мавлоно Ҷомӣ хеле муфассал дар дастаи сози мусиқӣ ҷойгиршавии ду қисми регистрии нағмаҳоро мефаҳмонад, ки ҳар яки ин регистр баробар ба октава мебошад. Омили асосии тақсимоти дастаи соз ва тори он ба нисф, аз он аст, ки то мунтасаф нағмаҳо якдигарро такрор намекунанд. Баъди нисфи даста дар тори соз боз ҳамон нағмаҳо такрор меоянд, танҳо дар баландӣ (*ҳадд*)-и дигар. Яъне давраҳои садоии сози мусиқӣ низ ба октава баробаранд. Вале фарқи ин октаваҳо аз октаваҳое, ки имрӯз дар назарияи мусиқӣ (дар мисоли сози фортепиано низ) истифода мебарем дар он аст, ки октаваҳои истифодаи имрӯза ба ҳафт (дар умум дувоздаҳ нимпарда) пардаву нимпарда, вале октаваи давраи Мавлоно Ҷомӣ аз ҳафтдаҳ воҳидҳои парда (парда, нимпарда, сулспарда, рубъпарда бо навъҳои онҳо) иборат буд. Дар баробари он муаллиф дар

бораи мавқеи тори мутлақ, ки имрӯз ҳам он хосса аст, ибрози ақида мекунад.

Дар *фасли ҳафтум* тақсим ва тарзи тақсими торро дар дастаи сози мусиқӣ барои муайян кардани ҷойи ҳар як парда хеле муфассал гуфтааст. Зарурати ҳар як қадами тақсимро муаллиф чунин мефаҳмонад: «ва мақсуд аз ин тақсим он аст, ки ҷониби асқал ва аҳадд ҷудо шавад», яъне як октаваи поёнӣ аз октаваи болоӣ ба маънои регистри поёнӣ аз регистри болоӣ. Ин регистрҳо ҳамчун «*ҷузви аввал*» ва «*ҷузви сонӣ*» ва инчунин «*ҷониби сақл*» ва «*ҷониби ҳиддат*» муайян шудаанд. Ду тарафи тор (поён ва боло), «*ҷониби анф*» (тарафи гӯшакҳо) ва «*ҷониби мушт*» (тарафи косаи соз), бо ҳарфҳои алиф (ا) ва мим (م) ишора шудаанд. Вале зикр кардан зарур аст, ки Мавлоно Ҷомӣ ин ҳуруфро «рақам» номидааст: «Пас бар аввали он хат, ки дар уд онро ҷониби анф гӯянд, алиф (ا) рақам ниҳодаанд ва бар охири он, ки онро ҷониби мушт гӯянд, рақами (م) бар ин сурат». Ин низоми ҳуруфишора, абҷад, дар рисолаҳои асримиёнаӣ мавқеи универсалии рақамишораро пайдо карда буд ва Мавлоно Ҷомӣ низ онро чун услуби муқаррарӣ истифода мебарад[103].

Фасли ҳаштум ба мутаносубии фосилаҳо бахшида шудааст. Онҳо аз якдигар бо бузургии худ фарқ мекунанд ва инро мебояд ба эътибор гирифт. Мавлоно Ҷомӣ се хели таносубро байни фосилаҳо қайд кардааст: «ҳар миқдореро, ки нисбат ба миқдори дигар кунанд ё мисли вай хоҳад буд, ё аъзам, ё асғар», ки маънои он чунин аст: фосилаҳо ба якдигар баробаранд (фосилаҳои энгармонӣ) ё аз якдигар калонанд, ё аз якдигар хурд.

Дар *фасли нуҳум* муаллиф аввал шарҳи *буъд* (фосила)-ро дода, сониян, дар бораи ду навъи фосила – *муттафиқ* (консонанс) ва *мутанофир* (диссонанс) гуфтааст. Меъёри асосие, ки ин навъҳоро муайян мекунад, барои Мавлоно Ҷомӣ «*табъи салими инсон*» аст. Маҳз он метавонад бигӯяд, ки фосила то чӣ дараҷа хушсадо аст. Дар шарҳи фосила низ Ҷомӣ на ба талқини арифметикӣ рӯ овардааст, балки шарҳи эстетикӣ-психологиро пешниҳод мекунад: «ва мурод ба муттафиқ он аст, ки табъи салим онро мустаҳсан шуморад ва ба истимои он иқбол намояд. Ва мутанофир он аст, ки табъи салим онро макрӯҳ дорад ва истимоъи он бар вай гарон ояд». Ва ин меъёри «*табъи салим*» аз консепсияи гуманистии ӯст. Агар Абуалӣ Ибни Синоро ба ёд биоварем, ӯ низ дар маркази диққати худ инсонро мегузорад. Вале байни Сино ва Ҷомӣ фарқият он аст, ки Сино мисли табиб кайфияти эстетикии инсонро дар баробари суди маънавӣ бештар бар хизмати судмандии физиологӣ, яъне тансиҳатии ӯ мегузошт. Мавлоно Ҷомӣ мусиқиро дар умум ва дар ин ҷо хушсадоии фосиларо, бо

---

[103] Хотиррасон мекунем, ки системаи абҷадро нахустин бор олими асри VIII Яъқуб ал-Киндӣ дар талқини унсурҳои мусиқӣ истифода бурдааст.

маънавиёти инсон мепайвандад. Дар консепсияи Ҷомӣ арзиши бадеии мусиқӣ (ва унсурҳои он) муҳим аст ва қабули ин бадеият аз тарафи шунаванда. Яъне мусиқӣ василаи маънавӣ аст. Дуюм ин аст, ки заминаи фаннии замони Абуалӣ ибни Сино ва Мавлоно Ҷомӣ фарқ дорад. Агар дар асрҳои IX–XI ба заминаи мусиқӣ бештар фанҳои дақиқ ва табиӣ хос буд, дар давраи Мавлоно Ҷомӣ мусиқӣ бештар ба назм ва заминаи идеологии он рӯ меоварад. Дар асри XV фаҳмиш ва қабули мусиқӣ ҳамчун санъати нафис қадамҳои нахустини худро мегузошт. Ва Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун пешрави замон «Рисолаи мусиқӣ»-и худро аз ин дид навиштааст. Ба ҳамин равол ӯ фосилаҳои *зил-кулл* (октава), *зул-хамс* (квинта), *зул-арбаа* (кварта), *танини* (секунда), *муҷаннаб, бақия* ва *фазла* (гунаҳои секундаи хурду хурдтарин)-ро талқин кардааст. Ҳамаи ин фосилаҳоро ӯ «муттафиқ ба иттифоқи аввал», ба фаҳмиши имрӯзаи мо фосилаҳои дохили як октава ё фосилаҳои сода мебошанд. Мавлоно Ҷомӣ онҳоро аз он мансуб ба иттифоқи аввал мегӯяд «зеро ки иттифоқи эшон лизотиҳост («аз зоташ» – Ф.А.) на ба воситаи мушобиҳат ба буъди дигар..». Дар идомаи сухан Мавлоно Ҷомӣ дар бораи фосилаҳои берун (васеътар) аз октава – «муттафиқ ба иттифоқи сонӣ»-и зи-л-кулли миаттайн иборат аз ду *зил-кулл* (квинтдетсима), *зил-кулл вал-хамс* (дуодетсима), *зил-кулл вал-арбаа* (ундетсима) гуфтааст. Чунин буъдҳо аз он муттафиқанд, ки назираи буъдҳои муттафиқ ба иттифоқи аввaланд. Дар илми имрӯзаи мусиқӣ онҳоро фосилаҳои таркибӣ мегӯянд.

Шарҳҳои фосилаҳоро оварда, хулосабарорӣ мекунад, ки ҳамагӣ нуҳ фосила ҳаст: *зил-кулл* (октава), *зул-хамс* (квинта), *зул-арбаа* (кварта), ки инҳо муттафиқанд ба иттифоқи авло (аввал) ва *зил-кулли миаттайн* (квинтдетсима), *зил-кулл вал-хамс* (дуодетсима) ва *зил-кулл вал-арбаа* (ундетсима) муттафиқанд ба иттифоқи сонӣ ва сеи дигар – *танини* (секундаи бузург), *муҷаннаб* ва *бақият* (гунаҳои секундаи хурд).

Ҷолиб аст, ки Мавлоно Ҷомӣ ҳамаи фосилаҳоро дар ду тарз талқин медиҳад: «муттафиқ ё бар камоли иттифоқ бошад, ки агар ҳар ду наѓма бо ҳам шаванд» (1) ва «ва агар яке баъд аз дигаре шунаванд, мулоим бошад» (2). Ин ҷо сухан дар бораи он гунаҳои фосила меравад, ки дар илми мусиқии имрӯз онҳоро «фосилаи ҳармунӣ» ва «фосилаи мелодӣ» мегӯянд. Ҳарчанд ки дар мусиқишиносӣ қабул нашудааст, ки ин нукта дар илми мусиқии асримиёнаии тоҷик (умуман Шарқ) ҷо дорад. Лекин Мавлоно Ҷомӣ инро бо тамоми саҳеҳият қайд кардааст. Ва инкори он имконнопазир аст[104].

Фасли даҳум дар бораи хусусияти комили фосилаи октава меравад, ки «нафс аз истимои ҳеҷ буъде чунон мултазз нагардад, ки ба буъди зи-л-

[104] Хотиррасон мекунем, ки нахустин бор дар ин бора олими бузург Абуалӣ ибни Сино дар асри X гуфта буд [63].

кулл» ва он аз ҳамаи буъдҳои дигар «алазз» («болаззаттар») аст». Дар ин қатор ӯ чунин пайиҳамиро номбар кардааст: *зил-кулл* (октава), *зул-хамс* (квинта), *зул-арбаа* (кварта), *зил-кулл миаттайн* (квинтдетсима), *зил-кулл вал-хамс* (дуодетсима), *зил-кулл вал-арбаа* (ундетсима) ва пас, *танини*, *муҷаннаб* ва *бақия*. Хотиррасон мекунем, ки дар илми мусиқии имрӯза ҳам октава мукаммалтарин хушсадо қабул шудааст.

Фасли ёздаҳум ба категорияи дигари мусиқӣ – *ҷинс* бахшида шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки ҷинсҳо ду гуна мешаванд: зул-арбаа ва зул-хамс, яъне ба истилоҳоти илми мусиқии имрӯза тетрахорд ва пентахорд. Инчунин муаллиф қайд кардааст, ки *ҷинси зул-арбаа* ба ҷониби асқал ба *табақаи авло* ва *ҷинси зул-хамс* ба *табақаи сония* таааллуқ доранд. Фосилаҳои таркибии ҳар ду *танини*, *муҷаннаб* ва *бақия* ном гирифта шудаанд. Дар ин фасл Мавлоно Ҷомӣ ҳафт хели *ҷинси зул-арбаа* ва сенздаҳ хели *ҷинси зул*-хамс-ро бо фосилаҳои таркибӣ ва нағмаҳояшон овардааст. Бо чунин мушахассот ӯ ҷойгиршавии ҳар яки онро дар дастаи уд нишон медиҳад. Нағмаҳо низ дар ин табақати ҷинсҳо доимӣ ва ивазшаванда мебошанд.

Дар *фасли дувоздаҳум* сухан дар бораи ташаккули давраҳо аз пайвастшавии ҷинсҳо меравад. Ва дар натиҷа наваду як давра ҳосил мешавад. Ҳамин давраҳо системаи Дувоздаҳмақомро ташкил мекунанд, ки воҳидҳои таркибии он чунин аст: дувоздаҳ мақом, шаш овоза ва бистучаҳор шуъба ва боқӣ, ки ба онҳо дохил нест, таркибот мешавад[105].

Фасли сенздаҳум онро гуфтааст, ки на ҳар пайвастшавии ҷинсҳои *табақаи авло* ва *табақаи сония* ҳосили хушсадоӣ медиҳад. Беҳтарини онҳоро, хушсадотарини онҳоро мақомот мегӯянд. Ва онҳо дар дастаи уд хеле мувофиқ ҷойгиранд. Аз ин гуфтаҳои Мавлоно Ҷомӣ бармеояд, ки меъёри асосӣ дар интихоби системаи мақом хушсадоии давра (1) ва ҷойгиршавии онҳо дар дастаи уд (2) буд. Ва он дар заминаи дараҷоти табиӣ (обертонӣ) ба амал оварда мешуд [17, с.229–230]. Танҳо аз ин лиҳоз беҳтаринҳоро мақом мегуфтанд. Маълум аст, ки дараҷоти табиӣ (обертонӣ) муҳофизи садои тозатарин (хушояндтарин) аст. Дар ин маврид дараҷот чунин сохта мешуд, ки ба он садоҳои аввали фаръӣ дохил шаванд, новобаста ба он, ки шумораи садоҳои фаръӣ номаҳдуд аст. Хусусияти дуюми чунин дараҷот дар он аст, ки ба ҳайси садои аслӣ дар он метавонист ҳар кадоме нақш бозад. Ин хусусиятҳои дараҷоти табиӣ дар пайдоиши падидаи «мақом» асосианд. Ва инро Мавлоно Ҷомӣ таъкид кардаанд.

Фасли чаҳордаҳум ба уд, сози мусиқии бунёдӣ-системавии Дувоздаҳмақом, бахшида шудааст. Дар ин ҷо дар бораи унвонҳои торҳои

---

[105] Сохтори системаи асримиёнаии Дувоздаҳмақом дар рисолаҳои мусиқӣ гуногун нишон дода шудааст, лекин асоси он ҳамин аст, ки Мавлоно Ҷомӣ меоварад.

уд (бам, маслас, масна, зер, ҳадд) ва ҷойгиршавии пардаҳо дар онҳо он гуфта шудааст.

Дар *фасли понздаҳум* «дувоздаҳгонаи машҳура», яъне Дувоздаҳмақом ва ҷойгиршаваии онҳо дар дастаи уд бо нишондоди пайиҳамӣ, теъдоди нағамот, фосилаҳои таркибии онҳо ва тарзи навохти он дар дастаи уд бо ҷадвалҳои хеле саҳеҳ оварда шудаанд. Ҳамин тавр, доираҳои Ушшоқ, Наво, Бусалик, Рост, Ҳусайнӣ, Ҳиҷоз, Раҳовӣ, Зангӯла, Ироқ, Исфаҳон, Зерафганд, Бузург як-як фаҳмонда дода мешаванд.

Фасли шонздаҳум дар бораи шаш овоз, воҳиди таркибии системаи Дувоздаҳмақом аст. Дар ин ҷо муаллиф Наврӯзи Асл, Салмак, Гардония, Гувашт, Моя ва Шаҳнозро бо фосилаҳо ва нағамоти таркибии онҳо ва тарзи иҷроиши онҳо дар дастаи сози уд дар ҷадвал нишон медиҳад. Бо қайди гунаҳои маъмулии овозҳо дар амалияи мусиқӣ фасл ба анҷом мерасад.

Фасли ҳафтдаҳум бисту чаҳор шуъба – Дугоҳ, Сегоҳ, Чаҳоргоҳ, Панҷгоҳ, Аширо, Наврӯзи Араб, Моҳур, Наврӯзи Хоро, Наврӯзи Баёт, Ҳисор, Нуҳуфт, Уззол, Авҷ, Найрез, Мубарқаъ, Рақаб, Сабо, Ҳумоюн, Зовулӣ, Исфаҳонак, Рӯйи Ироқ, Бастанигор, Ниҳованд, Ҷавзӣ, Муҳайярро бо нишондоди теъдоди нағмаҳои таркибӣ, тартиби пайиҳамии ин нағамот ва ҷойгиршавии онҳо дар дастаи уд меоварад.

Фасли ҳаждаҳум нуктаи хеле муҳимми илми мусиқии Шарқро дар бар гирифтааст. Дар он Мавлоно Ҷомӣ табиати системаи адворро мефаҳмонад: «Мешояд, ки ҳар як аз ин давоири дувоздаҳгонаро ҳамчунон, ки аз нағмаи «алиф» ибтидо мекунанд, аз нағмаи дигар ибтидо кунанд. Пас адвори Ушшоқ ба ҳасби нағамоти ҳафтдаҳгона ҳафтдаҳ бошад, ки аз ҳар кадом хоҳанд, ибтидо кунанд ва инро табақоти даври Ушшоқ хонанд». Ва дар идомаи он таъкид кардааст, ки ин қонун на танҳо ба дувоздаҳ давра, балки инчунин ба овозҳову шуъбаҳо низ дахл дорад. Яъне Мавлоно Ҷомӣ табиати модалии адвори дувоздаҳгонаро таъкид мекунад. Маълум аст, ки дар илми мусиқии аврупоиасос, ки мусиқии композитории тоҷик низ бар он аст, аз системаи лаҳнии тоналӣ истифода мебаранд. Табиати мақомоти тоҷик (ҳамаи мусиқии суннатӣ) бар асоси системаи модалӣ қарор меёбад.

Фасли нуздаҳум қисми дуюми рисоларо оғоз мекунад. Дар он сухан дар бораи илми иқоъ, зарб меравад. Маълум аст, ки зарбу вазн хусусияти дигари мусиқиро дар бар мегиранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки мусиқӣ санъати на фазоӣ, балки ба навъи санъати вақтӣ (замонӣ) тааллуқ дорад. Мавлоно Ҷомӣ дар он таърифи иқоъро оварда, хусусияти онро шарҳ додааст. Воҳиди хурдтарини иқоъ *нақра* аст. Дар сатҳи дигар он фаҳмиши давраи зарбиро пайдо мекунад, ки дар ҷараёни мусиқӣ ҳамеша такрор шуда меояд, яъне ба набзи асари мусиқӣ табдил меёбад. Ин давра навъҳои гуногун дорад ва дар он ду қонун риоя мешавад:

1. *маҳдудат ул-азмина*, яъне дороии замони мушаххас.

2. *мунтаззам ул-адвор*, яъне такроршавии он дар шакли мушаххас. Мавлоно Ҷомӣ гуфтааст, ки ҷамъи нақароте, ки ин ду сифатро доро аст, иқоъ номида мешаванд.

Дар *фасли бистуми рисола* сухан дар бораи иқоъ идома меёбад. Мавлоно Ҷомӣ дар бораи воҳидҳои зарбӣ мегӯяд, ки онҳо дорои замонҳои гуногунанд (ба мисли воҳидҳои зарбии имрӯза, ки бутун, нисф, чоряк, ҳаштяк ва ҳоказо). Ӯ накраи «алиф»-ро асос гирифта, воҳидҳои зарбии дигарро нисбати он (нисфи он, сеяки он, чаҳоряки он, аз панҷ як ҳиссаи он ва ҳ.) шарҳ додааст. Инчунин дар бораи аломати сукут гуфтааст.

Дар *фасли бисту якум* дар бораи зарбибора гуфта, навъҳои *сабаби сақил, сабаби хафиф, ватади маҷмуъ* ва *фосиларо* шарҳ додааст. Инчунин дар бораи ду навъи зарб, зарби мунтаззами равона – *иқоъи мувассил* ва баръакси он, зарби номунтазам – *иқоъи муфассил* гуфтааст. Сонияи, гунаҳои иборазарбҳои ин ду навъро овардааст, ки дар амалияи мусиқии замонаш маъмуланд. Ҳар яки он муфассал шарҳ дода шудааст.

Фасли бисту дуюм ба давраҳои зарбии замони Мавлоно Ҷомӣ бахшида шудааст: *сақили аввал, сақили сонӣ, хафифи сақил, рамал, музоъафи рамал, хафифи рамал, ҳазаҷ, чаҳорзарб, фоҳитӣ, даври туркӣ, мухаммас* бо се қисми он: *мухаммаси кабир, мухаммаси авсат, мухаммаси сағир*. Ҳар як давраи зарбиро бо нишондоди теъдоди накра, пайиҳамоии онҳо, гунаҳои он дар амалияи мусиқӣ, мутобиқати он бар вазни назмӣ (дар шакли фаъала) оварда шуда, ҳар кадомро бо таркиботи он аз зарбибораҳои асосӣ – сабабу ватаду фосила муфассал шарҳ додааст. Дар охири ин фасл Мавлоно Ҷомӣ таъкид кардааст, ки асоси зарбии мусиқӣ бо ин давраҳои овардашуда маҳдуд нест. Ва сохтани давраҳои зарбии нав ба нав бо риояи қонунҳои даврасозӣ имконпазир аст.

Фасли бисту сеюм дар рисола вазифаи *хотимаро* иҷро мекунад. Мазмунан он ба таъсири эмотсионалии дувоздаҳ мақом, шаш овоз ва бисту чаҳор шуъба бахшида шудааст. Мавлоно Ҷомӣ таъкид мекунад, ки дар вақти интихоби шеър табиати онҳоро бояд ба эътибор гирифт: «Ва соҳиби амал мебояд, ки бо ҳар як аз ин маҷмуъ шеъреро муқорин гардонад, ки муносиби асари он бошад, то таъсири он дар нуфус бештар ва пештар бошад».

Дар анҷом ӯ мегӯяд: «*Ин аст баёни он чи аз усул ва фуруъи ин фан муяссар шуд*». Ин аст мақсади навиштани рисола ӯ. Мавлоно Ҷомӣ қоидаҳои асосии мусиқӣ – усул ва фуруъи мусиқиро дар он гуфтааст. Ибораи «усул ва фуруъи мусиқӣ» ҳамон шартҳоест, ки мутриб ё шоир мебояд аз худ мекард.

Диди Мавлоно Ҷомӣ ба мусиқӣ нав аст. Ҳарчанд ки ӯ мусиқиро дар заминаи сирф илмӣ бо услуби замонавии риёзӣ (арифметикиву геометрӣ)

мефаҳмонад, мусиқиро Мавлоно Ҷомӣ бештар ба эҳсосот таъсирбахш нишон медиҳад. Бо диди Мавлоно Ҷомӣ талқини нави мусиқӣ пайдо шудааст. Ва он падидае, ки имрӯз ҳамчун «санъати нафис» маълум аст, аз ҳамон гуфтаҳои Мавлоно Ҷомӣ сар мезанад. Мавлоно Ҷомӣ дар рисолаи худ хусусиятҳои мусиқиро бо ибораҳову ҷумлаҳои муайянкунандаи «*нақши дилнавоз*», «*чун нағмаи мулоим бар нафс ворид шавад, ба он мултазз гардад... ... дар ин ҳол чанд чиз ҳосил шавад... ..ҳар як... ..сабаби навъе аз лаззат..*», «*..ва ба воситаи он мустамеъ бар он аҳволи пӯшида иттилоъ ёбад.. ва дар ин низ навъи лаззате бошад..*», «*..чун ҳусули он матлуби вай бувад, беҳтарин васила гардад дар таҳсили он ва ин чиз мӯҷиби лаззате дигар..*» талқин дода, чунин тавсифи онро овардааст: «.. *бино бар он чи маълум шуд аз таъсири таълифи нағамот ва иқоъи он.. ...лаззати комилро эҳтимом намуда... илме тадвин карданд ва онро мусиқӣ.. .. ном ниҳоданд*» [196, с.213-216]. Барои Мавлоно Ҷомӣ мусиқӣ фаннест бо системаи мақом, илми тасниф, илми иқоъ ва қоидаҳои марбут ба мақомбандиву эҷоди асар. Дар замони Мавлоно Ҷомӣ ягона илме, ки ба мусиқӣ наздиктар мешавад, назм аст. Қоидаҳои асосии шеърсозӣ бо воҳидҳову моҳияти асосии худ ба мусиқӣ ворид шуда, жанрҳои адабӣ тадриҷан навъи мусиқии худро ташаккул додаанд. Ва ин нуфуз заминаи наверо барои қабули мусиқӣ фароҳам меовард. Дар таъсири мусиқӣ бештар самт ба сӯи эҳсосот равона аст, ҳарчанд асоси этикии он низ хеле ҳам бузург аст.

Дар илми мусиқишиносӣ «Рисолаи мусиқӣ»-и Мавлоно Ҷомӣ мазмунан ва бо сохтори худ намунаи рисолаи классикист. Бо вуҷуди ин, дар рисолаи худ ӯ диди навро ба мусиқӣ нишон медиҳад. Ва ин тааллуқ дорад ба талқини нави мусиқӣ ба маънои навъи идроки ба эҳсосот таъсиркунанда. Мавлоно Ҷомӣ талқиноти риёзиро дар фаҳмондани унсурҳои мусиқавӣ ба кор мебарад. Вале ба мусиқӣ талқини эстетикӣ медиҳад. Таъсири он – ба ҳолати муайян овардани инсон аст. Ӯ ба сатҳи эҳсосоти инсон таъсири сахт расонидани онро таъкид мекунад, ҳарчанд ки мусиқӣ дар мавриди навъи санъат будан ҳам дар майдони ақл мавқеи сазоворро ишғол мекунад[106].

Бо ин нуктаи асосии диди Мавлоно Ҷомӣ айён мегардад, ки ӯ мақомотро на ҳамчун илм, балки санъати нафис, *санъати ҳол* талқин медиҳад. Ин шарҳи эстетикии мусиқӣ минбаъд асоспояи талқиноти олимони мусиқӣ мегардад. Зеро ки диди Мавлоно Ҷомӣ асоси фалсафаи

---

[106] Бояд хотиррасон кард, ки Аврупо ба ин фаҳмиш як аср пас, дар асри XVI ба воситаи рисолаҳои Жозефо Сарлино омадааст : «.. маҳз дар рисолаҳои Ж.Сарлино бори нахуст бо унсурҳои «назарияи аффектҳо» вомехӯрем. Ин системаи эстетикиест, ки тибқи он санъати мусиқӣ... .. вазифадор аст ҳолати руҳро ифода бикунад» [49, с.20–21].

мақомот аст. Дар ин асос рушди минбаъдаи мусиқии мақомоти тоҷик ба амал меояд.

III.3.7. Хулосаи фасл.
Хусусиятҳои давраи дуюми тараққиёти мақомот

Давраи дуюми рушд аз ҷиҳати роҳи тайкардаи мақомоти тоҷик хеле мураккаб аст. Зеро ки он дар фарҳанги исломӣ аз эҳёи мақомот сар шуда, онро мукаммал гардонида, роҳи минбаъдаи мақомотро муайян намуд. Натиҷаҳои ин давраро мухтасар чунин муайян мумкин аст:

- талқини мусиқӣ ҳамчун илм, ташаккули заминаи илмии мақомот;
- пайдоиши системаи нав – Дувоздаҳпарда /Дувоздаҳмақом;
- қабул ва устувор шудани уд ҳамчун сози бунёдӣ-системавӣ;
- устувории рисолаи мусиқӣ – манбаи хаттӣ-илмӣ (1) ва дастури таълимӣ (рисолаи шарти мутрибӣ) дар мактаби устод-шогирд (2).

Саҳми бузурги Сомониён, ин сулолаи шоҳони тоҷик, дар он аст, ки дар шароити фарҳанги исломӣ тавонист мусиқии дунявиро аз сар эҳё намояд ва рушд диҳад. Устувор гардондани таҳкурсии илмии мусиқӣ ва барқарор кардани мавқеи мусиқии дунявӣ, ташаккули рушди мақомоти тоҷикро дар фарҳанги исломӣ имконпазир гардонд. Ин рушд ба ташаккули системаи Дувоздаҳпарда/ Дувоздаҳмақом роҳ кушод.

Зимни мақомот ин рушдро бо чунин даврабандӣ муайян кардан дуруст аст:

- асри VIII – охири асри XII – гузариши тадриҷии Ҳафтпарда ба Дувоздаҳпарда;
- аз охири асри XII – густариши Дувоздаҳпарда/ Дувоздаҳмақом.

Дар *марҳилаи аввал* (а.VIII – XII) диди нав мусиқиро ҳамчун илм созмон дода, барои пайдоиши системаи нави мақомот заминаи мусоидро фароҳам овард. Олимони таҳҷоӣ ба илми мусиқӣ такя карда, тамоми асарҳои ҷаҳониро дар фанни мусиқӣ омӯхтанд ва нахустин бор дар таърих даврае оғоз шуд, ки мусиқии таҳҷоӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳлилу таҳқиқ гардид. Заминаи илмии мусиқии тоҷик аз илмҳои дақиқ оғоз гардида, тадриҷан бо фанҳои дигар – эстетика, сотсиология, психология, фалсафа, адабиёт, одоб, арӯз, семиотика, эргономика ва ҳ. чандин маротиба васеъ гардид. Ин марҳилаи илмикунонии мусиқии таҳҷоӣ ба густариши васеи анъанаҳои мусиқии мардуми тоҷик табдил ёфт. Сомониёни бузург эҳёи мусиқии дунявиро дар заминаи илмӣ ва анъанаҳои мусиқии мардуми форс-тоҷик амалӣ карданд. Ду анъанаи рисоланависӣ пойдор гардид: академӣ (1) ва шарти мутрибӣ (2). Навиштани рисолаи мусиқии амалӣ (шарти

мутрибӣ) барои ҳар як устоди мактаби суннатии устод-шогирд ҳатмӣ буд. Рисолаи мусиқӣ ду вазифаро иҷро мекард – тадқиқоти илмӣ (1) ва дастури таълимӣ (2). Таҳқиқоти илмӣ бо фаъолияти олимон-энсиклопедистон ва рушди рисолаи шарти мутрибӣ дар ҳудуди мактаби устод-шогирд амалӣ гардид. Якум аз илми мусиқӣ ва дуюм аз малакаву маҳорати педагогикаи суннатии тоҷикон дар соҳаи мусиқӣ шаҳодат медиҳад. Зеро ки ин василаи хеле муҳимме буд, ки назарияи амалиро мукаммал гардонид.

Дар *марҳилаи дуюм* (асрҳои XIII – XV) аз ибтидои он системаи нави мақомот Дувоздаҳпарда /Дувоздаҳмақом зуҳурот пайдо кард. Асрҳои минбаъда рафти пурҷӯшу хурӯши ташаккули онро дар давраҳои мушаххас нишон медиҳанд:

- ❖ пазируфтани сози бунёдӣ-системавӣ – уд (ал-Киндӣ, ал Форобӣ, Ибни Сино, Сафиуддин Абдулмуъмин ва диг.),
- ❖ пайдоиши Дувоздаҳпарда (Муҳаммади Нишопурӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ),
- ❖ муайян намудани *дувоздаҳгонаи машҳура* бо низоми нави «давра» (Сафиуддин Урмавӣ),
- ❖ табдил додани «илми парда» ба «илми мақом» (Сафиуддин Урмавӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва диг.),
- ❖ суфташавии таркиботи системаи Дувоздаҳпарда/ Дувоздаҳадвор /Дувоздаҳмақом (Муҳаммади Нишопурӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Сафиуддин Урмавӣ, Қутбиддин Шерозӣ, Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва диг.),
- ❖ фаҳмиши нави «санъати мусиқӣ» ва «санъати мақом» (Мавлоно Ҷомӣ)...

Ин ҷараёнест, ки ақлҳоро бедор кард, зеҳниятро рушд дод, тафаккури нави илмии мусиқиро ба вуҷуд овард ва дар натиҷа ҳунари мусиқиро дар заминаи илми он суфта гардонда, ба навъи санъати нафис табдил дод. Давраи дуюми тараққиёти мақомоти тоҷик – давраи бузургест дар ҳифзу такомули он.

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ
ДАВРАИ СЕЮМИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ
(асрҳои XVI – чоряки аввали XX)

IV.1. Мактаби ҳунарии Бухоро. Мактаби классикии мусиқии тоҷик

IV.1.1. Тамоюли нав дар рушди мақомот

Мусиқии классикии тоҷик дар охири асрҳои XVI – аввали асри XX бо мактаби классикии худ – *Мактаби ҳунарии Бухоро*, ки моҳиятан *Мактаби классикии мусиқии тоҷик* аст, зоҳир гардидааст. Дар Тоҷикистони имрӯза онро, инчунин, бо унвони *Мактаби классикии Шашмақом* ном мегиранд. Дар рушди худ ин мактаб се давраи таърихиро аз сар гузаронд:

- давраи аввал
  – асрҳои XVI – нимаи аввали асри XVIII;
- давраи дуюм
  – нимаи дуюми асри XVIII – чоряки аввали асри XX.
- давраи сеюм – давраи шуравӣ.

Ин се давра саҳми воқеӣ ва моҳияти ин мактабро дар ташаккули тафаккури назмӣ-мусиқӣ (Кавкабӣ, Дарвешалии Чангӣ, баёзҳо), пайдоиши системаи нави мақомот – Шашмақом ва рушди анъанаҳои он то чоряки аввали асри XX зимни мактаби устод-шогирд ва фаъолияти бастакорӣ, нақши таърихии намояндагони Мактаби классикии Шашмақом дар рушди минбаъдаи санъати мусиқии классикии тоҷик, аз ҷумла, Мактаби шашмақомхонии Душанбе, дар давраи шуравӣ нишон медиҳанд.

Ташаккулёбии ин мактаб аз аввали асри XVI бо завол ёфтани Мактаби ҳунарии Ҳирот ва ба Бухоро омадани аксарияти намояндагони илму ҳунар оғоз гардид. Ин маънои онро дошт, ки як маркази фарҳангии тоҷикон ба дигар маркази фарҳангии тоҷикон интиқол меёфт.

Ва зуд, дар муддати кӯтоҳ, Мактаби ҳунарии Бухоро симои худро ҳувайдо кард. Бухорои шариф инъикосгари маркази динии Осиёи Марказӣ гардида, дар ҳама гунаҳои фаъолияти худ ранги диниро нишон медод. Албатта, дар илми мусиқӣ ин зуҳурот бештар «расмӣ» буд. (Оид ба ин нукта поёнтар муфассалтар сухан меравад).

Дар давраи аввали рушди худ симои ин мактаб хусусан бо ному фаъолияти Мавлоно Наҷмиддини Кавкабӣ (1476–1535) ва дертар, дар асри XVII – бо фаъолияти Дарвешалии Чангӣ (1542–1649) дурахшид. Намоёнтарин зуҳуроти комёбии ин мактаби ҳунарӣ дар давраи дуюм бо пайдоиши Шашмақом пайваста аст. Саъйю талошҳои намояндагони он

барои нигаҳдошти санъати волои Шашмақом дар давраи сеюми он, дар фарҳанги мусиқии шуравӣ, зуҳур гардидааст. Ин чӣ мактабест?

Вақте ки сухан дар бораи мафҳуми «*мактаби ҳунарӣ*» дар санъати мусиқӣ меравад, дар назар дошта мешавад, ки он бо якчанд меъёрҳои ин падида зоҳир гардидааст: 1) услуби иҷрокунандагӣ (сарояндагиву навозандагӣ); 2) равияи бадеӣ-эҷодӣ (фаъолияти бастакорӣ); 3) намояндагоне (на кам аз се насл), ки услуби ин мактабро муддати муайяни таърихӣ рушду ривоҷ додаанд; 4) жанрҳову шаклҳои нав. Дар таърихи мусиқии тоҷик якчанд мактабҳои ҳунарӣ фаъолият кардаанд.

Мақомоти тоҷик дар таърихи худ якчанд мактабро дар ҷодаи мусиқӣ доро гардидааст:

- *Мактаби ҳунарии Борбад* (а.VI–VII);
- *Мактаби ҳунарии Сомониён* (а.IX – аввали XI);
- *Мактаби ҳунарии Ҳирот* (а.XV – аввали XVI);
- *Мактаби ҳунарии Бухоро* (а. XVI – охири чоряки аввали асри XX).

Албатта, на ҳамаи онҳо мактаби ҳунарии сирф мусиқӣ буданд, лекин мусиқӣ дар ҳамаи онҳо ҳамчун ҳунари бадеӣ ҷо дошту, рушд меёфт[107]. *Мактаби ҳунарии Бухоро* бо унвонҳои «*Мактаби классикии мусиқии тоҷик*» ва ё «*Мактаби классикии Шашмақом*» маълум аст ва пазируфта шудааст. Чунин номгирӣ аз он аст, ки он замон Бухоро пойтахти тоҷикон маҳсуб меёфт. Бухорову Самарқандро новобаста ба ҳукмронии муғулнажодон ҳамеша зеҳнияту илму ҳунари тоҷик пеш мебурд ва онҳоро ҳамчун марказҳои фарҳангӣ ин мардум нигоҳ медошт. Ҳокимони муғулнажод барои роҳбарӣ кардани ин марказҳо аз тоҷикон устод интихоб мекарданду илму фарҳангу одоб меомӯхтанд. Ин мактаби ҳунарӣ дар асоси анъанаҳои бисёрасраи мусиқии тоҷик ба вуҷуд омад.

Оғози давраи сеюми рушди мақомоти тоҷик қабл аз ҳама дар дигаргуншавии заминавии системаи мақомот мушоҳида мешавад. Дувоздаҳмақоме, ки дар фарҳанги мусиқии қурунивустоии мардуми Шарқ, билхусус мусалмонӣ, мақоми универсалӣ пайдо карда буд, дар аввалҳои асри XVI тадриҷан шикаст хӯрд. Муҳаққиқон гум кардани моҳияту неруи

---

[107] Маълум аст, ки ин мактабҳои ҳунарӣ на танҳо дар мусиқӣ, балки дар санъати тасвирӣ, хосса миниатюра, ҷилои таърихӣ пайдо кардаанд. Фаъолияти илмӣ-эҷодии муҳаққиқи тоҷик, санъатшинос Муқаддима Ашрафӣ пурра ба инъикоси илмии симо ва робитаи ин ду мактаби ҳунарӣ дар соҳаи миниатюраи тоҷик бахшида шудааст, аз ҷумла, ниг.: Ҷомӣ дар миниатюраҳои асри XVI (Ашрафи М. Джами в миниатюрах XVI века. – Москва: Советский художник, 1966); Назми форсӣ-тоҷикӣ дар миниатюраҳои асрҳои XIV–XVII (Ашрафи М. Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV–XVII вв. – Душанбе: Ирфон, 1974); Беҳзод ва рушди мактаби миниатюраи бухороии асри XVI (Ашрафи М. Бехзад и развитие бухарской школы миниатюры XVI в. – Душанбе: Дониш,1987) ва диг.

универсалии онро қайд кардаанд. Байни гуфтаҳо як ибораи тасвирии мусиқишинос ва композитори озарбойҷонӣ У. Ҳоҷибеков моҳияти онро хеле равшан аён кардааст: « .... қасри Дувоздаҳмақом ба порчаҳои алоҳида табдил ёфта, тадриҷан аз байн мерафт...» [65]. Вале «пора-пора гардидан»-и Дувоздаҳмақом на дар натиҷаи рӯ ба таназзул овардани мусиқӣ ба вуҷуд омад. Он замоне буд, ки маҳвшавии як кишварҳо ба пайдошавии кишварҳои дигаре (шояд хурдтар) меовард. Гӯё «шикастхӯрӣ» хоси он замон буд. Зери он омилҳои сиёсӣ, динӣ-идеологӣ буданд. Маркази ҳунарӣ-мусиқии тоҷикон зери таъсири тунду тез шудани муносибатҳои сиёсӣ, хусусан, ранги мазҳабӣ-сиёсӣ гирифтани ин кашмакашиҳову бесарусомониҳо қарор гирифта буд. Ҳирот мақоми маркази адабию фарҳангӣ буданашро аз даст дода, ба майдони муҳорибаву хунрезиҳо табдил ёфт. Ҳодисаҳои аввали асри XVI маҷбур сохтанд, ки аксарияти намояндагони илму фарҳанг Ҳиротро тарк намоянд.

Яке аз онҳо нависанда ва муаррихи тоҷик Зайнуддин Маҳмуд ибни Абдулҷалил Восифӣ – زین‌الدین محمود واصفی (1485–1556), муаллифи манбаи пурарзиши фарҳангӣ-таърихии он замон, асари бадеижанру иҷтимоимазмуни «Бадоеъ ул-вақоеъ» [58; 59][108] мебошад. Ҳарчанд ки ҳикоёти ин асар талоши таҳқиқоти амиқи таърихиро намекунад, маълумоти дақиқро дар бораи шахсони воқеии таърихӣ ва ҳаёти воқеии мусиқичиён оварда, воқеияти фарҳангӣ-иҷтимоии замонашро хеле равшан дар бар гирифтааст. Аз ин лиҳоз, «.. ҳикоёти «Бадоеъ ул-вақоеъ»-и Восифӣ саҳоифи дурахшоне аз рӯзгори мардум, урфу одат, шавқу хоҳишҳои онҳо мебошанд. Боигарии маъно ва қимати маърифатии онҳо дар ҳақиқат ба сурати воқеии онҳост» [59, с.9]. Дар асари худ Восифӣ мусиқачиёни зерини замонро ном гирифтааст, ки ҳиротӣ буданд – сароянда, навозанда ва оҳангсоз Қосималии Қонунӣ (1499–1574)[109], бону Чакари Чангӣ (1475–1512) маъруф ба сарояндагӣ, навозандагӣ, мусаннифӣ-оҳангсозӣ[110], устод

[108] Асари номбурда манбаи арзишмандест дар бораи вазъи мусиқӣ ва мусиқачиёни замон. Восифӣ аз соли 1512 ба шаҳри Самарқанд омада, котибӣ, мударрисӣ, имоматӣ карда, давоми умри худро дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр гузаронидааст. Нахустнашри пурраи асари «Бадоеъ ул-вақоеъ» бо саъйю кӯшиши И.Диловаров зери таҳрири Н.Амиршоҳӣ ба амал омадааст [58], ки дертар ба мо дастрас шуд. Истифодаи маводи ин китоб аз нашри ҳикоёти «Бадоеъ ул-вақоеъ» [59] аст.

[109] Қосималии Қонунӣ дар жанрҳои савт, нақш, амал, пешрав, қавл, рехта дар мақомҳои Рост, Наво, Ҳусайнӣ, Кӯчак асарҳое офаридааст, ки дар амалияи мусиқии замон зери унвонҳои «Пешрави қонун», «Савти нозу ғамза», «Амали қонун», «Нақши маҳвашон», «Рехта ба Наво», «Кор ба Рост» ва диг. машҳур гардидаанд [79, с.112]. Восифӣ ҳунари навозандагии ӯро бо чунин байт васф кардааст:

Нолаи қонуни ӯ, к-аз наргиси ҷодуш буд,
Чун нанолад з-он ҳама пайкон, ки дар паҳлуш буд [59, с.12]

[110] Чакари Чангӣ дар жанрҳои қавл, нақш, пешрав, амал, тарона, хусусан, бар ашъори Мавлоно Ҷомӣ ва Навоӣ асарҳо офаридааст, ки хеле густариш ёфта, ӯро шуҳратёр гардонидаанд [79, с.380]. Маҳорати баланди навозандагии ӯро Восифӣ чунин васф кардааст:

Саидаҳмади Ғиҷакӣ[111] (а.XVI), ҷавони ҳунарманд оҳангсоз ва навозандаи тоҷик Муҳибалии Балабонӣ (1498 – 1540, ҳиротӣ)[112], Ҳасани Удӣ[113], устод Ҳусайни Кӯчаки Нойӣ (Ҳусайнии Кӯчак)[114], сароянда, мусиқидон, оҳангсоз ва шоир Мири Хонанда (Ҳофизи Мир)[115], ҷавони болаёқат

Дилбари чангӣ, ки сози дилбарӣ оҳанг сохт,
Риштаи ҷони ман аз ҳам канду тори чанг сохт. [59, с.12]

111 Маҳорати Саидаҳмади Ғиҷакиро Восифӣ чунин шарҳ додааст: «.. ки гардун ҷоми заррини хуршеди ховариро аз барои тоси ғиҷаки ӯ муносиб медид ва ҳури хулди барин (хулди барин – биҳишти аъло) гесувони анбарини худро аз барои тори камончаи ғиҷак пеши ӯ мекашид» [59, с.12]. Дар идома қайд шудааст: «Олиҳазрат Абдурраҳмони Ҷомӣ барои ӯ шеъре офаридаанд, ки матлааш чунин аст:

Садои он ғиҷакам кушту ҳусни он ғиҷакӣ,
Ки шӯри маҷлиси Ушшоқ шуд зи пурнамакӣ.

112 Ӯро Мавлоно Муҳибалии Нойӣ-Балабонӣ низ мегӯянд. Ҳунари навозандагиро аз падараш – хаттот, наққош, навозандаи моҳир Рустамалии Ҳиравӣ омӯхтааст. Устодони Муҳибалии Нойӣ-Балабонӣ – Устод Кӯчаки Нойӣ (най ва сарояндагӣ), Ҳасани Нойӣ, Устод Қосими Рубобӣ (навозандагӣ ва оҳангсозӣ). Дар жанрҳои савт, амал, кор, қавл, пешрав асарҳои «Амали ной», «Пешрави балабон», «Нақши балабон», «Савти ной», «Амали Муҳибалӣ бар Наво» ва дигарро офаридааст. Дар мактаби ҳунарии Ҳирот ба воя расида, дар пешомадии мактаби ҳунарии Бухоро саҳмгузорӣ кардааст [79, с.182]. Восифӣ чунин байтеро бар васфи ӯ меоварад:

Ба лабони шакарин то балабон овардӣ,
Ба лабони ту, ки ҷонам ба лабон овардӣ.

113 Восифӣ Ҳасани Удиро «*наводири созандагони олам*» номида, тавоноии ҳунари уднавозии ӯро «*танбӯрсифат*» муайян кардааст [59, с.13].

114 Дар замони Восифӣ ӯ « *..дар камоли ҳусну ҷамол буд. Ва дар Ироқу Араб ва Аҷам овозаи сози ӯ ба авҷи иштиҳор расида буд*» [59, с.13]. Нисбат ба ҳунари волои *Ҳусайн Кӯчаки Нойӣ* Восифӣ матни хеле ҷолиброро оварда, дар он аз анъанаҳои онвақтаи баёни насри бадеӣ устодона истифода бурдааст: « *..манқул аст, ки дар қофилаи аҳли Ҳиҷоз ҳоҷиёни Муҳайири мағлуби ишқи ҳусну ҷамол Каъбаро Рост монанди Ушшоқи бе Наво Зангӯласифат ба нолаву афғон аз бодия монанди Сабо ба имдоди нағмаи най гузаронида буда, дар он қофила буд*». Ин гуфтаи Восифӣ ҳафт унвони мақомҳои замон – Ҳиҷоз, Муҳайяр, Рост, Ушшоқ, Наво, Зангӯла, Саборо дар бар мегирад. Аз нигоҳи илми мусиқӣ пайиҳамии онҳо тасодуфӣ нест. Ҷамъ овардани унвонҳои мақомҳо дар як порчаи матнӣ ё байтҳои шеърӣ ва бо назму наср ифода кардани амалҳои сирф мусиқавӣ ба ибтидои асри XVI хос буд. Мисоли дигаре, ки аз номи шоир ва мусиқидони ҳамин замон Биноӣ дар ин ҷо гуфта шудааст, дар байти зерин дида мешавад:

Агар муҳибби Ҳусайнию Рост мегӯӣ,
Машав Мухолифу оҳанг кун бар мулки Ироқ [59, с.55-59].

Чунин гуфтаҳо аз он далеланд, ки муаллифон дар ҳар ду – ҳам адабиёт ва ҳам мусиқӣ дониши мукаммали махсусро доро буданд. Зеро ки ҳар яки гуфтаҳо дар мусиқӣ амалеро нишон медиҳад, ки он қонунеро дар *гардиши мақомҳо* инъикос мекунад. Дар мақомот амали *гузариш* ҳамеша бо риояи хеле мушаххас, тавассути лаҳнҳои хешутаборӣ иҷро шуда, яке аз қонунҳои асосии мақомбандӣ маҳсуб мешавад.

115 Дар сарчашмаҳо инчунин бо номи Ҳофизи Мир (с.ф.тахм.1507 – 1508) омадааст. Ӯ намояндаи Мактаби ҳунарии Ҳирот буд. Дар жанрҳои амал, қавл, кор, рехта, савт эҷод мекард. Оҳангҳои ӯ хеле дилнишин буда, бо жанрҳои адабӣ-шеърӣ хеле қаринанд. Асарҳои ӯ бо унвонҳои «*Амали оташи дил*» бар мақоми Рост, «*Савти маро чун ту париваш инчунин бояд*» бар мақоми Наво омили пайдоиши назираҳои зиёде дар амалияи мусиқии ҳам Мактаби

Мақсудалии Раққос[116], Ҳофиз Басири сароянда[117] ва дигаронро ном гирифтааст [59, с.12-16].

Восифӣ дар асари худ якеро «ҷавон», дигареро «устод» ном мегирад, ки аз он синну соли ин шахсони воқеӣ намудор мегардад. Фаъолияти онҳо бо мактабҳои ҳунарии Ҳирот ва сониян, Бухорову Самарқанд қарор ёфтааст – гуфтани Восифӣ ҷараёни воқеии ҳолату зиндагии аҳли мусиқиро намоён месозад.

Аз навиштаҳои Восифӣ жанрҳои мусиқавии замон айён мегардад ва ҳамчунин маълум мешавад, ки назирасароӣ ва сурудхонӣ дар базмҳои аҳли фаҳм устувор будааст. Як мисоле, ки Восифӣ худ тасдиқ кардааст, ғазалест дар рафти навозиши Ҳусайни Кӯчаки Нойӣ:

Ушшоқро зи сози ту ҳоле дигар шавад,
Чун най барӣ ба сӯи даҳон, найшакар шавад.

Ҷоно, ман он наям, ки бинолам зи дасти ту,
Сӯроҳҳо чу най агарам дар ҷигар шавад.

Хоҳам, ки баъди марг дамад най зи турбатам,
Бошад, ки ҳамнафас ба ту, эй симбар шавад.

З-он най наёварам ба даҳон, к-оташи дилам,
Афтад ба ною оташи ман тезтар шавад.

ҳунарии Ҳирот ва ҳам Мактаби ҳунарии Бухорову Самарқанд гардиданд [79, с.364]. Ҳофизи Мир бо шоирони замонаш Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Бадриддин Ҳилолӣ (1470 – кушта шуд дар с.1529) ва хусусан Камолиддин Биноӣ (1453 – 1512) бевосита ҳамкориҳои эҷодӣ дошт. Ҳофизи Мир инчунин санъати волои қироати шеърро аз худ карда буд. Ӯ шеърҳоро дар жанрҳои адабии ғазал, рубоӣ, соқинома чунон мехонд, ки гӯё як қадам ба табдили он ба жанри суруд мегардид. Маҳз ҳамин санъати волои шеърхонии тоҷикон ба ташаккули пайдоиши жанрҳои мусиқавии ин жанрҳои адабӣ мусоидат намуданд.

[116] Восифӣ ба рақсидани ӯ худ ҳам мафтун буда, таъсири маҳорати Мақсудалии Раққосро ба атрофиён чунин шарҳ додааст: «.. ҳар гоҳ, ки ба рақс даромадӣ, хуршеди ховарӣ ва маҳи анварӣ ба гирд рафтӣ... чун аз рақс бозистодӣ, ҳуззори маҷлисро ба гирди сари худ дар гирд ёфтӣ» [59, с.14]. Дар рафти рақс ба вуҷуд омадани ғазалашро низ тасдиқ карда як байт, матлаи онро овардааст:

Ба рақс гарм чу гардид сарви маҳваши ман,
Зи боди домани ӯ даргирифт оташи ман [59, с.14].

[117] Ҳофиз Басири сароянда, ровӣ, оҳангсоз, мусиқидон (с.ф. 1510), аслан тоҷики ҳиротӣ буда, дар миёнаи умр ба Бухоро омад. Ӯ асарҳои зиёдеро зери унвонҳои «*Нақши Хоҷаи Товус*», «*Амали абри навбаҳорон*» (ғ.Саъдӣ). «*Савти дили болокаши ман*»-ро бар мақоми Ушшоқ, «*Нақши боди домани ӯ*» бар мақоми Наво, «*Қавли дилрабоёни ҷаҳон*» бар мақоми Рост, «*Рехтаи Хоҷаи Садр*», «*Рехтаи Хоҷаи Сарроф*», «*Пешрави хоҷагон*»-ро бар усулҳои чанбар, уфар, мухаммас ва *роҳи боло* дар жанрҳои савт, нақш, амал, навбат, наът, рехта, қавл бештар бар ашъори Саъдӣ, Ҳофиз, Хоҷӯи Кирмонӣ, Ҷомӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Салмони Соваҷӣ ва дигарон таваҷҷуҳи хосса дошт. Ӯ зимни қонуннавозии Хоҷа Абдуллоҳи Садр овозхонӣ мекард [79, с.361].

Бар ман гирифт нест, ки афғон кунам, вале,
Тарсам зи парда рози ниҳонам бадар шавад.

З-ин сон, ки ҳамдами лаби лаъли ту бинамаш,
Охир ба най ду даст маро дар камар шавад.

Эй Восифӣ, ба нолаву афғон дигар чунин
Нойӣ, бӯй, ӯ ки касеро хабар шавад.

Асари Восифӣ хусусиятҳои илми мусиқии замонро хеле барҷаста баён месозад. Дар баробари овардани жанру мақомҳову созҳо ӯ истилоҳоти мусиқавии замонро дар нақл истифода бурдааст. Аз зумраи истилоҳҳои мушаххас «танбӯрсифат», «мизроби нохун», «харош намудӣ», фарқият ва дар амалияи мусиқӣ бештар густариш ёфтани истилоҳҳои «тағаннӣ» (амали сурудхонӣ) ва муғаннӣ нишон медиҳад. Масалан, дар гуфтаи «..танбӯрсифат ... сандуқи синаи худро ба мизроби нохун аз рашки ӯ харош намудӣ...» маълум мешавад, ки мавқеи танбӯр дар ибтидои асри XVI дар Бухоро аллакай аз «шоҳи созҳои мусиқӣ» – уд баландтар ва ҷозибаноктар буд, ки Восифӣ бо ибораи «танбӯрсифат» уднавозро таърифу тавсиф кардааст. Истилоҳи «мизроби нохун» [59, с.12] навъи мизроб аст, ки худ нохун аст ва ё монанди он сохташуда. Ва имрӯз ҳам «нохун»-ро дар танбӯрнавозӣ ба ҳамин маъно истифода мебаранд.

Қариб ҳамаи номбурдаҳо мусиқидонону мусиқачиёни ҳиротӣ буда, дар ин маркази фарҳангӣ ба воя расида, солҳои муайян бо сабабҳои маълуми мазҳабӣ-сиёсӣ дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд зиндагӣ кардаанд. Вале дар ин ҷо ҳам оромиву осоиштагиро наёфта, аксарияти онҳо ба шаҳри худ баргашта бошанд ҳам, онҳо саҳми худро дар ду мактабҳои фарҳангии тоҷикон – ҳам Мактаби ҳунарии Ҳирот ва ҳам Мактаби ҳунарии Бухоро гузоштаанд. Онҳо фазои фарҳангӣ, илму ҳунари мусиқавии худро ба ин ҷо оварда, ба рушди минбаъдаи мусиқӣ дар Бухорову Самарқанду дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр (Вароруд) мусоидат намуданд.

Дар баробари жанрҳо тамоюлҳои дигаре низ ҷо доштанд, ки ба рафти илми мусиқӣ, услуби сарояндагиву навозандагӣ мустақим таъсирбахш буданд. Восифӣ аз номи худи Ҳофиз Ғиёсиддини Деҳдор қайд мекунад, ки ӯ ҳафт навъи қироати Қуръонро чунон мехонад, ки «.. мустамиъинро риққат ва ҳолати тамом ва шавқу завқи локалом даст медиҳад... » [59, с.64]. Агар ба хотир оварем, ки дар ибтидои ислом мусиқиро танҳо дар қироати Қуръон ва гуфтани азон иҷозат дода буданд ва инчунин ба ёд оварем, ки Сомониёни бузург услубҳои зиёди шеърхониро зери ин нуктаи иҷозатбуда ба вуҷуд оварда, онро ба василаи эҳёи мусиқии дунявӣ истифода бурда тавонистанд, дарк мекунем, ки то чӣ андоза тоҷикон ин роҳро асрҳои минбаъда низ

устувор пайгирӣ мекарданд. Бидуни шак(к), баъди Сомониён ин анъанаҳо ҳамеша байни мардум вуҷуд доштанд ва қувват мегирифтанд. Бо мурури замон ҳам бадеияти қироати Қуръон маҳз аз ҳамин заминаи қироати шеъри форсӣ-тоҷикӣ об хӯрда ба мусиқӣ бештар наздик мешавад ва дар ин замина ҳатто жанрҳои сирф мусиқавӣ дар мусиқии тоҷик пайдо мешаванд[118].

Дар ибтидои асри XVI арзиши бадеӣ-маънавии сухан хеле баланд буд: « ..мардум байт тараннум карда месуруд, қиссахонӣ карда аз таърихи худ «Қиссаи Амир Ҳамза», «Абумуслим» ва «Дороб»-ро мегуфт...» [59, с.64]. Ҳамаи ин намунаҳои ҳунарҳои бадеӣ-мардумӣ рушд меёфтанд. Ин буд, ки Бухоро, ҳарчанд ки аз ҷангу зулмоту куштορҳои Шайбониёну Сафффориён беҳол шуда буд, бо неруи иловашуда ва руҳияи маънавии бузурги мардуми тоҷик қувват мегирифту пеш мерафт.

Дар қиёс бо давраҳои Сомониёни бузург, дар асрҳои XVI, албатта, симои Бухоро дигар шуда буд. Фазои маҳаллии Бухорои шариф, ки ҷиҳати диндорӣ хеле қавӣ буд, зимни талошҳои мазҳабӣ нуфузи динии бештарро пайдо мекард. Тамоми фарҳанги маънавӣ ранги фаҳмишҳои диниро ба худ мегирифт, гӯё аз дин манша мегирифт. Ин нуфуз, барои мусиқӣ низ хеле қавӣ қарор мегирифт, вале он бештар зоҳирӣ буд. Хушбахтона, таъсири ин рамзҳои динӣ бевосита ба унсурҳои фаннии он роҳ ёфта наметавонист. Мавқеи онҳо бо сатҳи рамзӣ маҳдуд мегардид. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи он замон, ки дину сиёсат як шуда буд, зуҳуроти дигар пайдо мешавад. Мусиқӣ дар чунин ҷомеа василаи покӣ ва тозагиро мефаҳмонд. Инсон ҳамеша дар ҷустуҷӯи покизашавӣ буда, роҳи онро меҷуст. Аз ин ҷиҳат мусиқӣ ва динро он ҳамоҳанг мекард, ки ҳар ду инсонро ба ҷустани роҳи ҳақиқат равон мекарданд [128; 74]. Ин фаҳмиш дар он зоҳир мегардид, ки ҳар мубини мусулмон ба сӯи мамолики Араб ва хусусан Ҳиҷоз (вилояте, ки Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара дар он минтақа ҷойгиранд) роҳро пеш мегирифт. Ба ин музофот роҳ тавассути Ироқ қарор меёфт. Аз ин ҷост, ки дар мақомоти тоҷик дар давраи фарҳанги исломӣ мақомҳои Ироқ ва Ҳиҷоз устувор буданд. Ин мақомҳо, ҳарчанд ки аз ҷиҳати сарфу навъи забони шеъриву мусиқӣ, асоси оҳангӣ-интонатсионии тоҷикиро доранд, вале унвонҳои онҳо ба ҷаҳони Араб алоқамандиро зоҳир мекард. Аз ин ҷост, ки мақомот бо чунин қолаби зоҳирии динӣ бе монеаи расмие ба рушди баланд ноил мегардид. Вале воқеан мақомот бо фарогирии шеъру мусиқии воло нишондиҳанда ва рушддиҳандаи тафаккури волои мардуми тоҷик буда, вазифаи худро дар ҳар вақту замон иҷро карда метавонист. Дар ин хусусият мусиқӣ ба назми классикии форсӣ-тоҷикӣ тақлид менамуд. Фаҳмиши

[118] Аз зумраи чунинҳо метавон жанри мусиқавии *наът* (минтақаи Кулоб) ва *мадҳия*-и (Бадахшон)-ро ном гирифт. Дар мусиқии муосири халқҳои эронӣ, арабӣ ва туркӣ (хосса, туркиву озарбойҷонӣ) *салавотхонӣ* низ аз ин равияи жанрӣ аст.

умумии мардуми Бухорои шариф ба чунин интихоби мақомоти тоҷик ҳамоҳанг мешуд.

Рушди воқеии мақомоти тоҷик бо роҳи тавъамшавии мусиқиву назми классикии форсӣ-тоҷикӣ қарор дошт. Дар ин роҳ на танҳо якҷошавии зарбу жанру шакли сохторӣ, балки оҳангӣ-интонатсионӣ ҳам ба амал меомад. Оҳангҳои мақомоти тоҷик дар ин давру замон ҳарчӣ бештар ба нутқи забони тоҷикӣ наздик мегардиданд. Унсури оҳангӣ-интонатсионии мусиқӣ комилан оҳанги қироати шеъри форсӣ-тоҷикӣ ва тобиши нутқи забони форсӣ-тоҷикиро ифода мекард. Аз ин рӯ, заминае ба вуҷуд меомад, ки тамоюли ҳарчӣ саҳеҳтар ифода намудани асоси оҳангӣ-интонатсионии нутқро тақозо мекард.

Дар мусиқии тоҷик давраи сеюми рушди мақомот оғоз шуда буд. Ва ин бо мукаммалгардонии системаи Дувоздаҳмақом алоқаманд буд. Он аз моҳияти системаи универсалии асримиёнаӣ дур шуда, дар ҳудуди масоҳати хурдтари ҷуғрофӣ шаклҳои нави худро пайдо мекард. Ин кишварҳое буданд, ки мустақилияти мусиқавӣ доштанд. Дувоздаҳмақом дар заминаи мусиқии мардуми таҳҷоии он кишварҳо бори дигар ба таври шохаҳои алоҳида рушд меёфт, симои нави мусиқавиро ба худ мегирифт. Бо мурури замон гунаҳои мусиқии форс-тоҷик, бо шохаҳои алоҳида, бо роҳи рушди мустақилона рафт, вале симои худро гум накард. Неруи ин маънавиёт чунон бузург буд, ки сиёсатмадорони ғайритоҷикро маҷбур месохт сатҳи донишу фарҳанги худро баланд бардоранд. Ҷараёни ташаккули рушди ягонаи тафаккури назмӣ-мусиқавӣ дар ин давра беш аз беш устувор мегардид, ҳокимони ғайри тоҷик ба Сомониён бузург тақлид мекарданд, омӯзиши фанҳои махсуси марбут ба назму мусиқиро оғоз карданд[119].

Дар маркази фарҳангии тоҷикон Бухорову Самарқанд ташаккули мактаби ҳунарии хосса хеле устуворона ба амал меомад. Ин Мактаби ҳунарии Бухоро буд. Ин замоне буд, ки неруи як мактаби ҳунарӣ (Мактаби ҳунарии Ҳирот) ба дигар мактаби ҳунарӣ (Мактаби ҳунарии Бухоро) мегузашт. Ва маънои онро дошт, ки рушди пайвасту наздикшавии назм ба мусиқӣ, ки аз фарҳангсозии Сомониён дар асрҳои IX – аввали XI сар зада буд, бо роҳи рост тараққӣ карда, дар шароити мураккаби асрҳои XV–XVII бори дигар ҳифз шуда, дар марказҳои дигари тоҷикон – Ҳирот ва Бухоро аз сари нав ҷило медод.

Дар навиштани рисолаи мусиқӣ ҳам чунин дигаргунӣ айён гардид. Ва он аз гуфтаҳои Мавлоно Ҷомӣ бармеояд. Дар асри XV Мавлоно Ҷомӣ

---

[119] Ҳокимони нав барои саводомӯзии динӣ ва дунявӣ аз устодони тоҷик истифода мебурданд. Нависандаи бузург Зайниддин Восифӣ бо хоҳиши худи Убайдуллоҳхон дар қуръонхонӣ ва илми қофия ба ӯ сабақомӯзӣ мекард. [74, с.118]. Мусиқишинос Наҷмиддини Кавкабӣ устоди Убайдуллоҳхон аз фанни мусиқӣ буд [74, с.119].

мусиқиро ҳамчун падидаи эстетикӣ хеле равшану айён шарҳ дода буд. Минбаъд, хусусан аз асри XVI сар карда, муаллифони рисолаи мусиқӣ дар талқини мусиқӣ аз услубҳои риёзӣ пурра даст кашиданд. Онро бештар ба назм наздик намуда, тавъамии рушди онро ташаккул доданд. Дар амалияи мусиқӣ жанрҳои зиёди адабӣ варианти мусиқии худро пайдо карданд: рубоӣ, ғазал, мухаммас, соқинома, амали назира ва дигар. Дар умум, дар илму амалияи мусиқии асрҳои XVI-XVII бо чаҳор роҳ ворид гардидани назм ба мусиқӣ мушоҳида мешавад:

- ҳамчун услуби баён;
- бо системаи зарбӣ;
- ташаккули жанрҳои умумии назму мусиқӣ;
- услуби нави тадрисӣ дар мактаби суннатии устод-шогирд, ки дар баёни қоидаҳои назариявӣ ва амалии мусиқӣ зуҳурот пайдо кард.

IV.1.2. Фаъолияти тарғибгарии Мавлоно Кавкабӣ

Шоир ва мусиқидон Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ (тахминан аввали солҳои 70-уми асри XV–1532/1533) – аз саромадон ва намояндаи асили Мактаби ҳунарии Бухоро аст.

Мавлоно Кавкабӣ шахсияте буд, ки ҳам дар илму ҳунар ва ҳам дар дину одоб замони худро бо тамоми нозукиҳояш муаррифӣ кардааст: шайх, шоир, мусиқидон, навозанда, устоди мусиқӣ. Муҳаққиқ-мусиқишинос Дарвешалии Чангӣ ӯро Мавлоно Наҷмиддини Кавкабии Бухороӣ ном гирифта [158, с.46], қабл аз ҳама донандаи илми давра (мақомот) мешуморад. Ба гуфтаи ӯ Кавкабӣ шогирди Устоди бузург Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомист [158, с.48]. Дар давраи ҷавонӣ Наҷмиддини Кавкабӣ аз мутолиаи асарҳои Мавлоно Ҷомӣ сабақи ирфонӣ гирифта, дар соҳаи мусиқӣ низ минбаъд онро заминаи асосии худ қарор дода, самимияти беандозаи худро ба ин ҳакими бузург дар ҳар як паҳлуи фаъолияташ амалӣ гардонида тавонистааст. Чунин пайравӣ ба устод далел аз дарки дурусти осори пурғановати ҳакими бузург Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомист. Дар овони ҷавонӣ пас аз шиносоӣ бо рисолаи мусиқии Мавлоно Ҷомӣ муносибати худро ба мусиқӣ муайян кардааст. Маҳз ҳамин нуфуз ба Кавкабӣ имкон дод, ки роҳҳои беҳтарини омӯзиш ва тарзи истифодаи мусиқиро бахри рушду такомули маънавиёт биҷӯяд ва дар тули ҳаёташ амалӣ кунад.

Маълумоти аввалинро дар бораи Мавлоно Кавкабӣ шояд Дарвешалии Чангӣ ба мо расонидааст. Бениҳоят сермаҳсул будани ӯро ҳамчун мусиқидон қайд карда, дар талқиноти назарияи мусиқӣ, равобити мусиқӣ ва шеър, хусусан илми адвор, иҷрои мусиқӣ, инчунин дар жанрҳои зарбулфатҳ, чаҳорзарб, нақш ва сохтани оҳанг моҳир будани Кавкабиро

таъкид кардааст [158, с.48]. Дарвешалӣ мегӯяд, ки «мадҳу санои Муҳаммад пайғамбарро Кавкабӣ дар зарбулфатҳ дар мақоми Ҳусайнӣ офаридааст, ки чунин асар байни асарҳои дигар устодон хеле камназир аст» [158, с.48]. Асари чаҳорзарб дар мақоми Ирок асарест, ки устодону шунавандагонро ба ҳайрат овардааст. Он дар баҳри рамал чунин сар мешавад:

Дидани бахт аз рухат пурнур бод,
Чашми душман аз ҷамолат дур бод.

Байни асарҳои сершумори Кавкабӣ муаллифи асри XVII куллиятро (дар ҳаҷми 5 байт) дар мақоми Ростро диди нав меҳисобад. Дарвеш Алӣ ба ҳайси мисоле аз ашъори Кавкабӣ байтеро дар баҳри ҳазаҷ бо матлаъи зерин меоварад:

Мақом андар адад ҳашт омаду чор,
Ду шуъба ҳар мақомерост ночор.

Ин байт намунаи услуби шеъриест, ки мазмунан ба мақомот алоқаманд буд. Овардани он аз тарафи мусиқишиноси маъруфи асри XVII дар ҳамин аст, ки Мавлоно Кавкабӣ дар рушд ва ҳатто шояд пайдоиши шохаҳои нави ин услуб саҳми бузург дорад. Ва дар замони Дарвешалии Чангӣ эҷоди чунин жанрҳои назмӣ-мусиқавӣ ба ҳукми анъана даромада буд.

Дар ҳамин рисола устоди бузурги мусиқӣ будани Кавкабӣ низ қайд шуда, шогирдони машҳури ӯ ном гирифта мешаванд. Аз он айён мегардад, ки Наҷмиддини Кавкабӣ фаъолияти васеъро дар мусиқӣ мебурдааст. Бар замми ин, Мавлоно Кавкабӣ ҳамчун инсони босаводу пешқадам илмҳои чаҳоргонаву ҳафтгонаи замонро аз худ карда буд. Ҳамаи ин заминаи босаводӣ ба фаъолияти таблиғгарии ӯ дар мусиқӣ мусоидат намуда, тафаккури ягонаи назмӣ-мусиқавӣ, сифати сухандонӣ, услуби баёни сухани тоҷикиро дар рисолаҳову асарҳои мусиқавии ӯ муҳайё гардонд.

Мавлоно Кавкабӣ дар қиёс бо бисёр пешомадагон, талқини мусиқиро ҳамчун «санъати шариф» тарафдорӣ менамояд: «Он чӣ дар ин фан (мусиқӣ) ба ин камина расидааст, дар қалам ояд, умед, ки ба шарафи ихлосмандони ин санъати шариф қабул гардад» [91, с.43]. Дар «Бухорои шариф» сазовори «санъати шариф» гардидани мақомот худ аз моҳияти мақомот дар ҷомеаи он давра шаҳодат медиҳад[120]. Маҳз ба ҳамин маъно Мавлоно Кавкабӣ мусиқиро қабул мекард. Ҳамин маъно аз ибтидо зери «мусиқӣ» дар Мактаби мусиқии классикии тоҷик пойдор гардида буд.

Дар ин ҷараён Мавлоно Кавкабӣ ба мусиқӣ ҳам илман ва ҳам амалан саҳмгузорӣ намуда, дар равияи хоссаи худ маъруф гардидааст.

---

[120] Ин ҷо ба якчанд маънои ин калима таваҷҷуҳ медиҳем: «шариф – 1) асил,.. 2. .. соҳиби ифтихор; ... 5. пок ва муқаддас» [180.II, с.568]

Дар илми мусиқӣ асосан ду асари ӯ – «Рисолаи мусиқӣ» ва «Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом»-ро қайд мекунанд[121]. Ин рисолаҳо яке насрӣ-ҳикоявӣ асту дигаре бо назм навишта шудааст.

Мавлоно Кавкабӣ «Рисолаи мусиқӣ»-ро ба шакли наср навишта, ҷо-ҷо рубоӣ ва байтро истифода мебарад. Рисола аз сарсухан оғоз мегардад. Аз ибтидо аз гуфтаҳои Мавлоно Кавкабӣ маълум мешавад, ки ӯ воқеан ба илми амалии мусиқӣ афзалият медиҳад. Ва рисолае, ки ӯ таълиф менамояд мансуб аст ба шарти мутрибӣ. Барои ӯ супоридани дониши худ ба дигарон шартест ҳатмӣ тибқи мактаби устод-шогирд. Мавлоно Кавкабӣ зарур шуморидааст, ки риояи ин шартро дар аввали рисола хотиррасон бикунад. Дар ҳамин сарсухан муаллиф рубоиеро дар баҳри ҳазаҷ низ овардааст:

Аз ҷаври сипеҳр Кавкабӣ ҷуст паноҳ,
Файзи азалӣ сӯи ту бинмудаву роҳ.
Дар сурати арз дошт аз меҳнату ғам,
Бинвишт саҳифае пур аз нолаву оҳ.

Он мазмуне, ки Мавлоно Кавкабӣ дар ин рубоӣ ҷо кардааст, ба назар хеле амиқ менамояд. Вале хонданҳои такрории он ба кас маънии чуқуру зермазмуни онро мекушояд ва аз тафаккури серрангу фалсафии ӯ иттилоъ медиҳад.

Дар сохтори таркибии рисола ҳар бобро муаллиф «мақом» номидааст, ба монанди «Мақоми аввал», «Мақоми дуюм», «Мақоми сеюм»...[122]. Ба ҳамин равол ин рисола аз дувоздаҳ мақом (боб), оғоз ва хотима иборат аст. Кавкабӣ мазмуни марказии рисолаи худро мақомот интихоб кардааст. Ва онро пайдошуда аз илми парда мешуморад. Ҳар парда ба гуфтаи ӯ зери худ ҳолатеро дорад. Аз ин рӯ, дувоздаҳ парда маънои дувоздаҳ мақом (ҳолат)-ро доранд. Ин фаҳмиши нозукназаронаи Кавкабӣ касро ба ҳайрат меоварад, чӣ гуна илми мусиқиро пешниҳод мекунаду онро ҳифз мекунад!

Дар *мақоми аввали* рисола «*Дар шарафи илми мусиқӣ*» Кавкабӣ бори дигар мусиқиро «..илми шариф» ном гирифта, ҳамзамон «*санъати латиф*» муайян карда, дар ибораи сонӣ таъкид мекунад, ки « ..баҳра аз он ҷонрост на аҷсомро (на баданро – Ф.А.)» [91, с.44]. Дар ин талқиноти худ Мавлоно Кавкабӣ ба Мавлоно Ҷомӣ пайравӣ кардааст. Мавлоно Кавкабӣ мусиқиро баъди Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун санъате нишон додааст, ки ба руҳу ҷони

[121] Дар таҳияи ин параграф аз адабиёти зерин истифода бурда шудааст: [74; 79, с.57, 92-93, 103-104, 238-239; 91; 141, с.233-246; 145; 216.I, с.539, 216.II, с.74].
[122] Калимаи «мақом» дар рисолаҳои Наҷмиддин Кавкабӣ ба се маъно омадааст : 1. лаҳн (лад); 2. боби рисола; 3. ҷой. [145].

инсон равона мешавад. Дар назарияи мусиқӣ-эстетикии ӯ талқиноти Мавлоно Ҷомӣ мусиқӣ – *санъати ҳол* мустақим идома меёбад.

Мусиқии асрҳои XV–XVI талқини дигареро ба вуҷуд меоварад: он чизе, ки дар инсон пӯшида аст, ба воситаи мусиқӣ берун мебарояд. Яъне ҳолатҳои гуногун ба вуҷуд меоварад, ки руҳи инсонро қавӣ мегардонад. Маънои «унсури пӯшида»-и мусиқӣ «мақом» аст. Вазифаи мақом мусиқии волоро ба вуҷуд овардан аст. Шунидани ин мусиқии воло инсонро покиза месозад ва роҳро ба сӯи покизагӣ нишон медиҳад, раҳнамунӣ менамояд. Ва фаъолияти Мавлоно Кавкабӣ барои ин фаҳмиш заминаи мусоиде маҳсуб меёбад. Дар ҳамин ҷо Кавкабӣ бо рубоӣ дар баҳри ҳазаҷ руҳро васф мекунад:

Он сафҳа, ки руҳ қолиби инсон буд,
Ҳамроҳ ба ӯ савти хуше пинҳон буд,
Гӯянд, ки савт буд бо ҷон ҳамроҳ,
Ҳамроҳ ба ҷон магӯ, ки ӯ худ ҷон буд.

Дар ин ҷо Кавкабӣ мафҳуми худро нисбат ба мусиқӣ рӯирост овардааст: «.. манқул аст, ки бисёре аз шоҳбозони тариқат ба самоъ ва замзама дар ҳавои висол ба пардоз омада ва атиббо (табибон, ҳакимон – Ф.А.) аз нидои он оҷиз монда, ба шунидани овози ҳоли суҳбати аслӣ бозомада». Аз ин гуфтаи Кавкабӣ бори дигар фаҳмишу талқини ӯ маълум мешавад – мусиқӣ илм бошад ҳам, бештар манбаи руҳафзои эҳсосотист. Мусиқӣ неруманд аст, ки касро ба роҳи дуруст бибарад. Ин гуфтаашро Кавкабӣ бо рубоие дар баҳри ҳазаҷ хотима медиҳад:

Овози хушат зи тан ҷудоӣ бахшад,
Бо шоҳиди руҳат ошноӣ бахшад.
Гар дар аламат рӯи ҳар илм, вале
Ин илм зи ҳар илм раҳоӣ бахшад.

Аз тавсифи Кавкабӣ метавон дид, ки самоъву замзамаро (шунидани мусиқиро, оҳангро – Ф.А.) ҳамчун роҳи покшавӣ, аз ҷиҳати маънавӣ ғановатманд гардиданро мешуморад. Баёни ин нуқтаи назари худро Мавлоно Кавкабӣ тавассути «часпонидан»-и мусиқӣ ба дин ба амал овардааст. Чунин ибрози ӯ дар он шаклест, ки дар асри XVI қолаб гирифта буд, мӯҳтавои он – *мусиқӣ аз офаридаҳои Худованд аст, ки касро ба роҳи рост мебарад*. Ин гуфтаи ӯ на аз навъи дидҳои космологист, ё мифологист. Ва инро мебояд ба эътибор гирифт. Ин консепсияи эстетикиест, ки аз ибтидои тамаддуни исломӣ бо мусиқӣ пайваст буд. Он гоҳ шариат мусиқиро танҳо дар қироати Қуръон ва гуфтани азон раво дида буд. Дар ҷомеаи асримиёнаӣ ин иҷозат расман ҳамеша ба судмандии мусиқӣ

истифода мешуд. Дар мақомот он ҳатто дар номгузории мақомҳо намудор мегардад. Маҳз ҳамин консепсия дар Мактаби мусиқии классикии Бухоро ба шакли балоғат мерасад[123].

Дар *мақоми дуюм «Дар баёни мусиқӣ ва таъйини мавзӯи ӯ»* муаллиф маънои этимологии калимаи «мусиқӣ»-ро ҳамчун «оҳанг» («алҳон»), хусусиятҳои мулоимот (консонансӣ) ва мутанофара (диссонансӣ)-и онро ном гирифта, илми мусиқиро иборат аз ду қисм мешуморад: *алҳон* ва *иқоъ*. Дар идомаи нақли худ ӯ ривояти машҳуреро дар бораи Пифагор ва ихтироъ кардани ӯ сози мусиқии барбатро меоварад.

Мақоми сеюм «Дар таърифи нағма» ном дорад. «Савти хушояндест», ки замоне дар пастубаландии муайян садо медиҳад ва деранди онро кас муайян карда метавонад. Кавкабӣ оид ба шарҳи нағма се хусусият («лафз»)-и онро қайд кардааст:

- ❖ *лафзи хушоянд*. Дар қиёс бо харошидани санг ё чӯб, ки садои ғулғулавист. Форамии «нағма» аз диди Кавкабӣ муҳимтарин аст.
- ❖ *лафзи воҳиди садоӣ*. Фосилаву ҷинсу ҷамъ, ки беш аз як воҳиди садоиро дар бар мегиранд, нағма нестанд.
- ❖ *лафзи идроки ҳусн*. Онро дарк (ҳис) карда метавонем, он дорои ранги хуш аст.

Мавлоно Кавкабӣ ду навъи нағмаро қайд кардааст: *қавлӣ* (овозӣ) ва *феълӣ* (созӣ).

Дар *мақоми чорум «Дар таърифи буъд ва ҷинс ва ҷамъ»* аввал шарҳи *буъд*-ро аз тарафи Сафиуддини Урмавӣ («Соҳиби «Шарафия») ва Муҳаммад ибни Маҳмуди Амулӣ («Соҳиби «Нафоис ул-фунун») овардааст, ҳар ду бо шарҳи имрӯзаи фосила рост меоянд: «..*миёни ду нағмаи мухталиф дар ҳиддату сақил* (ё «сақл» – Ф.А.), сониян, дар бораи хелҳои он – буъди *муттафиқа* (консонанс) ва буъди *мутанофара* (диссонанс) гуфта мегузарад. Солисан, пайиҳам шарҳи *ҷинс* – «..чун буъди муттафиқа.. аз яке даргузарад, онро ҷинс гӯянд..» ва шарҳи *ҷамъ*ро – «.. чун ҷинс аз яке даргузарад, онро ҷамъ номанд..» овардааст. Дар охир шарҳи *алҳон*ро низ

---

[123] Тавре ки маълум аст, зоҳиран ин консепсия дар унвонҳои мақомҳо инъикос мегардад: Рост (роҳи рост – гарави баракати зиндагӣ), Бузург (бузургии Худованд), Наво (ҷасурӣ дар ботини инсон, руҳи қавии ӯ), Дугоҳ, Сегоҳ (иқдомҳои муайян дар зиндагӣ, комёбҳову шикастҳо), Ироқ (ба воситаи он ба роҳи зиёрати мусалмонон қарор мегирад), Ҳиҷоз (вилояте, ки дар он Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара ҷой гирифтаанд).

Дертар, зери мантиқи ин консепсия интихоби мақомҳои аслӣ дар Шашмақом низ хеле огаҳона ба амал омада буд: дар Шашмақом мақоми охирин Ироқ аст (инсон дар роҳи зиёрати Худованд аст). Ба ақидаи мо, аз байн бардоштани мақоми Ҳиҷоз дар Шашмақом аз он аст, ки инсон дар ҳаёти худ «покизатарин» шуда наметавонад. Ӯ ҳамеша дар роҳи покизашавист. Дар Шашмақом мақоми Бузург (Бузрук) якум аст, зеро ки он бо номи Худованд алоқаманд аст. Ва мақоми Рост дуюм аст, зеро ки «модар» (тибқи рисолаҳо: ар. – *умуладвор* («модари адвор»), ки роҳи ростро ба фарзандаш нишон медиҳад, низ аз атои Худованд аст.

меоварад: «..чун ҷамъ.. ..зимни нағамоти муттафиқа маҳдудату-л-азамина мавзуноту-л-даввор вуҷуд гирад.. ».

Мақоми панҷум «Дар баёни пардаҳои (мақомҳои) аслӣ» ном дорад. Унвонҳои дувоздаҳ мақоми аслиро чунин овардааст: Ушшоқ, Наво, Бусалик, Рост, Исфаҳон, Зерафкан (Кӯчак), Бузург, Зангӯла (Ниҳованд), Раҳовӣ, Ҳусайнӣ, Ҳиҷоз, Ироқ.

Дар ин ҷо ӯ Пифагор (Фишоғурс)-ро ба хотир оварда, маҷмуи пардаҳои ӯро ба ҳафт ё ҳашт баробар медонад: Наво, Бусалик, Рост, Ироқ, Ушшоқ, Зерафкан ва Раҳовӣ. Дар байни инҳо Ростро *умуладвор* («модари адвор») меномад. Тибқи гуфтаи дигар («баъзеон»), мақомот ҳаштто будааст: Ушшоқ, Бусалик, Рост, Ироқ, Исфаҳон, Раҳовӣ, Ҳусайнӣ, Ҳиҷоз. «Ва он чаҳор пардаи дигарро ҳукамо аз ин мақомот гирифтаанд: Наво="pиро аз Ушшоқ, Зангуларо аз Рост, Бузургро аз Ироқ ва Зерафканро аз Исфаҳон».

Дар *мақоми шашум «Дар нисбати овозҳо ва шуъбаот»* шаш овоза – Гардуния, Шаҳноз, Гавашт, Наврӯз, Салмак, Моя ва бисту чаҳор шуъбаро – Зобул, Авҷ, Наврӯзи Хоро, Моҳур, Ашира, Наврӯзи Сабо, Мубарқаъ, Мағлуб, Рӯи Ироқ, Найрез, Нишобурак, Рақб, Баётӣ, Ҳумоюн, Нуҳуфт, Чоргоҳ, Уззол, Наврӯзи Араб, Наврӯзи Аҷам, Дугоҳ, Муҳайяр, Сегоҳ, Ҳисор, Панҷгоҳ ном гирифта, роҳи пайдоиши онҳоро низ муфассал овардааст.

Мавлоно Кавкабӣ таъкид мекунад, ки қоидаи аз ҳар як мақоми аслӣ пайдо шудани ду шуъба дуруст нест. Баъзе мақомҳо беш аз ду-се шуъбаро ба вуҷуд овардаанд, вале дигаре не.

Мақоми ҳафтум «Дар баёни мураккабот» ном дорад. Мураккабот – «..тоифаи дигар аз муншаъаботро гӯянд..» [91, с.48]. Ӯ номҳои бистучор мураккаботро меоварад: Зеркаши Ховарон, Ҳиҷози Мухолиф, Гардунияи Бусалик, Бастаи Исфаҳон, Исфаҳон, Нигор, Ушшоқи Моя, Рости Моя, Замзама, Мубарқаъ, Наврӯзи Раҳовӣ, Рақби Наврӯз, Зерафкани Бузург, Созгор, Ниҳованди Румӣ, Сегоҳи Моя, Гардунияи Нигор, Шоҳин, Ҳусайнии Аҷам, Баҳри Нозук, Ҳисораки Рӯҳ, Чаҳоргоҳи Аҷам, Зобулӣ, Занбур (Чанбар). Ба гуфтаи Мавлоно Кавкабӣ хусусияти мураккабот ин аст, ки он дар як мақом (ё шуъба) сар шуда, дар мақоми дигар (ё шуъбаи дигар) анҷом меёбад: «..чунончи, Зеркаши Ховарон он аст, ки Ҳусайнӣ бунёд кунанд ва дар Раҳовӣ қарор диҳанд, Ҳиҷози Мухолиф он аст, ки Ҳиҷоз бунёд кунанд ва дар Ироқ қарор диҳанд...». Мураккабот аз ду асоси лаҳнӣ бармеоянд. Ва хусусияти асосии мураккабот *гузариш* ба мақоми дигар аст. Муаллиф на чандон мустақилияти ин унсур, балки хусусияти гузаришии онро таъкид мекунад. Аз ин рӯ, мураккабот дар мақомбандӣ дорои функсияи мушаххаси лаҳнӣ-гузаришӣ – модулятсиониро дорад. Барои пайдо кардани қабули системавии Дувоздаҳмақом ба эътибор гирифтани равобит ва амалҳои имконпазири модулятсионӣ байни лаҳн-мақомҳо хеле муҳим аст.

Мақоми ҳаштум «Дар таърифи нақра» қисми дигарро – илми иқоъро оғоз мекунад. Нақра воҳиди зарбист ва инъикоскунандаи замони нағма аст. Ҳамагӣ ҳашт нақра муайян шудааст, аз он панҷто – *мураккаб* ва сетои охир – *зоид* номида мешаванд, чунки сетои охир аз панҷтои аввал пайдо мешавад. Ҳамаи ҳашт нақрот аслӣ маҳсуб меёбанд. Дар идома Кавкабӣ таърифи ҳосилшавии таркиботи нақраро овардааст. Вобаста ба ин донистан ва фарқ кардани се асоси онҳо – сабаб, ватад ва фосила ҳатмӣ аст. Ҳар яки онҳо ду гунаанд: сабаби хафиф ва сабаби сақил (дуҳарфа); ватади маҷмуъ ва ватади мафруқ (сеҳарфа); фосилаи суғро ва фосилаи кубро (чаҳорҳарфа)[124].

Мақоми нуҳум «Дар таърифи иқоъ» ҳам ба асоси зарбӣ тааллуқ дорад. Таърифи иқоъро аз Сафиуддин Урмавӣ («Соҳиби «Шарафийя»») меоварад: «иқоъ ҷамоати нақратест, ки мутаҳаллали нисбат ба интиҳои азманаи маҳдуду-л-муқодир». Воқеан, иқоъ ин амал (феъл) аст. Истифодаи он меъёр дорад ва мутобиқати он имконпазир аст дар ҳудуди ҷоиз, на ҳар ҷо. Мавлоно Кавкабӣ таърифи иқоъро аз Ҳаким Форобӣ овардааст: «..иқоъ интиқолотест бар нағамот ва азминаи маҳдудату-л-мақодир..» (яъне он чизе, ки замони ҳаракати нағмаҳост – Ф.А.). Он дар тақсими адворҳои зарбӣ, замони байни нағмаҳо иштирок мекунад.

Дар ин боб инчунин дар бораи *мутаносубии азим* байни вазни шеър ва вазни мусиқӣ гуфта шудааст. Ва мусиқӣ ба талқиноти серрангтари шеър қодир аст.

Мақоми даҳум «Дар адвору-л-зуруб» («Даврҳои зарбӣ») идомаи ҳамин мавзуъ аст. Доираҳои зарбӣ аз Араб шаштоанд, дар Аҷам – Мовароуннаҳру Хуросон – шонздаҳ. Сафиуддини Урмавӣ доираҳои серистеъмолро ҷудо карда, ҳамагӣ ёздаҳторо овардааст.

Кавкабӣ таркиботи дувоздаҳ доираро овардааст:

1. *Ҳазаҷ – се зарб* ва *ҳашт нақра* дар
   ду сабаби хафиф ва *як фосилаи суғро – тан тананан тан.*
2. *Уфар – се зарб* ва *шаш нақра* дар *як сабаби хафиф* ва
   як фосилаи суғро – тан тананан.
3. *Дуяк – се зарб* ва *ҳашт нақра* дар
   ду фосилаи суғро – тананан тананан.
4. *Фохтазарб – се зарб* ва *шаш нақра* дар
   як сабаби хафиф ва *як фосилаи суғро – тан тананан.*
5. *Туркзарб – чаҳор зарб* ва дувоздаҳ *нақра* дар *ду сабаби хафиф*
   ва ду *фосилаи суғро – тан тананан тананан тан*

---

[124] Ин категорияҳои муқаррарии илми арӯз – воҳидҳои вазнанд, ки имрӯз ҳам дар фанни арӯз заминавианд: сабаби хафиф (– фаъ), сабаби сақил (v v мута), ватади маҷмуъ (v – фаъул) ва ватади мафруқ (– v фаълу); фосилаи суғро (v v – фаъилун) ва фосилаи кубро (v v v – мутаъилун) [166, с.37-39]. Дар мусиқӣ ин воҳидҳо ҳамеша аз интихоби зарба вобастаанд.

6. *Рамал – се зарб* ва *ҳашт нақра* дар *ду сабаби сақил*
ва *як фосилаи суғро – тана тананан тана*

7. *Мухаммас – панҷ зарб* ва *бист нақра* дар *чаҳор сабаби хафиф* ва *чаҳор ватади маҷмуъ – тан танан тан танан тан танан тан танан*

8. *Хафиф – шаш зарб* ва *сӣ нақра* дар
шаш фосилаи суғро ва *се сабаби сақил – тана тананан тана тананан тана тананан тананан тананан тананан*

9. *Сақил – шаш зарб* ва *сиву шаш нақра* дар *ҳафт фосилаи суғро ва чаҳор сабаби хафиф* дар пайиҳамии – *тананан тананан тан тананан тан тананан тан тананан тан тананан тананан.*

10. *Авсат – панҷ зарб* ва *бисту ду нақра* дар *панҷ фосилаи суғро ва як сабаби хафиф – тананан тананан тананан тананан тан тананан*

11. Чаҳорзарб – *чаҳор зарб* ва *чилу ҳашт нақра* ташкилшуда дар *дувоздаҳ фосилаи суғро – тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан*

12. Зарбулфатҳ – *бисту ду зарб* ва *чил нақра* дар *ду сабаби хафиф* ва *нӯҳ фосилаи суғро* ташаккул ёфта – *тан тан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан тананан* омадаанд.

Мақоми ёздаҳум «*Дар тақсими тасниф*» суханро дар бораи композитсияи мусиқӣ (алҳон) оғоз мекунад. Кавкабӣ се навъи композитсияи мусиқиро овардааст: *ҷирмӣ*, *баситӣ* ва *хаттӣ*.

Ҷирмӣ – мусиқии овозӣ ва дар он се хати бофт/баён (фактура) ҷо дорад: оҳанг (*нағамот*), зарб (*иқоъ*) ва шеър (*абъёт*).

Баситӣ – мусиқии созист, он аз ду унсури бофт – оҳанг ва зарб иборат мешавад.

Ва *хаттӣ* – аз се як унсурро дар бар мегирад, ки он оҳанг аст.

Ду навъи аввал гунаҳои худро доранд.

Кавкабӣ ин ҷо жанрҳои мусиқиро низ ном мегирад. Аз жанрҳои созӣ: *пешрав* – иборат аз қисмҳои таркибии *сархона, миёнхона* ва *бозгӯй* зимни зарб (*давраи зарбӣ*)-и муайян.

Композитсияи мусиқӣ бидуни усул (*давраи зарбӣ*) иборат аз ду қисми таркибӣ (дилхоҳ аз рӯи табъи сароянда (*гӯянда*) ва ё навозанда (*созанда*), *сарбанд* номида мешавад.

Аз жанрҳои овозӣ (*ҷирмӣ*): композитсия дар асоси чанд усуле (*давраҳои зарбӣ*) бо байтҳои гуногун (-и дилхоҳ) ва муқаддимаи овозӣ *нақш* ном дорад; композитсияе, ки бо байти муайян сар шуда, бо байтҳои гуногуни қаблан муайяншуда дар шакли *сархона* (ва ё дар такрори ду-секаратаи он – бо ивази шеър, вале нигаҳдошти сохтори *сархона*) меояд, *савт* номида мешавад. *Савт* жанри мусиқии мардуми Аҷам аст. Арабҳо чунин жанрро надоранд.

Аз жанрҳои созӣ-овозӣ *амал*-ро ном гирифтааст. Он жанрест дар асоси якчанд усул (*даври чанд*), маҳдуд бо *сархона*, *миёнхона* ва *бозгӯй*, бо байтҳои таъиншуда, бо муқаддимаи байтӣ ва ё зарбӣ, шеърҳои форсӣ, ё арабӣ ва ё туркӣ, онро *амал* меноманд. Агар он дорои даромади созӣ бошад, онро *амали мустаҳалл* меноманд. Ва агар байтҳои ҳиндиро дошта бошад – *рехта* номида мешавад.

Усул дар *амал* (жанр) вобаста ба ҷойгиршавӣ шакли мухтасари *рамал, мухаммас*, *туркзарб*, *дуяк*, *уфар*, *ҳазаҷ* буда метавонад. Агар дар се давр-ҳои хурд (*даврy-л-сағир*)-и охирӣ бошад, онро *савту-л-амал* мегӯянд. Дар жанрҳои *савт* ва *нақш* ҳамон шаш усулро бо гуногунрангии онон (*фуруъӣ*) истифода мекунад. Дар жанри *пешрав* усулҳои *мухаммас, туркзарб, дуяк* ва *ҳазаҷ* дар истифодаанд.

Тибқи овардаҳои Кавкабӣ дар замони ӯ аллакай истилоҳоти жанрӣ-композитсионии «сархона», «миёнхона», «бозгӯй», «пешрав», «сарбанд», «савт», «амал» вуҷуд доштанд. Инчунин маълум мешавад, ки қонуни номгузории жанри мусиқӣ аз рӯи асоси зарбӣ ташаккул меёфт ва хусусияти баъзе жанрҳо бо асоси зарбӣ вобастагӣ пайдо мекард.

Мақоми дувоздаҳум «*Дар баёни ақсоме, ки ба ҳасби усул аз ҳам мумтозанд*» («Дар бораи асарҳои мусиқие (ё қисмҳои онон), ки аз якдигар бо усули худ фарқ мекунанд» – Ф.А.) дар бораи композитсияҳои мусиқӣ суханро идома медиҳад.

Асари мусиқӣ дар навъи *ҷирмӣ* (жанрҳои овозӣ) дар асоси усулҳои *сақил, хафиф* ва *авсат* (ки инчунин *нимсақил* номида мешавад), агар шеъри он арабӣ бошаду муқаддимааш (*дуҳул*) овозӣ (*байт*) ё созӣ (*нақра*), онро *қавл* меноманд. Бо муқаддимаи созӣ он аслан шаклеро дорост иборат аз *сархона* ва *бозгӯй* ва баъзе устодон *миёнхона*-ро низ илова мекунанд, онро *қавли мустаҳалл* меноманд.

Агар он дорои *миёнхона* ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ бошад, он *ғазал* ном мегирад.

Асарҳое, ки дар усули *фохтазарб*, *чорзарб* ва *зарбулфатҳ* меоянд, унвонашонро аз усул мегиранд. Онҳо *мустаҳалл* (бо даромади созӣ) ё *ғайримустаҳалл* шуда метавонанд. Шеъри онҳо форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ аст.

Жанри дигаре ҳаст бо номи *навбат*. Он аз чаҳор асар (*тасниф, кор*) иборат мешавад. Аз чор қисми он яке дар *қавл* меояд. Тартиби ин силсилаи чорқисма чунин аст: *кор* (асар)-и аввалӣ – *қавл*, асар (*кор*)-и дуюмӣ – *ғазал*, сеюмӣ – *тарона* (шеъри он *рубоӣ* аст) ва чорумӣ – *фурӯдошт* (созӣ ё овозӣ мешавад).

Жанри *миаттайн* дар усули дусадзарбаӣ (*дусаднақраӣ*) асос ёфтааст. Аз ин ҷост унвони он.

Жанри дигар *куллият* ном дорад. Ин асар дар ҷамъи адвори нағамот *дувоздаҳ мақом, бисту чор шуъба, шаш овоза* зимни *ҷамъи адвор аз-зуруб*

асос меёбад. Аз гуфтаи Мавлоно Кавкабӣ бармеояд, ки ҳарчанд ӯ *куллият*-ро дар шеър бо даҳ мисраи ғазал гуфта бошад ҳам, дар амалияи мусиқӣ ин силсилаасар то дараҷае бузург аст, ки ҳамаи қисмҳои таркибии онро, ки ҳар як асари мустақил аст, дар як нишасту навохту шунидан имконнопазир мегардад.

Дар охири ин боб (*мақом*) Кавкабӣ овардааст, ки чунин *тақсим* (радабандӣ)-ро ба устодон нишон дода будааст, онон писандидаанд, аҳсантгӯён пазируфтаанд, қайд кардаанд, ки онро пештар аз ягон касе нашунида будаанд. Ин радабандиро ихтирооти Кавкабӣ қабул кардаанд: «Ин фақир (Кавкабӣ) дар замоне, ки дар мулозимати баъзе аз устодон мебудам ва зарбу тақсимро маърӯзи ишон кардам, писандиданд, таҳсин намуданд ва гуфтанд, аз ин боб зобит, ки ту гуфтӣ, аз касе нашунидем, ҳамоно ихтирои туст..». Ва бо хоҳиши он *азизон* (устодон) ҳамон гуфтаҳои худро дар дувоздаҳ боб (мақом) пешниҳод намудааст: « ..бар ҳасби он азизон ин дувоздаҳ мақом бар қалам овардам».

Дар қисми *хотима* «*Дар риояти ҳолоту таъйини авқот ва таъсири нағамот*» Кавкабӣ дар бораи ба эътибор гирифтани *ҳол* ва *аҳли* шунаванда, *вақти* сароидани мақомҳо ва *таъсири* онҳо ба инсон сухан гуфтааст.

Агар аҳли маҷлис *аҳли саллоҳ* бошад, ҳамаи гуфтаҳои *қаввол* (иҷрокунанда) *панду насиҳат* ва мурочиат ба корҳои шоиста баҳри *охират* бошад. Ва агар, аҳли маҷлис аз *ҳокимон* бошад, дар бораи *адолату шуҷоат, саховатмандиву ҷавонмардӣ*. Ва агар *ҷавонон* ва *аҳли шавқ* ҳузур дошта бошанд, дар бораи *ишқи илоҳӣ* ва *муҳаббати* заминӣ, *вафодориву ниёзмандӣ* бихонад. Агар ҳозирин аз *мусофирон* бошанд, дар бораи *дурӣ аз ватан* ва *ёру дӯстон, гардиши тақдир* ва ҳамин қабил мавзуҳоро бихонад.

Дар бораи вақти иҷрои мақомҳо чунин гуфтааст: *дар аввали субҳ – Раҳовӣ* ва марбут ба он; бо баромади офтоб – *Ушшоқ*; баъди он то пешин – *Рост*; пешин – *Ироқ*; баъди пешин – *Бузург*; вақти намози аср (*намози дигар*) – *Бусалик*; *наздики шом – Зангӯла*; дар вақти намози шом – *Наво*; вақти намози хуфтан – *Зерафкан*; баъди хуфтан – *Исфаҳон*; *нимшаб – Ҳиҷоз*.

Доир ба таъсири мақомҳо: мақомҳои аслии *Ушшоқ, Наво* ва *Бусалик* ва шуъбаи Моҳур қуввату шуҷоатбахшанд. Ягон овоза чунин таъсир намебахшад; мақомҳои аслии *Рост, Ироқ* ва *Исфаҳон*, шуъбаҳои *Панҷгоҳ* ва *Зовул*, овозаҳои *Гардуния* ва *Наврӯз* хушнудиву фараҳбахшанд; мақомҳои аслии *Бузург, Раҳовӣ, Кӯчак* ва *Зангӯла*, шуъбаҳои *Ҳисор, Ҳумоюн, Мубарқаъ, Бастанигор, Наврӯзи Сабо, Наврӯзи Араб, Рақб, Рӯи Ироқ*, овозаҳои *Гавашт* ва *Шаҳноз* муассири ҳузнангезиву андӯҳгинанд.

Мақомҳои аслии *Ҳусайнӣ* ва *Ҳиҷоз*, шуъбаҳои *Нуҳуфт, Баётӣ, Дугоҳ, Уззол, Авҷи Наврӯз, Найрез*, овозаҳои *Моя* ва *Салмак* завқангезу

хурсандибахш аст, вале дар якҷояӣ онҳо бо ҳолати ғамгиниву ғусса меоваранд.

Ва бо эҳтироми самимӣ чунин анҷом медиҳад: «Ӯ пуштибон аст, бахшояндаи меҳрубон аст (*илайҳи ал-масиру*), ҳама ба таврест, ки Худованд бихоҳад» [74, с.307].

Мавлоно Кавкабӣ рисолаашро бо рубоие дар баҳри ҳазаҷ хотима медиҳад:

Эй монда басе парда зи Наққоши Азал,
Овоз баланд карда дар баҳсу ҷадал.
Хоҳӣ, ки дар ин парда туро роҳ диҳанд,
Бар қавл манеҳ асосу пеш ор амал.

Аз ин рубоӣ бори дигар бармеояд, ки мусиқӣ зери пардаи фаҳмиши динӣ-маънавӣ талқин ёфта (ду мисраи аввалӣ), дар замони Кавкабӣ нисбат ба асосҳои илмӣ-назарӣ, афзалият бештар ба мусиқии амалӣ дода мешавад (ду мисраи охирӣ). Рисолаи мусиқӣ бо унвони «*Мақомҳои маънавӣ*» *ба номи Аллоҳи бахшояндаву меҳрубон*» анҷом меёбад. Ва таъкиди «*Мақомҳои маънавӣ*» ин ҷо тасодуфӣ нест. Ӯ рушд додани мақомотро баҳри ҳифзи маънавиёт ва инкишофи зеҳнияти инсон зарур мешуморад.

Дар умум, «Рисолаи мусиқӣ»-и Наҷмиддин Кавкабӣ чунин маълумотро ба наслҳои дигар мерасонад:

- системаи Дувоздаҳмақом аз мақомҳои аслӣ – *дувоздаҳ мақом* ва аз фуруъи онҳо – *бисту чор шуъба* ва *шаш овоза* иборат аст. Система дорои *бисту чор мураккабот* аст, ки функсияи гузариш аз як мақом ба мақоми дигарро иҷро мекунад;
- аз ҷиҳати мусиқавӣ-эстетикӣ ҳар як узви ин таркибот ҳолеро ба вуҷуд меоварад: иқтидори таъсирбахши мақомот, яъне ба ҳолати муайян овардани шунаванда, покиза кардани руҳи ӯ бо риояи вақт ва ба эътибор гирифтани синну соли шунаванда амалӣ мешавад. Малакаву маҳорати татбиқи амалии он дар мактаби устод-шогирд ба даст оварда мешавад;
- жанрҳои мусиқавии *савт, амал, нақш, сарбанд, қавл* (бо хелҳои муайян), *навбат, пешрав, ғазал, тарона, миаттайн, куллият* дар амалияи мусиқӣ маъмуланд;
- қисмҳои композитсионии *сархона, миёнхона, бозгӯй, фурӯдошт, дуҳул* (бо гунаҳои худ) ва диг. дар амалияи мусиқӣ ҷо доранд;
- равобити назму мусиқӣ (зарб, истилоҳот) мушоҳида мешавад.

Хулоса, аз гуфтаҳои Наҷмиддин Кавкабӣ бармеояд, ки дар замони ӯ баъзе унсурҳои хосса вобаста ба қоидаҳои дохилии Шашмақом аллакай ташаккул ёфтаанд:

- номгузории жанр бо унвони зарби мусиқавӣ;
- номҳои жанрии таркибӣ: савт, амал, тарона, мухаммас... ;

- вохидҳои сохторӣ-композитсионӣ: сархона, миёнхона, бозгӯй .. ;
- истифодаи рубоӣ ва ғазал дар жанрҳои мақомот;
- мавқеи зарб дар мусиқӣ ҳамчун асл;
- функсияи гузаришии мураккабот дар мақомбандӣ.

Рисолаи дигари Наҷмиддин Кавкабӣ, ки бо назм навишта шудааст, «*Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом*» ном дорад. Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки ин пешниҳоди Мавлоно Кавкабӣ яке аз амалҳои таблиғгарии ӯст, зеро рисола бо сохтори анъанавӣ пешниҳод нашудааст. Баёни рисола ба назм буда, дар он калимаҳо-нишондодҳои таркиботи сохторӣ ба монанди «боб», «пешгуфтор» ё «хотима» ҷо надоранд. Мазмунан рисола инъикосгари як мавзуъ – системаи Дувоздаҳмақом аст. Барои хонандаи имрӯза фаҳмишу диди илмии Мавлоно Кавкабӣ чӣ дар баёни анъанавӣ ва чӣ дар ғайрианъанавӣ бештар муҳим аст, на шакли баёни он (1). Муҳим аст, ки ҳамаи ин матн ба Мавлоно Кавкабӣ тааллуқ дорад (2). Он аз қисмҳои анъанавии таркибӣ иборат аст (3). Дар ин рисола муаллиф қисми «*Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом*» – бо муаррифии системаи ягона, қисмҳои «*Дар баёни он ки ҳар овозаро ба чӣ тариқ аз ду мақом тавон ёфтан*», «*Дар баёни мақомҳо ва шуъбаҳои он*», «*Шаш овоза, ки Дувоздаҳмақом аз ду мақом як овоз гуфтаанд, зоҳир шавад*», «*Дар баёни он ки ҳар мақом ду шуъба дорад*» – бо шарҳи назариявӣ-амалии унсурҳои лаҳнӣ-оҳангӣ, қисмҳои «*Дар баёни усули мухталифа*», «*Дар баёни буҳур, усул*» – бо шарҳи асоси зарбӣ, қисми «*Дар баёни истихроҷи Дувоздаҳмақом аз бурҷҳо*» – фаҳмиши эстетикии муаллиф пайиҳам оварда, рисолаашро бо қисми «*Таъсири мақомот ҳангоми адо кардани овоз дар фараҳ ва андӯҳ, сиҳат ва мариз*» таъсири мақомҳо ба ҳоли инсон хотима медиҳад. Рисола дар маҷмуъ яксаду ҳафтдаҳ байтро дар бар гирифтааст.

Рисола бо рубоие дар баҳри ҳазаҷ сар мешавад, ки унвонҳои ҳамаи мақомҳои аслӣ дар он ҷо дорад:

Ушшоқ маро кади Ҳусайнӣ чу Рост,
Дар пардаи Бусалик Раҳовиву Навост.
Чун гашт Бузург дар Исфаҳону Ироқ,
Зангула, Ҳиҷозу Кӯчак андар бари мост.

Дар шакли рубоӣ овардани унвонҳои дувоздаҳ мақом имкон медиҳад, ки онҳо зудтару осонтар аз ёд шаванд. Баёни шеъриро Мавлоно Кавкабӣ эҳтимол бо ҳамин мақсад истифода мебарад. Онро барои шогирдони худ тавсия медиҳад.

Сониян, илова бар унвонҳои дувоздаҳ мақом қоидаи пайиҳамии мақомҳо ва гузариши як мақом ба мақоми дигарро хеле моҳирона дар панҷ байти маснавӣ дар баҳри ҳазаҷ меоварад:

Зи ман бишнав даме, эй марди боҳуш,
Чу бишнидӣ, макун дигар фаромӯш.

Нахустин мекунам аз Рост бунёд,
Ки мард аз ростӣ шуд аз ғам озод.

Ҳусайниву Ироқ, он гаҳ Сипаҳон,
Пас аз Зангӯла Ушшоқу Наво хон.

Ҳиҷозу Бусалик асту Раҳовӣ,
Ки дорад ёд аз такрори ровӣ.

Дигар медон Бузург, он гоҳ Кӯчак,
Бигуфтам ҷумларо, бишмор як-як.

Мебояд таваҷҷуҳ ба он дод, ки дар ҳар ду – ҳам рубоӣ ва ҳам маснавӣ, сухан дар бораи мақомҳои аслии системаи Дувоздаҳмақом меравад. Ин шеърҳо аз якдигар бо он фарқ мекунанд, ки дар яке танҳо унвонҳо ва дар дигар васеътар – пайиҳамӣ ва шакли гузариши яке ба дигаре гуфта шудааст. Ин, албатта, тасвири шарҳӣ нест. Он қоидаи назарияи амалӣ аст.

Ду қисми дигари рисола ба шаш овоза бахшида шудаанд. Якумӣ дар шаш байт ва дуюмӣ бо сенздаҳ байт гуфта шуда. Дар якумӣ оид ба пайдоиши шаш овозаи фаръӣ аз дувоздаҳ мақоми аслӣ дар маснавӣ дар баҳри ҳазаҷ гуфтааст:

Шаш овоз асту дар ҷову ҳар як,
Дар Исфаҳону Зангулааст Салмак.

Чу бо Ушшоқ гардад Рост як дил,
Шавад Гардуния з-ин ҳар ду ҳосил.

Ду айнам Бусалик асту Ҳусайнӣ,
Бувад Наврӯзи Асл аз ин ду айнӣ.

Ҳиҷоз омад, ки ҳамдам шуд Наворо,
Гавашт аз ҳар ду гардид ошкоро.

Ироқу Кӯчак омад асли Моя,
Чу Руҳафзост, ё Раб, асли Моя.

Шудам бо хомӯшӣ минбаъд дамсоз,
Бузург асту Раҳовӣ асли Шаҳноз.

Дар ин ҷо Бузург, Раҳовӣ, Ироқ, Кӯчак, Бусалик, Ҳусайнӣ, Ҳиҷоз, Наво, Ушшоқ, Рост, Исфаҳон, Зангӯла мақомҳои аслианду Моя, Шаҳноз, Гавашт, Наврӯзи Асл, Гардуния, Салмак – шаш овоза.

Дар мавриди дуюм амали сирф илмӣ-назариявии мусиқиро Мавлоно Кавкабӣ дар маснавӣ дар баҳри ҳазаҷ меоварад:

Ту Салмакро яке овоза, эй ёр,
Зи Исфаҳону Зангула бурун ор.

Агар Салмак ту хоҳӣ кард пайдо,
Кунӣ аз ёздаҳ нағма ҳувайдо.

Дигар Гардуния, эй рӯзафзун,
Зи Ушшоқ омаду аз Рост берун.

Туро Гардуния, эй шоҳи хубон,
Зи нав нағма шавад, маълум медон.

Агар Наврӯз мехоҳӣ, ки бинӣ,
Биҷӯ аз Бусалику аз Ҳусайнӣ.

Бидон Наврӯзро, эй марди ҳушёр,
Ки меояд зи чорум нағма хушдор.

Агар ҷӯӣ Гавашт аз меҳру моҳам,
Биёбӣ аз Ҳиҷозу аз Наво ҳам.

Аз инҳо гар Гавашт аз бар намоям,
Зи нуҳ нағма биёбӣ ҷонфизоям.

Ба Моя ҳар киро шуд иштиёқаш,
Бидид аз Кӯчаку ҳам аз Ироқаш.

Туро гар майли Моҳур аст, дарёб,
Зи панҷум нағма меояд ба мизроб.

Агар Шаҳноз мехоҳӣ зи ровӣ,
Биҷӯяш аз Бузургу аз Раҳовӣ.

Туро Шаҳноз дар ҷангу чағона.
Зи шаш нағма намояд, эй ягона.

Сабоқи солики адвор хуш дор.
Зи ҳар ду мақом овозае ор.

Агар ҳар дуро муқоиса бикунем, аён мегардад, ки дар дуюмӣ маълумоти бештаре оид ба ҳар овоза ҷо дорад. Масалан оид ба Салмак:

Дар мавриди якум:

Шаш овоз асту дар ҷову ҳар як,
Дар Исфаҳону Зангӯла аст Салмак.

Дар мавриди дуюм:

Ту Салмакро яке овоза, эй ёр,
Зи Исфаҳону Зангӯла бурун ор.

Агар Салмак ту хоҳӣ кард пайдо,
Кунӣ аз ёздаҳ нағма ҳувайдо.

Бори якум бо як байт ва бори дуюм бо ду байт – дар ҳар ду аз Исфаҳону Зангӯла пайдо шудани овозаи Салмакро қайд мекунад. Бори дуюм дар баробари ин ёздаҳдарачаӣ будани дараҷоти онро низ гуфтааст.

Дар бораи Наврӯз бори аввал бо як байт чунин мегӯяд:

Ду айнам Бусалик асту Ҳусайнӣ,
Бувад Наврӯзи Асл аз ин ду айнӣ.

Ва бори дуюмӣ бо ду байт:

Агар Наврӯз мехоҳӣ, ки бинӣ,
Биҷӯ аз Бусалику аз Ҳусайнӣ.

Бидон Наврӯзро, эй марди ҳушёр,
Ки меояд зи чорум нағма хушдор.

Бори дуюм маълумотро дар бораи дар пардаи IV асос ёфтани Наврӯзро низ қайд мекунад. Инчунин, Наврӯзро ду навъ – *Наврӯзи Асл* ва *Наврӯз* меномад, ки аз амалияи мусиқист. Дар ҳар ду маворид аз баҳри ҳазаҷ истифода кардааст.

Дар мавриди овозаи *Шаҳноз*, бори дуюмӣ, ба ғайр аз овардани маълумот оид ба пайдоиш, дараҷоти шашдарачаии онро низ қайд кардааст:

Агар Шаҳноз мехоҳӣ зи ровӣ,
Биҷӯяш аз Бузургу аз Раҳовӣ.

Туро Шаҳноз дар ҷангу чағона.
Зи шаш нағма намояд, эй ягона.

Ҳол он, ки бори якум танҳо пайдоиши онро қайд мекунад:

Шудам бо хомӯшӣ минбаъд дамсоз,
Бузург асту Раҳовӣ асли Шаҳноз.

Дар ҳар ду мавриид аз баҳри ҳазаҷ истифода бурдааст. Пайдоиши овоза аз ду мақоми аслиро муаллиф хеле равшан нишон дода, дар мавриди дуюм маълумоти васеътарро, аз ҷумла, теъдоди нағмаҳои дараҷоти он

овоза ва ҷойгиршавии ибтидопардаи онро низ овардааст. Ин аст омили пайдоиши ду талқинот.

Ба мавзуъи мутаносубии мақомҳои аслӣ ба шуъбаҳо низ ду қисми ин рисола бахшида шудааст: «*Дар баёни мақомҳо ва шуъбаҳои он*» ва «*Дар баёни он ки ҳар мақом ду шуъба дорад*», аввалӣ дар бисту чор байт ва дуюмӣ дар ҳафтдаҳ байт навишта шудаанд. Дар ин ҷо дар бораи мақоми Рост дар аввалӣ бо баҳри ҳазаҷ чунин омадааст:

Мақоми Рост дилро ганҷгоҳ аст,
Мубарқаъ лозимаш бо Панҷгоҳ аст.

Бо гуфтаи пайдоиши ин ду шуъба ва ҷуфти онҳо дар мавриди дуюмӣ дар баҳри ҳазаҷ дар жанри маснавӣ пурратар маълумотро овардааст:

Ту ҳар гаҳ дар мақоми Рост пӯӣ,
Мубарқаъ, Панҷгоҳ аз вай биҷӯӣ.

Мубарқаъ чун зи ҳаштум нағма шуд соз,
Зи панҷум нағма омад Панҷгоҳ боз.

Маълумот дар бораи оғоз гардидани шуъбаи фаръии Мубарқаъ аз нағмаи VIII-и дараҷоти Рост ва шуъбаи Панҷгоҳ – аз нағмаи V-и он илова шудааст. Ин ҷо хотиррасон кардан бамаврид аст, ки Панҷгоҳ имрӯз ҳам дар мақоми Рости Шашмақом қарор дорад.

Оид ба мақоми Ҳиҷоз дар як мавирд бо маснавӣ дар баҳри ҳаҷаз чунин омадааст:

Мақом омад Ҳиҷоз андар иборат,
Зи вай омад Сегоҳу ҳам Ҳисорат.

Се нағма шуд Сегоҳ, эй марди огоҳ,
Ҳисор омад зи ҳаштум нағма он гоҳ.

Аз он пайдоиши ду шуъбаи фаръӣ – Сегоҳ ва Ҳисор, аз се нағма иборат будани Сегоҳ ва аз дараҷаи VIII-и Ҳиҷоз сар шудани Ҳисор маълум мегардад. Дар Шашмақоми имрӯза, ҳарчанд унвонҳои лаҳнҳои Ҳисор ва Ҳиҷоз аз байн рафтаанд ва ҷо надоранд, маълум аст, ки ҳар сеи ин мақом-лаҳнҳо ба доираи мақоми аслии Сегоҳ тааллуқ доранд ва ба якдигар аз ҷиҳати дараҷот ва тобишҳои оҳангии худ хеле наздиканд.

Дар гуфтаҳои Мавлоно Кавкабӣ талқиноти мутаносубии мақомҳои аслӣ ба шуъбаҳои дигар ҳам ба ҳамин равол аст. Ӯ ҳамеша мекӯшад, ки Дувоздаҳмақом ҳамчун система қабул шавад. Аз ин рӯ ба робитаҳои байни мақомҳои аслӣ, шуъбаҳову овозаҳо таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Ин мушоҳидаро дар поён дар ҷадвал овардем. Он тарзи талқини Мавлоно

Кавкабӣ Дувоздаҳмақомро ҳамчун падидаи ягонаи системавӣ нишон медиҳад. Инак, дар рисола равобити мақомҳои аслӣ ба унсурҳои дигари таркибии системаи ягона чунинанд:

12 мақом	24 шуъба	6 овоз
Ҳусайнӣ	Дугоҳ, Муҳайяр	Наврӯзи Асл
Рост	Мубарқаъ, Панҷгоҳ	Гардуния
Ироқ	Рӯи Ироқ, Мағлуб	Моя
Исфаҳон	Найрез, Нишобурак	Салмак
Зангула	Чоргоҳ, Уззол	Салмак
Ушшоқ	Забул, Авҷ	Гардуния
Кӯчак	Рақб, Баёт	Моя
Раҳовӣ	Наврӯзи Араб, Наврӯзи Аҷам	Шаҳноз
Бусалик	Аширон, Сабо	Наврӯзи Асл
Бузург	Ҳумоюн, Нуҳуфт	Шаҳноз
Наво	Наврӯзи Хоро, Моҳур	Гавашт
Ҳиҷоз	Сегоҳ, Ҳисор	Гавашт

Ҷадвали 9. Кавкабӣ. Системаи Дувоздаҳмақом.

Ду қисми дигар ба илми иқоъ бахшида шудаанд. Аз воҳидҳои таркибии илми иқоъ, Мавлоно Кавкабӣ *нақра, зарб, усул, баҳр* ва *давраи зарбиро* ном гирифтааст. Ин унсурҳои зарбӣ чунин маънидод карда мешаванд: *нақра* – зарба аст; *зарб* – он чи ки имрӯз бо истилоҳи *ритм* мегӯем ва маънои умумии падидаро дорад; *усул* – қолабзарбе, нишондиҳандаи жанри мусиқавӣ; *баҳр* аз назм гирифта шудааст, дар мусиқӣ ба маънои қолабзарб (берун аз асари мусиқавӣ); *давраи зарбӣ* – қолабзарб. Эҳтимол бо сабаби як маъноро доштани ду-се истилоҳи номбурда, бо мурури замон истифодаи онҳо суфта гардида, имрӯз «баҳр» ва «давраи зарбӣ» дар амалияи мусиқӣ аз байн рафтаанд.

Мавзуъи иқоъ низ бо ду қисм пешниҳод гардидааст – «*Дар баёни усули мухталифа*» ва *«Дар баёни буҳур, усул»*.

Бори аввал бо маснавӣ (дар шонздаҳ байт) дар баҳри ҳазаҷ дар баробари мухаммас, туркзарб ва дуяк, ӯ сақил, хафиф, чорзарб, барафшон, миаттайн, зарб, чанбар ва дигарро чунин овардааст:

Гӯям адади усулҳо боз,
Ҳафдаҳ баҳр аст, эй хушовоз.

Баҳре, ки қабули ҳар кас омад,
Он баҳр бад-он мухаммас омад.

Баҳре, ки бинои он завқ аст,
Он баҳр бидон, ки туркзарб аст.

З-ин ҷумла баҳр, эй сарафроз,
Баҳри дигар аст дуяку боз.

Як баҳри дигар дар ин миёна,
Давр омада баҳри бекарона.

Чу мутриб ман роҳ пӯям,
Ман доираи сақил гӯям.

Он мутриби хушнавоз шояд,
Дар доираи хафиф ояд.

Баҳре ба сӯи Шарқу Ғарб аст,
Он баҳр бидон, ки чорзарб аст.

Баҳре, ки нишаст дар дилу ҷон,
Аз рӯи яқин бидон барафшон.

Ин доирае, миаттайн аст,
Мафҳуми касе на нест, на ҳаст.

Чун фотиҳаи зарб менамоӣ,
Бояд, ки ба сад забон сароӣ.
Эй нағмасарои руҳпарвар,
Бинвоз ба ман ту роҳи чанбар.

З-ин ҷумла бидон, ки ҳаст беҳтар,
Ин доирае, ки ҳаст уфар.

Нақше зи рамал агар намоям,
Занг аз дили мустамеъ зуд оям.

Ҷуз мутриб ғам надод ар сад,
Ин доирае, ки ҳаст авсат.

З-ин мутриби хушнавоз ҷӯям,
То баҳри ҳазаҷ ба ӯ бигӯям.

Дар он истилоҳҳои «усул», «баҳр», «доира» (сақил, хафиф, миаттайн, уфар, авсат), «давр», «зарб» ва ҳатто «роҳ» (чанбар) гӯё ҳаммаъно омадаанд. Ин аз вазъи ҳамонвақтаи истифодаи истилоҳҳо шаҳодат медиҳад. Бо мурури замон баъзеи онҳо аз байн рафтанд.

Дар мавриди дуюм, дар қисми «*Дар баёни буҳур, усул*» муаллиф бисту сето баҳру усулро номбар мекунад, ҳарчанд он қисм ҳамагӣ дар шаш байт пешниҳод шудааст:

Чу шудӣ аз усул пардакушой,
Фохтазарбу туркзарб намой.

Бо барафшону мухаммасу чанбар,
Бо сақилу хафиф дон уфар.

Миаттайн асту даври нимсақил,
Ҳазаҷу авсату рамал беқил.

Дуяку чорзарбу зарбулфатҳ,
Нест қатъан дар он чӣ гуфтан қадҳ.

Шоҳномасту оқулу ҳам фаръ,
Пас равон омаду тавил дар шаръ,
Дуи дигар самаъу даври равон,
Ҷумларо ёд гиру нек бихон.

Дар қисмҳои марбут ба иқоъ Мавлоно Кавкабӣ баъзе баҳру усулро дар ҳар ду маврид ном гирифтааст. Гумон аст, ки ин ҳамон усулҳоянд, ки дар замони Мавлоно Кавкабӣ ба ҳайси усулҳои мустақил маъмулу машҳур будаанд.

Дар ин қисм Мавлоно усули «равон»-ро ном мебарад, ки он дар ду шакл, инчунин «даври равон», омадааст. Маълум аст, ки дар анъанаи фалаки кулобӣ имрӯз зарби *равона* яке аз асосиҳост.

Дар ин қисм Мавлоно Кавкабӣ рӯирост ба шогирдон мансуб будани ин қоидаҳоро бо як мисраъ гуфтааст: «..*Ҷумларо ёд гиру нек бихон*». Бори дигар далелест аз мақсади асосии Мавлоно Кавкабӣ ҳамчун устоди мусиқӣ.

Қисми алоҳидаи ин рисола ба пайдошавии мақомҳои аслӣ аз бурҷҳои осмонӣ – сайёраҳо бахшида шудааст. Тибқи он *Раҳовӣ* аз Ҳамал, *Зангӯла* аз Савр, *Бузург* аз Ҷавзо, *Ушшоқ* аз Асад, *Кӯчак* аз Сунбула, *Рост* аз Мизон, *Ҳиҷоз* аз васли Ақрабу Зуҳра, *Ироқ* аз Қавс, *Бусалик* аз Ҷадд, *Наво* аз Далв, *Сифоҳон* аз Ҳут баромадаанд.

Қисми дигар – «*Дар баёни истихроҷи дувоздаҳ мақом аз бурҷҳо*» ин маълумотро васеътар меоварад. Он дар жанри маснавӣ дар баҳри ҳазаҷ ҳамагӣ дар 11 байт навишта шудааст:

Ҳамалро мӯ ба мӯ ҳар гаҳ бидонӣ,
Раҳовиро зи ҳаштум нағма хонӣ.

Зи ҳаштум нағма ояд Зангӯла боз,
Ки дорад ӯ зи Саврон шоҳ овоз.

Ба Ҷавзо гар камар бандӣ ба хидмат,
Зи нуҳ нағма зи вай ояд Бузургат.

Асад ҳар гаҳ шавад дар нола муштоқ,
Зи ҳаштум нағмааш донӣ ту Ушшоқ.

Шуда то Сунбула бар бурҷ пайдо
Зи нуҳ нағма шуда Кӯчак ҳувайдо.

Зи ҳаштум нағма омад Рост берун,
На кам омад зи Мизону на афзун.

Ба Ақраб Зӯҳра чун гардид восил,
Ҳиҷоз омад зи ҳаштум нағма ҳосил.

Ироқ омад зи нуҳ нағма ба мизроб,
Зи Қавс омад бурун чун тири пуртоб.

Ба Ҷадд, эй дил, агар бошӣ шарикаш,
Ба ҳаштум нағма донӣ Бусаликаш.

Ба сӯи Далв агар хоҳӣ ту моро,
Зи ҳаштум нағма донӣ Наворо.

Зи нуҳ нағма Сифоҳонро бидонад,
Касе к-ӯ Ҳутро аз мо бихонад.

Дар ин қисми рисола ҳаҷм, хусусияти дараҷотӣ ва ҷойгиршавии сарпардаи мақом нишон дода шудаанд: Сифоҳон, Ироқ, Кӯчак, Бузург – ҳар кадом иборат аз нуҳ нағмаанд, Наво, Бусалик, Ҳиҷоз, Рост, Раҳовӣ аз нағмаи VIII оғоз мегарданд, хусусияти Ушшоқ ва Зангӯла дар нағмаи VIII-и онҳост. Вале сайёраҳое, ки аз онҳо ин мақомҳо бармеоянд, албатта, гуногунанд. Ба он низ таваҷҷуҳ медиҳем, ки дар асри XVI дараҷоти мақомҳои системавӣ аз ҳашт-нуҳдараҷаӣ кам набуданд. Ин диди космологӣ, ҳарчанд дар рисолаҳои асрҳои қаблӣ заиф гардида буд, дар XVI–XVII, дар рисолаҳои Мактаби ҳунарии Бухоро аз сари нав гӯё намудор мегардад. Ба андешаи мо, дар асл тавассути он гуногунтабъии ҳар як мақомро таъкид карданианд. Ин фаҳмиш барои ба воситаи мақом ба ҳолати муайян овардани инсон муҳим аст.

Дар анъанаи рисоланависӣ хотима додани рисола бо боби таъсири мақомҳо ба ҳолати инсон ҷо дорад. Ин анъанаро Мавлоно Кавкабӣ риоя кардааст. Ду қисми хотимаи рисола бо унвони «*Таъсири мақомот ҳангоми адо кардани овоз дар фараҳ ва андуҳ, сиҳат ва мариз*», яке дар жанри шеърии қитъа бо панҷ байт ва дигаре дар маснавӣ бо дувоздаҳ байт дар баҳри ҳазаҷ навишта шудаанд. Қитъа дар бораи таъсири мақомҳо ба таври умумӣ гуфтааст:

Роҳи Ироқ биспор в-аз дил ғаме бадар кун,
Сӯи Ҳиҷоз бигзар аз баҳри васли ҷонон.

Афканда нағмаи нав Ушшоқ дар Ҳусайнӣ,
Дар Бусалик он беҳ гарди кунун ғазалхон.

Аз Зангӯла дили ман пайваста дар хурӯш аст,
Хоса чу пардасозӣ аз пардаи Сифоҳон.

Эй устоди барбат, ман Кӯчаки ту бошам,
Хоҳам кунӣ Бузургаш дар боргоҳи султон.

Қавлест бишнав аз ман, шояд, ки Рост бошад,
Дар пардаи Раҳовӣ бонги ҳазор дастон.

Ва дуюмӣ:

Бихон Ушшоқро да рӯзи маҷбур,
Шавӣ чун аз висоли дӯст маҳҷур.

Ба вақти устувор гар Рост хонӣ,
Шавӣ машҳур андар ҷӯш баёнӣ.

Бихон аз баъди хуфтани шаб ба овоз,
Бузург, эй, андалиби нағмапардоз.

Ба Ироқ худ фарози арш ронад,
Чу Қуръон дар Раҳовӣ субҳ хонад.

Намози хуфтан гардад накӯҳол,
Агар хонӣ Ҳиҷоз марди некафъол.
Агар дар нимишаб хонӣ Наворо,
Кушоӣ ҷумла дарҳои саморо.

Чу бархонӣ Ҳусайнӣ аввали рӯз,
Ҷаҳон гирӣ чу меҳри оламафрӯз.

Куҷо монад намози дигараш хуш,
Касе, к-ӯ Бусалик оядаш ба гӯш.

Агар хонӣ Сифоҳон дар саҳаргоҳ,
Шавӣ аз ҷумлаи асрор огоҳ.

Агар Зангӯларо хонӣ ту дар шом,
Шавад номи ту ҳамчу рӯз падром.

Шифо ёбад зи Кӯчак дар ниёзаш,
Чу хонӣ дар миёни ду намозаш.

Рӯе бар осмон кардӣ чу моҳе,
Агар хонӣ Ироқи чоштгоҳӣ.

Дар маснавӣ ҳар як байт бо хитобаҳои дугунаи «бихон» – «шавӣ», «хонӣ» – «шавӣ», «шифо ёбад» – «агар хонӣ», «намоз гардад накӯҳол» – «агар хонӣ», «бархонӣ» – «ҷаҳон гирӣ», «агар хонӣ» – «шавӣ», «хонӣ» – «шавад» ва амсоли инҳо эҷод шудааст. Ва ҳар як мақомро бо нишондоди вақт ва ба кадом ҳолат овардани шунавандаро як-як овардааст. Тавсияҳову шартҳо гаҳе заифтар ва гаҳе хеле қатъӣ гуфта шудаанд:

Рӯе ба осмон кардӣ чу моҳе,
Агар хонӣ Ироқи чоштгоҳӣ.

ва ё

Ба Ироқ худ фарози арш ронад,
Чу Қуръон дар Раҳовӣ субҳ хонад.

Хулоса дар бораи рисолаи назмии Мавлоно Кавкабӣ онро қайд кардан зарур аст, ки

- муаллиф рисоларо мақсаднок навиштааст;
- барои шогирдони мактаби устод-шогирд пешниҳод намудааст;
- бештар баҳри ҳазаҷро бо гуногунрангӣ истифода мебарад;
- як қисми методикаи омӯзиши мақомот аз коркардҳои педагогии Мавлоно Кавкабӣ аст.

Ҳарчанд ки ҳар ду рисолаҳои мусиқии Мавлоно Кавкабӣ дар равияи назарияи амалианд, рисолаи насрӣ «Рисолаи мусиқӣ» илми мусиқии замонро ва рисолаи назмии «Дар баёни Дувоздаҳмақом» тарзи омӯзиши мусиқиро дар замони Мавлоно Кавкабӣ инъикос мекунад. Ва гумон аст, аз тарафи муаллиф чунин сурат гирифтани рисолаҳо огаҳонааст.

Аз ҷиҳати мазмун рисолаи назмии Кавкабӣ аз рисолаи насрии ӯ фарқе надорад. Вале Мавлоно Кавкабӣ навиштани онро бо назм зарур шуморидааст. Чаро? Эҳтимол зарурати таълифи ин рисола дар он аст, ки Мавлоно Кавкабӣ услуби омӯзиши системаи Дувоздаҳмақом ва таълими онро тавассути назм судманд мешуморад (1). Дар баробари лаҳну зарб, ӯ зарурати омӯзиши вазни шеърро низ ба методикаи худ ворид месозад (2).

Он нуктаҳои Мавлоно Кавкабӣ, ки ҳам дар рисолаи насрӣ ва ҳам дар рисолаи назмӣ оварда шудаанд, қоидаҳои назариявии мусиқӣ, мушаххас, Дувоздаҳмақоманд. Рисолаи назмии Мавлоно Кавкабӣ – намунаи олии методикаи устод-шогирд аст. Бо истифода аз назм, хеле мушаххас ва мухтасар баён намудани қоидаҳои асосии мусиқиро, ки ҳунари он амалан шифоҳӣ омӯзонида мешуд, ҳамзамон бо кадом вазни шеър сурудани ин ё он жанри мақомро коркард намудани Мавлоно Кавкабӣ, аз донишу маҳорати устодонаи ӯ шаҳодат медиҳад. Амалияи мусиқии замони Мавлоно Кавкабӣ он саҳифаи таърихи мусиқии тоҷик аст, ки тавъамии баланди назму мусиқиро нишон медиҳад. Тоҷикон шеърро дар нутқи худ бисёр истифода мебаранд. Барои тоҷик шеър услуби баён аст. Шеър яке аз унсурҳои тафаккури бадеии мардуми форс-тоҷик аст. Ин оғози ҷараёни ташаккули тафаккури ягонаи назмӣ-мусиқӣ мебошад. Ва Мактаби ҳунарии Бухоро ҷараёнеро ҷорӣ мекард, ки шеъру мусиқӣ як ҷо қабул шаванд, бо мақомҳо тафаккури навро ба вуҷуд оваранд. Ин ҷараён зафари маънавии халқи тоҷик буд. Ва он тадриҷан, баъди беш аз ду садсола, ба пайдоиши шакли нави мақомот – Шашмақом овард. Агар рисолаи насрӣ ва назмии Мавлоно Кавкабиро муқоиса бикунем, маълум мешавад, ки дар рисолаи назмӣ ӯ танҳо ба системаи Дувоздаҳмақом таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ бо шеър системаи ягонаро бо тамоми ҷузъиёти он талқин додааст. Зеро ки дар замони Мавлоно Кавкабӣ барномаи мактаби устод-шогирд ҳамин системаро талаб мекард, амалан дар маркази омӯзиш қарор медод. Хулоса, рисолаи назмии ӯ коркардест барои омӯзиши Дувоздаҳмақом дар мактаби устод-шогирд. Ӯ моҳияти назарияи амалияро дар рафти омӯзиш хеле саҳеҳ арзёбӣ намудааст. Вазифаи ин рисола дар нишон додани услуби методии ӯст, ки равияи методологии замонро таҷассум мекунад. Барои муаллиф муҳим он аст, ки хонанда ё толибилм моҳияти системавии Дувоздаҳмақомро омӯзад ва бифаҳмад. Онро ҳамчун системаи ягона қабул бикунад.

Яке аз навовариҳои Кавкабӣ офаридани *куллият* аст. Мавлоно Кавкабӣ чунин шарҳи *куллиятро* дар «Рисолаи мусиқӣ» овардааст: « .... куллият .. асарест, иборат аз ҳамаи давраҳои пардаҳои дувоздаҳ мақом, бисту чаҳор шуъба, шаш овоза дар ҳамаи давраҳои зарбӣ»[125]. Маълум аст, ки калимаи «куллият» (яке аз шакли калимаи «куллиёт») дар адабиёти асримиёнаӣ ба маънои «*тамом*», «*ҳама*» омадааст [180.I, с.571]. Он тобиши унсурии «мукаммал», «том»-ро дар худ дорад. Истилоҳи «куллият» дар талқини Мавлоно Кавкабӣ маҳз ба ҳамин маъно истифода шудааст. Арзишмандии *куллият* бештар дар корбарӣ баҳри фаҳмиши *системаи*

[125] Мавлоно Наҷмуддин Кавкабӣ Бухороӣ. Рисолаи мусиқӣ. Дастхат. Маркази дастхатҳои шарқӣ ба номи А.Берунӣ Институти давлатии шарқшиносии Тошканд, №468/IV (вв.261б–272а.)[74, с.99; 91, с.56].

Дувоздаҳмақом равшан айён мешавад. Он характери ҳам илмӣ, ҳам илмӣ-методӣ ва ҳам таълимиро пайдо мекунад. Мавлоно Кавкабӣ онро барои ифодаи Дувоздаҳмақом ҳамчун *система* пешниҳод намудааст. Дар амалияи мусиқӣ жанри мусиқии *куллият* – падидаи бузургсилсила аст. Дар услуби таълим, барои шогирдони мактаби суннатии устод-шогирд, Мавлоно Кавкабӣ *куллият*-қоидаро дар баҳри ҳазаҷ дар жанри ғазал гуфтааст, ки он чунин аст:

Зи роҳи Рост агар оҳанг мекунӣ ба Ҳиҷоз,
Зи Исфаҳон гузаре ҷониби Ироқ андоз.

Ба ноқа Зангӯла дар пардаи Раҳовӣ банд,
Ба Бусалик Ҳусайнисифат барор овоз.

Машав Бузург зи роҳи ниёз Кӯчак бош,
Дар он мақом ба Ушшоқу Наво пардоз.

Гавашту Мояву Гардуния чу бархонӣ,
Навоз пардаи Наврӯзу Салмаку Шаҳноз.

Ба ҷону дил шунав аз Кавкабӣ, кард баён,
Ба чаҳор байт даҳу ду мақому шаш овоз.

Дар жанри *куллият* барои фаҳмиши системавии Дувоздаҳмақом нуктаҳои зерин таъкид шудаанд:

- унвонҳои 12 мақоми аслӣ;
- унвонҳои 24 шуъба, яке аз фаръи мақомҳои аслӣ;
- унвонҳои 6 овоз, фаръи дигари мақомҳои аслӣ;
- талқини ягонаи мақомҳо, шуъбаҳо ва овозҳо;
- асл-фаръ – принсипи асосии системавии Дувоздаҳмақом;
- мақсаднок офаридани бузургсилсилаи куллият дар амалияи мусиқӣ;
- огаҳона сохтани куллият-қоида;
- огаҳона офаридани он дар ғазал – жанри волотарини шеъри форсӣ-тоҷикӣ;
- огаҳона офаридани он дар баҳри ҳазаҷ – яке аз баҳри асосӣ ва хушоҳангтарини шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ.

Кавкабӣ бо чунин шеъргӯиҳояш дар назми классикии форс-тоҷик ба *назми мақомӣ* ҷилои нав бахшидааст. Дар ин услуби нав унсури нақлӣ ҷо надорад. Он дар мусиқӣ вазифаи мушаххасро иҷро мекунад. Он чун *услуби омӯзишии мақомот* пешниҳод мегардад. Мураккабиёти системаи Дувоздаҳмақом ва дигаргуниҳое, ки дар ин система аз вобастагии он бо

назми классикии форс-тоҷик ва мукаммал гардидани он ба вуҷуд омад, хоҳ-нохоҳ услуби омӯзиши онро мураккабтар мегардонид. Бинобар ин зарурат ба миён меомад, ки қоидаҳои онро бо шеър мухтасару мушаххас иброз намуда, азёд кардани онҳоро осонтар намоянд. Чи тавре, ки худи Кавкабӣ иқрор мешавад, ӯ ихтирокори *куллият* аст [91, с.57-58]. Инро муаллифи асри XVII Дарвешалии Чангӣ низ тасдиқ мекунад: «..Мавлоно Кавкабӣ аз асарҳои назмии гуногун барои дувоздаҳ мақом шеърҳо ёфта, куллияте мураттаб гардонидааст..» [158, с.9]. Ин васила барои истифодаи шогирди мактаби устод-шогирд судманд аст.

Аз тарафи дигар, бояд онро низ қайд кард, ки Кавкабӣ аз мусиқишиносони нахустинест, ки аз талқини ҷойгиршавии лаҳн-мақомҳо дар дастаи уд даст кашид. Аз як тараф ин бо заиф гардидани мавқеи уд вобаста аст. Аз тарафи дигар, ба ин давра наздикшавии асоси зарбиву жанрии шеър ба мусиқӣ хеле равшан аст. Бинобар ин, мушкилоти бавуҷудомада тавассути шеъри мавзун ҳалли худро бояд меёфт. Дар ин интихоби услубии Мавлоно Кавкабӣ саъйи ҳифзи ҳам мусиқӣ ва ҳам забони шеърии форсӣ-тоҷикӣ мушоҳида карда мешавад.

Байни офаридаҳои Мавлоно Кавкабӣ зери унвони *чаҳорзарб* асаре ҷо дорад. Онро Мавлоно Кавкабӣ дар мақоми Ироқ бастааст. Ин асар чаҳор қисмро дар баҳрҳои гуногуни шеърӣ дар бар мегирад. Он аз баҳри рамал сар шуда, бо баҳри ҳазаҷ ба итмом мерасад. Дар чаҳор қисми он ягон баҳри такрорие нест. Аз ин овардаи Мавлоно Кавкабӣ мушкил нест хулосае баровард, ки чаҳор қисми шеърӣ дар мусиқӣ чаҳор қисми як силсилаасар мебошанд (1); қисмҳои силсилаасар дар зарбҳои гуногуни мусиқӣ асос ёфтаанд (2); ҳар як қисми он асари мустақили мусиқавист (3); дар як мақом эҷод шудани ҳамаи қисмҳо онро ба силсилае дар мақоми Ироқ табдил медиҳад (4); унсури силсилабандӣ дар он Ироқ – унсури лаҳнӣ-оҳангист (5); чунин силсилаҳоро дар мақомҳои дигар низ сохтан мумкин аст (6).

Инак, ин натиҷагириҳо нишон медиҳанд, ки дар асри XVI, дар замони Мавлоно Кавкабӣ услуби силсиласозии мазкур – бо *функсияи фаслии зарбӣ* ва *функсияи васлии лаҳнӣ-оҳангӣ* маъмул будааст ва ё он нав ташаккул ёфтааст. Маълум аст, ки чунин услуби силсилабандӣ имрӯз дар ҳамаи навъҳои мақомоти тоҷик – Шашмақом, Фалак ва мақомҳои маҳаллии тоҷик на танҳо ҷо дорад, балки аз асосиҳост.

Дар чопи мазкури рисолаҳои Кавкабӣ якчанд рубоиву абёт бидуни сарлавҳа дар жанрҳои гуногуни шеърӣ оварда шудаанд [91]. Чунин байтҳо на ба усул (воҳиди зарбӣ), балки ба лахн-мақом (ё аз фаръҳои он – овоз, шуъба..) – воҳиди лаҳнӣ-оҳангӣ бахшида шудаанд. Имрӯз вазни шеъриро дар мақомоти тоҷик одатан бо асоси зарбӣ мутобиқ менамоянд, на ба лаҳн. Бинобар ин, яке аз эҳтимолот оид ба ин интихоб ба эътибор гирифтани

таъсири эмотсионалии ин ё он мақом (овоз, шуъба ...) аст. Барои фаҳмидани дурустии ин фарзия ин ҷо муқоисаи мазмуни шеърҳову ҳоли аз таъсири шунидани мақомҳо бавуҷудомадаро низ хотиррасон кардан бамаврид аст, зеро ки дар овардаи чопи мазкур [91] байтҳо баъди боби «Таъсири мақомот... » омадаанд. Ҳар як байт бо нишондоди унвони мақом оварда шудааст:

«Байти Ушшоқ»:

Ёрон (у) мусулмонон, ман девона хоҳам шуд,
Дар ишқи парирӯе ман афсона хоҳам шуд.

Он дар баҳри ҳазаҷ навишта шудааст. Тибқи овардаи Мавлоно Кавкабӣ (Рисолаи мусиқӣ, Хотима) таъсири мақоми Ушшоқ ба шунаванда *шуҷоатбахшанда* аст.

«Байти Дугоҳ»:

Мусулмонон, чӣ созам чора бо он шӯхи сангиндил,
Ки комам аз лабаш .... аст(у) сабр аз рухаш мушкил.

Он дар баҳри ҳазаҷ навишта шудааст. Тибқи овардаи Мавлоно Кавкабӣ таъсири шуъбаи Дугоҳ «*муассири шавқ ва ҳузн аст*» (Рисолаи мусиқӣ, Хотима).

«Байти Чоргоҳ»:

Асираш мешавам, он шӯх ҷавлон карда меояд,
Сараш гардам, аҷаб кокул пирешон карда меояд

Он дар баҳри ҳазаҷ навишта шудааст.

«Байти Рост»:

Омад баҳору гулфишон, ай ҳазрати соҳибкирон,
Камтар шуд рашки бутон, рав, хайма бар гулзор зан.

Он дар баҳри раҷаз навишта шудааст. Тибқи овардаи Мавлоно Кавкабӣ (Рисолаи мусиқӣ, Хотима) мақоми Рост «*муфидафзо ва баситу фараҳ аст*».

«Байти Бусалик»:

Эй дар иқлими латофат беназиру бемисол,
Шаш ҷиҳат аз ифтихор омад ба роҳат поймол.

Он дар баҳри рамал навишта шудааст. Тибқи овардаи Мавлоно Кавкабӣ (Рисолаи мусиқӣ, Хотима) таъсири мақоми Бусалик *қувватбахшанда* аст.

Дар идомаи чунин байтҳо гуфта шудааст, ки «*Ислимхон дар оҳанги Ҳусайнӣ бастааст ин мухаммасро барои Ҳасан*» [91, с.59]. Матни шеърии он панҷқисма аст. Ҳамчун матни шеърии қисми аввали ин мухаммас оварда шудааст:

То бувадам по биравам сӯи ту,
Қуввати рӯҳ аст маро бӯи ту.
Ояму гӯям ба сари кӯи ту,
Эй, зи ҳама хубтарин рӯи ту,
Чун шаби қадр аст маро мӯи ту.

Он дар баҳри рамал дар жанри мусаммати мухаммас навишта шудааст.

Қисми дуюми он низ дар жанри мусаммати мухаммас дар баҳри рамал омадааст ва матнаш чунин аст:

То маҳи рухсори ту тобон бувад,
Вирди забон мадҳи ту ҷонон бувад,
Бурдани дил пеши ту осон бувад,
Чашми ту горатгари имон бувад,
Чист в-он наргиси ҷодуи ту.

Қисми сеюми ин мухаммас низ ба мисли ду қисми аввал дар жанри шеърии мусаммати мухаммас дар баҳри рамал нишон дода шудааст:

Дар раҳи ҷонона давидем мо,
Ҳеҷ ба кӯяш нарасидем мо,
Бол бароварда паридем мо,
Гирди ҷаҳон гашта надидем мо.
Гӯша беҳ аз гӯшаи абрӯи ту.

Қисми чаҳоруми он ҳам дар бахри рамал дар жанри шеърии мусаммати мухаммас омадааст:

Эй, чи ҳакимӣ, ки давои ту хуш
В-эй, чи каримӣ, ки атои ту хуш,
Аҳли машонӣ ба ризои ту хуш.
Фоъилотун фоъилотун фоъилун[126]
Ошиқи дилхаста ҷафоҷӯи ту.

Ва ниҳоят қисми охирини он, қисми панҷум бо ҳамон жанри шеърии мусаммати мухаммас ва баҳри рамал омадааст:

Бе ту чӣ созам, чӣ кунам хонаро?
Заҳмати худ, роҳати бегонаро?
Тарк кунам суҳбати афсонаро?
Ин шараф аст Ислими девонаро
Ҳаст зи сагони сари кӯи ту.

[126] Ин мисраъ дар китоб ҷо надорад. Вале манзури мо чунин аст, ки як мисраъ аз байн рафтааст ва жанри ин қисм ҳам мусаммати мухаммас мебошад.

Аз ин асар бармеояд, ки дар асри XVI жанри мухаммас – жанри овозии силсилавӣ будааст. Хусусиятҳои онро Мавлоно Кавкабӣ хеле равшан овардааст:

- ❖ он дар панҷ қисм (мухаммас – «панҷгона») омадааст;
- ❖ ҳамаи қисмҳои таркибӣ дар як жанри шеърӣ – мусамммати мухаммас омадаанд;
- ❖ ҳамаи қисмҳо дар як вазни шеърӣ дар баҳри ягонаи рамали мусаддаси маҳзуф қарор мегиранд;
- ❖ ҳар қисми ин панҷгона асари мустақили мусиқавист;
- ❖ қисмҳои таркибии силсилаи мухаммас дар усули гуногуни мусиқавӣ асос ёфтаанд.

Силсилаи мухаммаси замони Мавлоно Кавкабӣ ба силсилаҳои имрӯзаи савт ва амал шабоҳат дорад: он дар асоси як лаҳн-мақом ва усулҳои гуногун дар қисмҳои таркибӣ қарор мегирад. Аз ин бармеояд, ки силсилаҳои овозии панҷқисма дар замони Мавлоно Кавкабӣ мухаммас ном доштаанд ва бо пайдоиши Шашмақом унвони худро иваз кардаанд.

Хулоса, анъанаи эҷоди силсилаҳои панҷқисма на дар асри XIX, баъди пайдоиши Шашмақом, ба вуҷуд омадааст. Ва ба ташаккули чунин силсиласозӣ Мавлоно Кавкабӣ саҳми бузурги худро гузоштааст. Масалан, жанри мухаммасро аз назар гузаронем, он талқини як жанри шеърӣ (мусаммати мухаммас) бо як баҳр (рамали мусаддаси маҳзуф) дар панҷ гунаи зарби мусиқавист.

Барои хиштгузории Мавлоно Кавкабӣ тамоюли замон ҳам мусоидат кардаанд. Академик А.Мирзоев байтеро аз шоир ва мусиқидону навозандаи моҳири асри XV–XVI Камолиддин Биноӣ овардааст [109, с.112], ки он ба услуби назми мақомии Мавлоно Кавкабӣ хеле монанд аст:

Агар муҳибби Ҳусайнию Рост мегӯӣ,
Машав Мухолифу оҳанг кун ба мулки Ироқ

Дар ин байти Камолиддин Биноӣ дар баҳри ҳазаҷ номи чаҳор мақом оварда шудааст: Ҳусайнӣ, Рост, Мухолиф ва Ироқ.

Агар ба матлаъи куллияти Кавкабӣ нигарем, дар он ҳам унвони чаҳор мақом оварда шудаанд: Рост, Ҳиҷоз, Исфаҳон, Ироқ:

Зи роҳи Рост чу оҳанг мекунӣ ба Ҳиҷоз,
Зи Исфаҳон гузаре ҷониби Ироқ андоз.

Дар овардаҳои ҳар ду мақомҳои Рост ва Ироқ ҷо дорад. Дар рамзи мақомҳо ин мақомҳо нишондоди «хатсайр»-и роҳи покианд.

Мисоли дигаре аз овардаҳои академик А.Мирзоев [109, с.434], ки ба шоир-мусиқидони охири асри XVI – аввали асри XVII Юмлии Минқолӣ

тааллуқ дошта, дар жанри куллият аст, низ инро тасдиқ мекунад. Он низ дар жанри ғазал ва баҳри ҳазаҷ навишта шудааст:

Агар Сабо зи раҳи Рост меравӣ ба Хиҷоз,
Гузар ба рағми Мухолиф сӯи Ироқ андоз.

Зи нолаи Зангӯла дар пои нокаи фока
Ниҳуфта банду бирав Исфаҳон ба сӯзу гудоз.

Чу дар мақоми Ҳусайнӣ расӣ, зи роҳи Аҷам
Бузургу Кӯчаки Ушшокро бидеҳ овоз.

Раву дуо бирасон в-ар зи бенаво пурсанд,
Бигӯ, ба роҳи ҳақиқат ниҳода рӯ зи маҷоз.

Амал намуда ба қавли Расул бинҳода
Бар остони Шоҳи Нақшанд рӯи ниёз.

Зи сина нолаи ҷонсӯз карду чун Найрез,
Сазад кунад чу ҳарифон ба даври он Шаҳноз.

Ба зери доираи чарх Юмлӣ ёбам
Зи хокбӯсии ин дар саодат чу аёз [109, с.434]

Агар пайиҳамии мақом-лаҳнҳоро дар овардаи Мавлоно Кавкабӣ, Биноӣ ва Юмлии Минқолӣ муқоиса бикунем, айён мешавад, ки он «роҳ» як аст: аз Рост сар мешаваду ба сӯи Ироқ меравад. Хулоса, Мавлоно Кавкабӣ ду паҳлуи гуногун (шоирӣ ва мусиқишиносӣ)-и фаъолияти худро ба як сӯ равон карда, ҳамчун шайхи фозил онро бо пардаи фаҳмиши динӣ рӯпӯш кардааст. Ва зери ин парда амалҳои таблиғгаронаи хешро хеле огаҳона ва мақсаднок иҷро намудааст. Вале дар мутолиаи матнҳои ӯ он низ мушоҳида мешавад, ки худи Мавлоно Кавкабӣ ба «рӯпӯшии динӣ» назари ҷиддӣ дошт ва омӯзиши ҳам амалӣ ва ҳам назариявии мусиқиро воқеан баҳри «роҳи рост» («роҳи ҳақ») зарур медонист: ба ҳайси унсури омӯзишӣ ва фаҳмиши дақиқ пешниҳод кардани назми мақомии худро ба рушди зеҳнияти инсон ва покизагии ҷомеа равон мекард. Дар омӯзиши мақом ҳам Мавлоно Кавкабӣ зери «роҳи рост» дақиқонаву огаҳона риоя кардани қавонини онро металабад, зеро ки ҳамин муносибат ҳифзи ин санъати волоро дар ҳама давру замон муҳайё мегардонад. Судмандии дигари назми мақомот дар он аст, ки дар он ташаккули тадриҷии унсур-ҳои Шашмақом мушоҳида карда мешавад. Ба ақидаи мо, Кавкабӣ пешниҳоди куллиятро баҳри қабули системавии Дувоздаҳмақом ба аҳли мусиқии касбӣ ба ҳайси «қолаби универсалӣ» зарур мешуморад. Ин «*гиреҳакест барои хотира*» (истилоҳи Ю.Лотман) [135], ки аз қоидаи

асосии мақомот иттилоъ медиҳад ва ба рушди хотираву зеҳн равона шудааст. Он дар рафти талқиноти мусиқавӣ-амалии Дувоздаҳмақом озодии эҷодиро ҳамеша дар назар дорад. Пешниҳоди Мавлоно Кавкабӣ ҳадафи тавассути қабули мавзунӣ-зебоии мақомот бо шеъри равони форсӣ-тоҷикӣ пур кардани ҷойи холишудаи сози удро низ дошт. Зеро ки, уд аз байн рафта истода бошад ҳам, барои пазируфтани танбӯр ҳамчун сози асосӣ ҳоло заминае ташаккул наёфта буд.

Кавкабӣ таблиғгари системаи таълимии мусиқӣ, ба услуби омӯзиши мусиқӣ дар давраи «гузариш»-и он аз заминаи илмҳои дақиқу фалсафаи умумӣ рӯ гардонда, ба заминаи шеъру арӯзу қофия хеле дақиқона назар кардааст. Ӯ такомули услуби тадриси (унсури методӣ)-ро бевосита дар асоси қабули тавъами мусиқӣ ва назм медид. Онро ба ташаккули тафаккури мусиқӣ-адабӣ, мусиқӣ-эстетикӣ ба замири шогирди навомӯз равона карда, рушди пайвастаи зеҳну хотираро фаромӯш намекард.

Талоши Мавлоно Кавкабӣ баҳри фаҳмиши системавии мақомот дар сатҳи нав аст. Барои пешниҳоди нав Мавлоно Кавкабӣ ҳамаи паҳлуҳои фаъолиятро бо фаҳмиши дараҷаи баландтарин доро буд: шоир (шеър), олим-мусиқишинос (илми мусиқӣ), сарояндаву навозанда (ҳунари мусиқӣ), устоди мусиқӣ (методикаи омӯзиши мусиқӣ). Ихтироъкори *назми мақомӣ* Наҷмиддин Кавкабӣ бо ҳамин мақсад барои баёни қоида-ҳои мусиқӣ назмро истифода бурда, ҳар як шеъри онро дар вазни муайян суруда, шогирдро бо имконоти фарохи мутобиққунии шеъру оҳанг равон месохт.

Аз овардаҳои Мавлоно Кавкабӣ маълум мегардад, ки ӯ дар назми мақомот баҳру вазнҳои одӣ ва жанрҳои маъмулро истифода бурдааст. Кавкабӣ шояд огаҳона мекӯшид дар жанрҳои гуногуни одии шеърӣ қоидаи сирф назариявӣ ва ё назарияи амалии мусиқиро мухтасар ғунҷонад. Ва шояд Мавлоно Кавкабӣ мақсади тадриҷан мураккаб гардонидани навъҳои жанрии назм ва мазмуни илмии намунаҳои назми мақомиро низ дошт. Ва пешниҳоде, ки дар рисолааш карда буд, ибтидои он роҳ буд. Зеро ки худ устоди бузург буд, таҷрибаи бузург дошт. Вале фоҷиавӣ канда шудани риштаи ҳаёти ӯ имкони идомаи ибрози пурраи методикаи бузургашро ба ӯ надод. Бо вуҷуди ин, дар назми мақомии ӯ фаҳмиши нави системавии мақомот ҳамеша ҷо дорад. Маълум аст, ки ӯ ба ифодаи ҳамин нукта мекӯшид, саъй мекард, ки шогирд аз ибтидо ба қабули *системавии* мақом одат кунад. Ин хусусияти назми мақомии ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки Мавлоно Кавкабӣ набзи замонашро хуб ҳис мекарду дигаргуниҳое, ки дар мақомоти тоҷик қариб ду садсола баъд рух доданд, пешбинӣ намуда буд. Ин аст навоварии ӯ ба василаи назми мақомӣ дар омӯзиши мақомоти замонаш.

IV.1.3. Дарвешалии Чангӣ. Рисолаи мусиқӣ

Дарвешалӣ ибни Мирзоалӣ ибни Ҳоҷа Маҳмуди Марворид, ки чун Дарвешалии Чангӣ шуҳрат ёфтааст, дар нимаи дуюми асри XVI – чоряки аввали асри XVII умр ба сар бурдааст. Ӯ сароянда ва чангнавози моҳир буд ва дар дарбори хони Мовароуннаҳр Имомқулихони Аштархонӣ (1611 –1642) хизмат мекард.

Рисолаи ӯ дар таърихи мусиқии тоҷик нақши бузургро бозидааст[127]. Яке аз навгониҳои ин рисола дар он аст, ки маълумотро оид ба мусиқӣ дар шакли нав пешниҳод менамояд. Таваҷҷуҳи хоссаи муаллиф дар он бештар ба вазъи ҳаёт ва фаъолияти навозандагон, сарояндагон, мақомдонону бастакорон равона шудааст. Ва ба ин васила мусиқишинос Дарвешалӣ Чангӣ тавонистааст вазъи иҷтимоии аҳли мусиқиро дар давраи асримиёнаӣ то замони худ равшан инъикос намояд. Барои аҳли мақомот чунин нуқтаи назари тадқиқӣ хеле арзишманд аст. Зеро ки дар роҳи рушди мақомот чеҳраҳои зиёди болаёқату ғамхор фаъолият кардаанд ва саҳм гузоштаанд, бо эҷодиёти худ мусиқии профессионалии тоҷикро рушд додаанд. Вале, мутаассифона, аксарияти онҳо дар таърих қариб номаълуманд. Новобаста ба фаъолияти эҷодии ғанию рангин, дар бораи онҳо маълумоти таърихӣ кам аст ё тамоман нест. Маълум аст, ки асарҳое, ки дар мусиқӣ офарида мешуданд, китобат намешуданд. Маъмулияти асари мусиқӣ ҳамеша ба тариқи шифоҳӣ боқӣ мемонд. Одатан, муаллифии он дар ягон ҷое дарҷ намегардид. Устодон ҳам талош намекарданд, ки муаллифии онҳо равшан гардад. Оҳиста-оҳиста мансубияти асар ба муаллифи мушаххас фаромӯш мешуд. Ин аст, ки Шашмақоми пур аз ганҷина «муаллиф надорад» ва онро мантиқан дуруст бо лаёқат ва зеҳнияти устодони ин санъати воло мепайванданд.

Дарвешалии Чангӣ дар бораи ҳар як мақомдону мақомхон бо нишондоди созҳои мусиқӣ, эҷодиёт ва тарзи зиндагии ӯ маълумот овардааст. Ҳудуди таърихии маълумот аз давраи қадим то замони худи муаллифро дар бар мегирад. Дар таърихи мусиқии тоҷик чунин иқдом нахустин аст. Маводи муфассалро аз бобҳои ин рисола бо сабаби он, ки ба мусиқишиносӣ ва ҷараёни таълими муосир то ҳол ворид нашудааст, пурра меоварем. Ин саъй баҳри он аст, ки хонанда битавонад худ дарк

[127] Шарҳи рисола дар китоби мо дар асоси тарҷумаи А.А.Семёнов [158] аст. Бо ин васила хостем ин тарҷума ва диди ин олими тоҷикшиносро ба тоҷикӣ низ пешкаш намоем.

бикунад, ки муаллифи асри XVII чӣ иқтидори талош дошт, ки чунин мушаххасиётро рӯи коғаз биоварад.

Рисолаи мусиқӣ иборат аз дувоздаҳ мақом (боб) мебошад[128]. Чаҳор боби аввал дар бораи назарияи мусиқии замон буда, чунин пайиҳамиро дар бар мегиранд: бобҳои I – III дар бораи системаи мақомие, ки замони Дарвешалӣ Чангӣ маъмул буд, Дувоздаҳмақом ва таркиботи он, боби IV ба дувоздаҳ давраи зарбӣ. Бобҳои V – VI дар бораи асбобҳои мусиқианд. Бобҳои VII – XII пурра ба таърихи мусиқӣ бахшида шудаанд.

Дарвешалӣ Чангӣ дар ибтидои рисола дар бораи устодони худ, ононе, ки ба мусиқидониву навозандагии ӯ мусоидат кардаанд, гуфтааст. Дар ин амал ӯ эҳтироми устодони худро иҷро карда, ба навбат Хоҷа Ҷаъфари Қонунӣ, Алӣ Дӯсти Нойӣ, Мир Мастӣ, Мавлоно Ҳусейни Кавкабиро ном мегирад. Дар баробари ин, ба таври шифоҳӣ ба ӯ дастрас шудани иттилооти саргузаштиву эҷодии гузаштагонро хеле шаффоф қайд кардааст. Ба гуфтаи худи Дарвешалӣ Чангӣ рисолаи ӯ аз қисмҳои ҳикоявӣ ва қисмҳои хоссаи мусиқӣ иборат аст. Маълумотеро, ки ӯ дар қисмҳои ҳикоявӣ овардааст, аз Мавлоно Ҳусайни Охунд ва ӯ аз устодаш Имомқули Удӣ ва дар навбати худ Имомқули Удӣ аз устодаш Зайтуни Ғиҷакӣ ва ӯ низ аз устод Хоҷа Абдуллоҳи Марворид ва ӯ низ аз устодаш Зайнуллобиддини Чангӣ ва ӯ аз устоди худ Ҳасан Қутбии Нойӣ, ки аз Хоҷа Абдулқодири Нойӣ ва ӯ аз Султон Увайси Ҷароил (ҳокими Ироқ, 1356–1374) ва дар навбати худ ӯ аз Сафиуддин Абдулмуъмин (Урмавӣ) шунидааст. Овардани ин занҷираки шахсиятҳои муътабар, устодон, тибқи анъанаи устод-шогирд аст, ки қонуни оҳанинро риоя мекунад: *он чӣ, ки омӯхтӣ, то аз ин олам гузаштан, бояд ба дигарон бирасонӣ*. Бо овардани ин занҷирак низ Дарвешалӣ Чангӣ эҳтироми пиронашро иҷро кардааст. Ва онро дар қоидаҳои мактаби устод-шогирд ба адо кардани қарз баробар мекунанд.

Инак, мазмуни рисоларо Дарвешалии Чангӣ дар чунин пайиҳамӣ кушодааст: дар *боби якум* ҳадисҳои Муҳаммад пайғамбар (с.) баҳри нишон додани иҷозати мусиқӣ дар ҷомеаи мусулмонӣ оварда шудаанд.

---

[128] Дарвешалӣ Чангӣ ба ҷои мафҳуми «боб» «мақом»-ро истифода мебарад. Дар ин хусус ӯ ба Мавлоно Кавкабӣ пайравӣ кардааст. (Шояд он замон дар рисоланависии мусиқавӣ ин ба ҳукми анъана даромада буд). Вале мо баҳри саҳеҳият, ба мисли тарҷумон, дар китоби мазкур калимаи «боб»-ро ба кор мебарем. Тарҷумон А.А.Семёнов аз тарҷумаи муфассали ду боби аввал даст кашидааст. Эҳтимол, зеро ки маълумоти ин бобҳо аз рисолаҳои дигар фарқ намекунад.

Боби дуюм ба саволҳои мусиқӣ чист, оҳанг (алҳон) чист ва зарб (иқоъ) чист ҷавоб медиҳад. *Боби сеюм* ба системаи Дувоздаҳмақом – мавзуъи маркази рисолаҳои ин замон бахшида шудааст. *Боби чорум «Дар бораи намудҳои қадимии усул», боби панҷум* дар бораи навозандагию сарояндагӣ, баъзе жанрҳои мусиқӣ ва шарҳи онҳо, дар *боби шашум* дар бораи асбобҳои мусиқӣ сухан меравад. Дар *боби ҳафтум* дар бораи подшоҳон, ки ба рушди мусиқӣ майл доштан ва саҳм гузоштанд, гуфта мешавад; *боби ҳаштум* ба олимон, шахсиятҳои маъруфе, ки арзишмандии мусиқиро мефаҳмиданд, ба мусиқӣ муносибати ҷиддӣ доштанд, бахшида шудааст; *боби нуҳум* дар бораи шоирону бастакороне, ки асарҳои мусиқӣ офариданду барои наслҳои оянда аз худ монданд, гуфта шудааст. *Боби даҳум* ба сайидҳои муътабар (дар сарсухан) ва устодоне, ки дар Ҳирот мезистанд (яъне намояндагони ин мактаби ҳунарӣ – Ф.А.), *боби ёздаҳум* – ба сарояндагони маъруф ва ниҳоят *боби дувоздаҳум* – ба устодони машҳур, ҳамзамонони муаллифи рисола, бахшида шудааст. Аз худи мундариҷаи рисола намудор мегардад, то чӣ андоза мусиқишиноси бузург набзи замонашро хуб медонист: ба тартиби муайян овардани симоҳои таърихие, ки ба мусиқӣ саҳмгузоранд; махсус қайд кардани саҳми намояндагони Мактаби ҳунарии Ҳирот ва диг. Дарвешалӣ Чангӣ ба монанди Мавлоно Кавкабӣ хуб мефаҳмид, ки дар давраи гузариши як система ба системаи дигар умр ба сар мебарад. Онҳо огаҳона ба масъалаҳое рӯ овардаанд, ки талаботи замонашон буд.

Дар *боби сеюм* Дарвешалӣ Чангӣ дар бораи Дувоздаҳмақом мегӯяд. Таркиби ин системаро ӯ иборат аз 12 мақом, 24 шуъба, 6 овоз ва 3 ранг мешуморад. Баъди фаҳмондани пайдоиши таркибот ва пайвастагии он (тибқи асл-фаръ) бо мақомҳо, Дарвешалӣ Чангӣ унвонҳои дигари мақомҳои аслиро низ овардааст. Ӯ гуфтааст, ки ба ғайр аз он дувоздаҳ мақоме, ки дар замони ӯ ба ҳайси унвонҳои мақомҳои аслӣ қабул шудаанд, дар амалияи мусиқӣ қаблан номҳои дигари ҳар яки он низ маълум буд. Онҳо аслан тоҷикианд.

Микдоран таркиботи мақомҳо, шуъбаҳову овозҳо дар рисолаи Дарвешалӣ Чангӣ такрори овардаҳои Мавлоно Кавкабианд, вале се рангро Кавкабӣ наовардааст. Дар унвонҳои мақомҳои аслӣ ҳам байни Дарвешалӣ Чангӣ ва Кавкабӣ фарқият аст. Барои фаҳмиши беҳтар онро дар ҷадвал овардаем:

12 мақом	24 шуъба	6 овоз	3 ранг
Ҳусайнӣ/ Зеркаш	Дугоҳ, Муҳайяр	Наврӯзи Асл	Бастанигор
Рост / Умму-л-адвор	Мубарқаъ, Панҷгоҳ	Гардуния	Мухолифи Ироқ
Ироқ / Хауро	Рӯи Ироқ, Мағлуб	Мойя	Мухолифи Ироқ
Исфаҳон	Найрез, Нишобурак	Салмак	Бастанигор
Зангула / Ниҳованд	Чоргоҳ, Уззол	Салмак	Мухолифи Ироқ
Ушшоқ / Тарона	Забул, Авҷ	Гардуния	Арзеванӣ
Кӯчак / Зерафканд	Рақаб, Баёт	Мойя	Бастанигор
Раҳовӣ	Наврӯзи Араб, Наврӯзи Аҷам	Шаҳноз	Мухолифи Ироқ
Бусалик / Чаковак	Аширон, Сабо	Наврӯзи Асл	Арзеванӣ
Бузург / Авҷ	Ҳумоюн, Нуҳуфт	Шаҳноз	Бастанигор
Наво / Нағмаи Довудӣ	Наврӯзи Хоро, Моҳур	Гавашт	Мухолифи Ироқ
Ҳиҷоз / Нигорӣ	Сегоҳ, Ҳисор	Гавашт	Бастанигор

Ҷадвали 10. Дарвешалӣ Чангӣ. Дувоздаҳмақом.

Тавре ки аз ҷадвал маълум мешавад, ӯ ду унвони ҳар мақомро овардааст. Унвонҳои тоҷикие, ки Дарвешалӣ Чангӣ овардааст, ба овардаҳои рисолаи мусиқии Амир Хусрав Деҳлавӣ хеле наздиканд. Аз ин бармеояд, ки байни мардуми форс-тоҷик мақомҳо тадриҷан ба шароити нав мутобиқ шуда, ҳарчанд номҳои тоҷикии худро устувор нигоҳ медоштанд, унвонҳои расмӣ ҷойи онҳоро гирифта буданд.

Боби чорум «*Дар бораи намудҳои қадимии усул*» шарҳи 41 зарб (усул)-ро дар бар гирифтааст. Асоси усулҳоро Дарвешалӣ Чангӣ аз *зарбу-л-қадим* мебинад. Ва гирифта шудани онро аз набзи дили инсон тасдиқ мекунад. Шумораи доираҳои зарбӣ аз тарафи олимони асримиёнаӣ гуногун гуфта шудаанд. Онҳоро Дарвешалии Чангӣ оварда, бо якдигар қиёс кардааст. Ихтирои усули шодиёнаро ба Баҳроми Гӯр (420–438) мансуб

медонад. Сониян, ба шарҳи *нақрот* гузашта, таҳлили муфассали ҳар як усулро меоварад. Дар анҷоми ин фасл Дарвешалӣ Чангӣ дар бораи пайвастагии баҳрҳои арӯзӣ бо мизонҳои мусиқӣ гуфта, бори дигар *фаъала* ва *зарбу-л-қадим*ро асоси онҳо меномад. Ва пайдоиши ҳам баҳрҳоро дар шеър ва ҳам усулҳоро дар мусиқӣ бо амали асл-фаръ (бе истифодаи ин истилоҳ) мепайвандад.

Дар *боби панҷум* дар бораи фаҳмишу қабули мусиқӣ, навозандагӣ, матнҳои шеърие, ки дар мусиқии овозӣ дар истифодаанд, сухан меравад.

Боби *шашуми рисола* ба созҳои мусиқӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки аксарияти созҳои мусиқӣ аз дарахти тут сохта мешаванд ва торҳои онҳо аз абрешим. Тут ва абрешим, ки ба якдигар бегона нестанд, садои хуби созро ба вуҷуд меоваранд. Ӯ созҳои танбӯр, чанг, най, қонун, уд, барбат, рубоб, қобуз, руд, ғиҷак, шомома (мусиқор), чағона, руҳафзо, кунгура ва дигарро шарҳ додааст. Дар шарҳи ӯ ҳикоёту ривоятҳои маъмул дар байни аҳли мусиқӣ оварда шудаанд. Танбӯрро Дарвешалии Чангӣ «устод»-и созҳои дигар мешуморад. Аз ин маълум мешавад, ки дар асри XVII, як аср қабл аз пайдоиши Шашмақом, нақши танбӯр дар амалияи мусиқӣ ба дараҷаи баланд расида буд.

Боби ҳафтум «*Дар бораи подшоҳон, шахсиятҳои маъруф, олимон ва шоироне, ки дар илми мусиқӣ асарҳо офаридаанд*» ва *боби ҳаштуми* рисола «*Дар бораи олимон, шахсиятҳои маъруф ва шоирон – донандагони мусиқӣ*» дар бораи подшоҳону ҳокимон, шоирон, олимон, сарояндагону навозандагон ва шахсони бузурги ҳама давру замон, ки дар соҳаи мусиқӣ саҳмгузоранд ё ба рушди мусиқӣ мусоидат намудаанд. Ин ду боб бештар характери маълумотӣ дорад на таҳлилӣ. Лекин муаллиф ба он маълумот ҳикоёту воқеаҳоеро ҳамроҳ кардааст, ки аз он паҳлуҳои ноаёни ҳаётӣ ва эҷодии аҳли мусиқӣ намудор мегарданд. Бинобар ин, барои фаҳмишу дарки дурусти хусусияти рушди мусиқӣ дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна ин «маълумоти ҳикоявию ҳодисавӣ» хеле муҳим аст. Он аз ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии давраҳои номбурда дарак медиҳад.

Дар рисолаи мусиқии худ муаллифи асри XVII овардани чунин маълумотро зарур мешуморад. Шояд Дарвешалии Чангӣ сабаби вазъи номусоиди мусиқиро бо ин навъи маълумот фаҳмонданӣ мешавад? Рисолаи ӯ нахустин манбаест, ки чунин доираи маълумотиро дар бораи намояндагон-саҳмгузорони мусиқӣ фаро мегирад. Бобҳои ба ин мавзуъ марбути рисола на танҳо мазмунан, балки бо услуби баён низ фарқкунандаанд. Ин услуби баёни нақлиест, ки имкон медиҳад вазъи ҳаёт, рафти фаъолият ва вобастагии аҳли мусиқиро равшантар инъикос намояд. Албатта, баёни муаллифи асри XVII аз робитаҳои зичи мусиқӣ ва назм ҳам

далолат медиҳад. Аз ин рӯ, дар баёни рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ ҳам услуби илмӣ ва ҳам услуби нақлӣ-ҳикоявӣ дида мешавад.

Муаллиф шоҳи сосонӣ Баҳроми Гӯрро ҳамчун шахсе муаррифӣ мекунад, ки нахустшеъри манзумро дар адабиёт ва мусиқӣ гуфтааст. Идомаи маълумот дар бораи Баҳроми Гӯр ва канизаки ӯ Дилороми Чангӣ, сониян, дар бораи моҳияти мусиқӣ дар давраи шоҳи сосонӣ Нушервони Кабир (531–579), солисан, ба давраи дигари таърихӣ гузашта, нақлеро меоварад: баъди истилои араб, дар давраи хилофати Умар (634 – 644), даврае, ки мусиқии форс-тоҷик сахт маҳкум мегардид, Пири Чангӣ дарк кард, ки нодаркор шудааст, ба қабристони Ясриб (Мадина) рафт. Дар он ҷо нишаста, чанги худро дар паҳлуяш монда ва ба Аллоҳ рӯ оварда мегӯяд: «Ман доимо барои одамон менавохтам. Ман омадам, ки охирин бор барои Ту навозам. Танҳо як хоҳиш дорам, ки маблағи торҳои абрешимии маро бидеҳ». Ӯ навохту гирист. Сониян, созашро таги сар монда хобид. Ин лаҳза халифа Умар овозеро аз боло шунид, ки «акнун як дӯсти мо дар қабристон хобидааст, бирав ва ҳафтсад динор ба ӯ бидеҳ ва бигӯ, ки маблағи торҳои абрешимист. Инчунин бигӯ, агар ин маблағро пурра сарф кунад, боз биёяд, барои маблағи дигар..». Дар қабристон халифа Умар ба ғайри як мӯйсафеди пири хобида касеро надид. Ӯ бедор шуда тарсида: «О, Аллоҳ, ман аз Ту маблағи торҳои абрешиминамро талабидам, Ту ба назди ман халифаи сахтгир Умарро фиристодӣ» бигуфту бигирист. Халифа Умар гуфт: «акнун ки навохтани ту ба Аллоҳ маъқул шуд ва ӯ туро ёри худ донист, ман ҳам мепазирам ва дӯсти ман ҳам ҳастӣ. Ин пулро бигир ва боз барои маблағ биё»[129].

Вобаста ба Борбад муаллиф қиссаи Хусраву Ширинро меоварад. Гӯё Борбад, навозандаи машҳури дарбори Хусрави Парвиз, ҳамеша дар хидмати Ширин буд. Чунин қиссаи Дарвешалии Чангӣ аз ҳамин қиссаи сарчашмаҳои дигар куллан фарқ мекунад.

Дарвешалии Чангӣ дар бораи асосгузори адабиёти форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин маълумот овардааст: шоири давраи Сомониён, дар дарбори шоҳи сомонӣ Наср ибни Аҳмад II (914–943) хидмат кардааст. Рӯдакӣ яке аз мусиқачиёни маъруфи замонаш буд. Ӯ дар санъати бадоҳахонӣ ба дараҷаи олӣ расида буд. Сониян, муаллиф ривояти машҳурро дар бораи пайдоиши шеъри «Бӯи Ҷӯи Мулиён ояд ҳаме...»

---

[129] Ва Ҷалолиддини Румӣ дар ҳаққи ӯ чунин гуфтааст:

Он шунидастӣ, ки дар аҳди Умар,
Буд чангӣ – мутрибе бо карру фар?
Булбул аз овози ӯ беҳ(в)ад шудӣ,
Як тараб з-овози хубаш сад шудӣ.
Маҷлису маҷмаъ дамаш оростӣ
В-аз навои ӯ қиёмат хостӣ [41, с.64-65].

гуфтааст. Инчунин руднавозии Рӯдакиро ба назар гирифта, Дарвешалии Чангӣ ақидаеро меоварад, ки гӯё тахаллуси шоир на аз номи деҳа, балки аз руднавозӣ маншаъ мегирад[130].

Ҳоҷа Абдулқодири Нойӣ мусиқачии маъруфи замонаш буд. Ӯ зодаи деҳаи Ноин наздикии Исфаҳон, тоҷик буд[131]. Ӯ яке аз мухлисони беназири Шайх Саъдӣ буд ва ҳамаи осори ӯро медонист. Дар сухангӯӣ назир надошт. Дар дарбори донандаи мусиқӣ Султон Увайси Ҷалоир (1356–1374) хидмат мекард. Баъди вафоти ин султон ва омадани темуриён ба хидмати онҳо гузашт ва ҳамчунин Сафиуддин Абдулмуъмин ва Қутби Нойиро низ ба дарбор тавсия кард. Аммо ҳасадхӯрон тавонистанд дар дарбор вазъи онҳоро бад кунанд. Қутби Нойиро ба дор овехтанд. Мегӯянд, ки ӯ пеш аз марг найро талабида, асари «Пешрави дор»-ро бадоҳатан эҷод карда, навохтааст.

Ҳоҷа Абдулқодири Лории Нойиро низ амре карданд, ки ба қатл расонанд. Ӯ гуфт, ки ба амир гапе дорад. Вақте ки ӯро ба назди амир оварданд, ӯ қироати Қуръонро сар кард. Ӯ чунон дилрабо мехонд, ки амир аз амраш баргашт. Дар сафар ба Ироқ ӯ зангӯлачаҳои гардани шутурҳоро дар мақоми Ироқ ҷӯр карда, асари «Амали Тарона»-ро эҷод намуд. Амир, ки мусиқиро дӯст медошт ва хуб мефаҳмид, Лориро ба наздаш ҷеғ зада пурсид, ки ин асари кист, ки ҳатто дар зангӯлачаҳо хуб садо медиҳад. Лорӣ ҷавоб дод, ки ин ҳамон Абдуқодир аст, ки «ҳоло ҳам аз пояш ҳастанд». Ва ӯ шеъре мехонад, ки мисраи аввали он чунин буд: «Оҳ шоҳи бузург, ту акнун меравӣ ба Ироқ, маро фаромӯш накун, фаромӯш накун..». Амир амр дод, ки Абдулқодири Нойиро ба ҳолаш монанд.

Хоҷа Абдуллоҳи Лорӣ зодаи деҳаи Лори Осиёи Хурд, арабиро хеле хуб медонист. Шахси донишманд буду табиб. Мусиқиро ҳам амалӣ ва ҳам назарӣ медонист. Лаёқату маҳорати навозандагии ӯ ҳокими ӯро, ки аз темуриён буд, хеле писанд омада буд. Боре устоди ӯ – Абдулқодири Нойиро бояд ваҳшиёна ба қатл мерасонданд. Бо хоҳиши Лорӣ ҳоким устодашро аз марг наҷот дод.

Ҳазрат Амир Хусрави Деҳлавӣ (1253–1325) шоири машҳури форсизабони Ҳинд ва мусиқачии маъруфи замон. Ӯро ҳам ашрофу ҳам камбағал эътирофу эҳтиром мекард. Аввал ӯ дар хидмати давлатии Султон Муҳаммад Туғлуқшоҳ (1320–1325) буд. Қисми дуюми ҳаёт ба роҳи

---

[130] Маълум аст, ки дар он давра мушахассоти кофие дар бораи тарҷумаи ҳоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ айён набуд. А.А.Семёнов, тарҷумони рисолаи мазкур, дар поварақ қайд кардааст: «Садриддин Айнӣ ба ман гуфт, ки ба ӯ муяссар гардид, ки муайян бикунад, ки деҳаи Рӯдак дар шаҳри Панҷакант воқеъ буда, дар он ҷо то ҳол мазори шоир боқӣ мондааст». Муфассалтар дар ин бора ниг.:[24].

[131] «..муаллиф гуфтааст, ки ӯ тоҷик буд...ва хусусан осори Шайх Саъдиро дӯст медошт.. ...профессор Браун иштибоҳан ӯро аз шаҳри озарбойҷонии Мароғ мегӯяд... Ӯ соли 1434 – 1435 дар Ҳирот аз олам гузаштааст.» [158, с.23, 25].

сӯфиёна гузашта, шогирди Низомиддин ал-Муайяд гардидааст[132]. Вақте ки Шайх Саъдӣ дар Ҳиндустон буд, онҳо бо Амир Хусрави Деҳлавӣ вохӯрданд. Эҳтироми хоссаашро нисбат ба Шайх Саъдии бузург Амир Хусрав то охири ҳаёташ нигоҳ дошта, дар ин бора дар ғазалҳояш низ гуфтааст. Мероси адабии шоир хеле бузург аст. Дарвешалӣ Чангӣ овардааст, ки Султон Мирзо Бойсунқор «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавиро дӯст медошту Мирзо Улуғбек (1447–1449) бошад, бештар мухлиси «Хамса»-и Низомӣ буд. Бародарон дар ин ҷода баҳсҳои зиёди шавқоваре мекарданду ин асарҳоро хеле хуб медонистанд.

Фирдавсии Тусиро Дарвешалӣ Чангӣ «устоде, ки нутқи қадимиёнро зинда кард» номидааст. Муаллифи рисола қайд кардааст, ки Фирдавсӣ, ин шахсияти бузурге, ки суханаш ҷилои офтоб дорад, дар мусиқӣ низ бузург буд. Дар бораи Абулқосим Фирдавсӣ ӯ маълумотеро, ки дар Шарқ қабул шудааст, аз китоби Давлатшоҳи Самарқандӣ (а. XV) «Тазкироту-ш-шуаро» оварда, байн-байн порчаҳоеро аз «Шоҳнома»-и ӯ ҷо додааст.

Мавлоно Мираки Чангии Бухороӣ яке аз чеҳраҳои намоёни замонаш буд. Нахустин дарсҳои мусиқиро аз падараш омӯхтааст. Зери нуфузи рафиқаш дар мадраса фанҳои дигарро низ аз худ мекунад. Сониян, дар Хоразм ба доираи Мулло Калон дохил шуда, донандаи илмҳои замонаш мешавад.

Мавлоно Қосими Раббонӣ сӯфӣ, рубобнавоз бадахшонӣ буд. Ӯ аввало дар доираи шайх Баҳоуддин (с.ваф. 1389) фаъолият мебурд ва дар охири ҳаёт дар Куния ба мавлавиён ҳамроҳ шуд. Қабри ӯ дар Куния аст.

Шайх Абубакри Раббонӣ ва *Шайх Бахлулиддин*, сӯфиён, рубобнавозон, бародарон, писарони яке аз қозӣ ва муфтии машҳури замон будаанд. Маълумоти хеле хуби диниро гирифта, ба шахсиятҳои маъруфи замонашон табдил ёфта буданд. Падар пеш аз вафот васият кард, ки ҳеҷ гоҳ қозӣ нашаванд, ки пушаймонӣ дорад. Баъди вафоти падар ҳар ду бародар дар як шаб хоби якранг диданд, ки он чунин буд: рӯи падарро мори сиёҳ газидааст ва одаме омада як чашми ӯро канда ба оташ партофтааст. Бародарон тарсиданд, ки падар дар қозигии худ ягон гуноҳе карда будааст. Бинобар ин, ҳаёти мутлақо дигарро интихоб кардаанд. Онҳо девонаавзо шуда, дар бозорҳову дигар ҷойҳои серодам рубобнавозӣ мекарданд.

Шайх Шамси Раббонӣ ҳамзамони Шайх Баҳоуддини Нақшбанд (с.ф.1389) буд. Онҳо дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд ва Шайх Баҳоуддин рубобнавозии ӯро доимо мешунид. Хусусан Шайх Шамси Раббонӣ субҳ барвақт рубоб менавохт. Чанд муддате Шайх Баҳоуддин навозандагии Шайх

[132] Дар ин ҷо муаллиф овардааст, ки бо шунидани вафоти устодаш (пираш) Амир Хусрави Деҳлавӣ либоси азогӣ ба бар кард, ҳамаи молу мулкашро тақсим намуд ва дар наздикии қабри пираш зиндагӣ мекард. Дере нагузашта ӯ ҳам ҳамон соли 1325 аз олам гузашт.

Шамси Раббониро нашунид ва хавотир шуд. Шогирдон дар ҷавоб гуфтанд, ки ӯ бемор аст. Шайх Баҳоуддин ӯро хабаргирӣ рафт. Дид, ки ӯ дар ҳақиқат беҳолу бемадор аст. Ба ӯ гуфт, ки вақте ки ба гӯри ту Мункир ва Накир омада, аз зиндагии ту пурсанд, бигӯ, ки дар ҳамсоягии ман будӣ. Дар ҷанозаи Шайх Шамси Раббонӣ ҳамсояаш Шайх Баҳоуддин дуохонӣ карда, то ба хок супоридан аз қафояш бирафт. Вақте ки ҳама рафтанд. Шайх Баҳоуддин ба сари манзили ӯ баргашт ва аз тарафи сари ӯ истода, гӯш андохт. Ӯ омадани Мункир ва Накирро ва пурсиши онҳоро шунид. Инчунин шунид, ки дар ҷавоб маҳрум ҳамсояаш аз онҳо тарсида, ҳамаи гуноҳҳоро ба худ гирифта истодааст. Шайх Баҳоуддин аз берун тоқат накарда, дод зад, ки «бигӯ, ки ту ҳамсояи ман будӣ!». Ин вақт овози Аллоҳ шунида шуд, ки мегуфт: «Ин мӯйсафедро беозор бимонед, зеро ки ӯ дар ҳаёти заминии худ ҳамсояи Баҳоуддин буд». Мункир ва Накир инро шунида, бирафтанд.

Дарвеш Аҳмади Қонунии Самарқандӣ вақти бисёри худро дар хонақои эшони машҳури Осиёи Миёна *Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрори Валӣ* (с. ваф. 1489 – 90) мегузаронд. Дар ин ҷо қариб ҳамеша мусиқӣ садо медод. Хоҷа Аҳрор бениҳоят шеъру мусиқиро дӯст медошт, аксарияти мусиқачиёнро сарпарастӣ мекард. Дар маҷлисҳои ӯ ҳамаи ҳофизони хуби замон ҳузур медоштанд. Яке аз сарояндаи дӯстдори ӯ *Ҳофизи Кӯчак* буд. Дар вақти сароидани ӯ Хоҷа Аҳрор мегирист. Шабе ӯ ба наздаш *Султон Аҳмади Нойиро* таклиф карда, то субҳ найнавозии ӯро гӯш карда, ба ӯ бо тило пули корашро медиҳад.

Султон Аҳмади Девонаи Самарқандӣ найнавоз дар хонаи Хоҷа Аҳрор хизмат мекард. Бо кумаки Хоҷа Аҳрор зиндагиашро пеш мебурд. Вале бемории руҳӣ ҳар ду моҳ авҷ мегирифт. Ва Хоҷа Аҳрор ӯро муолиҷа карда ба худ меовард. Баъди вафоти Хоҷа Аҳрор аҳволи ӯ хеле хароб шуд.

Мавлоно Девонаи Ҳисобӣ аз Хева буда, асарҳои зиёди мусиқӣ дошт. Ҳаёти худро ба тасаввуф бахшида, ҳунари навозандагиашро дар ин равия истифода мебурд.

Султон Муҳаммад Удии Самарқандӣ дар маҷлисҳои ҳокимону ашроф уднавозӣ мекардааст. Дар хизмати ҳокими Мовароуннаҳр Султон Муҳаммад, ки бо номи «дурр дар гӯш» машҳур буд, бародари ӯ Султон Аҳмад, ҳокими Бағдод бо номи «атласпӯш» машҳур шуда буд, хизмат мекард. Дарвешалии Чангӣ ҳикояеро меоварад: «Вақте ки шуҳрати Султон Муҳаммад ба гӯши ҳокими Бағдод мерасад, ӯ орзуи бо ин мусиқачӣ шинос шуданро карда, аз бародараш хоҳиш мекунад, ки уднавозро фиристонад. Вале бародараш ҳокими Мовароуннаҳр ин хоҳишро иҷро намекунад. Боре араби ҷинояткореро бояд ба қатл мерасонданд, вале ӯ ба шоҳ ваъда дод, ки уднавозро ба наздаш меоварад ва Султон Аҳмад бо умед арабро бахшид. Араб аввал ба Бухоро, сониян, ба Самарқанд рафта, Султон Муҳаммади

Удиро баъди шаби бехобӣ дар дарбор поида, бо ӯ дӯстӣ пайдо карда, доруи хоб хӯронда, ба палос печонда, ба роҳ мебарояд. Вақте ки Султон Муҳаммади Удии Самарқандӣ бедор мешавад, онҳо аллакай дар наздикии Бағдод буданд. Ба зораю таваллои ӯ нигоҳ накарда араб ӯро ба Бағдод ба дарбори Султон Аҳмад мерасонад. Баъди маҳфили якҷоӣ мусиқачиёни Бағдод ба маҳорати беназири уднавози самарқандӣ қоил шуда, муддате аз ӯ сирру асрори мусиқиро омӯхтанд. Муносибати бениҳоят хуби ҳокими Бағдодро дида, Султон Муҳаммади Удӣ дар ин мулк якчанд соли ҳаёташро бо хидмат ба ӯ ва устодӣ гузаронида, шогирд тарбия мекунад».

Шайх Абдуллоҳи Муборак ва шоир *Паҳлавон Котибии Нишопурӣ* низ дар мусиқӣ асарҳо доштаанду ба фаъолияти навозандагӣ низ машғул буданд.

Мавлоно Убайди Зоконӣ донишманди бузург, шоир. Яке аз шуғли дӯстдоштааш мусиқӣ буд. Ӯ бо шоира Ҷаҳонхотун «дар гуфтани ашъор назирагӯӣ» мекард. Дар бораи ин шоира ривоятеро гуфтааст, ки гӯё шеърҳои ӯ ба Ҳиндустон расидаанд. Амир Хусрави бузург аз қалбаш пурсидааст, ки ту ба ин чӣ мегӯӣ, қалбаш айнан ҳамон шеърҳоро ба ӯ гуфтааст. Бо ҳамзамони дигари худ Салмони Соваҷӣ низ назирагӯӣ мекардааст. Ин назираҳо аз шӯхиҳои намакин холӣ набудаанд. Убайди Зоконӣ ҳаҷвнависи бузурги замонаш буд, вале ҳаҷви ӯ унсурҳои сиёсӣ ҳам дошт. Асарҳои ӯ чандин борҳо чоп шуда, дар ҷаҳон хеле машҳур гардидаанд.

Мавлоно Соҳиби Балхӣ машҳур бо тахаллуси Ташрифӣ. Ӯ мусиқачӣ, табиб ва муаммосози машҳур буд.

Мирхоҷа Аюб Абубаракат зодаи Шаҳрисабз дар Ҳирот маълумот гирифтааст. Муаллифи асарҳои зиёде буд. Муаллифи рисола баъзе унвонҳову шеърҳои асарҳои ӯро овардааст.

Хоҷа Сафиуддин Абулмуъмин зодаи вилояти Лор (Осиёи Хурд) ва араб буд. Ӯ ҳам навозанда ва ҳам донандаи беҳамтои мусиқӣ буд. Султон Увайс Ҷалоир (1356–1374), ҳокими Бағдод, ки донандаи илми мусиқӣ ва навозанда ба шумор мерафт, шогирди ӯ буд. Ҳамчунин шахсони бузурги дигар низ, ба монанди Абдулқодири Нойӣ ва Девонаи Гулханӣ, шогирдони ӯ буданд. Боре дар маҷлисе Султон Увайс аз Хоҷа Сафиуддин Абдулмуъмин хоҳиш кард, ки ӯ наметавонад ягон чиз офарад, ки дар қаъри асрҳо боқӣ бимонад ва ҳамеша дар мусиқӣ вуҷуд дошта бошад, вале дар ҷараёни иҷрои мусиқӣ нопадид биравад. Хоҷа Сафиуддин Абдулмуъмин ин хоҳишро пазируфт ва системаи Дувоздаҳадворро офарид, ки таркиботи он Дувоздаҳмақом, шаш овоза, бисту чор шуъба ва бисту чор адвори зарбиро ташкил мекунад[133].

[133] Ин фаҳмиши лаҳн аз асри XVII барои имрӯз ҳам хеле арзишманд ва мубрам аст. Дар ҳақиқат, ҳангоми шунидан ва ё ҳатто иҷрои мусиқӣ, диққати шунаванда ва иҷрокунандаро

Девонаи Гулханӣ ҳамеша дар бари Сафиуддин Абдулмуъмин буд. Ҳарчанд ки ҳокимон чандин бор ба ӯ таваҷҷӯҳ мекарданд, вале ӯ аз бузургон мегурехт. Тахаллусашро аз он гирифта буд, ки шабҳо дар тафдони ҳаммом алав мекард. Шогирдони зиёд дошта, асарҳои мусиқии зиёде эҷод кардааст. Муаллиф шеъри Девонаи Гулханиро аз асари ӯ дар мақоми Рост бо усули сақил меоварад, ки дар ҷавоби он Мавлоно Биноӣ асаре бо номи «Нуҳ ранг» навиштааст. Дар замони Дарвешалӣ ин асари Биноӣ хеле машҳур будааст.

Шарофиддин Яздӣ (соли ваф. 1454) низ ба мусиқӣ майл доштааст.

Амир Шоҳӣ хушнависи бузург, риёзидон, шоир, рассом-миниатюрист. *Амир Шоҳӣ* навозандаи созҳои гуногун буд. Дар уднавозӣ маҳорати беҳамторо соҳиб гардида буд.

Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ шоир, мутафаккири бузурги тоҷик ва мусиқишинос. Дарвешалӣ маълумоти бисёреро дар бораи падари шоир овардааст. Вобаста ба мусиқӣ муаллиф дар бораи «Рисолаи мусиқӣ»-и Ҷомӣ менависад.

Хоҷа Абдуллоҳ Муҳаммад Марворид яке аз донишмандони замонаш буд ва аз худ асарҳои зиёде дар насру назм боқӣ монд. Ӯ навозандаи машҳур дар сози қонун буд. Дарвешалии Чангӣ ҳикояеро меоварад: дар қонуни Хоҷа Абдуллоҳ барои эҳтиром торҳои нуқрагин бастаанд. Вале дар вақти навохтани қонун ин торҳо хуб набаромаданд ва шунавандагон ба ташвиш омаданд. Вале Хоҷа Абдуллоҳ торҳоро ба тарзи «*гӯшмол*» бинавохта, дили шунавандаро ёфтааст.

Амири бузург *Низомиддин Алишер* парастори бузурги олимону шоирон, вазири охирини намояндаи насли темуриён Султон Ҳусайни Бойқаро (1468-1506) буда, ҳаёти мусиқии дарборро бо ташаббусу фаъолияти фарҳангдӯстонааш серрангу ҷаззоб менамудааст.

Мавлоно Биноӣ шоири бузург, ҳамзамони Алишер Навоӣ ва доҳии ӯзбакон Шайбонихон (1500–1510) буд. Ӯ дар илми даврахои зарбиву масъалаҳои дигари назарияи мусиқии замонаш донандаи олимартаба маҳсуб меёфт. Ӯ писари меъмор буд. Вале тахаллуси *Биноӣ* ба ӯ баъди сохтани бинои мазори Ҳазрати Алӣ дар Мазори Шариф дода шуда буд. Муносибати бад бо Алишер Навоӣ ӯро маҷбур сохт, ки Ҳиротро тарк бикунад ва муддате дар Ироқ дар хизмати султон Мирзоякуб (1479– 1490) бошад. Баъди бозгашт ба Ҳирот, муносибат бо Алишер Навоӣ боз бадтар шуд. Ва ӯ ба Самарқанд ба хизмати Султон Мирзоалӣ рафт. Баъди забти ӯзбакон Самарқандро, Биноӣ ба хизмати Шайбонихон мегузарад. *Биноӣ*

ҳамеша оҳанг ба худ ҷалб мекунад. Вале каме аз шунавандагону иҷрокунандагон ба назар мегиранд, ки зери ин оҳанг ҳамеша лаҳне ҷойгир аст, ки аз бисёр ҷиҳат омили пайдоиши оҳанги зебо мегардад. Лаҳн ба мо ноайён мемонад.

соли 1512 тасодуфан дар Қаршӣ будааст, ки нохост задухӯрди Бобуриёну Шайбониён дар Қаршӣ оғоз мегардад. Биноӣ дар баробари мардуми бегуноҳ кушта мешавад.

Устод Шодӣ аз иттиҳодияи олимони ҳиротӣ буд. Дар назди ҳокимони замонаш иззату эҳтироми хоссаро сазовор гардид. Доимо дар байни мусиқачиён буд ва оид ба ҳар як нуктаи мусиқӣ фикру андешаи худро дошт. Аз ӯ асарҳои зиёди мусиқӣ боқӣ мондааст. Устод Шодӣ дувоздаҳ шогирд дошт. Ҳар кадомаш дар замони худ машҳур гардид. Дар Ҳирот Устод Шодӣ дувоздаҳ нақш офарид, ки онҳо дар мақоми Ироқ буда, бар зарби фаръии *кор* асос меёфтанд. Ӯ ҳамаи шогирдонашро маҷбур кард, ки онҳоро навозанду сароянд. Ва ҳар касе, ки дараҷаи олӣ хонад, нақшеро ба ӯ мебахшад. Хоҷа Юсуф нақшҳоро хеле хуб сароид ва ба ӯ нақш ҳадя карда шуд. Ин нақши «Сунбула»-и Устод Шодӣ буд, ки дар усули мухаммас буда, зери унвони «Нақши Хоҷа Юсуф» машҳур гардид. Ҳамин тариқ, ӯ ба Ғуломалӣ Шунқор нақши «Моҳи Ҳилол»-ро дар туркзарб, ба Миргарав нақши «Дили шишагин»-ро дар давришоҳӣ, ба Аликард Мал нақши «Ханҷар»-ро дар усули мухаммас ва як нақшро ба Алиҷон Ғиҷакӣ дод.

Дар ин ҷо Дарвешалии Чангӣ ҳикоятеро меоварад. Султон Ҳусайни Бойқаро ба ҳокимони қазоқ ҳадяи бемислро ваъда карда буд. Бинобар ин ӯ Устод Шодиро ба онҳо фиристод. Шогирдони ӯ ҳамроҳи устодашон рафтанд. Устод Шодӣ ҳокимони қазоқро бо сарояндагиву бадоҳатан эҷод намудани асарҳо дар мақомҳои гуногун ба ҳайрат овард. Рӯзе ҳокими қазоқ барои мавлудаш ҷашнворае офарид. Ва ин ҷашнвора дар қаиқҳо дар Сирдарёё баргузор гардид. Аз Устод Шодӣ пурсиданд, ки дар кишвари ӯ чунин ҷашнҳоро султону ҳокимон гузаронида метавонанд? Ӯ гуфт, ки камбағалони кишвари ӯ низ чунин ҷашнҳо мегузаронанд. Ин ҷавоб ҳокимони қазоқро ба хашм овард. Онҳо супориш доданд, ки Устод Шодӣ ба дарё партофта шавад.

*Шоҳқули Ғиҷаки*ро *Ҳиротӣ* ҳам меномиданд. Ӯ дар дарбори Мирзо Бойсунқор хизмат мекард. Аслан аз Ироқ буд. Аз кӯдакӣ дар навохтани ғиҷак муваффақ гардида, бо мурури замон ба дараҷаи олии маҳорат ноил гардид. Дар жанри пешрав асарҳои сершумор дошт. Ӯ асари хеле мураккаби «Пешрави Ҳусайнӣ»-ро дар усули мухаммас офарид ва ба ғайри худи муаллиф онро касе навохта наметавонист. Ҳокимони давра нисбат ба ин навозандаи беҳамто ва саршор аз илму дониш, эҳтироми бузург доштанд. Шуҳратмандии ин ғиҷакчӣ ба дараҷае буд, ки худи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ бар васфи ӯ шеър гуфтааст. Ҳамин шеърро Дарвешалӣ дар рисолааш овардааст[134].

[134] Дар «Бобурнома»-и Мирзо Бобур низ ӯ хотиррасон карда шудааст [158, с.40].

Хоҷа Юсуфи Андиҷонӣ дар дарвешӣ шогирди Дарвеш Шодӣ буд. Ин шоиру нависандаи сермаҳсул аз худ асарҳои сершумор боқӣ мондааст. Дар бораи ӯ Алишер Навоӣ дар асари худ «Маҷолис ун-нафоис» хотиррасон мекунад. Ба гуфтаи Алишер Навоӣ аз асарҳои Ҳоҷа Юсуфи Андиҷонӣ «Муншаоти салафи акобир» («Навиштаҳои пешомадагони бузург») машҳур будааст. Дар мусиқӣ шуҳрати ӯ чунин баланд будааст, ки Дарвеш Шодӣ яке аз асарҳои худро ба номи Юсуфи Андиҷонӣ меномад. Ӯ муаллифи сесаду шаст асар дар жанри *сумболӣ* (шояд сунбулӣ – Ф.А.) мебошад. Ӯ зодаи авлоди воло буд. Султон Ҳусайн мусиқиро аз ӯ омӯхтааст. Асарҳои ӯ дар байни мардуми замонаш хеле маъмул буданд. Дарвешалии Чангӣ ғазали худи Хоҷа Юсуфи Андиҷониро аз асари ӯ дар мақоми Наврӯз ва усули туркзарб дар рисолааш овардааст.

Мирзо Бойсунқор (с. ф.1433) ҳоким, аз шоҳзодаҳои темуриён, шахси хеле болаёқат. Дар замони ӯ назм, санъати хушнависӣ (каллиграфия) ва мусиқӣ хеле олӣ пазируфта шуданд. Олимон, шоирону хаттотон ва мусиқачиён аз кишварҳои дуру наздик ба дарбори ӯ меомаданд. Ӯ мисли Хусрави Парвиз дар атрофи худ мусиқичиёни зиёдро нигоҳ доштану ба базму шунидани мусиқӣ вақт гузаронданро ҳавас дошт. Бо мусиқичиёни дарбориаш хеле хуб муомила мекард. Ба бародараш, Мирзо Иброҳим, ки хоҳиш кард сарояндаи дарбори ӯро ба ҳазор динор ба ӯ бидиҳад, рад карда, гуфтааст, ки мо сарояндаи фурӯшӣ надорем. Худи ӯ шеърҳои тоҷикӣ-форсӣ ва туркӣ менавишт, бо шаш навъи хат хушнависӣ мекард. Ба гуфтаи Дарвешалӣ дар дарбори ӯ чил хаттот-рассом якбора фаъолият мебурданд. Онҳо китобҳои гуногунро барои китобхона аз сари нав нусхабардориву хушнависӣ мекарданд. Машҳуртарини онҳо *Ҷаъфари Табрезӣ* буд, ки аз соли 1420 то соли фавт (1455) ба ӯ ва сониян, ба писари ӯ хизмат кардааст [235].

Паҳлавон Абусаиди Румиро муаллиф ҳамчун олим ва шахси хеле болаёқат муаррифӣ менамояд. Ӯ аз Осиёи Хурд (Рум) буд. Мегӯянд, ки «ҳамарӯза ӯ ба чил шогирди худ чаҳор дарс медод: ҳуқуқи авлодӣ (фароиз), илми арӯзу грамматика, ҳунари куштигирӣ ва чаҳорум – мусиқӣ. Дар санъати мусиқӣ ӯ устоди маъруф ва муаллифи як қатор асарҳои машҳури овозӣ ва созӣ аст». Муаллифи рисола ғазалеро, ки ӯ дар шуъбаи Панҷгоҳи мақоми Рост навиштааст, меоварад. Ба шуҳратмандии худ нигоҳ накарда, ӯ барои аз наздик шинос шудан бо Дарвеши Шодӣ ба Ҳирот меояд. Инро фаҳмида Султон Ҳусайни Бойқаро (1438–1506) ба истиқболи ӯ шахсиятҳои маъруфро мефиристад, то ки ӯро эҳтиромона пешвоз гирифта ба дарбор, ба наздаш биоваранд. Баъди пазироӣ ба меҳмони олиқадр якчанд савол аз илмҳои гуногун дода шуд ва ӯ посухҳои дақиқ дод. Сипас, ӯ маҳорати худро дар мусиқӣ нишон дод ва офаринҳо шунида, ҳамаро қоил кард. Дарвеш Шодӣ низ аз ҷояш бархоста аҳсант мегуфт.

Мавлоно Миргарав яке аз шахсиятҳои болаёқати аҳли мусиқӣ аст, ки дар мусиқӣ шоҳкорӣ намуда, асарҳо эҷод карда, бо зарбҳои нав ғанӣ гардонидааст. Ӯ дар Ҳирот таваллуд шудааст. Ба кишварҳои гуногун саёҳат карда, дар миёнсолӣ дар дарбори шоҳ Шуҷои Кирмонӣ (1576-1578) хизмат карда, ба ӯ дар зарбулфатҳ дар шуъбаи Язди Исфаҳон асари аҷоиберо офаридааст. Дарвешалӣ дар рисолааш ғазали асари зебои ӯро дар зарбӣ фаръие дар шуъбаи Панҷгоҳ меоварад. Дар баробари ин, ба гуфтаи Дарвешалӣ, Мавлоно Миргараврo яке аз се хуросоние, ки новобаста ба лаёқати табиӣ, вақти зиёди худро ба ишратпарастӣ бахшида будааст, тааллуқ медонанд. Ӯ қисми зиёди умри худро дар Рум, дар Осиёи Хурд гузаронида, ҳамон ҷо фавтидааст.

Алии Шунқор симои камёби замон, дар мусиқӣ мусаввир буд. Дар дарбори Тӯтибегим хизмат карда, ҳамаи асарҳояшро ба ӯ бахшидааст. Асарҳои Алии Шунқор дар туркзарбу дар мақоми Дугоҳ зери унвонҳои «Савти бегимӣ» ва «Нақши бегимӣ» машҳур гардидаанд. Онҳо бо зарбу оҳангҳои зебои худ фарққунандаанд. Муаллиф ғазалҳои онҳоро низ дар рисолааш овардааст. Ғазалҳои онҳо низ ба худи Алии Шунқор тааллуқ доранд.

Устод Алӣ Ҷобб[135] ба гуфтаи Дарвешалӣ, навозандае будааст, ки ба илми давра моҳирона шаклу мазмуни асар ва сози мусиқиро мутобиқ мегардонидааст. Ӯ аз Марв буд. Аз худ асарҳои сершумореро дар жанрҳои пешраву нақш боқӣ мондааст. Асарҳои ӯ «Алии Ҷобб» дар туркзарбу мақоми Ҳусайнӣ ва «Найгир» дар жанри пешрав ва лаҳни Ҳисор аз машҳуртаринҳо будаанд. Ӯ дар Марв дар дарбори Қазоқхон то охири умр хизмат кардааст.

Устод Кармалро муаллиф «булбули гулзори илми мусиқӣ ва ороиши маҷлисҳои одамони бою камбағал» меномад. Зиндагиашро бо касби ҷомабофӣ пеш бурда, ба унвони тарроҳи дараҷаи олии замон сазовор гардидааст, зеро ки маҳсулоти ӯ аз ороишоти зебо беҳамто будааст. Ӯ офарандаи навозишҳо (пйесаҳои созӣ – Ф.А.) ва асарҳои сершуморе дар жанри нақш будааст. Дарвешалӣ ғазалеро аз асари ӯ дар туркзарбу мақоми Ироқ меоварад.

Мавлоно Зайнулобиддин Румӣ олими замон буд ва дар фанҳои гуногун тадқиқот дошт. Аз овони ҷавонӣ ба сарояндагӣ дил баста буд. Устодаш инро дида, ба ӯ дарсҳои мусиқӣ медод. Мегуфтанд, ки ӯ писари қозӣ Шарифи Румӣ аст. Он замон шуҳрати Дарвеш Шодӣ берун аз кишвар низ пазируфта шуда буд. Бо мақсади шинос шудан бо ӯ Зайнулобиддин ба Ҳирот кӯчида ба шогирдии ӯ даромад. Аз Дарвеш Шодӣ уднавозиву чангнавозиро ёд гирифт. Баъди баргаштан ба ватан падари Зайнулобиддин вафот кард ва ӯро ба вазифаи қозӣ ба ҷои падар

---

[135] Калимаи «ҷобб» маънои «махзан»-ро дорад. Қайди А.А. Семёнов.

таъйин намуданд. Новобаста ба ин, вақти холии худро ӯ ба мусиқӣ мебахшид. Муаллифи пешравҳои зиёд, ӯ дар базму маҳфилҳои ҳокимон фаъолона иштирок мекард. Асарҳои ӯро дар жанри пешрав навозандагон беҳтарин мешумориданд. Асарҳои ӯ «Пешрави Афсан» дар мақоми Ҳусайнӣ, Сақил дар мақоми Ироқ, «Пешравфари III» дар мақоми Ҳусайнӣ, ки дар усули сақил эҷод шудаанд, мавқеи хосса пайдо карданд. Дарвешалии Чангӣ мегӯяд, ки чанг сози машҳуру мақбул дар Осиёи Марказӣ (Рум) ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, подшоҳони Рум чангнавозии қозиро мепазируфтанд. Онҳо ҳамасола ҳазор-ҳазор канизакону ғуломони ҷавонро ба шуғли чангнавозӣ равон мекарданд.

Аличони Ғичакиро Дарвешалии Чангӣ «афзунгари ороиши ҳар маҳфилу хушнудии ҳар базми дарборӣ» меномад. Ин шахси зоҳиран хеле зебо ҳам менавохту ва баъзан бар такнавозии ғичаки худ месароид. Ӯ услуби сарояндагиву навозандагии хеле дилчаспе дошт. Аз ӯ асарҳои зиёде дар жанрҳои савту нақш боқӣ мондааст. Ӯ асаре дошт дар асоси яке аз шаш овоза. Офаридани чунин асар бар устодони моҳир ҳам муяссар намегардид. Дар байни асарҳои ӯ асарҳои «Ду моҳтоби ҷавон» бар туркзарб, савт дар зарбишоҳӣ, «Оҳанги Дугоҳ» (назирае бар Дарвеш Шодӣ) барои иҷроиш хеле мураккаб буданд.

Шоҳ Муҳаммад Дилдӯз ҳамзамони Дарвеш Шодӣ ва Султон Ҳусайн Мирзо буд. Дарвешалии Чангӣ ҳикоётеро меоварад: «Боре Султон Ҳусайн ба аҳли хунёгарони дарборӣ супориш дод, ки дар жанри миаттайн[136] асаре ба номи ӯ офаранд. Шоҳ Муҳаммад Дилдӯз хост якбора ба пешниҳоди асар гузарад, вале Дарвеш Шодӣ ба Султон гуфт «Шоҳҷаҳон, миаттайнро мебояд касе офарад, ки ҷавоби сазоворе дошта бошад ба устодони бузург, масалан, ба мисли Хоҷа Сафиуддин Абдулмуъмин». Ҳарчанд ки Шоҳ Муҳаммад аз рӯи эҳтиром ба Дарвеш Шодӣ он гоҳ хомӯш нишаст, баъди маҷлиси дарбор, худи ҳамон рӯз Шоҳ Муҳаммад ҳамаи ҳунармандони дарбориро ҷамъ оварда, дар наздашон асари нави худро дар жанри куллият бадоҳатан сароид. Он асар дар мақоми Кӯчак ва дар доираи зарбии сездаҳум буд. Тадриҷан ӯ асари дигаре офарид дар мақоми Рост. Он ба дараҷаи муайян ҳамаи дувоздаҳ мақом, бисту чор шуъба ва шаш овозаро дар бар мегирифт ва дар жанри куллият буд. Сониян, Шоҳ Муҳаммад дар ҳамаи дувоздаҳ мақом куллият офаридааст. Хусусияти ин асарҳо дар он будааст, ки бар як мақом асос ёфта, тавассути он ба ёздаҳ мақоми дигар, бисту чор шуъба ва шаш овоза гузаришҳо ба амал оварда мешудаанд.

Шуҳрату маҳорати эҷодии Шоҳ Муҳаммад ба гӯши Султон Ҳусайн расидааст ва ӯ хоҳиши шунидани онҳоро кардааст. Шоҳ Муҳаммад онҳоро як-як дар уд навохта додааст. Ба Султон Ҳусайн асарҳои ӯ хеле писанд

[136] Калимаи «миаттайн» – (аз ар. – «дусад») ба маънои жанри мусиқӣ омадааст.

омаданд. Бинобар ин, Султон ба Дарвеш Шодӣ фармудааст, ки аз Шоҳ Муҳаммад узр пурсад».

Дӯстиву ҳамкории эҷодӣ байни Дарвеш Шодӣ ва Шоҳ Муҳаммад аз ҷавонии онҳо ҷо доштааст. Одатан дар ин ҳамкорӣ Дарвеш Шодӣ сарояндагиву Шоҳ Муҳаммад навозандагӣ мекардааст. Чунин ансамбли онҳо на якчанд бор дар дарбори Султон Ҳусайн сазовори офаринҳову таҳсинҳои аҳли мусиқӣ гардида будааст. Шоҳ Муҳаммад ба гуфтаи Дарвешалии Чангӣ зодаи Машҳад буда, пайдоиши авлодашро аз аврупоиён (франкҳо) мешуморидааст.

Мавлоно Шоҳими Тибес-Гелакӣ ибни Абдурраҳмони Румӣ яке аз руднавози машҳури замонаш буд. Дар байни асарҳои ӯ, асаре дар жанри миаттайн бо хоҳиши Ҳусайн Бойқаро эҷод карда шуд. Ва он ба ӯ хеле писанд омад.

Мавлоно Наҷмиддин Кавкабии Бухороиро муаллифи рисола яке аз донишмандони замон мешуморад. Ин шахси болаёқат шоири хушқалам ҳам буда, дар фанҳои гуногун рисолаҳои илмӣ навиштааст. Ӯро яке аз донандагони беҳтарини илми адвор мешумориданд. Дар мусиқӣ ӯ донандаи ҳамаи паҳлуҳо – доираҳои зарбӣ, мақомҳову даврҳои лаҳнӣ, композитсия ва таркиботи он, мақомбандиву мутобиқшавии шеъру оҳанг, мусаннифӣ ва офарандаи асарҳои сершумор дар чунин усулҳову жанрҳои машҳури замонаш, ҳамчун зарбулфатҳу чаҳорзарбу нақш буд. Дар ташаккули фаҳмишу дониши ӯ нуфузи ақидаҳову коркардҳои Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар соҳаи мусиқӣ хеле бузург аст. Аз овони ҷавонӣ Наҷмиддин Кавкабӣ гуфтаҳову рисолаи Мавлоно Ҷомиро хуб аз худ карда, аз навиштаҳои ӯ сирру асрори мусиқиро хеле хуб омӯхтааст. Ва минбаъд дар тули ҳаёту фаъолияташ ба онҳо такя кард, онҳоро асос гирифта, диди худро дар мусиқӣ муайян намуд. Дарвешалии Чангӣ ӯро шогирди Мавлоно Ҷомӣ меҳисобад. Кавкабӣ дар жанри зарбулфатҳ дар мақоми Ҳусайнӣ асаре ба мадҳу санои Ҳазрати Муҳаммад (с) офаридааст, ки дар замонаш ба ҳайси асари беҳамто қабул шуда, хеле машҳур шуда буд. Асари дигари машҳури ӯ дар мақоми Ироқ дар усули чаҳорзарб эҷод шуда буд. Шумораи асарҳои Кавкабӣ хеле зиёд аст.

Ба гуфтаи Дарвешалии Чангӣ, «*Куллият*»-и Наҷмиддини Кавкабӣ, ки дар мақоми Рост эҷод шудааст, абадӣ хоҳад монд. Ӯ якчанд байт аз ашъори ин «*Куллият*» меоварад[137].

Кавкабӣ худ устоди мусиқӣ буд ва шогирди бисёр дошт. Шогирдони машҳури ӯ *Мавлоно Ҳасани Кавкабӣ, Мавлоно Хоҷа Муҳаммад, Мавлоно Ризои Самарқандӣ*, *Мавлоно Боқӣ Ҷарроҳ* буданд.

Мавлоно Бадриддин ё *Мавлоно Ҳилолӣ* байни ҳамзамононаш донишманди бузурги мусиқӣ маҳсуб меёфт. Дарвешалии Чангӣ яке аз

[137] Дар бораи «Куллият»-и Кавкабӣ муфассал дар параграфи IV.1.2 китоб сухан рафт.

қасидаҳои машҳури ӯро, ки ба Убайдуллохон (1533–1539) бахшида шудааст, овардааст. Баъди забт кардани Ҳирот Убайдуллохон Ҳилолиро бо худ ба Бухоро меоварад.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ки худ писари Сайид Пошшоҳхоҷа буд, донишманди замони худ маҳсуб меёфт. Дар давраи Абдуллохон (1583 – 1598) ӯро «шоҳи шоирон»-и Бухоро мешумориданд. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ шогирди Кавкабӣ буда, дониши мукаммали илми мусиқиро ҳамчун яке аз фанҳои риёзӣ доро буд. Аз асарҳои машҳури ӯ Дарвешалии Чангӣ як қасидаи хеле бузурги ӯро, ки ба Абдуллохон бахшида шудааст, дар рисолааш овардааст.

Мавлоно Ҳасани Кавкабӣ аввал дар Ҳисор дар давраи Темурхон хизмат карда, сониян, ба Бухоро баргаштааст. Аз ӯ нуҳ асар дар жанри зарбулфатҳ боқӣ мондааст. Асарҳои овозии ӯ низ хеле машҳур буданд. Ӯ дар жанрҳои кор ва амал асарҳои зиёд офаридааст.

Мавлоно Хоҷа Муҳаммад ибни Абулҳасани Кавкабӣ шогирди Мавлоно Кавкабӣ буд. Ӯ дар шаҳри Самарқанд умр ба сар бурда, асарҳои худро дар жанрҳои савт ва нақш меофарид. Ӯ дорои дониши баланд буда, дар хизмати Султон Саидхони Шайбонӣ, ҳокими Самарқанд (1568 – 1572) буд. Устодони номии Самарқанд Дарвеши Бузғола, Мулло Бобои Камчина, Алишоҳ, Мулло Оҳи Кафшдӯз аз ҳамсуҳбатии ӯ ифтихор мекарданд ва мекӯшиданд ҳарчи бештар дар ҳамкорӣ бо ӯ бошанд.

Мавлоно Ризои Самарқандӣ донандаи назарияи мусиқӣ буд. Яке аз асарҳои ӯ дар жанри амал дар мақоми Ироқ ва усули мухаммас зери унвони «*Тан-тани Мулло Ризо*», ки мазмунан мадҳу санои Муҳаммад (с) аст, хеле машҳур будааст.

Мавлоно Боқӣ Ҷарроҳ новобаста ба касбӣ табибӣ, дар мусиқӣ ҳам ном баровардааст. Ӯ аз хоҷаҳои Самарқанд буда, ба Султон Саидхони Шайбонӣ наздик буд. Ғазали ин шоҳзода дар мақоми Рост ва зарби давришоҳӣ байни аҳли мусиқӣ хеле писанд омад. Инчунин ӯ муаллифи асари мусиқиест, ки дар зарбулфатҳ дар мақоми Сегоҳ эҷод карда буд.

Боби нуҳуми рисола «*Дар бораи шахсони комил ва болаёқате, ки аз онҳо асарҳои мусиқии сершуморе боқӣ мондааст*».

Устод Зайтуни Ғиҷакӣ бо лаёқати навозандагии худ дилҳои шунавандагони замон, ҳокимон, хусусан Аҳмадхон, яке аз набераҳои Таҳмосп (1524–1576), ҳокими Гелонро буд, ба даст оварда буд. Устод Зайтуни Ғиҷакӣ пешравҳои зиёде дар мақомҳои гуногун аз худ боқӣ мондааст. Яке аз беҳтаринҳо пешраве буд дар усули сақил дар мақоми Ҳусайнӣ.

Рӯзе Устод Зайтун бо бародараш Қосим ба дашту саҳро рафтанд. Ҳар ду мусиқачӣ дар дуроҳа ҳар кадоме бо роҳи худ бирафт. Дар роҳ яке рамаи

бе чӯпонро дид, дигаре чӯпони бе рамаро. Дар баргашт ҳар ду ҳайрон монданд, ки яке «Пешрави чӯпон» ва дигаре «Пешрави рама» эҷод кардааст ва ҳар ду пешрав дар мақоми Ҳусайнӣ ва дар усули сақил аст. Бинобар ин пешравҳоро «Чӯпону рама» номиданд.

Аҳмадхони Гелонӣ (1536 – 1578) новобаста ба вазифаи баланди давлатӣ, уднавозӣ ва донандагии назария ва амалияи мусиқиро касб карда, дар мусиқӣ асарҳои зиёде дар жанри пешрав эҷод кард. Дар байни инҳо «Пешрави Исфаҳон» дар мақоми Панҷгоҳ ва усули мухаммас машҳур шуда буд. Мегӯянд, ки ҳамон рӯзе, ки Устод Зайтун ба дарбор омад, хон ғиҷакнавозӣ мекард. Баъди шиносоӣ бо ғиҷакнавозии Устод Зайтун, ӯ роҳбарии Гелонро ба ӯ дода, худ шогирди Устод Зайтун шуд. Азбаски омӯзиши ҳунари ғиҷакнавозӣ тулонӣ буд ва Аҳмадхон ба роҳбарии Гелон ҳеҷ барнамегашт, бобои ӯ, Тахмоспхон хашмгин шуда, фиристодани Устод Зайтунро талаб кард. Вақте ки Устод Зайтун ба назди Тахмосп расид, хон ӯро дар қафас маҳкам кард. Боре гурӯҳи ӯзбакон ба ҳаҷ ба Арабистон рафтанӣ шуданд. Инро хон шунида онҳоро ба назди худ даъват кард, то бубинад, ки либосҳои онҳо мувофиқанд ва онҳо бо кадом афту андом ба ҳаҷ рафтанианд. Ӯзбакон бо либосҳои ҳарбӣ бо шамшеру ханҷарҳо ба назди хон омаданд. Чунин либосҳо ба хон хеле писанд омад, ӯ гуфт: «Хуб, акнун чизе мехоҳед, талаб кунед». Онҳо аз қафас озод кардани Устод Зайтунро хоҳиш карданд. Ҳамин тавр, Тахмоспхон ҳам Устод Зайтунро ва ҳам ҳамаи дар ҳабс будагонро озод кард.

Хоҷа Маҳмуд ибни Исҳоқи Шаҳобӣ[138] дуторчии моҳир ва хушнавис. Тавассути тамринҳои зиёд ӯ хушнависиашро ба дараҷаи устоди худ, хушнависи маъруф Миралии Котиб (с.ф. 1554) расонид. Ҳар ду – устод ва шогирдро Убайдуллохон (1533–1539) аз Ҳирот ба Бухоро кӯчонид. Дар ин ҷо маҳорати хушнависиву дуторнавозии ӯ боз ҳам сайқал ёфт. Ба гуфтаи баъзеҳо дар айёми синну соли балоғат ӯ ба Ҳирот баргашта, он ҷо то охири умр (с.ф. 1553) зиндагӣ кардааст.

Сайидаҳмад ибни Меҳтари Миракӣ наққорачӣ буд ва намояндаи сатҳи баланди ин касб ба шумор мерафт. Ҳамзамонаш Султон Ҳусайни Бойқаро низ наққорачии моҳир буд ва ба Сайидаҳмад Миракӣ хеле эҳтиром дошт. Боре Султон Ҳусайни Бойқаро бо канизаш Кафур як ҷоми май ба наққорахона барои Сайидаҳмад фиристонд. Кафур ба он ҷо даромаду навохтани моҳиронаи Сайидаҳмадро дида, ҷоми майро резонда шикаст. Сайидаҳмад аҳаммият надода, зуд як оҳангеро дар услуби хоразмиён дар усули хафиф навохта сароид: «Кафур ҷомро шикаст, Кафур ҷоми майро шикаст!». Султон Ҳусайни Бойқаро, ҳарчанд ки оҳангро мешунавид, вале

[138] Дар баъзе сарчашмаҳо ӯ бо номи Маҳмуд ибни Исҳоқи Шаҳобӣ ва ё Маҳмуди Шаҳобӣ ибни Исҳоқи Сиёвушонӣ омадааст (қайди А.А.Семёнов).

суханҳояшро не, новобаста ба ин, ба Алишер Навоӣ гуфт: «Кафур ҷоми майро шикаст!». Барои фаҳмидан рафтагиҳо гуфтаи султонро тасдиқ карданд. Сайидаҳмад дар ҳафтдаҳсолагиаш меҳтари шаҳри Ҳирот[139] таъйин гардида, муддати сӣ сол ин вазифаро иҷро кардааст. Сониян, ӯ ҳафтод соли дигари умрашро дар Бухоро гузаронида, ба Абдуллоҳхони Шайбонӣ (1560–1598) ҳам хизмат кардааст. Умри дарози худ (117 сол!)-ро дар ин вазифа гузаронидааст. Баъди ӯ наберааш ба ин вазифа таъйин шудааст.

Дар бораи вазифаи Меҳтар Дарвешалӣ нақли Мавлоно Ҳусайни Сурнайчиро овардааст, ки ӯ чил сол меҳтарӣ карда будааст: ҳаждаҳ сол дар Андиҷон дар хизмати Султон Исфандиёри Баҳодур, чор сол дар Кеш (Шаҳрисабз), даҳ сол дар Балх дар хизмати Абдулмуъминхон ва ҳашт сол дар Бухоро. Аз ин овардаи Дарвешалӣ маълум мешавад, ки дар шаҳрҳои калони онвақта ҳама ҳокимон дар дарбори худ фаъолияти наққорахона ва меҳтарро зарур мешумориданд. Ин вазифаи мақомхонии ҳамарӯза фазои рушди мақомро таъмин мекард, зеро ки сарояндагону навозандагон мекӯшиданд ҳар рӯз бо талқини нав ё асари нав худро муаррифӣ бикунанд.

Жанри мураккабтарини он замон – миаттайн, ки усули дусадзарбаиро дошт, асари силсилавӣ буд. Иҷроиши чунин бузургасари силсилавӣ дар як рӯз имконнопазир мегардид. Эҷоди он аз бастакорон меҳнати бисёрсоларо талаб мекард. Дарвешалӣ меоварад, ки Хоҷа Абдулқодир миаттайни худро беш аз даҳ сол ва Дарвешалии Шоҳӣ дар ҳаждаҳ сол навиштаанд.

Мавлоно Оҳии Ҳиравӣ нонвойе буд дар Ҳирот. Мусиқачии бузург Дарвеш Шодӣ аз назди нонвойхона гузашта, сурудани ӯро шунида, қариб як соат гӯш кард. Бо тавсияи ин устод ӯ ба омӯзиши ҷиддии мусиқӣ оғоз кард, хеле зуд машҳур шуд ва асарҳои хуб эҷод кард. Баъди забт кардани Убайдуллоҳхон Ҳиротро хон ӯро ба Бухоро овард. Дар ин шаҳр Оҳии Ҳиравӣ шогирдони зиёде тарбия кард: Ҳофиз Сайид Ушшоқӣ, Хоҷа Бобои Чангӣ, Хоҷа Ҳамзаи Тошкандӣ, Дарвеш Мақсуди Андиҷонӣ, Ҳофиз Мираки Бухорӣ ва Ҳофиз Боқии Рудӣ. Вақте ки Хоҷа Бобо ва Хоҷа Ҳамза шуҳратманд шуданд, барои онҳо ӯ яктогӣ асаре дар зарбу-л-фатҳ дар шуъбаи ғазал ва дар мақоми Ироқ навишт. Аз Мавлоно Оҳии Ҳиравӣ асарҳои зиёде дар жанрҳои савт ва нақш боқӣ мондаанд.

Шогирди Оҳӣ *Сайид Ушшоқӣ* дар Чорҷӯй дар хизмати ҳоким Сайидбурҳон буд. Баъд аз забти Абдуллоҳхон тамоми Мовароуннаҳрро, ӯ ба Марв гурехта, ба хизмати Султон Пояндаи Муҳаммад даромад. Вале Абдуллоҳхон аз ин Султон ӯро талаб кард. Пас аз чанд сол бо хоҳиши Султон Ибодуллоҳ *Ҳофиз Сайиди Ушшоқӣ* аз Бухоро ба Самарқанд фиристода шуд. Ва дар он ҷо то охири умраш зиндагӣ кард.

---

[139] Маънои «меҳтар» роҳбари наққорахона, ансамбл-оркестри дарборӣ. Ба вазифаи доимии ӯ иҷро кардани мақомҳо низ медаромад [158, с.55].

Хоҷа Бобои Инак[140], *Хоҷа Ҳамза, Устод Ҷаҳони Дарвеш, Мақсуд* ва *Хоҷа Мирак ибни Маҷруҳи Бухороӣ* дар хизмати Дарвеш Аҳмадхони тошкандӣ буданд. Хоҷа Ҳамза дар вазифаи меҳтари наққорахонаи Тошканд фаъолият мекард.

Мавлоно Боқии Дарзӣ ҳамзамони Дарвешалӣ Чангӣ будааст. Ӯ дар мусиқӣ асарҳои зиёде эҷод кардааст. Муаллиф ғазалҳоеро аз ин асарҳо меоварад.

Мавлоно Ҳусайни Охунд олими серпаҳлу будааст. Дарвешалӣ ӯро ба файласуфону табибони юнониқадимӣ монанд мекунад. Дар мусиқӣ саҳми арзанда дошт ва дар давраи Абдуллоҳхон умр ба сар мебурд. Дар дарбори ӯ боре мусобиқаи шоирон баргузор гардид. Сонияни, сароянда Алидӯст асареро дар жанри амал пешниҳод кард. Ҳусайни Охунд пурсид, ки Алидӯст онро дар амал ё дар савт эҷод намудааст. Ва илова намуд: «Амал бе мустаҳалл намешавад». Инро гуфту барои ин асар мустаҳалл илова намуд. Дарвешалӣ дар рисолааш аз он асар шеърҳоро меоварад.

Мавлоно Абулхай шогирди Ҳусайни Охунд, зодаи Сари Пули Самарқанд будааст. Аз асарҳои ӯ Дарвешалӣ ғазалҳоро овардааст.

Мавлоно Муҳаммад Ҳусайни Миртабиб ҳунарманди машҳури Бухоро, табиби хуб низ будааст. Эҷодиёти фаъоли мусиқавӣ доштааст.

Мавлоно Қосими Каҳиро муаллифи рисола «*комилат уз-замон*», олим, «*падидаи олам*» номидааст. Ӯ аз Самарқанд буда, шоирӣ ҳам мекард. Дар васфи Самарқанду Суғд шеърҳояшро Дарвешалӣ овардааст. Мавлоно Қосими Каҳӣ овози олиҷаноб дошт. Бо мақсади сафари Ҳинд ӯ ба Кобул меояд. Вале ҳоким Мирзо Комрон ӯро дар ин шаҳр нигоҳ медорад ва ба шогирдии ӯ медарояд. Шуҳратмандии ӯ ба Ҳиндустон мерасад ва шоҳи он Султон Ҳумоюн (1530–1556) барои овардани ӯ вакилонашро мефиристонад. Идомаи ҳаёташро ӯ дар назди Султон Ҳумоюн дар Ҳиндустон мегузаронад. Дарвешалӣ якчанд воқеаҳои ҳаётии ӯро овардааст. Онҳо бо афзудани эҳтиром ба сароянда анҷом ёфтаанд. Аз ӯ асарҳои зиёде бештар дар жанри савт боқӣ мондаанд.

Шоҳ Мири Қобузӣ аз хурдӣ ба сози қобуз меҳр баста, дар навохтани он маҳорати баландро ба даст меоварад. Дар хизмати Наврӯзхоҷаи Қарокулӣ фаъолият мекунад. Ҳамзамони Дарвешалӣ будааст.

Юсуф Мавдуди Дутории Ҳиротӣ яке аз навозандагони маъруфи Ироқ буд. Дар дуторнавозӣ ба дараҷаи олӣ рушд ёфта, охири ҳаёти худро дар хизмати Султон Ҳумоюн дар Ҳиндустон гузаронид. Ин Султони Ҳинд баъди яке аз шикастҳои ҷангӣ сарвариро аз даст дода, дар назди шоҳи Эрон Таҳмосп паноҳгоҳ меёбад. Шоҳ Таҳмосп барои дилбардории ӯ базме мегузаронад ва дар он Устод Зайтуни Ғиҷакӣ ва Устод Юсуф Мавдуди

[140] Маънои «инак» яке аз мартабаҳои болоиро дар Бухоро дошт (таъкиди тарҷумон).

Дуторӣ баромад мекунанд. Санъати онҳо ба Ҳумоюн чунон таъсир мерасонад, ки шоҳ Таҳмосп аз он, ки Султон Ҳумоюн дилкаф нашавад, аз навозандагон қатъ кардани навозишро металабад. Баъди муддате Ҳумоюн ҳокимиашро дар Ҳиндустон барқарор мекунад ва пеш аз рафтанаш аз шоҳ Таҳмосп бо худ бурдани Юсуф Мавдудро хоҳиш мекунад.

Мавлоно Мушфиқии Марвӣ шоири маъруфи дарбори Абдуллоҳхони Шайбонӣ, мадҳиянавис, ҳаҷвнависи дарбори ӯ. Дарвешалӣ Чангӣ якчанд шеърҳои ӯро оварда, қайд мекунад, ки Мушфиқӣ чеҳраи намоёнтарини замонаш буд. Зодаи шаҳри Марв, аввал ба ҳайси китобхоначӣ дар хизмати Султон Сайид Баҳодурхони Шайбонӣ (1567–1572) ва сониян, шоири дарбори Абдуллоҳхон буд. Муаллифи рисола якчанд латифаи дар Самарқанд навиштаи ӯро меоварад.

Қосими Арслон машҳур бо номи *Китоб*, ҳамзамони Мушфиқӣ буд. Муаллифи рисола ду шеъри калони ӯро овардааст. Қосими Арслон дар хизмати ҳокими Бухоро, Султон Сайидбурҳон (1553–1557) буд. Баъди вафоти ин ҳоким ба Ҳиндустон рафта, ба хизмати Шоҳ Акбари Кабир (1556–1605) даромада, хеле шуҳратманд гардид. Дарвешалӣ қасидаи ӯро бахшида ба ин шоҳ пурра меоварад. Муаллиф бидуни мушаххассот танҳо онро қайд кардааст, ки дар мусиқӣ саҳм гузоштааст.

Висолии Марвӣ шоири забардаст, мусиқачӣ, зодаи Бадахшон, деҳаи Талекон буд. Аз хурдӣ ба шаҳри Марв омадааст. Баъди шуҳратманд гардиданаш, ӯ ба Бадахшон бармегардад ва ба хизмати Сулаймон Шоҳ медарояд. Дарвешалӣ ғазали ӯро бар васфи Сулаймон Шоҳ овардааст. Идомаи умрашро дар Ҳиндустон ба ҳайси шоири дарбории Шоҳ Ҳумоюн ва ҳатто Шоҳ Акбари Кабир гузаронидааст.

Махсумзодаи Хоразмӣ писари шайх Сайидҳусайни Хоразмӣ, мусиқачии машҳури замонаш буд. Ӯ муаллифи асарҳои сершуморест дар жанрҳои савту нақш ва диг. Ба ҳайси шеърҳои асарҳояш ғазалҳои падарашро бисёр истифода бурдааст. Мусиқачии машҳур Алидӯст дар ибтидои фаъолияташ дар хизмати падари ӯ буд ва ба лаёқати мусиқии писар аҳаммият дода, ба ӯ ба мусиқӣ машғул шуданро тавсия дода буд. Нақшҳои Махсумзода дар замони Дарвешалӣ дар амалияи мусиқӣ хеле маъмул буданд. Муаллиф навиштааст, ки Ҳофизи Чангӣ барои бо Махсумзода наздиктар шинос шудан ба Самарқанд ба назди ӯ меравад. Ҳамон вақт Ҳофизи Чангӣ барои Султон Ҳусайни Мирзо савтеро менависад. Барои ин асар шоҳ ӯро хеле қадронӣ мекунад. Дарвешалӣ ғазали ин асарро меоварад. Ин савт дар давраи худ хеле машҳур будааст. Ҳофизи Чангӣ зери дасти Махсумзода маҳораташро сайқал медиҳад. Ӯ дар Самарқанд ҳафтдаҳ пешрав эҷод мекунад. Ҳар кадоми он дар мақоми алоҳида қарор мегирифт. Жанри пешрав ба ӯ шуҳрати баландро

овард. Сароянданони замонаш ҳатман яке аз ин ҳафтдаҳ пешравро месароиданд.

Амир Алиакбари Самарқандӣ олим, дар мусиқӣ хеле муваффақ буд. Асарҳои зиёди ӯ дар жанрҳои нақш ва савт боқӣ мондааст. Писари шайхи номдори Самарқанд, баъди вафоти падар, худ шайх шуд. Мусиқӣ шуғли ҷиддии ӯ боқӣ мемонд. Шогирдони машҳури ӯ дар мусиқӣ Мавлоно Дарвеши Бузғола, Мири Ҳақӣ, Мавлоно Пир Муҳаммади Кулула, Устод Тулаки Нойӣ, Устод Абдусаттори Қонунӣ, Устод Акбар Навои Қобузӣ ва Махдумзода Котиб мебошанд. Ин шахсони шуҳратманди Самарқанд дар мусиқии замони худ хеле саҳмгузор шуданд.

Мавлоно Амини Китобдор шоир, хушнавис ва мусиқачӣ. Дарвешалӣ қасидаҳо ва шеърҳои лирикии ӯро меоварад.

Ҳоҷагӣ Ҷаъфари Самарқандии Қонунӣ ба ғайр аз навозандаи олӣ буданаш, донандаи илмҳои гуногун буд. Ӯ инчунин бо ҳафт хати маълуми шарқӣ хушнависӣ мекард. Дарвешалӣ мегӯяд, ки ӯ дар ойинҳои дарвешӣ низ хеле устокорона қонуннавозӣ мекард.

Мир Девонаи Шоҷминӣ ҳамчун шоир машҳур буд. Дарвешалӣ қасидаи ин шоири бухороиро дар рисолааш овардааст.

Дар *боби даҳуми* рисола «*Дар бораи шоирону мусиқачиёне, ки дар мусиқӣ асарҳои сершумор эҷод кардаанд*» муаллиф шиносоӣ ва шарҳи мухтасарро дар бораи эҷодиёти мусиқачиён идома медиҳад.

Ҳофизи Таниш аз Бухоро дар насру назм лаёқатманд, хусусан, бо асари «*Футуҳоти хонӣ*» («*Суҳбатҳои хонӣ*») хеле машҳур гардид. Дар мусиқӣ ӯ давраҳои зарбиро хуб медонист.

Мавлоно Боқӣ устод ва донандаи назму мусиқӣ. Дар дарбори Султон Бурҳони Шайбонӣ (1553–1557) хизмат кардааст. Ӯ Ҳофизи Танишро хеле меписандид ва барои ӯ шеърҳо бахшид. Дарвешалӣ қитъаҳои Мавлоно Боқиро бахшида ба Ҳофизи Таниш меоварад.

Мир Хатиб аз хурдӣ давраҳои зарбиро омӯхта, машҳур гардид. Абдуллоҳхон ӯро ба хизмати худ даровард. Мир Хатиб зуд ба яке аз ҳофизони намоёни замон табдил ёфта, бо ҳамзамони машҳури худ Устод Алӣ дӯстӣ пайдо карда, нақшу савтҳои Устод Алиро чунон бомаҳоратона мехонд, ки худи муаллифро дар ҳайрат мегузошт. Мир Хатибро хусусан иҷрои «Пешрави Ҳисор» байни шунавандагон машҳур гардонд. Бо вуҷуди ин, падараш шуғли мусиқии ӯро дастгирӣ намекард. Бо тавсияи падар ӯ хатиб шуда, дар Бухоро бо қуръонхонӣ машҳур шуд. Дар замони Дарвешалӣ ӯ ин фаъолиятро мебурд.

Нодирхоҷаи Азизон Қуръонро аз ёд медонист ва бо ин шуҳратманд гардида буд. Инчунин дар фанҳои дақиқ муваффақ буд. Ӯ писари Хоҷамқули Азизон аз шимоли Афғонистон буд. Аз хурдӣ маълумоти хуб

гирифта, новобаста ба ҷавониаш донишманди замонаш гардид. Ҳатто донишмандони калонсол ба гуфторҳои ӯ эҳтиром гузоштанд. Ӯ донандаи фанни мусиқӣ, овози хоссаи баландро соҳиб буд. Сарояндагони замонаш барои шогирди ӯ шудан талош мекарданд.

Хоҷа Абдулкарими Қозӣ писари қозикалони бухороӣ Маҳмуд Қозӣ, бо нутқи бурро, гуфторҳо ва ашъори худ машҳур шуд. Дар ибтидои ҳокимии Боқӣ Муҳаммад (1599–1605) ба Ҳиндустон кӯчида, дар дарбори Акбари Кабир мадҳиянависӣ мекард. Солҳои 1603–1604 вафот кард. Дарвешалии Чангӣ якчанд шеърҳоро аз асарҳои мусиқии ӯ меоварад.

Мавлоно Сабуҳайи Кобулӣ шоир ва мутриб, шогирди Мавлоно Қосими Кобулӣ, аз худ асарҳои зиёд боқӣ мондааст. Дар рисола қасидаи калони ӯ оварда шудааст.

Мавлоно Поядаи Табиб олим ва шоири болаёқат, зодаи гузари Чоргулбадани Бухоро. Муаллиф аз ашъори ӯ қасидаеро, ки ба Абулғози (Боқӣ) Муҳаммад Баҳодурхон (1599–1605) бахшидааст, овардааст.

Мавлоно Носирӣ шоири маснавӣ ва ғазалсаро. Ӯ ҷилде бахшида ба Боқӣ Муҳаммадхон навиштааст. Ӯ аз деҳаи Қарақули Бухоро аз қавми ябу (кӯчманчиёни узбак) буд. Дарвешалӣ як қасидаи форсӣ ва ду порчаеро аз маснавии «Боқинома» (бахшида ба Боқӣ Муҳаммади Аштархонӣ) ва маснавии «Валинома» (бахшида ба Валӣ Муҳаммади Аштархонӣ (1605–1611) овардааст.

Мавлоно Хусами Насафӣ аз сайидони Қаршӣ, донишманд ва шоири замон. Дарвешалӣ қасидаеро аз ӯ бар васфи Валимуҳаммад овардааст.

Мирзо Ҳошим ибни Боқӣ Девон сарватманду ҳоким, қонуннавози беҳамто. Ба шоирону мусиқачиён таваҷҷуҳ карда, худ дониши мукаммале дар давраҳои зарбӣ дошт. Вобаста ба номуросоӣ бо ҳокими Бухоро ба Самарқанд рафт. Вале дар натиҷаи қасосгирии ҳоким аз олам гузашт.

Ҳофиз Бобои Қонунӣ аз сарватмандони шаҳри Ӯротеппа буд. Амакаш қобузнавози машҳур буд. Ҳарчанд ки Ҳофиз Бобо донандаи Қуръон буду онро аз ёд медонист, зери нуфузи амакаш пайваста ба мусиқӣ машғул шуд. Сонияи, дар Самарқанд назди устод Хоҷаи Ҷаъфар сабақомӯзӣ кард. Ӯ ашъори ғановатманде низ офарид. Ӯ бар асари Мавлоно Кавкабӣ дар дувоздаҳ мақом ва бисту чор шуъба шеър навишта, ғазалеро бар васфи Валимуҳаммад дар усули нимсақил дар жанрҳои савту амал эҷод кард. Барои иҷрои ин ғазал дар назди хон сароянда ва муаллиф бо туҳфа (асп бо лаҷом ва либоси идона) арзёбӣ карда шуд. Дарвешалӣ ҳамин ғазалро пурра меоварад. Муаллиф қайд мекунад, ки Ҳофиз Бобо ҳамеша дар хизмати ҳокимон буд, акнун ӯ ба хизмати шайх суфӣ Хоҷа Абулқосим ва дар хонақои ӯ ба ҳайси хатиб ва имом фаъолият мекунад.

Ҳофиз Турдии Қонунӣ донандаву тиловаткунандаи машҳури Қуръон, овози хеле дилнишин дошт. Бо ҷасурии худ фарқ мекард. Шоир Мушфиқӣ қонуннавозии Ҳофиз Турдиро бо ғазале васф кардааст. Дарвешалӣ ин ғазалро меоварад. Дар баробари ин, ӯ қобузнавози моҳир низ буд. Ӯ устодаш Амир Мастиро хеле дӯст медошт. Ҳофиз Турдӣ муаллифи савту нақшҳои зиёд, даҳ дубайтии Мавлоно Кавкабиро низ ба шакли хоссаи мусиқӣ дароварда, онро низ куллият номид. Куллияти Ҳофиз Турдӣ бар ҷавоби куллияти Мавлоно Кавкабӣ буд. Ҳофиз Турдӣ аз куллияти Мавлоно Кавкабӣ чор шеърро гирифта, дар асоси он нақш офарид. Матни шеърии ин нақшро Дарвешалӣ овардааст. Ҳофиз Турдӣ дар Қаракул дар хонигарии Бухоро таваллуд шудааст. Падари ӯ низ овози хеле дилнишин дошт. Падар дар хизмати шайх Хоҷа Саъд (Хоҷа Ҷӯйбор) буд. Аввал Ҳофиз Турдӣ қобузчӣ шуд ва гумон мекард, ки қобузнавозӣ аз ҳама мушкил аст. Вале баъди шиносоӣ бо қонун, ӯ бештари вақти худро ба қонуннавозӣ мегузаронд. Вақте ки Абдуллоҳхон аз Ҳисор рафт, ӯ Ҳофиз Турдиро ёрдамчии хонзода Султон Ибодулло таъйин кард, чунки қаблан онҳо бо якдигар дар мукотибот буданд. Бинобар ин Ҳофиз Турдӣ ба Шаҳрисабз рафт. Хонзода дар қонуннавозӣ шогирди ӯ шуд. Дар умум ҳаёти Ҳофиз Турдӣ ором ва ҳамеша обод гузаштааст.

Мирзо Араб Қунғроти Қобузӣ дар ҷавонӣ дар омӯзиши риёзиёт хеле муваффақ гардида, машҳур шуд. Ҳамзамон ӯ ба қонуннавозӣ ва назарияи мусиқӣ машғул шуда, ба дараҷаи олӣ ноил гардид. Мирзо Араб дар Тошканд дар хизмати хонзодаи ӯзбак Абдулқуддус буд. Ҳарчанд донандаи мусиқӣ ва навозандаи хеле моҳир буд, аз худ асарҳои мусиқӣ боқӣ намонд. Дар замони Дарвешалӣ Чангӣ аз олам гузаштааст.

Мавлоно Муъмини Камонгар[141] ҳамзамони Валимуҳаммади Аштархонӣ. Қасидаи ба ин хон бахшидаи ӯро Дарвешалӣ Чангӣ меоварад.

Мавлоно Боқии Шаҳидӣ шоири бухороӣ, ки дониши мукаммал дар фанҳои астрономия ва астрология дошт. Қасидаҳои зиёди ӯ ба хоҷаҳои Ҷӯйборӣ бахшида шуда буданд. Дарвешалӣ яке аз ин қасидаҳоро, ки ба Боқимуҳаммади Аштархонӣ (1599–1605) бахшида шудааст, овардааст. Мавлоно Боқӣ аз худ асарҳои мусиқии сершуморе низ мондааст.

Ҳофиз Пояндаи Қобузӣ донандаи Қуръон буд. Ӯ навозандаи моҳири қобуз ва созҳои дигар низ гардида буд. Аз шогирдони ӯ Ҳофиз Қосим ҳамчун тиловаткунандаи Қуръон низ машҳур гардид. Устод Ҳофизи Поянда ӯро маҷбур кард, то ӯ қобузнавозиро ҳам ёд гирад. Ва Ҳофиз Қосим дар навохтани қобуз низ муваффақ гардид. Дар идомаи ҳаёт Ҳофиз Қосим ба хизмати Абдуллоҳхони Шайбонӣ даромад.

[141] Тахаллуси «камонгар» аз шуғли шикорчигии ӯст [158, с.71].

Мавлоно Аршӣ шоири болаёқат, бештар ба қасидасароӣ таваҷҷуҳ дошт, на ғазал. Қисми зиёди қасидаҳои ӯ ба санаҳои сохтмони хонаҳои амирон бахшида шудааст. Ӯ аз дарбориёни Валимуҳаммади Аштархонӣ буд. Дарвешалӣ Чангӣ яке аз ғазалҳои ӯро овардааст.

Боби ёздаҳум «*Дар бораи устодони шаҳри пойтахтии Ҳирот, ки ҳар кадоме комили замонаш буд*». Дарвешалӣ Чангӣ маълумоти мухтасарро оид ба намояндагони номбурда меоварад.

Мавлоно Миралӣ ал-Котиб «подшоҳи хушнависони замонаш» буд. Шоҳкориҳои худро ӯ бо меҳнати ҳамарӯзаву пайвастааш меофарид. Инчунин дар илмҳои корбарӣ низ хеле маъруф гардида буд. Шуғли дигари ӯ барои ин ё он санаву ҷашнҳо навиштани шеър-хронограмма буд. Дар синни ҳафтодсолагӣ овехта шуд.

Мавлоно Қосими Қонунӣ аз Машҳад буда, дар дарбори Султон Иброҳим, набераи шоҳ Таҳмосп хизмат кардааст. Ӯ муаллифи асарҳои зиёде дар жанрҳои пешрав, нақш ва савт буд. Аз байни онҳо «*Пешрави нозу нағма*» дар мақоми Ҳусайнӣ бар усули дузарбай ва «*Пешрави доруи дарди сар*» дар мақоми Ҳиҷоз бар усули *фатҳ* хеле машҳур гардида буданд.

Устод Султон Муҳаммади Танбӯрӣ навозандаи беҳамто ва ороиши ҳама маҷлисҳо. Ӯ форс буд ва дар Машҳад зиндагӣ мекард. Вақте ки Абдулмуъминхони Шайбонӣ Машҳадро гирифт (1598), ӯ Султон Муҳаммадро даъват кард ва талаб кард, ки дар наздаш танбӯр навозад. Вақте ки ӯ навохт, Абдулмуъмин фармон дод, ки ҳунармандро ду тақсим карда, ба қатл расонанд.

Устод Султон Муҳаммад хеле сершогирд буд ва аксарияти онҳо машҳури замон буданд, лекин ду нафари онҳо – *Мирқули Дуторӣ* ва *Муҳаммадҳусайни Удӣ* маъруфтарин маҳсуб мешуданд. Устод Султон Муҳаммад хеле сермаҳсул ҳам буда, асарҳои зиёде дошт. Ду пешрави ӯ дар мақоми Дугоҳ, яке бар усули мухаммас ва дигаре бар усули даври сақил, дар он замон беҳамто пазируфта шудаанд.

Ҳофиз Ҷалоҷили Ҳиравӣ[142] сароядаи хеле хушовоз. Дар сароидани ӯ талаффузи сухан дар мадди аввал меистод. Бинобар ин, шунавандаи ӯ одатан мегирист. Ӯ муаллифи асарҳои зиёде буд. Пешравҳои ӯ бештар дар мақомҳои Ироқ ва Ҳиҷоз эҷод шудаанд.

Ҳофиз Собири Қоқ сароядаи маъруф, ки бо серрангии асарҳои худ муаррифӣ шуда буд. Дарвешалӣ сароядагии ӯро хеле шавқовару аҷоиб номидааст.

Устод Шамсиддини Ҳиравӣ, ҳамзамони муаллифи рисола, муаллифи пешраву нақшҳои зиёд, ба Имомқулихон хизмат мекард. Аз

[142] Ҷалоҷил ном набуда, унвони секунҷаи оҳанинест, ки чӯбчаи оҳанин низ дорад. Дар аморати Бухоро онро дар мусиқии ҳарбӣ истифода мебурданд [158, с.73].

шогирдони зиёди Устод Шамсиддин Ҳиравӣ се касро муаллифи рисола хотиррасон кардааст: *Устод Ҳусайни Удӣ, Мавлоно Қобузии Машҳадӣ* ва *Устод Оҳуи Мусиқорӣ*.

Устод Ҳусайни Удӣ аз ҳамаи илмҳои замон воқиф буд ва ҳамаи созҳои мусиқиро навохта метавонист. Муаллифи рисола илова мекунад, ки ҳамчун уднавоз ба ӯ ҳеҷ касе ҳеҷ вақт баробар нашуда буд ва баробар намешавад. Ӯ ба Бухоро дар ҳайати сафорати Туркия ба назди Абдуллоҳхон омада буд. Султони турк ба ӯ дар ин сафар бо супориши мушаххас созро дода, гуфта буд, ки дар Бухоро бифаҳмад, ки онҳо соз навохта метавонанд ё не. Он замон яке аз маъруфони Бухоро Ҳофиз Турдӣ созро гирифт, аммо навохта натавонист. Сониян, хоҳиш карданд, ки Дарвешалии Чангиро даъват бикунанд. Он вақт ӯ дар Андиҷон буд. Дарвешалӣ дар соз ду-се рӯз машқ кард ва дар назди шоҳ бомуваффақият навохт. Сониян ҳам ӯ барои сознавозӣ ба дарбор тез-тез даъват мешуд.

Устод Дарвеш Шоҳим Қаландарии Ҳиравӣ амирони Хуросонро бо овози ғайримуқаррарии нафису дилнишин ба худ мекашид. Вале Устод Дарвеш, ки аз камбағалон баромада буд, ба таклифи хизмат дар дарбор бигуфт, ки агар дар як рӯз ба ман амире хазинае диҳад, ки ба як умрам расад, ман ғуломаш мешавам, набошад не. Ҳаммаслакони ӯ, ҷавононқаландарон, ки бо зебоӣ ва овози дилчаспи худ ва бо сароидани зикру асарҳо дар оҳангҳои мақоми Ироқ дар ҷомеаи онвақта маълум буданд, бо супориши амир дар кӯчаҳо гурӯҳ-гурӯҳ гаштаву сурудаву аз мардум сарват ҷамъ карданд. Мардуми саховатманди мусиқидӯст ба ин гурӯҳҳои писандидааш ҳар чизро ҳадя медод. Дар як рӯз ду хӯрҷин гӯшвораҳои тилоии занона ва тиловории дигар (ангуштаринҳои калони мардона, тилои сурху зарди тоза ва ҳоказо) ҷамъ шуд, ки бениҳоят зиёд буд. Амирон ин зару зевари зиёдро дида, аз даъвати Устод Дарвеш даст кашиданд. Вақте ки Султон Кистонқараи Шайбонӣ Ҳиротро забт кард, ӯ Устод Дарвешро бо худ гирифт. Ва ӯро дар он ҷо ба хизмати Султон Пирмуҳаммади Шайбонӣ даровард. Ин шоҳ сурудани Устод Дарвеш Шоҳимро хеле准писандид ва супориш медод, ки ҳамеша дар мақоми Сегоҳ хонад. Бинобар ин асарҳои зиёди Устод Дарвеш Шоҳим бештар дар оҳангҳои ин мақом асос меёбанд. Нақши ӯ дар мақоми Сегоҳ то давраи Дарвешалӣ устуворона дар амалияи мусиқӣ маъмул буд. Нақшҳои ӯро сароядагони маъруфи замон, ба монанди Устод Абдуллоҳи Нойӣ, Ҳофизи Қонунӣ, Устод Илёси Нойӣ, Устод Қурбоналии Боқӣ, Устод Поядаи Қобузӣ, Устод Муҳаммади Сурнайӣ, Устод Ӯзбаки Ғиҷакӣ пазируфта, месароиданд. Дигар маълумотеро дар бораи Устод Дарвеш Шоҳим муаллифи рисола наовардааст, гӯё ки ӯ ҳамзамонаш буд.

Муаллифи рисола ҳам он замон савте дар оҳангҳои мақоми Рост ва усули давришоҳӣ эҷод намуд, ки мислаш то он замон набуд. Ғазали ин савтро муаллиф дар рисолааш овардааст.

Ҳофизи Қонунии Ҳиротӣ навозандае буд, ки асарҳои гуногунро ба таври хоссаи худ менавохт (дар вақти қонуннавозиаш бо дасти чапаш ба худ бо дойра такнавозӣ мекард) ва дили шунавандаро ба даст меовард. Сарояндагӣ намекард. Бо қонуни худ ба ҳар ҷое, ки даъват мекарданд, мерафт. Ҳадафи асосии ӯ дили шунавандаро хурсанд кардан буд. Аз ин худаш ҳам хурсанд мешуд. Ӯ бародари Устод Абдуллоҳи Нойӣ буд.

Устод Абдуллоҳи Нойӣ сози худро мисли овози инсон маҳину меҳрубон менавохт. Ғайр аз ин, навозанда сухангӯи хубе буд, ки дар маҷлисҳо бо ин фаъолият низ машҳур гардида буд. Устод Абдуллоҳи Нойӣ зодаи Ҳирот аст. Қисми зиёди умрашро дар Балх дар хизмати Пирмуҳаммадхон гузаронидааст. Дар Нуҳгумбазон ӯ чорбоғи бениҳоят дилрабое дошт ва рӯзҳои ид мардум дар он хурсандӣ мекард. Қабри Устод Абдуллоҳи Нойӣ дар назди мазори Ҳазрати Султон Аҳмади Ҳизравия (шайхи суфӣ дар Балхи қадим, солҳои вафоти шайх 854-855) ҷойгир аст.

Амир Мастӣ Қобузии Ҳиротӣ зодаи Ҳирот, навозандаи моҳири қобуз. Ӯ аз хурдӣ ба шогирдии Мавлоно Ҷомӣ даромада, яке аз шогирдони дӯстдоштаи ӯ маҳсуб меёфт. Овози зебои Амир Мастиро ба назар гирифта, Мавлоно Ҷомӣ барои ӯ нақше эҷод мекунад ва сароидани онро ба Амир Мастӣ ёд медиҳад. Дарвешалӣ қайд кардааст, ки ин асар то давраи ӯ бо номи «Имом» машҳур будааст. Амир Мастӣ бо дороии маҳорати баланди қобузнавозӣ ва иҷрои беҳамтои нақши «Имом» ба Мовароуннаҳр омадааст. Амир Мастиро баъди забти Ҳирот Абдуллоҳхон ба Бухоро овард. Дар Бухоро шогирдони ӯ Шайх Аҳмад, Ҳофиз Маҳмуди Насафӣ, Ҳофиз Турдӣ, Ҳофиз Қосим, Ҳофиз Ҳасани Дарвозаи Обӣ, Ҳофиз Пояндаи Муҳаммад ва дигарон буданд.

Шайх Аҳмади Қобузӣ, инчунин донандаи назарияи мусиқӣ буд. Абдуллоҳхон ба ӯ таваҷҷуҳи хосса дошт. Ӯ дар байни ҳамзамононаш дар санъати мусиқӣ хеле пешрафта гардид. Ӯ аз авлоди Абулҳафс, олими бузурги бухороӣ (с.ф.832) аст[143].

Тарҷумони рисола олими намоён А.А.Семёнов қайд кардааст, ки аҳаммияти рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ барои аҳли мусиқӣ на камтар аст аз «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ барои адабиёти форс-тоҷик аст.

Сарчашмаи асри XVII, рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ, ягона рисолаест, ки чунин маълумоти ҳаҷман калону муфассалро дар бораи аҳли

[143] Рисола дар тарҷумаи А.А.Семёнов бо ҳамин тамом мешавад.

назму мусиқии тоҷик овардааст. Ин маводи гаронбаҳоест барои омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик.

Сабаби овардани қариб матни пурраи чанд боби ин рисола дар китоби ҳозир аз он аст, ки маълумоти овардаи Дарвешалии Чангӣ барои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти аҳли мусиқии касбии тоҷик роҳкушоӣ мекунад. Аз он вазъи иҷтимоии мусиқачиён дар давраи асримиёнаӣ то замони муаллиф айён мегардад. Дар шароити шифоҳии рушди мусиқӣ баъзан ҳатто як насл пас, ному насаби муаллифи асари мусиқӣ аз байн меравад. Аз ин ҷиҳат овардани ин номҳои навозандагон, сарояндагон ва донандагони мусиқӣ бо мушаххасоти равияи эҷодӣ, жанрҳои мусиқӣ, асарҳо бо нишондоди зарбу мақомҳои мушаххас арзишмандии рисоларо меафзояд. Ҷо доштани ҳикоёту ҳодисот аз тарҷумаи ҳоли мусиқачиён фаҳмиши ҳолату тарзи зиндагии онҳоро дар давраи қадим ва бештар давраи асримиёнаӣ саҳеҳтар мегардонад. Аз ин маълумот инчунин муносибати ҳокимон ба фанну аҳли мусиқӣ низ намудор мегардад. Муаллиф аз ҳамкориҳои намояндагони адабиёт ва мусиқӣ пардакушоӣ намудааст. Дар он унвонҳои жанру зарбу лаҳнҳое оварда шудаанд, ки дар дигар манбаъҳо вонамехӯранд.

Хулоса, иқдоми нахустинро дар таърихи мусиқии тоҷик дар инъикоси вазъи таърихии мусиқӣ, ҳолати фарҳанги мусиқиро дар арафаи пайдоиши Шашмақом ва дигар масъалаҳои хеле муҳимро Дарвешалии Чангӣ дар гуфтаҳои худ оварда, таваҷҷуҳи касро ба онҳо равона мекунад. Дар рушди анъанаҳои рисоланависӣ ин мусиқишиноси асри XVII шакли нави рисоларо пешниҳод кард. Мутаассифона, то ҳол арзишмандии он дар мусиқишиносии тоҷик ба дараҷаи кофӣ баҳогузорӣ нашудааст.

IV.1.4. Хулосаи давраи аввали фаъолияти Мактаби ҳунарии Бухоро

Намояндагони давраи аввали Мактаби ҳунарии Бухоро дар соҳаи мусиқӣ Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалии Чангӣ рисолаҳои гуногунро пешниҳод кардаанд: якумӣ – анъанавӣ («Рисолаи мусиқӣ») ва дар назми мақомӣ («Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом»); дуюмӣ – дар шакли анъанавӣ бо иловаи фаслҳои таърихи мусиқӣ дар симоҳои мусиқидонон, навозандагон, сарояндагон, бастакорон («Рисолаи мусиқӣ»). Новобаста ба наздикии замонӣ ин ду намояндаи давраи аввали ин мактаб сохтори таркибии системаи мақомотро гуногун нишон додаанд: Мавлоно Кавкабӣ бо 12 мақом, 24 шуъба, 6 овоза ва 24 мураккабот ва Дарвешалии Чангӣ бо 12 мақом, 24 шуъба, 6 овоза ва 3 ранг. Дарвешалии Чангӣ мақомҳои аслиро бо ду унвон нишон додааст: унвонҳои арабии расмӣ ва «унвонҳои қаблии мақомҳо», воқеан тоҷикӣ, ки бештар дар амалияи мусиқӣ байни аҳли

мусиқӣ густариш ёфта буданд. То замони Дарвешалии Чангӣ унвонҳои қаблӣ ба арабӣ тарҷума шуда буданд ва инро мусиқишинос қайд кардааст: Зеркаш ба Ҳусайнӣ, Умму-л-адвор ба Рост, Хауро ба Ироқ, Ниҳованд ба Зангӯла, Тарона ба Ушшоқ, Зерафганд ба Кӯчак, Чаковак ба Бусалик, Авҷ ба Бузург, Нағмаи Довудӣ ба Наво, Нигорӣ ба Ҳиҷоз. Дарвешалии Чангӣ ҳамагӣ барои даҳ мақом номи дугунаро овардааст. Мақомҳои Исфаҳон ва Раҳовӣ бетағйир мондаанд. Аз ин бармеояд, ки дар амалия вуҷудияти унвонҳои қаблии аслан тоҷикӣ то давраҳои муаллифи рисола боқӣ монда будаанд. Ба ақидаи мо омилҳои ивазшавӣ дутоанд: ҷараёни умумии арабишавии истилоҳоти илмӣ (1) ва мутобиққунии системаи мақомот бо консепсияи динӣ-фарҳангӣ (2). Дертар, дар номгузории асарҳои таркибии силсилаҳои Шашмақом, омили сеюм низ таъкид карда шудааст. Дар ин бора Шашмақомдони бузурги асри XX устод Фазлиддин Шаҳобов қайд мекунад, ки саҳми устодони ҳар замон дар эҷоди асарҳои нав ба нав зимни қавоиди мақомот хеле бузург аст. Ва баъзеи ин асарҳо ба Шашмақом бо номи муаллиф ворид гардидаанд, аз ҷумла, Насруллоҳӣ, Мухаммаси Ҳоҷихоҷа, Мухаммаси Мирзо Ҳаким ва диг. [203, с.139][144].

Дар рисолаҳои ин муаллифон ягон услуби риёзӣ дида намешавад. Ҳар ду мусиқиро «*илмест шариф, санъатест латиф*» муайян кардаанд.

Хусусияти дигаре, ки дар давраи аввали Мактаби ҳунарии Бухоро ба вуҷуд оварда шуд, *назми мақомӣ* (истилоҳи шартии мо – Ф.А.) мебошад. Ин навъи назм дар асарҳои бадеӣ зиёд вомехӯрад. Он дар наср ҳам ҷо дошт. Масалан, Восифӣ дар бораи ҳунари волои *Ҳусайн Кӯчаки Нойӣ* овардааст: « ..манқул аст, ки дар қофилаи аҳли Ҳиҷоз ҳоҷиёни Муҳайири мағлуби ишқи ҳусну ҷамол Каъбаро Рост монанди Ушшоқи бе Наво Зангӯласифат ба нолаву афғон аз бодия монанди Сабо ба имдоди нағмаи най гузаронида буда, дар он қофила буд». Дар назари аввал ӯ роҳро ба сӯи Маккаву Мадина тасвир кардааст. Вале дар ин порча ҳафт мақомҳои замон – Ҳиҷоз, Муҳайяр, Рост, Ушшоқ, Наво, Зангӯла, Сабо ном гирифта шудаанд. Аз нигоҳи консепсияи динӣ-фарҳангӣ, ки дар мадди аввали назар ҷо дорад, мазмуни ин матн фаҳмост. Вале маънои он аз нигоҳи илми мусиқӣ зери он аст: пайиҳамии мақомҳо тасодуфӣ нест ва қонунеро дар гардиши мақомҳо инъикос мекунад. Чунин баёни устодонаи Восифӣ аз мавқеи мақомоти тоҷик дар ҷомеаву тафаккури илмиву бадеии он замон

[144] Шояд ин тамоюл дар Шашмақом дар асрҳои XIX-XX фаъолтар гардида буд. Чунин нуқтаи назар аз он бармеояд, ки на дар рисолаҳои қаблӣ ва ҳатто на дар баёзҳои аввал унвонҳои мазкур вонамехӯранд. Ҳолати дигарро низ қайд кардан ба ҷо аст. Ба гуфтаи шашмақомхони маъруфи тоҷик Домулло Ҳалим Ибодов (1878–1940) номи офарандаи авҷи зебо, ки бо унвони Авҷи Турк дар Шашмақом машҳур шудааст, Наврӯз Алӣ (а.XVII) мебошад. Сабаби номгузории ин авҷ (бо унвони Авҷи Турк) то ҳол нофаҳмост [170, с.41]. Вале он ҳам маълум нест, ки чаро он бо номи зебои муаллиф гузошта нашудааст.

далелест. Мавлоно Кавкабӣ бештар ба назм такя карда, назми мақомиро ба василаи таълимӣ-методӣ табдил дода, ҳамзамононашро ба мақбули *тафаккури ягонаи системавии Дувоздаҳмақом ва тафаккури ягонаи мусиқӣ-назмӣ* равона месозад. Ӯ офаридгори *қоидаҳои шеърии мусиқӣ* мебошад. Дар нуктаи Мавлоно Кавкабӣ он муҳим аст, ки шогирд аз ибтидо якбора системаи мақомро бо вазни шеърии он қабул намояд ва маҳз дар ҳамин услуб ба воя расад. Услубе, ки Мавлоно Кавкабӣ пешниҳод кардааст, омили ташаккули тафаккури мақомӣ мегардад.

Кавкабӣ талқини системавии Дувоздаҳмақомро ҳамеша тарафдорӣ кардааст. Вале дар қиёс бо «соҳиби «Адвор» Сафиуддин Абдулмуъмин Урмавӣ талқиноти Кавкабӣ мансуб ба назарияи амалия (1), мусиқии замони худ (2) ва услуби омӯзиши ин система дар мактаби устод-шогирд мутобиқ аст. Ва он шарти мутрибии замонаш буд. Зеро ки дар замони ӯ ташаккули заминаи нави назария ва амалияи мақом оғоз гардида буд:

- ❖ мусиқӣ аз назми классикии форс-тоҷик аксарияти жанрҳои шеъриро «мусиқавӣ» гардонд;
- ❖ гузоштани системаи арӯз бар асоси зарбии мусиқӣ ҳамчун система аллакай оғоз гардида буд;
- ❖ баҳрҳои шеърӣ дар мусиқӣ функсияи шаклсозиро доро гаштанд;
- ❖ оҳангсозӣ ба дараҷаи имконпазир аз оҳанги нутқи адабӣ бар омада, ба он наздик мешуд;
- ❖ танбӯр тадриҷан мавқеи аввалинро ба даст меовард.

Коркардҳои услуби таълимии мақомот, фаҳмиши нави системавӣ ва дигар аз тарафи Мавлоно Кавкабӣ амалҳои таблиғгарона буданд.

Мусиқишинос Дарвешалии Чангӣ нахустин муаллифест, ки эҷодиёти намояндагони мусиқиро зимни тамоюлу равияҳои дохилии иҷтимоӣ-фарҳангии мусиқӣ нишон медиҳад. Аз ин ҷиҳат рисолаи Дарвешалии Чангӣ ба жанри китобии таърихи мусиқии тоҷик наздик аст. Ҳарчанд ки ӯ аз донандагон, навозандагону сарояндагони мусиқӣ ҳамаро фаро нагирифта бошад ҳам, роҳи фаъолияти онҳоро дар рисолаи мусиқӣ инъикос намудааст. Муҳим аст, ки ӯ номи Борбадро меоварад. Аз он маълум мегардад, ки дар замони ӯ саромади мусиқии профессионалии тоҷик кӣ пазируфта шуда буд. Дар услуби баён ӯ ба тазкираҳои адабии замон (анъанаи дар адабиёти классикии тоҷик устувор) пайравӣ кардааст[145]. Муҳаққиқон қайд кардаанд, ки тазкира «дар омӯхтани таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик аз муҳимтарин маъхазҳо ба шумор меравад» [193, с.107]. Рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ ҳамчун

---

[145] Тазкира (ар. – «зикр кардан») – асари таърихии ёддоштиест, ки дар бораи ҳаёту эҷодиёти адибони гузашта, ҳамасрон ва воқеаҳову ҳодисаҳои замону ҳолати адабӣ ба таври мухтасар маълумот медиҳад ва аз асарашон намунаҳо меоварад [110, с.34].

рисолаи мусиқие, ки маълумоти тарҷумаҳолӣ, фаъолияти эҷодии аҳли мусиқӣ, рушди жанрҳои мусиқиро дар бар мегирад, ягона аст. Ӯ ҷасурона ба тазкираи адабӣ такя кардааст, зарурати инро дар замони худ нишон додааст. Ин хусусият бори дигар аз рушди тавъами анъанаҳои адабӣ-мусиқии классикии форсӣ-тоҷикӣ далолат медиҳад[146]. Дар соҳаи мусиқӣ он вазифаи нахусткитоби таърихи мусиқиро ҳам иҷро менамояд. Ва ин таърихи мусиқии тоҷик аз асри VI то замони муаллиф мебошад.

Санъатшиноси маъруфи тоҷик Н.Ҳ Нурҷонов хеле бамантиқ арзишмандии рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангиро аз он ҷиҳат таъкид кардааст, ки дар он равобити фарҳангии Бухорову Самарқанд бо Ҳирот хеле равшан инъикос ёфтааст [132, с.7]. Равобити Ҳирот ва Бухорову Самарқанд то даҳсолаҳои охир мавзуи дарсоямондаи мусиқишиносӣ буд. Вале дар асл он решаҳои ҷуқури пайвастшавӣ ва гузариши неруи як мактаби ҳунарӣ ба мактаби ҳунарии дигарро дорад. Ин неруе буд, ки ба пайдоиш ва рушду нумуъ ёфтани Мактаби ҳунарии Бухоро мусоидат кард. Барои мақомоти тоҷик он яке аз саҳифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Дар умум рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ се самтро дар бар гирифтааст: назарияи мусиқӣ (бобҳои I – IV), созшиносӣ (бобҳои V – VI) ва таърихи мусиқӣ (бобҳои VII – XI). Дар тули асрҳои миёна ягон рисола доир ба таърихи мусиқӣ сухане дар бар нагирифта аст. Рисолаи мусиқии Дарвешалии Чангӣ бо ин мавзуъ шакли нави рисоларо зоҳир намуд.

Хулоса, фаъолияти илмӣ-эҷодии Наҷмиддини Кавкабӣ ва Дарвешалии Чангӣ таҳкурсии устувореро барои ташаккули фаҳмиши нав ба вуҷуд овард, ки он аз ҷунбиши бузурге дар тафаккури мусиқии тоҷик дар асрҳои мазкур шаҳодат медиҳад.

IV.2. Пайдоиши Шашмақом

Фаъолияти Мактаби ҳунарии Бухоро дар давраи дуюми он дар соҳаи мусиқӣ бо пайдошавии Шашмақом вобаста аст. Аз ин рӯ, ин мактабро *Мактаби классикии Шашмақом* меноманд. Рушди равобити мусиқӣ ва назми классикии тоҷик рӯ ба сӯи якдигар, фаҳмиши нави системавии мақомот, пайдоиши жанрҳои нави мусиқавӣ, ниҳоят ташаккули системаи хоссаи зарбӣ дар мусиқии тоҷик – *системаи усул* ба пайдоиши системаи нави мақомоти тоҷик мусоидат кард. Нимаи дуюми асри XVIII фаъолияти мусиқавии Мактаби ҳунарии Бухоро ба авҷи камолоти худ расида, шеърфаҳмию мақомдонӣ, хусусан дар ҷомеаи марказҳои фарҳангии тоҷикон Бухорову Самарқанд, ниҳоят тафаккури ягонаи мусиқавӣ-назмиро

[146] Баъзеи ин ақидаҳоро А.А.Семёнов дар хулосаи тарҷума овардааст [158, с.76-77] ва андешаҳои мо ба онҳо ҳамоҳанганд.

ба вуҷуд овард. Дар ин заминаи ақлониву ҳунарӣ системаи Шашмақом ба вуҷуд омад.

Аз замони пайдоиш то чоряки аввали асри XX Шашмақом дар заминаи суннатии худ, бо такя бар мактаби суннатии устод-шогирд ва анъанаҳои таҳҷоии худ рушд меёбад. Аз ибтидо Шашмақом ҳамчун системаи лаҳнӣ бо мақомҳои таркибии Бузрук (Бузург), Рост, Наво, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқ зуҳур гардид. Силсилаи Шашмақом бори нахуст дар охири асри XVIII танҳо бо *мушкилот* (қисми созӣ) ва *наср* (қисми овозӣ, гурӯҳи якум) пешниҳод гардида буд [140]. Новобаста ба «нопуррагӣ», ин шакл иқтидор дошт, системаи Шашмақомро муаррифӣ намояд. Дар он моҳияти системавӣ-консептуалии Шашмақом мушаххас зоҳир гардид. Услубҳои шаклсозиву силсилабандии ин шоҳкории нави тоҷикон нисбат ба системаҳои пешинаи мақомоти тоҷик – Ҳафтпарда ва Дувоздаҳмақом фарқиятҳои муҳимро дар бар мегирифт. Шашмақом низ мисли онҳо аз ибтидо навъи *системаи кушода* буд. Ва хусусияти ин системаи нави мақомот дар он буд, ки унсурҳои сирф тоҷикии мусиқиро бори дигар ба шакли нави системавӣ пешниҳод мекард. Вале, ин дафъа системаи мақомоти тоҷик зодаи ҳам мусиқии классикӣ ва ҳам назми классикии форс-тоҷик буд. Ва аз ин сабаб мураккабтар ҳам шуд.

Дар тули асри XIX Шашмақом мукаммалтар гардид: қисми овозӣ, наср, зимни консепсияи нави силсилабандӣ ташаккул ёфт. Силсилаи Шашмақом бо *гурӯҳи дуюми шуъбаҳои наср* пурратар гардид. Аз ҳамон замон наср, қисми овозии Шашмақом, асосан вобаста ба услуби силсилабандӣ, дорои ду қисм – *гурӯҳи якуми шуъбаҳо* ва *гурӯҳи дуюми шуъбаҳо* мебошад. Бо чунин иловаҳои композитсионӣ, ки дар муддати кӯтоҳ, ҳамагӣ як аср, ба вуҷуд омад, хусусияти асосӣ – силсилаи кушода будани хешро Шашмақом бори дигар тасдиқ кард. Шашмақом нахустин ва ягона зуҳуроти системаи сеюми мақомоти тоҷик аст[147].

Заминаи таърихӣ-фарҳангии Шашмақом ҳамон заминаи мусиқии дунявии профессионалие буд, ки дар асрҳои IX – X аз тарафи Сомониёни бузург дар асоси санъати серранги шеърхонӣ, пайдоиши шеъри мавзун, доираи лаҳнҳои мусиқии тоисломӣ, созҳои мусиқии давраи тоисломии мардуми форс-тоҷик, функсияҳои нави созҳои мусиқӣ ва диг. эҳё гардид. Дар тули асрҳои минбаъда дар амалияи мусиқӣ ва анъанаҳои рисоланависӣ, хусусан анъанаи шарти мутрибӣ, дар доираи фаъолияти

[147] Хоразмиён дар асри XIX ба Бухоро барои омӯзиши Шашмақом омада, онро аз худ карда, ба санъати маҳаллии худ мақомро ворид карда, дар асоси он мақомҳои хоразмиро сохтанд. Рисолаҳои мусиқии зиёде дар асрҳои XIX – аввали XX дар баробари Шашмақом, оид ба мақомҳои хоразмӣ низ навишта шудаанд. Қариб ҳамаи онҳо ба забони тоҷикианд, зеро ки қариб то солҳои 20-ум ва 30-юми садсолаи гузашта ҳамаи навъҳои мақомҳо (Шашмақом, мақомҳои маҳаллӣ, мақомҳои хоразмӣ) ба забони тоҷикӣ хонда мешуданд [140; 141].

мактаби устод-шогирд рушд меёфт. Дар давоми садсолаҳои минбаъда анъанаҳои он ҳифз шуда, хеле пуравҷ гардида буданд. Бо Шашмақом дар баробари фаҳмиши системавии лаҳнӣ, фаҳмиши системавии зарбӣ – *системаи усул* пешниҳод гардид. Ҳар ду – системаи лаҳнӣ ва системаи усул, дар принсипи асл-фаръ асос ёфта, якҷо ҷараёни шаклсозиву силсилабандиро дар Шашмақом фаро гирифта, дар номгузории жанрӣ меъёри асосӣ интихоб гардиданд. Масалан, дар унвони Талқини Уззол, «талқин» аз усул (зарб) аст ва «Уззол» аз лаҳн (мақом), яъне ин асар дар лаҳни Уззол ва дар усул (зарб)-и талқин асос ёфтааст. Ва ҳамзамон, аз ин бармеояд, ки он дар мақоми Уззол аст. Чунин асосгузории асл-фаръ Шашмақомро ба як падидаи хеле пурмантиқ ва фалсафӣ, нафис ва воло, ҳамзамон пурмазмуну серранг табдил дод. Унсурҳои оҳангӣ, лаҳнӣ, сохторӣ, зарбӣ дар Шашмақом ба дараҷаи баланди ҳамоҳангиву мавзунӣ расонида шуданд. Бо ин ҳама навовариҳо дар мусиқии суннатии профессионалии тоҷик давраи нави мақомот, давраи сеюм падид омад, ки хусусиятҳои зеринро дорад:

- системаи нави мусиқӣ – Шашмақом ташаккул ёфт;
- сози бунёдӣ-системавӣ танбӯр интихоб гардид;
- мусиқӣ ба санъати воло пазируфта шуда, ба навъи санъати нафис тааллуқ дониста шуд;
- системаи мақомоти тоҷик аз моҳияти универсалӣ ба миллӣ (тахҷоӣ) табдил ёфт;
- шакли нави рисолаи мусиқӣ – баёз пайдо шуд.

Шашмақом ба дараҷаи мусиқии классикии мардуми тоҷик расида, тафаккури волои мусиқиро муаррифӣ кард. Шашмақом аз ибтидо ба мусиқии фолклории тоҷик наздиктар шуд, сози мусиқии сирф тоҷикиро ба ҳайси сози бунёдӣ-системавӣ қабул кард, зеро ки дастаи дароз бо пардабандҳои он қудрат доштанд, дараҷоти бузургҳаҷми мақомҳоро пурра дар бар бигиранд. Ин танбӯре буд, ки дар асри IX «хуросонӣ» ном гирифта шудааст (Форобӣ). Рушди таърихии ҳазорсола ба танбӯр имкон дод, ки он хусусиятҳои мусиқии тоҷикиро «ҷаббида», ба унсури асосии система – сози бунёдӣ-системавӣ табдил ёбад ва бо худи система (Шашмақом) мустақиман дар равобит бошад. Шашмақом худ аз манбаи назму мусиқист (на танҳо аз мусиқӣ!). Бинобар ин, мусиқии он ба оҳанги нутқи забони тоҷикӣ хеле қарин аст. Ин оҳанг аз он сар мезанад ва ба дараҷаи имконпазир ба нутқ наздик карда шудааст. Бояд қайд кард, ки новобаста ба оҳангҳои бузургҳаҷму фарохи Шашмақом, анъанаҳои мусиқии ин шоҳкорӣ асрҳои аср аз ҳамон анъанаҳои санъати қироати шеър, ки Сомониёни бузург ба василаи эҳёи мусиқии дунявӣ истифода бурданд, оғоз гардидааст. Ин аст, ки дар замони Шашмақом созҳои мусиқӣ ба «гуфтан» сар карданд.

Онҳо ҳам «мегуфтанд», ҳам «шеърро қироат мекарданд». Ба гӯйиши нутқи адабии форсӣ-тоҷикӣ танбӯр ҷавобгӯ буд, на уд. Ва ин аст яке аз омилҳои ҷойивазшавии танбӯру уд дар мусиқии классикии тоҷик.

Дар асри XIX – аввали XX зери нуфузи бузурги Шашмақом дар водии Фарғона ва баъзе қисмҳои водии Зарафшон (вилояти Суғди имрӯза) дар мактабҳои маҳаллии мақомхонӣ шаклҳои нави силсилабандӣ пайдо шуд. Имрӯз ҳам дар фаъолияти устодон ва мактабҳои маҳаллии вилояти Суғд ин анъанаҳо хеле устуворанд [187; 190; 212]. Дар мусиқишиносии имрӯзаи тоҷик онҳоро «мақомҳои маҳаллӣ» меномем (ниг. ба параграфи 1.4.).

Навъи дигари мақомоти тоҷик – фалак, дар кӯҳистони тоҷик, аслан Кулобу Бадахшон, аз қадимулайём густариш ёфтааст. Ва дар он ҳам равобити оҳангиву зарбиву жанрӣ бо Шашмақом мушоҳида мешавад (ниг. ба параграфи IV.2.4). Лек моҳияти асосии ин пайвастагӣ дар *принсипи мақом* (асл-фаръ, системаи усул, равобити мусиқӣ бо назм, силсилабандиву шаклсозӣ ва диг.) дида мешавад. Ҳамаи падидаҳои номгирифта дар ҳамҷоягӣ (на дар алоҳидагӣ!) мақомоти тоҷикро муаррифӣ мекунанд. Ҳамин тавр, нуфузи Шашмақом, ин системаи марказии мусиқии тоҷикон, дар ҳамаи маҳалҳои тоҷикнишин бо шаклҳои гуногун зуҳур намуд.

Рушди пуравҷи санъати навозандагиву сарояндагӣ (1), рушди баланди назми классикии форсӣ-тоҷикӣ ва нуфузи он ба мусиқӣ (2), анъанаҳои мақомбандӣ (3) ба ҳамаи навъҳои мақомоти тоҷик хосанд. Дар ин ҷараён Шашмақом то чоряки аввали асри XX боз ҳам суфтатару мукаммалтар гардид.

IV.2.1. Баёз – рисолаи мусиқии Шашмақом

Ҳар як шакли мақомот бо рисолаи худ зоҳир гардидааст. Бо Шашмақом навъи нави рисолаи мусиқӣ – *баёз* ба вуҷуд омад. Омили пайдоиши онро қабл аз ҳама дар мураккабии Шашмақом, ки зодаи мусиқӣ ва шеъри волои форсӣ-тоҷикӣ аст, дидан равост. Мавқеи шеър дар Шашмақом ба дараҷае афзуд, ки мақомхон мебоист дониши мушаххаси шеърдониву малакаи сатҳи баланди шеърфаҳмиро доро гардад. Зимни Шашмақом мафҳуми «асари мусиқӣ» нав шуд гӯем, хато намекунем. Ва ин дигаргуниҳо дар назди мутриб вазифаҳои навро мегузоштанд, маҳорату малакаи дигарро талаб мекарданд. Минбаъд мутриб на танҳо навозандаву сароянда, балки инчунин мебоист донандаи шеър ва илми арӯз мегардид. Ин пайвастагӣ шакли нави дохилии мақомҳоро ба вуҷуд оварда буд. Жанри рисолаи мусиқӣ наметавонист матни шеъриро ба эътибор нагирад. Ин ҷараёни пуравҷ ба ивазшавии шакли рисолаи мусиқӣ овард. Дар рисолаи мусиқӣ мавқеи наву хеле муҳимми шеъри форсӣ-тоҷикӣ зоҳир мегардад. Номгузории рисолаи шакли нав бо унвони «баёз» шояд аз ҳамин ҷост.

Дар охири асри XVIII Шашмақом якҷо бо шакли нави рисолаи мусиқӣ – *баёз* зоҳир гардид. Авҷи баёзнависӣ ба асрҳои XIX то охири чоряки асри XX рост меояд. Инак, баёз чист?

Мақомшинос И. Раҷабов дастнависҳои баёзҳоро омӯхта, матнҳои баёзҳои «Дар баёни Шашмақом» (1868) муаллифи номаълум, «Рисолаи мусиқӣ»-и Мусохӯҷаи Туркистонӣ бахшида ба Шоймардонқули Меҳтар (1876), «Шашмақоми мусиқӣ» (1884) муаллифи номаълум, «Даромади Шашмақом» аз муаллифи номаълумро дар китоби «Рисолаҳои мусиқӣ» овардааст [141, с.330-358]. Матнҳои онҳо пурра ба забони тоҷикианд. Дар он унвони қисми таркибии мақомҳо нишон дода шуда, зери он як байти шеъри он оварда шудааст. Муаллифони шеър баъзан, хеле кам, маълум мегарданд. Баъзан зери байт баҳри он бо тақтеъ низ ҷо дорад. Аз ин нишондодҳо маълум мешавад, ки барои мақомхон донистани вазни шеър аз ибтидо хеле муҳим будааст. Ин байтҳои шеъриро бо нишондоди жанри асар меоваранд. Сохтори мақомҳо, ҳарчанд ки мисли имрӯза суфта нишон дода намешуд, лек жанрҳои сарахбор, талқин, наср, уфар – дар ҳамаи мақомҳо: Бузрук, Рост, Наво, Дугоҳ, Сегоҳ, Ироқ хеле устувор ҷо доштанд. Фарқият аз Шашмақоми имрӯза дар он аст, ки талқин, наср ва уфар дар лаҳн-мақомҳои асосӣ қарор доштанд, ба монанди Талқини Рост, Уфари Наво, Насри Дугоҳ, Уфари Бузрук. Маълум аст, ки имрӯз чунин нест. Аммо дар ин баёзҳо бари унвони насрҳо, баъзан ишорае ҳаст, ба монанди «Насри Рост, ки онро Ушшоқ мехонанд» ва ё «яке аз насри Бузург – Насруллоҳӣ, ки Раҳовӣ низ гӯянд». Чунин таъкидҳо аз рафти рушд ва суфта шудани Шашмақом далеланд. Аз ҷиҳати ҷобаҷошавии мақом-лаҳнҳо аксарияти овардаи ин рисолаҳои мусиқӣ тартиберо риоя кардаанд, ки имрӯз дар Шашмақом ҷо дорад, ба монанди он, ки Наврӯзи Аҷам ва Наврӯзи Хоро дар мақоми Сегоҳанд, Чапандоз дар Наво, Наврӯзи Сабо ва Ушшоқ дар мақоми Рост, Насруллоҳӣ, Уззол ва Муҳайяр дар мақоми Бузрук, Баёту Ораз дар мақоми Наво, Ҳусайниву Чоргоҳ дар мақоми Дугоҳ, Мухайяри Ироқи Чоргоҳ дар мақоми Ироқ. Аз гуфтаҳои рисолаҳои мусиқии нимаи дуюми асри XIX маълум мешавад, ки силсилаҳои таркибии Шашмақом низ дар ҷараёни ташаккул буданд. Масалан, бо калимаҳои «тарона», «савт», «амал» (доимо дар шакли ҷамъ – «амалот») асарҳои мустақил ном гирифта мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ин замон аллакай ҳамчун жанрҳои таркибии мақомҳо фаровон истифода мешуданд. Вале, эҳтимол, таронаҳо на пайиҳам якчандто, балки алоҳида-алоҳида ва якто-яктой меомаданд, чунки номҳои онҳо чунинанд: Таронаи Бузрук, Таронаи Наво, Таронаи Ироқ, Таронаи Дугоҳ, Таронаи Сегоҳ, Таронаи Савти Муҳайяр. Миқдоран жанрҳои таркибии мақомҳо бар низоми имрӯза дароварда нашуда буданд. Масалан, дар матни яке аз баёзҳо чунин ибораро

вомехӯрем: «Сарахбори дигар (Рост) бо усули мухаммас..» ё «таронаи дигари Бузрук бо зарби гардун». Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар нимаи дуюми асри XIX бар усулҳои имрӯзаи мушкилот (қисми созӣ) дар жанрҳои овозӣ асарҳо эҷод мекарданд. Хоси дигар он буд, ки дар асоси навоҳое, ки имрӯз дар мақомҳои Шашмақом зери калимаи «намуд» ҷо доранд, асарҳои мустақил эҷод мешуд, масалан, Наврӯзи Турк ҳамчун асари алоҳида дар мақоми Ироқ оварда шудааст. Калимаи «супориш» ҳам дар истифода буд. Дар баёзҳо он ба маънои имрӯза ҷо дорад: «Супориши Уззол» ё «акнун ин рубоиро хонда ба Бузрук супоранд». Айён мешавад, ки супориш дар композитсия функсияи ҳозираи худро иҷро мекард.

Масалан, баёзҳои мутааллиқ ба нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX (дар омодагӣ ба чопи шарқшиносони тоҷик Исо Раҳматулло, Мубашир Акбарзод ва Баҳриддин Мирзо) [38] ҳамаи гуфтаҳои болоро тасдиқ мекунанд. Ин рисола-баёзҳо ба забони тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар «Рисолаи Шашмақом»-и муаллифи номаълум [38, с.37-51] мақоми Рост бо Сарахбори Рост, чаҳор таронаи Рост, Насри Рост дар шакли силсилаи чорқисма, Фурӯдошти Ушшоқ дар ду қисм, мақоми Наво дар ду қисм, таронаи он, Сувории Наво дар ду қисм, Талқини Наво, Баёт дар ду қисм, Тарона, Ораз ва Уфари Баёт, мақоми Дугоҳ, Тарона, Сувории Дугоҳ, Чаҳоргоҳ дар ду қисм, Дугоҳи Ҳусайнӣ ва Супориши Дугоҳ, мақоми Сегоҳ бо Сарахбори Сегоҳ, Насри Сегоҳ, Наврӯзи Хоро ва Аҷам дар ҳашт қисм оварда шудааст. Яъне ин рисола чор мақомро бо сохтори гуногун дар бар гирифтааст. Дар овардаҳои сохтории мақомҳо умумият бо истилоҳоту пайиҳамии баъзе силсилаҳои дохилии Шашмақом мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, дар он истилоҳоту иборaҳои нави мақомро дидан мумкин аст, ба монанди унвонҳои жанрии «фурӯдошт», «фаровард», «Чаҳорзарбе дар мақоми Ироқ». Аз жанрҳои дигар дар ин ҷо «нағма» ҳамчун жанри овозӣ, «Талқини Насри Наво», «тезгоҳ» «Фаровaрди мақом», «Мухаммаси Талқини Наво», «Муноҷоти Талқини Наво», «қитъа», «рубоӣ», «фард» – ҳама ҳамчун жанрҳои овозӣ дар таркиби Шашмақом омадаанд. Онҳо аз ҷараёни пуравҷи силсиласозӣ дар мақомҳо далолат медиҳанд. Имрӯз ба мо маълум аст, ки аз онҳо баъзе дар силсила ҷо гирифтанд, дигарҳо аз байн рафтанд, сеюмӣ унвони худро иваз карданд. Яъне ҷараёни силсиласозӣ дар Шашмақом ҷараёни одии якранга набуд. Ҳар як унсур зери таҳлили амалӣ қарор меёфт. Жанрҳои дигари шеърӣ, ба монанди қитъаву рубоиҳо мутааллиқ ба назми мақомӣ нишон медиҳад, ки то чӣ андоза коркардҳои Мавлоно Кавкабӣ дар амалияи мусиқӣ мубрам буданд. Куллияти ӯ пурра дар баёзҳо оварда шудааст ва дар амалияи мусиқии он замон бо пайравиҳои зиёд густариши васеъ пайдо карда буд. Баъзе иборaҳои унвонӣ ба мантиқи имрӯзаи Шашмақом рост намеоянд, ба

монанди «Насри Ироқи Муҳайяр», «Насри Чаҳоргоҳи Муҳайяр», «Баёти Насри Наво», «мақоми Рости Панҷгоҳ» ва ё «Таронаи Рости Панҷгоҳ». Дар чунин унвонҳои иборавӣ ягон истилоҳи берун аз Шашмақом ҷо надорад. Вале истифодаи якҷои онҳо ба Шашмақоми имрӯза хос нест. Дар «Рисолаи Шашмақом»-и дигаре аввал куллият, чаҳорзарб, ҳарду бар шеърҳои Мавлоно Кавкабӣ оварда шуда, сониян, бевосита ба Шашмақом («Акнун даромади Шашмақом») ворид мешавад. Чунин тартиб дар рисолаи мансуб ба асри XIX омадааст [38, с.52-80].

Дар умум, маълумоти ин рисола-баёзҳо имкон медиҳад, ба хулоса биоем, ки қисмҳои таркибии Шашмақом аз ибтидо бо се меъёр номгузорӣ карда мешаванд: унвони жанри мусиқӣ (1); унвони лаҳн-мақом (2), аз рӯи функсияи худ дар силсила (3). Тибқи ин радабандӣ жанрҳои зерин ба ин се тааллуқ доранд:

- ба тарзи аввал жанрҳои *сарахбор*, *талқин*, *наср, уфар, тарона, суворӣ, амалот, куллият, чапандоз, шуъба, нағма, савт, ғазал, фард, рубоӣ, тезгоҳ, мухаммас* (ҳамчун жанри овозӣ), *қитъа* ва *муноҷот*;
- ба тарзи дуюм – *Наврӯзи Аҷам, Сегоҳ, Сабо, Насруллоҳӣ, Баёти Насри Наво, Дугоҳи Ҳусайнӣ, Ораз, Чаҳоргоҳи Муҳайяр, Ироқи Муҳайяр, Аҷам, Наврӯзи Хоро, Баёти Ораз, Дугоҳ* ва дигар;
- ва ба тарзи сеюм жанрҳои *даромад, супориш, фаровард*.

Новобаста аз он ки дар рисолаҳо ин жанрҳо танҳо бо номгирӣ (на шарҳ!) маҳдуданд, аз ин гуфтаҳо жанрҳои замон будани онҳо маълум мегардад. Ва ин хеле муҳим аст. Қайд кардан зарур аст, ки аз ибтидо баёз – рисолаи мусиқиест, ки ҳар як мақомро танҳо бо унвонҳои қисмҳои таркибӣ намудор мегардонад. Сабаби ин «нопуррагӣ» дар он аст, ки рисола-баёзҳои аввалин танҳо ҷараёни ташаккули услубҳои силсилабандиро нишон медиҳанд. Бо мурури замон мушахассиёт дар бораи таркиботи силсилаҳо гуногун мешавад. Дар рушди Шашмақом (асрҳои XIX – чоряки аввали XX) моҳияти рисола-баёз бо он сабаб меафзояд, ки он ҳамеша инъикосгари аслии ин ҷараён аст. Ва бо мукаммал шудани услубҳои нави силсилабандиву шаклсозӣ дар Шашмақом, рисола-баёз ҳам мазмунан пурратар мегардад. Рафта-рафта мавқеи рисола-баёз шакли навро ба худ мегирад.

Яке аз маъноҳои «баёз» дар адабиёт маънои «маҷмуаи ашъори мунтахаби якчанд шоир»-ро дорад [180.I, с.130]. Вале дар анъанаҳои Шашмақом он ба маънои дуюми ин калима – «дафтари дастнавис» меояд. Ва ин дафтари дастнависи устоди мактаби суннатии устод-шогирд аст. Он

вазифаи раҳнамуниро дар эҷодиёти шогирдон иҷро мекард. Овардани байти аввали шеърӣ ва вазни шеър ба мақомхон имкон медод зуд сарфаҳми усули он жанри Шашмақом равад, онро дуруст иҷро кунад. Зеро ки маҳз дар Шашмақом номи жанр (қисми таркибӣ) ба нишондоди усул табдил ёфта буд. Дар қиёс бо шакли қаблии рисолаи мусиқии суннатии профессионалӣ – шарти мутрибӣ, дар рисола-баёз талқиноти истилоҳоти мусиқӣ, ё дигар ақсоми назарияи мусиқӣ, аз қабили фосила, ҷинсу ҷамъ, лаҳну мақом ва дигар, ҷо надорад. Мазмунан рисола-баёз бо овардани матни шеърӣ (бо зарурати фаҳмидани вазну баҳри он) ва нишон додани хусусиятҳои композитсионии асарҳои таркибии силсилаи мақом сару кор мегирад. Новобаста ба риояи қоидаҳои умумии сохтани композитсияи мусиқӣ, устоди мусиқӣ дорои услубу мактаби худ буд ва метавонист ин ё он нуктаеро бо диди худ иваз намояд ва ё ворид кунад. Ҳамин буд омиле, ки зарурати «дафтари дастнависии устод»-ро ба миён меовард. Дараҷаи омӯзгории «устод» талаб мекард, ки ӯ талқини худро дар қоидаҳои умумии Шашмақом дошта бошад ва ҳамин диди омӯзишии устод ӯро соҳибмактаб мекард ва мактаби ӯро аз мактаби устоди дигар фарқ мекунонид. Яъне дараҷаи омӯзгории устод ӯро водор месохт, ки дорои дафтари дастнависи худ дар талқиноти қавоиди умумии Шашмақом бигардад. Дар омӯзиши Шашмақом диди фардии устод ҳамеша афзалият дошт. Бо мурури замон ҳамон устод метавонист дафтари дастнависи дуюми худро нависад. Ва нигоҳи ӯ дар он метавонист аз дафтари дастнависи якум фарққунанда бошад. Ин аз рушди малакаву маҳорати омӯзгории устод шаҳодат медод. Шарти рисола-баёз он буд, ки ҳар як мақомро бояд пурра, аз аввал то охир, талқин намояд. Дар рисола-баёз танҳо қисмҳои таркибии овозӣ ва дар робита бо шеъри он оварда мешуданд. Дар бораи қисмҳои созии Шашмақом он ҷо сухане нест, ҳарчанд ки дар пайдоиши худ Шашмақом на танҳо бо қисми овозӣ (наср, гурӯҳи якум), балки бо гурӯҳи созӣ (мушкилот) зуҳурот пайдо кардааст. Ин боз ҳам далелест, ки дигаргунии асосие, ки ба Шашмақом (нисбат ба Дувоздаҳмақом) ҷо дорад – мавқеи нави шеър дар он мебошад. Ва бо сабаби он, ки шеъру оҳангро минбаъд зимни Шашмақом қабл аз ҳама асоси зарбии онҳо мепайваст ва арӯз ба Шашмақом на танҳо бо қолабзарбҳо, балки ҳамчун *система* ворид гардида буд, ин талабот якчанд маротиб меафзуд: бе дониши амиқу фаҳмиши ҳаматарафаи системаи зарбии Шашмақом кас наметавонад сохтори композитсионии жанрҳои таркибии мақомҳоро дарк бикунад. Нақши василаи зарбӣ, ки маншаи шеъру мусиқӣ (на танҳо мусиқӣ!) аст, дар Шашмақом дар ҳамаи сатҳҳои композитсионӣ хеле фаъол мегардад. Он ҷараёни сохторӣ-композитсиониро бевосита муайян мекунад.

Зарурат ба миён меояд, ки дар рисола-баёз композитсияи мусиқӣ бо унвонҳои қисмҳои таркибӣ мутобиқ бо воҳиди сохтории матни шеърӣ – байт оварда шуда, банд-банд нишон дода шавад. Дар Шашмақом системаи композитсионии дохилӣ, драматургияи силсилаҳои мақом нав шуда буд. Матни рисола-баёз барои сароянда гону навозандагоне пешниҳод мегардид, ки шифоҳан Шашмақомро меомӯзанду оҳангҳову усулҳои ҳар як қисмро аз ёд медонанд. Аз гуфтаҳои боло хеле равшан айён мегардад, ки рисола-баёз дар мактаби устод-шогирд пайдо шуда, нақши рисолаи шарти мутрибиро зимни Шашмақом иҷро мекунад.

Хулоса, падидаи «*баёзи Шашмақом*» он сарчашмаи хаттиест, ки амалияи мусиқии давру замонашонро бо тамоми бартариву камбудиҳояш инъикос менамояд. Аз он маълумоте, ки матни рисола-баёз пешниҳод мекунад, хулоса баровардан мумкин аст, ки шакли имрӯзаи Шашмақом, ки мавзун ва хеле мукаммал аст, дар даҳаҳои аввали асри XX ба вуҷуд омадааст. Ин талқинот ба эҷодиёти насле тааллуқ дошт, ки ба давраи баркамоливу рушди авҷии Мактаби классикии Шашмақом мансуб буд. Шашмақом қомати худро рост афрохт, шакли имрӯзаи худро пайдо кард, дар амалияи мусиқӣ ҷараёни интихобии жанрӣ дар он хеле фаъол буд. Маҳз бо жанри мусиқӣ алоқаманд будани ин ҷараёни интихобӣ аз он аст, ки Шашмақом аллакай ҳамчун системаи лаҳнӣ-оҳангӣ ва зарбӣ ташаккул ёфта буд. Ва ин унсурҳои системавии аслии он то имрӯз устуворанд. Ном гирифтани системаи зарбии Шашмақом бо унвони «усул» ва тақсимоти пардаҳои Шашмақом ба «пардаҳои аслӣ» ва «пардаҳои фаръӣ» низ тасодуфӣ нест. Ҳар ду системаи Шашмақомро аз дохили он нишон медиҳанд. Маҳз бо ин хусусиятҳо Шашмақом аз ибтидо пайдо шуд. Вале доираи жанрии қисмҳои таркибӣ дар Шашмақом ва услуби силсилабандӣ дар он моҳияти дигар дорад. Бори дигар такрор мекунем, ки он кушода аст. Ва имкон медиҳад, имрӯз ҳам мутрибе бар он асаре илова намояд. Он қавоиде, ки Шашмақомро ҳамчун система муаррифӣ кардаасту нигаҳ медорад, асли он аст ва такйя кардан бар онҳо дар эҷоди асарҳои мусиқӣ ҳатмист. Ва хусусиятҳое аз қабили талқини нав, эҷоди асари мусиқӣ, ивази унсурҳои асари мусиқиро дар Шашмақом баҳри гуногунрангии он ба амал меоварад. Шашмақом чунон сохта шудааст, ки майдони офариниш, амали эҷод ва камоли маҳорату малака дар он ҳудуд надорад. Шашмақом кушода аст. Ва он имкони рушди зеҳнияту эҷодро ба кас медиҳад. Аз чунин табиати Шашмақом ҳам иҷрокунанда ва ҳам шунаванда ҳаловат мебарад. Табиати Шашмақом дар ҳамин аст. Ва баёз ҳамчун рисолаи Шашмақом, чунин табиати онро хеле равшан инъикос намудааст.

IV.2.2. Рушди анъанаҳои бастакорӣ зимни Шашмақом дар асрҳои XIX – аввали асри XX

Дар тули асри XIX анъанаи эҷоди силсилаҳои якчандқисма дар ҳудуди Шашмақом хеле ривоҷу равнақ ёфт. Ва ин силсилаҳо номҳои *савт* ва *амал*-ро гирифтанд. Истилоҳи «савт» бештар дар унвониборахо якҷо бо номҳои лаҳн-мақомҳо дида мешавад, ба монанди «*Таронаи Савти Муҳайяр*». Истилоҳи «амал» дар баёзҳои Шашмақом бо ибораи «*амалоти дигар*» хеле зиёд вомехӯрад. Эҳтимол ин ибора дар он маврид ба кор мерафт, ки зерасоси оҳангӣ-лаҳнӣ зимни усулҳои гуногун талқин меёфт. Яъне аз рӯи принсипи асл-фаръ машқҳову асарҳои нав ба нав эҷод мешуданд. Ва муҳим набуд, ки дар кадом лаҳн. Муҳим он буд, ки ҳамин принсип дар он риоя шавад. Бинобар ин унвони ба дараҷае номушаххаси «амалоти дигар» дар ин маврид ба кор мерафт. Рафта-рафта ин анъана ба пайдоиши силсилаҳои мушаххас овард. Ба ҳайси асос қолабоҳанге интихоб мегардид, ки хусусияти ин ё он лаҳнро инъикос мекард. Ин асос дар лаҳн-мақоми муайяне қарор мегирифт. Новобаста ба он ки дар Шашмақом ба ҳайси лаҳн-мақоми асосӣ танҳо шаштои он – Бузрук (Бузург), Рост, Наво, Дугоҳ, Сегоҳ ва Ироқ интихоб гардида буданд, дар интихоби лаҳн-мақом ҳамчун асоси силсилаҳои нави якчандқисма муносибат ба ҳамаи мақомҳо, аз ҷумла, Уззол, Ушшоқ, Панҷгоҳ, Сабо, Баёт, Ораз, Ҳусайнӣ, Муҳайяр, Чоргоҳ, Наврӯз ва диг. як хел буд. Бинобар ин, силсилаҳои гуногун на танҳо дар лаҳн-мақомҳои асосӣ, балки дар ҳамаи лаҳн-мақомҳое, ки дар Шашмақом аслӣ нестанд, низ эҷод мегардиданд. Дар чунин силсилаҳо амалишавии принсипи асл-фаръ дар ҳамаи унсурҳои таркибӣ мушоҳида карда мешавад:

- ❖ дар зарб он дар ду маврид ҷо дорад – усул ва зарбу набзи оҳанг; ва ин ҳар ду байни худ низ дар мутаносубии асл-фаръ ҳастанд (дар ин бора дар параграфи VI.3. сухан меравад).
- ❖ аз ҷиҳати лаҳн қисмҳои таркибии силсила одатан ягонаанд, вале қолабоҳанги ҳар як қисми таркибӣ зимни усули нав бо принсипи асл-фаръ дигар таносубиятро пайдо карда, фаръҳои рангоранги худро зоҳир менамояд;
- ❖ шаклсозӣ низ дар ҳамаи шуъбаҳои таркибии силсила қариб якранг аст, ҳатто дар қисми авҷ ин шуъбаҳо намудҳои умумиро такрор мекунанд, даровардани намуди нав ба онҳо хос нест.

Силсилаҳои савту амал дар Шашмақом бо риояи хеле дақиқи қоидаҳои зикршуда сохта шудаанд. Одатан, дар ин ҷо, онҳо дар асоси лаҳн-оҳанги мақоми мушаххас пайдо шуда, тавассути василаҳои боло хусусиятҳои нав ба нави он мақомро таҷассум менамоянд. Сохтори композитсионии силсилаҳои савту амал дар Шашмақом як аст. Масалан, дар мисоли Савту Амали Наво:

Савти Наво	Амали Наво
Талқинчаи Савти Наво	Талқинчаи Амали Наво
Фурӯғи Савти Наво	Фурӯғи Амали Наво
Соқиномаи Савти Наво	Соқиномаи Амали Наво
Уфари Савти Наво	Уфари Амали Наво

Ҷадвали 11. Сохтори силсилаҳои Савт ва Амал дар Шашмақом.

Дар ин унвонҳои сегонаи асарҳои таркибӣ, ба монанди Талқинчаи Савти Наво, калимаи аввал («талқинча») – номи усул ва жанр, калимаи дуюм («савт» ё «амал») – номи жанри силсилавӣ, калимаи сеюм («Наво») – номи лаҳн-мақом аст. Дар ҳудуди Шашмақом силсилаҳои панҷқисма бо номи Мустаҳзоди Наво (дар мақоми Наво), Ироқи Бухоро ва Рок (дар мақоми Бузрук) низ омадаанд, ки айнан сохтори композитсионии савту амалро доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки савту амал сохтори хеле мушаххасро барои пайдоиши гурӯҳи дуюми шуъбаҳои Шашмақом пешниҳод кардаанд ва дар анъанаҳои эҷоди асарҳои нави силсилавӣ он хеле дақиқ риоя карда шудааст.

Анъанаҳои эҷодии Шашмақом, ки дар асри XIX хеле пуравҷ гардида буданд, на танҳо силсилаҳои панҷқисмаро дар бар мегирифтанд. Шаклҳои дигари эҷоди асарҳо низ аз Шашмақом манша мегирад. Устодони бузурги Шашмақом Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов шаклҳои гуногуни эҷоди асарҳоро ба нашри аввалини Шашмақом дар Тоҷикистон («нашри Устодон») ворид карданд. Бо ин ташаббус онҳо шояд нишон доданӣ буданд, ки эҷодиёти бастакорони Шашмақом то чӣ андоза васеъ ва серранг аст. Дар «нашри Устодон» асарҳои алоҳидаи «Бебокча» ва «Синахурӯш» дар мақоми Бузрук, «Қаландарӣ» ва «Самандарӣ» дар мақоми Дугоҳ, силсилаи сеқисмаи «Оромиҷон» («Сарахбори Оромиҷон», «Оромиҷон», «Уфари Оромиҷон») дар мақоми Дугоҳ, силсилаи сеқисмаи «Гиря» («Гиря», «Савти Гиря», «Уфари Гиря») дар мақоми Сегоҳ оварда шудаанд.

Анъанаи дигаре, ки зимни Шашмақом устувор гардида буд, эҷоди наср буд. Ин аст, ки дар Шашмақом насрҳои гуногун пайдо шуданд. Ҳар як мақом аз якчанд наср иборат аст. Новобаста ба он, ки ҳамаи ин насрҳо ба шуъбаи аввали мақом дохиланд, онҳо низ бештар дар асри XIX – чоряки аввали асри XX ба Шашмақом ворид гардидаанд. Аз зумраи онҳо, Насруллоҳӣ (мақоми Бузрук), Наврӯзи Сабо бо Талқинчаи Сабо (мақоми Рост), Орази Наво, Ҳусайнӣ (мақоми Наво), Орази Дугоҳ, Дугоҳи Ҳусайнӣ

(мақоми Дугоҳ), Хоро, Аҷам (мақоми Сегоҳ), Муҳайяри Ироқ (мақоми Ироқ) мебошанд.

Ҳамин тавр, Шашмақом дар Мактаби классикии худ тадриҷан, вале пурра, шакли имрӯзаашро пайдо кард .

IV.2.3. Ҳунари сарояндагӣ ва навозандагӣ дар Шашмақом дар асрҳои XIX – аввали асри XX: анъанаҳо, намояндагон

Бо ташаккули Шашмақом дар шаҳрзодаҳои он – Бухоро ва Самарқанд, санъати сарояндагии он низ бо талаботу меъёрҳои дигари ин ҳунар шакл гирифт. Ин санъати сарояндагие буд, ки мавқеи суханро боз ҳам волотар медонист. Метавон гуфт, ки хишти аввали ин мактаби ҳунариро дар давраи Сомониёни бузург гузошта буданд: ё «шеърро месароиданд», ё «шеърро бо мусиқӣ мехонданд», ё «мазмуни шеърро ба воситаи мусиқӣ мерасониданд». Дар ин ибораҳо дар мадди аввал сухан ва мазмуни волои он меистад ва мусиқӣ барои ифодаи он аст. Дар ин талқинот ягон заррае дар назар дошта намешавад, ки мусиқӣ дар Шашмақом нақши амалӣ-корбариро дорад. На! Тавре ки дар назми классикии форсӣ-тоҷикӣ унвонҳои жанрии «рубоӣ», «ғазал», «байт», «қасида», «маснавӣ» ва диг. аз ҷиҳати ҳаҷму вазну баҳр гуногунанд, бо ҳамон қоида, жанрҳои таркибии силсилаи Шашмақом «савт», «сарахбор», «наср», «талқин» ва ҳатто жанрҳои созии он – «тасниф», «гардун», «мухаммас», «сақил» бо қолабзарби худ зоҳир мегарданд. Ва унвонҳои жанрҳои таркибии мақомҳо аз унвонҳои усуланд. Албатта, фарқияти зимнӣ ин ҷо намудор мешавад. Ва ин аз табиати назм ва мусиқӣ аст, на дигар. Мусиқӣ системаи квантитативи (безада)-и арӯзро бо табиати худ квалитивӣ (зададор, таъкиддор) мегардонад.

Дар охири асри XVIII – аввали XIX шашмақомхон бо такнавозии худ онро дар танбӯр ва ё дутор иҷро мекард. Одатан, шашмақомхононро ба се гурӯҳ тақсим мекарданд. Ба гурӯҳи якум танбӯриёне, ки қисмҳои созии мақомҳо – мушкилотро ичро мекарданд, дохил буданд. Ва онҳоро «мушкилотнавоз» ё «танбӯрии мушкилотнавоз» меномиданд. Ин зумраи навозанда ба сарояндагон низ такнавозӣ мекард. Ба гурӯҳи дуюм – «насрчӣ» ё «ҳофизи насрхон» – он сарояндае дохил мешуд, ки шуъбаҳои гурӯҳи якумро дар жанрҳои сарахбор, талқин, наср ва уфар хеле бомаҳоратона месароид. Инчунин дар иҷрои жанри сабуку нисбатан шӯхи «тарона» низ малакаи хуб дошт. Азбаски ин жанрҳои номбурда ба қисми овозии Шашмақом, яъне «наср» дохиланд, ин шашмақомхононро бо номи умумии ин силсила «насрчӣ» ё «насрхон» меномиданд [132, с.10][148]. Маҳорати шашмақомхонон

---

[148] Бештари маводи ин параграф аз дарёфтҳои экспедитсионии санъатшиноси маъруфи тоҷик Н.Ҳ. Нурҷонов дар солҳои 60-уми асри XX мебошад [132].

аз ибтидо маҳз бо сароида тавонистани сурудҳо бо усул баҳогузорӣ мешуд. Ва ин меъёри асосии арзишмандии сарояндагиву навозандагӣ дар Шашмақом маҳсуб меёбад. Бино бар ин, сарояндагон тамоюли худро ба ин ё он усул зоҳир мекарданд. Қисми наср (имрӯз гурӯҳи якуми шуъбаҳои наср) ҳамон силсилаест, ки бо он Шашмақом нахустин бор зоҳир гардидааст. Ин силсилаи мураккабтарини Шашмақом ба шумор меравад. Он жанрҳои мураккаби сарахбор, талқин, наср ва уфарро дар бар гирифта, байни онҳо жанри таронаро бо шумораи гуногун ғунҷонидааст. Ҳар як тарона, ҳарчанд дорои сохтори композитсионии мураккаб нест, бо усули худ медурахшад. Он дар анъанаҳои сарояндагии Шашмақом мавқеи хоссаро дорад. Иҷрои силсилаи наср ҳам мазмунан ва ҳам аз ҷиҳати зарбу лаҳнсозиву шаклсозӣ хеле мураккаб аст. Сароянде, ки насрро бомаҳорат мехонад, дар туйю хизмат бештар қадрдонӣ карда мешавад, нисбати ӯ дар ҷомеа эҳтироми бузург пайдо мешавад.

Ба гурӯҳи сеюм сарояндаеро тааллуқ медонистанд, ки ӯ силсилаи насрро мехонд, вале таронаҳоро не. Ӯро «нимкола шашмақомдон» меномиданд [132, с.10]. Ин зумраи сароянда Шашмақомро пурра аз худ накарда буд. Вале овози зебо дошта, шуъбаҳои онро месароид. Ба гуфтаи муҳаққиқ, мардуми Бухоро ба зумраи чунин сарояндагон Қорӣ Камол, Самадбек, Мулло Ҳазратқул, Мулло Тошро (аз Бухоро) ном мегирифтанд [132, с.10]. Мулло Ҳазратқул ва Мулло Тош ба сарояндагони дигар ҳам такнавозӣ мекарданд [132, с.10].

Аз уҳдаи пурра аз худ кардани Шашмақом ҳар кас намебаромад. Бинобар ин шашмақомхонони ҷавон дар талоши омӯзиши таҷрибаи бузурги устодон буданд. Ҳунаромӯзӣ, такмили маҳорат ба ҷараёни доимӣ табдил меёфт.

Муҳити фарҳангии шаҳрҳои Бухорову Самарқанд чунин қарор ёфта буд, ки Шашмақомро на танҳо сарояндагону навозандагон, балки шунавандагон медонистанду мефаҳмиданд. Ин буд, ки ба мартабаи устодӣ сароянда ва ё навозандаро худи шунаванда лоиқ медонисту мепазируфт. Тавре, ки шашмақомхони бузург Бобоқул Файзуллоев ба хотир овардааст «имтиҳони маҳорат дар назди шунавандагони сершумор дар худи майдон, дар саҳна ба амал меомад. Сароянда маҳорату лаёқати худро нишон медод ва ба устодӣ аз тарафи шунаванда қабул мегардид» [132, с.11].

Сароянда-шашмақомхони бомаҳорат чунон шунавандаро ба ваҷҳ меовард, ки баъзе шунавандаи сарватманду мусиқидӯст аз ҷояш бархеста, аз тан хилъати гарони худро кашида, ба ҳофиз мепӯшонид. Ин қадрдонии баландтарин маҳсуб меёфт [132].

Дар ҳунари сарояндагии суннатии тоҷик се услуби сарояндагӣ зуҳур кардааст: «*бинигӣ*», «*гулӯгӣ*» ва «*ишкамӣ*» [132, с.11]. Ин се услуб аз насл ба насл омӯзонда мешаванд.

Овози *сароянлаи бинигӣ* чунин қарор меёбад, ки «садои ба таври сунъӣ ба бинӣ равонашуда пеши роҳи ҳавогузариро мегирад ва ба истифодаи дурусти бинӣ барои овозбарорӣ халал мерасонад» [132, с.11]. Аз ин ҷост, ки овози сароянлаи бинигӣ танҳо дар регистри болоӣ хуб мебарояд. Дар он суханҳо ба якдигар часпида, бурро-бурро намебароянд. Дар регистрҳои миёна ва поёнӣ садобарории овози сароянлаи бинигӣ бекора аст.

Ба *сароянлаи гулӯгӣ* низ фишори бениҳоят калони мушакҳои гулӯ ба баромадани овоз монеагӣ мекунад. Бинобар ин дар вақти сурудан суханҳо нофаҳмо мебароянд.

Услуби беҳтарини сарояндагӣ *ишкамӣ* ба ҳисоб меравад. Зеро ки он имкон медиҳад, ки овоз пурра ва озод истифода бурда шавад. Садобарорӣ дар он ба нафасгирӣ монеа намешавад. Сарояндагони ишкамӣ авҷҳои баландтаринро хеле устокорона ва моҳирона месароянд. Аксарияти онҳо ба нафаси дарози сарояндагӣ мекӯшанд ва муваффақ ҳам мешаванд. Сарояндагони ишкамӣ бо машқу заҳмати ҳамарӯзаи худ метавонистанд дар санъати сарояндагӣ қуллаҳои баланди эҷодро фатҳ намоянд. Ҳофизони шашмақомхон бештар бо услуби ишкамӣ месароянд. Онҳо мекӯшанд, ки дар баробари тозагии оҳангӣ-интонатсионӣ, инчунин ҳар як мисраи шеъри назми волои классикии форсӣ-тоҷикиро бо мазмуни фалсафии он ба шунаванда расонанд. Шунаванда ин шеърҳои сермазмунро бо оҳангҳои зебову дилчаспи Шашмақом гӯш карда, ҳаловати баланди эстетикӣ мебарад.

Мактаби классикии Шашмақом зери худ мактаби бузурги сарояндагиву навозандагиро ба вуҷуд овард. Сарояндагон, навозандагон, донандагону устодони Шашмақоми асри XIX, ба монанди Мусохӯҷаи Туркистонӣ (1825–1884), Бобо Мулло (с.ф.1875), Тиллобой (с.ф.1880), Холдор Ҳофиз (с.ф.1896), Ҳоҷӣ Абдулло (с.ф. 1902), Усто Кулдош (с.ф.1897), Гузи Маҳин (с.ф.1897), Абдураҳмони Танбӯрии Самарқандӣ (1850–1900) ва дигарон дар нигаҳдошти анъанаҳои асили иҷрокунандагии Шашмақом хеле саҳмгузоранд. Мусохӯҷаи Туркистонӣ муаллифи «Рисолаи Шашмақом» ҳам буд [132, с.28–34]. Ҳамаи номбурдагон овозҳои дилнишину бақувват, ҳофизаи хуб доштанд. Ин имкон дод, ки онҳо то пиронсолагиашон сарояндагӣ кунанд.

Бобоҷалол Носирзода (1845–1928) донандаи бузурги Шашмақом. Ӯ худ эшон буд ва дар гузари Эшони Пир зиндагӣ мекард [132, с.12]. Падари ӯ дар масҷид кор мекард. Аз 8-солагӣ омӯзиши мусиқии мақомҳоро бо роҳбарии модараш оғоз намуда, бо пурғайратии худ маҳорати баландро ноил гардида, аз синни 16-солагӣ аллакай барои хизмат ба дарбори амир ҷалб карда шуд [170, с.33]. Бобоҷалол дар давраи амирон Музаффархон, Аҳадхон ва Олимхон дар дарбор хизмат кардааст. Ӯ шогирдони зиёдеро бо услуби худ тарбия кард. Писараш Ғулом Ҷалолиддинов танбӯрнавоз буд.

Машҳуртарин шогирдони ӯ Домулло Ҳалим ва Левича Ҳофиз ба шумор мераванд.

Мирзо Ғиёс Абдуғанизода (1859–1927) устоди кул(л), донандаи бузурги Шашмақом. Шогирди Қорӣ Убайдуллоҳи маъруф [170, с.33]. Ӯ танбӯрии нодир буд, мушкилот ва насри Шашмақомро пурра медонист. Ҳамчун мутриби дарборӣ ба се амир хизмат кардааст.

Яке аз хусусиятҳои дигари Мактаби классикии сароядагии Шашмақом бо падидаи *авҷ* алоқаманд аст. Муҳаққиқ қайд мекунад: «Дар рафти иҷрои мақом шунаванда интизори авҷ аст.. ..ӯ маҳорати сароядаро бо гирифтани авҷ баҳогузорӣ мекунад... ..сароянда ҳам ин хоҳиши шунавандаро ба эътибор гирифта, ба як авҷ авҷҳои дуюм ва сеюмро илова карда, шунавандаро ба ваҷд меоварад.. . Бо авҷ дар расмияти дарбор амирро пешвоз мегирифтанд... » [170, с.40]. Дар мактаби классикии Шашмақом аз ҳама овозҳои баландтарине, ки авҷро хеле озодона, зебо ва устодона иҷро мекарданд, муҳаққиқ се касро ном гирифтааст: Бобоҷалол Носирзода (Бухоро), Ҳоҷӣ Абдулазиз (Самарқанд) ва Домулло Ҳалим (Бухоро) [170, с.41]. Ҳама дорои диапазони густурдаи хосса буданд.

Дар ин замон ду анъанаи сароядагӣ авҷ гирифт. Сароядагони танбӯрнавоз ва сароядагоне буданд, ки бо дойра ба худ таканавозӣ мекарданд. Ҳофизони дарбории охири асри XIX (ҳамаи аз деҳаҳои Қурғон ва Боғи Туркон) Ҷалол Ғолиб, Наврӯз Хоро, Қорӣ Эргаш, Саид Қирғӣ, Турсун Ғолиб, Ҳоҷихон аз зумраи чунин сароянда-дойрачиҳо буданд. Онҳо ҳамчун дойрачиҳои бомаҳорат ҳам дар байни мардум шуҳратёр гардиданд.

Домулло Ҳалим Ибодов (1878–1940) дар оилаи косиб таваллуд шудааст. Донандаи Шашмақом ва мусиқии халқии Бухоро. Аз хурдӣ аввал падар, сониян, муаллимаш Усто Муҳаммад Салим (1853–1906) [170, с.41]) ӯро ба мусиқӣ ҷалб карданд. Лекин маҳорати бузурги шашмақомхониро аз устоди маъруф Бобоҷалол Носирзода ёд гирифтааст.

Ҳофизону танбӯриҳои машҳури замон Қорӣ Кароматӣ Дилкаш (1851–1906) ва Ҳазратқул ба рушди Шашмақом ҳаёти худро бахшидаанд.

Дар охири асри XIX – аввали XX Ҳофизон Қорӣ Наҷм (баёзи Шашмақом дошт [79, с.111]), Қорӣ Камол (Камоли Савтчӣ), Мирзо Абдукарим, Тоҳирҷони Дуторӣ устодоне буданд, ки камолоти ҳунарии онҳо ба даҳсолаҳои нимаи аввали асри XX рост омад. Онҳо ҳам Шашмақомро меомӯзонданд ва бо саъйю кӯшиши ин устодон низ чандин навшогирдон аз услубу тарзи тадриси Мактаби классикии Шашмақом баҳравар гардидаанд.

Қорӣ Камол бо овози тенори драмавӣ ва услуби ишкамӣ регистрҳои болоиро хеле хуб мегирифт. Ӯ суханро буррову фаҳмо месароид. Аввал маънои шеърро дуруст фаҳмида, ҳамеша мекӯшид, онро ба шунаванда расонад. Дар ҳаёт шӯх буд, метавонист касро тез ба ҳолати хуш оварад, табъи касро болида мекард.

Абдураҳмонбек (1856–1916), мутриби дарборӣ, сароянда, навозанда (танбӯр), бастакор («Абдураҳмонбегӣ» ва диг.), инчунин мусиқидон мебошад. Дар рисоланависӣ (баёз) ва интихоби ашъор бар мақоми Наво бо ҳамзамононаш ҳамроҳӣ кардааст. Аз наздикони устодони бузург Бобоҷалол Носирзода ва Мирзоғиёс Абдуғанизода маҳсуб меёбад.

Дар рушди мақомоти тоҷик саҳми яҳудиёни бухороӣ[149] низ хеле арзишманд аст[150]. Бо пайдоиши Шашмақом ҳам сарояндагон-яҳудиёни бухороӣ, оҳангҳои дилнишини ин шоҳасарро ба расму ойини худ ворид мекарданд. Бо мурури замон ин анъана идома ёфт. Масалан, « ... суруди динии яҳудӣ «Рӯз ба рӯз гӯям шукр ман» ба оҳангҳои «Муғулчаи Дугоҳ» («Амали Дугоҳ» – Ф.А.), «Муғулчаи Сегоҳ» («Амали Сегоҳ» – Ф.А.) ва «Тулкун» суруда мешавад» [131, с.111]. Ҳарчанд ки онҳо дар ҳаёти рӯзмарра, расму ойини хонаводагӣ мусиқии фолклории тоҷикиро низ истифода мебурданд, бо вуҷуди ин, мавқеи муҳимтаринро оҳангҳои Шашмақом ишғол менамуданд.

Дар охири асри XIX шашмақомхонии яҳудиҳои бухороӣ хеле фаъол гардида буд: Довуд Ҳофиз, Юсуф Ҳофиз ва машҳуртарини онҳо – Левӣ Бобохонов (1873–1926), бо номи Левича Ҳофиз дар таърихи Шашмақом машҳур аст. Ӯ дар оилаи камбағал таваллуд шуда, бо меҳнати ҳалоли худ ба дараҷаи шашмақомхони дарборӣ расидааст [73, с.185-209]. Дар аввал ӯ дар Киркӣ ба читфурӯшӣ машғул буд. Сониян, ба Бухоро омада, дар сарояндагӣ то ба ҳофизи дарборӣ мерасад. Мегӯянд, ки ӯ овози ниҳоят баланду ҷарангосие дошт. Ва овози зебои ӯро дар овони ҷавонӣ устоди бузурги Шашмақом Бобоҷалол Носирзода шунида, писандида, ба ансамбли шашмақомхонони дарборӣ ҷалб карда, ӯро тарбия кардааст[151]. Ва дороии маҳорати Левича Ҳофиз аз ӯст[152]. Бо мурури замон дониши мақомдониву

---

[149] Унвони «яҳудиёни бухороӣ» дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шудааст. Ба пайдоиши он муттаҳидшавии Россия бо Осиёи Миёна мусоидат намудааст [131, с.7]. Яҳудиёни бухороӣ ба ҳайси забони худ як лаҳҷаи забони тоҷикиро – лаҳҷаи тоҷикони бухороиро интихоб карда, онро ҳамин тавр ё *тоҷикӣ-яҳудӣ* [102, с.20] меноманд.

[150] Дар асрҳои XVI – аввали XVII шоир Наҷора (1540–1620) ба мақомоти тоҷик рӯ овардааст [131, с.108, 144]. Оҳангҳои зебои мақомҳои тоҷик ӯро мафтун карданд ва ӯ ин оҳангҳоро нахустин бор ба амалҳои маросимҳои динии яҳудиён мутобиқ намуд. Ин мутобиқот хеле мушаххас ҳам буд: оҳангҳои мақоми Сегоҳро барои хондани матни Таврот, оҳанги шодиёнаи Наврӯзи Аҷамро дар сурудҳои шодиёнаи рӯзи шанбе, Симхот-Таврот ва туйҳо, Баётро барои қироати китоби пайғамбарон, оҳангҳои ғамгини Ҳиҷозро барои маросими дафн, Саборо барои туйи хатна тавсия дод [131, с.109]. Дар ҳаёту зиндагии яҳудиёни бухороӣ минбаъд ин мақомҳо мавқеи муҳимро ишғол карданд.

[151] Дар ин бора Ёқуб Хаимов дар китоби «Ҳофизи бузург. Ҳикояти ҳаёт ва эҷодиёти Левӣ Бобохонов» (Иерусалим, 1993) гуфтааст. Иқтибос аз [73, с.195]

[152] Дар баъзе тадқиқот дар баробари Бобоҷалол Носирзода, номи устоди дигари ӯро низ меоваранд: Борухи Калхотии Самарқандӣ ва Ҳоҷихони Танбӯрии Чорҷӯӣ [79, с.44]. Эҳтимол онҳо муаллимони аввалини Левича Ҳофиз буданд.

дараҷаи сатҳи сароядагии Левича Ҳофиз ба он расид, ки се мақоми аввал – «Бузрук», «Рост» ва «Наво»-ро пурра аз худ кард. Ин маҳорату малака бар замми овози худодод Левича Ҳофизро маҳбуби бухороиён гардонид.

Таъкиди мусиқишинос А.Ҷумъаев оид ба он, ки аҳли Бухоро, ки аслан тоҷик буд, дар ҷашну маросими хонаводагӣ сароянда ва навозандаро на аз рӯи мансубияти миллӣ, балки аз рӯи сатҳи касбияти онҳо интихоб мекард, воқеан дуруст аст. Ҳуқуқи иштирок дар хурсандиҳои хонаводагии тоҷикон ҳам барои яҳудиёни бухороӣ ва ҳам барои сароядагони тоҷик баробар буд [73, с.197]. Барои мусиқии классикии Шашмақом, барои мактаби суннатии устод-шогирд ҳамеша қобилияту лаёқати сароянда муҳим буд. Аз ин ҷост, ки масалан, дертар (солҳои 40-ум – 50-уми асри XX) Барно Исҳоқова шогирди Фазлиддин Шаҳобов шуду Нериё Аминов шогирди Бобоқул Файзуллоев ва диг. Ин аст, ки ҳангоми сароидани Барно Исҳоқова ҳеҷ як шунаванда андешаи аз кадом миллат будани ӯро намекунад. Сурудани ӯ сирф тоҷикона аст. Кас аз сурудани ӯ танҳо ҳаловати хуши эстетикӣ мебарад. Зеро ки бар замми лаёқату қобилияти баланди ӯ устоди бузургаш дараҷаи баланди маҳоратро дар ӯ тарбия кардааст. Вақт худ нишон дод, ки бо фаъолияти эҷодии худ Барно Исҳоқова санъати Шашмақомро то ҷӣ андоза бори дигар дурахшонд.

Ҳофизон-яҳудиёни бухороӣ ба мардуми маҳаллӣ аз он рӯ наздиканд, ки ҳамаи онҳо Шашмақомро ба забони тоҷикӣ месароиданд. Онҳо дар дохили ҷомеаи тоҷикон зиндагӣ мекарданд, на берун аз он. Ва дар баробари аз худ кардан ва риоя кардани расму ойини фарҳангӣ, онҳо забони тоҷикиро забони худ интихоб карданд. Онҳо дар маркази фарҳангӣ-илмии тоҷикон зиндагӣ карда, фарҳанги шаҳрии тоҷиконро аз худ карда, унсурҳои хоссаи худро (барои истифодаи яҳудиён) ба он ворид карданд. Дуюмӣ, албатта, он чизе, ки ба мусиқии классикӣ хос аст: он байни мардуми дигар ҳам густариш меёбад. Аз маънавиёти баланди мусиқии классикӣ ҳамеша на як халқ, балки мардуми дигар ҳам баҳравар гаштан мехоҳад.

Солҳои 1909, 1911, 1913 намояндагони фирмаи «Граммофон» ба Бухоро омада, намунаҳои мусиқии таҳҷоиро сабт карданд. Дар байни ҳофизони маҳбубу номдор Бобоҷалол Носирзода, Домулло Ҳалим ва дигарон, аз Левича ҳам тахминан даҳ асар аз Шашмақом сабт карда шуд[153].

[153] Мусиқишинос А.Ҷумъаев бо иқтибос аз мусиқишинос Маҳмуд Ахмедов (1925–1996) номҳои зерини асарҳои сабтшударо овардааст: «Ироқи турк», «Соқиномаи Ироқ», «Насри Ушшоқ», «Ушшоқи Қӯқанд», «Уфари Муғулча», «Уфари Муғулчаи Сегоҳ». Ва бо иқтибос аз фарҳангшинос Исҳоқ Мавашев (1905–1978) илова мекунад: «Қашқарчаи Сарвиноз», «Турки Қашқарчаи Сарвиноз», «Талқини Уззол», «Муғулчаи Сегоҳ», «Талқини Муғулчаи Сегоҳ», «Уфари Муғулчаи Сегоҳ», «Уфари Бузург», «Сарвиноз», «Талқини Ушшоқ», «Насри Ушшоқ», «Наврӯзи Сабо», «Талқини Сабо», «Уфари Талқини Сабо». Ва бо иқтибос аз мусиқишинос Р.Некталов: муҳаққиқ И.Мавашев ин сабтҳоро ба Фонди аудиоии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои

Хусусияти дигари эҷодиёти Левича Ҳофиз фарохии репертуари ӯ маҳсуб меёбад. Ба гуфтаи ҳамзамононаш Михоэл Толмасов (1889–1969) ва Исроэл Толмасов (1900–1969), аз ин ҷиҳат ӯ «танҳо ба Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов баробар шуда наметавонист» [73, с.199]. Ба гуфтаи Михоэл Толмасов бо вуҷуди диапазони хеле васеъи овозӣ, Левича Ҳофиз дар регистри поёнӣ (бас) мушкилӣ мекашид. Овози ӯро тенори лирикӣ муайян кардан мумкин аст [73, с.204]. Левича Ҳофиз бо танбӯр ва бештар бо сато ба худ такнавозӣ мекард. Хусусияти дигари эҷодиёти Левича Ҳофиз он буд, ки фаъолияти бастакорӣ намебурд. Ӯ ҳамаи асарҳои Шашмақомро ҳамеша ба тавре мехонд, ки аз устодаш Бобоҷалол Носирзода ёд гирифта буд[154].

Санъати худро Левича ба се писараш каму беш омӯзонд. Шолом, ки болаёқаттар буд, ба шогирдии устодон Қорӣ Наҷм ва Қорӣ Камол даромада, хеле бомаҳорат гардид [132].

Солҳои охири ҳаёташро (аз соли 1923) Левича Ҳофиз дар маҳаллаи яҳудиён (маҳаллаи Шарқ)-и шаҳри Самарқанд гузаронидааст [73, с.201].

Барои рушди мақомоти тоҷик дар охири асри XIX – XX якчанд насли сарояндагону навозандагони яҳудиҳои бухороӣ хизмат кардааст. Ба монанди устодон Борух Калхот (1845–1891), Йосеф Гургов, Йосеф Ҳофиз, Довуд Ҳофиз, Михоэл Муллоқандов ва Гавриэл Муллоқандов, Левӣ Бобохонов (1873–1926), Михоэл Толмасов (1887–1969), шогирди ӯ Исроэл Толмасов ва Гавриэл Толмасов (1910–1979), Ёқуб Бободустов, Нериё Аминов (1916–1998), Нисон Шоулов (1925–2000), Барно Исҳоқова (1927–2002), Исҳоқ Катаев, Борис Наматиев, Лола Баракаева, Меҳрӣ Исҳоқбоева ва дигарон.

Мактаби мусиқии классикии тоҷик дар охири асри XIX – нимаи аввали асри XX дар шаҳрҳои фарҳангии тоҷикон Бухорову Самарқанд бо намояндагони шуҳратманди худ, сарояндагону навозандагони сершумор маълум гардид. Анъанаҳои пуршарафи онро, аз ҷумла, устодон Тиллобойи Хонанда (1812–1880), Раҳимбердии Танбӯрӣ (1820–1897), Ҳофиз Бобомулло (с.ф.1875), Бобоҷалол Носирзода (1845–1928), Исломи Ромитанӣ (1861–1911), Махдуми Хандон (с.ф.1905), Махсуми Хонанда (1842–1905), Мирзо Назруллоҳи Танбӯрӣ, Мирзо Ғиёс (Абдуғанизода) Танбӯрӣ (1859–1927), Қорӣ Кароматӣ Дилкаши Танбӯрӣ (1846–1906), Турсун Ғолиби Дафӣ (1863–1924), Домулло Ҳалим Ибодов (1878–1940), Шодӣ Азизов (1878–1943), Ҳоҷӣ Абдуллоҳи Савтӣ (1834–1902), Абдусамадбеки Ҳофиз (1857–1918), Ҳамиди Савтӣ (1849–1916), Турсунхоҷаи Дуторӣ (1854–1928), Левича

Тоҷикистон супоридааст. Ва ниҳоят, бо иқтибос аз Ёқуб Хаимов: аз Левича Ҳофиз ҳамагӣ сӣ асар (дар пластинка) сабт шуда аст [73, с.199].

[154] Бояд гуфт, ки айнан ҳамин хусусият ба Барно Исҳоқова хос буд. Ӯ ба эҷодиёти бастакорӣ машғул нашудааст. Дар суҳбатҳо бо муаллифи китоби ҳозир ӯ чандин бор таъкид кардааст: «..Ман Шашмақомро танҳо ҳамон тариқ месароям, ки устодам Фазлиддин Шаҳобов ба ман ёд додаанд» (аз соли 1981 то тарки ӯ Тоҷикистонро (соли 1992) дар кафедраи мусиқии Шарқ ДДСТ ба номи М.Турсунзода як ҷо кор кардем – Ф.А.).

Ҳофиз, Юсуф Ҳофиз, Довуд Ҳофиз, Махдуми Ҳофиз (1842–1905), Абулхайр Махдуми Ҳофиз (1856–1916), Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов (1852–1936), Қорӣ Наҷм (с.ф. 1910), Ҳоҷӣ Абдураҳмон (Умар) Танбӯрӣ (1847–1922), Ҳоҷихони Дуторӣ (1867–1922), Яраши Хонанда (1868–1908), Рустами Хонанда (1864–1920), Шаробхони Танбӯрӣ (1864–1914), Ҳоҷӣ Маъруфхон (1886–1947), Туробқули Танбӯрии Самарқандӣ (1878–1934), Қорӣ Неъмати Савтӣ (1890–1947), Саидҷони Аваз ва дар шаҳри Душанбе аз солҳои 40-ум то солҳои 70-уми асри XX устодон Бобоқул Файзуллоев (1897–1964), Шоҳназар Соҳибов (1903–1972), Фазлиддин Шаҳобов (1911–1974) ва дигарон сарбаландона ҳифз намуданд, рушд доданд. Ин шахсиятҳо ба неруи бузурги ҳунари шашмақомхонӣ саҳмгузорӣ кардаанд ва иқтидори Мактаби классикии Шашмақом/ Мактаби мусиқии классикии тоҷикро ҷило бахшида, онро ба фарҳанги шуравӣ расонида, ба он ворид карда, анъанаҳои шашмақомхониро зимни давлатдории нави тоҷикон дар асри XX поягузорӣ намуданд.

Байни шашмақомхонону шашмақомдонон ду роҳи фаъолият мушоҳида мешавад: яке мекӯшад услуби иҷрокунандагии устодашро то охири роҳи эҷодӣ нигоҳ дорад ва ба насли дигар расонад; дигарӣ аз асосҳои назарӣ-амалӣ истифода бурда, навовариҳои худро ба иҷрои ин ё он асаре аз Шашмақом ворид месозад. Ҳарду роҳи эҷодӣ барои рушди Шашмақом судманданд. Зеро ки дар ҳарду маврид Шашмақомро нигоҳ медоранду рушд медиҳанд ва ба насли оянда мерасонанд. Ин вазифаи асосии шашмақомхонону шашмақомдонон дар ҳама давру замон боқӣ мемонад.

Ҳар ду роҳи эҷодӣ дар баробари тарбияи шогирдони худ, инчунин шунавандаи худро тарбия мекунад. Чунин анъанаи тақсимшавии иҷрокунандагон аз ибтидои пайдоиши Шашмақом оғоз гардида, дар асри XIX қавӣ гардида, то солҳои 30-ми асри XX идома меёбад. Фаҳмиши шашмақомхонон-намояндагони Мактаби классикии Шашмақом он буд, ки Шашмақом силсилаи кушода аст ва онро бибояд ҳамеша мукаммалу изофа карда, ба муҳити нав мутобиқ кунонида, ривоҷу равнақи онро дар ҳама давру замон муҳайё кард. Барои намояндагони ин мактаб, дар баробари донистани Шашмақом, бо ин ду роҳ рушд додани он низ ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, дар давраи минбаъдаи солҳои 30-юм – 40-ум чунин рушд ёфтани Шашмақом қариб қатъ гардид гӯем, хато намекунем, зеро ки эҳтиёҷ ба наҷоти Шашмақом пайдо шуд (дар ин бора дар параграфҳои баъдӣ гуфта мешавад).

IV.2.4. Нуфузи Шашмақом дар кӯҳистони тоҷик

Тавре дар боло қайд шуд, мусиқии тоҷик аз ду равияи хеле дурахшон иборат аст – мусиқии тоҷикони водинишин ва мусиқии

тоҷикони кӯҳистон[155]. Ҳарду система мақомҳои худро доранд. Яъне мақом падидаест, ки ҳам дар мусиқии водӣ ва ҳам дар мусиқии кӯҳистони тоҷикон аз қадимулайём мавқеи заминавиро пайдо кардааст. Вазъи воқеии рушду инкишофи Шашмақом нисбат ба Дувоздаҳмақоми универсалӣ (барои Шарқ) аз ибтидо дар доираи мусиқии тоҷик ва маҳал-ҳои он қарор гирифт. Аз ин лиҳоз забони мусиқии Шашмақом аз хусусиятҳои лаҳҷаҳои мусиқии фолклори маҳалҳо, анъанаҳои касбии мусиқии маҳалҳо орӣ нест. Дар ин бора Садриддин Айнӣ, Фазлиддин Шаҳобов махсус қайд кардаанд [25; 201; 202]. Пайдоиши Шашмақом ба ҳамаи навъҳои мақомоти тоҷик – Фалак, мақомҳои маҳаллии тоҷик (дар водиҳои Фарғона ва Зарафшони Тоҷикистони имрӯза) ва Дарвозу Рашт (Қаротегин) нуфузи мустақими худро зоҳир кард.

Тафаккури мақомӣ бо заминаи ягонаи мақомоти тоҷик дар ҳар маҳал бо рангу ҷилои таҳҷоӣ (маҳаллӣ), зарбу лаҳни маҳали худ серранг мегардид. Ва дар натиҷа забони мусиқавии худро ғанӣ мегардонд. Мутаносубии равобити марказҳои фарҳангии тоҷикон Бухорову Самарқанд ва кӯҳистони тоҷик ҳамеша дутарафа қарор меёфт. Масалан, дар асрҳои XVII–XVIII, дар арафаи ташаккули Шашмақом Бухорову Самарқанд аз маконҳои қадими кӯҳистони тоҷик, ба монанди Кулобу Мунк, Сари Хосору Балҷувон, Дарвозу Бадахшон ғизои маънавӣ мегирифт. Ва баръакс, дар охири асри XVIII – тули асри XIX Шашмақом ба пайдоиши тамоюлҳои нав, хусусан, дар рушди анъанаҳои нави силсиласозӣ дар мусиқии кӯҳистон хеле мусоидат намудааст. Дар қиёс бо шаҳрҳои марказӣ, ин ҷо, аслан дар Кулобу Бадахшон, зери падидаи Фалак системаи қадими мусиқӣ чормуқом ҳифз шуда буд.

Мардуми кӯҳистони тоҷик марказҳои таҳҷоии худро ифтихормандона соҳибӣ мекарду фарҳанги худро бештар рушд медод. Дар асри XIX омиле, ки кӯҳистониёнро азякҷошавиашон бо ин марказҳо хурсанд мекард, меҳру муҳаббати самимӣ буд. Тавре, ки муҳаққиқону муаррихону нависандагон зикр мекунанд, мардуми кӯҳистон пиёда ба ин марказ барои донишомӯзӣ омада, ба номи Бухорои шариф саҷда мекард. Мардуми маконҳои мирнишини минтақаҳои кӯҳистон, ба монанди Балҷувон, Ҳисор, Кулоб, Дарвоз, Бадахшон хеле саъйю кӯшиш кард, ки суннатҳои фарҳангии ин марказҳоро дар кӯҳистон густариш диҳад. Ҳамин буд фаҳмишу муносибати кӯҳистон ба Бухорову Самарқанд.

Дар ин ҷараён мактаби устод-шогирд як василаи хубе маҳсуб меёфт байни марказ ва кӯҳистон. Дар Бухоро барои таҳсил дар мактабҳои шашмақомхонӣ маҳдудияте набуд. Дар кӯҳистон мактабҳои минтақавӣ, маҳаллӣ, авлодӣ ва хонаводагӣ рушд ёфта, ҳунари фалакхониро аз насл ба

[155] Нахустин бор чунин радабандиро муаллифи ин сатрҳо пешниҳод намудааст [16, с.35].

насл омӯзонда, шеърдониву шеърфаҳмиро парастиш карда, наслҳои нав ба навро бо тафаккури мақомӣ (дар Фалак) тарбия мекард.

Ғазалхонӣ дар Фалак низ аллакай яке аз ду гунаи асосии сарояндагиро ташкил мекард. Фарқият дар он буд, ки новобаста ба ин услуби ягона, кӯҳистониён бо лаҳну зарби худ ғазалхонӣ мекарданд. Дар асоси ин зарбу лаҳн силсиласозӣ менамуданд. Силсилахонӣ зимни Фалак макони хоссаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошт – *ҳуҷрабазм*. Ғазалхониву рубоихонӣ дар шаҳрҳои мирнишин тавассути ҳуҷрабазм хеле рушд ёфта буд. Чунин базмҳо новобаста ба унвони «ҳуҷра» доираи васеи шунавандагонро дар бар мегирифтанд.

Системаи қадими лаҳнӣ-оҳангии чормуқом дар ҷараёни рушд танҳо номи худро иваз мекард: «чорпарда»-и қадим бо мурури замон ва ҷараёни арабикунонии истилоҳоти мусиқӣ ба «чормуқом» ва сониян, бо рушди методикаи мактаби устод-шогирд истилоҳи «чормодарон»-ро ҳам ба худ зам кард. Имрӯз дар кӯҳистон ҳар се унвон маъмуланд. Бо ин система дар фалакхонӣ пардаҳои аслӣ нишон дода шудаанд. Дар мавридҳои гуногуни муқомбандӣ фалакхон дар асоси ин пардаҳои аслӣ ва қолабоҳангҳои онҳо метавонад мутаносубии нави пардаҳоро аз рӯи принсипи асл-фаръ тартиб дода, дар асоси он асарҳои нав офарад. Аз ин ҷиҳат ҳам Шашмақом ва ҳам чормуқом дар Фалак дар як принсипи асл-фаръ асос гирифта, рушду нумуъ меёфтанд.

Зуҳуроти унсурҳои Шашмақом дар мусиқии кӯҳистони тоҷик дар истилоҳот дида мешавад. Албатта, ҷо доштани ин истилоҳот тасодуфӣ нест. Дар мусиқии Дарвоз асарҳое ҷо доранд, ки унвонҳои онҳо бо истилоҳоти Шашмақом яканд. Аз зумраи чунин асарҳо «Ушшоқи Дарвоз», «Мушкилоти кӯҳистон», «Ироқи Дарвоз», «Соқиномаи Дарвоз», «Уфари кӯҳистон» ва дигарҳо ҳастанд. Дар ин унвонҳо истилоҳҳои «Ушшоқ», «мушкилот», «Ироқ», «соқинома», «уфар» – ҳама дар Шашмақом ҷо доранд. Дар бораи вуҷуд доштани мактаби маҳаллии Дарвозу Қаротегин аз он лиҳоз асосе ҷо дорад, ки аз зумраи намояндагони ин мактаби маҳаллии мақомхонӣ Акашариф Ҷӯраев, Шунқор Одинабеков, Абдулло Назриев, Зафар Нозимов, Иброҳим Кобулиев, Исмоил Назриев ва навозандагону сарояндагони дигар ба халқи тоҷик маълуманд. Онҳо саҳифаи хеле равшани мусиқии тоҷикро бо услуби иҷрокунандагӣ, асарҳои мушаххас ва эҷоди асарҳо дурахш додаанд. Хусусияти ин мактаби маҳаллӣ дар он аст, ки аз ҷиҳати истилоҳот ба Шашмақом ва аз ҷиҳати зарб ба фалак наздикӣ дорад. Дар ин зуҳурот аломати ягонагии мақомоти тоҷик дида мешавад.

Мутаассифона, ин падидаҳо дар мусиқишиносии тоҷик то ҳол таҳқиқи арзандаи худро наёфтаанд, ҳарчанд ки умумияти истилоҳиву зарбӣ омилҳои ҷиддианд барои ҷустуҷӯи мусиқишиносӣ.

Дарвешалии Чангӣ дар бораи навозандагони бадахшонӣ маълумот овардааст. Дар сарчашмаҳои адабӣ дар мактаби ҳунарии Ҳирот сарояндагон-маддоҳхонон қайд шудаанд. Яке аз чунин сарояндагони машҳур Устод Ҳайдаралии Маддоҳ (Ҳайдари Маддоҳ, с.ф.1508–1510, Ҳирот) симои намоёни Мактаби Ҳирот буд. Ин муҳаққиқ ӯро шогирди Устод Шодии Ҳиравӣ мешуморад. Ба ғайр аз сарояндагӣ, ҳунарҳои оҳангсозиву мусиқидониро ҳам ба ӯ мансуб дониста, саҳми ӯро дар пешбурди жанрҳои амал, қавл, нақш ва савт қайд мекунад [59, с.151-152]. Ин далел аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар Мактаби ҳунарии Ҳирот жанри мусиқии *мадҳия* ҷо дошт. Ва мартабаи ин жанр ҳамон замон ҳам дар алоқамандӣ бо мақомот қарор гирифта буд. Зеро ки Восифӣ дар китоби худ танҳо навозандагону сарояндагони мақомхонро фаро гирифтааст.

Имрӯз, баъди қариб панҷсад сол жанри мусиқии мадҳия дар анъанаи фалаки помирӣ мартабаи мақомот – фалакро дорад. Ҳамчун жанри мусиқии помирӣ он силсилаи Фалак-Мадҳия аст. Ва он иборат аз панҷ қисм мебошад: I. Пастубаланд; II. Зелобам; III. Ҳайдарӣ; IV. Фалак; V. Ситоиш. Дар анъанаи фалаки помирӣ ин жанри силсилавӣ нишондоди тафаккури мақомии мардуми Бадахшон мебошад.

Тавре ки зикр шуд, робитаҳои марказ – кӯҳистон яктарафа набуда, ба таври кӯҳистон – марказ ҳам рушд ёфтаанд. Дар асрҳои XVIII–XIX дар минтақаи Кулоб аллакай мактабҳои маҳалливу минтақавӣ фаъолияти худро ҳам тавассути ҳуҷрабазм ва ҳам ба воситаи туйю тамошои мавсимиву хонаводагӣ рушд медоданд. Ва назари ин мактаб ҳамеша ба сӯи Бухоро буд. Ин ҷо бо овардани як мисоле аз ин робита иктифо менамоем – ҷо доштани оҳанги рақси мардонаи кулобӣ дар Шашмақом. Ин оҳанги рақсии «Боҷахона» аст, ки аҳли мусиқӣ онро «Рафти Боҷахона» меноманд. Дар мақоми Бузрук силсилаи панҷқисмаи «Рок» ҷой дорад. Дар ин силсила оҳанги «Боҷахона» дар «Фурӯғи Рок»[156] истифода бурда шудааст:



[156] Дар нашри Устодон он зери унвони «Қашқарчаи Рок» омадааст. Бо сабаби он, ки истилоҳи «қашқарча» низ аслан аз Шашмақом нест. Ва онро дар давраи ҳокимони манғит, баҳри як зуҳуроти суннати ҳокимпарастӣ ба Шашмақом ворид кардаанд, унвони аслии он аз байн рафт.



Мисоли 12. Банде аз Фурӯғи Рок.

Шаклҳои фаръии он дар шуъбаҳои дигари ин силсила дида мешаванд. Оҳанги рақси кулобии мардона бо номи «Боҷахона» чунин аст:



Мисоли 13. Банде аз суруди рақсии «Боҷахона»

Усули ин асарҳо як аст. Дар Шашмақом онро *усули фурӯғ* ва дар фалак *зарби рафт* меноманд. Тобишҳои оҳангии ҳар ду хеле наздиканд. Дар лаҳн онҳо, ҳарчанд ки аз якдигар бо як дараҷа фарқ мекунанд, ҳар ду ба лаҳнҳои ифодакунандагони шодиву ҷасурӣ тааллуқ доранд. Ҳардуи онҳо ба таври силсила дар суннатҳои гуногуни мақомоти тоҷик ҷо доранд – яке дар Шашмақом – силсилаи панҷқисмаи Рок (дар мақоми Бузрук) ва дигаре дар анъанаҳои фалаки кулобӣ – силсилаи дуқисмаи «Боҷахона» бо қисмҳои таркибии «Рафти Боҷахона» ва «Уфари Боҷахона». Умумияти ин силсилаҳо дар он аст, ки

- услуби силсилабандӣ як аст: аз қисми сустсуръаттар сар шуда бо уфар анҷом меёбад;
- ҳарду силсилаҳо асоси оҳангии рақсӣ доранд.

Нуфузу густариши Шашмақомро ба кӯҳистон, ки дар умум яктарафа набуд, бештар на нуфуз, балки робита гуфтан саҳеҳтар аст. Ҳарду тараф аз ин

робита судманд буд. Вале ин хулосаҳо имрӯз каблӣ ва шартианд, на қатъӣ. Ҳоло бамаврид аст, умумиятро дар Шашмақом (ҳамчун мақомоти тоҷикони водинишин) ва дар Фалак (чун мақомоти тоҷикони кӯҳистон) дар нуктаҳои зерин қайд бикунем:

- рубоихониву ғазалхонӣ ҳамчун ду услуби сарояндагии суннатӣ;
- дороии системаҳои мусиқӣ-назарӣ: дар таърих – Ҳафтпарда, Дувоздаҳпарда /Дувоздаҳадвор /Дувоздаҳмақом дар Шашмақом; чорпарда / чормодарон / чормуқом – дар Фалак; ва имрӯз – шашмақом дар Шашмақом, чормуқом / чормодарон / чорпарда дар Фалак;
- истифодаи системаҳои қолабоҳангҳову авҷҳо (дар Шашмақом онҳоро «намуд» ҳам меноманд), ҳарчанд ки ҳаҷман ва микдоран фарқ мекунанд;
- ҷо доштани сози бунёдӣ-системавӣ – танбӯр дар Шашмақом, думбра/дутор дар фалаки кулобӣ, рубоби помирӣ дар фалаки помирӣ;
- системаи зарбӣ – усул дар Шашмақом, зарб дар Фалак;
- принсипи асл-фаръ ҳамчун принсипи асосӣ дар лаҳн, зарб ва шаклсозӣ, силсилабандӣ;
- макони иҷтимоӣ-фарҳангии таърихӣ – базмҳои дарборӣ барои Ҳафтпарда, Дувоздаҳмақом, Шашмақом; ҳуҷрабазм, базмҳои макони мирнишин – барои Фалак;
- таълимгоҳ – мактаби ягонаи устод-шогирд.

Бо вуҷуди чунин хулосабарориҳо, дар масъалаи равобити байни навъҳои мақомоти тоҷик то имрӯз паҳлуҳои зиёд ноайён боқӣ мемонанд. Дар мусиқишиносии муосири тоҷик дар баробари Шашмақоми воло, хусусият-ҳои мақомҳои кӯҳистони тоҷик (Бадахшону Кулоб) – Фалак ва мақомҳои маҳаллии тоҷик (вилояти Суғди имрӯза) хеле равшан қарор ёфтаанд. Мутаассифона, то ҳол дар бораи ҷо доштану рушд ёфтани падидаи мақом дар минтақаҳои Дарвозу Рашт дар илми мусиқӣ равшание ҷо надорад, ҳарчанд ки ин маҳалҳо бо услуби хеле зебову хоссаи мусиқӣ, намояндагон-устодони маъруф, мактабҳои устод-шогирдии хеш ба мо маълум ва маҳбубанд.

IV.2.5. Хулосаи фасл. Хусусиятҳои давраи сеюми тараққиёти мақомот

Давраи сеюми тараққиёти мақомоти тоҷик бо фаъолияти Мактаби ҳунарии Бухоро, бархусус, Мактаби классикии Шашмақом /Мактаби мусиқии классикии тоҷик алоқаманд аст. Аҳаммияти таърихии ин мактаб барои рушду нумуъи баъдии мақомоти тоҷик бениҳоят бузург мебошад. Фаъолияти он аз заминагузорӣ ба фаҳмиши нави мақомот, ба системаи нави таълими мақом оғоз гардида, бо таҳияи китобҳои дарсӣ ва услуби тадрисӣ

(методика) зуҳурот пайдо намуда, ба пайдоиши системаи нави мақомот – Шашмақом овард. Дар асрҳои баъдии саршор аз нофаҳмиҳои идеологӣ, дар вазъи мураккаби ибтидо ва солҳои аввали давраи шуравӣ баҳри ҳифзи Шашмақом амалҳои арзишмандтаринро намояндагони ҳамин мактаб иҷро карданд. Дар пайравӣ ба Мавлоно Ҷомӣ, мусиқишиносон Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалӣ Чангӣ мақомотро бештар ба маънавиёти ҷомеа («мақомҳои маънавӣ»), ба тарбияи нозукбинӣ ва зебоипарастии насли оянда («санъати латиф»), ба тарбияи ҳам иҷрокунанда ва ҳам шунаванда дар ҷомеаи солим («санъати шариф») равон карданд. Шеърфаҳмиву шеърпарастиро яке аз нуктаҳои асосии тафаккури мақомӣ арзёбӣ намуда, заминасозӣ карданд. Саҳми бузурги ин мактабро дар он дидан мумкин аст, ки ба фаҳмишу амалҳои зерин мусоидат намуд:

- Дувоздаҳмақом-система ва Дувоздаҳмақом – силсилаасари бузург дар асоси ин система мебошад;
- ҷараёни таълимӣ-эҷодӣ дар мактаби устод-шогирд бо навгониҳои замон, аз ҷумла, бо навгониҳои Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалӣ Чангӣ, тавъам аст;
- жанрҳои нави системавӣ-силсилавӣ (куллият), услуби нави тадрисӣ (назми мақомӣ), қоидаҳои мусиқӣ-назарии шеърӣ дар амалияи мусиқӣ ва, алалхусус, мактаби устод-шогирд корбарӣ мешаванд.

Дар натиҷаи чунин фаъолият дар амалияи мусиқии давраи аввали ин мактаб аллакай як қатор хусусияти заминавӣ ташаккул ёфт:

- асарҳо бо сохторҳои яққисма, силсилавӣ ва бузургсилсилаҳои дорои моҳияти назариявӣ;
- услубҳои асосии шаклсозии дохиликомпозитсионӣ;
- услубҳои нави силсилабандӣ дар робита бо қавонини назми классикии форс-тоҷик;
- меъёрҳои асосии муайянкунии жанрӣ;
- пайдоиши талқиноти мусиқавии жанрҳои назмӣ.

Ибтикорҳои эҷодӣ-илмии Мавлоно Кавкабӣ дар фарҳанги тоҷикон васеъ густариш ёфт. Яке аз чунин мисолҳоро бо ҷо доштани куллият дар фалаки кулобӣ дидан мумкин аст. Ин ҷо Фалаки Роғӣ дар усули равона асос ёфта, дар силсилаи чорқисмаи худ системаи назарии Фалак – чормуқомро зоҳир менамояд. Пайдоиши жанри Фалаки Роғиро ба асрҳои XVII-XVIII мепайванданд. Феълан, Фалаки Роғӣ шакли садоии системаи чормуқом аст. Бояд гуфт, ки ду авҷи зебое, ки, хусусан, дар фаъолияти устодони бузурги аввали асри XX сермаъмул гардид, ва имрӯз ҳам дар ҳукми анъана қарор дорад, маҳз дар қисмҳои Фалаки Роғӣ нишон дода мешаванд[157]. Ва Фалаки Роғиро дар анъанаи фалаки кулобӣ «фалаки аслӣ» меноманд.

[157] Таҳлили муфассали он дар китоби дуюм («Назария») оварда хоҳад шуд.

Хусусияти дигари фаъолияти Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалӣ Чангӣ дар он аст, ки вазъи фарҳангӣ-иҷтимоӣ, сатҳи таълим дар мактаби устод-шогирд, сатҳи назарияи мақомотро дар набзи замони худ қабул кардаанд. Дарвешалӣ Чангӣ бо фаъолияти худ

- нахустин китоби дарсии «Таърихи мусиқӣ»-ро дар пайравии меофарад (рисолаи мусиқӣ, бобҳои марбута);
- роҳу фаъолияти эҷодии навозандагон, сарояндагон ва бастакоронро нахустин бор илман таҳқиқ мекунад;
- анъанаи тазкираи адабиро ба мусиқишиносӣ ворид мекунад;
- ташаббуси Мавлоно Кавкабиро бо фаъолияти худ идома медиҳад (ҳам дар илми мусиқӣ, ҳам дар мактаби устод-шогирд).

Албатта, барҷастатарин комёбии Мактаби ҳунарии Бухоро бо пайдоиши Шашмақом вобаста аст. Ва фаъолияти таблиғгаронаи Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалӣ Чангӣ ба пайдоиши он мусоидат намуд.

Хулоса, мухтасар хусусиятҳои давраи сеюми тараққиёти мақомотро чунин натиҷагирӣ кардан равост:

- ба мукаммалгардонии заминаи неруманди илмӣ ва эҷодии Мактаби ҳунарии Бухоро намояндагони Мактаби ҳунарии Ҳирот саҳмгузорӣ карданд;
- равияҳои фаъолияти эҷодӣ, омӯзгорӣ ва илмии Мавлоно Кавкабӣ аз ақидаҳои мусиқавӣ-назарии Мавлоно Ҷомӣ маншаъ мегиранд;
- мусиқӣ ҳамчун санъати латиф, санъати шариф ва манбаи маънавии ҷомеа устувор гардид;
- системаи нави мақомоти – Шашмақом ба вуҷуд омад;
- сози бунёдӣ-системавии мақомот нав шуд. Он танбӯр интихоб гардид;
- заминагузорӣ ба радабандии мусиқишиносӣ, аз ҷумла, тақсимшавии он ба шохаҳои назарӣ ва таърихӣ, дар илми мусиқӣ ва таълими мусиқӣ зуҳурот пайдо намуд;
- рисолаи нав дар мақомот пайдо шуд, ки он рисола-баёз мебошад;
- дар давраи шуравӣ, нобоваста ба асоси нави иҷтимоӣ-идеологӣ, мавқеи арзишманди Шашмақомро намояндагони ҳамин мактаб ноил гардониданд: сабти нотавии ин бузургсилсиларо ба амал оварданд (нашри устодон); рисола-баёзро бо назардошти матни нотавӣ таҳия намуданд («Баёзи Шашмақом»-и устод Ф.Шаҳобов), насли нави сароянда, навозанда, бастакор ва мусиқишиносро тарбия намуданд (ансамбли шашмақомхонони радио ва ТВ), шунавандаи Шашмақомро тарбия намуданд (барномаҳои радиоӣ ва телевизионии устод Ф.Шаҳобов).

Мактаби классикии Шашмақом дар таърихи мақомоти тоҷик нақши пурарзиши худро хеле ҷасурона гузошт.

ФАСЛИ ПАНҶУМ
ШАШМАҚОМ ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ
(солҳои 1922 – 1991)

V.1. Вазъи Шашмақом дар нимаи аввали асри XX

Дар асри XX вазъи Шашмақом, фарҳанги тоҷик дар умум, бо вазъи сиёсии тоҷикон мустақим вобаста гардид. Баъди забт кардани Осиёи Марказӣ Русия аз нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX дар сиёсати худ якчанд самтҳои асосиро интихоб кард ва барои амалӣ кардани онҳо чунин қарор гирифт:

1. «мустамликадорони рус барои турк кардани тоҷикон ҳамаҷониба кӯшиданд» ва «.. муборизаи байни ду қавм – ориёӣ ва муғул, ки аз азал дар Осиёи Миёна ҷо дошт» (А.Гребенков), дар асри XX бо раванди турконидани тоҷикон авҷ гирифт, ҳол он ки «то истилои рус ... ... унсури эронӣ бартарӣ дошт ва дар турконидани мардум Русия пешрафтҳои зиёд кард» (В.Бартолд). Тарси асосии Русия аз он буд, ки « .. халқи тоҷики дорои анъанаҳои куҳани давлатдорӣ метавонист ба сиёсати мустамликадорон муқобилият нишон бидиҳад.. » [190, с.15].

Дар ибтидои ҳукумати шуравӣ низ на шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, ки ҳамчун марказҳои фарҳангӣ ифтихори тоҷикон буданд, ба тоҷикон расиданду на мусиқии бисёрасраи мақомот профессионалӣ шуморида шуд (дар ин бора нигаред ба параграфи I.2. ҳамин китоб). Дар ибтидои асри XX санъати мақомот бо роҳи анъанавии худ дар фарҳанги тоҷикон рушд меёфт. Зимни он мактабҳои гуногуни ҳунарии минтақавӣ, маҳаллӣ ва авлодӣ фаъолият мекарданд. Дар рушди чунин мактабҳои гуногунмартаба мустақилияти маҳаллӣ ва умумияти минтақавӣ мушоҳида карда мешуд. Мактаби ҳунарии Бухоро барои тоҷикон мақоми Мактаби мусиқии классикиро дошт. Вале мардуми тоҷик ҳам дар водӣ ва ҳам дар кӯҳистон, новобаста ба принсипҳои ягонаи системаи мақомот, жанрҳои мақомии худро дар ҳар маҳал ба таври худ, бо лаҳҷаи худ рушд медод. Падидаи мақом байни ҳамаи тоҷикон вуҷуд дошт.

Мусиқии мақомот – инъикосгари тафаккури баланди мусиқавии мардуми тоҷик буд. Аз ин рӯ, хусусияти мазкур гунаҳои мақомотро бевосита ба шуғли маънавии устодони мардумӣ, зиёиёни минтақа ва маҳал табдил медод. Ин санъат (новобаста ба макон) ҳамаро аз мардуми одӣ то аҳли дарбор, аҳли маконҳои хоннишину мирнишину бекнишин фаро мегирифт. Дар ибтидои қарни XX Шашмақом дар дарбори амири Бухорову Самарқанд, мақомҳои маҳаллӣ дар марказҳои собиқ хонигарии водии Фарғона – Хуҷанд, Истравшан, Исфара ва диг. ва водиҳои Зарафшон,

Ҳисору Қаротегину Дарвоз маъмул буданд. Дар кӯҳистони Кулобу Бадахшон, дар ҳудуди маконҳои бекигарии Кулобу Балҷувон, Ишкошим ва диг. рушди фалак зимни ғазалсароиву рубоихонӣ ба авҷи худ расида буд. Идеологияи шуравӣ ин хусусияти «дарбор»-ии мақомотро асос карда, онро аз халқ дур ҳисобида, омӯзиши мақомотро дар системаи таълимии давлатӣ манъ кард. Якбора ин маънои онро пайдо кард, ки фаъолияти мактабҳои суннатии устод-шогирд расман қатъ мегардид (1), тарбияи насли нави мақомхонон идома намеёфт (2) ва бо аз олам гузаштани устодон падидаи маънавиёти волои тоҷикон – мақомот аз байн мерафт (3).

Намояндагони илму фарҳанг, мусиқидонону мусиқишиносон ва тамоми аҳли мусиқии воло аз пайи нигаҳдории мақомоти тоҷик гардиданд. Шашмақомро бояд ҳифз мекард. Қадамҳои асосии ин саъйю кӯшишҳо дар атрофи нигаҳ доштани матни Шашмақом (1), ҳифзи ҳунари мақомхонӣ (2) ва анъанаҳои илмии он (3), мутобиқ намудани мақомоти тоҷик ба меъёрҳои мусиқавии нав (4) зоҳир гардид. Бахри ба мақсад расидан амалҳои сабти хаттии матни мусиқавӣ (сабти нотавӣ), таъсиси институти нави фарҳангӣ-иҷтимоии мақомхонон (ансамбли мақомхонӣ), инъикоси илмии Шашмақом (баёз) ва пас аз даҳсолаҳо шакли нави талқиноти мақом (мақоми симфонӣ) ва ниҳоят ба системаи таълим даровардани омӯзиши мақомро мебояд амалӣ гардонид. Вале ҳамаи ин самтҳо тадриҷан ва дертар, дар асри XX амалӣ гардиданд.

Ҳукумати шуравӣ оҳиста-оҳиста дар сарзамини тоҷикон пойдор мегардид, вале ҳоло на дар кӯҳистон, балки дар марказҳои он. Аз ин рӯ, ҳама рӯ ба Бухорову Самарқанд буд, зеро хабарҳои нав аз он ҷо мерасиданд.

Соли 1918 дар Тошканд аввалин муассисаи таълимии мусиқӣ – Консерваторияи мардумии Туркистон[158] ҳамчун қисми таркибии Университети халқии Туркистон таъсис гардид. Дар солҳои 20-ум вазъи омӯзиши мусиқӣ дар шаҳрҳои маркази тоҷикон рӯ ба навсозӣ қарор гирифт [190, с.245]. Соли 1919 дар шаҳрҳои маркази тоҷикон Бухоро, Самарқанд ва Фарғона аввал муассисаҳои таълимии «Хонаи мусиқии меҳнаткашон» ва сониян, консерваторияҳои мардумӣ таъсис дода шуд. Онҳо дар ҳар ҷо ба маркази рушди мусиқии касбӣ табдил ёфта, вазифаҳои худро дар якчанд самт муайян карданд: тарбияи кадрҳо, тарғиби мусиқӣ, фаъолияти фарҳангӣ-равшаннамоӣ дар байни мардум. Дар вазъи

[158] Туркистон – минтақаи таърихӣ-ҷуғрофӣ дар Осиёи Марказӣ дар асрҳои XIX – аввали XX. Ба он масоҳати мамлакатҳои имрӯзаи Қазоқистон (қисми ҷанубӣ), Қирғизистон, Туркманистон, Узбакистон ва Тоҷикистон дохил гардида буданд. Ба таъсиси он империяи Русия (аз соли 1867) мусоидат кард. Баъди сарнагун кардани Аморати Бухоро Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро ҳамчун яке аз ҷумҳуриҳои советӣ дар солҳои 1920–1924 таъсис гардид, ки воқеан масоҳати Тоҷикистон ва Ӯзбакистони имрӯзаро ба худ гирифта буд.

мураккаби солҳои 20-ум – 30-юм омӯзиши мусиқӣ аслан ба барномаи таълимии мактабҳои мусиқавии анъанаи аврупоӣ такя мекард. Вале неруи мактаби бузурги мусиқии классикии тоҷик (Бухорову Самарқанд), як қатор мактабҳои маҳаллии мақомхонӣ дар водиҳои Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Дарвозу Қаротегин ва хусусан, мактабҳои бузурги фалакхонии кӯҳистони тоҷик, дар Кулобу Балҷувон, Бадахшонро ба назар нагирифтан имконнопазир мегардид. Дар минтақаҳои аз марказ дур фаъолияти мактабҳои суннатии устод-шогирд хеле устувор боқӣ мемонд.

Соли 2021 дар Бухоро Мактаби мусиқии Шарқ расман кушода шуд. Ҳадафи асосии ин таълимгоҳ омӯзиши мусиқии суннатии тоҷик, асосан Шашмақом, интихоб гардид [64, с.110]. Омӯзиш дар ин мактаб бо услуби устод-шогирд қарор гирифт. Дар он бо истифода аз неруи устодон-мақомдонони тоҷик ҳайати аввалини омӯзгорон ташаккул ёфт. Ба он устодон Бобоҷалол Носирзода, Мирзо Назруллоҳи Танбӯрӣ, Мирзо Ғиёс (Абдуғанизода) Танбӯрӣ, Домулло Ҳалим Ибодов, Маъруфҷон Тошпулотов[159] ва дертар, устодон Шодӣ Азизов, Наҷмиддин Насриддинов, Ҳайдарқул Қаровулбегӣ, устод Тӯрақул ва дигарон ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб карда шуданд [64, с.110].

Соли 1928 дар шаҳри Самарқанд бо ташаббус ва сарварии Н.Н.Успенский Институти мусиқӣ ва хореография кушода шуд[160]. Дар маркази омӯзиши он низ омӯзиши Шашмақом гузошта шуд. Барои кор ба ин таълимгоҳ Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, Домулло Ҳалим Ибодов, Ҳоҷӣ Абдураҳмон (танбӯр), М.Харратов (чанг), А.Исмоилов (най), А. Умурзоқов (қӯшнай) ва дигарон даъват шуданд. Мақомдонони маъруфи тоҷик Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов низ дар ин таълимгоҳ зери роҳбарии Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, Домулло Ҳалим Ибодов, Ҳоҷӣ Абдураҳмон (танбӯр) омӯзиши Шашмақомро идома доданд.

Фаъолияти пажӯҳишгоҳ (номи расмии он – Институти мусиқӣ ва хореография) «..чор равандро дар бар мегирифт: а) тадқиқотӣ; б) педагогӣ; в) нашрӣ; г) таҷрибаи намунавӣ» [190, с.253]. Ин институт вазифаи ҳам таълимгоҳ ва ҳам пажӯҳишгоҳро иҷро мекард. Ҷараёни таҳсил шиносоӣ бо анъанаҳои мусиқии суннатии якчанд маҳалро фаро мегирифт. Сарвари он Н.Н. Миронов аз дарсҳои мусиқӣ-назарӣ дарс медод. Зеро ки ба барномаи таълимӣ дар баробари тахассусҳои мусиқии классикии мақом, инчунин синфҳои фортепиано, скрипка, виолончел, кларнет барин асбобҳо ворид буданд.

---

[159] Хотироти М.Тошпулотов ва Н. Насриддинов. Дастхат дар Фонди Институти санъатшиносии АИ Ӯзбакистон маҳфуз аст [64, с.110].

[160] Фаъолияти ин таълимгоҳ муддати кӯтоҳро дар бар гирифтааст: 1928–1931, баъзеҳо 1928–1932-ро қайд мекунанд. Дар баробари фаъолияти таълимӣ, ба уҳдаи ин Институт вазифаи пажӯҳишӣ низ вогузор карда шуд [64, с.111].

Ҷиҳати фаъолияти нашрӣ ҳам дар он «асарҳои мусиқии мардумӣ ва классикӣ ҷамъ оварда шуданд.. ...дар солҳои фаъолияти институт ҳамагӣ 500 асари мусиқӣ сабт гардида, қисми зиёди он ба нота сабт гардонида шуд» [190, с.253]. Ин институт ҳамагӣ якчанд сол фаъолият карда бошад ҳам, саҳми он ба рушди мусиқии академӣ ва мусиқии Шашмақом дар шароити нав хеле бузург буд[161].

Аз аввали солҳои 20-уми асри XX Мактаби мақомхонони Душанбе дар асоси мактаби маҳаллии водии Ҳисор тадриҷан пурратар мегардад. Соли 1929 гурӯҳи мусиқӣ-драмавӣ аз Бухоро дар ҳайати дуторӣ Шараф Бақоев, Муҳиддин ва Бадеъ Наҷмиддиновҳо, Солиҷон Мирхонов, Тоҳирҷон Давлатзода, танбӯрӣ Маъруфҷон Тошпулотов ба Душанбе бо сафари ҳунарӣ омаданд [190, с.256]. Ва чунин сафарҳои ҳунарӣ кам набуданд. Дар солҳои 30-юм ба Душанбе барои фаъолияти доимӣ як гурӯҳ ҳунармандон аз Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Эрон ва дигар шаҳру ноҳияҳо омаданд, аз ҷумла, Тоҳир Давлатзода (дутор), Бадрӣ Наҷмиддинов, Ҳайдар Ҳакимов (ғиҷак), Зуҳур Бурҳонов (танбӯр), З. Қаландаров (най), Усто Пӯлод (П.Аҳмадов), Ғуломҷон Бобо (Ғ.Ҳусейнов), Ғулом Ризо Баҳор [190, с.256].

Ҳамин тавр, неруи бузурги мусиқавӣ-маънавии шаҳрҳои куҳани тоҷик Самарқанд ва Бухоро дар ибтидои асри XX ба санъати мусиқӣ (ва на танҳо мусиқӣ!)-и ҳам Тоҷикистон ва ҳам Узбакистон заминагузорӣ намуд. Новобаста ба натиҷаи табартақсими соли 1924, марказҳои фарҳангии таърихии тоҷикон Самарқанд ва Бухоро то соли 1929 иҷрои вазифаи худро ҳамчун марказҳои фарҳангӣ барои Тоҷикистон идома медоданд. Натиҷаи бозиҳову найрангҳои сиёсӣ, тақсимоти беадолатонаи солҳои аввали шуравӣ, додани шаҳрҳои ободи тоҷикон Бухорову Самарқанд ба Ӯзбакистон – ин ҳама Тоҷикистонро тороҷ кард. Тавре ки бо сӯзи ҷигар академик М.Шакурӣ қайд мекунад: «Тоҷикистон ягона ҷумҳурии шуравие буд, ки як шаҳр (ҳам) надошт (ва инро як намуна аз беинсофию худсарии роҳбарони шуравӣ бояд ба шумор овард)» [198, с.44]. Он замон тақдири халқи тоҷик, яке аз қадимтарин ва бафарҳангтарин халқи Осиёи Марказӣ, бо чунин дилсардӣ ҳаллу фасл гардида буд.

Мактаби ҳунарии Бухоро – мактаби ҳунарҳои бадеии мардуми тоҷик, махзани ақливу зеҳнии тоҷикон, дар симои Мактаби классикии мусиқии тоҷик /Мактаби классикии Шашмақом пайваста ба пойтахти нави тоҷикон неруи ҳунарии худро мегузаронд. Ба гуфтаи устод Фазлиддин Шаҳобов, ақидаву овардаҳои ҳамзамонону муҳаққиқон, дар баробари ҳунари иҷрокунандагӣ, равандҳои зерини фаъолияти эҷодии

[161] Соли 1932 ин донишкада ба шаҳри Тошканд, ки аз соли 1930 пойтахти РСС Ӯзбакистон эълон гардида буд, кӯчонида шуд. Он ба институти санъатшиносии ба номи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ замина гузошту неруи педагогии он дар Консерваторияи давлатии Тошканд низ истифода бурда шуд.

намояндагони Мактаби классикии Шашмақомро ҳамчун асосӣ қайд кардан мумкин аст:

- *омӯзгорӣ*
- *бастакорӣ*
- *мактабгузорӣ* (асосгузорӣ)

Дар алоҳидагӣ овардани иттилоеро дар бораи ҳар яке аз паҳлуҳои фавқуззикри ин Мактаби классикӣ мувофиқи мақсад мешуморем.

1.

Фаъолияти намояндагони Мактаби классикии Шашмақом ба мардум кушода ва хеле наздик буд. Зеро ки ҳар як баромади онҳоро мардум мушоҳида карда, байни худ «муҳокима» мекард. Маҳорати шашмақомхонон байни мардум зуд маълум гардида, баҳогузорӣ мешуд. Ҳамин тариқ, шунавандагон ба устодон зуд шинос шуда, мухлиси онҳо мегардиданд. Дар туйю тамошо пешакӣ талаботи худро бо ин ё он устод маслиҳат мекарданд. Мардум медонист, ки аз кадом шашмақомхон чиро интизор шавад. Ин шиносоӣ бо устодон-шашмақомдонону шашмақомхонон ба мухлисон имкон медод, ки бо ҳунари волои онҳо бештар шинос шуда, фаҳмиши нави шашмақомфаҳмиро пайдо карда, талабгори кадоме аз онҳо гардад. Яъне ҳамаи паҳлуи фаъолияти эҷодии ҳар як устод-сарояндаву навозандаи Шашмақом ба мардум айён буд. Ва ҳар яки онҳо ба мардум хизмат мекарданду талоши пазируфтани ҳунари худро доштанд. Байни ҳунарманд ва шунаванда робитаи хеле шаффофу самимӣ пойдор гардида буд.

Вазъи Мактаби классикии Шашмақомро устод Фазлиддин Шаҳобов чунин шарҳ додааст: «Дар аввалҳои асри XX аз устодони забардасти Шашмақом, ки ҳамаи ин фонди тилоии мусиқии классикии халқи тоҷикро мукаммал ва муфассал медонистанд ва чанд ҷузъе аз худашон ҳам дар ин ганҷинаи пурбаҳо ҳамроҳ карда, такмил ва тартиб дода буданд, инҳо мебошанд: Бобоҷалол Носиров, Мирзо Назруллоҳ Файзуллоев, Мирзоғиёс (Абдуғанизода – Ф.А.), шогирди якумини Бобоҷалол – Усто Шодӣ» [201.III, с.54]. Дар чунин вазъ ҳар сеи ин устодони кул(л) аз пайи тарбияи шогирдон буданд: «...Устодони бузургмаҳорат.. .. ба худашон пайрав ва шогирдҳо ва муқаллид ва ҳамравияҳо низ доштанд, аз он ҷумла инҳоро номбар кардан мумкин аст: Қорӣ Камол, Қорӣ Наҷм, Усто Тоҷӣ, Абдул Самадбек, Домулло Ҳалими Савт Ибодов, Левӣ Бобохонов ва шогирди ӯ Михаил Толмас, Ҳоҷӣ Абдураҳмон Умаров, Маъруфҷон Тошпӯлодов, Атоҷони Заргар (танбӯрӣ) ва дигарон...» [201.III, с.54]. Тибқи талаботи мактаби суннатии устод-шогирд ҳар устод аз шогирд пурра аз худ кардани ҳамаи ҳунар ва санъати ба ӯ таълим додашударо металабид. Вале, албатта, на ҳар шогирд ба ин сатҳи омӯзиш расида метавонист.

Солҳои аввали асри XX Бобоҷалол Носирзода ҳамаи Шашмақомро аз худ карда, устоди кулли Шашмақом гардида буд. Ӯ на танҳо ҳамаи қисми насрро бо танбӯр месароид, балки қисми мушкилотро ҳам пурра медонист [170, с.33]. Ин устоди бузург дар Мактаби мусиқии Шарқ (ш. Бухоро, соли таъсис 1921)[162] ба Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов дарс додааст. Бобоҷалол Носирзода ҳам ба нахустсабти граммофонӣ (1909–1913) ва ҳам ба сабти аввалини нотавии Шашмақом [205] дар Ҷумҳурии Халқӣ Шуравии Бухоро[163] (1920) ҷалб карда шуд.

Устод Мирзоғиёс Абдуғанизода Шашмақомро банд-банд медонист ва асоси лаҳнӣ, сохторӣ, зарбии Шашмақом, унсурҳои таркибии онро тибқи назарияи амалӣ муфассал мефаҳмонд. Дар Мактаби мусиқии Шарқ яке аз устодони он интихоб гардид. Ва дар он ҷо ба Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов дарс медод. Яке аз шашмақомдонест, ки барои нашри нахустини нотавӣ (1924) Шашмақомро аз ӯ низ сабт намуданд [205].

Ҳофизи бузурги Шашмақом Домулло Ҳалим Ибодов овози тенор дошт, ки дар регистри баланд ба алтино табдил меёфт (си-бемоли октаваи якум то ми октаваи дуюмро озодона месароид). Ин овози хеле шаффофи дилкаш мухлисони зиёдеро пайдо карда буд. Ӯ ҳар як садоро бо эҳсосоти хосса месароид. Домулло Ҳалим Ибодов ба сурудани «савт» бештар майл дошт. Ва бо савтхонӣ машҳур гашта, маҳбуби мардум гашта буд. Аз ин рӯ, ӯро Домулло Ҳалими Савтӣ меномиданд. Ӯ бо сароиши хеле тозаву мулоим пассажҳои дурударозро бе монеа озодона месароид. Маҳорати сарояндагии ӯ бар замми дороии нафаси дарозтарин (то 25 сония) ва майдони садоии хеле фарох, ӯро ҳамчун яке аз ҳофизони беназири замон шуҳратманд кард [170, с.41]. Дар нахустамали сабти граммофонии Шашмақом сароиши ӯ низ сабт шудааст. Сатҳи дониши мақомдонӣ ва маҳорат ба ӯ имкон дод, ки аввал дар Мактаби мусиқии Шарқи шаҳри Бухоро, сониян, солҳои 1928-1930, дар Институти мусиқӣ ва хореографии Самарқанд фаъолияти омӯзгорӣ барад. Дар ин таълимгоҳ Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов низ аз ӯ сабақ омӯхтаанд.

Усто Шодӣ Азизов (1888–1942) бо дойра ба худ такнавозӣ мекард. Ӯ дар деҳаи Муғулони ноҳияи Ғиждувон дар оилаи ҳунарманд Собир ба дунё омадааст. Падари Усто Шодӣ Азизов низ сароянда ва дойрачии моҳир буд.

---

[162] Аз соли 1923 – Техникум (дертар – омӯзишгоҳ)-и мусиқавии шаҳри Бухоро [64, с.111].

[163] Соли 1920 дар қаламрави Тоҷикистон ва Ӯзбакистони имрӯза Ҷумҳурии Халқӣ Шуравии Бухоро (ва аз сентябри соли 1924 – Ҷумҳурии Советӣ Сотсиалистии Бухоро, ҳамагӣ аз як моҳ зиёдтар вуҷуд дошт) таъсис ёфт. Кашмакашиҳои зиёди сиёсӣ-пантуркистӣ-шуравӣ вазъи ҷумҳуриро хеле хароб карда буданд. Ҳокимияти навро ҷавони 24-солаи тоҷик (ҷадид) Файзулло Хӯҷаев, писари тоҷири бойтарин (баъди худи Амир)-и Аморати Бухоро роҳбарӣ кард. Вале ақидаҳои ӯ ҳам пантуркистӣ шуда буданд. Аз ин рӯ, фаъолияти ӯ низ ба миллати тоҷик ягон суде наовард.

Дойразании ӯ касро ба ҳайрат меовард. Ва бинобар ин мардум ба ӯ лақаби «Собир-сафолак» (ба маънои «Собир-виртуоз»)-ро дода буд. Ба гуфтаи писари сароянда Сулаймон Шодиев, бобокалони ӯ Азиз Азимов серфарзанд, вале камбағал буд. Бо ин сабаб ӯ набераи калонӣ Шодиро ба кор ба чойхона супорид. Писарак, ҳарчанд ки дар мактаб нахонда буд, вале хотираи хуб, лаёқати баланди мусиқавӣ дошт ва дар ҳамкорӣ бо сарояндагону навозандагон зуд мусиқӣ ва рақсро аз худ мекард. Аз синни 12-солагӣ ӯро ба дарбор оварданд ва тарбияи ӯ ҳамчун сароядаи касбӣ оғоз гардид. Дар ин ҷо аввал найнавозӣ ва буламаннавозиро омӯхт. Сониян, касби шашмақомхониро аз устодони кул(л) Бобоҷалол Носирзода ва Мирзоғиёс Абдуғанизода ёд гирифта, тадриҷан маҳорати баланди сарояндагиро аз бар намуд. Ҳамзамонони ӯ мегӯянд, ки Усто Шодӣ Азизов бе таваққуф се-чор соат мехонд. Ва ӯ чунон мехонд, ки шунавандаро ҳамдами худ мегардонд.

Маъруфҷон Тошпӯлодов/ Маъруфҷони Танбӯрӣ (1897–1970) танбӯрӣ ва сатонавози моҳири тоҷик, ки дар сабақҳои устод Мирзо Абдукарим Вобкандӣ (с.ф.1931), яке аз танбӯр/сатонавозони бузурги замон, тарбия ёфтааст. Дар унфувони ҷавонӣ малакаву маҳорати ин ҳунарро бо услуби навозандагии устодаш ба даст оварда, сипас, ҳунари навозандагиву сарояндагиро дар Бухоро, назди устодони бузург Бобоҷалол, Мирзоғиёс, Мирзо Назруллоҳ ва диг. сайқал дода, байни аҳли Бухоро машҳур гардидааст. Ӯ нисбат ба устоди худ эҳтироми бузург дошт ва аз дороии услуби «пешина»-и худ ҳамеша ифтихор мекард. Маъруфҷон Тошпӯлодов аз зумраи он навозандагоне буд, ки анъанаи навозандагии худро тавонист то охири умр беосеб нигоҳ дорад. Дар Мактаби мусиқии Шарқи Бухоро ба Фазлиддин Шаҳобов аз сато дарс дода, маҳорати навозандагии ӯро мукаммал гардондааст. Дар ҷараёни сабти нотавии мушкилоти мақомҳо ба Юнус Раҷабӣ (ш.Тошканд) кӯмак расонидааст.

Дар аввали асри XX ҳофизони зиёди Шашмақом дар Бухоро ва атрофи он фаъолият мекарданд. Онҳо хеле серталаб ва риоякунандаи анъанаҳои асили шашмақомхонӣ буданд. Ин шашмақомхонон, ҳарчанд ки аз беҳтаринҳо набошанд ҳам, онҳо бо фаъолияти худ аслияти Мактаби классикии Шашмақомро (бо иҷрои қавонини иҷрокунандагӣ) неруманд мегардониданд. Аз зумраи чунин сарояндагон Усто Яраш, Эргаш Чаппа (ҳар ду аз Ғиждувон), Ислом Кӯкнорӣ ва писари ӯ Барзу (аз Хороҷон), Усто Хоҷӣ (аз Янги Работ), Усто Идӣ ва шогирди ӯ Муҳаммадқул (аз Шӯрча), сароянда ва дойрачии моҳир Усто Рустам-Даҳан (аз Ғиждувон), Шаробхон Танбӯрӣ (аз Вобканд) ва дигарон буданд [132]. Ин сарояндагони музофотӣ барои омӯзиши таҷрибаи ғановатманди ин мактаб, дороии малакаву маҳорати баланд мекӯшиданд, кор мекарданд ва анъанаҳои асили онро ҳифз менамуданд.

Яке аз онҳо Карим Ҳафизов (1868–1928) аз Булакиёни Ғиждувон бо меҳнати ҳамарӯзааш аз Левича, Усто Шодӣ ва хусусан, аз Ҳоҷӣ Абдулазиз маҳорати сарояндагиро хуб омӯхтааст. Ҳофизи бузург Ҳоҷӣ Абдулазиз (Абдурасулов) хусусиятҳои овозии ӯро ба назар гирифта сурудҳоро барои ӯ интихоб мекардааст. Ба гуфтаи ҳамдеҳони булакиёнии ӯ (сароянда Солеҳ Олимов ва чӯбтарош Якуб Обидов) боре (солҳои 1916–1917) сарояндагии Карим Ҳафизовро миршаби дарборӣ шунида, ба ҳайрат монда, дар бораи ӯ ба дарбор хабар додааст ва Карим Ҳафизовро ба муддати се моҳ ба дарбор бурдаанд, то ки аз сарояндагии ӯ дар базмҳои дарборӣ амир ҳаловат барад.

Карим Ҳафизов танбӯрро чунин менавохтааст, ки ин асбоби мусиқӣ мисли одам гӯё мешудааст [132]. Ҳофизи бомаҳорат (услуби ишкамӣ) ва хоксор соатҳои дароз метавонист бо иқтидори овози худ дар туйю маърака-ҳо сарояндагӣ ва танбӯрнавозӣ бикунад. Ва аз ин овози ӯ хаста намешуд. Карим Ҳафизов ҳафт бародар доштааст. Ҳамаи онҳо дар як ҳавлии калон зиндагӣ мекарданд ва аз як дег хӯрок мехӯрданд. Ин иттифоқии бародарон дигаронро ба ҳайрат меовард [132].

Карим Ҳафизов шогирдони зиёдро тарбия кардааст, аз ҷумла, Бафо Халилов, Ато Халилов, Солеҳ Олимов, Ато Бақоев[164]. Соли 1960 Солеҳ Олимов ягона аз шогирдони Карим Ҳафизов дар ҳаёт будааст. Ва новобаста ба синну сол Солеҳ Олимов асарҳои машҳури мақомро, аз ҷумла, «Ушшоқ», «Ироқ» ва баъзе шуъбаҳоро аз худи Шашмақом бомаҳорат ба ӯ сароид. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки устодаш овози ӯро «дуруст шинондааст», тарзи дурусти садобарории ишкамиро ёд додааст. Ин аст, ки то дар ҳаёт буданаш, ҳатто дар синну соли пирӣ, ӯ маҳорати сарояндагиашро гум накардааст.

Дар ин ҷараён эҷодиёти шашмақомдонону шашмақомхонони бузурги миёнаи асри XX Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов ба таври куллӣ шукуфт. Фаъолияти эҷодии асосгузории ҳар сеи онҳо бо пойтахти нави тоҷикон, шаҳри Душанбе, вобастагӣ дорад (дар ин бора дар поён муфассал хоҳем овард).

Ҳофизи номдору маҳбуб Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов (1852–1936) яке аз шоҳсутунҳои ҳунари мақомхонӣ ба шумор меравад. Ӯ дорои мактаби иҷрокунандагии хеле хосса буда, дар ҳунари ҳам сарояндагиву навозандагӣ (дутор, танбӯр) ва ҳам бастакорӣ хеле фаъол буд. Ӯ аз зумраи он ҳунармандон буд, ки ба қисмҳои таркибии Шашмақом нававориҳои зиёд медаровард. Осори ӯ жанрҳои гуногуни мақомиро дар бар мегирад. Асарҳояш, аз қабили «Бозаргонӣ», «Гулъузорам», «Ушшоқи Самарқанд» дар давраи ҳаёти устод ҳамчун намунаҳои классикаи тилоии мақомхонӣ

[164] Ин маълумотро дар бораи Карим Ҳафизов санъатшинос Низом Нурҷонов аз суҳбат бо Солеҳ Олимов соли 1960 дарёфт намудааст [132].

баҳогузорӣ шуда, дар амалияи мусиқии мақомхонии ибтидои асри XX мавқеи устуворро пайдо кардаанд. Устод Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов намояндаи асили мактаби классикии Шашмақом аст. Ӯ дорои овози баландтарину дилнишине буд. Дар рафти нахустсабти граммофонии Шашмақом аз ӯ 20 асарро сабт намуданд.

Устод Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов аз ибтидо то бастани Институти мусиқӣ ва хореография дар Самарқанд таҷрибаи бузурги худро ба шогирдон омӯзонидааст. Шогирдон-хатмкардагони Мактаби мусиқии Шарқи Бухоро ҷавонони лаёқатманди тоҷик Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов ҳам бо дигарон ба Самарқанд омаданд. Онҳо асрори мақомдониву мақомхонии худро аз донишу ҳунари сеҳрноки устоди бузург Ҳоҷӣ Абдулазиз пурра гардонида, бо хусусиятҳои мактаби ӯ ба хубӣ шинос гардиданд. Ин хусусият дар он буд, ки Ҳоҷӣ Абдулазиз дар Шашмақом навовариҳои зиёдеро дароварда, сурудани услуби нави баъзе шуъбаҳои онро пешниҳод мекард (1), асарҳои нав эҷод менамуд (2) ба эҷоди асар (дар пайравии Шашмақом) таваҷҷуҳи хосса дода, маҳорату малакаи шогирдро дар ин равияи эҷодӣ бедор мекард, роҳу равиши онро меомӯзонд. Баъди бастани ин таълимгоҳ ӯ дар ҳудуди мактаби худ ба таври устод-шогирд фаъолият карда, тарбияи шогирдонро идома медод.

Ӯ шогирдони зиёдеро дошт ва дар ҳаёти фарҳангии Самарқанду Бухоро ва дигар шаҳру ноҳияҳои атроф хеле фаъол буд. Нуфузи санъати баланди Ҳоҷӣ Абдулазиз ва саҳми бевоситаи ӯ дар тарбияи шогирдон аз водии Ҳисор низ бузург аст. Ба ин водии зарнисор ӯ аҳаммияти хосса дода, тез-тез дар туйҳои хонаводагии ин мардум ширкат меварзид. Зеро ки мардуми Ҳисор санъати баланди ӯро бениҳоят арзишманду воло мешумориданд, ӯро тез-тез таклиф мекарданд ва аз иштироки ин ҳофизи камназир дар туйю тамошоҳои худ бениҳоят ифтихорманд мегардиданд [169]. Ҳофизи бузург ба тарбияи шогирдон аз ин макон низ таваҷҷуҳи хосса медод. Ба назди ӯ довталабони зиёд меомаданд, ки хоҳиши омӯзиши сабки ӯро доштанд. Хоҳишмандони зиёде назди ӯ сабақомӯзӣ мекарданд.

Ҳофиз ва дуторчӣ Саидхони Ҳисорӣ дар мактаби устод-шогирдии Ҳоҷӣ Абдулазиз солҳои 1915–1922 таҳсилро сар карда, баъди дар Самарқанд шогирди ӯ шудану асрори ҳунарро аз устод ёд гирифтан, соли 1932 ба Ҳисор баргашт. Ӯ дар ансамблҳои театри драмавии ба номи А.Лоҳутӣ ва сониян, дар ансамбли ҳофизони Филармонияи давлатии Тоҷикистон бо сарояндагону навозандагон, ба монанди Пир Садиров, Муҳиддин Мавлонов, Чол Суламаев, Акашариф Ҷӯраев, Абдулмаҷид Ҳомидов кор кардааст [169, с.71].

Саҳми шогирди дигари Ҳоҷӣ Абдулазизи бузург – Қорӣ Неъмати Савтӣ (1890–1947) дар тарбияи мақомхонони шаҳри Панҷакент хеле

намоён аст. Ӯ мақомхонони номии ин маҳал Искандар Бобоев, Шариф Акрамро тарбия карда, анъанаи мактаби маҳаллии Панҷакентро мукаммал гардонидааст. Дар навбати худ онҳо низ мактабҳои авлодии худро сохта, ба мактаби маҳаллии мақомхонӣ саҳм гузоштаанд.

2.

Фаъолияти бастакорӣ дар Мактаби классикии Шашмақом бахри зинда нигаҳ доштани Шашмақом дар баробари ҷараёни таълим ҳамеша фаъол буд. Маълум аст, ки хусусан, дар шароити шифоҳии таҳсил муҳиммияти ин паҳлуи фаъолият якчанд меафзояд.

Баъди муаррифӣ шудан ва дар амалия пазируфтани Шашмақом ҳамчун системаи нав дар мақомоти тоҷик дар охири асри XVIII намояндагони Мактаби классикии Шашмақом дар тули асри XIX Шашмақомро ҳамчун силсилаасар хеле такмил доданд. Ҷараёни пуравҷи фаъолияти эҷодӣ ба пайдоиши шуъбаҳои дохилии нав ба нав овард. Ба гуфтаи устод Ф.Шаҳобов ин анъана ҳатто дар аввали асри XX ҳам дар авҷи рушд қарор ёфта буд [201.II, с.82]. Ӯ қайд мекунад: «Устод Ҳоҷӣ Абдулазиз бисёр оҳангҳоро суфта кардааст. Чунончи, аз ҳавоҳои машҳури Шашмақом «Ироқ»-ро, ки дар асл хеле дароз буда, бароварду фуровардҳои зиёди дилгиркунанда дошт, Ҳоҷӣ-ака сабук ва форам карда, ба вай авҷу аксҳои нав даровард. Ғайр аз ин аз фаслҳои Шашмақом ва оҳангҳои халқӣ «Ушшоқ», «Бебокча», «Чапандози Наво», «Шаҳнози Гулёр», «Каримқулбегӣ», «Абдураҳмонбегӣ», «Насруллоҳии Бузург» ва монанди инҳоро чунон устодона тағйир дода, ба завқи шунавандаҳои худаш мувофиқ кард, ки то ҳоло онҳо бо ному услуби Ҳоҷӣ Абдулазиз шуҳрат ёфтаанд» [201.II, с.82].

Устоди дигари Шашмақом Қорӣ Камол «Ташниз», «Қалъабандӣ» ва «Гиряи қаззоқ»-ро аз нав сохта, онҳоро суруд кардааст [201.II, с.82].

Дар таҷрибаи эҷоди асар оҳангҳои Шашмақом ҳам манбаи хубе буда, метавонистанд асоси оҳангии асарҳои нав шаванд. Инро ҳам устод Фазлиддин Шаҳобов қайд кардааст: «Аксар сарояндагон худашон дар тазмини оҳангҳои Шашмақом оҳангҳои нав эҷод кардаанд. Оҳанги машҳури Ҳоҷӣ Абдулазиз «Гулъизорам» дар асоси тағйири усули «Чапандози Ироқ» аз шуъбаи мақоми Бузург ба вуҷуд омадааст» [201.II, с.82].

Устод Фазлиддин Шаҳобов мегӯяд, ки «Баъзе устодони моҳир дар асри мо ҳам Шашмақомро такмил додаанд. Устоди кул(л) Бобоҷалол «Сарахбори Дугоҳ»-ро такмил дода, Чоргоҳ ба он (эҳтимол даровардани намуди Муҳайяри Чоргоҳро ба авҷи ин асар дар назар доранд – Ф.А.) ҳамроҳ кардааст» [201.II, с.82]. Имрӯз, аз нашри Устодон [206] маълум аст, ки дар авҷи Сарахбори мақоми Дугоҳ (яъне Сарахбори Дугоҳ), дар

баробари Авҷи Зебопарӣ ва хати *андаке аз Дугоҳ*, инчунин намуди Муҳайяри Чоргоҳ омада, баъди он қисми таркибии композитсионии фаровард ин асарро ба анҷом мерасонад. Аз ворид кардани ин авҷ Сарахбори Дугоҳ боз ҳам ҷолибтар гардидааст. Ба ҳайси мисол онро аз нашри Устодон муфассал меоварем.

Сарахбори Дугоҳ асари асосии мақоми Дугоҳ мебошад. Бо он қисми асосии овозӣ – силсилаи насри мақоми Дугоҳ сар мешавад. Мантиқи композитсионии асарҳои мақом, хусусан Шашмақом, чунин аст, ки сохтори композитсионии он аз бандҳои оҳангӣ таркиб меёбад (1), одатан банди таркибӣ-композитсионӣ аз ду хат иборат мешавад (2), ҳар дафъа қисми таркибӣ аз кадом парда (нота), ки сар шуд, бо ҳамон нота бояд ба анҷом бирасад (3). Бандҳои оҳангии Сарахбори Дугоҳ инҳоянд:

Банди якум: даромади созӣ
Банди дуюм: сархат – байт – ово
Банди сеюм: миёнхат – байт – ово
Банди чаҳорум: Авҷи Зебопарӣ (бо хати андаке аз Дугоҳ, 1а) – байт – ово
Банди панҷум: Намуди Муҳайяри Чоргоҳ (авҷи якум) – байт
Банди шашум: Намуди Муҳайяри Чоргоҳ (авҷи дуюм) – байт – ово
Банди ҳафтум: фаровард – байт – ово.

Ҳамин тавр, Сарахбори Дугоҳ ҳафт банди оҳангиро дар бар гирифтааст. Бандҳои оҳангӣ низ таркиботи худро доранд, ки дар боло қайд карда шудааст. Акнун ба таҳлили функсионалии ҳар як банди он мегузарем.

Ҳар як Сарахбор дар ибтидо оҳанги асосии мақомро бо танбӯр (дар асл чунин аст, вале дар талқиноти иҷроиш бо асбоби дилхоҳ ва ё ансамбли созӣ) навохта, сониян, онро дар иҷрои сароянда мешунавонад:



Мисоли 14. Сарахбори Дугоҳ. Даромади созӣ

Ин нахустбаёни оҳанги Дугоҳ аст. Дар ҷараёни композитсионӣ-драматургии Сарахбори Дугоҳ он функсияи даромади созиро иҷро кардааст. Оҳанги Дугоҳ асоси бандҳои мушаххас гардида, дар рафти ҷараёни композитсионӣ-драматургӣ ин мақомро муаррифӣ менамояд.

Дар нашри Устодон аслпардаи Дугоҳ нотаи ре^1 интихоб гардидааст. Банди сархат аз ду хати таркибӣ иборат аст. Дар ду хати худ ин банд оҳанги асосии Дугоҳро бо байти шеърӣ пешниҳод намуда, ба аслпардаи лаҳн-мақоми Дугоҳ – нотаи ре^1 меоварад:



Мисоли 15. Сарахбори Дугоҳ.Сархат. Байт.

Қоидаи дигари композитсия дар Шашмақом чунин аст, ки дар ҳар банди таркибӣ (масалан, сархат) баъди банди шеърӣ – ки онро байт (ба мисли воҳиди асосии ғазал – Ф.А.) мегӯянд (бештар болораванда аст), хати аксӣ (дар умум поёнраванда) меояд, ки одатан ба банди байт ҳаҷман баробар (ё қариб баробар) мешавад. Дар хати аксӣ нидоҳои «ё», «ёра», «о», «ҷона» ва ғайра истифода бурда мешаванд. Дар забони мусиқии академӣ чунин тарзи сароишро вокализмонанд (аз унвони жанри вокализ) мегӯянд. Дар Шашмақом онро ово меноманд. Новобаста аз он, ки хати аксӣ (ово) низ аз як хат иборат нест, онро одатан, рақамгузорӣ намекунанд ва бо унвони умумӣ хати аксӣ – ово ном мегиранд. Инак, дар овои сархати Сарахбори Дугоҳ ибораи аввал бо исти аслпарда – пардаи аслии Дугоҳ (ре^1) омада,



Мисоли 16. Сарахбори Дугоҳ.Сархат. Аввали ово

сонияи, ибораи дуюми ово бо исти миёнпарда (сол^1) нишон дода шуда:



Мисоли 17. Сарахбори Дугоҳ.Сархат. Идомаи ово

Таъкиди охирини аслпардаи мақоми Дугоҳ дар овои сархат бо *гиреҳбандаки аслпарда* (истилоҳи мо – Ф.А.) анҷом меёбад:



Мисоли 18. Сарахбори Дугоҳ. Гиреҳбандаки аслпарда дар овои сархат

Хусусияти миёнхати Сарахбори Дугоҳ дар табиати бифунксионалии он аст: он ҳам вазифаи миёнхат ва ҳам вазифаи дунасраро дар рафти ҷараёни композитсионӣ-драматургии асар иҷро кардааст.

Инак, хати якуми банди миёнхат:



хати дуюм – дунасраранг:



Мисоли 19. Сарахбори Дугоҳ. Миёнхат

Бояд гуфт, ки дар сархати Сарахбори Дугоҳ низ хусусияти бифунксионалии композитсионӣ мушоҳида мешавад (ниг. ба хати дуюми сархат. Дар он бо ҷаҳиши квартоии оҳангӣ ин хусусияти банд нишон дода шудааст).

Банди миёнхат ҳам айнан бо ҳамон хати аксии ово анҷом меёбад. Дар он ҳам ду хат – яке бо исти аслпарда:



Мисоли 20. Сарахбори Дугоҳ. Аввали овои миёнхат

ва дигаре – исти миёнпарда омада:



Мисоли 21. Сарахбори Дугоҳ. Идомаи овои миёнхат

бо гиреҳбандаки аслпарда анҷом меёбад:



Мисоли 22. Сарахбори Дугоҳ. Гиреҳбандаки аслпарда дар овои миёнхат

Чунин мушоҳида мешавад, ки овои миёнхат оҳангро ба қисми авҷӣ ҷиҳати регистрӣ омода намесозад. Вале хати дуюми миёнхат – дунасраранг, ин вазифаро қисман иҷро кардааст. Ин аст зарурати ворид кардани хати хосса (дунасраранг) дар миёнхат.

Инак, қисми таркибӣ-композитсионии авҷии Сарахбори Дугоҳ оғоз мегардад. Он ду намудро дар бар гирифтааст: Авҷи Зебопарӣ ва намуди Муҳайяри Чоргоҳ. Воридшавии намудҳо ҳам ба мисли бандҳои дигар аз якканавозии танбӯр (дар нашри Устодон) сар мешавад. Оғози Авҷи Зебопарӣ дар иҷрои танбӯр:



Мисоли 23. Сарахбори Дугоҳ. Авҷи Зебопарӣ. Оғози созӣ

ибтидои Авҷи Зебопарӣ:



Мисоли 24. Сарахбори Дугоҳ. Авҷи Зебопарӣ. Ибтидо

Хусусияти истифодаи Авҷи Зебопарӣ дар Сарахбори Дугоҳ он аст, ки байни хатҳои он (ибтидо ва авҷи он) хати иловагии 1а. оварда шудааст, ки он иборае аз Дугоҳ аст. Бо ин сабаб онро *андаке аз Дугоҳ* мегӯянд:



Мисоли 25. Сарахбори Дугоҳ. Андаке аз Дугоҳ дар Авҷи Зебопарӣ

Ҳарчанд он кӯтоҳ аст, вале хеле қатъӣ Дугоҳро ифода мекунад. Ин барои он ҳам зарур аст, ки дунасра функсияи пешавҷии худро пурра иҷро накарда, ба шакли дунасраранг намудор гардида буд. Сониян, хати авҷии Авҷи Зебопарӣ меояд:



Мисоли 26. Сарахбори Дугоҳ. Авҷи Зебопарӣ. Хати дуюм

Баъди ин Авҷ ово чунин сохта шудааст, ки хати аксии Авҷи Зебопарӣ боз омехта бо Дугоҳ (дар октаваи болоӣ) намудор мегардад:



Мисоли 27. Сарахбори Дугоҳ. Овои Авҷи Зебопарӣ. Аввал

сониян, ибораоҳанге бо исти миёнпарда (дар регистри болоӣ) омадааст:



Мисоли 28. Сарахбори Дугоҳ. Овои Авҷи Зебопарӣ. Идома

Ва билохира, банди аввали авҷӣ бо гиреҳбандаки аслпарда (дар регистри як октава боло, регистри авҷӣ) анҷом меёбад:



Мисоли 29. Сарахбори Дугоҳ. Гиреҳбандаки аслпарда дар овои Авҷи Зебопарӣ

Зарурати дар регистри болоӣ садо додани гиреҳбандаки аслпарда аз он аст, ки баъди Авҷи Зебопарӣ намуди дигар – намуди Муҳайяри Чоргоҳ меояд. Аз ин рӯ, байни ин ду намуд (Авҷи Зебопарӣ ва намуди Муҳайяри Чоргоҳ) зарурати намудор кардани Дугоҳ ба миён омадааст.

Намуди Муҳайяри Чоргоҳ (ки онро ба гуфтаи устод Фазлиддин Шаҳобов устоди бузурги Шашмақом Бобоҷалол даровардааст), дар ин ҷо ба шакли пурраи худ оварда шудааст.

Тибқи қоидаи мақомбандӣ он бо даромади созӣ сар мешавад:



Мисоли 30. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, даромади созӣ

Он аз ибтидо (хати якуми банди панҷум), авҷи якум (хати дуюми банди панҷум) ва авҷи дуюм (банди шашум) иборат аст. Ин намуд калонҳаҷм буда, байни ибтидои он ва авҷи дуюми он қариб ҳамеша фосилаи квартаи холис ҷо дорад. Вале новобаста ба ин, ҳам ибтидо, ҳам авҷи якум ва ҳам авҷи дуюм дар аслпардаи ин намуд (дар ин ҷо фа-диез[2]) ба анҷом мерасанд. Дар ин ҷо ибтидои намуди Муҳайяри Чоргоҳ чунин аст:



Мисоли 31. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, аввал

Авҷи якуми он:



Мисоли 32. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, авҷи якум

Байни ду авҷи намуди Муҳайяри Чоргоҳ оҳангбандак омадааст, ки асоспардаи намудро таҳким мебахшад:



Мисоли 33. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, оҳангбандаки мобайнӣ

Авҷи дуюми он дар дохили намуди Муҳайяри Чоргоҳ ду функсияро иҷро кардааст – яке авҷӣ ва дигаре натиҷагирӣ. Аз ин рӯ, он ҳам ҳаҷман калон асту ва ҳам мавқеи баландтарини регистриро дорад. Лекин тибқи қонуни мақомбандӣ он бояд ба асоспардаи намуд анҷом ёбад. Аз ин рӯ, баъди

муаррифӣ кардани худ ҳамчун авҷи баландтарин (аз V.1. сар карда 9 такти баъдӣ), дар оҳанги он тамоюл ба сӯи ин асоспарда равшан мушоҳида карда мешавад ва оҳанг поинраванда аст:



Мисоли 34. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, авҷи дуюм

Хатҳои авҷӣ ба ғайр аз мисраи шеърӣ, дорои мисраовои худ низ ҳастанд. Онҳо, одатан, ҳамеша поинравандаанд. Ва ниҳоят хати аксӣ баъди рафтуои бандҳои авҷӣ аслпардаи Дугоҳро таъкид мекунад:



Мисоли 35. Сарахбори Дугоҳ. Намуди Муҳайяри Чоргоҳ, охири ово

Фаровარди Сарахбори Дугоҳ низ сохтори муқаррарии бандҳои дигарро дорад: он аз хати байт ва ово иборат аст:



Мисоли 36. Сарахбори Дугоҳ. Фаровард. Байт.

Банди фаровард гӯё вазифаи нишон додани дараҷоти поинравандаи лаҳн-мақомро ба уҳда дорад. Ин вазифаро дар байт иҷро карда, ба овои худ функсияи таҳкимбахшии аслпардаро месупорад. Ин ҷо ово ду иборaро дар бар гирифтааст, ки якумӣ дар аслпардаву



дуюмӣ – дар миёнпарда аст:



Мисоли 37. Сарахбори Дугоҳ. Ду ибораоҳанги аввали овои фаровард

Ва онҳоро гиреҳбандаки аслпарда ҷамъбаст карда, банди фаровард ва асари Сарахбори Дугохро ба анҷом мерасонад:



Мисоли 38. Сарахбори Дугоҳ. Гиреҳбандаки аслпарда дар овои фаровард

Хулоса, агар ба услуби рисола-баёзи устод Фазлиддин Шаҳобов ва сабти нотавии нашри Устодон (яъне бо истифода ҳам аз услуби анъанавӣ ва ҳам

сабти нотавӣ) такя бикунем, сохтори композитсионии Сарахбори Дугоҳ чунин мешавад:

I. Банди аввал – даромади созӣ:



I. Банди дуюм – сархат – байт:

1. *Шод зӣ, бо сиёҳчашмон шод,*
2. *Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.*



Ово – О, ёра, ёра, о:



II. *Банди сеюм – миёнхат* (бо хати дуюми *Дунасраранг*) – *байт*:
1. *Ману он ҷаъди мӯи ғолиябӯй,*
2. *Ману он моҳрӯи ҳурнажод.*



Ово – Ёра, ёра, ёра, о.



III. *Банди чаҳорум – Авҷи Зебопарӣ – байт*.
Ин банд аз оғоз (даромад – Ф.А.)-и созӣ ба Зебопарӣ ворид мешавад (ниг. мисоли 23). Сонӣ, байт меояд:
мисраи аввал – ибтидои Авҷи Зебопарӣ:
1. *Бо ду абр аст ин ҷаҳон афсӯс,*
О,
Такрори мисраи аввал – *андаке аз Дугоҳ*
1а. *Бо ду абр аст ин ҷаҳон афсӯс,*
Мисраи дуюм – хати авҷии Зебопарӣ:

2. *Бода пеш ор, ҳарчи бодо бод,*

Вое!



Ово – ёра, о, о, о



IV. *Банди панҷум – Намуди Мухайяри Чоргоҳ – байт.*

Тибқи қонунҳои мақомбандӣ ҳар намуд бо даромади созӣ ба ин ё он авҷи асар ворид мешавад. Ин ҷо ҳам аввал даромади созӣ ба намуди Муҳайяри Чоргоҳ меояд (ниг. мисоли 30). Ва сонӣ, байт омадааст:

мисраи аввал – ибтидои намуди Муҳайяри Чоргоҳ:

1. *Он ақиқин мае, ки ҳар ки бидид,*



Мисраи сонӣ – Авҷи якуми намуди Мухайяри Чоргоҳ

2. *Аз ақиқи гудохта нашнохт,*

О!



Байни ду авҷи Муҳайяри Чоргоҳ оҳангбандак омада (ниг. мисоли 33), сониян, ба банди шашум мегузарад, ки иборат аст аз байт ва хати аксӣ (ово).

V. *Банди шашум – авҷи дуюми намуди Мухайяри Чоргоҳ*:

1. *Ҳар ду як ҷавҳаранд, лек ба табъ,*

О, о,

2. *Ин бияфшурду он дигар бигудохт*,

О,





Ово – О, о, о :



VI. *Банди ҳафтум – фаровард – байт*:

1. *То бисуда ду даст рангин кард,*
2. *То чашида ба торак андар тохт*,

О,



Ово – О, о, о, о, о:





Мисоли 39. Сохтори композитсионии Сарахбори Дугоҳ
аз рӯи нишондоди нашри Устодон

Бо чунин талқини композитсионии ҳар як шуъба-асари таркибии силсилаи мақом устодони кулли Шашмақом Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов услуби мақомбандии Мактаби классикии Шашмақомро пешниҳод кардаанд. Барои ҳаёти ҷовидонаи Шашмақом бояд ин қоидаҳоро ҳамеша риоя кард ва дар мактаби устод-шогирд ба шогирдон омӯзонд.

Нуфузи анъанаҳои бастакории Мактаби классикии Шашмақом дар тамоми фарҳанги тоҷикон – ҳам тоҷикони водинишин ва ҳам тоҷикони кӯҳистон мушоҳида мешавад.

Устод Фазлиддин Шаҳобов чунин амалҳоро дар мақомоти тоҷик қайд кардааст. Ӯ дар мақомҳои маҳаллӣ (ин истилоҳи устод Ф.Шаҳобов нест – Ф.А.) фаъол будани амали бастакориро чунин гуфтааст: «Содирхони Хуҷандӣ (1847–1931) дар пайравии оҳангҳои Шашмақом як силсила навоҳое (асарҳое – Ф.А.) эҷод кардааст, ки бо номҳои мақомҳо машҳуранд, мисли «Дугоҳ», «Сегоҳ», «Сегоҳи ду», «Сегоҳи се», «Чоргоҳ-Муҳайяр», «Савти Чоргоҳ-Муҳайяр», «Талқин», «Савти Уфар», «Ушшоқ», «Қашқарча» ва амсоли ин, ки бо ишораи моли Содирхон будан фарқ кунонида мешаванд» [201.II, с.82]. Кӯҳистони тоҷик низ аз мадди назари ин устоди бузург дур намондааст. Аз ин рӯ, ӯ мегӯяд, ки «Ҳофизи машҳур Акашариф Ҷӯраев ҳам дар таровиши оҳангҳои Шашмақом якчанд таронаҳо эҷод кардааст: «Хами зулф» ба шеъри Нозими Кӯҳистонӣ, «Чашми хумор» ба шеъри Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Чашми соқӣ» бар ғазали Ироқӣ, «Соқиномаи Дарвоз» бар ғазали Бедил, «Ироқи Дарвоз» бар ғазали Баҳрин ва амсоли инҳо» [201.II, с.82].

Бастакорӣ дар мақомоти тоҷик яке аз амалҳоест, ки асоси мактаби ҳунариро ҳифз мекунад. Ва имрӯз бо пешрафти омӯзиши асосҳои илмии навъҳои мақомоти тоҷик, амалҳои бастакорӣ низ дар онҳо мушаххастар мешаванд.

V.1.1. Аввалин сабти нотавии Шашмақом

Асосгузорӣ ба мактабҳои навро намояндагони Мактаби классикии Шашмақом дар пойтахти Тоҷикистон амалӣ карданд[165].

Дар солҳои аввали давраи шуравӣ ходимони мусиқии рус низ дуруст дарк мекарданд, ки аз байн рафтани мактаби суннатии устод-шогирд тадриҷан ба нестшавии Шашмақом меоварад. Аз ин рӯ, солҳои 1921–1922 композитори рус В.А. Успенский дар Бухоро бо Шашмақом шинос шуда, дар Русия дар бораи ин силсилаи бузургҷуссаи ғании маънавӣ маърӯза карда, иҷозату супориши расмии Москваро гирифта, аз устодон-мақомхонони маъруфи тоҷик Бобоҷалол Носирзода, Мирзоғиёс Абдуғанизода ва Мирзо Назруллоҳи Танбӯрӣ [205, с.9,11] онро сабт намуд. Одатан, дар китобҳо оид ба Шашмақом дар Ӯзбакистон ва Тоҷикистон танҳо номи ду нафари аввалро меоваранд[166]. Дар муқоваи нашри аввали нотавии Шашмақом (1924) ҳам расми ду нафар ва банотагиранда оварда шудааст [205] (ниг. расми с. 336 ҳамин китоб). Вале донандагони Шашмақом, Устодони бузурги тоҷик – Б.Файзуллоев, Ш. Соҳибов ва Ф.Шаҳобов номи се нафарро мегиранд[167]. Ҳамин се устоде, ки аз онҳо соли 1924 мақомҳоро сабт карданд, сониян, то аввалҳои солҳои 30-уми асри XX дар Мактаби мусиқии Шарқ (ш. Бухоро) ва Институти мусиқии шаҳри Самарқанд муаллимӣ кардаанд. Нахустин сабти нотавии Шашмақом ба ин композитори рус тааллуқ дорад. Ӯ чизеро, ки аз сароиши устодон-мақомхонони фавқуззикр шунид, ҳамонро ба нота навишт. Албатта, Шашмақомро ӯ пурра дарк карда наметавонист, зеро ки қабл аз ҳама ин композитор дар системаи садоии мусиқии дигар (тоналӣ) тарбия ёфта буд (ҳол он ки Шашмақом дар системаи модалӣ қарор дошт). Новобаста ба ин, дар судмандии ин амали муҳим, сабти нотави (хаттӣ)-и Шашмақом шакке нест ва саъйю кӯшиши ин амал ба нигаҳдории матни мусиқавии Шашмақом равон карда шудааст. Шашмақомро он вақт танҳо ба забони тоҷикӣ мехонданд. Мақомхонони тоҷик ҳам онро пурра бо забони тоҷикӣ сароидаанд. Вале он шабу рӯзе буд, ки тақсимоти замини Осиёи Миёна байни тоҷикону ӯзбакон қарор дошт ва онро Москва ҳал мекард[168]. Шашмақоми ба нотагирифташуда низ

---

[165] Чунин амалро онҳо дар пойтахти Ӯзбакистон ҳам иҷро намуданд. Вале шарҳи он ба ҳадафҳои китоби ҳозир намедароянд. Бинобар ин, бо хотиррасон кардани ин нукта иктифо мекунем.

[166] Мутаассифона, ҳаминро А.Раҷабов дар «Донишномаи Шашмақом» такрор карда, инчунин Бобоҷалол Носирзодаро ба таври ӯзбакӣ Отаҷалол ном гирифтааст [79, с.408].

[167] Мусиқишиноси ӯзбак А.Ҷумъаев эҳтимолиятеро меоварад, ки гӯё дар омодагии ин нашр байни шашмақомхонон ва шахсони давлатии ҶХСБ норозигӣ ба миён омадааст. Ва ин шояд сабаби қайд накардани ҳамаи саҳмгузорони ин нашр гардидааст [73, с. 201].

[168] Солҳои 1923–1924 масъалаи тақсимоти шаҳрҳои тоҷикнишин дар Москва ҳаллу фасли худро меёфт (Дар ин бора муфассалтар ниг.: [104; 105; 106; 198; 213]). Дар рафти талоши

дар Москва аз чоп мебаромад. Ва Шашмақом бо шеърҳои тоҷикӣ боз як далели мустақими тоҷикнишинии Бухоро ва Самарқанд мешуд. Дар ин вазъи бамаломада, муҳаррири нашри соли 1924, собиқ нозири маорифи Ҷумҳурии Халқӣ Советии Бухоро Абдурауф Фитрат (1886–1938), ки худ тоҷик буд[169], вале ақидаи пантуркистӣ ӯро ҳамон солҳо пахш карда буд, бо истифода аз ҳуқуқи муҳаррири ин чопи Шашмақом, амали нопоки пурра партофтани матни шеърии онро, ки пурра ба забони тоҷикӣ буд, пешниҳод кард. Дар ин бора худи В.А. Успенский ба В.М.Беляев дар мактубаш (аз 4 июли соли 1927) хеле аламнок менавишт: «… Ман имконияти аввалинро истифода бурда, ба ту ҳамаи маълумотро дар бораи Шашмақом мефиристонам, ба ғайр аз матнҳои шеърии қисмҳои вокалӣ, ки ман нанавишта будам, чунки Фитрат инро нахост, ҳарчанд ки ман зарурати сабти матнҳои шеъриро ба ӯ чандин маротиба кӯшиш кардам фаҳмонам ...» [167, с. 234]. Дар мактубҳои чавобии В.М. Беляев низ гаштаву баргашта хоҳиши пешниҳоди матнҳо оварда мешавад. Ин ҷо яке аз онҳост: «... Хеле хуб мешуд, агар ту ба ман матнҳои шеърии Шашмақомро ақаллан ба ҳуруфоти арабӣ мефиристодӣ. Гумон мекунам чунин хоҳиши туро сароянддагони Шашмақоми Бухоро бе душворие иҷро мекунанд. Ва мо дар ин ҷо як кор карда, онро мехондем...» [170, с.236].

Ин зарбаи ношоиста ба тоҷикони меҳнаткаши теззеҳну софдил буд. Ба чунин қарори ӯ муҳаррири дигари рус Н.Н. Миронов (1870–1952) монеагӣ накард. Ва соли 1924 дар Москва зери чунин «бозиҳову найранг-ҳои сиёсӣ» ва рафтори пасти пантуркистӣ-шуравӣ, Шашмақом бе матни

марказҳои калони фарҳангии тоҷикон Бухорову Самарқанд нашри Шашмақом ба забони тоҷикӣ мувофиқи мақсади пантуркистону шуравиён набуд. Зеро ки, агар Шашмақом ба забони тоҷикӣ дар соли 1924 аз чоп мебаромад, он далели тоҷикнишинии Бухорову Самарқанд мегардид ва тоҷикнишин будани ин шаҳрҳоро айён мекард. Ин далел шуравиёнро маҷбур месохт, ки ин шаҳрҳоро ба соҳибони асосии онҳо, ба тоҷикон диҳанд. Гап дар сари он буд, ки шуравиён аз бузургии халқи куҳани форс-тоҷик ҳарос доштанд. Тибқи фаҳмиши шуравиён Эрон мекӯшид мардуми ҳамзабону ҳамфарҳанги худ – тоҷиконро «аз зулми Русия» наҷот доданӣ шавад. Аз ин рӯ, дар ҳалли ин масъала шуравиён пантуркистонро тарафдорӣ мекарданд. Бинобар ин онҳо тоҷиконро сарбур карда, шаҳрҳои таърихиву фарҳангии тоҷиконро бо фарҳанги пешрафтаи бисёрасраи онҳо ба Ӯзбакистон доданд. Пантуркистону шуравиён якҷо шуда, баҳри ҳалли маслиҳатҳои палидиашон он вақт ин маконҳои воқеан тоҷикиро «ӯзбакнишин» эълон карданд. Гурӯҳҳои махсус шабонаву рӯзона кор бурда, ҳарчи зудтар ба тоҷикон зӯран паспортҳои ӯзбакӣ медоданд. Муфассалтар: [104; 105; 106; 190; 198; 213].

[169] Қалби Абдурауф Фитратро меҳри тоҷиконааш азоб медод магар, ки дертар (1927) ӯ хост китоби «Мусиқии классикии Бухоро»-ро навишта, каме ҳам бошад, он гуноҳи азимро акнун (баъди иҷрои супориши соҳибонаш) рӯпӯш бикунад. Дар ин бора В.А.Упенский ба В.М. Беляев менависад: «.. Имрӯз ба ман хабар доданд, ки тақрибан ду ҳафта пас китоби Фитрат дар бораи мусиқии Бухоро аз чоп мебарояд…» [170, с.234]. Вале он низ дере нагузашта, бо пешгирии пантуркистон, бо унвони ба худашон муносиб аз чоп бароварда шуд. Ин хусусияти сиёсати ҳамон замон буд, ки он имрӯз бояд ҳатман ба эътибор гирифта шавад.

шеърӣ аз чоп бароварда шуд [205], зеро ки онро ба дигар забон он вақт намехонданд. Он Шашмақоме, ки зодаи ҳам назми классикӣ ва ҳам мусиқии классикии тоҷикон буд, бе матни шеърӣ, сарбуридаву ноқис аз чоп баромад.

Ин аст таърихи чопи аввали Шашмақом. Назири чунин муносибат ба мероси маънавӣ дар таърих ҷо надорад. Лекин чунин тамоюлро сиёсати шуравӣ имконпазир шуморид. Он давру замон чунин «бозиҳо» дар сиёсат дастгирӣ меёфтанд, на маънавиёт. Ҳарчанд ки байни мусиқишиносон, масалан, аз тарафи олим В.М. Беляев, композитор В.Успенский чунин муносибат ба мероси мусиқӣ, ки феълан зарбаи мудҳише буд ба халқи тоҷик, сахт маҳкум гардидааст [75].

Расми 40. Муқоваи нахустнашри нотавии Шашмақом (1924)

Аз гуфтаҳову навиштаҳои В.М. Беляев ҳам ҳеҷ суде сар назад. Чунин вазъ аз он низ рух дод, ки на В.А.Успенский ва на В.М.Беляев Шашмақоми чопшударо то солҳои 1926 – 1927 ҳатто дастрас карда натавонистанд. Ва маҳкуми онҳо ду-се сол баъд аз иҷрои амали нопоки ду муҳаррир – А.Фитрат, Н.Миронов ва ҳалли масъалаи асосии сиёсӣ (табартақсимкунӣ), он вазъро дигар карда, чопи дурусти онро ба амал оварданд, албатта, имконнопазир шуд[170]. Нашри якуми Шашмақом – ганҷинаи мусиқии тоҷикон дар шакле, ки фаҳмишу хости сиёсати онвақта металабид, аз чоп баромад:

بو
زرۇك
1-я Музыкальная Поэма
(МАКОМ)
БУЗРУК
ОГЛАВЛЕНИЕ
I.
Тасниф
Таржин
Гардун
Мухаммас
Мухаммас - Насруллай
Сакиль Ислими
Сакиль Султан
II.
Сарахбар
Пять Тарон
Талкини-Уззол
Две Тароны
Насруллаи
Четыре Тароны
Наср-Уззол
Сипориш
III.
Уфар
Сипориш
ИЗДАНИЕ
Народного Назарата Просвещения
БУХРЕСПУБЛИКИ—1924

را
ست
2-я Музыкальная Поэма
(МАКОМ)
РОСТ
ОГЛАВЛЕНИЕ
I
Тасниф
Гардун
Мухаммас - Рост
Мухаммас - Ушшак
Сакиль - Вазмин
Сакиль - Раг - раг
II
Сарахбар
Четыре Тароны
Таронa
Ушшак
Сабо
III
Уфар
ИЗДАНИЕ
Народного Назарата Просвещения
БУХРЕСПУБЛИКИ—1924

Расми 41. Мақоми Бузрук. Мақоми Рост.

Мазмун, шакл ва сифати ин нашрро хеле мухтасар чунин шарҳ додан мумкин аст:

❖ унвони ҳар мақом ба ду хат (арабӣ ва кириллӣ) навишта шудааст;

❖ унвони Шашмақом (дар муқова) танҳо бо хатти арабист;

❖ сохтори дохилии силсилаи мақом се қисми носаҳехро дар бар гирифтааст; дар ин маврид дар бораи ба се қисм тақсим кардани силсилаи мақомӣ сухане ҳам гуфта нашудааст ва меъёрҳои ин тақсимшавӣ ҳам номаълуманд;

[170] Талошҳои В.М.Беляев дертар, эҳтимол, бо он қонеъ гардонда шуданд, ки дар сабти нотавии Шашмақом аз тарафи Б.Файзуллоев, Ш.Соҳибов ва Ф.Шаҳобов (нашри Устодон) дар Тоҷикистон ӯ вазифаи муҳаррири мусиқиро иҷро кард. Ниг.: [206].

❖ падидаи «мақом», ҳарчанд ки дар қавсайн бо унвони «мақом» мушаххас гардонида шуда бошад ҳам, чун «достон» пешниҳод гардидааст, ҳол он ки жанри «достон» дар таърихи мусиқии тоҷик ҳамеша барномавӣ (дорои мазмуни мушаххас) аст (1), характери тасвирӣ дорад (2), бештар на ҳамчун жанри сирф мусиқавӣ, балки нақлӣ-мусиқавӣ муайян карда мешавад (3), дар иҷрои он унсурҳои театрӣ низ истифода бурда мешаванд (4). Аз чунин номгузории жанри мақом он бармеояд, ки тасаввуроте дар бораи моҳияти падидаи мақом дар мусиқишиносии шуравӣ он замон ҷо надошт;

❖ дар сабти нотавӣ бештар калиди бас истифода шудааст, бинобар ин меъёрҳои садоии на асбобҳои мусиқӣ ва на садои овозӣ-мақомхониро ин сабти нотавӣ пурра инъикос намекунад;

❖ маводи ҳар як мақом аз 16 то 23 саҳифа, ҳамаи Шашмақом – дар 112 саҳифа нотачинӣ карда шудааст;

❖ матни нотавӣ якхата навишта шудааст ва мавқеи пардаҳои аслиро дар он муайян кардан имконнопазир мегардад.

Расми 42. Мақоми Наво. Мақоми Дугоҳ.



Расми 43. Мақоми Сегоҳ. Мақоми Ироқ.

Албатта, ба уҳда гирифтани чопи нотавии Шашмақом дар аввали солҳои 20-ум ҳамчун ташаббус арзишманд буд. Вале камбудиҳову норасоиҳои ин нашрро имрӯз муайян кардан ва ба эътибор гирифтан зарур аст. Аз ҷумла, ба чунинҳо камбудиҳои зерин дохил мешаванд:

- ин нашр пурра нест. Он танҳо мушкилот (қисми созӣ) ва гурӯҳи якуми шуъбаҳоро аз наср (қисми овозӣ) дар бар гирифтааст;
- дар он наср бидуни матни шеърӣ оварда шудааст. Шуъбаҳои овозии Шашмақом ба таври мусиқии созӣ сабт шудаанд (тавре ки дар боло қайд шуд, ин амал махсус карда шудааст. Он замон Шашмақомро танҳо ба тоҷикӣ мехонданд. Ва овардани он ба забони тоҷикӣ аз тоҷикнишинии Бухорову Самарқанд шаҳодат медод. Сад афсӯс, ки ин амалро шахсе амалӣ кард, ки худ (Абдурауф Фитрат) тоҷик буд;
- сохти умумии силсилаи мақомҳо на дуқисма (мушкилот ва наср), балки сеқисма пешниҳод гардидаанд (дар он шуъбаи Уфарро бо Супориши охирин (дар нашр – Супориш) ба қисми сеюм таллуқ донистаанд);
- усулҳо навишта шуда бошанд ҳам, дар сабти нотавӣ фарқияти гуногунии садоҳои дойра зоҳир намегардад, чунки ҳамаи садоҳои зарбӣ якхела, дар рӯи хат (на дар поину боло), навишта шудаанд;
- шуъбаҳои асосии силсилаи мақом танҳо бо номгирии жанрии он оварда шудааст, на ба шакли пурраи он, ки дар баробари жанр

инчунин лаҳни онро низ нишон медиҳад. Масалан, «Сарахбор» ба ҷои «Сарахбори Бузрук» ва аз қабили ҳамин;

❖ супоришҳо мушаххасоти функсионалии худро дар унвонҳо нишон намедиҳанд. Дар нашр танҳо калимаи «Супориш» оварда мешавад, на «Супориши аввалин» ва «Супориши охирин».

Дар сабти нотавӣ низ хатоиҳо ҳастанд. Вале таҳлилу овардани онҳоро ин ҷо мувофиқи мақсад намешуморем. Зеро ки дар умум, албатта, онро низ мебояд ба назар гирифт, ки композитори рус Шашмақомро бо қабулу шунавоиши худ бо нота сабт кард, яъне он чизеро, ки шунид, рӯи коғаз овард.

Инак, сохтори мақомҳо чунин оварда шудаанд[171]:

Мақоми Бузрук

I. Тасниф. Тарҷеъ. Гардун. Мухаммас. Мухаммаси Насруллоҳӣ. Сақили Ислимӣ. Сақили Султон.

II. Сарахбор. 5 Тарона. Талқини Уззол. 2 Тарона. Насруллоҳӣ. 4 Тарона. Насри Уззол. Супориш.

III. Уфар. Супориш.

Мақоми Рост:

I. Тасниф. Гардун. Мухаммаси Рост. Мухаммаси Ушшоқ. Мухаммаси Панҷгоҳ. Сақили Вазмин. Сақили Рак-Рак.

II. Сарахбор. 4 Тарона. Талқини Ушшоқ. Тарона. Ушшоқ. Тарона. Сабо. Талқинча. Супориш.

III. Уфар.

Мақоми Наво:

I. Тасниф. Тарҷеъ. Гардун. Нағмаи Ораз. Мухаммас. Мухаммаси Баёт. Мухаммаси Ҳусайнӣ. Сақил.

II. Сарахбор. 3 Тарона. Талқинчаи Баёт. 2 Тарона. Баёт. 3 Тарона. Ораз. 4 Тарона. Ҳусайнӣ (дар тарҷумаи русӣ ба он илова шудааст: «аз Дугоҳ»). Супориш.

III. Уфар. Супориш.

Мақоми Дугоҳ:

I. Тасниф. Тарҷеъ. Гардун. Пешрав. Самоӣ. Мухаммаси Дугоҳ. Мухаммаси Чоргоҳ. Мухаммаси Ҳоҷӣ Хӯҷа. Мухаммаси Чорсархона. Сақили Ашкулло.

---

[171] Номҳои қисмҳои дарунии силсилаҳои мақомро танҳо ба забони тоҷикӣ (дар нашр – бо хати ниёгон) меоварем. Дар тарҷумаи русии ин нашр номҳо хеле костаанд ва қобили қабул буда наметавонанд.

II. Сарахбор. 8 Тарона. Талқини Чоргоҳ. Тарона. Насри Чоргоҳ. 5 Тарона. Ораз. 4 Тарона. Ҳусайнӣ. 2 Тарона.

III. Уфар. Супориш.

Мақоми Сегоҳ:

I. Тасниф. Тарҷеъ. Хафиф. Гардун. Мухаммаси Сегоҳ. Мухаммаси Аҷам. Мухаммаси Мирзо Ҳаким. Сақили Бастанигор

II. Сарахбор. 7 Тарона. Талқини Сегоҳ. Тарона. Насри Сегоҳ. Хоро. 5 Тарона. Аҷам. 2 Тарона. Супориш.

III. Уфар. Супориш.

Мақоми Ироқ:

I. Тасниф. Тарҷеъ (қовуз). Чамбар (сурнай). Фар-Фар (сурнай). Мухаммас. Сақил. Сақил. Сақили Калон.

II. Сарахбор. 6 Тарона. Муҳайяр. 4 Тарона. Супориш.

III. Уфар. Супориш.

Тавре ки аз ин мундариҷа бармеояд, номҳои ҳамаи қисмҳои дохилии силсилаҳои мақом аз ибтидо ба забони тоҷикӣ буданд, чунки дар Мактаби классикии мусиқии тоҷик пайдо шудаанд. Имрӯз ҳам онҳо бо ин унвонҳо ҳам дар Тоҷикистону ҳам дар Ӯзбакистон маъмуланд. Тартиби пайиҳамӣ дар сохтори шуъбаҳои мушкилот ва гурӯҳи аввали наср дар умум ҳамин тавр боқӣ мондааст.

Дар боло қайд шуд, ки яке аз костагии фаҳмиши силсилаи мақом дар он зоҳир гардидааст, ки уфар ба қисми сеюм – «қисми рақсӣ» тааллуқ дониста шудааст. Бо мурури замон ин ақида аз байн рафт. Зеро ки барои мусиқии суннатии тоҷик ин «хусусияти силсилабандӣ» аст на қисми сеюми мустақил («қисми рақсӣ»). Дар мусиқии суннатии тоҷик силсилаҳо аксаран бо уфар анҷом меёбанд. Принсипи драматургии силсилаҳо чунин сохтори композитсиониро пешниҳод мекунад: аз қисми сустсуръат сар шуда, ба қисми тезсуръат расида, бо он анҷом меёбад.

Мутаассифона, набудани матни шеърии шуъбаҳои наср камбудиҳои зиёди дигареро ба миён меоварад. Яктоаш ҳамин аст, ки аз ин сабти нотавӣ дар бораи мутобиқати ҳиҷои шеърӣ ва зарбаи оҳангӣ сухане гуфтан имконнопазир аст. Дуюмӣ, қонуни асосии композитсионӣ дар мусиқии суннатии тоҷик он мебошад, ки қолаби шеърӣ иборабандӣ, ҳаҷми мисраоҳангу банди мусиқиро муайян месозад. Чунин нозукиҳоро ин нашр нишон дода наметавонад. Дар ин нашр дар бораи ҷараёни дохилии рафти мусиқӣ, яъне ҷараёни композитсионӣ-драматургии асар (шуъба) ягон

ишорае нест[172]. Ҳатто дар шуъбаҳои созӣ – мушкилот ҳам ягон нуктае аз ин хусусият ҷо надорад. Якчанд сол пас В.А. Успенский ин костагиро худ мефаҳмад, ки ба В.М. Беляев менависад: «… бозгӯй танҳо дар Бухоро истифода бурда мешавад. Барои ӯзбакони Тошканду Фарғона он нофаҳмост….» [170, с. 314–315].

Дар сабти асоси вазнӣ-зарбӣ усулҳои баъзе шуъба нодуруст навишта шудаанд. Сабти якхелаи усул (дар боло қайд шуд) нишон додани рангорангии зарбаҳоро имконнопазир мегардонад. Бо вуҷуди ин В.А. Успенский, ки мақомҳоро зиёд гӯш мекард, рангорангии зарбаҳоро дар баъзе усулҳо қайд мекунад. Масалан, ӯ гаҳ-гаҳе зарбаро бо нотаи сафед ишора мекунад. Бо ин амал шояд ӯ мехоҳад фарқияти заданокии ин зарбаро нишон диҳад.

Дар усулҳо вазн дуруст бошад ҳам, мушахассоти усул ба дараҷаи зарурӣ умуман дарк нашудааст. Масалан, усули машҳури уфар бо шаклҳои нодуруст оварда шудааст:



Мисоли 44. Усули нодурусти уфар дар мақоми Рост (1924).



Мисоли 45. Усули нодурусти уфар дар мақомҳои дигар (1924).

Костагии мафҳумӣ баъзан ба он ҳам мерасонад, ки ҳатто вазни баъзе усулҳо низ нодуруст нишон дода шудааст, масалан, дар Талқини Сегоҳ, Талқини Чоргоҳ, Талқини Баёт, Талқини Уззол :

Мисоли 46. Усули нодурусти талқин дар мақомҳои Бузрук, Наво, Дугоҳ, Сегоҳ (1924).

Дар Талқини Ушшоқ :



Мисоли 47. Усули нодурусти талқин дар мақоми Рост (1924).

Хулоса, чунин аст, ки ин нашр, ҳарчанд ки ақаллан маълумоти зоҳириву нопурраеро оид ба Шашмақом дар бар гирифтааст, аз дарки моҳияти

[172] Дар нашри Устодон, ки дар солҳои баъдӣ ба амал меояд (ниг.: параграфи V.2.2.), муҳиммияти ин нукта хеле равшан нишон дода шудааст.

асосии он, фаҳмиши мантиқи композитсионӣ, ҷараёни муштараки лаҳнӣ-драматургӣ, фаҳмиши системавии усул ва лаҳн-мақом ва диг. хеле дур аст. Фаҳмиши Шашмақом ҳамчун силсилаи кушода тамоман ҷо надорад. Тасодуфӣ ҳам нест, ки муаллифони сабти нотавӣ онро «шаш достони мусиқавӣ» номидаанд. Ба гумон меравад, ки онҳо Шашмақомро ба ҳамин маъно мефаҳмиданду қабул мекарданд. Ҳол он ки дар ҳамон солҳо фаҳмиши Шашмақом ҳамчун система ва силсилаи кушода ба туфайли мактаби суннатии устод-шогирд, фаъолияти устодони Шашмақом дар амалияи мусиқӣ хеле устувор буд, бар ин асос он рушду ривоҷ меёфт. Хулоса, аз ин нашр вазъияти Шашмақомро дар даҳсолаҳои аввали асри XX наметавон фаҳмид. Ва тадқиқи илмии Шашмақом дар мисоли он мувофиқи мақсад буда наметавонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, он талоше, ки композиторону мусиқишиносони рус барои нигаҳдошти матни он кардаанд, нишондоди саъйи ҳифзи санъати воло буд.

V.2. Рушди Шашмақом дар пойтахти нави тоҷикон. Мактаби шашмақомхонии Душанбе

Бузургтарин шашмақомдонони солҳои миёнаи асри XX Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов баъди табартақсимҳои сиёсӣ ва расман ба Ўзбакистон додани марказҳои фарҳангии тоҷикон – шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, пайиҳам, Фазлиддин Шаҳобов (аввал соли 1936 [201.II, с.40] ва баъди хатми консерваторияи Москва, соли 1942), Бобоқул Файзуллоев аз Ғиждувони Бухоро (бори якум 1935, бори дуюм – 1947–1948) ва Шоҳназар Соҳибов (1947-1948 [201.II, с.58]) аз Тошканду Бухоро ба Душанбе омаданд[173]. Мақсади асосии ба пойтахти нави тоҷикон омадани онҳо бо халқи азизи худ якҷо нигаҳ доштан ва рушд додани Шашмақом буд. Устодон-намояндагони Мактаби классикии мусиқии тоҷик мехостанд дар Душанбе як мактаби неруманди шашмақомхониро ташкил диҳанд. Зеро ки Шашмақом моли маънавии тоҷикон буд. Вале он вақт дар Душанбе дар водии Ҳисор заиф ва пароканда қарор дошт, худ ба худ рушд меёфт. Дар Тоҷикистони навтаъсис низ Шашмақом заминаи хубе дошт: дар тамоми водиҳои Ҳисор, Фарғона, Зарафшон (шаҳрҳои Ҳисор, Шаҳринав, Регар, қариб ҳамаи вилояти Суғди имрўза) ин санъат густариш ёфта буд ва дар мактабҳои маҳаллӣ санъати

[173] Бояд гуфт, ки дар давраи донишҷўӣ дар Консерваторияи давлатии Москва Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов пайваста базму суҳбатҳои тулонӣ бо шоири бузурги тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ доштанд. Яке аз мавзуъҳои асосии онҳо ҳифз намудани Шашмақоми тоҷик буд. Ва дар бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ ва ба уҳда гирифтани ин масъулияти азим аз тарафи ин ду ҷавони болаёқат саҳми бевоситаи шоири маъруф ва маҳбуби тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ мустақим ва хеле бузург аст [201.II, 131].

мақомхонӣ хеле устувор буд. Кӯҳистони тоҷик мақомҳои қадими худро дошт. Дар он навъи мақом – фалак ҳам услубҳои зарбиву ҳам оҳангиро бо шаклсозии суннатӣ аз рӯи қонунҳои мақомот рушд медод. Мактабҳои устод-шогирд устуворона фалакро аз насл ба насл меомузонданд. Фарқият танҳо дар он аст, ки фалак дар асоси лаҳҷаи маҳали худ тайи садсолаҳо ривоҷу равнақ ёфтааст. Инро ба эътибор гирифта, устодон аз пайи ба таври мақсаднок ба роҳ мондани Шашмақом дар пойтахти Тоҷикистон шуданд. Омадани онҳо, ҳарчанд ки ба водии Ҳисор буд (ва он бо мактаби маҳаллии худ – Мактаби мақомхонии Ҳисор шуҳрат ёфта буд), мақсади устодон ба ин мактаб ҳамроҳ шудан набуд. Онҳо тавонистанд дар пойтахти нави тоҷикон мактаби нави Шашмақомро, ки он дар таърих минбаъд зери унвони *Мактаби шашмақомхонии Душанбе* маълум гардид, ташаккул бидиҳанд. Бо қудрату ташаббусу фаъолияти бевоситаи онҳо соли 1947 дар Душанбе дар Кумитаи радио (сониян – «ва телевизион») ансамбли шашмақомхонӣ таъсис дода шуд ва ба он ҷавонони болаёқат ҷалб карда шуданд [13; 79, с.28].

То омадан ба Душанбе ин се шахсияти бузурги мусиқии классикии тоҷик роҳи эҷодии хеле заҳматталабро тай карда, таҷрибаи зиёди касбиро пайдо карда, малакаву маҳорати шашмақомхониро аз худ карда, аллакай маъруф гардида буданд.

Бобоқул Файзуллоев (1897-1964) дар деҳаи Ҳурмечанди тумони Ғиждувон дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Ӯ аз хурдӣ ҳаваси сарояндагиро дошт. Сарояндагии ҳаваскоронаи худро дар деҳа оғоз карда, дар синни 17-солагӣ ба Бухоро омад. Аввалин устоди Бобоқул Файзуллоев устод-танбӯрнавоз Сайидҷон Авезов буд. Дар хонаи ин устод ӯ таҳсилро қаноатбахш пеш бурда, ҳамзамон дар суҳбатҳову маҳфилҳои машшоқону ҳофизон ва устодони моҳири мусиқӣ ва суруд, монанди Ҳоҷихони Дуторӣ, Ҳазратқули Ҳофиз, Усто Абдураҳим Ваҳобови ҳофиз ва танбӯрӣ, Мирзо Абдукарими Танбӯрӣ, ки дар хонаи устодаш баргузор мегардид, ҳамеша иштирок мекард. Ин маҳфилҳо барои ӯ бисёр илҳомбахш гардиданд. Ба гуфтаи Фазлиддин Шаҳобов ӯ яке аз шогирдони теззеҳн, бозаковат ва хизматгузору содиқи устодон буд.

Шабҳо бедорхобӣ кашида, роҳҳои навохт ва хониши устодонро як-як навохтаву суруда, машқ карда, малака пайдо мекард. Дар азхудкунии Шашмақом хеле машаққат кашид [201.III, с.56]. Аз солҳои 1917–1918 Бобоқул Файзуллоев ҳунаромӯзии худро дар Тошканд, дар назди устоди бухороӣ, танбӯрӣ Султонхон Ҳакимов идома медиҳад. Ва ниҳоят, дар Бухоро маҳорати худро дар назди устодони бузург Бобоҷалол Носиров, Мирзо Назруллоҳ Файзуллоев ва Усто Шодӣ Азизов мукаммал гардонда, сарояндаи барҷастаи Шашмақом мешавад: «Бобоқул Файзуллоев аз

мактаби олии устодонаш гузашт, чандин солҳо хизмат карда, машаққат ва риёзати таҳсилро аз сар гузаронд. Аммо омӯхтани ин санъати беинтиҳои бузург барои ҳавасманд осон набуд» [201.III, с.54-55].

Ба гуфтаи Фазлиддин Шаҳобов ин шахси болаёқату меҳнатдӯст ҳамаи Шашмақомро то солҳои 20-ум (давраи шуравӣ) аллакай «комилан аз худ карда, хатм намудааст... (азбаски ..нотанависӣ дар мо урф набуд) «300 асари Шашмақомро дар дафтари дил, зеҳн ва ақлу идроки худ нақшкунонида... то имрӯз оварда расонидааст..» [201.III, с.56]. То соли 1934 Бобоқул Файзуллоев дар баробари фаъолият дар театри мусиқӣ-драмавии Бухоро ва Ғиҷдувон муаллими мусиқӣ низ буда, як қатор шогирдонро тарбия кардааст, аз ҷумла, Турсун Раҳматов, Карим Ҳафизов, Амон Самадов, Берта Довудова, Сангин Камолов, Раззоқ Умаров, Ғулом Ҳасанов [201.III, с.56]. Дертар, дар Душанбе, ба қатори шогирдони ӯ Нериё Аминов низ ҳамроҳ шуд.

Шоҳназар Соҳибов (1903-1973), писари деҳқони камбағалро хеле барвақт ба дарбор ҷалб карданд. Ӯ ин ҷо ба омӯзиши санъати рақс зери роҳбарии Усто Тоҷӣ машғул шуд [132, с.13]. Бо омадани ҳукумати шуравӣ ӯ шашмақомхонӣ ва танбӯрнавозиро аввал дар Мактаби мусиқии Шарқ (1925–1928), сониян, Институти мусиқӣ ва хореографии Самарқанд (1928–1932) зери сарпарастии устодони бузурги Шашмақом Бобоҷалол, Мирзоғиёс, Мирзо Назруллоҳ, Домулло Ҳалим, Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов ва диг. аз худ кард. Муддате дар Бухорову Тошканд фаъолияти корӣ бурда, дар нимаи дуюми солҳои 30-юм – аввали 40-ум дар Консерваторияи Москва аз рӯи тахассуси дирижёри хор таҳсил намудааст. Баъди хатми консерватория ӯ дар Бухорову Тошканд фаъолияти корӣ бурдааст. Аз соли 1947 то охири умр дар Душанбе зиндагӣ карда, бо фаъолияти эҷодиаш саҳми бузурги худро ба рушди мусиқии профессионалии тоҷик гузоштааст. Овози зебои тенори ӯ дар регистри поёнӣ тобиши баритонӣ мегирифту дар регистри болоӣ хеле мулоиму пурмазмун садо медод. Ин нодироти овозӣ бар замми маҳорати баланди касбӣ Шоҳназар Соҳибовро сарояндаи маҳбуби мардуми тоҷик гардонид. Ӯ ҳам сароянда ва ҳам офарандаи барҷастаи сурудҳои лирикӣ буд. Ҳамчун композитор Шоҳназар Соҳибов ҳам яке аз офарандагони романси классикии тоҷик асту ва ҳам асаре дар симфонизми мақом.

Фазлиддин Шаҳобов (1911–1974) дар оилаи мударриси мадрасаи исломӣ, бедилшиноси маъруфи дарборӣ Абдураҳими Хатлонӣ таваллуд шудааст. Омӯзиши мусиқӣ (танбӯрнавозӣ)-ро дар ибтидо зери роҳбарии тағоияш Ғуломқодир Изомӣ оғоз кардааст. Ҳамзамон маълумоти пурраи замонавиро дар шеърфаҳмиву арӯз ва дигарро хеле барвақт, аз панҷсолагӣ оғоз кардааст: «Дар кӯдакӣ мутолиаи «Нисобу-с-сибён-и Абунасри Фароҳӣ

бароям лаззати хос дошт. Дар аввал таъйин кардани оҳанги шеър, баъдан дар ҳамон вазн паси ҳам овардани калимаҳои арабию тоҷикӣ зеҳнро сайқал медод. Бинобар ин хондану аз ёд кардани онро аз ҷону дил дӯст медоштам ва бо оҳанги махсус такрор мекардам:

Ба баҳри тақориб тароққуб намой,
Бад-ин вазн мизони табъ озмой.

Фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл
Чу гуфтӣ, бигӯй, эй маҳи дилрабой:

Само – осмон, арзу ғабро – замин,
Маҳаллу макону маан аст ҷой.

Сакар – дӯзаху нор – оташ, вале
Ки ҷаннат – биҳишт, охират – он сарой».

[201.II, с.64-65].

Омӯзиши Шашмақомро низ аз ин услуби таълимӣ дар мактаби устод-шогирд оғоз мекарданд. Фазлиддин Шаҳобов аз хурдӣ равобити шеъру мусиқиро хеле дақиқ аз худ кардааст. То таҳсил дар Мактаби мусиқии Шарқи шаҳри Бухоро (1925–1928) ӯ аллакай бо сарояндагии Домулло Ҳалим, Қорӣ Камол, Қорӣ Наҷм, Левӣ Бобохонов, Самад Бегиҷон, Авҳадӣ Махдум, Тоҳирҷони Дуторӣ, Ҳоҷӣ Абдураҳмон аз шабнишиниҳое, ки дар Бухоро Абдурауф Фитрат ташкил мекард ва падари ӯ, Абдураҳим Хатлонӣ, ба онҳо Фазлиддини хурдсолро ҳамроҳи худ мебурд, ошноӣ пайдо карда буд [201.II, с.72]. Дар мактаби мусиқии Шарқ ӯ шогирди шашмақомдонони бузург Бобоҷалол, Мирзоғиёси Танбӯрӣ, Мирзо Назруллоҳи Танбӯрӣ буд. Аз сабақҳои ҳамарӯзаи ин устодони бузург фаҳмиши нави Шашмақомро пайдо карда, ҳам маҳорат ва ҳам дониши баландро ба даст овард. Ин ҷо ӯ сабақҳое аз Маъруфҷони Танбӯрӣ (1897-1970) низ аз сатонавозӣ гирифта буд [201.II, с.77]. Ва агар танбӯрнавозиро аз хурдӣ машқ карда, дар дасти устодони танбӯрнавозони машҳур Мирзоғиёсу Мирзо Назруллоҳ маҳорати касбӣ пайдо карда бошад, маҳорати сатонавозиаш аз сабақҳои Маъруфҷон Тошпӯлодов аст. Сониян, Фазлиддин Шаҳобов дар Институти санъати Самарқанд (солҳои 1928-1932) дар назди Ҳоҷӣ Абдулазиз, Домулло Ҳалим, Тоҳирҷони Дуторӣ, Ҳофиз Усто Шодӣ, Абдулқодири Найчӣ, Аҳмадҷони Қӯшнайчӣ, Юсуф Харротови Хоразмӣ маҳорати иҷрокунандагии худро хеле такмил дод [201.II, с.74]. Аз овони ҷавонӣ дониши пурраву мукаммали ӯ имкон медиҳад, ки ба эҷоди асарҳои нав зимни Шашмақом аҳаммият диҳад. Минбаъд ин равияи эҷоду таълимро ӯ хусусан дар эҷодиёти устодони бузурги Шашмақом Бобоҷалол ва сониян, Ҳоҷӣ

Абдулазиз ва диг. доимо мушоҳида карда, ҳеҷ гоҳ аз мадди назар дур намесозад.

Дар ин таълимгоҳ ӯ системаи нотавиро низ ба хубӣ аз худ кард. Ин имконият дод, ки баъди якчанд соли фаъолияти корӣ дар Бухорову Тошканд ба Консерваторияи шаҳри Москва (1936–1941) дохил шуда, онро бо тахассуси дирижёри хор (устод проф. Мухин) хатм намояд. Ҳамчун танбӯрӣ дар доираи аҳли Шашмақом то имрӯз беҳамтову нодиру мумтозтарин боқӣ мемонад. Ба сарояндагии Фазлиддин Шаҳобов нозукбинӣ, тозагии беҳамтои садо, камолоти маҳорати садобарорӣ, эҳсосоти мукаммали шеъру сухан хос аст, ки аз сабақҳои устодони бузург Бобоҷалол, Домулло Ҳалим ва Ҳоҷӣ Абдулазиз мебошад. Инчунин дониши баланди шеърфаҳмӣ ба ӯ имкон медод талқини ҳар як суханро ба қалби шунаванда бирасонад.

Баъди ба Душанбе омадан ин се абармард зарурати таъсиси таълимгоҳи Шашмақомро борҳо таъкид мекарданд ва доир ба ин пешниҳодҳои расмӣ ҳам карда буданд. Аммо расман, дар сатҳи давлатӣ, таъсиси шуъбаи мусиқии Шашмақом ба душвориҳо бармехӯрд.

Дар охири солҳои 1950-ум – аввали 1960-ум устодон кӯшиданд, ки дар Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе (имрӯз – Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов) шуъбаи Шашмақомро кушоянд. Чунки барои рушди Шашмақом бояд касро аз хурдӣ ба омӯзиши он ҷалб кард. Ва ин кӯшишҳои онҳо як муддат ҷомаи амал пӯшид. Ташаббуси онҳоро директори онвақтаи ин омӯзишгоҳ Иззат Орифов (ҳуқуқшинос, вале шахси ба санъату маърифат хеле наздик)[174] дастгирӣ кард ва шуъбаи Шашмақом дар ин омӯзишгоҳ кушода шуд. Дар ҳайати шогирдони курси якум Бурҳон Мамадқулов ва Зафар Нозимов (ҳар ду дертар Артистони Халқии Тоҷикистон, сарояндагони номӣ ва маҳбуби халқ) низ буданд. Вале баъди як сол ӯро ба вазифаи дигар гузаронданд. Директори нав, композитор Шарофиддин Сайфиддинов бо сабаби ҷавонии худ ба вазифадорони москвагиву маҳаллӣ итоат карда, зери фишори баъзеи онҳо, бино бар «сабаби «бе нота» омӯзондани Шашмақом» ва ҳ. фаъолияти шуъбаро фавран баст. Хулоса, дар системаи таълимӣ муддати дароз масъалаи таъсиси шуъбаҳои мусиқии суннатии тоҷик расман ҳал намешуд. Тарбияи мутахассисони соҳаи мусиқии суннатии касбӣ (профессионалӣ) ба таври стихиявӣ пурра ба зиммаи фаъолияти мактабҳои авлодиву маҳалливу оилавӣ [187] гузашта, хеле васеъ густариш меёфт. Баҳри рушди минбаъдаи Шашмақом дар пойтахти нави Тоҷикистон шаҳри Душанбе дар солҳои 40-

[174] Дертар, дар солҳои 80-ум, писари ин шахсияти фидоӣ Орифов Ёқуб Иззатович Консерваторияи давлатии Москваро хатм карда, ба Душанбе баргашта, дар Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба ҳайси омӯзгор, мудири кафедраи фортепиано фаъолият кард. Ӯ яке аз пианинонавоз ва арғунуннавози ангуштшумори тоҷик ба ҳисоб меравад.

ум ансамбли мақомхонӣ таъсис дода шуд [13]. Ансамбли мазкур зери роҳбарии ин се абармарди тоҷик вазифаи таълимгоҳро ҳам иҷро мекард. Сарояндагону навозандагони ин ансамбл дар ТВ ва радио барномаҳои мусиқии Шашмақомро мунтазам ташкил мекарданд.

Ҳамин тавр, Ансамбли шашмақомхонии назди Кумитаи радио ва телевизион барои ин устодон мактаби омӯзиши Шашмақом ҳам гардид. Устодон ҳамаи ҷавонони болаёқатро, ҳатто берун аз ансамблро ҳам, ба монанди Туҳфа Фозилова, Ҳанифа Мавлонова ва диг. ба шашмақомхонӣ, сарояндагии услуби суннатӣ ҷалб мекарданд, ёд медоданд. Бо чунин саъйю кӯшиши бевоситаи онҳо дар мактаби шашмақомхонии Душанбе ҳофизони бузурги тоҷик Аҳмад Бобоқулов, Барно Исҳоқова, Фариза Сайдуллоева, Нериё Аминов, Шоиста Муллоҷонова, Боймуҳамад Ниёзов, Абдумаҷид Ҳомидов, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Лола Баракаева, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Барот Яхшиев, Муслима Боқиева, Нӯъмон Тоштемиров, Абдуҷалил Ҳошимов, Нукра Раҳматова, Алиҷон Солиев ва дигарон ба воя расиданд. Ин анъанаи хуб даҳсолаҳо то имрӯз давом дорад. Ансамбл баҳри рушди Шашмақом сарояндагони зиёдеро тарбия намуд.

Муҳим он буд, ки Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов услуби классикии Шашмақомро меомӯзонданд ва намояндагони мактаби классикӣ буданд. Бо ин фаъолияти омӯзгорӣ ва пойдоркунии Шашмақом дар пойтахти нави тоҷикон, онҳо вазифаи асосгузории Мактаби шашмақомхонии Душанберо иҷро карда, услуби Мактаби классикии Шашмақомро ба ин ҷо кӯчониданд. Тасодуфӣ нест, ки байни иҷрои Шашмақом дар Душанбе ва Тошканд дигаргуниҳо ҷо доранд.

Дар солҳои мураккаби охири 40-ум – аввали 50-ум ин устодони бузург новобаста ба дороии маълумоти олии консерваториявӣ, бештар аз тақдири Шашмақом хавотир буданд. Ҳатто мураккабии солҳои баъдиҷангӣ нияту мақсади онҳоро ягон зарра заиф накарда буд. Вале бо вуҷуди ин, устодон анъанаҳои мусиқии шарқӣ ва ғарбиро муқобили якдигар намегузоштанд. Композиторон Ф. Шаҳобов ва Ш. Соҳибов дар муаллифӣ бо Ю.Тер-Осипов муаллифони яке аз нахустин асари мақоми симфонӣ (достони симфонии «Сегоҳ») дар Тоҷикистон гардиданд. Ин ду устоди бузурги Шашмақом ба пайдоиши жанри нави вокалӣ – романс низ дар Тоҷикистон асосгузорӣ кардаанд.

Вале новобаста ба ин ҷараёни пурҷӯшу хурӯши эҷодии устодон, дар давраи шуравӣ омӯзиши расмии Шашмақом ба таври мусбӣ ҳал намешуд. Вазъ аз он мураккабтар мегардид, ки ҳатто баъзе композиторони тоҷик худашон «тасдиқ мекарданд», ки тоҷикон то давраи шуравӣ мусиқии касбӣ надоштанд. Яке аз мисолҳои равшан мақолаи композитор Зиёдулло Шаҳидӣ дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» буд, ки на танҳо аҳли

мусиқӣ, балки кулли зиёиёни тоҷикро ба ғазаб овард. Дар таҳияи ҷавоби сазовор ба чунин мақола кулли олимон, композиторону мусиқишиносон, зиёиён, шоиру нависандагон иштирок карданд [90; 195].

Дар солҳои 50-ум, ки касбияти Шашмақом то ҳол пазируфта нашуда буд, устод Фазлиддин Шаҳобов бо шевои зебои тоҷикӣ баланд-баланд аз радиои Тоҷикистон мегуфт: «.. Шашмақом аз эҷодиёти профессионалии мусиқавии бастакорони тоҷик мебошад, ки онҳо дар асрҳои гузашта беному нишон аз байн рафтаанд. Фавқулода васеъ ва мураккаб будани оҳангҳои мақомҳо, бисёр сарватманд будани усул-зарби мавзуни онҳо, ки ба қоидаҳои хеле сахт тобеанду мусиқанавоз дар вақти иҷрои мақомҳо вазифадор аст дар усулҳои мақомҳо бо дойра диққат ва риоя кунад, ва билохира, сохту услуби ҳар як мақом, умуман, ба профессионалӣ будани мусиқии Шашмақом гувоҳӣ медиҳанд, ки санъати мусиқанавозии тоҷик дар замони гузашта ба даст овардааст» [201, I, с. 56–58].

V.2.1. Таъсиси ансамбли шашмақомхонони радио

Соли 1947 дар назди Радиои РСС Тоҷикистон (аз с. 1964 – Кумитаи давлатии радио ва телевизиони РСС Тоҷикистон) ансамбли шашмақомхонон таъсис дода шуд. Шоҳсутуни ин ансамбли бошукӯҳро се нафар – устодон Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов – классикони Шашмақом ташкил карданд. Онҳо вазифаи асосии ансамблро хеле хуб фаҳмида буданд. Ва дар он фаъолияти иҷрокунандагӣ, тарбияи кадрҳои нави шашмақомхон ва тарғиби серпаҳлуи Шашмақомро ба уҳда гирифтанд. Устодон дарк мекарданд, ки «..коста шудани мавқеъи ҷуғрофии донандагон ва сомеъони Шашмақом зарурияти зуҳур намудани таваҷҷуҳи бештарро нисбат ба он ба вуҷуд овард..» [13, с.7].

Дар баробари онҳо ба ҳайати аввалини ин ансамбл Нериё Аминов, Фариза Сайдуллоева, Тамара Пинхасова, Барно Исҳоқова, Абдулмаҷид Ҳомидов, Нисон Шоулов, Ёқуб Бободӯстов, Ҷӯрахон Искандаров, Муҳиддин Мавлонов, Саидхони Ҳисорӣ (Тӯхтаев), Абдуназар Ҳасанов, Холиқ Саидов, Авнер Аминов, Х. Қудратов, Уриэл Толмасов дохил шуданд. Дертар Маъруфхӯҷа Баҳодуров муддате (1957-1963) дар ансамбл кор кард. Аввали солҳои 60-ум Боймуҳаммад Ниёзов, Абдуҷалил Ҳошимов, Алиҷон Солиев, Музаффар Муҳиддинов, Меҳрӣ Исҳоқбоева, Нуъмон Тоштемиров, Карим Қосимов, Барот Яхшиев, Лола Баракаева, Қумрӣ Қодирова, Нуқра Раҳматова, Маҳбуба Боҳирова, Б. Солиев, Тӯхта Иброҳимова, Ҳаким Маҳмудов, солҳои 70-ум Софйя Бадалбоева, Алмос Абдуллоев, Носирҷон Азизов, аз солҳои охири 70-ум А Атоуллоев, Қ.Нарзуллоев, Ҳотам Пӯлодов, Ҳамидқул Ҷумъаев, Мастона Эргашева, Ч. Кайков ва дигарон ҳамроҳ

шуданд. Бештари вақт дар ансамбл ба тарбияи мақомхонон дода мешуд. Зеро ки он вақт таълимгоҳе дар Тоҷикистон чунин мутахассисонро тарбия намекард. Бо вуҷуди он ҳайати ансамбл барномаҳои мунтазамро, аз қабили «Шоми мусиқии Шашмақом», «Консерти мусиқии классикӣ», «Аз эҷодиёти мақомхонони бузурги тоҷик», «Дурдонаҳо аз Шашмақом» ва дигар зери роҳбарии устод Фазлиддин Шаҳобов ташкил мекард[175]. Онҳо дуруст дарк мекарданд, ки пур кардани эфири радио ва телевизион аз мусиқии волои Шашмақом бар суди ҷомеаи он замон аст. Ба воситаи чунин барномаҳо ҳам мақомхонон Шашмақомро аз худ мекарданду ҳам шунавандаи Шашмақом тарбия меёфт. Ин аст, ки тамошобинон ва шунавандагони ТВ ва радио ҳамеша интизори консертҳои Шашмақом буданд. Дар ин ҷараён хусусан фаъолияти устод Фазлиддин Шаҳобов, ки муддати дарози солҳои охири 40-ум то охири 60-ум вазифаи ҳам роҳбари барномаҳои мусиқии ин Кумита ва ҳам роҳбари бадеии ансамблро ба уҳда дошт, беназир аст (дар ин бора дар параграфи V.2.3 муфассал гуфта мешавад). Бо саъйю кӯшиши ин устоди муътабар сарояндаи маъруфи тоҷик Барно Исҳоқова – «булбули Шашмақоми тоҷик» ба воя расид. Устод Фазлиддин Шаҳобов кӯшиш мекард, ки ҳамаи унсурҳои маҳорати сарояндагиро ба ин шогирди болаёқат омӯзонад: эҳсосоти зарб ва хусусан лаҳн, талаффузи бурро ва зебои тоҷикӣ, ба шунаванда расонидани мазмуни ғазал ба воситаи нозукиҳои оҳангиву лафзи тоҷикӣ, маҳорати «соҳибӣ»-и овози худ ва диг. Ва дар ин кор хеле муваффақ гашт. То имрӯз ягон нафаре ба маҳорати волои Барно Исҳоқова дар шашмақомхонӣ нарасидааст. Аз ин сарояндаи беназири Шашмақом дар хазинаи тилоии радио ва телевизиони тоҷик сабтҳои асарҳои зиёд боқӣ мондаанд. Ӯ дурдонаи нодири Мактаби шашмақомхонии Душанбе ба шумор меравад.

Аҳмад Бобоқулов (шогирди Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов), ки худ писари Бобоқул Файзуллоев буд, дар ҷодаи сарояндагии операвӣ ба унвони Артисти халқии СССР расид. Дар шашмақомхонӣ низ маҳорати сарояндагии беҳамто дошт. Авҷҳоро хеле озод гирифта, шунавандаро бо зебоии рангини овози худ мафтун мекард.

Нериё Аминов (шогирди Бобоқул Файзуллоев) дар баробари шашмақомхонӣ шашмақомдони бузурги назарияи амалии Шашмақом буд. Ӯ асрори Шашмақомро аз устоди худ пурра омӯхта, мантиқи Шашмақомро хеле саҳеҳ пешниҳод мекард. Ҳайати онвақтаи ансамбл иқтидори бузурге пайдо кард. Дар қатори сарояндагон инчунин

[175] Хусусан барномаи ҳафтаинаи радиоии «Шоми Душанбе» ҷолиб буд, ки бегоҳи ҳар ҷумъа садо медод. Барномаи он низ сирф аз қисмҳои таркибии Шашмақом сохта мешуд. Ҳамин тавр, дар радиои тоҷик якчанд барнома доир ба Шашмақом ҷо дошт. Новобаста ба сиёсати ҳизбии шуравӣ Шашмақом фазои садоии радиоро пурра фаро мегирифт.

навозандагони моҳир хеле зиёд буданд. Байни онҳо Нисон Шоулови Найчӣ бо навозандагии худ дили касро мерабуд[176].

Ансамбл то миёнаи солҳои 60-ум тавонист сабтҳои хеле дилнишини мусиқии Шашмақомро ба амал оварад. Имрӯз онҳо дар Хазинаи тилоии радио ва ТВ тоҷик маҳфузанд. Ва ҳар гоҳ садо медиҳанд. Баъзе шуъбаҳои Шашмақом дар қартаи овозӣ низ сабт шудаанд. Масалан, сабти «Сарахбори Наво» дар иҷрои ансамбл таҳти роҳбарии Фазлиддин Шаҳобов беҳтарин иҷрои ин асар ба шумор меравад. Ҳамзамон, ба туфайли меҳнати ҳамарӯзаи устодон шашмақомхонон тарбия меёфтанд. Тамринҳои ансамбл ба ҷараёни тадрисӣ табдил мешуданд, зеро ки устодон бо ҳар яке бояд махсус машқ мекарданду дараҷаи иҷрои дурустро металабиданд. Ин тамринҳое буданд, ки дар онҳо амалан услуби сароянд агӣ ва навозандагии Мактаби шашмақомхонии Душанбе устувор мегардид, симои дурахшони худро ҷило медод, тадриҷан насли нави мақомхонони Душанберо ба ин ҳунари воло ҷалб мекарду ба воя мерасонд.

Дар солҳои ҳаёт ва фаъолияти ин асосгузорони Мактаби шашмақомхонии Душанбе масъалаи таълимгоҳ ҳеҷ ҳал нашуд. Солҳои 50-ум–60-ум шароити онрӯзаро ба эътибор гирифта, устод Фазлиддин Шаҳобов як силсилабарномае дар бораи Шашмақом, шуъбаҳои таркибӣ, сози бунёдӣ-системавии он – танбӯр ва мавқеи он дар Шашмақом, мутаносубии шеъру мусиқӣ дар мақомҳо ва ғайра омода намуда, тавассути радио талқини Шашмақомро оғоз намуд. Ҳамчун устоди санъати классикӣ ӯ дарк мекард, ки бо истифода аз ин васила ҳам иҷрокунандагон ва ҳам шунавандагонро фаро гирифта, ба фаҳмиши Шашмақоми классикӣ дар ҷомеаи муосир мусоидат менамояд (дар ин бора дар параграфи V.2.3. муфассал гуфта мешавад).

Солҳои охири 60-ум ва нимаи аввали 70-ум ин се устоди бузурги санъати Шашмақом пайиҳам аз дунё гузаштанд. Роҳбарии ансамблро шогирди онҳо, Артисти Халқии СССР Аҳмад Бобоқулов ба уҳда гирифт ва кори устодони асили Шашмақомро ифтихормандона идома дод.

Танҳо солҳои 80-ум барои ансамбл солҳои пурсамар гардиданд. Ин самаранокӣ бо он вобастагӣ дошт, ки нахустин бор дар таърихи Тоҷикистони шуравӣ омӯзиши Шашмақом ба системаи таълимии давлатӣ расман ворид гардид. Дар Институти давлатии санъати Тоҷикистон сохторе бо унвони *кафедраи мусиқии Шарқ* таъсис ёфт[177]. Ин иқдоми некро ҳамаи

[176] Дертар, ӯ бо фаъолияти омӯзгорӣ дар кафедраи мусиқии Шарқ (то кӯч бастан ба Изроил дар солҳои 90-ум) машғул гардид. Шогирде, ки ҳунари ӯро пурра аз худ кард, Шарифҷон Ҳомидов аст. Имрӯз дар ансамбли шашмақомхонони радио ва ТВ тоҷик фаъолият мекунад.

[177] Соли 1972 дар Консерваторияи давлатии Тошканд бо ташаббус ва саъйю кӯшишҳои доктори илми санъатшиносӣ, профессор Ф.М.Кароматов нахустин кафедраи мусиқии Шарқ дар Иттифоқи Советӣ кушода шуд. Соли 1979 хатмкардаи кафедраи консерваторияи

шогирдон-шашмақомхонони устодони забардасти ансамбли шашмақомхонон сидқан дастгирӣ карда, фаъолияти омӯзгории худро дар кафедраи мазкур бевосита оғоз намуданд. Инҳо ғамхорони Шашмақоми тоҷик, сарояндаи беназири Шашмақом Барно Исҳоқова, Алмос Абдуллоев (чанг, қонун), Нисон Шоулов (най), Абубакр Зуҳуриддинов (арӯз), сониян, Абдуназар Ҳасанов, Алиҷон Солиев, Ёқуб Бободӯстов, Нериё Аминов ва дигарон муддате, ба монанди устодон Боймуҳаммад Ниёзов, Одина Ҳошим фаъолияти омӯзгорӣ бурда, кадрҳои зиёдеро тарбия карданд.

Муносибати самимии устодон Барно Исҳоқова, Нисон Шоулов, Нериё Аминовро махсус бояд қайд кард. Онҳо фаъолияти омӯзгории худро дар ин кафедра то рӯзи охирини кӯч бастан бо хориҷи кишвар қатъ накарданд.

Навозандаи бомаҳорат ва устоди серталаб Алмосхон Абдуллоев аз рӯзи аввали таъсис то охири ҳаёт (соли 2019) бетаваққуф дар ин кафедра фаъолияти омӯзгорӣ бурд. Дар баробари тахассуси чангу қонун ӯ ҳамеша аз ансамбли шашмақомхонӣ дарс медод. Дар фаъолияти омӯзгории худ Алмосхон Абдуллоев таҷрибаи хуберо, ки аз дарсҳои устодони бузурги Шашмақом дар ансамбл пайдо карда буд, истифода мебурд. Ҳамеша зери даст ва рӯи мизи ӯ китобҳои нотавии нашри Устодон дида мешуд. Ӯ танҳо аз ин нашр кор мебурд. Дар баробари навозандагӣ, ӯ матни пурраи Шашмақомро медонист. Ҳамасола бо ансамбли донишҷӯёни кафедра барномаи бузургеро аз Шашмақом омода сохта, барои консерти синфии солона, дертар (аз соли 2014), барои силсилаконсертҳои «Шоми мақомхонӣ», барномае пешниҳод менамуд. Дар баробари ин, устод Алмосхон Абдуллоев зимни Шашмақом ба ҳунари бастакорӣ ҳам машғул буд. Дар ҳодисаҳои солҳои мудҳиши аввали 90-ум ягон ҳунарманди асил бетараф ва ором нишаста наметавонист. Устод Алмосхон Абдуллоев низ ҳамаи аламу гиряҳояшро бо асари силсилавии «Ҳиҷоз» [1] ифода намудааст[178].

Устод Алмосхон Абдуллоев доимо дар ҳифзу ривоҷу равнақи Шашмақом буд. Барои ӯ фарқ надошт, ин амалро ӯ дар ансамбли шашмақомхонони радио ва телевизион мекунад ва ё дар синфхонаи консерватория. Зери тарбияи ӯ муддати 40 сол садҳо донишҷӯён ба роҳи бузурги санъати волои Шашмақом равона шуданд.

Тошканд Аслиддин Низомов (мусиқишиносӣ, роҳбар Ф.М.Кароматов) ташаббускори таъсиси чунин кафедра дар ИДСТ гардид. Муаллифи китоби ҳозир Ф.А.Азизӣ аз соли 1981, баъди хатми Консерваторияи давлатии Тошканд ба номи М.Ашрафӣ (бо тахассуси мусиқишиносӣ, роҳбар Ф.М. Кароматов) дар ин кафедра фаъолияти кории худро оғоз карда, қариб 20 сол вазифаи мудири кафедраро ба уҳда дошта, бе таваққуф то имрӯз (дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон) фаъолияти омӯзгорӣ мебарад.

[178] Муфассалтар дар бораи ин асар дар Хулосаи ҳамин китоб оварда шудааст.

Устоди пурғайрату меҳнаткаш Абубакр Зуҳуриддинов нахустин муаллими фанни арӯз дар ин кафедра, то соли охирини ҳаёташ (1997) бетаваққуф кор кард. Устод ҳамеша ин фанро бо асбобҳои мусиқӣ мегузаронд, донишҷӯёнро водор месохт, ки дар рафти дарс ба ҳар як вазни шеър мусиқӣ эҷод кунанд, то ки арӯзро хуб эҳсос намоянд. Ин услуби тадрисии устод Зуҳуриддинов намунае буд аз равобити шеър ва мусиқӣ. Ба мусиқӣ ҳамеша муносибати ҷиддӣ дошт. Ӯ хуб дарк мекард, ки дар роҳи ташаккули Шашмақом нақши фаҳмиши арӯз дар пайвастагӣ бо мусиқӣ дар мадди аввали назар доимо қарор дошт ва ин таҷрибаро бояд истифода бурд. Худи устод Зуҳуриддинов маҷмуаи бузурги сурудҳоро бо истифода аз фанни арӯз ва мусиқӣ тартиб додааст, ки имрӯз он дар хазинаи овозии консерватория маҳфуз аст ва ҳамчун китоби дарсии арӯз чопи худро интизор аст. Устод Зуҳуриддинов «Рисолаи мусиқӣ»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомиро нахустин бор дар шакли пурра ба ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ бо тавзеҳот аз чоп баровард [196], ки яке аз муфассалу мушаххастарин баргардони ин асар ба шумор меравад.

Шашмақомхони асилу беҳамто Барно Исҳоқова як зани хеле хоксору дилрабо буд. Ӯ худ дойраро ба даст гирифта, усулҳоро бо дойра зада, дарс медод. Ҳар як унсури сарояндагиро бо амал нишон медод. Дар ин роҳ ӯ ду гунаи овозро истифода мебурд: сурудан бо овози паст ва бо овози баланд. Ҳар гоҳе, ки бо овози баланд як порча ва ё як ибораоҳангро месуруд, пушти дари синфхона одам ҷамъ мешуд. Ҳама муштоқи овози дилнишини ӯ буданд. Агар боре аз ӯ доир ба сохтори композитсионӣ ва ё ҷойивазкунии намудеро ё дигар хусусияти композитсиониро пурсанд, мегуфт: «ман ин чизҳоро намефаҳмам. Ман Шашмақомро мехонам. Устодам ба ман ҳаминро ёд додааст». Албатта, дар мавриди Барно Исҳоқова ин интихоби роҳ мутлақо дуруст аст. Зеро ки устоди ӯ, ки шабу рӯз маҳорати ӯро сайқал медод, Устоди кул(л) Фазлиддин Шаҳобов буд. Маҳз ҳамин устод ин дараҷаи баланди сароянадагии классикии тоҷиконаро ба шогирди болаёқату соҳиби овози беҳтарини худодод меомӯзонд. Ин аст, ки дар сароиши Барно Исҳоқова ҳар як сухан бо тобиши оҳангии Шашмақом дурахши нав пайдо мекунад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо баҳри каме пардакушоӣ кардан аз заҳматҳои шабурӯзаи ин се устоди бузургу асили Шашмақом ва натиҷаи бобаракати ин заҳматҳо мебошад. Онҳо сидқан ба халқу ватани азизи худ хизмат карда, чашмаи шаффофи Шашмақомро дар пойтахти тоҷикон дурахшонданд. Иқтидори фаъолияти онҳо то имрӯз ғановатмандии худро ҷило медиҳад. Маҳз шогирдони онҳо асоси неруи омӯзгории кафедраи мусиқии Шаркро, сониян, факултети мусиқии суннатии тоҷикро дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ташкил карданд. Бештар аз ҳисоби

хатмкунандагони ҳамин факултет ҳамасола то имрӯз ҳайати ансамбли шашмақомхонони радио ва телевизиони Тоҷикистон мукаммал мегардад.

V.2.2. Нашри дуюми Шашмақом – «нашри Устодон»

Соли 1947 кори ба сабти нотавӣ гирифтани Шашмақом аз тарафи устодон Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов дар Тоҷикистон расман оғоз гардид [78].

Барои пурра ва дуруст ба нота гирифтани Шашмақом дар Тоҷикистони советӣ кӯшишҳои зиёде карда шуд. Устод Фазлиддин Шаҳобов соли 1942 ба Душанбе омада буд. Адабиётшиноси маъруф А. Афзаҳзод ин лаҳзаҳои таърихиро бо ҷузъиёт ва хеле дақиқона навиштааст: «..Ҳанӯз дар айёми шадиди ҷанг рӯзе .... ба манзили Ф.Шаҳобов шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ омад. Дӯстон дергоҳ суҳбати худро бо оҳангҳои Шашмақом зеб доданд. Дар рафти суҳбат ҳарду зарурати ба нота гирифтани Шашмақомро таъкид карданд ва қарор доданд, ки ба ҳукумати республика фикри худро пешниҳод кунанд. Онҳо фардои он рӯз ба Совети Комиссарони Халқи РСС Тоҷикистон рафтанд. Раиси Совнарком Муҳаммадалӣ Қурбонов онҳоро меҳрубонона пешвоз гирифта, матлабашонро фаҳмида гуфт:

– Ман аҳаммият ва зарурати ин корро мефаҳмам, ин ташаббусро дастгирӣ мекунем. Вале одамонро аз куҷо меёбем.

Муҳаммадҷон Раҳимӣ риштаи суханро ба дасти худ гирифт:

– Раис, худатон медонед, ки Мулло Фазлиддин Шашмақомро мисли панҷ панҷаашон медонанд, – гуфт Муҳаммадҷон Раҳимӣ, – вале одамони дигарро ҳам ҷалб кардан мумкин аст.

– Бо Бобоқул-ака Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов гуфтугӯ карданам даркор, барои ин ман бояд ба Тошканду Бухоро рафта оям, – гуфт Шаҳобов.

– Бисёр хуб, – гуфт Қурбонов ва илова кард, ки ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои командировка тайёр карда мешавад» [201.II, с.90].

Вале эҳтимол ин нақшаи онҳо ба зудӣ ҷомаи амал напӯшид магар, ки ба гуфтаи олими маъруф, адабиётшинос Расул Ҳодизода дар давраи донишҷӯии ӯ, моҳи марти соли 1946, ба Тошканд омадани Фазлиддин Шаҳобов аҳли илму ҳунари ин шаҳрро хеле шод гардонд. Аммо дертар айён шуд, ки мақсади асосии ӯ ба кори ба нота сабт кардани Шашмақом таклиф кардани Шоҳназар Соҳибов аз Тошканд ва Бобоқул Файзуллоев аз Бухоро будааст [201.II, с.58].

Ҳамаи ин гуфтаҳо далолат аз талошҳои зиёданд барои сабти нотавии Шашмақом бахри нигаҳдошти матни мусиқавӣ ва шеърии он.

Ҳукумати РСС Тоҷикистон хуб дарк мекард бо кӣ ва барои чӣ ин корҳоро карда истодааст. Дар муқаддимаи китоби панҷҷилдаи Шашмақом нашри Устодон навишта шудааст: «Управленияи корҳои санъат дар назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон моҳи феврали 1947 мувофиқи супориши Ҳукумати Тоҷикистон вазифаи ба нота гирифтани Шашмақомро ба устодони ин санъат рафиқон Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов ва Бобоқул Файзуллоев супорид» [206.I, с.10]. Аз инҳо яке – Бобоқул Файзуллоев, устоди забардаст шашмақомхон ва шашмақомдон буд, ки мактаби классикии устод-шогирдро дар Бухоро гузашта, дар ҳофизаи худ онро пурра нигоҳ медошт. Таркиботи Шашмақомро бо услуби мактаби маҳаллии худ – услуби ғиҷдувонӣ хеле хуб месароид. Овози ӯ дорои диапазони васеъ ва хеле дилчасп, гӯё барои иҷрои Шашмақом офарида шуда буд. Ду нафари дигарашон илова ба шашмақомдон будани худ аз илми назарии имрӯзаи мусиқӣ нағз хабардор – зеро ки ҳарду хатмкардаи Консерваторияи давлатии Москва буданд. Дар матни Шартнома оид ба нота гирифтани Шашмақом омадааст: «Шартнома байни Управленияи корҳои санъат дар назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон, дар шахси сардори ин Управления Раҳматуллоев Ҳ. аз як тараф ва муаллифон Шаҳобов Фазлиддин, Соҳибов Шоҳназар ва Файзуллоев Бобоқул, ки минбаъд «муаллифон» ном гирифта мешаванд, аз тарафи дигар, санаи 12 апрели соли 1947 баста шуд» [201.III, с.156]. Шартҳои ин шартнома аз ҷиҳати вақт хеле маҳдуд буданд. Дар пункти сездаҳуми он омадааст:

«13. Муҳлат: а) то 1 сентябри соли 1947 муаллифон ба Раёсат оид ба корҳои санъат 50% кор – 120 суруд ва оҳангҳоро месупоранд;

б) то 1 маи соли 1948 муаллифон ба Раёсат оид ба корҳои санъат мутобиқи параграфи якуми шартномаи мазкур ҳамаи корро дар шакли охирин месупоранд;» [201.III, с.158]. Зери чунин муҳлати кӯтоҳ, яке аз шартҳои қатъӣ, ба монанди «Тасҳеҳ: дар мавриди аз тарафи муаллифон сари вақт насупоридани кор, мутобиқи параграфи ҳафтуми ҳамин Шартнома Раёсат оид ба корҳои санъат барои ҳар як рӯз аз ҳар як муаллиф 0,5% нигоҳ медорад» [201.III, с.158] омадааст. Барои иҷрои чунин кори бузург ба муаллифон дар умум маблағи кофие, ҳарчанд ки он қисм-қисм дода мешуд, муайян гардид. Вале шартҳои пардохти ин қисмҳо хеле мудҳиш буданд:

«7. Шартҳои пардохт: а) дар вақти баимзорасии ин шартнома Раёсат оид ба корҳои санъат ба муаллифон 25% маблағ – 60 ҳазор сӯм;

б) бо супоридани 50% кор, вале на кам аз 120 суруд ва оҳанг, Раёсат оид ба корҳои санъат ба муаллифон 15% маблағи шартнома – 36 ҳазор сӯм пардохт менамояд;

в) бо супоридани ҳамаи ҳаҷми кор Раёсат оид ба корҳои санъат ба муаллифон 15% маблағи шартнома – 36 ҳазор сӯм пардохт менамояд;

г) бо қабули ҳаҷми пурраи кор аз тарафи муҳаррирони адабӣ ва мусиқӣ ва Шурои бадеии Раёсат оид ба корҳои санъат ба муаллифон 15% маблағи шартнома – 36 ҳазор сӯм;

д) ҳангоми аз чоп баромадани ҳамаи кор мутобиқи пункти шашуми шартномаи мазкур Раёсат оид ба корҳои санъат ба муаллифон маблағи боқимондаи охирин – 30% – 72 ҳазор сӯмро пардохт менамояд» [201.III, с.157-158].

Аз ин бармеояд, ки шартнома барои банотагирии Шашмақом ҳамагӣ ба муддати як солу дувоздаҳ рӯз баста шуда буд. Дар ин муддат се абармарди тоҷик иҷрои ҳифзи шоҳасари мусиқавии миллатро ба уҳда гирифтанд. Бо ин супориши қатъӣ дар назди устодон вазифаи бузург бо шароити хеле тангу душвор гузошта шуда буд. Яке аз мушкилиҳои воқеӣ бо маҳдудият вобаста буд. Маълум аст, ки Шашмақом зодаи анъанаҳои устувори шифоҳӣ аст. Аз ин рӯ, поливариантӣ ба он хос аст. Ин устодон, ки донандагони Шашмақом буданд, ҳар як шуъбаи мақомро на дар як, балки дар якчанд вариант медонистанд. Вале маҳдудияти ҳаҷми қарордод ба онҳо имкон намедод, ки ҳамаи вариантҳои медонистагиашонро ба ин чоп ворид созанд. Барои ворид кардани як вариант иҷозат талаб карда мешуд. Ҳар дафъа устодон барои интихоби варианти саҳеҳ баҳсҳои тулонӣ мегузаронданд, гаштаву баргашта месанҷиданд. Танҳо баъди он ба хулосае омада, ба сабти нотавии асар сар мекарданд.

Нашри Устодон бо саъйю кӯшиши се мақомдони бузурги тоҷик Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов амалӣ гардид. Барои ҳифзи Шашмақом муҳиммияти ин сабти нотавӣ хеле баланд аст. *Аввал* ин, ки ҳар се мақомдон намояндаи Мактаби классикии Шашмақом буданд. *Дуюм,* онҳо худ Шашмақомро месароиданду менавохтанд, яъне амалан матни пурраи онро медонистанд. *Сеюм,* Шашмақомро аз ҳофизаи худ нотанависӣ мекарданд. Онҳо дар муҳити садоии Шашмақом ба воя расида, ҳар як нозукии онро шунавида, иҷро карда, дарк мекарданд. *Чорум*, илми Шашмақомро хуб омӯхта буданд ва ҳамаи қоидаҳои асосии назарии системавӣ, силсилавӣ, зарбӣ, лаҳнӣ, грамматикии Шашмақомро медонистанд. *Панҷум*, ҳамаи онҳо дар мактаби суннатии устод-шогирд тарбия ёфта буданд ва мушахассоти ҷараёни таълим, нозукиҳои услуби омӯзишро хеле хуб аз худ карда буданд.

Агар сабти нотавии якум (1924) аз шунавоии композиторони рус вобастагӣ дошт, ин сабте, ки охири солҳои 40-ум сар мешуд, аз ҳофизаву дониши худи донандагону сароядагони Шашмақом ба амал оварда ме-

шуд. Инчунин хеле муҳим буд, ки байни онҳо Фазлиддин Шаҳобов танбӯрии нодири Шашмақом буда, вобастагиву пайвастагии ин шоҳкориро бо асбоби бунёдӣ-системавии он дақиқан медонист. Хулоса, тафаккури мусиқавии онҳое, ки сабтро ба амал меоварданд, дар асоси Шашмақом ташаккул ёфта буд. Аз ин рӯ, натиҷаи кори ин устодон хеле пурсамар баромад. Матни пурраи Шашмақом бо тамоми нозукиҳову қоидаҳои мантиқии он ба нота сабт шуд. Вале чопи он то соли 1967 давом ёфт. То имрӯз ин сабт бо меҳру муҳаббати самимӣ байни аҳли Шашмақом «нашри Устодон» номида мешавад. Ин сабт ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он то имрӯз мукаммалтарин сабти нотавии Шашмақом ба шумор меравад. Бидуни ягон шак(к) ҳамаи сабтҳое, ки баъди он иҷро шудаанд, бидуни аз худ кардани нашри Устодон имконнопазир мебуданд. Яъне сабти Шашмақом дар нашри Устодон заминаи асосии матни мусиқӣ ва адабии Шашмақомро ба вуҷуд овард.

Дар шароити онвақтаи Тоҷикистони шуравӣ барои сабти нотавии Шашмақом меъёрҳои ҳаҷми нашр ва муҳлати мушаххас муайян шуда буд. Вале ҳеҷ кас ин устодонро аз кори ҳамарӯзаи онҳо дар ансамбл ва дигар, масалан, Иттифоқи композиторон, барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ ва ҳоказо озод накарда буд. Бо вуҷуди ин, матни пурраи Шашмақом (ҳам мусиқавӣ ва ҳам шеърӣ) сари вақт сабт гардид.

Инак, Шашмақом дар панҷ ҷилд дар муддати солҳои 50-ум – 60-ум аз чоп баромад: ҷилди якум – мақоми Бузрук (1950), ҷилди дуюм – мақоми Рост (1954), ҷилди сеюм – мақоми Наво (1957), ҷилди чорум – мақоми Дугоҳ (1959) ва ҷилди панҷум – мақоми Сегоҳ ва мақоми Ироқ (1967) [206]. Ҳар як мақом бо қисми созӣ – *мушкилот* ва қисми овозӣ – *наср* оварда шудааст. Ба он шакли Шашмақом, ки дар нашри Устодон омадааст, то имрӯз ягон дигаргунӣ дароварда нашудааст. Он шакл ҳамон буд, ки баъди пайдо шудани Шашмақом дар охири асри XVIII дар тули асри XIX ва чоряки аввали асри XX мукаммал гардид. Маълум аст, ки дар давраи шуравӣ шаклу ҳаҷми Шашмақом дигар нашуд. Дар ин давра сухан танҳо дар бораи ҳифзи он мерафт.

Нашри Устодон аввалин сабти нотавии Шашмақом аст, ки матни пурраи онро дуруст пешниҳод кардааст. Ҳамаи сабтҳои минбаъдаи Шашмақом то имрӯз дар Ӯзбакистон [204], Олмон [219] ва Тоҷикистон [208] дар асоси ҳамин нашр навишта шудаанд[179]. Муаллифон-устодони

---

[179] Аз суҳбатҳо бо ҳамсари устод Фазлиддин Шаҳобов (муаллима Фотима Аҳроровна) ба мо маълум шуд, ки Устод Юнус Раҷабӣ, ки сабти Шашмақомро дар Ӯзбакистон ба уҳдааш вогузор карда буданд, тез-тез ба Душанбе, ба назди устод Шаҳобов меомад. Он гоҳ дукаса пайи суҳбатҳо дар бораи Шашмақом шабро рӯз мекарданд. Барои ҳарду муҳим буд, ки Шашмақом ба нота дуруст сабт шавад.

ӯзбакистонии Шашмақом онро комилтарин сабти нотавӣ ҳисобида, онро ҳамчун зерасос қайд кардаанд [204.I, с.23-24].

Бамаврид аст, ин ҷо суханони устод Фазлиддин Шаҳобовро оид ба ин нукта биоварем, ки айёну равшан гуфтааст: «бо таъсири самараноки Шашмақоми тоҷик дар шаҳрҳои Тошканд, Фарғона мақомҳои ӯзбекӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо аз равобити.. ..ин ду халқи қадими ҳамсоя дарак медиҳанд» [201.II, с.15].

Ин сабти нотавӣ ҳам дақиқтарин асту ҳам барои пажӯҳиши илмии Шашмақом судманд. Истифодаи нашри Устодон дар омӯзиши асосҳои назарӣ ва амалии Шашмақоми классикӣ роҳи дурусти онро нишон медиҳад. Зеро ки ин сабт диди намояндагони мактабест, ки мантиқи Шашмақом дар он ташаккул ёфтааст.

Ҳар мақом аз мушкилот сар мешавад. Ба ин қисми созии мақомҳо шуъбаҳои тасниф, тарҷеъ, гардун, мухаммас ва сақил дохиланд. Ин шуъбаҳои асосии қисми мушкилот мебошанд. Шуъбаи асосӣ гуфта, он шуъбаро меноманд, ки дар ҳар як мақом ҷо дорад (1) ва дорои усули худ аст (2). Дар мушкилоти Шашмақоми нашри Устодон дар мақоми Рост тарҷеъ несту дар мақоми Ироқ – гардун. Бо сабаби дар амалияи мусиқӣ набудани онҳо, чунин ҳисобида мешавад, ки ин асарҳо гум шудаанд. Ба ғайр аз шуъбаҳои асосӣ ба мушкилот асарҳои дигар, дар жанрҳо аз қабили нағма, пешрав, самоъ, хафиф, чанбару фарфар дохил шудаанд. Онҳо дар баъзе мақомҳо ҷой доранд, аз ҷумла, дар мақоми Наво – Нағмаи Ораз, дар Дугоҳ – Пешрав ва Самоъ, дар Сегоҳ – Хафиф ва дар мақоми Ироқ – Чанбару Фарфар ва диг. Ҳамаи онҳо дар усули тасниф меоянд. Бинобар он, ки онҳо усули худро надоранд, онҳоро шуъбаҳои иловагӣ меноманд. Ҷо доштани онҳо барои ин ё он мақом зарур аст, вале барои ҳамаи Шашмақом ҳатмӣ нест.

Устод Фазлиддин Шаҳобов дар бораи вазифаи мушкилот хеле мушаххас гуфтааст. Мушкилот, ки «қисми даромад, яъне оғози саршавии мақом аст, аз оҳангҳои мураккаби пурмаъно ва савту навоҳои дилрабо шакл гирифта, ба оҳангбандону машшоқон имкониятҳои беши эҷодӣ медиҳад. Иҷрокунандагони мумтози мушкилот қонуниятҳои онро аз худ карда, баъзан дарозу кӯтоҳ ё ки иловаҳои нозуке дохил мекарданд» [201.II, с.13]. Эҳтимол чунин имконият бо сабаби набудани матни шеърӣ дар мушкилот ба вуҷуд меояд. Вале новобаста ба ин, ҳар як шуъбаи мушкилот усули худро дорад, ки он ба қонуни шеърбандӣ монандӣ мекунад. Риояи ин усулҳо дар ҷараёни шаклсозӣ аз қоидаҳои асосист. Ва маҳз бо риояи ин қоида хусусиятҳои дигар пайдо мешаванд (дар ин бора алоҳида гуфта мешавад). Устод Фазлиддин Шаҳобов мантиқи сохтори драматургӣ-композитсионии мушкилотро зимни

силсилаи мақом муайян карда, мушкилотро «муқаддимаи мақом» номидааст [201.II, с.13].

Қисми наср бо ду гурӯҳи шуъбаҳо пешниҳод гардидааст: гурӯҳи якум ва гурӯҳи дуюм. Ба гурӯҳи якум чор шуъбаи асосӣ, «чор ҷузъи бузурги яккахонӣ» (Устод Ф.Шаҳобов) дохил аст: сарахбор, талқин, наср ва уфар. Бояд гуфт, ки санъати сароядагии касбии тоҷикон, хусусан, шуъбаи насрии Шашмақом, ҳамеша дар мутаносибии зич бо назми классикии форс-тоҷик инкишоф ёфта омадааст. Дар Шашмақом шеърҳои Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Соиб, Ҷомӣ, Бедил, Восифӣ, Мушфиқӣ, Зебуннисо, Сайидо ва дигарон ҷамъ оварда шудаанд. Байни ин шуъбаҳои калонҳаҷм тарона омадааст. Шумораи шуъбаҳои асосии насрӣ ҳамеша дар силсилаи мақом якто аст. Вале миқдори таронаҳо гуногун ва хеле зиёд (то 9) буда метавонад. Вазифаҳои шуъбаҳои асосӣ ва тарона дар силсила мутафовитанд. Тавре ки устод Фазлиддин Шаҳобов қайд мекунад, оҳангҳои тарона хеле одӣ ва суфта буда, барои хониши умумӣ бисёр мутобиқанд. Дар силсилаи гурӯҳи якуми наср тарона алоқамандӣ ва гузариши байни шуъбаҳои бузурги яккахониро муҳайё месозад [16, с.240–257]. Таронаҳо аз ҷиҳати дарки моҳияти мусиқӣ ва эҳсосоти зебоӣ-эстетикӣ ҳам қобили таваҷҷуҳанд. Онҳо ҳаҷман хурд буда, ба шунаванда таассуроти амиқи бемисл мебахшанд. Устод Фазлиддин Шаҳобов таронаҳоро намунаи мусиқии халқии тоҷик меҳисобад. Характери ниҳоят шӯх, равону тоза, рақсӣ ва матни шеърии он (бештар халқӣ) аз хусусият-ҳои таронаанд. Ҳамин тариқ, шуъбаҳои асосӣ (ва дигари бузургҳаҷм) якка ва таронаҳо – бештар гурӯҳӣ суруда мешаванд. Дар драматургияи силсилаи гурӯҳи якуми насрӣ устод Фазлиддин Шаҳобов анъанаҳои қадими сароядагии тоҷиконро қайд кардааст: «.. иваз гаштани хониши умумӣ ва баръакс, ба маросими зардуштиён хос буд» [201.II, с.15].

Силсилаи гурӯҳи аввали насрии мақомҳоро таҳлил карда, функсияи сарахборро устод Фазлиддин Шаҳобов нисбат ба қисмҳои асосии талқин ва наср муқаддимавӣ мешуморад. Силсила бо супориши аввалин ба шуъбаи уфар оварда, бо супориши охирин анҷом меёбад. Вазифаи ин ду супориш дар он аст, ки ҳудуди силсиларо муайян мекунанд. Он бо хусусияти асосӣ – такя бар усули сарахбори силсила зоҳир мегардад. Дар гурӯҳи якум дар баробари шуъбаҳои асосӣ, инчунин шуъбаҳои иловагӣ омадаанд. Хотиррасон мекунем, ки зери мафҳуми шуъбаи асосӣ он шуъбаро меноманд, ки дар ҳамаи мақомҳо ҷо дорад (1) ва дорои усули жанрии худ аст (2). Шуъбаҳои иловагӣ дар ин ҷо ҳам усули худро надоранд ва дар баъзе мақомҳо меоянд. Аз қабили онҳо Насруллоҳӣ дар мақоми Бузрук, Наврӯзи Сабо ва Талқинчаи Сабо дар мақоми Рост, Орази Наво ва Ҳусайнӣ дар мақоми Наво, Орази Дугоҳ ва Дугоҳи Ҳусайнӣ дар

мақоми Дугоҳ, Хоро ва Аҷам (Наврӯзи Хоро ва Наврӯзи Аҷам) дар мақоми Сегоҳ, Муҳайяри Ироқ дар мақоми Ироқ мебошад. Ҳамаи ин шуъбаҳои иловагӣ ба ғайр аз Талқинчаи Сабо дар усули наср асос меёбанд.

Маълум аст, ки нахустмуаррифии Шашмақом дар охири асри XVIII тавассути қисмҳои мушкилот ва гурӯҳи якуми насрӣ ба амал омада буд.

Дар тули асри XIX анъанаҳои бастакорӣ дар Шашмақом хеле рушд ёфтанд. Дар асоси Шашмақом эҷоди силсилаҳои якчандқисма ба ҳукми анъана даромад. Дар ин ҷараён қисми дигари насрӣ – гурӯҳи дуюми шуъбаҳо ташаккул ёфт. Дар мақоми Ироқ ин гурӯҳи шуъбаҳо вуҷуд надошта, гумшуда ҳисобида мешавад. Омили асосии ба гурӯҳи дигар ҷамъ овардани ин асарҳо дар он аст, ки услуби силсилабандӣ ин ҷо дигар аст. Гурӯҳи дуюм аз силсилаҳои алоҳидаи асосан панҷқисма иборат аст, вале дар он, инчунин, силсилаи чорқисма – Амали Сегоҳ (мақоми Сегоҳ), силсилаҳои сеқисма – Оромиҷон (мақоми Дугоҳ), Гиря (мақоми Сегоҳ) ва асарҳои калонҳаҷми яққисма – Қаландари Дугоҳ ва Самандари Дугоҳ (мақоми Дугоҳ) ҷо доранд.

Силсилаи панҷқисма дорои чунин сохтор аст: савт, талқинча, фурӯғ, соқинома ва уфар. Номи умумии чунин силсилаҳои панҷқисма ду навъ мешавад: савт ё амал[180]. Ҳар як қисми ин силсилаи панҷқисма дорои усули худ аст. Дар ин силсилабандӣ ҳам унсури усул муайянкунандаи жанри асар мебошад. Номи мушаххаси силсила аз номи қисми аввал бармеояд. Тавре ки устод Фазлиддин Шаҳобов қайд кардааст: «Дар байни ин панҷ ҳисса савт (ё амал – Ф.А.) мавзуъи асосии асари силсилавӣ аст. Чор ҳиссаи бақия бо баробари нигоҳ доштани сохту шакли асар ва иваз кардани усулу матни гуногунвазн онро пурра менамоянд» [201.II, с.15]. Қисмҳои таркибии силсилаи панҷқисма одатан сохтори композитсионии қисми якуми силсила – савт (ё амал)-ро такрор мекунад.

Аз ҷиҳати матни шеърӣ ба гуфтаи устод Фазлиддин Шаҳобов «матни шуъбаҳои Шашмақомро вобаста ба табиати мутриб, афкори ҷамъиятӣ, талаботи шунавандагон ва ғайра тағйир додан мушкилие надорад» [201.II, с.15].

Яке аз бурди сабти нотавии устодони бузурги Шашмақом дар он аст, ки дар баробари хати оҳангии асосӣ, дар шуъбаҳои овозӣ овардани хати такнавозии танбӯрро низ ҳатмӣ шуморидаанд. Ин барои дарки моҳияти Шашмақом хеле муҳим аст. Зеро ки хати оҳангии овозӣ на ҳама вақт бо аслпарда анҷом меёбад. Дар ин хусус он бо хати такнавозии танбӯр фарқ мекунад. Фарқият аз он лиҳоз ба вуҷуд меояд, ки функсияҳои хати

[180] Дар истилоҳоти нашри устодон «фурӯғ» – «қашқарча» асту «амал» – «муғулча». Ин ҷо мо аз ислоҳоте, ки соли 2015 дар Тоҷикистон қабул шуд, истифода мебарем.

оҳангии овозӣ ва хати такнавозии танбӯр гуногун аст: яке (овоз) оҳанги асосиро иҷро мекунад, дигар (танбӯр) – такнавозиро бар уҳда дорад. Дар мусиқии мақом (дар ҳамаи системаи мақомоти Шарқ) яке аз вазифаи такнавозӣ бо доимосадодиҳии аслпарда вобаста аст. Дар баъзе гунаҳои мақом барои иҷрои ин функсия асбоби мусиқии махсус ҷудо карда шудааст: дар рагаи ҳиндӣ – вина, дар фалаки помирӣ – рубоби помирӣ, дар муғами озарӣ – балабон ва ҳоказо. Дар гунаҳои дигар ин функсияро асбоби мусиқии бунёдӣ-системавӣ иҷро мекунад, масалан, дар Шашмақом – танбӯр, дар фалаки кулобӣ – думбра ва ҳоказо. Дар нашри Устодон ана ҳамин хусусияти Шашмақом ба эътибор гирифта шудааст. Бинобар ин, дар баъзе мавридҳо агар хати оҳангии овозӣ ба аслпарда оварда нарасонад, он гоҳ ин функсияро танбӯр иҷро мекунад. Навиштани бахши танбӯр дар сатри алоҳидаи нотавӣ аз он ҷиҳат низ мувофиқи мақсад аст, ки вазифаи танбӯрро дар сурудани Шашмақом пурра таҷассум менамояд. Ин нуктаи хеле нозуки шашмақомхониро устодони асил ҳатмӣ шумориданд. Агар навовариҳои нашри Устодонро хеле мухтасар қайд кунем, қабл аз ҳама бояд инҳоро бигӯем:

- ❖ устодон Шашмақомро аз ҳофизаи худ ба нота навиштанд;
- ❖ ягона сабти нотавии Шашмақом аст, ки бевосита намояндагони Мактаби классикии Шашмақом иҷро кардаанд;
- ❖ матни мусиқавӣ ва шеърии Шашмақом пурра оварда шудааст;
- ❖ сабт мустақим барои сароидану навохтани Шашмақом пешниҳод карда шудааст;
- ❖ ҷараёни композитсионӣ-драматургии ҳар як шуъба банд-банд нишон дода шудааст;
- ❖ иборасозии матни шеърӣ бо иборасозии матни мусиқавӣ мутобиқи якдигаранд;
- ❖ функсияи танбӯр ҳамчун сози бунёдӣ-системавии Шашмақом пурра таҷассум гардидааст.
- ❖ .....

Донистан, сароидану навохтани устодон барои нотанависии Шашмақом хеле муҳим буд, зеро ки ин донишу фаҳмиш бидуни душворӣ муайян кардани интихоби беҳтарину хубтарини вариантҳоро ба онҳо имкон дод. Ба туфайли донандагии худ қоидаҳои асосии мақомбандиро дар асарҳо ба дараҷаи олӣ нишон дода тавонистанд. Устодон боз як хусусияти асосии Шашмақомро ҳамчун асари бузургҳаҷми силсилавӣ ба эътибор гирифтаанд. Шашмақом силсилаи кушода аст. Он дорои як матни «шахшуда» буда наметавонад. Яке аз функсияи Шашмақом дар он аст, ки зеҳнияту лаёқату фаҳмишро дар инсон рушд медиҳад. Талқини нав додани ҳар як асари таркибӣ вазифаи асосии ҳар як сарояндаву

навозандаи Шашмақом аст. Бинобар ин сабти нотавии Шашмақом дар пешниҳоди Устодон орӣ аз аломатҳои ороишӣ аст.

Ин нашр то имрӯз асоси омӯзиши Шашмақом аст. Он ягона манбаест, ки бевосита анъанаҳои Мактаби классикии Шашмақомро тавассути нота ба мо расонидааст. Маҳз ҳамин сабти нотавӣ имкони таҳлилу тадқиқи илмии Шашмақомро медиҳад. Аз тарафи ин донандагони кул(л) ба нота гирифтани Шашмақом, ин макросилсилаи мусиқии суннатии классикии тоҷик, амали бузурги таърихӣ арзёбӣ гардидааст. Ҷилои ин корнамоӣ бо мурури замон дурахшонтар мегардад. Зеро ки ин манбаъи асилест аз Мактаби классикии Шашмақом, аз офарандагони ин санъати воло барои ворисони Шашмақом. Ва он ифтихори миллии тоҷикон аст. Бояд фаромӯш накард, ки ин амалро дар давру замони мураккаб устодони асилу фидокори мусиқии волои миллати тоҷик Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов сарбаландона иҷро карданд.

V.2.3. Шаҳобов Фазлиддин. Рисолаи «Баёзи Шашмақом»

Дар фарқият бо устодони дигари Шашмақом, ба Фазлиддин Шаҳобов, ки илми мақомро хуб медонист ва шахсияти донишманд, донандаи назарияи шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ ва мусиқии классикии тоҷик буд, талқиноти илмии Шашмақом хос аст. Дар мероси Бобоқул Файзуллоев ва Шоҳназар Соҳибов коркарди илмӣ доир ба Шашмақом ҷо надорад.

Мақолаҳои илмӣ-таҳлилӣ, илмӣ-таърихӣ, мақола-портретҳо, мақолаҳои мусиқӣ-назарӣ, мақолаҳои таҳлилӣ дар бораи Шашмақом, сенарийҳои барномаҳои радиоиву телевизионӣ, тақризҳо, баромадҳо дар анҷуманҳои композиторӣ ва диг. дар беш аз 1000 саҳифаи осори хаттӣ, осори дастнависии устод Фазлиддин Шаҳобов то ба имрӯз расидааст [201; 202; 203].

Дар аввали солҳои 50-ум Фазлиддин Шаҳобов бо майли қалби худ ба фаъолияти мусиқӣ-равшаннамоӣ оғоз намуд. Ин дар мунтазам гузаронидани барномаҳои радиоӣ ва дертар телевизионӣ бо талқиноти Шашмақом ва таркиботи он зоҳир гардид. Чунин барномасозӣ мақсади ба шунаванда фаҳмондани моҳияту сохтору мазмуни Шашмақомро дошт. Ба воситаи барномаҳои радио устод Фазлиддин Шаҳобов василае сохт, ки шунавандаи воқифро тарбия мекард. Шашмақом навъи мусиқии классикӣ аст ва фаҳмидани он бе саводи муайян, сатҳи умумии бадеият, қабули дурусти шеъри классикӣ ва дигар имконнопазир аст. Чунин навъи шунаванда барои Шашмақом ҳамеша зарур аст, вале он замон бархусус

зарурати зиёд пайдо карда буд. Баровардани Шашмақом аз системаи таълимӣ пеши роҳи тарбияи на танҳо иҷрокунанда, балки шунавандаро ҳам гирифта буд. Фазои садоии Шашмақомро танг мекард. Ҳамин вазъро ба эътибор гирифта, устоди асили Шашмақом фаъолияти равшаннамоии худро дар ҷодаи Шашмақом сар кард.

Ҳар як барномаро устод ба як мавзуъ мебахшид. Барномаҳо дар пайиҳамие гузаронида мешуданд, ки қисмҳои таркибӣ дар силсилаи Шашмақом ба он тартиб буданд. Меъёру мақсади асосии барномаҳои устод осонфаҳмии ин шоҳасар буд. Ӯ дар бораи хусусиятҳои мақомҳову шуъбаҳо нақл карда, мақомҳоро дар иҷрои ҳайати ансамбл ё худ шунавонида, ҳам қисми Шашмақомро ва ҳам иҷрокунандаву асбоби мусиқиро муаррифӣ мекард. Дар бораи ҳар як таркиботи Шашмақом маълумоти мухтасар, вале хеле саҳеҳро ба шунавандагон мерасонд. Моҳияти Шашмақомро бо зарбу оҳанг, жанру лаҳну ҷараёни шаклсозии асарҳо, мутобиқати шеър ва мусиқӣ нишон медоду талқин менамуд. Ҳамон солҳо нуфузи барномаҳои устод барои ҷомеа хеле баланд баҳогузорӣ шуд. Судмандии чунин барномаҳоро аҳли ҷомеа дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон зуд пазируфт. Мухлисон дар вақту соати зарурӣ радиоро баланд монда, барномаро гӯш мекарданд. То охири солҳои 60-ум устод Шаҳобов дар бораи ҳамаи Шашмақом барнома гузаронд.

Сенарийҳои ин барномаҳо дар осори хаттии устод боқӣ мондаанд. Мазмуну муҳтавои ин сенарийҳо нишон медиҳад, ки онҳо баҳри нигаҳдошт ва ҳифзи илми Шашмақом ба амал оварда шуда буданд. Мақсаду мароми устод Шаҳобов аз навиштан ва амалӣ кардани ин барномаҳо ҳамон мақсади пешина буд – ба мардум фаҳмонда додани илми Шашмақом. Бинобар ин, ӯ ҳар мавзуъро дар сенарийи як барнома ҷо карда, мунтазам, порча-порча аз таркиботи Шашмақом талқин менамуд ва асари мутааллиқ ба ин мавзуъро мешунавонид. Ҳатто тартибу танзими баргузории ин барномаҳо зери назорати устод буд. Ҳеҷ гоҳ чунин барнома ду-се рӯз пайиҳам намерафт. Зеро ки маълумоти барномаро шунаванда (ё тамошобин) мебояд таҳлилу азхуд менамуд. Ва барои ин вақт лозим буд. Шунаванда (тамошобин) маълумотро азхуд карда, барномаи навбатиро интизор мешуд. Ҳамин тавр, байни баранда ва шунаванда (тамошобин) робитаи хубе ба вуҷуд омада буд.

Ҳар як барнома бо даст пурра навишта шуда, матни он саршор аз мушаххасоти жанри радиоӣ ва телевизионӣ мегардид. Устод Шаҳобов матни ин барномаҳоро бо калимаҳои калидии сенариявӣ, ба монанди «дар кадр», «сухани баранда», «дар иҷрои ансамбл шунавед» ва диг. «муҷаҳҳазонида», пешниҳод мекард.



XV

Намоиши навбатии мо аз цикли асари бо мусиқии «Шашмақом» Сармашқум.

Дар кадр расми китоби «Шашмақом» (ҷилди чаҳорум) мусиқии классикӣ баланд садо медиҳад. Пас саҳифаҳои китоб гардонида мешавад.

Дар кадр диктор. (аз паси кадр) Тамошобинони муҳтарам! Намоиши навбатии шашмақомро аз давоми китоби чаҳоруми «Шашмақом» аз мақоми «Рост» давом медиҳем. Чи тавре ки дар намоиши гузашта мо ба шумо аз қисми якуми мақоми «Рост» аз «Мушкилот» «Мухаммаси ушшоқ»-ро ва аз қисми «Наср» «Наврӯзи сабо» – «Талқинчаи сабо» ва «Суворои аввалин»-ҳоро шунавонида ва «Уфари ушшоқ» оварда расонида будем. Акнун дар намоиши имрӯза ... аз давоми ҳамин мақом аз қисми...

Расми 48а. Намунае аз дастхати барномаи телевизионӣ.

Аз он фаҳмиши амиқи устод аз хусусияти жанрҳои барномавии радио- ва телевизионӣ равшан айён мегардад. Дар солҳои 50-ум – 60-уми асри XX васоити ахбори омма мукаммал набуд ва ҳар дафъа ин барнома ба таври мустақим қарор мегирифт. Бинобар ин ҳар як барнома хосса омода шуда, бо риояи тартиби радиоӣ (ва дертар, телевизионӣ) гузаронида мешуд. Дар ин амал масъулияти баланди шахсие, ки ба устод дар рафту иҷрои вазифа хос буд, мушоҳида мегардид. Ба устод Фазлиддин Шаҳобов як чиз хос буд. Ӯ ҳар як кореро, ки пеш мегирифт, аз сидқи дил амалӣ мекард.



Расми 48б. Намунае аз дастхати барномаи телевизионӣ.

Судмандии чунин рафтори худро ӯ дар ҷавобҳои самимӣ ва маҳбуби шунавандагон медид. Ӯ ҳис мекард, ки ба ҷомеа чунин барнома хуш меояд. Аз ин рӯ, гузаронидани онҳоро ҳамеша зарур мешуморид. Матни ҳар як барномаро худ менавишт. Дар ин навиштаҷот масъулияти устод хеле мушаххас мушоҳида мешавад.



Расми 48в. Намунаи саҳифае аз дастнависи устод Фазлиддин Шаҳобов бо хатти кириллӣ

Баъди мутолиаи муфассали ин маводи сенарӣ ва аз он «кашидани либос»-и жанрии сенарийи барномаи радиоӣ-телевизионӣ айён гардид, ки он дар жанри рисола-баёз навишта шуда аст: дар он шаклу баёни баёз ҳамчун рисолаи мусиқии Шашмақом пурра риоя шудааст.

Эҳтимол «пӯшонидани либос»-и барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ дар давраи шуравӣ, ки институтҳои таълимӣ ва услубҳои навишти илмии

«тореволютсионӣ»[181]-ро қабул намекард, тасодуфӣ набуд. Шаклу анъанаи рисоланависиро устод бо шакли сенарийҳои барномавӣ рӯпӯш мекард. Зиёда аз ин, он воқеияте, ки худи Устод Фазлиддин Шаҳобов ашрофзода, писари мударриси дарборӣ ва олим-бедилшиноси дарбори амири Бухоро буд, зарурати эҳтиёткориро якчанд маротиб зиёд мекард[182]. Бо вуҷуди ҳамаи ин «хатар»-ҳо устод аз роҳи интихобкардаи худ нагашт. Ӯ мақсади худро хеле равшан баён намуда, мардумро ба шунидану фаҳмидани Шашмақом даъват мекард. Вале эҳтиёткорӣ менамуд. Истифодаи радио ва телевизионро барои тарғиби Шашмақом айни муддао мешуморид. Шакли барномавии талқиноти Шашмақом ба фаҳмиши дурусти он осебе намерасонид. Ин буд омили асосии интихоби ин васила дар фаъолияти фарҳангӣ-равшаннамоии устоди бузург.

Зарурати ба вуҷуд омадани шарҳи муфассали Шашмақом, хосса аз ҷиҳати композитсионӣ, ҳатто баъди пайдо шудани жанри нави рисола-баёз якбора ташаккул наёфт. Аз ин рисола-баёзҳои асри XIX – аввали XX далолат медиҳанд. Устод Фазлиддин Шаҳобов, ки дар баробари азхуд кардани равияҳои нави мусиқавӣ, ягон лаҳза аз Шашмақом дур нашуда буд, медонист, ки дар шароити асри XX бо кадом роҳҳо Шашмақомро мебояд ривоҷу равнақ дод. Устод Фазлиддин Шаҳобов аз воқеияти замони худ ва бо назардошти дастовардҳои мусиқии солҳои 50-ум – 60-уми асри XX рисола-баёзи худро навиштааст. Ва дар он мақсаду мароми жанри рисола-баёз пурра иҷро гардида бошад ҳам, воқеияти замон низ дақиқона ба эътибор гирифта шудааст. Феълан устод шакли нави рисола-баёзро пешниҳод кардааст. Ҷо доштани ҳамаи ин нуктаҳо ба мо асос дод, ки жанри илмии ин қисми навиштаҷоти устод Фазлиддин Шаҳобоврo ҳамчун рисола-баёз муайян бикунем ва онро зери чунин унвони жанрӣ соли 2007 аз чоп барорем [201.I].

Инро бояд қайд кард, ки худи Устод Фазлиддин Шаҳобов дар ҳеҷ ҷо ва ба ҳеҷ касе дар бораи навиштани рисола-баёз сухане нагуфтааст.

Матни рисола ба забони тоҷикӣ ду гуна – бо ҳуруфоти имрӯзаи тоҷикӣ (кириллӣ) ва хати ниёгон (ҳуруфи арабӣ) навишта шудааст:

---

[181] Ин истилоҳ дар давраи шуравӣ ҳамаи китобҳоро фаро гирифта буд. Он револютсияи октябрии соли 1917-ро дар назар дошт, ки бо сарнагун кардани монархияи подшоҳӣ ва таъсиси ҳукумати нави пролетарӣ-советӣ (аз с. 1922 – СССР) анҷом ёфта буд.

[182] Падари устод Шаҳобов Абдураҳими Хатлонӣ, баъди пойдор гардидани Ҳокимияти шуравӣ дар Бухоро, ба омӯзгорӣ ва бедилхонӣ дар маҳфилҳои шаҳрии Бухоро машғул шуд. Академик М.Шакурӣ дар ҷашни 70-солагии устод Фазлиддин Шаҳобов дар бораи фаъолияти равшаннамоии Абдураҳими Хатлонӣ, хусусан фаъолияти ӯ дар талқини ашъори Бедил дар маҳфилҳои адабии Бухоро, ки дар театри меҳнаткашон баргузор мегардид, қайд кард. Абдураҳими Хатлонӣ ҳамчун бедилшинос пазируфта шуда бошад ҳам, дар нимаи дуюми солҳои 20-ум дар баробари ин, хуҷранишинӣ карда, вақти худро ба тиловати Қуръон, матнҳои дигари динӣ ва асарҳои шоирони классикӣ мебахшид. Абдураҳими Хатлонӣ соли 1929 аз олам гузашт.

(13)

نمایش نوبتی آمانرا
از سلسلهٔ آثار موسیقی کلاسیکی «شش‌مقام»
سر میکنیم.

در که رجلهٔ سوم «شش‌مقام»
مقام «نوا». آهنگ
کلاسیکی بلند صدا میدهد.
پس صحیفه‌های کتاب
ورق زده میشود.

(برنده) تماشابینان محترم!

نمایش نوبتی ایمانرا از باب سوم «شش‌مقام» مقام «نوا»
دوام میدهیم. ما، در نمایش گذشته از قسم یکم
مقام «نوا» - از «مشکلات» - یعنی راه مشقی مقام -
«گردون نوا» و از قسم دوم مقام «نوا» «نصر» -
یعنی راه سرود خوانی «نصر بیات» - را با چهار
«ترانه» - اش شنوانیده بودیم. اکنون در نمایش
امشبهٔ امان دوام همین مقام را بطرز مختصر نقل
نموده، وابسته به همین قسمهای مقام موسیقی و سرودها
میشنوانیم.

II

تماشابینان ارجمند!

دستهٔ اسبابهای موسیقی از قسم یکم مقام «نوا» از مشکلات-
یک آهنگ با نام «نغمهٔ عارض» به استماع شما میرسانند.
این آهنگ از پانزده «سرخانه»- های حجم‌شان
خورد عبارت بوده، از جهت شکل و اصول خیلی
عادی میباشند. ولی از خصوص ترکیبات
داخلی خود، طرز نواخت، از خودکنی و از برنمودن
آهنگ خیلی مرکب‌تر نماید. بنابراین از اجرا
کننده‌گان استعداد بلند، دقت تام و قوهٔ حافظه
خوبی را طلب مینماید. اکثر این «سرخانه»-ها-
یعنی بندهای این اثر با رنگهای تغیریابی
صدای بلند و پستی‌های آهنگ آمده است.
چنانچه برای مثال:- اگر یک «سرخانه»-



III

-یعنی یک بند آهنگ از پردهٔ یکم

سرشده باشد. بعد تر همان بند موسیقی را

بتفصیل مثل «دو نعره» اکتوه بلند-یعنی

در پردهٔ هشتم نواخته میشود. غیر ازین

در داخیل «سرخانه»-ها امثال بدیع

سوال و جواب ~~وجود دارد~~ مشاهده کرده میشود. مثلاً سوال

اگر در قولهای بلند آهنگ صدا دهد،

جواب همان جملهٔ بند موسیقی همه وقت مانند

«بازگوی» -یعنی بند تکرار یا بنده و تغیر یابند

در پرده های پست همه وقت یک خیل جواب

میدهد. چالدر دستهٔ موسیقی نوازان آهنگ

«نغمهٔ عارض» -را میشنوید.

در گدر دستهٔ موسیقی
نوازان. آهنگ
«نغمهٔ عارض» نواخته
میشود.

Расми 49. Намунаҳои саҳифаҳои дастнависи устод Фазлиддин Шаҳобов ба ҳуруфи ниёгон дар бораи мақоми Наво

Рисола аз пешгуфтори хеле мухтасари умумие дар бораи мусиқии суннатии тоҷик сар мешавад, ки ин матни яке аз мақолаҳои устод аст. Қисми дуюми муқаддимавӣ зери унвони «Шашмақом» матни мақолаест бо ин унвон аз навиштаҷоти устод Фазлиддин Шаҳобов. Бояд гуфт, ки дар осори хаттии устод якчанд мақола зери ин унвон вомехӯрад. Ва мо яке аз онҳоро интихоб кардем. Сипас, қисми асосии баёз бо унвони «Мақоми Бузрук» оғоз мегардад. Дар умум он дар сохтори анъанавии рисола-баёз омадааст. Аммо дар аввали он устод ворид кардани талқини истилоҳоти марбут ба мавзуъро зарур мешуморад. Сухан дар бораи истилоҳҳои «сарахбор» ва «тарона» сар шуда, сониян, талқини силсилаи сарахбор (бо таронаҳо), функсияҳои таронаҳо дар силсилаи мақом то шуъбаи Талқин гуфта шудааст. Пас аз ин талқинот устод сохтори Сарахбори Бузрукро банд-банд бо байтҳои ғазали Анварӣ нишон дода, ҳар якро тибқи функсияҳои композитсионии он ном мегирад. Фаҳмост, ки ин унвонҳои зерқисмҳои таркибӣ ҳамонҳоеанд, ки дар мактаби классикӣ қабул шуда буданд. Фарқият танҳо дар он аст, ки дар мактаб онро шифоҳӣ меомӯзонданду ин ҷо устод Шаҳобов ба таври хаттӣ онҳоро як-як қайд мекунад, муфассал меоварад. Ва бандҳои асари мусиқиро дар мутобиқат ба байтҳои ғазал нишон медиҳад:

- *даромад* – байти аввал
- *миёнхат* – байти дуюм
- *бозгӯи аввал* – байти сеюм
- *аз Уззол* – байти чаҳорум, мисраи аввал
- *аз Ушшоқ* – байти чаҳорум, мисраи сонӣ
- *Муҳайяр* – байти панҷум
- *Авҷи Муҳайяр* – байти шашум, мисраи аввал
- *супориши Муҳайяр* – байти шашум, мисраи сонӣ
- *бозгӯи дуюм* – байти ҳафтум.

Ба ҳамин равол Сарахбори Бузрук бо шаш тарона, Талқини Уззол бо ду тарона, Насруллоҳӣ бо чаҳор тарона, Насри Уззол бо супориш, Уфари Уззол бо супориши охиринро оварда, ба гурӯҳи дуюми шуъбаҳо мегузарад. Аввал дар бораи силсилаҳои яккисма ва панҷқисма гуфта, сипас, сохтори мушаххаси гурӯҳи дуюми шуъбаҳои мақоми Бузрукро мефаҳмонад. Дар ин ҷо низ ҳар як жанри таркибӣ банд-банд бо байтҳои ғазал мутобиқшуда оварда шудааст:

силсилаи аввал – Савти Сарвиноз, бо сохтори

- Савти Сарвиноз

- Талқинчаи Савти Сарвиноз
- Фурӯғи Савти Сарвиноз*[183]
- Соқиномаи Савти Сарвиноз
- Уфари Савти Сарвиноз.

Ва силсилаи дуюм – Амали Бузрук* бо шуъбаҳои таркибии

- Амали Бузрук
- Талқинчаи Амали Бузрук*
- Фурӯғи Амали Бузрук*
- Соқиномаи Амали Бузрук*
- Уфари Амали Бузрук*.

Силсилаи сеюм – Ироқ бо сохтори

- Ироқ
- Талқинчаи Ироқ
- Чапандози Ироқ
- Соқиномаи Ироқ
- Уфари Ироқ.

Силсилаи чаҳорум – Рок бо таркиботи

- Рок
- Мустазоди Рок
- Фурӯғи Рок*
- Соқиномаи Рок
- Уфари Рок.

Дар охир таҳлили асарҳои яккисмаи Бебокча, Синахурӯш низ банд-банд оварда шуда, сипас, мақоми Рост ва мақоми Наво (нопурра) низ бо чунин тарз фаҳмонда дода шудаанд. Ин навъи талқинот бо мушаххасӣ ва муфассалии худ аз дониши амиқи устод Шаҳобов гувоҳӣ медиҳад. Принсипи мутобиқгардонии воҳиди асосии сохторӣ-композитсионии асари мусиқӣ – банд (ё дар мавриди дигар хатҳои оҳангӣ) ба байти ғазал дар нашри Устодон низ ҷо дорад ва хатҳои он бо рақам ишора шудаанд. Дар рисола-баёз дар аввали қисми асосӣ овардани маънои этимологии унвон, шарҳи жанрии ҳар як шуъбаи таркибӣ ва вазифаи он дар драматургияи силсилаи мақом ҳамеша риоя шудааст. Сохтори композитсионии асарро, новобаста ба мансубияти он ба гурӯҳи якум ва ё дуюми шуъбаҳо, устод банд-банд ва байт-байт пурра меоварад. Масалан, яке аз саҳифаи дастнависии Насри Баёт дар мақоми Наво чунин аст:

[183] Ҳама асарҳои ситорачадор бо унвонҳои имрӯза оварда шудаанд.


5

Байти аввал «Дармадар»-«Насрибаёт»:-

Бие, бие, ки дилу ҷони ман фидои ту бод!
Сарe, ки бар тани ман ҳаст, хоки пои ту бод!

Боз ҳамин байти аввал дар банди «Миёнхат» — яъне банди дуввуми суруд такроран меояд.

Байти дуввум «Бозгӯй» - яъне банди такрорёбандаи суруд:-

Дилам ба меҳри ту сад пора боду ҳар пора,
Ҳазор заррае ҳар зарра дар ҳавои ту бод!

Байти саввум мисраъи уло аз «Баёт»
Мисраъи сонияш аз «Наворандак» — яъне намуде ёандаке аз банди «Наво» мебошад:-

Зи хона то ба дар оию но ниҳӣ ба сарам,
Сарам фитода ба хоки дари сарои ту бод!

Байти чаҳорум Мисраъи аввал Оразранг - яъне

Расми 50. Саҳифаи дастнависи устод Фазлиддин Шаҳобов бо нишондоди композитсияи асар

Аз чунин таҳлилу баён пайвастшавии ғазал бо шуъбаҳои ҳар як мақом (1), сохтори композитсионии ҳар як шуъба (асари таркибӣ)-и мақом (2), бандҳои композитсияи асари мақомӣ (3), сохтори силсилаҳо (4), навъи силсилаҳо (5), пайиҳамӣ дар силсилаҳо (6) хеле мушаххас айён мегардад. Чунин равшании талқин ва мушаххасоти ҷузъҳои Шашмақом ба ягон рисола-баёзи пешина хос нест. Ин услуби методологӣ ба устод Фазлиддин Шаҳобов тааллуқ дорад. Ӯ рисола-баёзашро дар асоси Шашмақоми асри XX ва барои шашмақомхонони асри XX дар асоси меъёрҳои Мактаби классикии Шашмақом пешниҳод кардааст. Ин имкон додааст, ки нобоваста ба фарогирии танҳо се мақом – Бузрук, Рост ва Наво рисола-баёз моҳияти Шашмақомро дар бар гирад. Аз ин лиҳоз рисола-баёзи Устод рисолаест пурра ва мукаммал.

Саҳеҳият дар истифодаи истилоҳоти мусиқӣ дар рисолаи Устод Шаҳобов дар дараҷаи хеле баланд қарор мегирад. Яқин аст, ки ин истилоҳоти классикии Шашмақом аст. Ва ба ӯ аз Мактаби мусиқии классикии тоҷик маълум гардидаанд. Истилоххои «миёнхати дунасра», «супориши дунасра», «супориши банди оҳанг», «Оразранг», «Навоандак», «андаке аз банди Баёт» ва дигар на танҳо функсияи дақиқи ҳар як унсурро нишон медиҳанд, балки инчунин ҷараёни серҳаракати рушди мақомро инъикос менамоянд. Мутаассифона, ин истилоҳоти зикршуда имрӯз дар амалияи мусиқии мақомоти тоҷик қариб дар истифода нест. Ба ақидаи мо, чунин вазъ костагиро дар фаҳмиши Шашмақом ба вуҷуд меоварад.

Дигар ин, ки ба мусиқишиносии нимаи дуюми асри XX талқин кардани Шашмақом ҳамчун «силсилаи пӯшида, ки риояи матни худро металабад» хос аст. Барои илми мусиқӣ ва муҳаққиқон, аз ҷумла, мусиқишиноси амрикоӣ Теодор Левин ин омиле шуд барои талқини Шашмақом ҳамчун *frozen music* («мусиқии яхшуда») [100, с.45–51]. Ин талқини нодурусти силсилаи мақом аст. Тибқи гуфтаҳои устод Шаҳобов он «силсилаи кушода» аст, ки дар худ нақши наслҳои бисёри гузаштагонро гирифтааст. Масалан, дар бораи асари машҳури «Бебокча», ки дар амалияи мусиқӣ бо ду вариант – дузарбаии ӯзбакӣ (тошкандӣ) ва сезарбаии тоҷикӣ (бухороӣ) маълум аст, ӯ дар бораи варианти ҳофизи маъруф Ҳоҷӣ Абдулазиз мегӯяд, ки ба ин асар банди нави *дунасраранг*-ро илова кардааст. Дар натиҷа сохтори композитсионии ин асар ба чунин шакл табдил ёфтааст:

- *даромад* – се мисраъ
- *бозгӯй* – ду мисраъ
- *Турк* – се мисраъ
- *бозгӯй* – ду мисраъ
- *дунасраранг* – ду мисраъ
- *Ушшоқранг* – сеюм мисраъ
- *бозгӯй* – ду мисраъ.

Албатта, ин илова асарро серрангтар гардонидааст. Ва он на танҳо аз хоҳиши ин ҳофизи маъруф, балки аз зарурати мантиқи лаҳнӣ-мақомӣ ва асоси композитсионист ва онро ин устоди пуртаҷриба дарк намудааст.

Муқоисаи ду манбаи Шашмақом – яке рисола-баёз ва дигарӣ – сабти нотавӣ, ки муаллифи ҳар ду устод Фазлиддин Шаҳобов мебошад, айён менамояд, ки дар ин ду манбаъ баъзан ду варианти асарҳо оварда шудаанд. Чунин мисолҳо сершуморанд: Уфари Рок, Талқинчаи Ироқ, Ироқ, Соқиномаи Амали Бузрук, Амали Бузрук, Уфари Савти Сарвиноз, Фурӯғи Савти Сарвиноз, Талқинчаи Савти Сарвиноз, Савти Сарвиноз ва ғайра.

Чунин вазъ бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ба устод Шаҳобов якчанд варианти асарҳои таркибии Шашмақом маълум буд. Маҳорату малакаи эҷод карда тавонистани вариантҳои гуногуни як асари таркибии силсилаи мақом далелест аз дониши дақиқ ва тафаккури мақомии сатҳи олии ин Устоди бузург.

Устод Фазлиддин Шаҳобов қайд кардааст, ки «.. Шашмақом ҷузъи асосӣ ва барҷастатарини хазинаи мусиқии бойи тоҷикон буда, бо номи мусиқии классикӣ ё худ мусиқии касбии тоҷик дар олами илму ҳунар эътироф шудааст.... ин силсилаи яклухти асарҳои фароххаҷму дорои мундариҷаи мухталиф ва мураккаби мусиқиро.... мутрибону ....бастакорон..., ки ному нишони аксарашон дар қаъри асрҳои бетаг нопадид аст, ба арсаи мавҷудият дохил кардаанд... » [201.I, с.13]. Чунин фаҳмиши Шашмақом ба ӯ хос буд. Ва ба ин чашмаи ҷовидони мусиқии классикии тоҷик устоди маҳбубу маъруф Фазлиддин Шаҳобов ҳаёти худро бахшид.

Хулоса, устод Фазлиддин Шаҳобов дар таърихи рушди Шашмақом шакли нави рисола-баёзро пешниҳод кардааст (1). Ва ин фарқият дар муқоисаи мазмуниву сохторӣ бо баёзҳои асри XIX – аввали XX зуд ба назар мерасад. Рисолаи «Баёзи Шашмақом»-и устод Фазлиддин Шаҳобов шакли пурраи Шашмақомро, ки дар солҳои 20-30-уми асри XX ташаккул ёфтааст, фаро гирифтааст (2). Устод нахустин бор композитсияи асари мақомиро банд-банд ва мутобиқи байтҳои ғазал дар рисола-баёз нишон додааст (3). Рисола-баёзи устод Шаҳобов бидуни ягон монеа истифодаи сабти нотавии Шашмақомро имконпазир мегардонад (4). Ин рисола-баёз ҳунарҷӯро аз шиносоии аввал, тавассути риояи қонунҳои шаклсозӣ ба сӯи эҷоди асарҳои нав зимни Шашмақом равона месозад (5).

Барои мисол як силсилаеро аз мақоми Рост меоварем. Он Савти Сабо ном дошта, ба гурӯҳи дуюми насрии мақоми Рост дохил аст. Дар «Баёзи Шашмақом» он бо бандҳои мушаххас нишон дода шудааст. (Устод ин таҳлилро дар яке аз барномаҳои охиринаш овардааст, ки бо санаи 16 октябри соли 1968 дарҷ гардидааст [201.I, с.77]).

Композитсияи ин силсиларо Устод Фазлиддин Шаҳобов дар рисола-баёз чунин овардааст, ки бо Савти Сабои нашри Устодон як хел аст. Агар услуби анъанавии рисола-баёзро бо сабти нотавӣ якҷо кунем, мебинем, ки сохтори композитсионии ин силсила ҳам барои шогирдони мактаби суннатӣ ва ҳам ҳунарҷӯёни консерватория боз ҳам саҳеҳтар мегардад.

1. Савти Сабо (бар ғазали Ҳофиз).

Ҳар як асари таркибии силсилаи мақом аз даромади созӣ сар мешавад. Савти Сабо низ истисно нест:



Мисоли 51. Савти Сабо. Даромади созӣ

Муқаддима (сархат) – байти аввал
Сабо вақти саҳар бӯе зи зулфи ёр меовард,
Дили шӯридаи моро зи нав дар кор меовард.



Мисоли 52. Савти Сабо. Сархат

Байни ду банд оҳангбандак ҷо мегирад. Воқеан он вазифаи устувор кардани аслпардаи лаҳн-мақомро дорад.
Миёнхат – байти дуюм
Зи рашки тори зулфи ёр бар боди саҳар медод,
Сабо ҳар нофаи мушке, ки аз Тотор меоварда.



Мисоли 53. Савти Сабо. Миёнхат.

Устод Фазлиддин Шаҳобов банди сеюмро *бозгӯй* меномад. Дар мавридҳои дигар *дунасра* омадааст. Ин вобаста аст аз мутаносибии ин банд ба банди авҷӣ[184].

Бозгӯй/дунасра – байти сеюм

[184] Устод баъзе бандҳои композитсионии шуъбаҳои мақомро «бозгӯй» меномад. Дар ин бора дар китоби дуюм оид ба назарияи Шашмақом муфассал сухан хоҳад рафт.

Фурӯғи моҳ медидам зи боми қасри ӯ равшан,
Ки рӯй аз шарми ӯ хуршед бар девор меоварад.



Мисоли 54. Савти Сабо. Бозгӯй.

Баъзан дар рафти драматургии шуъбаи мақом (асари мусиқӣ) зарурат ба миён меояд, ки аслпарда қавитар нишон дода шавад. Чунин вазъ хусусан пеш аз воридшавии ягон намуд ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид як сатр ба банди мусиқӣ илова карда мешавад, лекин аз ҷиҳати шеър он бо такрори мисраи дуюми байт, дар ҳудуди ҳамон байт қарор мегирад. Рақамишораи он мисраи иловагӣ низ бо такрори рақами пешина ва иловаи ҳарфе ин вазъро равшан инъикос менамояд. Ин ҷо чунин мавврид ба амал омадааст:





Мисоли 55. Савти Сабо. Хати илова дар бозгӯй.

Қабл аз ворид шудани намуд оҳанги он дар ичрои танбӯр (ё ягон асбоби дигар, ё ансамбли созӣ) намудор мегардад:



Мисоли 56. Савти Сабо. Даромади созӣ ба Авҷи Зебопарӣ.

Зебопарӣ – байти чаҳорум ва панҷум
Ман он шохи санавбарро зи боғи сина баркандам,
Ки ҳар гул к-аз ғамаш бишкуфт, меҳнат бор меовард.

Ба қавли мутрибу соқӣ бурун рафтам гаҳу бегаҳ,
К-аз он роҳи гарон қосид хабар душвор меовард.





Мисоли 57. Савти Сабо. Банди аввали Авҷи Зебопарӣ



Мисоли 58. Савти Сабо. Даромади созӣ ба Авҷи дуюми Зебопарӣ





Мисоли 59. Савти Сабо. Авҷи дуюми Зебопарӣ

Бозгӯй/фаровард – байти шашум

Аҷаб медоштам дишаб зи Ҳофиз ҷому паймона,
Вале манъаш намекардам, ки сӯфивор меовард.





Мисоли 60. Савти Сабо. Фаровард.

Ҳамин тариқ, дар ҳамаи бандҳои оҳангӣ, ба ғайр аз банди авҷӣ, мисраи охирини байт зимни мисраоҳанги иловагӣ такрор мешавад. Чунин хусусияти сохторӣ, ҳарчанд ки баҳри таъкиди аслпарда бошад ҳам, дар натиҷа композитсияи асарро низ мавзунтар мегардонад.

2. Талқинчаи Савти Сабо (бар ғазали Шайх Муслиҳиддини Саъдӣ)



Мисоли 61. Талқинчаи Савти Сабо. Даромади созӣ.

Даромад – байти якум
Вақти тараб хуш ёфтам он дилбари таннозро,
Соқӣ, биёр он ҷоми май, мутриб, навоз ин созро.



Мисоли 62. Талқинчаи Савти Сабо. Сархат.

Миёнхат – байти дуюм
Имшаб, ки базми ошиқон аз шамъи рӯят равшан аст,
Оҳиста, то набвад хабар риндони шоҳидбозро.



Мисоли 63. Талқинчаи Савти Сабо. Миёнхат.

Бозгӯй/дунасра – байти сеюм
Дӯшина, май хӯрдӣ магар, чашмат гувоҳӣ медиҳад?
Май бо ҳарифе хӯр, ки ӯ пӯшида дорад розро.





Мисоли 64. Талқинчаи Савти Сабо. Бозгӯй.

Зебопарӣ – байтҳои чаҳорум ва панҷум
Чашмони шӯху абрувон новак ба ҷонам мезананд,
Ё Раб, кӣ додаст ин камон он турки тирандозро?..

Рӯи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,
Бингар, чӣ хуш лаззат бувад маҳбуби хушовозро!



Мисоли 65. Талқинчаи Савти Сабо. Даромади созӣ ба Авҷи Зебопарӣ.





Мисоли 66. Талқинчаи Савти Сабо. Банди аввали Авҷи Зебопарӣ.



Мисоли 67. Талқинчаи Савти Сабо. Авҷи Зебопарӣ. Оҳангбандаки мобайнӣ.



Мисоли 68. Талқинчаи Савти Сабо. Авҷи дуюми Зебопарӣ.

Бозгӯй/фаровард – байти шашум
Саъдӣ, ту мурғи зиракӣ, чунат ба дом овардаанд?
Мушкил ба дом орад касе монанди ту шаҳбозро.



Мисоли 69. Талқинчаи Савти Сабо. Фаровард.

3. Фурӯғи Савти Сабо (бар ғазали Фузулӣ)



Мисоли 70. Фурӯғи Савти Сабо. Даромади созӣ

Муқаддима[185] – байти аввал

Зиҳӣ, дамодам ба бӯи зулфат машоми ман хуш, димоғи ман тар,
Маро замоне мабод холӣ хаёлат аз дил, ҳавоят аз сар.



[185] Устод сархатро бо истилоҳи «муқаддима» низ ном мегирад. Чунин номгирӣ аз функсияи ин қисми таркибӣ бармеояд.



Мисоли 71. Фурӯғи Савти Сабо. Сархат.

Миёнхат – байти дуюм
Туӣ бутонро шикаста равнақ, гул аз ту дорад ҳазор хиҷлат,
Бутӣ ту, аммо сухангӯ, гулӣ ту, аммо гули суманбар.



Мисоли 72. Фурӯғи Савти Сабо. Миёнхат.

Бозгӯй/дунасра – байти сеюм
Ман аз ту бехуд, ту ғофил аз ман, зи ҳаҷр мурдам, чӣ чора созам?
На бо ман улфат туро муносиб, на бе ту тоқат маро муяссар.



2.



2a.



Мисоли 73. Фурӯғи Савти Сабо. Бозгӯй (бо хати иловагӣ).

Зебопарӣ – байтҳои чаҳорум ва панҷум

Накарда раҳме ба чашми пурхун ба ҳоли маҳзуни мо нуҳуфтӣ,
Ду лаъли хандон, ду чашми фаттон, ду зулфи печон, ду рӯи анвар.

Бад-он умедам, ки боз оӣ, намонда тоқат дар интизорат,
Ду даст дар дил, ду пой дар гил, ду чашм бар раҳ, ду гӯш бар дар.

IV.



Мисоли 74. Фурӯғи Савти Сабо. Даромади созӣ ба Зебопарӣ.

1.



2.





Мисоли 75. Фурӯғи Савти Сабо. Аввали Авҷи Зебопарӣ.



Мисоли 76. Фурӯғи Савти Сабо. Авҷи дуюми Зебопарӣ

Бозгӯй/фаровард – байти шашум
Зи ҳаҷри зулфи сиёҳкоре, мароcт рӯзе ба шаб баробар,
Зи барқи оҳи ҷаҳонфурӯзам, мароcт шому саҳар баробар.



Мисоли 77. Фурӯғи Савти Сабо. Фаровард.

4. Соқиномаи Савти Сабо (бар ғазали Ҳофиз):



Мисоли 78. Соқиномаи Савти Сабо. Даромади созӣ.

Муқаддима/сархат – байти аввал
Муғаннӣ, навои тараб соз кун!
Ба қавлу ғазал қисса оғоз кун!





Мисоли 79. Соқиномаи Савти Сабо. Сархат.

Миёнхат – байти дуюм

Ки бори ғамам бар замин дӯхт пой,

Ба зарби усулам баровар зи ҷой!



Мисоли 80. Соқиномаи Савти Сабо. Миёнхат.

Бозгӯй/дунасра – байти сеюм

Биё соқӣ, он ҷоми софисифат,

Ки бар дил кушояд дари маърифат.



Мисоли 81. Соқиномаи Савти Сабо. Бозгӯй.

Зебопарӣ – байтҳои чаҳорум ва панҷум
Бидеҳ, то сафои дарун орадам!
Даме аз кудурат бурун орадам.

Биё, соқӣ, он май, ки тезӣ кунад!
Ба боғи дилам мушкбезӣ кунад.

Авҷи Зебопарӣ, ки функсияи намудро иҷро мекунад, тибқи қонуни мақомбандӣ бо даромади созии худ ворид мегардад:



Мисоли 82. Соқиномаи Савти Сабо. Даромади созӣ ба Зебопарӣ.

Баъди он худи байт аввал бо авҷи аввали Зебопарӣ меояд:



Мисоли 83. Соқиномаи Савти Сабо. Аввали Авҷи Зебопарӣ.

Ва сонияи, авҷи дуюми Зебопарӣ омада, ин бандро ба охир мерасонад:



Мисоли 84. Соқиномаи Савти Сабо. Авҷи дуюми Зебопарӣ.

Бозгӯй/фаровард – байти шашум

Бидеҳ, то бинӯшам ба ёди касе,

Ки ҳаст аз ғамаш дар дилам хун басе.





Мисоли 85. Соқиномаи Савти Сабо. Фаровард.

5. Уфари Савти Сабо (бар ғазали Маҳрами Бухорӣ)

Он ҳам аз даромади созӣ оғоз мегардад. Дар он оҳанги асосӣ дар усули уфар нишон дода мешавад:



Мисоли 86. Уфари Савти Сабо. Даромади созӣ.

Даромад – байти аввал

Хезед, яке сарви дилором биёред!

Арбоби тарабро ба дил ором биёред!



Мисоли 87. Уфари Савти Сабо. Сархат.

Ҳар як хати ин банд алоҳида такрор мешавад. Мисраоҳангҳои Уфари Сабо кӯтоҳ-кӯтоҳ омадаанд. Ва такроршавӣ ба воридшавӣ ба усули уфар бештар мусоидат мекунад ва аслпардаро таҳким мебахшад.

Миёнхат – байти дуюм

Бар мурғи дил аз холи лабаш дона бипошед

В-аз ҳалқаи зулфи сияҳаш дом биёред!



Мисоли 88. Уфари Савти Сабо. Миёнхат.

Бозгӯй/дунасра– байти сеюм
Ин маҷлиси унс аст, навои дафу тор аст,
Соқиву гулу шамъу маю ҷом биёред!



Мисоли 89. Уфари Савти Сабо. Бозгӯй.

Авҷи Зебопарӣ аввал бо даромади созӣ каме намудор гардида, сониян, пурра оварда мешавад.



Мисоли 90. Уфари Савти Сабо. Даромади созӣ ба Авҷи Зебопарӣ.

Зебопарӣ – байтҳои чаҳорум ва панҷум
Аз сарву гул, эй аҳли сафо, ном нагиред,
Дар маҷлиси мо сарви гуландом биёред!

Дар базми ман аз нутқу даҳону лабу чашмаш
Нуқлу шакару пиставу бодом биёред!





Мисоли 91. Уфари Савти Сабо. Авҷи Зебопарӣ.

Бозгӯй/фаровард – байти шашум
Бар Маҳрам агар васли рухаш нест муяссар,
Аз лаъли лабаш бӯса ба пайғом биёред.



Мисоли 92. Уфари Савти Сабо. Фаровард.

Ҳамин тавр, имрӯз имкон пайдо мешавад, ки овардаҳои ин рисолабаёз бо нота нишон дода шаванд. Дар чунин амал истифода бурдан аз

нашри Устодон мантиқан дуруст аст. Он чизе, ки дар рисола-баёз омадааст, айнан бо ҳамон услуб нашри Устодон ба нота гирифта шудааст. Ва ин роҳро устод Фазлиддин Шаҳобов солҳои 70-уми асри XX нишон додааст. Новобаста ба серкориву беморӣ, ӯ кӯшидааст, ҳатман чунин фаҳмиши Шашмақомро ба насли оянда расонад. Вале рисола танҳо баъд аз 34 соли вафоти Устоди бузург нахустин бор рӯи чопро дид[186].

Рисолаи «Баёзи Шашмақом»-и Устод Фазлиддин Шаҳобов ягона рисолаест, ки дар давраи шуравӣ таълиф гардидааст. Онро муаллиф барои насли нав навишта, ба шогирдону шунавандагони ҳамзамонаш тавассути радио ва телевизион талқин карда, тарзу услуби суннатиро дар он нигоҳ доштааст. Бо чунин интихоб аз як тараф анъанаҳои устувори Шашмақоми классикиро идома дода, аз тарафи дигар ба ҷомеаи нав, фаҳмиши нави онро мутобиқ карда, пешниҳод намудааст. Ин иқдоми охирине буд, ки устод Фазлиддин Шаҳобов дар давраи ҳаёти худ баҳри Шашмақоми тоҷик иҷро кард. Таълифи рисола-баёз ҳадафи мутобиқ кардани жанри илмии рисолаи Шашмақом ба шароити нави асри XX-ро дошт. То имрӯз он ягона сарчашмаест, ки талқини рисолаи Шашмақомро дар асри XX–XXI нишон медиҳад.

Инак, агар фаъолияти густардаи ин устоди беназир дар умум мухтасар натиҷагирӣ карда шавад, амалҳои зеринро мебояд номбар кард:

- таъсиси ансамбли шашмақомхонон;
- тарбияи мутахассисони шашмақомхон;
- сабти нотавии Шашмақом;
- эҷоди асари симфонии «Сегоҳ» дар омезиши тафаккури мақомӣ ва симфонӣ, ки ҳатто барои мусиқии ҷаҳонӣ падидаи нав маҳсуб меёбад;
- талқини Шашмақом тавассути радио ва телевизион;
- таълифи рисола-баёзи Шашмақом.

Фаъолияти ин устод бо серпаҳлуии худ касро ба ҳайрат меоварад. Ҳамагӣ дар 63 соли умри худ устоди бузург ҳар як лаҳзаи онро хеле пурбаракат истифода бурдааст. На ҳар як миллат метавонад бо чунин фарзанди барӯманди худ ифтихор бикунад. Зери ҳамаи ин меҳнату заҳмат муҳаббати самимии ӯ ба Шашмақоми тоҷик, ба анъанаҳои бузурги мактаби суннатии мақомот – устод-шогирд, ба устодони бузургаш, ифтихормандӣ аз донишу илми Мактаби классикии Шашмақоми тоҷик равшан айён мегардад. Ва ниҳоят ин иқдомҳо баҳри нигаҳдории маънавиёти халқи азизаш, баҳри

[186] Нахустнашри он (Фазлиддин Шаҳобов. Рисолаи «Баёзи Шашмақом». Мураттиб ва тавзеҳоти Ф.Азизова) дар доираи лоиҳаи «Шашмақом – шоҳкории тафаккури мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ»-и ЮНЕСКО (муаллифи лоиҳа аз Тоҷикистон Ф.Азизова) соли 2007 рӯи чопро дид. Нашри дуюми он бахшида ба 100-солагии Устод аз чоп баромад [201.I].

идомаи ҳунари волои шашмақомхониву илми он, ки зеҳнияту эҷодкории мардуми тоҷикро асрҳои аср ривоҷу равнақ додааст, ба амал оварда шудаанд.

Бояд донист ва фаромӯш накард, ки устодони бузурги Шашмақоми тоҷик Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов бо фаъолияти худ анъанаҳои Мактаби классикии Шашмақоми тоҷикро дар Тоҷикистони навбунёди он давру замон пойдор намуданд: Мактаби шашмақомхонии Душанбе, рушду ривоҷи илму ҳунари Шашмақом дар Тоҷикистони шуравӣ, ҷараёни таълиму омӯзиши он – аз саҳми ин се абармард манша мегирад. Фаъолияти асосгузории ин се ҳунарманди воломаҳорат дар давраи нави хеле мураккаби шуравӣ, ки заминаи сохторӣ ва мазмунии навро ба фарҳанги тоҷик ворид намуд, хеле бузург ва муассир аст, зеро ки

- тарзи сарояндагиву навозандагии Шашмақом, ки дар Душанбе имрӯз ҷо дорад, аз услуби ҳунарии онҳост;
- он мактаби ҳунарие, ки онҳо асосгузорӣ намуданд – Мактаби шашмақомхонии Душанбе аст. Ва имрӯз дар консерватория ва ансамблҳои мақомхонӣ ҳунаромӯзиву таълим, омӯзишу пажӯҳиш дар заминаи ҳунариву илмӣ-эҷодии он фаъолият мекунад;
- сабти нотавие, ки онҳо иҷро намуданд – нашри Устодон – мукаммалтарин сабти нотавии Шашмақом аст;
- илми мақомшиносии муосир дар Тоҷикистон аз пешниҳоди рисола-баёзи устод Ф.Шаҳобов ибтидо мегирад;
- ҳарсеи онҳо – намояндагони Мактаби классикии Шашмақом ҳунару дониши амиқ ва мукаммали худро бевосита дар Мактаби шашмақомхонии Душанбе амалӣ гардонданд.

ФАСЛИ ШАШУМ
ЗАМИНАҲОИ ОМӮЗИШӢ ВА ИЛМӢ

Мусиқии суннатии тоҷик, ки шифоҳӣ рушд меёбад, ҳамеша зарурати касбияти баланди санъати иҷрокунандагиро ба миён меоварад. Касбият ҳамеша мактабу илми худро талаб мекунад. Пас дар мақомоти тоҷик мактаб, ҳунар, илм чӣ гуна сурат мегирифт? Омилҳои таърихии ҳифзкунандаи ин касбият асосан чаҳортоанд:

- ❖ мактаби устод-шогирд (системаи таълими навозандагӣ ва сарояндагӣ);
- ❖ рисолаи мусиқӣ (китобҳои назарӣ ва амалии мақомот);
- ❖ принсипи асл-фаръ (системаи кушода, ки ба фаъолияти бастакорӣ мусоидат мекунад);
- ❖ системаҳои мусиқӣ-назариявӣ (асоси илмӣ).

Ин ҷо таҳлили алоҳидаи ҳар яки онҳоро зарур шуморидем.

VI.1. Нақши таърихии мактаби суннатии устод-шогирд дар ҳифзи мақомоти тоҷик

Падидаи таълимии устод-шогирд имрӯз дар мамолики Шарқ, хусусан Шарқи мусулмонӣ, бо гунаҳои зиёди худ зоҳир гардидааст. Ва ҳамчун институти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар омӯзиши ҳунарҳои бадеӣ, аз ҷумла мусиқӣ, маълум ва маъмул аст. Онро ҳам мактаб ва ҳам услуби таълим (методика)-и суннатӣ мешуморанд.

Дар таърихи фарҳанги мусиқии мамолики Шарқи мусулмонӣ мактаби устод-шогирд ҳифзкунанда ва рушддиҳандаи санъати мусиқии касбӣ гардидааст. Решаҳои он хеле қадиманд. Сайёҳи чинӣ Сюан Тзян (а.VII) шарҳи «мактаби устод»-и Ҳинди қадимро чунин шарҳ медиҳад: «Тадрис ба *таври шунавоишӣ* (сомеа) қарор мегирифт ва гуфтаҳои устод *азёд* (дар ҳама ҷо таъкиди мо – Ф.А.) карда мешуд. Ҷадвали зарбиро *бо оҳанг азёд* мекарданд. Сипас, шогирд ба омӯзиши китоби хониш мегузашт, ки дар он 49 ҳарфи алифбои ҳиндӣ дар пайиҳамии гуногун дар 300 *банди шеър сароишӣ* оварда мешуданд... Шогирдон иборамафҳумҳову гӯйишҳои санскритиро низ меомӯхтанд ва дар *сохтани ибораҳову гӯйишҳои нав* дар насру назм тамрин мекарданд...» [197, с.141]. Ин шарҳи таълим дар грамматикаи машҳури Панини асос ёфтааст. Он намунаи қадимтарини *методикаи таълимии шифоҳӣ* маҳсуб меёбад. Хусусиятҳои зиёди он дар услуби омӯзишии мақомот аз ибтидо ҷо дошт ва ин хусусият дар замонҳои гуногун ҳар дафъа бо ҷилои нав ба нав медурахшид.

Дар мақомоти тоҷик мактаби суннатии устод-шогирд рушди устувори худро аз давраҳои қадим, бо пайдошавии касбият дар ҳунари мусиқӣ дар

асрҳои аввали милодӣ, оғоз кардааст. Дар тули садсолаҳо ин системаи таълим анъанаҳои мақомотро ҳифз намуда, ба рушди он мусоидат кардааст. Дар ин роҳи таърихии худ, новобаста ба ивазшавии афзалиятҳову идеалҳои иҷтимоӣ, мавқеи худро ёфта, ба навовариҳову дигаргуниҳои ҳар замон мутобиқ гардидааст.

Моҳияти «системаи устод-шогирд»-ро ба мафҳуми «системаи таълимии ҳунари бадеии суннатӣ» / «системаи маълумоти суннатӣ» метавон ҳаммаъно шуморид. Хусусиятҳои он дар умум чунинанд:

- услуби тадриси шифоҳӣ ба таври «*аз даҳон ба даҳон*», «*аз устод ба шогирд*» қарор мегирад;
- низоми таълимӣ фарогири таълимгоҳи сезинаӣ – ибтидоӣ, миёна ва олӣ мебошад;
- барномаи таълимӣ аз паҳлуҳои азхудкунии асоси эргономии иҷрокунандагӣ (тарзи ба даст гирифтани асбоби мусиқӣ, нишаст, садобарорӣ ва диг.), этика (одоб)-ву эстетика (нафосат)-и муоширати аҳли мусиқӣ бо ҷомеа, ба даст овардани маҳорату малакаи иҷрокунандагӣ, робита бо шунаванда ва қонеъ кардани ӯ иборат аст;
- дороии малакаи гузаронидани туйю маъракаҳо, иштирок дар озмунҳои базмиву расмии эҷодӣ яке аз вазифаҳои асосии он мебошад;
- донистани назарияи амалиро зарур меҳисобад;
- фаҳмиши шеър, вазну баҳри шеърро ҳатмӣ мешуморад;
- ба даст овардани малакаи бастакорӣ дар доираи мақомот, эҷоди асарҳои яккисма ва силсилавӣ – яке аз нишондодҳои сатҳи олии маълумоти тахассусӣ пазируфта мешавад.

Бо вуҷуди ин, нодироти институти устод-шогирдро бештар бо тарзи тадриси он алоқаманд менамоянд, на он қадар бо таълим. Бе шубҳа «тадрис» як ҷузъи таркибии ҷараёни таълим аст. Ва дар мавридҳое «тадрис» ва «таълим» метавонанд ҳаммаъноии якдигар бошанд. Лекин дар мавриди мазкур ин ду калима саҳеҳиятро металабанд. Зери мафҳуми «таълим», «маълумот» маъмулан, сатҳи муайяни таълим (1) ба монанди «маълумоти ибтидоӣ», «маълумоти миёна», «маълумоти олӣ» ва маълумоти тахассусӣ, ба мисли «маълумоти мусиқӣ», «маълумоти техникӣ» ва диг. дар назар дошта мешавад. Маънои «тадрис» дар мавриди мазкур шакли ба касе «дарс додан»-ро дорад. Дар институти таълимии устод-шогирд маҳз тарзи «дарс додан» хосса аст. Дар он на «китоб» василаи асосии донишомӯзист, балки услуби амалии «аз даҳон ба даҳон»/«аз устод ба шогирд». Аз ин рӯ, аслияти он на ба «мактаб» (аз решаи «китоб»), балки ба тадрис (аз решаи «дарс») наздиктар аст. Аз шиносоӣ бо услуби тадрисии устод-шогирд ва мушоҳида

намудани афзалияти тарзи тадрисӣ дар он, кас мехоҳад онро «мадраса» («маконе, ки дар он дарс медиҳанд») номад[187]. Бинобар ин, дар баробари чун «мактаб» муайян гардидан, бар ба бари он ҳамеша «услуби тадрисӣ» илова карда мешавад. Ва дар ин маворид қариб ҳамеша бо калимаи «суннатӣ» ё иборахҳои «аз даҳон ба даҳон» ва «аз устод ба шогирд» саҳеҳият медароранд. Чаро? Зеро ки хусусияти асосии устод-шогирд ҳамчун «таълимгоҳ» ҳамин услуби тадрисии он аст. Мусиқиро низ он на ба воситаи китоби нотавӣ, балки бо такрори амалҳои устод – «аз даҳони устод шунида, такрор карда», «сози мусиқиро ба таври устод ба даст гирифта, аз пайи ӯ навохта», аз тарзи нишаст то пурра азхуд кардани дастгоҳи навозандагӣ ҳамаро амалан такрор карда, ёд мегирад. Хулоса, устод-шогирд ҷараёни пайвастаи амалҳои «тарзи гузоштани ангуштон бар дастаи сози мусиқӣ», «шунидан ва такрор кардани навохту сароиши устод» то «тибқи қавоиди мақом мустақилона эҷод кардану навохтани мусиқӣ»-ро фаро мегирад. Он низ муҳим аст, ки дар ин ҷараён ду нафар – устод ва шогирд иштирок мекунанд. Барои шогирд ин ҷараёнест, ки ӯ ҷамъ кардани маълумоти саҳеҳу дақиқро ёд мегирад. Ва на танҳо инро. Ӯ истеъдоди интихобро пайдо мекунад, зеро ки «интихоби иттилооти пурқиммат зери ҳар як фаъолияти эҷодии инсон ҷо дорад» [57, с.575]. Ибтидои этикӣ-эстетикӣ, ки дар падидаи устод-шогирд ҷо дорад, бо фаҳмиши эрониёни қадим ҳамоҳанг аст: « ..эрониёни қадим, ворисони тамаддуни ориёӣ, дар чунин сатҳи рушди интеллектуалӣ (зеҳнӣ) қарор доштанд, ки зарурати ташаккули фарҳанги маънавӣ ва расонидани онро ба насли оянда ҳатмӣ мешумориданд.. » [144, с.167]. Дар ибтидо дар ҷомеаи эрониёни қадим услуби «аз даҳон ба даҳон» бо зарурати ёд додани матни авестоӣ пайдо гардид. Ин матни муқаддас буд. Ва онро мебоист «аз даҳон ба даҳон» ёд гирифт. Нисбат ба «хат» эҳтиёткорона рафтор мекарданд. Онро ба «амали иблис» мансуб медонистанд. Зеро ки он на ҳама вақт талаффузи матнро айнан расонида метавонист [144, с.26]. Сониян, ин услуб дар тарбияи насли нав мавқеи хоссаро пайдо кард. Маълумотдиҳанда вазифадор карда мешуд, ки тамоми таҷрибаи замонро ба насли нав беосеб расонад. Фаҳмост, ки ба ҳайси маълумотдиҳанда шахси тасодуфӣ ба кор рафта наметавонист. Ӯ мебоист худ матнро донаду талқин намояд, онро дар ёд дорад ва фаҳмиши воло дошта бошад. Бинобар ин маълумотдиҳанда махсус тарбия карда мешуд. Ба чунин вазифа «..шахси *дорои ҳофизаи қавӣ, истеъдоди эҷодӣ* (таъкиди мо – Ф.А.) интихоб мегардид, ки худро ба он омода созад, ки дар тули умри худ вазифаи ҷамъ кардан ва ба насли нав дар бораи таҷрибаи зеҳниву бадеӣ иттилооти дақиқро расондан бар уҳдаи ӯст. Истеъдодтарине аз онҳо ба дараҷаи устодӣ мерасид. Ва бо расидан ба синну

[187] Тасодуфӣ нест, ки таълимгоҳи асримиёнаиро новобаста ба равияи сирф динӣ ва ё омехта бо дунявӣ «мадраса» меномиданд. Он бо услуби тадрисии худ хосса аст. Мутаассифона, дар ҷомеаи муосири мо зери ин мафҳум бештар таълимгоҳи мазмунан диниро дар назар доранд, ки ин назар нодуруст аст.

соли муносиб ба худ шогирд мегирифт ва ба ӯ аз рӯи ҳофизаи худ аз даҳон ба даҳон маълумоти зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ва нақлиро аз таҷрибаи насли худ мерасонид.. ..... Сипас, ин шогирдон ба навбат ба устодӣ мерасиданд... .. Ва ҳатто баъди ихтироъи хат ориёиён истифодаи ин услубро идома медоданд.. » [144, с.26-27].

Дар системаи устод-шогирд эҳтиром нисбат ба устод хеле бузург аст. Ӯ ҳам Устод асту ҳам Мураббӣ ва ҳам Пир. Шогирд ба ӯ аз ҳама ҷиҳат итоат мекунад. Шогирд ҳамеша дар бари устод аст, дар хонаи ӯ зиндагӣ мекунад. Аз рӯзе, ки шогирд ба хонаи устод меояд, ба ҳамаи корҳои устод пайравӣ мекунад, дар корҳои рӯзгордорӣ ба ӯ ёрӣ медиҳад. Ин ҷараёни таълим нақлу суҳбатҳо, талқинҳову маслиҳатҳо ва азёд кардани матнҳои зиёди калонҳаҷми мусиқавӣ ва нақливу шеърро дар бар мегирад. Аммо меҳвари асосии он ҳамеша омӯзиши ҳунари навозандагиву сароядагист. Бо ин услуб устод шогирдро ба фазои аҳли устодони касби ӯ ворид месозад. Мактаби устод-шогирд дар фарҳанги тоҷикон, ҳарчанд ки дар ибтидо барои омӯзиши матнҳои динӣ (ҳам дини зардуштӣ ва ҳам дини ислом) офарида шуда буд, хеле зуд ба омӯзиши ҳунарҳои дунявӣ табдил ёфта, ҷомеаталаб гардид. Барои он ки табиати ин мактаб дунявист, он ҳамеша ҳадафи рушди зеҳният, ҳофиза, фаҳмиш ва эҷодро дорад. Як паҳлуи дигари фаъолияти мактаби устод-шогирд аз худ кардани идеалҳои эстетикии замон аст.

Таҳлили фаъолияти устод-шогирд дар мақомоти тоҷик имкон медиҳад, ки якчанд хусусиятҳои асосии онро мушоҳида намоем:

- шогирд вазифадор аст, маводи ҳаҷман хеле бузургро дар ҳофизаи худ нигоҳ дорад. Ва ин асарҳои бузург аз мақомҳоянд. Аз уҳдаи ин кор шахсе мебарояд, ки солим асту ҳофизаи қавӣ дорад. Ташаккули ҳофизаи қавӣ ва малакаи азхудкунӣ дар мактаби устод-шогирд аз ибтидо зери тарбияи мақсаднок қарор мегирад. Шашмақомхони маъруф устод Бобоқул Файзуллоев ба шогирдаш Нериё Аминов пеш аз оғози омӯзиши асаре аз Шашмақом таъкид мекард: «.. ман ду бор такрор намекунам. Чизе мехонам аз бори аввал дар ёдат нигоҳ дор. Агар натавонӣ, шашмақомхонӣ ҷои ту нест...» [163]. Фалакхон устод Муродалӣ Холов зарурати азхудкунии матни шеърӣ ва мусиқиро аз тарафи фалакхон аз хурдӣ ҳатмӣ меҳисобад[188]. Устоди бузурги Шашмақом Фазлиддин Шаҳобов на як бору ду бор зарурати малакаи азхудкунӣ ва тарбияи ҳофизаи қавиро таъкид кардааст;
- пайдо кардани малакаи қабули якҷои шеъру оҳанг (мусиқӣ) ва муттаҳидии онҳо аз ибтидои таҳсил. Амалан ба даст овардани ин малака тавассути машқу китобу фанҳои хоссае барои кӯдакон

[188] Устод Муродалӣ Холов (бародари калонии устод Давлатманд Холов) инро дар рафти амалишавии лоиҳаи «Дарсҳои маҳоратии фалакхонӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон» (2004) гуфт.

пешбинӣ шудаанд. Яке аз чунинҳо «Нисобу-с-сибён» аст (дар ин бора ниг. параграфи V.2);

- ❖ пайдо кардани малакаи лаҳнсозӣ/мақомбандӣ. Устод Муродалӣ Холов аз устоди худ шунида будааст, ки донистан ва истифода бурдани чормуқом дар фалак яке аз меъёри донишу маҳорати хуби фалакхон маҳсуб меёбад.

Ба гуфтаи устодони Шашмақом тафаккури шашмақомхон ҷараёни серрангу серпаҳлуест, ки дар он *тафаккури арӯзӣ* ва *тафаккури танбӯрӣ* рушд меёбад. Аввалӣ ба пайдо кардани малакаи шаклсозӣ ва дуюмӣ – лаҳнӣ-оҳангӣ равона мешавад. Якҷо ин ҳар ду *тафаккури мақомиро* ташаккул медиҳанд. Аз ин рӯ, донистани системаи арӯз ва омӯзиши танбӯр, ҳарчанд ки кофӣ нест, барои ҳар як шашмақомхон ҳатмист. Дар умум риояи чунин қоидаҳо ҷараёни мураккаби эҷодӣ-зеҳниро ба вуҷуд меоварад. Зимни он тарбияи маҳорати навозандагӣ ва ё сарояндагии огаҳонаро мактаби устод-шогирд ҳадафи асосӣ мешуморад.

Дар давраи фарҳанги исломӣ ин услуби тадрисӣ қабл аз ҳама дар мадрасаҳои динӣ, хусусан қуръонхонӣ, иҷозат дода шуд. Қуръонро аз ибтидо на «мегуфтанд»-у на «мехонданд». Онро *тиловат* мекарданд[189]. Дар мактаби устод-шогирд ин услуб баҳри рушди зеҳну маҳорати шогирд ҷо дорад. Ва ин услуб (методика) ҳамеша асоси ҷараёни таълим дар мактабҳои ҳунарҳои бадеии тоҷикон мебошад. Устодони мақомоти тоҷик хуб дарк мекарданд, ки *сароиш* як василаи хуби азёдкунӣ ва омили қавӣ гардонидани ҳофиза аст. Решаҳои ин услуби тадрисиро дар фарҳанги тоҷикон дар «мактаби куҳна» мушоҳида менамоем. Дар бораи он, ки дар ибтидои асри XX дар мактабҳои Бухоро ба воситаи сурудан қоидаҳои фанҳои гуногунро аз худ мекарданд нависандаи бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ ҳам гуфтааст [197, с.139].

Китоби «Нисобу-с-сибён»-и Абунасри Фароҳӣ (а.XIII), ки барои кӯдакону наврасон омӯзиши арӯзро пешниҳод менамояд, низ дар ин услуб омӯзонда мешуд. Аз он то чоряки аввали қарни XX дар мактаби куҳна хеле фаровон истифода мебурданд. Дар мактаби устод-шогирд дар аввал бо мусиқӣ қоидаҳои арӯзро, сониян, пайвастани мақомҳоро бо баҳрҳо меомӯхтанд. Фазлиддин Шаҳобов чунин шеърро меоварад:

Зиҳӣ ба пои ту хубон ниҳода рӯи ниёз,
Қадат чу сарв, ки ушшоқрост умр дароз.

Мафоилун фаилотун мафоилун фаилот
Бигӯй муҷтасу хуш хон ту дар мақоми Ҳиҷоз.

Ва таъкид мекунад, ки «..гузаштагони мо.. дар кадом оҳанг сурудани ашъори кадом вазнро муайян кардаанд..» [201.II, с.64–65].

---

[189] Тиловат – «хондан бо оҳанг ва қироат» [180.II, с.363].

Дар замони муосир намудҳои зиёди мактаби устод-шогирд вуҷуд дорад: минтақавӣ, маҳаллӣ, авлодӣ ва хонаводаӣ [187]. Маҳз тавассути он ҳам Шашмақом, ҳам Фалак ва ҳам мақомҳои маҳаллии тоҷик ҳамеша рушд меёбанд. Услуби устод-шогирд имрӯз дар консерватория ворид карда шудааст. Зеро ки ин услуб тайи садсолаҳо исбот кардааст, ки дар ҳунаромӯзӣ аз ин услуб (методика) ягон услуби беҳтаре нест. Дар ҳама давру замон устод-шогирд иқтидор дошт ба талаботи замон ҷавобгӯ шавад. Ин далелест, ки мактаби устод-шогирд неруманд аст, баҳри рушди зеҳнияти инсон ҳамеша фаъолият бикунад.

VI.2. Рушди тадриҷии жанри рисолаи мусиқӣ

Мафҳуми «рисолаи илмӣ» жанри китоби илмиро дар соҳаи муайян дар назар дорад [180.II, с.139]. Ин жанр дар таърихи мусиқии классикии тоҷик мавқеи бузургро пайдо кардааст, зеро тайи садсолаҳо ва хусусан дар давраи қурунивустоӣ, нақши сарчашмаи хаттии асосии мусиқиро иҷро намудааст.

Рисолаи мусиқӣ дар мақомоти тоҷик аз ибтидо аз дохили мактаби устод-шогирд сар зад. Дар давраи Борбад, бо ташаккули системаи мусиқӣ (Ҳафтпарда), услуби эҷоду иҷрокунандагӣ (хусусан, навозандагӣ) – хусравонӣ ва ташаккули жанри силсилавии хусравониёт, дар охири асри VI – аввали VII дар мактаби устод-шогирд василаи таълимӣ-дастурии «ҷадвали раҳнамунӣ» таҳия гардид (ба параграфи II.5. нигаред). Дар мактаби устод-шогирд он функсияи дастури таълимиро иҷро мекард. Мазмунан он ба назарияи амалия вобаста буд. Ин хусусиятҳои ҷадвали раҳнамунӣ имкон медиҳад онро нахустин зуҳуроти рисолаи мусиқӣ дар мақомоти тоҷик биҳисобем.

Дар давраи аввали фарҳанги исломӣ дар фаъолияти олимон-энсиклопедистон жанри китобӣ-илмии «рисолаи мусиқӣ» таҷассумгари навовариҳову ҷараёни пурҷӯшу хурӯши ташаккули заминаи илмии мақомоти Шарқ гардид. Дар ин ҷараён ва дертар, зимни Дувоздаҳмақом, метавон зуҳуроти ду анъанаи рисоланависиро мушоҳида кард: «академӣ» ва «шарти мутрибӣ».

Онҳо аз якдигар фарққунандаанд. Рисолаи академӣ дар фарҳанги исломӣ чунин хусусиятро доро аст:

- характери сирф назариявӣ;
- талқини мусиқӣ ҳамчун илм;
- ба забони арабӣ навишта мешавад;
- талқини унсурҳои мусиқӣ бо услубҳои риёзӣ;
- ҷойгиршавии рисола дар асари энсиклопедӣ ё худ асари энсиклопедӣ аст;
- таҳлили кулли таркиботи мусиқӣ;

Хусусиятҳои рисолаи шарти мутрибӣ чунинанд:

- характери назарӣ-амалӣ (илми пардаро ҳамчун илми амалӣ муайян менамояд);
- талқини мусиқӣ ҳамчун ҳунар;
- забони рисола форсӣ-тоҷикӣ аст;
- талқини унсурҳои мусиқӣ ба тарзи ҳикоявӣ;
- истифодаи рисола дар мактаби устод-шогирд ба ҳайси дастури таълимӣ, зеро ки татбиқи амалии ҳамаи нуктаҳои он (шарти мутрибӣ) дар услуби тадрисии амалӣ-инфиродии мактаби устод-шогирд имконпазир аст;
- таҳлили як мавзуъ.

Давраи навро бо табдили шакли рисола Мавлоно Кавкабӣ (а XVI) ворид менамояд. Ӯ яке аз рисолаҳои худро ба назм менависад (ниг.: параграфи IV.1.2.). Хусусияти нави ин рисола на ин ки дар унсури зоҳирии он (баёни назмӣ), балки дар услуби талқини илми мусиқист (ки дар ҳарду рисолаи ӯ ҷо дорад). Тавре ки дар ҳамон параграф қайд шуд, ба воситаи услуби нав Мавлоно Кавкабӣ талоши мукаммалгардонии ҷараёни таълимро дар мактаби устод-шогирд дошт. Куллияти Мавлоно Кавкабӣ – намунаи олии баёни қоида дар шеър аст, ки системаи пурраи Дувоздаҳмақомро бо қоидаи пайиҳамии мақомҳо ҳамагӣ дар чаҳор байт (!) ғунҷондааст. Гап на дар баёни мухтасару саҳеҳ, балки дар он аст, ки Мавлоно Кавкабӣ тавассути куллият (ҳамчун жанри дорои мазмуни воло) ворид кардани *фаҳмиши мусиқӣ-системавии мақомот*-ро ба ҷараёни таълим пешниҳод намуд (муфассалтар дар параграфи фавқуззикр).

Мавлоно Кавкабӣ офарандаи *назми мақомӣ* аст. Ӯ боварӣ дошт, ки ҳар як қоидаи сирф мусиқавии мақом бояд бо назм ифодаи худро биёбад ва дар хотира ҳифз шавад. Дар ин маврид Мавлоно Кавкабӣ интихоби баҳрро низ дар назар дошт. Ва куллият дар ин навъи назм яке аз жанрҳо буд. Дар амалияи мусиқӣ Мавлоно Кавкабӣ зери куллият жанри силсилавии мақомотро офаридааст ва муҳтавои онро дар байтҳои шеърии куллият-қоида хеле мухтасар мушаххас гуфтааст. Бо ин иқдомҳои худ, Мавлоно Кавкабӣ ба зарурати ташаккули навъи тафаккури мусиқавӣ-назмӣ даъват мекунад. Ба назари ӯ маҳз ин шакли тафаккур барои сарояндаву навозандаи мақом зарур аст. Таърихи рушди мақомоти тоҷик дурустии пешгӯии Мавлоно Кавкабиро тасдиқ кард. Ҳамагӣ ду аср пас, системаи нави мақомот – Шашмақом пайдо шуд. Ва он зодаи тафаккури мусиқавӣ-назмии халқи тоҷик гардид.

Шашмақом низ шакли нави рисолаи мусиқиро пешниҳод намуд, ки он рисола-баёз аст. Новобаста ба рушди ҳамагӣ якунимасраи хеш, ин шакли рисола ду марҳилаи рушдро аз сар гузаронд: рисола-баёзи асри XIX – чоряки аввали XX ва рисолаи-баёзи устод Фазлиддин Шаҳобов дар давраи

шуравӣ (ниг. ба параграфҳои IV.2.1. ва V.2.3.). Дар қиёс бо рисола-баёзҳои қаблӣ, устод Фазлиддин Шаҳобов талқини нави рисола-баёзро бо назардошти сабти нотавӣ пешниҳод кардааст. Бори дигар дар ин китоб таъкид мекунем, ки рисолаи «Баёзи Шашмақом»-и Фазлиддин Шаҳобов – мукаммалтарин рисола-баёзест дар таърихи Шашмақом. Аҳаммияти илмӣ-назарӣ, назарӣ-амалии рисола-баёзи устод Фазлиддин Шаҳобов хусусан дар ин нуктаҳо зоҳир гардидааст:

- баёни хеле саҳеҳ, равон, маълумоти дақиқ;
- таҳлили сохторӣ-композитсионии асарҳо аз таркиботи мақом бо нишондоди муфассали ҷараёни шаклсозӣ дар онҳо;
- таҳлили илмӣ-назарии жанрҳои Шашмақом дар ҳарду (созӣ ва овозӣ) қисм;
- истилоҳоти хоссаи мусиқӣ (мақомӣ), ки ба мусиқишиносии имрӯза танҳо аз рӯи ҳамин рисола маълуманд;
- таҳлили силсилаҳои созӣ – мушкилот бо қисмҳои таркибӣ (шуъба-ҳо), принсипи шаклсозӣ (хона-бозгӯй), принсипи рушди оҳангӣ (пешрав), вазифаи шуъба дар драматургияи силсила, талқини этимологии унвон;
- нишондоди мутаносубии тавъамии шеър ва мусиқӣ дар сатҳи воҳидҳои композитсионии ҳарду;
- талқини муфассали оҳангҳои Шашмақом;
- таҳлили муфассали системаи усули Шашмақом;
- нақши асоспояии танбӯр дар ҷараёни иҷрои Шашмақом;
- матни мукаммали мусиқавӣ ва шеърии Шашмақом.

Рисола-баёзи устод Шаҳобов якумин ва ягона сарчашмаест аз намояндаи Мактаби классикии Шашмақом. Ва он ҷараёни рушди драматургии композитсияи мақомро аз дохили он нишон додааст. Рисолаи Фазлиддин Шаҳобов – рисолаи устоди бузурги Шашмақом аст. Онро метавон бидуни ягон илова дар амалияи мусиқии Шашмақом истифода бурд.

Ҳамин тавр, агар ба таърихи рисоланависии тоҷик (шояд Шарқ) назар афканем, шаклҳои зерини рисоларо муайян карда метавонем:

- ҷадвали раҳнамунӣ (а.VI–VII)
- рисолаи академӣ (а.VIII–XVII)
- рисолаи шарти мутрибӣ (а.VIII–XVII)
- куллият (а.XVI–XVIII)
- рисола-баёз (а.XIX–XX)

Аз инҳо танҳо шакли академиро бештар мусиқавӣ-назариявӣ талқин медиҳанд. Шаклҳои дигари рисола бевосита бо ҷараёни таълимии мактаби суннатии устод-шогирд зич алоқаманданд ва назарияи амалиро

меомӯзонанд. Ин рисолаҳо характери амалӣ доранд. Вале ҳарду навъ – ҳам назарӣ ва ҳам назарӣ-амалӣ ҳадафи асосии мусиқӣ – таълифи асари мусиқӣ ва иҷрои мусиқиро пайгирӣ менамоянд.

Албатта, табиист, ки дар асарҳои муайян чунин радабандӣ ба дараҷаи муайян характери шартиро қабул мекунад, зеро ки давраҳое ҳастанд, ки омехтагии унсурҳои ду анъана дар рисолаҳо низ мушоҳида мешавад.

Ва ниҳоят онро бояд қайд намуд, ки мусиқишиносон, одатан, ҳудуди таърихии рисоланависиро зимни мақомот ба асрҳои IX–XIX тааллуқ медиҳанд. Манзури мо ба ин нукта дигар аст: пайдоиши рисола дар таърихи мақомоти тоҷик ба асрҳои тоисломӣ тааллуқ дорад. Шакли ҷадвали раҳнамунӣ бо функсияи дастури таълимӣ-раҳнамунӣ дар амалияи мусиқӣ хусусияти рисолаи амалиро пайдо карда буд. Шаклҳои хаттии ин дастур низ он замон вуҷуд доштанд. Мутассифона, имрӯз дастрасӣ ба нусхае аз он надорем. Вале решаҳои қадими таърихии равобити ҳинду эронӣ аз он шаҳодат медиҳанд. Ин ақидаи мо дар нуктаҳои зерин асос меёбанд: *аввал* он, ки бидуни шак(к), дар баробари ҳунари мусиқачиёни ҳиндӣ, илми он низ ба эрониён шинос буд; *дуюм*, коркарди системаи мусиқӣ (Ҳафтпарда) бидуни коркарди илмӣ (рисолаи мусиқӣ) ба вуҷуд омада наметавонист; *сеюм*, маълум аст, ки мусиқии профессионалӣ ҳамеша зери худ мактаб ва китоби дарсӣ дорад; *чаҳорум*, Борбадро «офарандаи илми парда» гуфтаанд ва ин илми назарӣ-амалӣ аст.

Ва, тавре ки қайд шуд, рисола-баёзи Устод Фазлиддин Шаҳобов мутаалиқ аст ба миёнаи асри XX.

Бо овардани далелҳои боло метавон гуфт, ки дар таърихи мусиқии тоҷик анъанаи рисоланависӣ зимни мақомот қарнҳои VI–XX-ро фаро мегирад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мушкил нест, ки жанри рисолаи илмӣ дар мусиқии мақомот функсияи худро пурра, пайопай, мушаххас иҷро намуда, то замони мо дар системаи мақомот мубрам боқӣ мемонад. Дар замони муосир низ Шашмақом ва шаклҳои дигари мақомоти тоҷик ба рисолаи мусиқӣ ниёз доранд.

VI.3. Асл-фаръ – принсипи тафаккури мусиқӣ

Эҷоди мақомбандӣ дар падидаи мақом-рагаи мамолики Шарқ пурра дар принсипи асл-фаръ асос меёбад. Асл дар ҷараёни якҷошавии зарбсозӣ, лаҳнсозӣ ва шаклсозӣ аз қолаби аслии худ баромада, фаръҳои нав ба нави худро то ба анҷоми ҳар як асари мусиқӣ (яккисма ва силсилавӣ) дар сатҳҳои гуногуни композитсионӣ ба амал меоварад. Мақомшиноси маъруфи тоҷик устод Фазлиддин Шаҳобов дар рисолаи мусиқии худ «Баёзи Шашмақом» ибораи «пардаҳои аслӣ»-ро ҳамчун асоспояи системаи лаҳнии Шашмақом муайян кардааст [201.I].

Бо ташаккули Шашмақом дар он (ва шаклҳои дигари мақомоти тоҷик) истилоҳи «усул» ба маънои «қолабзарб» (1) ва системаи зарбӣ (2) пайдо шуд. Яъне, бо мурури замон моҳияти асл-фаръ дар мақомот зуҳуроти худро равшантар гардонид.

Назарияи ин принсип бо фанҳои гуманитарӣ пайваста мешавад. Муҳаққиқ Шариф Шукуров қайд кардааст, ки «Тибқи қоидаҳои грамматикаи забони арабӣ, ҳуқуқ, назарияи арӯз, назарияи санъат... фаҳмиши ҳолат ва рушди унсур ба қонуни генетикии асл-фаръ тобеъ аст» [214, с.35]. Муҳаққиқ-лингвист Д. Фролов низ асл-фаръро ҳамчун принсипи асосии грамматикаи арабӣ арзёбӣ кардааст: «Аҳаммияти асоспоягии мафҳуми бифунксионалии асл («реша, асос»)-фаръ («шоха, шохоб») дар системаи назарии грамматикаи арабӣ пурра тасдиқ шудааст» [183, с.190]. Дар системаи назарии грамматикаи арабӣ ду мафҳуми гуногуни падидаҳои лингвистӣ муайян шудаанд: ибтидоӣ, асосӣ – асл ва шохавӣ – фаръ. Тадқиқоти сершумор то имрӯз тарафдори он нуктаанд, ки принсипи асл-фаръ барои ҷараёни эҷодиёти бадеии мардуми Шарқи мусулмонӣ низ принсипи универсалӣ маҳсуб меёбад. Манзури мо ба ин нукта он аст, ки принсипи бифунксионалии асл-фаръ дар системаи аввалини мақомоти форс-тоҷик Ҳафтпарда, дар давраи тоисломӣ ҷой дошт. Қабл аз ҳама далел ин аст, ки он дар сохтори ҳамин система зоҳир гардидааст. Он иборат аз ҳафт пардаи аслӣ ва фуруъ – 30 лаҳну 365 суруд мебошад. Бо вуҷуди ин, то солҳои охир на Шашмақом, на Фалак ва на дигар гунаҳои мақомоти тоҷик зимни ин принсипи универсалӣ тадқиқ нашуда буданд. Нахусттадқиқи он ҳамчун принсипи асосии Шашмақом ва Фалак, аз тарафи муаллифи ин сатрҳо ба амал оварда шуд [16, с.220–239]. Чунин фаҳмиш дар ҷараёни омӯзиши Шашмақом ва Фалак ба вуҷуд омад ва инро бо якчанд далел исбот карда мешавад:

1. *дар истилоҳот*. Дар асри XIII Амир Хусрав Деҳлавӣ ин мафҳуми бифунксионалӣ (дугуна)-ро бар унвони рисолаи мусиқии худ баровардааст: «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ». Ба андешаи мо ин тасодуфӣ нест ва он моҳияти қавоиди мақомотро айён мекунад. Дар замони Амир Хусрав асл-фаръ қонуни асосии мақомбандӣ маҳсуб меёфт. Истилоҳоти Амир Хусрав бештар форсӣ-тоҷикӣ аст. Ӯ ба анъанаҳои тоисломии мусиқии эрониён таваҷҷуҳи бузург дошту Борбадро офарандаи илми парда меҳисобид. Ва чунин мешуморид, ки усул ва фуруъи мусиқӣ аз ҳамон давраҳост ва хоси илми парда аст. Муаллифони асрҳои сонӣ, дар рисолаҳои мусиқӣ оид ба Дувоздаҳмақом – Урмавӣ (а.XIII), Ҳусайнӣ (а.XIV), Ҷомӣ (а.XV), Кавкабӣ (а.XVI) дар мавориди будан ё набудани худи истилоҳ, фаҳмиши решаву шохаро ҳамеша дар талқиноти мақомот ҷой додаанд.

Дар Шашмақом мафҳуми «усул» аз асосиҳост. Мафҳуми «пардаи аслӣ» (ё «пардаҳои аслӣ»)-ро хусусан классики Шашмақом устод

Фазлиддин Шаҳобов хеле бисёр истифода мебарад. Ва ин тасодуфӣ нест. Зеро ки устод намояндаи Мактаби классикии Шашмақом аст, ҳамон мактабе, ки илми асили Шашмақомро муаррифӣ намудааст. Дар Шашмақом пардаҳои аслӣ шаштоанд. Яъне асл – шаш мақом аст. Дигар – фуруъ.

2. *дар системаи мусиқӣ*. Таърихи мақомоти тоҷик онро нишон медиҳад, ки пардаҳои аслӣ ба ҳайси мафҳумҳои системавӣ бароварда шудаанд. Унвони система ҳамеша шумораи пардаҳои аслиро дар бар мегирад: Ҳафтпарда, Дувоздаҳпарда / Дувоздаҳмақом, Шашмақом, чормодарон /чорпарда/чормуқом (Фалак). Ва нақши пардаҳои аслиро дар Шашмақом – шаш мақом ва дар Фалак – чаҳор муқом мебозанд. Барои шароити маъмули шифоҳӣ чунин асоспояи системавӣ хеле муҳим аст. Мавқеи «аслӣ» будани ин система зери онҳост ва дар сохтори таркибӣ (дохилӣ)-и системаҳо намоён мешавад:

- Ҳафтпарда:
  - 7 парда – аслӣ;
  - 30 лаҳн – фаръӣ;
  - 365 суруд – фаръӣ.
- Дувоздаҳпарда / Дувоздаҳадвор / Дувоздаҳмақом:
  - 12 парда/ мақом – аслӣ;
  - 24 шуъба – фаръӣ;
  - 6 овоза – фаръӣ;
  - 3 ранг – фаръӣ;
  - 18 бонг – фаръӣ;
  - 48 гӯша – фаръӣ.
- Шашмақом:
  - 6 мақом – аслӣ;
  - шуъба (ба маънои лаҳн, на ба маънои воҳиди композитсионӣ) – фаръӣ.
- Фалак: чормодарон /чаҳорпарда /чормуқом
  - 4 парда /муқом – аслӣ,
  - ҳамаи навъҳои фалак (ба маънои лаҳн) – фаръӣ.

Хулоса чунин аст, ки дар мақомот танҳо ду навъи парда ҷо дорад – аслӣ ва боқӣ ҳама фаръианд. Ба ақидаи мо ин ҷо ду функсияи асосии принсипи асл-фаръро қайд кардан лозим мешавад:

- дар системаи модалии мақомот ҷои «асл» метавонад иваз шавад. Ин вобастагӣ дорад, масалан, ба овози сароянда. Мувофиқи овози худ ӯ аслпардаи худро меёбад. Ва онро «асл» (дар ин ҷо ба маънои «собит») интихоб карда, асареро месарояд. Вале риоя кардани қолаби лаҳн-мақом (дараҷот) ҳатмист.
- вазифаи сози бунёдӣ-системавии ҳар як шакли мақом ҳам дар он аст, ки қолаби асл-фаръро нигоҳ дорад, ба наслҳои дигар

расонад. Он дар илми мусиқӣ (назария) ва ҳам амалияи мусиқӣ функсияи меҳварро иҷро мекунад. Ин меҳвар, инчунин, ҳамеша дар маркази ақлонӣ-зеҳнии донандаву иҷрокунандаи мақом ҷойгир аст. Вале зарур нест, ки сароянда ва ҳатто навозандаи асбоби дигар, ин ё он мақомро ҳатман аз ҳамон пардаи сози бунёдӣ-системавӣ иҷро намоянд.

3. *дар функсияҳои унсурҳо*. Функсияи усул дар Шашмақом хеле мушаххас аст. Ҳар дафъа усул шуъбаҳои нав ба навро муаррифӣ мекунад. Дар ин ҷараён қолабзарб (усул) бо талқиноти зарбии хати оҳанг ҳамҷоя шуда, ҷараёни рангорангро ба вуҷуд меоварад, дар ин ҷараён усул – асос асту хати зарбии оҳанг, доимо ивазшаванда аст, – фуруъ:



Ҷадвали 93. Ҷараёни рушди қабатҳои асоси зарбӣ дар Шашмақом.

Ҳамзамон усул шунавандаро ба набзи муайяне дароварда, ҳолатеро ба вуҷуд меоварад, ки ӯ ба он ҳолат фурӯ меравад. Бо вуҷуди ин, ҳар як шунаванда ҷараёни рушди оҳангиро зимни ин усул/зарб ҳис мекунад ва интизори авҷ мегардад. Бо шунидани авҷ ҳолати «тараб» ба вуҷуд меояд [142][190]. Барои ба ҳадаф расидан мутриб аввал рабтеро бо шунаванда ба вуҷуд меоварад ва сониян, тадриҷан ӯро ба лаҳн-мақом қадам ба қадам ворид карда (дар ин ҷо маҳорату малакаи мутриб нақши асосиро мебозанд), баҳри ба мақсад расидан ӯ шиддатнокиву ифоданокии мутаносибии оҳангро бо зарбҳои гуногун дар роҳи фатҳи тадриҷии регистрҳои болоӣ ва ҳоказо моҳирона нишон дода, солисан, ҳолати муайяни тарабро ба вуҷуд оварда метавонад. Чунин таассурот аз он аст, ки асл-фаръ на танҳо унсури зарбӣ, балки унсурҳои оҳангиву шаклсозиро ҳам фаро мегирад. Ва рушди он дар сатҳи ҳамаи унсурҳои конструктивӣ ҳам ба таври мувозӣ (вертикалӣ) ва ҳам ба шакли амудӣ (горизонталӣ) якҷо ва бо рушди ягона ба амал меояд. Танҳо бо чунин ҷараёни рушди

[190] Дар мақомоти Шарқ ба вуҷуд овардани «тараб» вазифаи асосии сарояндаву навозанда аст (аз ин ҷост номидани ӯ бо калимаи «мутриб»), зеро ки илми мақом – «илми ҳолат» аст ва санъати мақом – «санъати ҳолат» [142; 200].

«бисёрқабата» ба вуҷуд оварда ҳолати тараб (ба маънои ҳолати муайяни маънавӣ) имконпазир мешавад. Ин ҷараёнро дар ҷадвал чунин инъикос кардан мумкин аст:

Чаро дар Шашмақом унсури зарбӣ «усул» шуморида шудааст? Чунки нақши конструктивии он дар композитсияи мақомӣ ба мизон баробар аст: ҳар як таркиботи композитсия бо он «чен карда мешавад» – ҳам ибораоҳанг, ҳам банду хати оҳанг ва ҳам сохтори умумии композитсионӣ. Нақши асл-фаръ на танҳо дар дохили композитсияи як асар маҳдуд аст ва на танҳо дар шаклсозии он амал мекунад. Он дар баробари шаклсозӣ, ҳам дар системаҳои зарбӣ ва лаҳнӣ, ҳам дар силсилаҳои хурд ва ҳам макросилсилаҳои мақому Шашмақом нақш мебандад. Ин қонуни қатъист дар ҳамаи гунаҳои мақомоти тоҷик ва мақомоти Шарқ. Он шуъбаи муайянро муаррифӣ мекунад ва усули ҳамон шуъба ба шумор меравад. Бо иваз шудани усул (қолабзарб), шуъба низ дигар мешавад. Вале ҳатто ба ҳайси усули як шуъба метавонад на танҳо дар як шакл, балки бо шаклҳои фаръии худ ҷо дошта бошад. Ин ҷо инро дар мисоли усули тасниф мебинем. Дар Шашмақом усули тасниф дар се гунаи худ вомехӯрад [16; 22]. Бо назардошти он, ки қонуни асл-фаръ дар арӯз ҳам ҷо дорад, дар пайравии номгузории он, ин шаклҳоро шартан *солим*, *мақсур* ва *думаротиб мақсур* меномем.



Ҷадвали 94. Ҷараёни рушди қабатҳои асоси лаҳнӣ дар Шашмақом.

Аз онҳо Таснифи Бузург, Таснифи Наво ва Таснифи Сегоҳ дар шакли пурра – *солими усули тасниф* омадаанд:



Мисоли 95. Шакли солими усули тасниф.

Таснифи Дугоҳ дар шакли фаръии *мақсури усули тасниф* меояд:



Мисоли 96. Шакли фаръии якум – мақсури усули тасниф

Таснифи Рост ва Таснифи Ироқ дар шакли *думаротиб мақсури усули тасниф* асос ёфтаанд:



Мисоли 97. Шакли фаръии дуюм – думаротиб мақсури усули тасниф

Агар бодиққаттар назар кунем, айён мешавад, ки дар шакли мақсур аз интиҳои усули тасниф дузарбаии чаҳорякӣ ва дар шакли думаротиб мақсури он, инчунин, аз ибтидои усули тасниф ҳам дузарбаии чаҳорякии дигар ихтисор карда шудааст. Аз ин бармеояд, ки асоси усули тасниф – асли он – дар мобайни он аст[191]. Маҳз чаҳор зарбаи чаҳорякӣ дар ҳамин қолаб моҳияти усули таснифро дар бар гирифта, асли он ба шумор меравад. Ва хулоса нисбати зуҳуроти усули тасниф ҳамин аст, ки шакли солими он – ҳаштзарбаии чаҳорякӣ, фаръи якум – мақсур (шашзарбаии чаҳорякӣ) ва фаръи дуюм – думаротиб мақсур (чаҳорзарбаии чаҳорякӣ) мебошад. Чунин мисолҳои амали асл-фаръ дар Шашмақом хеле зиёданд.

Масалан, усули талқин дар Шашмақом бо се унвон се гуна истифода бурда мешавад:



Мисоли 98. Шакли якуми усули талқин



Мисоли 99. Шакли дуюми усули талқин

Мисоли 100. Шакли сеюми усули талқин

Дар баробари ин, ҳар кадоми ин гунаҳо шохаҳои фаръии худро пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, ҳарчанд ки оилаи усули талқинро усулҳои талқин, талқинча ва чапандоз ташкил диҳанд ҳам, воқеан дар Шашмақом хелҳои фаръӣ /шохавии он сершуморанд[192]. Ба вуҷуд омадани шаклҳои фаръии усули талқин дар Шашмақом тавассути принсипи *табдил* ба амал омадаанд, ки он низ аз доираи принсипи асл-фаръ берун нест.

Дар мақомот асл ҳамеша майдони лаҳнӣ-интонатсионии худро муаррифӣ мекунад ва ҳифз менамояд.

---

[191] Чунин «маркази аслӣ» дар шаклҳои гуногуни мақомоти Шарқ низ ҷо дорад. Ин падидаро дар рагаи ҳиндӣ муҳаққиқ А.Даниелу *унсури хосса* номидааст [22].

[192] Дар ин бора муфассалтар дар китоби дуюм (Назария) гуфта мешавад. Ин ҷо бо овардани ҳамин мисол иктифо мекунем.

Асл-фаръ – ҷараёни оҳангсозиву лаҳнсозиву шаклсозиро муҳайё месозад, рушд медиҳад ва серранг мекунад. Принсипи асл-фаръ тамоми унсурҳои сохторӣ ва семантикии мақомотро фаро мегирад. Асл-фаръ баҳри серрангтару сершаклтар кардани асл доимо талош мекунад. Вале намегузорад, ки пешниҳоди фаръии тазодие ба ҷараёни рушд ворид шавад.

Хусусияти дигари принсипи асл-фаръ он аст, ки он маҳдуд нест. Он кушода ва доимо идомадиҳанда аст. Ҳамаи шаклҳои эҷод, ки ба ин принсип такя мекунад, низ ҳамеша кушодаанд. Консепсияи асл-фаръ ба туфайли ин хусусияти худ барои мукаммалшавӣ – хоҳ дар шакли покшавии ботинӣ ва қавигардонии руҳ ва хоҳ дар шакли ҳунаромӯзиву донишомӯзӣ мавқеи хеле устуворро пайдо кард. Маҳз ҳамин хусусияти он гунаҳои мақомотро ҳамеша ҳамчун *шаклҳои кушодаи композитсионӣ* пешниҳод менамояд (1), зеҳнияту маҳорати сарояндаву навозанда ҳама гунаҳои мақомотро тозаву амалкунанда нигоҳ медорад (2), имконоти ташаккули *тафаккури мақомиро* ба вуҷуд меоварад (3), ҳунари бастакориро дар мутаносубии мустақим бо сароянагиву навозандагӣ қарор дода, рушд медиҳад (4).

Хусусияти дигари асл-фаръ дар серқабатии он аст. Он ҳамеша дар ҳамаи сатҳҳои унсурҳои дохилӣ амал мекунад ва доимо якхела фаъол аст (ниг. ба ҷадвалҳои боло). Аз ин рӯ, асл-фаръ дар мақомот принсипи универсалии рушд маҳсуб меёбад.

VI.4. Моҳияти мафҳуми «системаи мусиқӣ-назарӣ» дар мусиқии мақомоти тоҷик

Мусиқиро дар давраи пайдошавии мусиқии профессионалии тоҷик, асрҳои VI – аввали VII дар ҷомеаи мардуми эронӣ шуғли табақаи ашроф мешумориданд. Ва дар давлатдории Сосониён он яке аз чаҳор шуғли ифтихорӣ маҳсуб меёфт. Аз ибтидо муносибат ба мусиқӣ хеле ҷиддӣ буд, зеро он барои рушди зеҳни инсон судманд буд. Аз ин ҷост, ки ҳатто дар саҳифаҳои мудҳиштарини таърихи тоҷикон мусиқӣ пайваста (ҳарчанд ки на ҳамеша устуворона) ҷо дошту рушд меёфт.

Дар баробари ин мушоҳида мешавад, ки аз замонҳои қадим мардуми эронитабор дар бораи чӣ будани мусиқӣ, суди он ба инсон, созҳои мусиқӣ ва ҳ. андеша мекард. Чунин андешарониву мулоҳизаҳо на танҳо аз манбаҳои хаттӣ, балки аз деворнигораҳову сангнигораҳо (петроглифҳо)-и қадимтарин, дарёфтҳои археологӣ ва баъзе жанрҳои эҷодиёти халқ, аз қабили афсонаву қиссаҳо низ маълуманд[193]. Ҳар як ҳаводиси таърихӣ дар

[193] Ба туфайли маҳорати навозандагии Борбад халос ёфтани Мирохӯр (аспбон) аз марг, таъсири суруди Борбад ба Хусрави Парвиз дар боғ, рубоии машҳур аз деворнигораи Қальаи Ҳулбук, ки онро мардуми Кулоб ба лашкаркаш Амирҳамза бахшида буд:

Абрӯкамони Ҳамза,
Лабаш ҳаме хушмаза.

байни халқ инъикоси худро меёфт. Ва на танҳо дар байни мардуми одӣ. Инъикоси рӯйдодҳои таърихӣ ба мактабҳои ҳунарӣ низ хос буд. Ба фаъолияти онҳо на танҳо мустақим «инъикос кардан», балки ҷамъоварӣ ва хулосабарорӣ намудан низ дохил мешуд. Аз чунин маълумот айён мегардад, ки дар баробари мусиқӣ, тасаввурот ва андешаронӣ дар бораи он низ пайдо шудааст. Имрӯз ин андешаронихои нахустин маънои маълумоти илмиро дар мусиқӣ пайдо карда, аз қадамҳои аввалини мусиқишиносии тоҷик маҳсуб меёбанд.

Таърихи фарҳанги мусиқии тоҷик давраҳоеро падид меоварад, ки аввалан барои ташаккули замина, сониян, – системаи мусиқӣ ва солисан, – рушди минбаъдаи он мусоидат намудаанд. Албатта ин тасодуфӣ нест. Дигаргуншавии амалияи мусиқӣ, рушди тадриҷи (эволютсия)-и фаҳмиши эстетикӣ-фалсафӣ, умуман як қатор илмҳо бо назарияи мусиқӣ якҷо қарор гирифта, дар чунин ивазшавӣ нақш мебозанд. Ва амалияи мусиқӣ низ дигар мешавад. Натиҷаи дигаргун шудани чунин мутаносубии моҳияти илмҳову фаҳмишҳо ба ташаккули системаи нави мусиқӣ меоварад.

Мусиқии суннатии профессионалии тоҷик (мусиқии дунявӣ) аз ибтидо моҳиятан (консептуалӣ) бо падидаи мақом[194] зуҳур гардид. Ва он аз ибтидо ба ҳайси *система* (низом) пайдо шуда, дар давраҳои гуногуни таърихи мусиқӣ бо сабаби такомул ёфтан ба низоми дигар табдил меёфт, бо шакли нав зуҳур мегардид. Пайдошавӣ, такомулёбӣ ва дигаршавии он рушди бетаваққуфи ин мусиқиро таъмин менамуд. Вале, ҳарчанд ки дар мусиқии тоҷик консепсияи мақом аз асрҳои VI–VII зоҳир гардида бошад ҳам ва ҳарчанд ки онро то асри гузашта «системаи мусиқӣ-назарӣ» ном намегирифтанд, вале маънои системавии он ҳамеша дар назар дошта мешуда буд. Дар рисолаҳои мусиқии қурунивустоӣ ибораистилоҳҳо аз қабили «илми парда», «дувоздаҳгонаи машҳура», «илми мақом» ҳамин маъноро доранд. Мафҳуми «системаи мусиқӣ-назарӣ» ҳамчун ибораистилоҳ мафҳуми навест, ки дар асри XX пайдо шудааст. Вале моҳияти ҳар як зуҳуроти мақомот дар таърихи мусиқии суннатии профессионалии тоҷик ба маънои ин мафҳум мувофиқат мекунад. Аз асрҳои VI–VII ин ҷониб дар ҳама давру замон мақомот ҳамеша таҷассумгар ва ифодакунандаи моҳияти мусиқии тоҷик боқӣ мондааст. Вале мушкилоти асосӣ дар он аст, ки на аз давраи қадими пешазисломӣ ва на аз давраи асримиёнаии фарҳанги исломӣ ба мо худи мусиқӣ дастрас нашудааст. Ягона манбае, ки барои ба даст овардани тасаввурот дар бораи

Нигош ҳалоки дилҳо,
Миҷгон хаданги ғамза.
ва диг. аз қабили ҳаминҳоянд.

[194] Таъкиди «моҳиятан» (на аз рӯи «истилоҳ») ин ҷо тасодуфӣ нест. Воқеан, дар фарҳанги тоҷикон ҳатто мафҳуми аввалини мақомот «парда» якранг набуд.

мусиқии он давраҳои қадиму асримиёнаӣ имрӯз ба мо ёрӣ мерасонад, андешаву мулоҳиза дар бораи он аст. Чунин маълумотро на танҳо рисолаҳои илмиву амалии сирф фаннии мусиқӣ, балки хушбахтона инчунин, адабиёти бадеӣ, назми классикӣ, таърихномаҳову сафарномаҳо, дигар сарчашмаҳои хаттӣ дастрас менамоянд. Ва дар замони муосир он имкон медиҳад, ки таҳлили муштараку муқоисавии чунин маълумоти сарчашмаҳои хаттиро бо омӯзиши мусиқии имрӯзаи мақомоти тоҷик, ки айни ҳол бо Шашмақом, Фалак ва мақомҳои маҳаллии тоҷик дар амалияи мусиқӣ маъмуланд, ба амал оварем, ба хулосаҳое биоем. Дар натиҷаи чунин амалҳо имрӯз ба мо маълум мешавад, ки мусиқии суннатии тоҷик ҳамеша дар заминаи мақомот ривоҷу равнақ ёфтааст ва аз ин рӯ, мақомот барои тоҷикон мусиқии классикӣ мақбул гардидааст.

Мақомоти замонҳои гуногунро метавон барои он ба як система тааллуқ донист, ки ҳамаи онҳо як вазифаро иҷро кардаанд ва дар мусиқӣ ин вазифаи системаи мусиқӣ-назарист.

Дар ин ҷо бамаврид аст дар бораи коркардҳои мусиқишиносӣ оид ба мафҳуми «системаи мусиқӣ-назарӣ» шарҳ биоварем. Мусиқишиноси нуктасанҷ профессор Юрий Холопов дар таҳлили системаҳои мусиқӣ-назарӣ ба эътибор гирифтани якчанд меъёрҳоеро зарур мешуморад [113, с.11][195], ки онҳо чунинанд:

I.

1. Вазъи амалияи мусиқӣ
2. Вазъи назарияи мусиқӣ

II.

3. Амалияи мусиқие, ки илман омӯхта мешавад.
4. Амалияи мусиқӣ – мақсади олии (идеал) эстетикии назария.

III.

5. Нуфузи илмҳои дигар
6. Методологияи умумӣ ва хоссаи илмӣ

Дар ин радабандӣ мусиқишиноси дигари ин мавзуъ – И. Котляревский ду меъёри аввалро заминаи таърихии ташаккули системаи мусиқӣ-назарӣ ва меъёри сеюмро асоси системаи мусиқӣ-назарӣ меҳисобад. Ӯ қайд кардааст: «Маҳз омӯзиши амалияи мусиқии давру макони мушаххас имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои онро барои ташаккули системаи мусиқӣ-назарии ҳамон замону макон ҳамчун маводи воқеӣ қабул бикунем. Барои давраи дигар онҳо ба кор намераванд» [99, с.7].

Меъёри чаҳорум, панҷум ва шашум аз доираи категорияҳои сирф мусиқӣ баромада, мусиқиро бо дигар илмҳо мепайвандад. Чунин

[195] Дертар, Ю.Холопов ва мусиқишиносон Л.Кириллина, Т.Кюрегян, Г.Лыжов, Р.Поспелова ва В.Ценова китоби дарсиро ба ин мавзуъ таҳия карданд. Ниг.:[186]

алоқамандӣ имконият медиҳад, ки мусиқӣ ва фанҳои дигар аз якҷояшавӣ таъсирбахштар шаванд. Зеро ки системаи мусиқӣ-назарӣ наметавонад дар асоси сирф хусусиятҳои мусиқӣ ташаккул ёбад. Барои ташаккули системаи муайяни мусиқӣ баъзе фанҳо (масалан, таърих, зебоифаҳмии замон ва ҳ.) ҳамчун асос, дигар фанҳо ҳамчун услуби баёну таҳлил (масалан, арифметика, геометрия ва назму арӯз) ва сеюмӣ барои гузариши воқеӣ дар амалияи мусиқӣ хизмат мекунанд. Якҷошавии илмҳо ба дараҷаи муайян зарур ва ҳамеша барои тарафайн судманд мебошад.

Дар таърихи илми мусиқии Шарқ фанни мусиқӣ аз ибтидо дар чаҳоргона (квадривиум)-и фанҳои риёзӣ талқин мегардид. Агар Абунасри Форобӣ мусиқиро бештар дар асоси фанҳои дақиқ дида баромада бошад, асосгузори дигари илми мусиқии Шарқ – Абуалӣ ибни Сино доираи заминавии онро хеле васеъ гардонидааст [ниг. ба параграфи III.2.4]. Ва ҳамбастаии илмҳо фаъолияти олим-энсиклопедистро дар таърихи башарият гаштаву баргашта аз нав ба миён меовард.

Дар ин алоқамандиву пайвастагиҳо ҷудо кардани унсурҳои сирф мусиқиро фанни мусиқишиносӣ иҷро менамояд.

Системаи мусиқӣ-назариро як нафар ё як ҷомеа офарида наметавонад. Он ҳамеша маҳсули шуури ҷамъиятист. Дар рушди Шашмақому Фалак мо на танҳо муаллифонро намекобем, балки ба замони офаридани ҳар як асари таркибии он кам аҳамият медиҳем. Чаро? Чунки қонунияти маъмулияти шифоҳӣ ва риояи қоидаҳои асосии он система ҳамеша паҳлуи худ меъёри интихоби маводи мусиқиро дорад. Иҷрокунандаи амали интихоб дар ин ҷараён меъёрҳои эстетикӣ, фаҳмишӣ (идеологӣ), фалсафии замону макон мебошанд.

Дар мусиқӣ, системаи назарии он (системаи мусиқӣ-назарӣ) на ин ки дар асоси худи мусиқӣ, балки дар асоси мутаносубии он бо воқеият (объект) ва бо шуури ҷамъиятии давраи мушаххас (субъект) муайян мешавад ва ташаккул меёбад. Ин ҳамон набзест, ки байни шуури ҷамъиятӣ, мусиқӣ ва воқеият, яъне дар мутаносубии байниҳамдигарии сегонаи «шуури ҷамъиятӣ – мусиқӣ – воқеият» пайдо мешавад ва амал мекунад [99, с.20]. Ҳамин мутаносубӣ дар ҳар давру замон ивазшаванда аст. Зарурати ивазшавӣ аз мутаносубии ин сегона вобастагӣ дорад. Чунин хусусиятро ба назар гирифта, метавон гуфт, ки мақомоти тоҷик дар рушди таърихии худ се гунаи системаи мусиқӣ-назариро гузаштааст:

Дар системаи мусиқӣ-назарӣ сохтори он низ муҳим аст. Дар ташаккули ин сохтор низ меъёрҳои фавқуззикр нақш мебозанд. Одатан дар системаҳо *сатҳи унсурҳо, сатҳи алоқамандӣ* ва *сатҳи ягонагӣ* хеле муҳиманд [99, с.16]. Дар сатҳи унсурҳо – интихоби маводи мусиқӣ ва василаҳои ифодаи онҳо, дар сатҳи алоқамандӣ – таркиботи дохилӣ ва дар сатҳи ягонагӣ – фанни мусиқиро муаррифӣ менамояд.

Ҷадвали 101. Системаҳои мусиқӣ-назарӣ
дар таърихи мақомоти тоҷик

Падидаи мақом дар мақомоти тоҷик ҳам дар Шашмақом ҳасту ва ҳам дар Фалак. Агар дар сатҳи унсурҳо онҳо гуногун бошанд, дар сатҳи алоқамандӣ низ таркиботи дохилии онҳо фарқ бикунад, дар сатҳи ягонагӣ ҳарду мансуб ба мусиқии суннатии тоҷиканд (1) ва ҳар ду аз навъҳои мақомоти тоҷиканд (2). Ва мансуб донистани ҳар ду ба системаи мақом аз он аст, ки мутаносубии унсурҳову таркиботи сохторӣ ба ягонагии онҳо равона мешавад. Танҳо бо набзи алоқамандии худ онҳо ин ягонагиро ба даст меоваранд. Мазмуни ягон унсури системаи мақом дар услуби тасвирии образ қарор намегирад. Он дар худ алоқамандии худро дорад, ки дар сатҳи равобити унсурҳои мақом амал мекунад. Ва мансуб будани худро ба ин система (мақом) ҳамеша бо чунин гунаи алоқамандӣ тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, мақом падидаи ба вуҷуд овардани ҳолати муайян аст. Ин падида касеро ба тамошои чизе даъват намекунад. Мақом касро ба фаҳмидани он ҳолат даъват мекунад. Бахри он бо унсурҳои хосса касро гӯё ба як ҳолат ғарқ мекунад. Ҳар навъи мақомоти Шарқ чунин амалро бо забони мусиқавии мардуми худ ба амал меоварад. Аз ин ҷост мутафовитии мусиқии мақомот, ҳарчанд ки принсипи ягонаро дорост. Ин принсипи системавӣ аст. Ва он дар сатҳи ҳар ду навъи мусиқии профессионалӣ (Шарқ ва Ғарб) як вазифаро иҷро мекунад.

Консепсияи мусиқишинос И. Котляревский онро иброз менамояд, ки дар системаи мусиқӣ-назарӣ ин сатҳҳои номбурда ба як мақсад равона шуда, асоси методологии онро ташкил медиҳанд. Моҳияти системаи мусиқӣ-назарӣ дар ягонагии ӯст. Он ҳифз намудану нигоҳ доштани қавоиди ягонаро

дар сохтору мазмун, маъмулияти амалӣ ва қонунҳои назарӣ ва ҳ. мепазирад, дигарро не. Мусиқишинос ягонагии ин системаро дар ҷадвал чунин нишон додааст [99, с.20]:



Ҷадвали 102 . Равобит дар дохили системаи мусиқӣ-назарӣ

Ҳар се сатҳи таъкидшуда – унсурӣ, равобит ва ягонагӣ (олӣ) бо равияи методологии система дар робитаанд. Ҳамзамон тибқи сохтори умумии система, ҳар яке аз сатҳи поёнӣ дар навбати худ сатҳи поёнии дигарро муайян мекунад. Ва як сатҳ, ҳатто агар вай сатҳи олӣ бошад ҳам, қудрати муаррифӣ кардани системаро надорад.

Се сатҳи системаи мусиқӣ-назарӣ – унсурӣ, равобит ва ягонагӣ (олӣ) бо принсипи асосии методологӣ раҳнамунӣ карда мешаванд. Принсипи асосии методологӣ риояи ягонагиро дар ҳамаи сатҳҳо металабад ва дар натиҷа вуҷудият ва фаъолияти системаи мусиқӣ-назариро таъмин менамояд.

Зери системаи мусиқӣ-назарӣ илме/донише ташаккул меёбад. Ва бидуни он фаҳмидани ин система имконнопазир мегардад. Ҳар як амал ва унсури системавӣ тавассути мафҳуми мушаххас зуҳур мегардад. Зеро ки ҳар як мафҳум дар система вазифаи худро дорад ва функсияи муайянро иҷро мекунад. Барои вуҷудияти системаи мусиқӣ-назарӣ муҳаққиқ ин меъёрҳоро зарур мешуморад:

- принсипи асосии методологӣ
- ягонагӣ
- сохтор
- дастгоҳи мафҳумӣ
- таркиботи категориявӣ

Дастгоҳи мафҳумӣ дар системаи мусиқӣ-назарӣ инъикоскунандаи ҳолату сатҳи назарияи мусиқии давраи мушаххас мебошад. Ҳамаи

дастовардҳоеро, ки башарият (ё халқе) то он давра ноил гардидааст, дар он инъикос меёбанд. Ва маҳз он доимо дар рушд аст ва бо илме, ки онро инъикос мекунад, ҳамеша якҷоя иваз мешавад. Ҳар як мафҳум категорияи муайянро дар система мунъакис менамояд.

Таркиби категориявии система аз робитаи байниҳамдигарии онҳо пайдо мешавад. Робитаи байникатегориявӣ системавӣ аст на дигар. Зарурати ба миён омадани категорияи нав, ки одатан бо истилоҳи нав номгузорӣ карда мешавад, аз мукаммалшавии система шаҳодат медиҳад. Зеро ки мафҳумҳои нав (ҳамчун инъикоскунандаи категорияҳои нав) танҳо дар роҳи рушду мукаммалшавии система заруранд. Ин дигаргуниҳо рушди тадриҷи (эволютсия)-и илми мусиқӣ-назариро таҷассум менамоянд. Дар натиҷаи дигаргуниҳои зиёд ва ба дараҷаи авҷ расидани ин мукаммалшавӣ, ивазшавии як системаи мусиқӣ-назарӣ ба системаи дигари мусиқӣ-назарӣ ба амал меояд [99, с.22].

Системаи мусиқӣ-назарӣ дар мусиқишиносӣ якчанд хел муайян карда шудааст: «.. системаи мусиқӣ-назарӣ маҳсули шуури ҷамъиятии таърихан мушаххас, маҷмуи ягонаи тасаввурот дар бораи қонунияти интихоб ва ташкили маводи садои (мусиқӣ)-и дар амалияи мусиқӣ бавуҷудомада ва инчунин омилҳои ин қонуният мебошад» [99, с.23].

Агар ба системаи мусиқӣ-назарӣ бо диди диахронӣ нигарем, мебинем, ки дар ҳар давраи муайян шакли он иваз мешавад, яъне ҳар дафъа системаи мусиқӣ-назарӣ симои таърихии худро соҳиб мешавад. Зуҳуроти симои нави таърихии система дар дастгоҳи мафҳумии он ба амал меояд.

Системаи Ҳафтпарда як навъи системаи космологӣ аст. Аз лиҳози тафаккури мусиқӣ ин система синкретӣ аст. Мушоҳидаҳои қонунияти табиат ба ақидаи ягонагии олам меовард. Дар системаҳои навъи космологӣ аз ҳама муҳим он буд, ки он ягона аст ва ҳамаи унсурҳое, ки дар дохили онанд, ба ҳамин ягонагӣ мусоидат мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар чизе, ки дар асоси унсурҳои ин системаи мусиқӣ офарида мешавад, берун аз он баромада наметавонад ва танҳо ба ҳамин система мансуб аст. Амалияи мусиқии Ҳафтпарда эҳтимол чунин сурат мегирифт, ки асари мусиқӣ дар асоси иборaоҳангҳову иборазарбҳои муайян сохта мешуд. Ва ин иборaҳо бо якдигар бештар ба таври синтаксисӣ алоқамандӣ доштанд, на ба таври фонетикӣ. Чунки ҳар як ибора мазмуни мустақилро дошт. Ва воҳиди хурдтарини онҳо ибора буд, на садои мусиқӣ. Бинобар ин, Ҳафтпарда яклухт бо макрокосм ва микрокосм қабул мешуда буд, зеро ки танҳо дар риояи ин ягонагӣ қонунҳои дохилии он маъно пайдо мекард ва вуҷуд дошта метавонист. Дар баробари ин баъзе унсурҳое ҳастанд, ки маҳз дар системаи Ҳафтпарда зоҳир гардида, мусиқиро ба василаи мушаххаси мустақил ҳамчун таҷассумгари воқеияти табиӣ (на натуралӣ!) наздик овард. Зимни Ҳафтпарда тақлид кардан ба иборaоҳангҳои дилфиреби табиат он маъноро дорад, ки барои қабули табиат мусоидат менамояд ва он на ба маънои тасвир

кардани табиат равона шудааст. Ин яке аз роҳе буд барои рушди мусиқӣ ҳамчун навъи мустақили шуури инсон. Бинобар ин барои Ҳафтпарда бештар мусиқии созӣ хос аст, на овозӣ. Овози инсон ҳам чун яке аз сози мусиқӣ истифода бурда мешуд. Эҳтимол, фавқулолиҳадафи мутриби он давра ифода карда тавонистани ибораоҳангҳои дилнишини табиӣ буд. Маҳз қудрату тавоноии мусиқӣ дар ифода намудани ибораҳои зебои дилнишин минбаъд тадриҷан ба мустақилияти мусиқӣ меоварад. Аз ҷиҳати назария ҳадафҳои мусиқиро бо ифодаҳои нахустини мазмуни мушаххас, дарки зебоии садо, системаи мусиқие, ки бо табиат тавъам аст ва диг. равона месохт. Пайдоиши мусиқиро бо худи табиат пайваста, генезиси мифологӣ-афсонавии онро мақбул медонист. Системаи Ҳафтпарда барои мусиқии форс-тоҷик зуҳуроти нахустини системаи мусиқӣ-назарӣ маҳсуб меёбад.

Системаи дуюми мақомот – Дувоздаҳпарда/ Дувоздаҳмақом зимни давру замонҳои мураккаби идеологӣ ба худ роҳ ёфта, бештар бо ҷустуҷӯву ташаккули асосҳои илмӣ-методологии фанни мусиқӣ ва муносибатҳои мусиқӣ бо фанҳои дигар сурат гирифт. Маҳз истифодаи ҳунари фанни дигар (фанни адабиёт, ҳунари шеърхонӣ) дар асоси амалияи мусиқии замон (давраи Сомониён, а. IX–XI) ба эҳёи ҳунари мусиқӣ дар фарҳанги исломӣ овард (параграфҳои III.2.1–III.2.5). Бо саъйю кӯшиши мардуми тоҷик нигоҳ доштани системаи тоисломии Ҳафтпарда, дар давраҳо Тоҳириён, Саффориён ва хусусан Сомониён дар амалияи мусиқии асрҳои IX–XI, маънои бори дигар дар шароити нав роҳи рушди худро ёфтани онро дорад. Зимни нутқи форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ (забони нав) услуби нави шеърхонӣ (қироати матни мавзун) бо ҷалби тобишҳои нави оҳанги нутқи гуфтугӯии тоҷикӣ дар нутқи мусиқӣ, асоси лаҳниву дараҷотии он ранги нав ҳувайдо гардид. Беҳуда нест, ки маҳз дар ҳамин давра фосилаҳои нав (вустои фурс ё вустои Залзал, вустои холис ё вустои Ибни Сино, рубъпардаҳову силспарда-ҳо ва ҳ.) пайдо шуда, зарурати пайдошавии дараҷоти нав ба миён омад. Дар ин замина, тадриҷан, дар муддати ду-се садсола, дар асри XII, системаи нави дувоздаҳгона (Дувоздаҳпарда) пайдо шуд. Ва он муддати садсолаи дигар такомули илмӣ ёфта, ҷузъиёти худро саҳеҳтар (Дувоздаҳадвор, дараҷоти ҳафтдаҳдараҷаӣ, Дувоздаҳмақом) зоҳир намуда, устувор гардид.

Системаи дуюми мақомот роҳи тулони (асрҳои XII – XVIII)-ро аз сар гузаронд.

Системаи сеюми мусиқӣ-назарии мақомоти тоҷик Шашмақом – зодаи мусиқӣ ва назми классикии тоҷикон аст (хусусиятҳои онро дар парагафи IV.2 гуфта гузаштем[196]).

Дар кӯҳистони тоҷик падидаи Фалак бо ормону орзуҳои кӯҳистониён ҳувайдо гардида, системаи худ, системаи мусиқӣ-назарии чормуқомро ба вуҷуд овард. Эҳтимол ин система хеле қадим аст. Зеро ки асоси онро

[196] Мушаххасоти онро дар китоби дуюм («Назария») муфассал хоҳем овард.

фаҳмиши космологӣ-пантеистии чорунсур ташкил медиҳад. Ин системаи мусиқӣ-назарӣ, ки Фалакро таҷассум менамояд, бо номҳои «чорпарда» ва «чормодарон» низ дар байни аҳли мусиқӣ паҳн гардидааст. Маълум аст, ки истилоҳи «парда» номи аввалӣ ва истилоҳи «мақом» номи баъдии системаи мақомоти тоҷик аст. Нисбат ба истилоҳи «модар» зимни истилоҳи калимаиборавии «чормодарон» манзури мо ин аст, ки шакли асосии истилоҳ «*чор мадор*» аст, бо маънои луғавии «*мадор*» – «меҳвар» (1), «асос», «бунёд» (2) [180.II, с.619]. Чунин ном гирифтани системаи лаҳнӣ-мақомӣ дар Фалак маънои бевоситаи функсияи онро таҷассум намудааст, яъне «Фалак ба чаҳор мадор офарида мешавад» ё «чаҳор мадор асли Фалак аст». Ивазшавии калима-истилоҳи «мадор» ба калимаи ширини «модар» дар амалияи мусиқӣ, зимни «этимологияи халқӣ» байни аҳли ҳунар ба амал омада, бо изҳори маҳбубият он дар шакли ҷамъ маъмул гардидааст. Бо вуҷуди иваз шудани як калима ба калимаи дигар, зимни Фалак ҳар ду як функсияро дорад – «асос», «асл».

Муҳаққиқон се давраи таърихии рушди системаҳои мусиқӣ-назариро зимни мусиқии аврупоӣ ҷудо мекунанд:

- ❖ давраҳои антиқа, асрҳои миёна ва Эҳё (дар ин муддат (то XVI–XVII) мусиқӣ аз вазъи синкретӣ баромадааст);
- ❖ давраи ҷустуҷӯи асосҳои методологӣ;
- ❖ давраи рушди системаҳои мусиқӣ-назарӣ дар алоқамандӣ бо якдигар.

Онро бо таърихи мақомоти тоҷик муқоиса мекунем:

❖ охири давраи тоисломӣ / давраи аввали қурунивустоӣ – ташаккули мусиқии касбӣ бо нахустсистемаву нахустжанрҳои сирф мусиқӣ (а.V–VI);

❖ ташаккули асосҳои методологӣ ва заминаи илмии мусиқии тоҷик дар ҷараёни пуравҷи ду давраи Эҳёи бузурги фарҳангӣ:

- ➢ давраи Эҳёи фарҳангу илми форс-тоҷик (а.IX–XI);
- ➢ давраи Эҳёи дуюми фарҳанги тоҷикон (баъди ҳуҷуми ваҳшиёнаи муғул) – асрҳои XIV–XV;

❖ асрҳои минбаъдаи XVI – чоряки аввали асри XX-ро ба давраи Маърифат дар таърихи халқи тоҷик тааллуқ донистан равост. Дар ин давра равияҳои бедоршавӣ, маорифпарварӣ, маърифатӣ байни тоҷикон бори дигар бо дурахши хоссае падид омад, ҳарчанд ки ин ташаббусҳо ҳар боре аз тарафи манғит саркӯб мегардиданд.

Хулосаи ин гуфтаҳои боло чунин аст, ки

❖ мақомоти тоҷикони водӣ дар таърихи худ се системаи мусиқӣ-назариро аз сар гузаронидааст: Ҳафтпарда, Дувоздаҳмақом, Шашмақом.

❖ мақомоти кӯҳистон – Фалаки тоҷик аз ибтидо дар як система – чаҳорпарда/чормуқом/чормодарон то имрӯз маъмул аст. Табиист, ки барои

кӯҳистониён нигаҳ доштан, ҳифз кардани он хос аст, на иваз кардани он, ҳарчанд ки дар дохили он дигаргуниҳо ба вуҷуд меомаданд.

Барои мақомоти тоҷик он муҳим буд, ки моҳияти ин системаҳо ҳамеша ба як тарз боқӣ мемонд, мақомот моҳияти системавии худро ҳамеша нигоҳ медошт:

- дар эҷоди асар – амали бемаҳдуд аст;
- унвон шумораи мақомҳои аслиро ифода мекунад;
- ҳар як асл бо оҳанги хосса падид меояд;
- ҳар фаръ ҳам дорои оҳанг ё зарби хосса буда метавонад;
- сохтори ҳар асар (бо сохторҳои таркибии композитсионии он) дар асл-фаръ қарор мегирад;
- асл ҳам қолабзарб ва ҳам қолабоҳанг буда метавонад;
- мактаби он устод-шогирд аст.

Дар шароити «бархӯрд»-и ду навъи мусиқии профессионалӣ дар асри XX дар фарҳанги мусиқии тоҷик системаҳои мусиқӣ-назарӣ ҳам бо ҳам «бархӯрданд». Дере нагузашта, онҳо дар «муросоӣ» равияи нави мусиқии профессионалии тоҷик – «симфонизми мақом»-ро ба вуҷуд оварданд. Унвонҳои жанрии чунин падида ҳам дар омехтагии истилоҳоти дутарафаи шарқӣ-ғарбӣ ба вуҷуд омаданд, ба монанди «мақоми симфонӣ», «мақом-симфония», «мақом-вариатсия», «мақом-фантазия» ва ҳоказо. Ин падидаи бузург бо асарҳои хеле ҷолиби композиторони тоҷик Ф. Шаҳобов, Ш. Соҳибов, Ю.Тер-Осипов, Ё.Сабзанов, З. Шаҳидӣ, Фирӯз Баҳор, А.Одинаев, Т. Сатторов, Лола Толис, Б. Юсупов ва дигарон намудор гардидааст. Ҷолиб ва ҳам табиист, ки дар талқини ин мавзуъ ҳар як муаллиф мутаносибии ду системаи мусиқиро ба таври худ пешниҳод менамояд.

ХУЛОСА.
МУСИҚИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ МУОСИР
(шарҳи хеле мухтасар)

Мусиқии суннатии профессионалии тоҷик, ҳарчанд ки дар асри гузашта, дар замони Тоҷикистони шуравӣ, аз ҷиҳати расмӣ каме «дар соя монда бошад» ҳам, ҳамон давра низ дар қалбу ҳунари мардум ва эҷодкорон ҳамеша устувор буд. Вале ба дараҷаи зарурӣ дастгирӣ нашуд, дар таълимгоҳҳо ҷо надошт, ба системаи таълимии махсуси мусиқӣ ворид нагардид ва ҳ. (оид ба он дар параграфҳои марбутаи ин китоб гуфта шуд).

Дурахши рушди ин падидаи марказии мусиқии тоҷикон, ҳифзи расмиву давлатӣ, расмӣ-байналмилалии он дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба даст оварда шуд. Яке аз иқдомҳои нодири Сарвари маҳбуб, ҳимоятгари фарҳанги асили халқи тоҷик, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси ду ҷашни давлатӣ бар васфи мусиқии волои тоҷикон аст. Тибқи чунин иқдоми расмӣ мардуми Тоҷикистон аз соли 2000 санаи 12 майро «Рӯзи Шашмақом» ва аз соли 2007 рӯзи 10 октябрро «Рӯзи Фалак» медонаду ба ифтихори ин намунаҳои мусиқии худ ҷашнҳои бошукӯҳи расмӣ ҳамасола барпо мекунад. Пойдоркунии ин идҳо иқдомҳои ифтихормандтарини сиёсати фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол арзёбӣ гардида, мардуми Тоҷикистон аз доштани чунин идҳо сидқан мефахраду меболад. Зеро ки чунин иқдом маънои аз тарафи давлат сарпарастӣ намудани мусиқии профессионалии суннатӣ, мусиқии классикӣ, маънавиёти халқи тоҷикро дорад. Чунин иқдоми давлатӣ на дар давлатҳои дигар ва на дар таърихи замонаҳо назири худро ёд надорад. Моҳиятан ин ду ҷашни васфи мусиқии воло асту васфи касбият дар мусиқӣ.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар баҳри рушди Шашмақом ва Фалак ансамблҳои давлатӣ таъсис ёфтанд. Ва ниҳоят ин падидаҳои мусиқии волои тоҷикон аз тарафи башарият пазируфта шуда, Шашмақом ба рӯихати расмии ЮНЕСКО «Шоҳкории башарият» (2008) ва Фалак ба рӯихати дигари ЮНЕСКО «Рӯихати намунаҳои фарҳангии маънавии башарият» (2021) ворид гардиданд.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон мактаби олии мусиқӣ – консерватория (2003) таъсис дода шуд. Ва яке аз сохтори таркибии он «факултети мусиқии суннатии тоҷик» (аз соли 2014) унвон дорад. Дар ин факултет аз ҳамон сол (2014) лоиҳаҳои ҳамасолаи «Шоми мақомхонӣ» ва «Шоми фалакхонӣ» амалӣ карда мешаванд. Тавассути ин лоиҳаҳо ва ҷараёни таълими Шашмақом ва Фалак дар консерватория аслияти мақомоти тоҷик хеле устувор рушд ёфта истодааст. Яке аз нишондоди лоиҳаҳои консерватория ҳамасола (дар Рӯзи Шашмақом ва Рӯзи Фалак) ба таври силсилавӣ иҷро кардани Шашмақом ва Фалак мебошад. Силсилахонӣ яке аз хусусиятҳои

мақомхонӣ дар ҳама давру замон маҳсуб меёфт. Ва чунин хусусияти мақомхонӣ ҳам дар нашри Устодон [206] в ҳам дар рисола-баёзи устод Фазлиддин Шаҳобов [201.I.] қайд шудааст. Имрӯз силсилахониро Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов ба ҳукми анъана даровардааст. Дар баробари ин таркиботи лоиҳаҳои мазкур консертҳои гуногуни ибтикорӣ, синфӣ, шомҳои эҷодӣ ва дигарро дар бар мегиранд. Ин амалҳои арзишмандро баҳри рушди Шашмақом ва Фалак насли ҷавони мақомхонону фалакхонон, аз ҷумла, омӯзгорони ҷавони консерватория Саъдулло Каримзода, Хуршед Иброҳимзода, Абдурасул Исмоилов, Солеҳ Орипов (мушкилот), Манучеҳр Бурҳонов, Зоиршо Ҳайдаров, Фаридуни Ҳотам, Сабзалӣ Сайдалиев (силсилаҳои созии Фалак), Қурбон Давлатов, Қодир Лутфишоев, Солеҳ Одиназода як ҷо бо устодони варзида Алмосхон Абдуллоев, Мастона Эргашева, Файзалӣ Ҳасанов иҷро мекунанд.

Нахустин конференсияҳо, симпозиумҳо, фестивалҳову озмунҳои хосса бахшида ба мақомоти тоҷик дар сатҳи байналмиллалӣ ба шарофати соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Аз аввали солҳои 2000-ум, пайиҳам форумҳои байналмиллиӣ бахшида ба Шашмақом ва Фалак бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил гардиданд: соли 2003 Фестивал-симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба Шашмақом дар шаҳри бостонии Исфара зери унвони «Шашмақом: эҳёи суннатҳои классикӣ дар тамаддуни кишварҳои Осиёи Марказӣ», соли 2004 нахустин Симпозиуми байналхалқӣ бахшида ба Фалак «Фалак ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ» [172], соли 2006 Фестивал-симпозиуми байналмилалии «Фалак» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кулоб дар ин шаҳри бостонӣ [175], соли 2009 сеюмин Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи «Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик» [173], соли 2011 бахшида ба 100-солагии Фазлиддин Шаҳобов Фестивал-симпозиуми «Шиҳоби Шашмақом» [212], соли 2012 симпозиум дар мавзуи «Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш» [176]. Дар ин форумҳои байналмилӣ мавзуъи Шашмақом ва Фалак дар мубодилаи афкори мусишиносону иҷрокунандагони ватанӣ ва хориҷӣ қарор ёфт, паҳлуҳои айёну ноайёни онҳо муфассал илман муҳокима гардиданд. Дар тули ин солҳо фаҳмиши тоза, саҳеҳият дар бораи жанрҳои мақомоти тоҷик афзуд. Табодули афкори илмӣ пуравҷ гардид.

Пазируфтани Шашмақоми тоҷик дар ЮНЕСКО ҳамчун шоҳкории башарият ва Фалак ҳамчун мероси маънавии тоҷикон – барои фаҳмиши мақомоти тоҷик, дарки дороии зеҳнияти хосса ва маҳорати нозукбинонаи бадеӣ-эҷодии мардуми тоҷик ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ сатҳи нави ифтихориро ба вуҷуд овард. Мутахассисон – сарояндагону навозандагон, мусиқишиносону муҳаққиқон таваҷҷуҳи бештарро ба мақомот бахшиданд. Дар ташаккули ин заминаи фаҳмишӣ, муносибати нав ба мақомот, ифтихормандӣ аз мақомоти тоҷик сиёсати фарҳангӣ, хусусан

ибтикору амалҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳияти таърихӣ пайдо карданд.

Ҷустуҷӯи илмии солҳои охир фаҳмишу мавқеи навъҳои мақомоти тоҷикро дақиқ кард. Ба Фалак таваҷҷуҳи нав зоҳир гардид. Имрӯз муҳаққиқон Фалакро ба мартабаи арзишмандии он – ҳамчун яке аз навъи мақомоти тоҷик, таҳлил мекунанд. Дар ин ҷода соли 2009 аллакай рисолаи докторӣ (дар мавзӯи «Мақом ва Фалак – падидаҳои суннатии профессионалии эҷодиёти мусиқии тоҷикон») дифоъ гардида [16], китоби дарсии амалӣ таҳия шудааст, ки нахустин бор доираи жанрии фалакро дар ду анъана фаро мегирад [174] ва ҳ..

Соли 2009 бахшида ба соли бузургдошти Имоми Аъзам дар Тоҷикистон нахустин фестивали наътхонӣ низ хеле мутантан баргузор гардид, ки таҷлили чунин чорабинии хосса ҳам дар таърихи тоҷикон ва ҳам дар таърихи дигар халқҳои Шарқу Ғарб назир надорад. Баргузории чунин фестивал дар Тоҷикистон тасодуфӣ набуд. Наът жанрест, ки дар фарҳанги халқҳои дигар бидуни мусиқии фаъол, ба услуби тиловат иҷро мешавад. Дар эҷодиёти адабӣ-мусиқавии тоҷикон наът дар ду шакл ҷо дорад – ҳам жанри адабӣ ва ҳам жанри мусиқӣ. Дар минтақаи Кулоб он бо номи «наът» маъмул асту дар Бадахшони тоҷик зери унвони «мадҳия» ба силсилаи сирф мусиқавии «Фалак-Мадҳия» дохил гардидааст. Дар баробари ин иҷрои он низ ду шаклро дар фарҳанги тоҷик доро аст – яке бо услуби тиловат ва дигаре – дар шакли сароялдагӣ бо истифодаи таквавозии созӣ. Дар робита ба китоби дарсии ҳозир онро бояд қайд кард, ки дар минтақаи Кулоб жанри наът, ҳарчанд ки жанри мустақил бошад ҳам, дар заминаи оҳангӣ-интонатсионӣ ва зарбии анъанаи фалаки кулобӣ асос ёфтааст. Дар Бадахшон он дар анъанаи фалаки помирӣ қарор гирифта, жанри омехтаро ташаккул додааст.

Маҳз дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон оид ба Шашмақом ва Фалак лоиҳаҳову барномаҳои давлатии сершумор татбиқ гардиданд.

Солҳои миёни 2000-ум дар доираи лоиҳаи «Шашмақом – шоҳкории тафаккури мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ»-и ЮНЕСКО (муаллифи лоиҳа аз Тоҷикистон Ф.Азизӣ) нахустин донишномаи Шашмақом [79] аз чоп баромад. Нашри донишнома дар бораи навъи мушаххаси мақом на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар миқёси байналмилалӣ таҷрибаи нахустин ба шумор меравад. Дар он (роҳбари ин вазифаи лоиҳавӣ А.Раҷабов) маълумоти зиёде ҷамъ карда шудааст. Имрӯз, албатта, он чопи такмилии худро интизор аст.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон таҷрибаи бастакорӣ низ зимни мақомоти тоҷик хеле равшан зоҳир гардид. Ҳар як мақомхон суруду оҳангҳои дилнишини худро пешниҳод намуда, саъйю кӯшиш мекунад, ки бо замони худ ҳамқадам бошад. Дар ин ҷараён асарҳои силсилавӣ низ эҷод гардиданд. Яке аз чунин таҷрибаҳо ба устоди Шашмақом Алмосхон Абдуллоев

таaллуқ дорад. Ӯ соли 2000 асари силсилавии худро зери унвони «Ҳиҷоз» пешниҳод намуд [1].

Маълум аст, ки лаҳн-мақоми Ҳиҷоз яке аз лаҳнҳои ғамгин аст. Дар бораи ин лаҳн бояд онро қайд кард, ки лаҳн-мақоми Ҳиҷоз дар Шашмақом бидуни зуҳуроти унвонӣ дар оилаи лаҳн-мақоми Сегоҳ ҷо дорад. Вале дар системаи Дувоздаҳмақоми қурунивустоӣ ин лаҳн ҳамеша бо унвони худ устувор буд. Муаллифи силсилаасари мазкур, ҳарчанд ки лаҳни силсилаасарашро на аз шакли Шашмақом (наздик ба Сегоҳ) гирифта бошад ҳам, дараҷоти истифодашудаи ӯ ҳам дар мусиқии суннатии тоҷик (минтақаҳои Бадахшону Кулоб) ва ҳам дар мақомҳои як қатор мардуми Арабу Эрон истифода бурда мешавад. Сохтори он чунин аст:

$$^1/_2 - 1^1/_2 - ^1/_2 - 1 - ^1/_2 - 1 - 1$$

Дараҷотро устод Абдуллоев бо аслпардаи ре^1 истифода бурда аст. Дар натиҷа дарёфти эҷодии ӯ хеле зебо ва бамантиқ баромадааст. Дар шакли нотавӣ дараҷот чунин навишта мешавад:



Мисоли 103. Дараҷоти силсилаасари «Ҳиҷоз»-и А. Абдуллоев

Муаллиф дар ин силсилаи бузург (иборат аз 29 пйесаи мақомӣ) бо истифодаи шеърҳои шоирони классикии тоҷик Ҷомӣ, Умари Хайём, Ҷалолиддини Румӣ, Калими Кошонӣ, Кавкабии Бухороӣ, Соиб ва Туғрал сохтори композитсионии силсилаи мақомҳои Шашмақомро риоя кардааст. Ин асари силсилавӣ дар сохтори композитсионии худ мушкилотро бо таркиботи шуъбаҳои асосии он – Таснифи Ҳиҷоз, Тарҷеъи Ҳиҷоз, Гардуни Ҳиҷоз, Мухаммаси Ҳиҷоз ва Сақили Алмосӣ пешниҳод мекунад. Дар мушкилоти Шашмақом аз ду шуъбаи охир – мухаммас ва сақил, ки баъзан микдоран аз як зиёд меоянд, яке бо номи муаллиф оварда мешавад (аз ҷумла, дар мақоми Бузрук – Мухаммаси Насруллоҳӣ, Сақили Ислимхон ва Сақили Султон, дар мақоми Дугоҳ – Сақили Ҳоҷӣхӯҷа ва диг.). Дар ҳамин суннат ин ҷо низ Сақили Алмосӣ ҷо дорад. Силсилаи наср ҳам ба ҳамаи анъанаҳои силсилабандиву шаклсозии Шашмақом мутобиқ карда шуда, бо ду гурӯҳи шуъбаҳо пешниҳод гардидааст: гурӯҳи якум – шуъбаҳои асосии Сарахбори Ҳиҷоз, Талқини Ҳиҷоз, Насри Ҳиҷоз, Уфари Ҳиҷоз бо таронаҳои мобайнӣ, супориши аввалу супориши охирин ва ду шуъбаи иловагӣ (дар тақлид ба мақоми Рост – Наврӯзи Сабо, Талқинчаи Сабо) – «Фиғон дар Ҳиҷоз»-у «Талқини Фиғон дар Ҳиҷоз» ва гурӯҳи дуюм силсилаи Савти Ҳиҷоз (бо шохчаҳои Савти Ҳиҷоз, Талқини Савти Ҳиҷоз, Қашқарчаи Савти Ҳиҷоз, Соқиномаи Савти Ҳиҷоз ва Уфари Савти Ҳиҷоз). Дар ҳамаи онҳо усул ба таври Шашмақом дуруст истифода бурда шудааст. Хулоса, сохтори композитсионии ин силсилаасар, асоси зарбии он пурра бо риояи қавоиди шаклсозӣ ва силсилабандии Шашмақом иҷро гардидаанд. Шаклсозии дохилӣ-

композитсионӣ ҳам тибқи Шашмақом буда, бандҳои асосии жанрҳои мақомиро дар бар мегирад. Ҳамаи ин унсурҳои композитсионӣ хоси Шашмақоманд. Вале истифодаи асоси лаҳнӣ фарқ мекунад. Бояд қайд кард, ки таҷрибаи устод Алмосхон Абдуллоев – навъи силсиланависӣ дар пайравии Шашмақом буда, нахустин таҷрибаест, ки дар жанри силсилаи мақом аз тарафи навозандаи Шашмақом дар даҳсолаҳои охири асри XX – аввали асри XXI эҷод шудааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон се саъйи нашри Шашмақом ба амал омад. Аввалӣ дар доираи лоиҳаи номбурдаи ЮНЕСКО чопи Шашмақомро (масъули ин вазифаи лоиҳавӣ мусиқишинос А.Низомов) пешбинӣ карда буд. Ва тибқи он «Мақоми Рост» [209] ҳамчун ҷилди якум пешниҳод гардид [3; 127].

Соли 2011 чопи такрории нашри Устодон зери муҳарририи ин сатрҳо дар доираи лоиҳаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда шуд [207]. Мақсади асосӣ аз ин иқдом дар дастрас намудани нашри Устодон ба толибилмони Шашмақом буд на беш аз ин.

Соли 2016 Шашмақом дар 6 ҷилд [208] ва «Фарҳанги тафсирии истилоҳоти Шашмақом» [4] зери назари навозанда-мақомшинос А. Абдурашидов аз чоп баромад[197].

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон шумораи таҳқиқоту китобҳои монографӣ дар бораи Шашмақом ва Фалак хеле афзуд [16; 22; 29; 128; 190 ва диг.].

Маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ консепсияи илмии мақомшиноси маъруф устод Фазлиддин Шаҳобов рӯи чопро дид [201; 202]. Ин маводест, ки асоси фаҳмиши назариявӣ ва амалии Шашмақомро ба роҳи дуруст равон менамояд. Дар омӯзиши Шашмақом диди ин устоди маъруф моҳияти назарияи асосгузорӣ-заминавиро пайдо кардааст. Бо консепсияи илмии худ устод Шаҳобов ба фаҳмиши нави Шашмақом роҳ кушода, онро дар амалҳои бузургарзиши худ ва як ҷо бо ҳаммаслаконаш ба наслҳои оянда нишон додааст [201; 202; 203; 206]. Бидуни шак(к) ин дастоварди бузурги илми мақомшиносист, ки бо мурури замон боз ҳам арзишмандтар мегардад.

Маводи форумҳои фавқуззикр, монографияҳои илмӣ ҷараёни рушди тадриҷии илми мақомоти тоҷикро дар давраи соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд. Ва ин роҳи дастовардҳои хеле арзишманд бо мурури замон пурратар ва мукаммалтар гардида истодаанд.

Падидаҳои бузурги мусиқӣ – Шашмақом, Фалак ва мақомҳои маҳаллӣ, ин мусиқии латифу зебо, ки бо дороии моҳияти фалсафӣ-лирикӣ, бо рангорангии шеваҳову гӯйишҳои худ дар таърихи тоҷикон ба маъмултарин ва маҳбубтарин забони мусиқии тоҷик табдил ёфтаанд, ҳама давру замон ба

[197] Ҳарчанд ки ин ҷо бо номгирии ин нашрҳо иктифо намудаем, мусиқишиносии тоҷик таҳлили ҳар яки онро бо шарҳи муфассал дар мақолаҳои таҳлилии хосса металабад. Манзури худро оид ба онҳо дар китоби дуюм («Назария») хоҳем овард.

нигаҳдорӣ ва баландбардории маънавиёти тоҷикон равона карда мешаванд. Имрӯз ҳам онҳо маҳорату малакаи аҳлонӣ-эҷодии наслҳои ҷавони ин миллатро неруманду ғановатманд мегардонанд. Дар талотуми ҷаҳони имрӯза ҳар як ҷавони худшиноси тоҷик аз ин падидаҳои зеҳнӣ-эҷодии миллати худ ҳамеша бархӯрдору ифтихорманд аст, зеро ки маҳз насли ҷавонони даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони маҳбуб вазифадор аст, арзишмандии ин маънавиёти волои миллатро ба наслҳои оянда сарбаландонаву солим бирасонад.

САВОЛҲОИ САНҶИШИИ ПОЁНИ ФАН

Муқаддима

1. Мақомот хоси кадом мамлакатҳо мебошад ва дар ҷомеаи имрӯза ба ҳайси кадом навъи мусиқӣ пазируфта шудааст?
2. Мафҳумҳои «шарқиносии мусиқӣ», «этномусиқишиносӣ», «мақомшиносӣ»-ро шарҳ бидиҳед.
3. Фарқият байни «ориентализм» ва «шарқшиносии мусиқӣ» дар чист?
4. Намояндагони ориентализми русро номбар бикунед.
5. Намояндагони ориентализми Аврупоро номбар бикунед.
6. «Парда» ва «рага» чиро ифода мекунанд? Байнашон чӣ умумият ва фарқияте ҷо дорад?

***Фасли якум.* Мусиқии суннатии тоҷик: падида ва моҳият**

1. Хусусияти сохтории фарҳанги имрӯзаи мусиқӣ дар Тоҷикистон ва шарҳи гунаҳои он.
2. Сохтори мусиқии суннатии тоҷик дар фарҳанги муосири Тоҷикистон.
3. «Назарияи аврупосентристӣ» чист?
4. Навъҳои мусиқии профессионалӣ ва шарҳи ҳар яки он.
5. Мақомоти Шарқ: доираи фарогирӣ. Умумият ва фарқият.
6. Гунаҳои мақомоти тоҷик.
7. Даврабандии мақомоти тоҷик.
8. Падидаи мақом дар таърихи мусиқии тоҷик чӣ гуна қарор гирифтааст?
9. Истилоҳи «мақом» дар таърихи мусиқии тоҷик.
10. Истилоҳи «рага-мақом» ҳаммаънои чист?

***Фасли дуюм.* Давраи аввали тараққиёти мақомот дар мусиқии тоҷик** (асрҳои VI – аввали VIII)

1. Фаъолияти эҷодии Борбад.
2. Системаи Ҳафтпарда: моҳият, таркибот.
3. Услуби хусравонӣ чиро дар назар дорад?
4. Омилҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ-мусиқавии пайдоиши мусиқии профессионалии дунявии форсу тоҷик.
5. Жанрҳои аввалини мусиқии профессионалии дунявӣ: хусравониёт ва равошин.
6. «Хусравонӣ» ва «хусравониёт» аз номи кӣ пайдо шуданд?
7. Унвонҳои асарҳои Борбадро номбар бикунед.
8. Борбад чӣ менавохт?

9. Номи Борбад дар адабиёт дар кадом шаклҳо вомехӯрад?
10. Мактаби устод-шогирд дар давраи Борбад: ҷадвали раҳнамунӣ ва функсияи он.
11. Пайдоиши мафҳуми сози бунёдӣ-системавӣ.
12. Ҳаммаслакони Борбад ва асарҳои онҳоро номбар бикунед.
13. Хусусиятҳои давраи аввали тараққиёти мақомот.

***Фасли сеюм.* Давраи дуюми тараққиёти мақомот**
(асрҳои VIII – XV).

1. Мусиқӣ ва шариат.
2. Мафҳумҳои «олим-энсиклопедист», «ҳаким», «файласуф»-ро шарҳ бидиҳед.
3. Саҳми Ал-Киндӣ ба мусиқӣ.
4. «Байту-л-ҳикма»: таъсис, фаъолият, моҳият.
5. «Ихвон ус-сафо»: саҳми он ба мусиқӣ
6. Давраи Сомониён – эҳёи илму фарҳанги форс-тоҷик дар тамаддуни исломӣ.
7. Асосгузории Сомониён бар мусиқии нави дунявии тоҷик: роҳ-ҳои эҳёи мусиқии дунявӣ дар давраи фарҳанги исломӣ.
8. Мактаби ҳунари мусиқии Сомониён бо сарварии Абулаббоси Бахтиёр.
9. Амалҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баҳри эҳёи мусиқии касбии тоҷик.
10. Нақши «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»-и Абунаср Форобӣ дар илми мусиқӣ.
11. Саҳми Абуалӣ ибни Сино ва ақидаҳои ӯ дар мусиқӣ.
12. Ибн Зайла кист?
13. Муҳаммад Нишопурӣ. Рисолаи мусиқӣ. Дувоздаҳпарда.
14. Асосгузории Сафиуддин Урмавӣ бар мактаби нави илми мусиқӣ. Дувоздаҳадвор.
15. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Рисолаи «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ».
16. Қутбиддин Шерозӣ. Рисолаи мусиқӣ аз «Дуррату-т-тоҷ ли-ғуррати-д-Диббоҷ». Дувоздаҳмақом.
17. Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ. Рисолаи «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ».
18. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Рисолаи мусиқӣ.
19. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Мавлоно Кавкабӣ.
20. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Мавлоно Ҷомӣ.

21. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Дарвешалӣ Чангӣ.
22. Унвонҳои 12 парда (мақом) ва таркиботи системаи Дувоздаҳпарда (Дувоздаҳмақом) тибқи Муҳаммад Нишопурӣ.
23. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Қутбиддин Шерозӣ.
24. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Маҳмуди Ҳусайнӣ.
25. Унвонҳои 12 мақом ва таркиботи системаи Дувоздаҳмақом тибқи Амир Хусрав Деҳлавӣ.
26. Унвонҳои 12 давраи машҳура ва таркиботи ин система тибқи Сафиуддин Урмавӣ.
27. Хусусиятҳои давраи дуюми тараққиёти мақомот.

***Фасли чаҳорум*. Давраи сеюми тараққиёти мақомот**

(асрҳои XVI – чоряки аввали XX)

1. Мактаби ҳунарии Бухоро. Мактаби классикии Шашмақом.
2. Тарғибгарии Мавлоно Кавкабӣ дар илм ва омӯзгорӣ.
3. Дарвеш Алии Чангӣ. Рисолаи мусиқӣ: анъана ва навоварӣ.
4. Пайдоиши жанрҳои нави мақомӣ.
5. Равобити нави мусиқӣ ва назм дар мақомот.
6. Хусусиятҳои давраи аввали фаъолияти Мактаби ҳунарии Бухоро.
7. Заминасозии Мавлоно Кавкабӣ ва Дарвешалӣ Чангӣ.
8. Пайдоиши Шашмақом: система ва силсила.
9. Баёз – рисолаи мусиқии Шашмақом.
10. Анъанаҳои бастакорӣ зимни Шашмақом.
11. Хусусиятҳои ҳунари сароянд агӣ ва навозандагӣ.
12. Саҳми намояндагони мактаб дар асрҳои XIX – аввали XX.
13. Заминагузории Мактаби классикии Шашмақом дар ҷараёни таълими Шашмақом дар даҳсолаҳои аввали асри XX.
14. Густариши принсипҳои Шашмақом дар мусиқии кӯҳистони тоҷик.
15. Хусусиятҳои давраи сеюми тараққиёти мақомот.
16. Нахустин сози бунёдӣ-системавии мақомоти тоҷик.
17. Талқини «мусиқӣ» дар се давраи тараққиёти мақомот.

***Фасли панҷум*. Шашмақом дар давраи шуравӣ**

(солҳои 1922 – 1991)

1. Шашмақом дар солҳои аввали давраи шуравӣ.
2. Сабти нотавии Шашмақом дар соли 1924: аҳаммият ва костагии ин нашр.

3. Мактаби шашмақомхонии Душанбе: асосгузорӣ, мақсад, нақши таърихӣ, самтҳои фаъолият, наслҳо.
4. Ансамбли шашмақомхонони радио ва телевизион: рушди ҳунари мақомхонӣ, тарбияи сарояндагону навозандагон, саҳми наслҳои гуногуни ин ансамбл дар рушди Шашмақом.
5. Шашмақом дар нашри Устодон – намояндагони Мактаби классикии Шашмақом: пешниҳоди матни шеърӣ ва мусиқӣ, услуби силсилабандӣ, чараёни шаклсозӣ, асоси лаҳнӣ, асоси зарбӣ.
6. Шаҳобов Фазлиддин. Рисолаи «Баёзи Шашмақом» дар асри XX. Аҳаммияти таърихии рисола. Талқини композитсионии Шашмақом.
7. Асосгузорони Мактаби шашмақомхонии Душанбе дар асри XX.
8. Муаллифони сабти нотавии Шашмақом дар нашри Устодон.

***Фасли шашум*. Заминаҳои омӯзишӣ ва илмӣ**

1. Мактаби суннатии устод-шогирд: хусусиятҳои асосӣ ва рушди таърихии он.
2. Рисолаи мусиқӣ: падида ва нақши таърихӣ.
3. Гунаҳои рисолаҳои мусиқӣ.
4. Зарурати рушди рисолаи мақом дар илми мусиқишиносии муосири Тоҷикистон.
5. Асл-фаръ: моҳият ва истифода.
6. Системаҳои мусиқӣ-назарии мақомоти тоҷик.

***Хулоса*. Мусиқии классикии тоҷик дар давраи муосир**.

1. Самтҳои рушди илми мақомот дар мавзуъоти форумҳои даҳсолаҳои охир.
2. Аҳаммияти нашри Устодон дар системаи таълимии мақомот.
3. Таҷрибаҳои бастакорӣ ва роҳкушоиҳои амалии онҳо бахри рушду нумуъи Шашмақом ва Фалак.
4. Саҳми Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов дар рушди ҳунари мақомхонӣ ва фалакхонӣ.

АДАБИЁТ

I. **Маводи хаттӣ**

1. Абдуллоев А. Ҳиҷоз. Силсилаасар иборат аз 29 пйесаи мақомӣ. Маҷмуаи нотавӣ. – Душанбе, 2000 (нашри 1), 2007 (нашри 2). – 68 с.
2. Абдурашидов А. Танбур и его функция в изучении ладовой системы Шашмакома. Авт. дисс. ... канд. иск-ния. – Ташкент,1991. – 25 с.
3. Абдурашидов А. «Турфа шогирде, к-аз худ кунад моли устодро». / Минбари халқ, № 50, 4 июли соли 20 07.
4. Абдурашидов А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти Шашмақом. – Душанбе: Адиб, 2016. – 400 с.
5. Абу Али ибн Сина. Жизнеописание Абу Али ибн Сины. // Здравоохранение Таджикистана, 1977, № 3. – С. 5-13.
6. Абу Али Ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. Сб. ст. – Ташкент: Фан, 1980. – 248 с.
7. Абу Али Ибн Сино и его вклад в историю мировой культуры. Сб.ст. посв. 1025-летию Ибн Сины. – Душанбе, 2005. – 400 с.
8. Абу Али Ибн Сина. Математические главы «Книги знания» (Донишнома). – Душанбе: Ирфон, 1967. – 180 с.
9. Абу Али Ибн Сина. Музыка. // Абу Али Ибн Сина. Математические главы «Книги знания» (Донишнома). – Душанбе: Ирфон, 1967. – С.126-141; С.171-178 (комментарии).
10. Абу Али Ибн Сино. Қонуни тиб. Дар панҷ китоб. Тарҷумаи С.Шиҳобуддинов. Сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2021. – 1536 с.
11. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. – Сталинобод, 1957.
12. Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. Таърихи ғурар ус-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. Таҳиягар Низомиддин Зоҳидов // Тоҷнома. Силсилаи тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби III. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 444 с.
13. Аз таърихи дастаи Шашмақом-и ба номи Шаҳобов. – Душанбе, 2000. – 21 с.
14. Азизи Ф. Вклад Абуабдуллоха Рудаки в историческое развитие традиционной таджикской музыки // Ираннаме. – Алматы. – 2010, №1 (9). – С. 132-141.
15. Азизи Ф.А. К вопросу логики макомной композиции. // Проблемы музыкальной науки. Российский научный специализированный журнал. – 2019, №2. – С.63-75.
16. Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. – Душанбе: Адиб, 2009. – 398 с.
17. Азизӣ Ф. Назарияи мусиқӣ. Кит. дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021 – 304 с.
18. Азизӣ Ф., Каримов С. Услубҳои суннатии омӯзиш: пажӯҳиш ва истифода. – Душанбе: Адиб, 2013. – 90 с.

19. Азизова Ф. К вопросу об исторической взаимосвязи музыкальных традиций Индии и Таджикистана в древности // Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб.ст. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.153-157.
20. Азизова Ф. Профессиональное музыкальное образование Таджикистана начала 21 века: приоритеты развития. // Таджикская музыкальная культура начала 21 века: приоритеты развития. Мат. межд. сем. (Душанбе, 2–4 декабря, 1999). – Душанбе, 1999. – С.30-33.
21. Азизова Ф. Фазлиддин Шаҳобов ва проблемаҳои мақомшиносии муосири тоҷик //Шаҳобов Ф. Осор ва пажӯҳиш. Дар се ҷилд. – Ҷ.2. Шиҳоби мусиқӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2011. – С.137-170.
22. Азизова Ф. Шашмаком и рага. Краткий кампаративиский анализ. Монография. – Душанбе, 1999 – 166 с.
23. Айнӣ С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ // Куллиёт. Ҷ.2. Кит.2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С.335-386.
24. Айнӣ С. Қабри Устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак (ба ҳуруфи лотинӣ: Ayni S. Qabri Ustod Rudaki va dehai Rudak). // Устод Рӯдакӣ (Ustod Rudaki). – Сталинобод (Stalinobod), 1940. – С. 113-118.
25. Айнӣ С. Назаре ба гузаштаи халқи тоҷик // Шарқи Сурх,1941, №3. – С.11-16.
26. Айнӣ С. Санъаткори бузург // Ҳоҷӣ Абдулазиз аз нигоҳи Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Дониш, 2021. – С.42-66.
27. Айнӣ С. Шашмақом // Айнӣ ва мусиқӣ. – Душанбе, 1978. – С.9-10.
28. Акбар Турсун. Эҳёи Аҷам. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.
29. Аминжонов Р. Эволюция Шашмакома во второй половине XIX-нач. 40-х годов XX века. – Худжанд: Нури маърифат, 2019. – 228 с.
30. Амир Хусрав. Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ. Рисолаи сонийа //Амир Хусрав. Эъҷози Хусравӣ. Чопи сангин – Лакҳнав (Ҳиндустон), 1876. – ФД Инст. Шарқ. АИ ҶТ, №3990. – С.275-291.
31. Амиршоҳӣ Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIУ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – 1007 с.
32. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик. – Душанбе,1968. – 410 с.
33. Арабская средневековая культура и литература. Сост. Фильштинский И.М. Сб. ст. – Москва: Наука. – 1978. – 219 с.
34. Арийская цивилизация в контексте евроазиатских культур. – Душанбе: Дониш, 2006. – 739 с.
35. Афсаҳзод А. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ – адиб ва мутафаккири номӣ. Монография. – Душанбе: «Маориф». – 2014. – 464 с.
36. Ар-Рисаил ал-Ихвон ус-Сафо. Дар 12 ҷилд. – Ҷ. I. 463 с.; Ҷ. II. 486 с.; Ҷ. III. 544 с.; Ҷ. IV. 469 с. ва ҳоказо. – Бейрут, 1957.
37. Ахвледиани И.Г. О языковедческом наследии Ибн Сины. // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент: «Фан», 1980. – С. 201-212.
38. Баёзи Шашмақом. Муҳаррирон: Исо Раҳматулло, Мубашир Акбарзод ва Баҳриддин Мирзо. – Душанбе, 2008. – 167 с. + факсим 80 с.

39. Байҳақӣ Хоҷа Абулфазл Муҳаммад Ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ // Тоҷнома. Силсилаи тоҷикон дар масири тамаддун. Кит. XIV. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 774 с.
40. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ – Душанбе,1975 – 280 с.
41. Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с.
42. Баркашлӣ М. Радифи мусиқии Эрон –Теҳрон,1346/1965 – 543с
43. Бартольд В. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах // Его же. Соч. Т.II.Ч. I – Москва: Изд.вост.лит.,1963. – С. 118-126.
44. Бартольд В.В. Иран. Исторический обзор. – Ташкент, 1926.
45. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – Том II.Ч.1. – Москва: Наука, 1963.
46. Бартольд В.В. Таджики. Исторический очерк. – Сочинения. – Том II.Ч.1. – Москва: Наука, 1963; Бартолд В.В. Тоҷикон. Очерки таърихӣ. Дар тарҷумаи М.Муллоаҳмадов // Садои Шарқ. – 1990, №1. – С.92-103.
47. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы // Его же. Избранные труды. – Москва: Изд.вост.лит.,1960. – 553 с.
48. Болдырев А.Н. Отражение древних культурных традиций в классической литературе //История иранского государства и культуры: к 2500-летию иранского гос-ва. – Москва: Наука.ГРВЛ, 1971. – С.250 – 259.
49. Бонфельд М.Ш. Введение в музыкознание. Учеб. пос. – Москва: ВЛАДОС, 2001. – 224 с.
50. Борбад ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Наздик: таърих ва замони муосир. Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1400-солагии асосгузори системаи классикии мусиқии профессионалии тоҷику форс Борбад. Тезисҳои баромадҳо ва мақолаҳо (Душанбе, 23-29 апрели с. 1990). – Душанбе: Дониш, 1990. – 486 с.
51. Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. Докл. и сообщения. Кн.1. – Душанбе: Дониш,1990. – 186 с.
52. Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб.ст. – Душанбе:Дониш, 1989. – 329 с.
53. Бурҳон Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Дар се ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993 – 2014.
54. Бухарские макомы //Узбекская народная музыка. – Т.V. /Запись Ю.Раджаби. Под ред. И.Акбарова. – Ташкент: ГИХЛ Узб.ССР, 1959. – 865 с.
55. Виноградов В. Классические традиции иранской музыки. – Москва, 1982. – 184 с.
56. Волкова О.Ф. Описание тонов индийской музыки // Ученые записки Тартуского университета. Вып. 181. Труды по знаковым системам. Т.2. Отв. ред. Ю. Лотман. – Тарту, 1965. – С. 274-275.

57. Волькенштейн М. Биофизика. – Москва:Наука, 1988 – 592 с.
58. Восифӣ Зайниддин Маҳмуд. Бадоеъу-л-вақоеъ. Муҳаррир Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2014. – 734 с.
59. Восифӣ Зайниддин Маҳмуд. Бадоеъу-л-вақоеъ. Ю. Аҳмадзода. – Душанбе: Адиб, 2006. – 200 с.
60. Воҷид Алӣ Хон. Матлаъу-л-улум ва махзану-л-фунун. Чопи сангӣ. – Ҳинд,1873. Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Дастхатҳо, №2471.
61. Вызго Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии. Исторические очерки. – Москва: «Музыка», 1980. – 192 с.
62. Вызго Т.С. На чем играл Борбад? // Борбад и художественные традиции народов Центральной и передней Азии. История и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С. 57-58.
63. Вызго Т.С. О вкладе Ибн Сины в мировую музыкальную науку // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент: Фан, 1980. – С. 189-201.
64. Вызго Т.С. Первые музыкальные учебные заведения // История узбекской музыки. Учебник. В двух томах. – Т.I. (1917-1945 гг.) – Ташкент: Изд.ЛИ им.Г.Гуляма, 1972. – С.103-112.
65. Гаджибеков У. Основы азербайджанской музыки. – Баку, 1985. – 146 с.
66. Гардезӣ Абусаид. Китоби Зайну-л-ахбор. Баргардони Қодири Рустам. Муҳаррир Э.Эшонқулов // Тоҷнома. Кит.XIII. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 416 с.
67. Ғиёсу-л-луғот. Иборат аз се ҷилд. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Ҷ.1. – 480 с., Ҷ.2. – 416 с., Ҷ.3 (Мулҳақот). – 304 с. – Душанбе: Адиб, 1987, 1988, 1989.
68. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз – Душанбе:Дониш, 2006 – 906 с.
69. Ғоибов Ғ. Таърихи Ҳисори шодмон, чағониён ва Душанбе. (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихии Водии Ҳисор аз асри VIII то соли 1921) – Душанбе: «Ориёно-2012», 2015. – 250 с.
70. Даукеева С. Философия музыки Абу Насра Мухаммада Аль-Фараби. – Алматы, 2002. – 352 с.
71. Джами А. Трактат о музыке. Перевод А.Н Болдырева. Ред. и комментарии В.М. Беляева. – Ташкент: Изд. АН Узб.ССР, 1960. – 130 с.
72. Джанизаде Т.М. Музыка исламской цивилизации // Вестник Рос гуманитарного научного фонда. – 2003,№1 – С.156-168.
73. Джумаев А. Левича-Хофиз: творческая биография от эпохи граммофонов до квартала «Восток» // Иной взгляд. Бухарские евреи в русской культуре. Под ред. Е. Коровай – Москва: Фонд «Марджани», 2020. – 336 с. С.185-209.
74. Джумаев А. Наджм ад-дин Кавкаби Бухари: поэт, музыкант, учёный XV-XVI вв. Жизнь и творчество. – Ташкент: Baktria press, 2016. – 320 с.
75. Джумаев А. Открывая «чёрный ящик» прошлого /Музыкальная академия. – Москва, 2000, №1. – С.89-103.

76. Джумаев А. «Трактат о музыке» Абд ар-Рахмана Джами: из истории изучения и публикации // Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик. Маводи Сеюмин симпозиуми байналмилалии Фалак (8-10 октябри с. 2009, ш. Душанбе). Маҷм. мақ. Мураттиб Фароғат Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 117-126.
77. Джумаев А. Трактат о музыке Мухаммада Нишопури – ранний источник по системе Дувоздахпарда: история изучения, проблемы датировки и атрибуции // Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. Маводи Чаҳорумин симп. байнлмилалии Фалак (Душанбе, 2012, 9-10 окт.). Маҷм.мақ. Мураттиб Ф. Азизӣ – Душанбе: Адиб, 2015. – С.81-132.
78. Договор о нотировании Шашмакома // Шаҳобов Фазлиддин. Осор ва пажӯҳиш. Дар се ҷилд. – Ҷ.III. –Душанбе: СИЭМТ, 2011. – С. 157-158.
79. Донишномаи Шашмақом. Муаллифони асосӣ А. Абдурашидов, Ф.Азизӣ, А.Раҷабов, Н.Ҳакимов. – Душанбе, 2009. – 422 с.
80. Жизнеописание Абу Али Хусейна ибн Абдаллаха ибн Сины, рассказанное им самим и записанное его учеником Абу-Убайдом ал-Джузджани. Перевод М.Занда // Альманах «Литературный Таджикистан», вып.V. – Сталинабад, 1953. – С.131 – 145.
81. Зайналабидин бен Мухаммад бен Махмуд ул-Хусайни. Музыкальный канон. С таджикского перевёл и примечаниями снабдил А.А.Семёнов. // Зайнулобидин Маҳмуди Ҳусайнӣ. Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ. Таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти А.Раҷабов //Осори Тамаддуни хаттӣ. Ҷилди III. – Душанбе: Дониш, 1987. – с.73 – 232.
82. Зарринкӯб А. Корномаи ислом –Душанбе:Пайванд, 2007-209с.
83. Зоҳидов Н. Таълиқот // Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ. Таърихи Ғурару-с-сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. Таҳиягар Низомиддин Зоҳидов // Тоҷнома. Кит.III. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – С.364 – 393.
84. Зухуриддинов А. Сарсухан // Ҷомӣ. Осор. Ҷилди 8. – Душанбе: «Адиб». – 1990. – С.207 – 212.
85. Ибни Қурбон (Амиршоҳӣ Н.) Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 480 с.
86. Ибрагимов О. Фергано-ташкентские макомы. – Ташкент: MEDIA LAND, 2006. – 176 с.
87. Иванова Л. А. Ибн Сина /Авиценна/ в зеркале музыки. Некоторые музыкально-теоретические взгляды Ибн Сины. Воззрения Ибн Сины в области теории музыки / Вестник Челябинского госуниверситета, Вып 7. №23 (101). – Челябинск, 2007. – С.100 – 105.
88. Икромӣ Ҷ. Шаҳбозҳо – Шаҳобовҳо // Шаҳобов Ф. Осор ва пажӯҳиш. Дар се ҷилд. – Ҷилди 2. Шиҳоби мусиқӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2011. – С.38 – 43.
89. История иранского государства и культуры: к 2500-летию иранского государства. Сб.ст. – Москва: Наука. ГРВЛ, 1971. – 347 с.
90. К итогам дискуссии по вопросам развития таджикской музыки // Коммунист Таджикистана. – 1958. – 7 мая.

91. Кавкабӣ Н. Рисолаи мусиқӣ. Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом. Таҳияи А. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 144 с.
92. Кайковус У. Қобуснома. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 200 с.
93. Калила ва Димна. Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Танзим ва таҳрири Р.Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1989. – 304 с.
94. Кароматов Ф. М. Исполнительские традиции народов Ближнего и Среднего Востока в условиях современности // Традиции музыкальных культур народов Ближнего, Среднего Востока и современность. – Москва: Сов.комп., 1987. – С. 10 – 16.
95. Кароматов Ф. М. Макомат в условиях современности // Профессиональная музыка устной традиции нардов Ближнего, Среднего Востока и современность – Ташкент:Изд.ЛИ им.Г.Гуляма, 1981 – С.9 -15.
96. Кароматов Ф. Раджабов И. Шашмаком. Вступит.статья // Шашмаком. Запись Ю.Раджаби. Под ред. Кароматова Ф.М., Раджабова И.Р. В 6-ти томах. – Т.1. Бузрук. – Ташкент: Изд.худ.лит., 1966. – С.15 – 24.
97. Конрад Н.И. Запад и Восток. Ст. – Москва: ГРВЛ,1966 – 519 с.
98. Корбурди суннатии «устод ва шогирд». Роҳнамо. Муҳаррири масъул Ф.Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2013. – 88 с.
99. Котляревский И. Музыкально-теоретические системы европейского музыкознания. – Киев: Музична Украина, 1963. – 153 с.
100. Левин Т. Сад ҳазор маҷнуни мусиқӣ: саёҳатҳои мусиқавӣ дар Осиёи Марказӣ (ва Квинс, Ню-Йорк) (ба англисӣ: Levin T. The hundred thousand fools of God: musical travels in Central Asia (and Queens, New York). – Indiana University Press. Bloomington and Indianapolis. – 1996. – 320 p.
101. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти санъат. Мураттибон: А.Аҳроров, А.Раҷабов ва диг. – Душанбе: СИЭМТ, 2003. – 272 с.
102. Мавашев И. Из истории и культуры бухарских евреев. Кн.1. Пер.с таджикского С.Фаттахова. – Нью-Йорк, 2014.
103. Макомы, мугамы и современное композиторское творчество. Матер. Межресп. научно-теор.конф. (Ташкент, 10-14 июня 1975). – Ташкент: ИздЛИ им.Г.Гуляма, 1978. – 260 с.
104. Масов Р. История топорного разделения. – Душанбе: Ирфон, 1991 – 187 с.
105. Масов Р. Таджики: вытеснение и ассимиляция. – Душанбе: Дониш, 2004. – 176 с.
106. Масов Р. «Таджики»: история с грифом «совершенно секретно». – Душанбе: Ирфон, 2012. – 212 с.
107. Матякубов О.Р. Вопросы ладовой основы макомов в средневековой теории музыки // Традиции музыкальных культур народов Ближнего, Среднего Востока и современность (Второй международный музыковедческий симпозум, Самарканд, 7 – 12 октября, 1983г.). – Москва: Сов. комп., 1987. – С.132 –135.
108. Матякубов О. Фараби об основах музыки Востока. – Ташкент: Фан, 1986. – 87 с.

109. Мирзоев А.М. Биноӣ. Монография. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 490 с.
110. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
111. Музыкальная эстетика стран Востока. – Ленинград: Музыка, 1967. – 414 с.
112. Музыкальные культуры народов: традиции и современность. Ред.-сост. Г. Шнеерсон (Доклады VII Междунар. муз. конгресса. 6-9 окт. 1971 г. Москва). – Москва: Сов. комп., 1973. – 376 с.
113. Музыкально-теоретические системы. Прогр. для ист.-теоретических и композиторских фак. муз. вузов. Составитель Ю. Холопов. – Москва, 1972.
114. Мусулманкулов Р. Образ Борбада в таджикско-персидской классической эпической поэзии. // Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб. ст. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 85 – 98.
115. Мушфақ Салим Мирзо. Мусиқӣ аур қаввалӣ ки ривайат (Мусиқӣ ва ривоятҳо дар бораи қавволӣ) // Сақафат (урду). – 1975, №1.
116. Назариев Р., Раджабов Х. Соотношение естественных и гуманитарных наук в философии «Ихван ус-сафа» // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота. – 2016. № 6(68): в 2-х ч. Ч. 2. – С. 137 – 140.
117. Назаров А. Ф. «Книга песен» Аль-Исфахани в аспекте межрегиональных музыкально-транскультуративных процессов. Дисс. на соиск … канд иск-я. – Ташкент. – 1984
118. Наршахӣ Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Мураттибон: Ғ.Ғолибов, Н.Амиршоҳӣ ва д. – Душанбе: ПФ, 2012. – 736 с.
119. Насриддинов Ф.А. Бунёдгузори илми арӯз ва луғатнигорӣ // Паёми ДДОТ. – 2019, №5 (89). – Душанбе. – С. 146 –157.
120. Негматов Н.Н., Мальцев Ю.С. Борбад – основоположник персидско-таджикской классической музыкальной культуры // Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб. ст. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 9 – 25.
121. Неру Дж. Открытие Индии. – Москва: Ин.лит.,1955. – 652 с.
122. Низамов А. Ибн Сино и его музыкально-теоретические сочинения // Абу Али Ибн Сино и его эпоха. Сб.ст. к 1000-летию со дня рождения. – Душанбе: Дониш, 1980. – С. 181 –190.
123. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола – Душанбе:Ирфон, 1986 – 192 с.
124. Низомии Ганҷавӣ. Хусрав ва Ширин // Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. – Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.
125. Низомӣ А. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва илми мусиқӣ. – Душанбе: Дониш, 2019. – 200 с.
126. Низомӣ А. Таърихи мусиқии тоҷик. – Душанбе: «Адаб. бач.», 2014 – 384 с.

127. Низомов А. «Бе зина ту ҳам то лаби бом баро». / Минбари халқ, № 57, 28 июли соли 2007.
128. Низомов А. Таърих ва назарияи Шашмақом. – Душанбе: Адиб, 2006. – 504 с.
129. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989. – 200 с.
130. Нойбауэр Экхард. Навозандагони дарбори Аббосиёни аввал (Neubauer Eckhard. Musiker am Hof der frühen‘Abbāsiden) – Frankfurt am Main: J. W. Goethe-Universität, 1965. – 244 s.
131. Носоновский М. Бухара, Самарканд и д. Очерки по истории бухарских евреев и других еврейских общин Востока. – Нью-Йорк: Общественно-научный центр бухарских евреев «Рошноӣ», 2005. – 212 с.
132. Нурджанов Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов (XIX – XX вв.) – Душанбе: Матбуот, 2001 – 288 с.
133. Нуриён А.Р., Юсуфи С.Дж. Социально-экономическое положение Саманидского государства и развитие науки и культуры в Саманидском государстве // Паёми Донишгоҳ – 2017. №3/7.қ.I. – С.11-19.
134. Переверзев Н.К. Проблемы музыкального интонирования. – Москва: Музыка, 1966. – 224 с.
135. Проблема канона в древнем и средневековом искусстве Азии и Африки. Сб.ст. – Москва, 1973. – 312 с.
136. Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность. Материалы Международного музыковедческого симпозиума (Самарканд, 3-6 октября 1978 г.) – Ташкент: Изд.ЛИ им. Г.Гуляма, 1981. – 312 с.
137. Раджабов А. Ранние сведения о циклических музыкальных произведениях в таджикских источниках //Макомы и мугамы и современное композиторское творчество (Межресп. научно-практич. конф., 10 – 14 июня 1975г.) – Ташкент: Изд. ЛИ им. Г. Гуляма, 1978. – С.41- 46.
138. Раджабов А. Борбад и его вклад в таджикско-персидскую музыкальную культуру // Борбад и его эпоха. Сб.ст. – Душанбе: Дониш, 1989. – С. 41-74.
139. Раджабов А. Из истории развития таджикской музыкальной культуры (V–XII вв.): Автореферат дисс. …канд. ист. наук. – Душанбе, 1982. – 21 с.
140. Раджабов И.Р. Макомы. Авт. .. д-ра иск-я. – Ташкент-Ереван, 1970. – 215 с.
141. Раджабов И. Трактаты о музыке. – Ташкент, 2021. – 554 с.
142. Раси Ҷ. Ташаккули мусиқӣ дар ҷаҳони Араб. Фарҳанг ва санъати *тараб* (англ.: Racy J. Making music in the Arab World. The Cultural and Artistry of Tarab) – Кэмбридж:Cambridge University Press,2003 – 249 с.
143. Рассказы о Борбаде. Сост. Адаш Истад. – Душанбе: Дониш, 1990.
144. Рахимов С. Эстетика Зороастризма. – Душанбе: Дониш, 2006. – 406 с.
145. Рашидова Д. Наджмиддин Кавкаби Бухори // История и современность. Проблемы музыкальной культуры Узбекистана, Таджикистана и Туркмении. – Москва, 1972. – С. 370 – 372.

146. Рашидова Д. Сведения о макомах и музыкальной жизни в трактате Дарвеша Али Чанги // Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность. – Ташкент: Изд ЛИ им. Г.Гуляма, 1981. – С. 209 – 212.
147. Рашидова Д. Термин «маком» в трактатах среднеазиатских ученых XVI – XVII вв. // Макомы и мугамы и современное композиторское творчество. (Межресп. науч-прак.конф., 10 – 14 июня 1975) – Ташкент: ИздЛИ им. Г. Гуляма, 1978. – С.47 – 53.
148. Раҷабов А. Ибни Зайла // Ахб. АФ РСС Тоҷикистон. – 1984, №1. – С. 12–16.
149. Раҷабов А. Нағмаи ниёгон. – Душанбе: Адиб. – 1988. – 160 с.
150. Раҷабов А. Сафиуддин Урмавӣ ва ҳавзаҳои ҳунарии Мовароуннаҳру Хуросон (садаҳои XV – XVII милодӣ) // Сафиуддин Урмавӣ ва замони ӯ. – Душанбе, 2005 – С. 51 – 75.
151. Раҷабов А. Мусиқии тоҷикон ва анъанаҳои таърихии он дар садаҳои XVI–XVII. – Душанбе, 2007. – 224 с.
152. Рисолаи Шашмақом // Баёзи Шашмақом. Муҳаррирон: Исо Раҳматулло, М. Акбарзод ва диг. – Душанбе, 2008. – С. 52 – 80.
153. Рӯдакӣ дар санъати тасвирӣ, меъморӣ, театрӣ ва мусиқии тоҷик. Мав. конф. илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 18-20 апрели с.2008) – Душанбе: СИЭМТ. – 2008. – 176 с.
154. Сарсухан аз тартибдиҳандагон // Шашмақом. Дар панҷ ҷилд. Тартибдиҳандагон Б.Файзуллоев, Ш.Соҳибов, Ф.Шаҳобов. – Ҷ.1. Мақоми Бузрук. – Москва: Госмузиздат,1950. – С. 13 – 16.
155. Сатторов А. Набарди фарҳанг бо бефарҳангӣ (назаре ба қонунмандии инкишофи дарунии адабиёти форсии тоҷикӣ) // Сафиуддин Урмавӣ ва замони ӯ. – Душанбе, 2005 – С. 25 – 34.
156. Семёнов А.А. Избранные сочинения. Ред. Р.Масов. – Душанбе, 2013. – 408 с.
157. Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Его же. Избранные сочинения. Ред. Р.Масов. – Душанбе, 2013. – С. 37 – 52.
158. Семёнов А.А. Среднеазиатский трактат по музыке Дервиша Али (XVII век). Сокращенное изложение. – Ташкент, 1946. – 85 с.
159. Сомониён ва Эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ. Маҷм.мақ. бахшида ба 1100-солагии таъсиси давлати Сомониён. Таҳияи А.Раҷабзода. – Душанбе: Пайванд, 1998. – 598 с.
160. Сохор А.Н. Социология и музыкальная культура // Вопросы социологии и эстетики музыки. Ст. и исс. Вып.1. – Ленинград: Сов. комп.,1980. – С.10-136.
161. Старр Ф. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. Тарҷ. А.Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 692 с.
162. Султонов У. Муосирони Абуалӣ Ибни Сино – Душанбе:Дониш, 1980 – 126 с.

163. Суҳбат бо Рошел Аминов: дар бораи эҷодиёти падар – Нериё Аминов. – Нйю-Йорк. – 2003, 21 феврал // Бойгонии шахсии Ф.А. Азизӣ. – 2005, №42.
164. Таърихи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон. Пайвандҳои фаросӯйи замону макон. Дар чаҳор ҷилд.- Ҷилди II. – Душанбе, 2016. – 304 с.
165. Таттавӣ А. Мунтахабу-л-луғот. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: СИЭМТ, 2003. – 788 с.
166. Тоиров У., Ибодов Б., Тоиров Ш. Каломи манзум.. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 455 с.
167. Традиции музыкальных культур народов Ближнего, Среднего Востока и современность. Мат. Межд. музыковед.симп. (Самарканд, 7 – 12 окт. 1983). Сост. Д.Рашидова, Т. Гафурбеков. – Москва: Сов.комп., 1987. – 328 с.
168. Тума Хабиб Хассан. Макам как явление // Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность. Материалы Межд. Музыковедческого симпозиума (Самарканд, 3-6 октября 1978). – Ташкент: ИздЛИ им.Г.Гуляма, 1981. – С. 48 – 51.
169. Турсунзода М. Ворисони Ҳоҷӣ Абдулазиз // Ҳоҷӣ Абдулазиз аз нигоҳи Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода.– Душанбе: Дониш, 2021 – С. 66 – 73.
170. Успенский В.А. Научное наследие. Воспоминания современников. Композиторское творчество. Письма. – Ташкент: Изд.ЛИ им. Г.Гуляма, 1980. – 384 с.
171. Файзуллоев Ғ.Ф. Самиев Б.Ҷ. Афкори фалсафӣ ва ақидавии «Ихвону-с-сафо» // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷомеашиносӣ. 3/2 (108) – Душанбе: Сино, 2013 – С.157 – 160.
172. Фалак ва анъанаҳои бадеии халқҳои Осиёи Марказӣ. Маводи симпозиуми байналмилалӣ. Мураттибон А.Раҷабов, Н. Ҳакимов ва диг. – Душанбе, 2004. – 220 с.
173. Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик. Маводи Сеюмин симпозиуми байналмилалии Фалак (8-10 октябри с. 2009, ш. Душанбе). Маҷм. мақ. Мураттиб Фароғат Азизӣ. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 248 с.
174. Фалак. Кит. дарсии амалӣ. Мураттиб С. Каримов. – Душанбе, 2019. – 400 с.
175. Фалак. Кулоб – 2006. Буклет. – Душанбе, 2006. – 32 с.
176. Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. Маводи IV-ин симп. байнлм. Фалак (Душанбе, 2012, 9-10 окт.). Маҷм.мақ. Мурат. Ф. Азизӣ. – Душанбе: Адиб, 2015 – 336 с.
177. Фармер Ҳ.Г. Далелҳо барои таъсири араб ба назарияи мусиқии аврупоӣ (ба забони англисӣ: Clues for the Arabian Influence on European Musical Theory) / Маҷаллаи Ҷамъияти Шоҳии Осиёии Британияи Кабир (Journal of the Royal Asiatic Society of Great Britain). – Лондон. – 1925, №1.
178. Фармер Ҳ.Г. Мусиқии форсӣ (Persische Musik) / Мусиқӣ дар гузашта ва имрӯз (Die Musik in Geschichte und Gegenwart). – Ҷилди 10. – Берлин: Kassel und Basel, 1962. – С.1093-1101; 1999-2000.

179. Фармер Ҳ.Г. Сарчашмаҳои мусиқии арабӣ. Библиографияи тафсири дастнависҳои арабӣ аз асри VIII то XVII (ба забони англисӣ: The Sources of Arabian Music. An annotated bibliography of Arabic Manuscripts from the VIII to XVII century). – Лейден : E.J.Brill. – 1965.
180. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Аз асри X то ибтидои асри XX. Дар ду ҷилд. Таҳр. М. Шукуров ва диг. – Москва: Сов.энц., 1969. – Ҷ.1. – 951 с.; Ҷ.2. – 950 с.
181. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. Дар 10 ҷилд. – Душанбе: Адиб, 2007 – 2010.
182. Фрай Р.Н. Наследие Центральной Азии. От древности до тюркского нашествия. – Душанбе, 2000. – 292 с.
183. Фролов Д. Способы определения понятий в традиционной арабской грамматике // Пробл. арабской культуры. – Москва: Ин.лит., 1987. – С. 170 –192.
184. Хакимов Н. Музыкальная культура таджиков: древнейшая, древняя, раннесредневековая история. В 2-х кн. – Кн. 1-я. Социофункциональные аспекты эволюции музыкальной культуры. – Худжанд, 2001. – 458 с.; Кн 2-я. История музыкального инструментария таджиков. – Худжанд, 2004. – 328 с.
185. Хакимов Н. Авесто и древнеиранская музыкальная теория // Раҳоварди қалам. Маҷм.мақ. – Хуҷанд, 1993. – С. 67 – 75.
186. Холопов Ю., Кириллина Л., Кюрегян Т., Лыжов Г., Поспелова Р., Ценова В. Музыкально-теоретические системы. Учебник для историко-теоретических и композиторских факультетов музыкальных вузов. – Москва: Издатдом «Композитор», 2006. – 632 с.
187. Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке. Аналитич. доклад. Автор Ф.А.Азизи. – Душанбе, 2010. – 60 с.
188. Худойбердиев С. Эҳёи мактабҳои суннатӣ – асолати ҳувияти мусиқии миллӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 272 с.
189. Ҳакимов Н. Фарҳанги истилоҳоти мусиқии «Шоҳнома». – Хуҷанд, 1994. – 212 с.
190. Ҳакимов Н. Шашмақом дар қарни XX. Анъана ва навоварӣ. – Хуҷанд, 2006. – 406 с.
191. Ҳасанов Ф. Зебопарӣ. – Душанбе, 2001. – 94 с.
192. Ҳиравӣ Ҷавод. Эрон дар замони Сомониён. Таърихи Сомониён аз оғоз то салтанати Насри II. Таҳияи Сафари Сулаймонӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИ Эрон дар Тоҷикистон, 1998 – 176 с.
193. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.
194. Ҳусайнӣ Зайнулобидин Маҳмуд. Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ. Таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти А.Раҷабов. Замимаи 1. Тарҷумаи А.А. Семёнов ба русӣ. Замимаи 2. Факсимили дастхат // Осори Тамаддуни хаттӣ. Ҷилди III. – Душанбе: Дониш, 1987. – 336 с.

195. Ҷамъбасти мубоҳиса доир ба масъалаҳои инкишофи мусиқии тоҷик (ҷавоб ба З. Шаҳидӣ) // Тоҷикистони советӣ. – 1958. – 6 май.
196. Ҷомӣ А. Рисолаи мусиқӣ. Таҳияи Абубакр Зуҳуриддинов // Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Ҷилди 8. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 205 – 266.
197. Шагинян М. Человек и время. История человеческого становления // Шагинян М. Собр.соч.Т.1 – Москва: Изд.лит., 1986 – 719 с.
198. Шакурии Бухороӣ Муҳаммадҷон. Садриддин Айнӣ – равшангари бузурги таърих. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006 – 340 с.
199. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. Маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 292 с.
200. Шахназарова Н.Г. Музыка Востока и музыка Запада. Типы музыкального профессионализма. – Москва: Музыка, 1983. – 151 с.
201. Шаҳобов Ф. Осор ва пажӯҳиш. Дар 3 ҷилд. – Ҷилди I. Баёзи Шашмақом. Нашри дуюм. – Душанбе: СИЭМТ, 2011. – 288 с. (Нашри 1, 2007); Ҷилди II. Шиҳоби мусиқӣ. Нашри 2. – Душанбе: СИЭМТ, 2011. – 264 с. (Нашри 1, 2006); Ҷ. III. Мақолаҳо, тақризҳо, санадҳо. – Душанбе: СИЭМТ, 2006. – 216 с.
202. Шаҳобов Ф. Осори хаттӣ. Факсимиле. Дар ду ҷилд. – Ҷилди якум. Шашмақом. – 548 с.; Ҷилди дуюм. Мақолаҳо, тақризҳо, мактубот. – 320 с. – Душанбе : СИЭМТ, 2020.
203. Шаҳобов Ф. Шашмақом. Дастнавис доир ба ҷараёни сабти нотавӣ. – 230 с.; Дар бойгонии хонаводаи Шаҳобовҳо маҳфуз аст.
204. Шашмаком. Запись Ю.Раджаби. Под ред. Ф.М.Кароматова. – В 6-ти томах. – Ташкент: ГИЛИ им.Г.Гуляма, 1966 –1975: Т.1. Бузрук, 1966; Т.2.Рост, 1968; Т.3.Наво, 1970; Т.4.Дугох, 1972; Т.5. Сегох, 1972; Т.6.Ирок, 1975.
205. Шашмаком. Шесть музыкальных поэм (макомов), записанных В.А.Успенским в Бухаре. Шашмаком: Бузрук. Рост. Наво. Дугох. Сегох. Ирок. Под ред. Фитрата и Н..Н. Миронова. – Москва: Изд-во Народного Назарата Просвещения Бухреспублики, 1924. – Бузрук – 19 с.; Рост – 21 с.; Наво – 21 с.; Дугоҳ – 25 с.; Сегоҳ – 23 с.; Ироқ – 19 с.
206. Шашмақом. Тартиб доданд ва ба нота сабт карданд: Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов ва Ф. Шаҳобов. Муҳаррир В. Беляев. – Дар панҷ ҷилд. – Москва: Госмузиздат, 1950 – 1967: Ҷ.1. Мақоми Бузрук,1950; Ҷ.II. Мақоми Рост, 1954; Ҷ.III. Мақоми Наво, 1957; Ҷ.IV. Мақоми Дугоҳ, 1959; Ҷ.V. Мақоми Сегоҳ. Мақоми Ироқ, 1967.
207. Шашмақом. Чопи такрории нашри Устодон. Дар як ҷилд. Муҳаррир Ф.Азизӣ. – Душанбе: Адиб. – 2011. – 662 с.
208. Шашмақом. Дар 6 ҷилд: Ҷ.I.Рост. – 496 с.; Ҷ.II.Наво. – 508 с.; Ҷ.III.Бузург. – 366 с.; Ҷ.IV.Дугоҳ – 392 с.; Ҷ.V.Сегоҳ. – 496 с.; Ҷ.VI.Ироқ. – 352 с. Мураттиб А.Абдурашидов. – Душанбе: Адиб. – 2016.
209. Шашмақом. Ҷ.I. Мақоми Рост. Муҳаррири масъул А.Низомов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 213 с.

210. Шиблии Нӯъмонӣ. Амир Хусрав ва мусиқӣ //Амир Хусрав ва мусиқӣ (урду). Маҷм.мақ. – Исломобод, 1975.
211. Шилоаҳ А. Назарияи мусиқӣ дар навиштаҳои арабӣ тақрибан дар солҳои 900 – 1900 (ба забони англисӣ: The Theory of Music in Arabic Writings (c. 900 – 1900) // Каталоги тавсифии дастнависҳо дар китобхонаҳои Аврупо ва ИМА (Descriptive Catalogue of Manuscripts in Libraries of Europe and the USA.). – Мюнҳен, 1979. – С. 106-107.
212. Шиҳоби Шашмақом. Маводи симп. байнал. бахшида ба 100-солагии Устод Ф.Шаҳобов (Душанбе, 10-12 майи с.2011). Мураттиб Ф.Азизӣ. – Душанбе: Ямини содиқ, 2012. – 280 с.
213. Шукуров М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. – Душанбе: Адиб, 2012. – 304 с.
214. Шукуров Ш. Искусство и тайна. – Москва: Алетейа, 1999. – 248 с.
215. Шукуров Ш. Хорасан. Территория искусства. – Москва: Прогресс-Традиция, 2015. – 400 с.
216. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Дар се ҷилд. – Душанбе: СИЭСТ, 1988-2004. – Ҷ.1 – 543 с.; Ҷ.2 – 559 с.; Ҷ.3 – 518 с.
217. Юлдашев А. Борбад в арабоязычных источниках // Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб. ст. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.77-84.
218. Юлдошев А. Осори хаттии тоисломии эрониён дар «Мӯъҷаму-л-булдон»-и Ёқут // Ахбороти АИ РСС Тоҷикистон. – 1992, №2. – С.3-9.
219. Юнг Ангелика. Шашмақом аз Бухоро, ки аз устодони куҳан ба мо расидааст. Ва Арӣ Бобохонов ба нота сабт кардааст (ба забони немисӣ: Angelika Yung. Der Shashmaqom aus Bukhara. Uberliefert von den alten Meistern notiert von Ari Babakhanov). – Berlin: Verlag Hans Schiler. – 2010. – 486 s.
220. Якубовский А.Ю. Об одном раннесаманидском фельсе // Краткие сообщения о докладах и полевых исследованиях Института истории материальной культуры. Вып. XII. – Москва-Ленинград. – 1946. – Иқт. аз: Семёнов А.А. К вопросу о происхождении Саманидов // Семёнов А.А. Избр сочинения. Ред.Р.Масов. – Душанбе, 2013. – С. 37-52. (Чопи аввали мақола: Сб. ст., посв. истории и культуре периода формирования таджикского народа и его государственности (IX-X вв. н.э.). – Сталинабад: Изд.АН Тадж.ССР. Том XXVII).
221. Янов-Яновская Н.С. Макомы как источник обновления симфонической драматургии // Профессиональная музыка устной традиции народов Ближнего, Среднего Востока и современность. – Ташкент: Изд.ЛИ им.Г.Гуляма, 1981 – С.254 – 258.

II. Маводи электронӣ

222. https://studfiles.net/preview
223. https://ru.wikipedia.org/wiki
224. https://studopedia.ru/20_156
225. https://lektsia.com/1x66e1

226. http://febweb.ru/feb/mas/masabc/11 /ma208604.htm?cmd=0&istext=1
227. https://lexicography.online/etymology
228. http://kingad.ru›uzi-golovy-i-shei
229. http://bigenc.ru/fine_art/text/5616023
230. https://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki/160038.
231. https://wikimediafoundation.org.creative commons attribution-Shere-Alike
232. http://islam-portal.ru/mnenia/stat ... Гиззатуллин Р. «Бейт аль-хикма» и ее роль в развитии исламского просвещения.
233. https://www.vostlit.info/Texts/rus4/Istahri/otryv3.phtml?id=1509 Ал-Истахри. Китаб Масалик ал-Мамолик («Китоби роҳи кишварҳо»). – МИТТ. – Ҷ. I.
234. https://terme.ru/termin/ihvan-as-safa; https://dic.academic.ru
235. https://ru.wikibrief.org/wiki/Jafar_Tabrizi
236. https://bestseller.kz › catalog Сияхпуш С.А. «Бейт ал-хикма. История академии наук на Востоке». – Москва: «Садра». – 2019. – 400 с.
237. https://www.labirint.ru/books/382343. Ходжсон Маршалл. История ислама: Исламская цивилизация от рождения до наших дней. ISBN: 978-5-699-58270-9. – Москва: Эксмо, – 2013 – 1088 с.
238. http://www.fatuma.net/text/ihvan .
Мураки М. Г. Ритм в «Трактате о музыке» Братьев чистоты.
239. http://www.zhurnal.ape.relarn.ru/articles/2002/184.pdf – 2053-2064 Джанизаде Т.М. Арабский уд в музыкальной культуре Исламской цивилизации // ЭЖ «Исследовано в России».
240. https://openmaktaba.com/wp-content/uploads/books
Henry George Farmer and the First International Congress of Arab Music (Cairo 1932). By Israel J. Katz with the Collaboration of Sheila M. Craik and a Foreword by Amnon Shiloah // Islamic History and Civilization – Vol.115 – 2015. – Leiden / Boston: Brill. – 460 p. (Ҳенри Ҷорҷ Фармер ва Конгресси якуми байналмилалии мусиқии Араб (Қоҳира, 1932). Муаллиф Катс И.Ҷ. дар ҳамкорӣ бо Ш М. Крейк ва сарсухани Амнун Шилоаҳ // Таърих ва тамаддуни исломӣ. Ҷ.115, 2015. – Ляйден/Бостон: Брилл. – 460 с.).

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3

ФАСЛИ ЯКУМ. МУСИҚИИ СУННАТИИ ТОҶИК: ПАДИДА ВА МОҲИЯТ

I.1. Замина ва сохтори мусиқии суннатии тоҷик дар замони муосир 9
I.2. Маҳкуми назарияи аврупосентристӣ дар илми мусиқӣ. Ду навъи профессионализм дар мусиқӣ 14
I.3. Мақомоти тоҷик зимни мусиқии Шарқ 19
I.4. Зуҳуроти мақомоти тоҷик: гунаҳо ва даврабандӣ 21
I.5. Падида ва истилоҳи «мақом» дар мусиқии тоҷик 25

ФАСЛИ ДУЮМ. ДАВРАИ АВВАЛИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ ДАР МУСИҚИИ ТОҶИК (асрҳои VI – аввали VIII)

II.1. Фаъолияти Борбад 33
II.2. Системаи Ҳафтпарда. Услуби хусравонӣ. 42
II.3. Ташаккули мусиқии профессионалии дунявии тоҷикон 45
II.4. Пайдоиши жанрҳои аввалини мусиқии профессионалии дунявӣ: хусравониёт ва равошин 47
II.5. Мактаби устод-шогирд дар давраи Борбад 57
II.6. Пайдоиши мафҳуми сози бунёдӣ-системавӣ 61
II.7. Хулосаи фасл. Хусусиятҳои давраи аввали мақомот 63

ФАСЛИ СЕЮМ. ДАВРАИ ДУЮМИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ (асрҳои VIII – XV)

III.1. Ташаккули заминаи илмии мусиқӣ 65
III.1.1. Ал-Киндӣ 69
III.1.2. Байту-л-ҳикма 72
III.1.3. Ихвону-с-сафо. 74

III.2. Сомониён ва эҳёи мусиқии дунявии тоҷикон 77
III.2.1. Асосгузории Сомониён бар мусиқии нави дунявии тоҷик 77
III.2.2. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва мусиқии суннатии тоҷик 89
III.2.3. Абунасри Форобӣ. Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир. 91
III.2.4. Абуалӣ ибни Сино ва ақидаҳои ӯ дар мусиқӣ 99
III.2.5. Ибн Зайла 113

III. 3. Системаи Дувоздаҳмақом 115
III.3.1. Муҳаммади Нишопурӣ. Рисолаи мусиқӣ. 115
III.3.2. Сафиуддини Урмавӣ. «Китоб ул-адвор» 119
III.3.3. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Рисолаи «Дар иншиоби усул ва фуруъи мусиқӣ». 122
III.3.4. Қутбиддини Шерозӣ. Рисолаи мусиқӣ аз «Дуррату-т-тоҷ ли-ғуррати-д-Диббоҷ». 129
III.3.5. Зайнулобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ. Рисолаи «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ» 145
III.3.6. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ. Рисолаи мусиқӣ 153
III.3.7. Хулосаи фасл. Хусусиятҳои давраи дуюми тараққиёти мақомот 163

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ. ДАВРАИ СЕЮМИ ТАРАҚҚИЁТИ МАҚОМОТ (асрҳои XVI – чоряки аввали XX)

IV.1. Мактаби ҳунарии Бухоро. Мактаби классикии мусиқии тоҷик 165
IV.1.1. Тамоюли нав дар рушди мақомот 165
IV.1.2. Фаъолияти тарғибгарии Мавлоно Кавкабӣ 173
IV.1.3. Дарвешалии Чангӣ. Рисолаи мусиқӣ 203
IV.1.4. Хулосаи давраи аввали фаъолияти Мактаби ҳунарии Бухоро 230

IV.2. Пайдоиши Шашмақом 233
IV.2.1. Баёз – рисолаи мусиқии Шашмақом 236
IV.2.2. Рушди анъанаҳои бастакорӣ зимни Шашмақом дар асрҳои XIX – аввали асри XX 242
IV.2.3. Ҳунари сарояндагӣ ва навозандагӣ дар Шашмақом дар асрҳои XIX – аввали асри XX: анъанаҳо, намояндагон 244
IV.2.4. Нуфузи Шашмақом дар кӯҳистони тоҷик 251
IV.2.5. Хулосаи фасл. Хусусиятҳои давраи сеюми тараққиёти мақомот. 256

ФАСЛИ ПАНҶУМ. ШАШМАҚОМ ДАР ДАВРАИ ШУРАВӢ (солҳои 1922 – 1991)

V.1. Вазъи Шашмақом дар нимаи аввали асри XX 259
V.1.1. Аввалин сабти нотавии Шашмақом 283

V.2. Рушди Шашмақом дар пойтахти нави тоҷикон.
Мактаби шашмақомхонии Душанбе 292
V.2.1. Таъсиси ансамбли шашмақомхонони радио 298
V.2.2. Нашри дуюми Шашмақом – «нашри Устодон» 303
V.2.3. Шаҳобов Фазлиддин. Рисолаи «Баёзи Шашмақом» 311

ФАСЛИ ШАШУМ. ЗАМИНАҲОИ ОМӮЗИШӢ ВА ИЛМӢ

VI.1. Нақши таърихии мактаби суннатии устод-шогирд дар ҳифзи мақомоти тоҷик 349
VI.2. Рушди тадриҷии жанри рисолаи мусиқӣ 354
VI.3. Асл-фаръ – принсипи тафаккури мусиқӣ 357
VI.4. Моҳияти мафҳуми «системаи мусиқӣ-назарӣ» дар мусиқии мақомоти тоҷик 363

ХУЛОСА. МУСИҚИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ МУОСИР (шарҳи хеле мухтасар) 373

САВОЛҲОИ САНҶИШИИ ПОЁНИ ФАН 379

АДАБИЁТ 383

Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода

АСОСҲОИ МУСИҚИИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ

Қисми I. Таърих.

Ба чоп 27.09.2021 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x100 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman.
Ҷузъи чопии шартӣ 25,0.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши № 190.

ҶДММ “ЭР-граф”.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com

ISBN 978-99985-1-200-9
9 789998 512009

R-Graph